Раҳим Масов
Ҳайдаршо Пирумшоев

# ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ ДАР «БОМИ ҶАҲОН»





**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш**

**Раҳим Масов**
**Ҳайдаршо Пирумшоев**

# ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ ДАР «БОМИ ҶАҲОН»

Душанбе
«Дониш»
2011

ББК 84 Тоҷик 7-4
М-56

Муҳаррирон:
*Ҳамза Камол, Абдуқаҳҳор Саидов*

М-56 **Раҳим Масов, Ҳайдаршо Пирумшоев.**
**Файзи истиқлол дар «Боми ҷаҳон».**
– Душанбе: «Дониш», 412 саҳ.

Китоб ба 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, муаллифон дар асоси далелҳои мӯътамад мушкилоти давраи гузариш, дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар ин ду даҳсола мавриди таҳлили воқеъбинона қарор додаанд.

ISBN 978-99947-2-004-0

© Раҳим Масов, Ҳайдаршо Пирумшоев, 2011

# ҚАДАМҲОИ УСТУВОР ДАР РОҲИ РУШДИ БЕМАЙЛОН

Аз рӯзи ба истиқлолияти комил соҳиб гаштани кишвари азизамон 20-сол сипарӣ шуд. Акнун ин ду даҳсолаи барои ҳаёти ҷомеа нисбатан тӯлонӣ, вале барои таърих ченаки яклаҳзаина бо шукри тақдир ба мо фурсати мусоиде фароҳам овардааст, ки ба ин давраи воқеан тақдирсоз бо чашми ҳамабину, эҳсоси хирадмандона назар карда, онро бо мизони таҳқиқ баркашем.

Пӯшида нест, ки имрӯз ба ин масофаи тайшуда, ҳар кас вобаста ба фаҳмиши хоси худ баҳо медиҳад. Барои ононе, ки аз пароканда шудани Давлати Шӯравӣ ва бесарусомониҳои давраи гузариш ба маҷрои истиқлолияти комил манфиат меҷустанд, вале ба мақсади ниҳоии хеш ра-сида натавонистанд, табиист, ки зинаҳои созандагии ин ду даҳсола, таҳти роҳбарии Ҳукумати марказӣ, алалхусус Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва заҳмати бурдборонаи халқи меҳнатқаринро дидан наметавонанд, аниқтараш намехоҳанд. Гузашта аз он бо ҳар восита кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки он қувваҳои гаразманди сиёсие, ки аз хориҷи мамлакат барояшон кӯмаки молиявию маслиҳати идеологӣ медиҳанд, бовар кунонанд, ки дар Тоҷикистон на фақат тамоюли пешравӣ ба назар намерасад, инчунин бӯҳрони ҳамаи ҷабҳаҳои хоҷагии халқро фарогир ҳамоно шиддат меёбад. Албатта чунин назар аз ҳирси мафиатҷӯии онҳо маншаъ мегирад.

Гурӯҳи дигар тамоюли пешравиро эътироф намояд ҳам, вале аз дер суръат гирифтани он изҳори ташвиш менамояд, ки ба ин нуқтаи назар роҳбарияти мамлакат баҳои мусбӣ дода, барои ҳалли масоили таъмини рушди ҷомеа ба ҳамкорӣ розӣ будани худро борҳо изҳор доштааст. Ихтилофоти назар оид ба роҳҳои ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва

иҷтимоие, ки ҷаҳони имрӯза ба онҳо рӯ ба рӯ гаштааст ва Тоҷикистон низ дар ин воқеияти замонро фарогир истисно буда наметавонад албатта ҳастанд ва кам нестанд.

Аз ҳама муҳим, ба саъю талоши роҳбарияти ҷумҳурӣ ва мутахассисони соҳавӣ барномаҳои ниҳоят мукаммали дурнамои рушди самтҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакатро фарогир ба таври илмӣ асоснок ва барои иҷрои амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамаи ин дар мисоли ВМКБ бараъло ба назар мерасад. Пӯшида нест, ки вилоят дар замони Шӯравӣ ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ буд. Дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳатто талаботи истеъмолии аҳолии маҳаллиро қонеъ карда наметавонист (ин аз камзаминӣ ва мушкилоти ҷуғрофию табиии он бармеомад) ва аз ин ҷиҳат вилоят дар таъминоти давлатӣ қарор дошт. Ҳамин боис гардида буд, ки дар баъзе ноҳияҳои ба зироатҳои техникӣ, аз ҷумла зироати аз ҷиҳати экологӣ зарароварӣ тамоку, вале соҳаи даромадноки истеҳсолот ба роҳ монда шуд. Вале асоси қариб тамоми мушкилот, дар бумбасти коммуникатсионӣ нигоҳ доштани вилоят ҳисоб меёфт. Аз ин ҷиҳат фақат дар шароити мусоиди тобистону тирамоҳ молу маводи зарурии ғизоию ба талаботи хоҷагидорӣ ҷавобгӯро ба вилоят кашонда, дар муддати ним сол (охири май – ибтидои ноябр) бо марказ ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ роҳи автомобилгарди он пурра баста мешуд. Истифодабарии сарватҳои табиии вилоят ба истиснои истихроҷи булӯри кӯҳи (кварс), дар ҳаҷми ҳадди аққал коркарди мармар ва истеҳсоли баъзе маҳсулоти ороишию зебу зинатдиҳандаи занона аз сангҳои қиматбаҳо, ки гарчанде хеле пештар маълум буданд ҳам, вале ҳанӯз ҷиддан оғоз нагардида буд.

Хулоса, ҳар он чи бояд дар вилоят асоси истеҳсолоти саноатӣ пайдо мекард, ҳанӯз дар нақшаи дури дурнамои давлатӣ қарор дошт. Бо ибораи дигар, ба даст наомадани худтаъминкунии озуқавӣ ва ҳанӯз дар сатҳи ибтидоии суръатгирии истеҳсолоти саноатӣ қарор гирифтани вилоят

ҳангоми ба мушкилоти замони гузариш, алалхусус нобасомониҳои сиёсии солҳои 90-ум пурра эҳсос гардид. Аз тарафи қувваҳои мухолифин нигоҳ доштани вилоят дар муҳосираи озуқаворӣ, дар ҳолати сари вақт нарасидани ёрии башардӯстона, қариб ба таври фоҷиавӣ анҷом меёфт.

Албатта дар бораи мушкилоти давраи гузариши ба сари халқи шарифи Тоҷикистон омада, чизҳои мегуфтагӣ хеле зиёданд. Онҳо то андозае аз тарафи олимон, мутахассисони самтҳои мухталифи илмӣ таҳлили худро ёфтаанд ва омӯзиш ҳамоно идома дорад. Он вақт дур нест, ки ин воқеияти таърихӣ дар шакли таълифоти бунёдии муаррихону сиёсатшиносон, файласуфону иқтисоддонон ва фарҳангшиносон дастраси умум хоҳад гашт.

Вале аз кадом манзаре, ки ба ин ду даҳсола нанигарем ду хулоса пеши назар меояд: 1) бероҳагии сиёсии ибтидои гузариш ба фазои истиқлолияти комил, мушкилоти солҳои 90-ум, ки он дар авҷи даргириҳои сиёсӣ ва билохира ба фоҷиаи ҷанги шаҳрвандӣ расидани онҳо мушоҳида мегардад; 2) гузариш ба давраи осоиштагӣ ва созандагӣ, ки асосан ба даҳсолаи дуюми замони истиқлолият рост меояд.

Яъне аз он имконияте, ки таъриху тақдир барои гузариш аз як шаклу сохтори давлатдорӣ ба дигар, аз як тарзи муносибатҳои истеҳсолӣ ба дигар ва билохира аз як ҷаҳонбинии идеологӣ ба дигар ба мо дода буд, даҳ соли аввалаш дар ҷустуҷӯи дарёфти зеҳнии ҳалли мушкилот, роҳҳои баромадан, аз ҷанги ҳамватанӣ, ноил гаштан ба сулҳи миллӣ, таъмини озуқавӣ ва боз садҳо мушкилоти аз ин масоил бармеомада, сарф гардид. Маҳз дар охири даҳсолаи аввал заминаи нисбатан мӯътадили гузариш таъмин гардид.

Таъриху тақдир бароямон фақат дар ибтидои асри навин, агар халадор кардани онро аз тарафи баъзе қувваҳои мансабталоши дохилӣ ва сиёсати гаразноки ҳамсоякишвар сарфи назар намоем, шароити нисбатан мусоидтаре фароҳам овард.

Акнун, ки дар остонаи ҷашни истиқлол қарор дорем, табиист, суоле пеш меояд, ки дастовардҳои бузургтарини давраи истиқлол дар маҷмўъ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷумла барои ВМКБ дар кадом самтҳои ҳаёт мушоҳида мегарданд.

Аз диди мо бузургтарин дастоварди замони истиқлол ин нигаҳдошти якпорчагии Ватани азиз, гузоштани таҳкурсии мўътамади қонуни давлату давлатдорӣ, қабули Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба сохтмони давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ пойдевори ҳуқуқӣ гузоштааст, баровардани Тоҷикистон ба дараҷаи эътирофи расмӣ ва эътибори умумибашарӣ, ба даст овардани ваҳдати миллӣ, банақшагирии дурнамои рушди иқтисодии мамлакат, чорабиниҳои бузурги фарҳангӣ, ки ҷумҳуриро дар арсаи байналмиллал муаррифӣ намудаанд ва гайраҳо мебошанд.

Аҳамияти таърихии Созишномаи истиқрори сулҳ, ки 27 июни соли 1997 дар Москва ба имзо расида, ба ҷанги ҳамватанӣ расман хотима бахшида буд, ба касе пўшида нест. Ҳарчанд баъди он ҳам қувваҳои гаразманд мехостанд раванди осоиштагиро халалдор намоянд, вале онҳо дигар наметавонистанд ин ваҳдати пойдорро аз маҷрои бебозгашт бароранд. Акнун барои роҳандозии бемайлони рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ имконияти пурра пайдо шуд.

Албатта ҳамаи ин дастовардҳо дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти мардуми шарифи ВМКБ мушоҳида мегарданд. Вилоят дар ҳама лаҳзаҳои мураккаби сиёсӣ ва мусоид барои рушд дар мадди назари Ҳукумати ҷумҳурӣ, алалхусус Президент, мўҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт. Имрўз низ ташаббуси қариб тамоми чорабиниҳои барои рушди вилоят зарурӣ аз тарафи Сарвари кишвар тарҳрезию иҷроиши амалӣ мебинанд.

Ин муносибати ҷиддию ҳирадмандона дар ҳама ҳолат, ҳангоми мушкилоти фоҷианоки нимаи аввали солҳои 90-ум, расидан ба ваҳдати комилу сулҳи пойдори миллӣ, ҳангоми ҷараён гирифтани ҳаёти осоишта ва созандагии нимаи авва-

ли даҳсолаи асри навин ва тамоюли рушди босуръати панчсолаи охир возеҳан ба назар мерасад.

Қабули як силсила қарору супоришоти сатҳи баланди давлатӣ доир ба ВМКБ худ нишондиҳандаи таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти ҳукумат нисбат ба масоили мубрами ҳаёти вилоят ҳисоб меёбанд. Аз ҷумла, Қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи ба эътидол овардани вазъи иқтисодию сиёсии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» аз 16 июли соли 1993, силсилақарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи тараққиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» аз 12 апрели соли 1995 (маҳз дар ҳамин замина Барномаиислоҳоти иқтисоди вилоят барои солҳои 1995-2000 ба тасвиб расида, аз соли 1997 пастравии истеҳсолоти вилоят боз дошта шуд), «Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои Мурғоби ВМКБ» аз 2 апрели соли 2005, «Доир ба Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии Вилояти Мухтори Кӯҳистори Бадахшон дар давраи то соли 2015» аз 4 июли соли 2006, «Дар бораи нақша-чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» аз 4 июли соли 2007 ва ғайра барои вилоят дарвоқеъ аҳамияти таърихӣ доранд. Дар заминаи ҳар яке аз ин қарорҳо ва супоришоти мушаххаси Сарвари давлат дар вилоят нақшабарномаҳо расман ба тавсиб расида, барои татбиқи амалии онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Ҳар яке аз ташрифҳои Сарвари давлат ба кӯҳистони Бадахшон хусусиятҳои хоси созандагии худро доро буда, дар таърихи он чун воқеаи фаромӯшнашаванда нақш бастаанд. Албатта мо метавонем аз ҳар як сафари Президент, ки бароямон ниҳоят хотирмон аст, хеле тӯлонӣ суҳбат намоем, вале дар доираи ин пешгуфтори ниҳоят мухтасар фақат барои намуна аз чанд сафари ниҳоят барои ҳар сокини вилоят тасаввуроти гуворою баояндаи нек ҳидояткунандаи Прези-

денти мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар мешавем.

Соли 1993 дар шароити ниҳоят мураккаби авҷи даргириҳои сиёсӣ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ба ВМКБ ташрифи расмӣ оварда, дар маҷлиси гурӯҳи кории Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад карда, вазъи сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ ва дар ин замина вазъи ниҳоят мураккаби вилоятро таҳлил намуд. Ин нахустин шуълаи боварибахши умеде буд, ки аз қадамҳои устувор дар роҳи ваҳдати миллӣ ва нигаҳдошти якпорчагии Ватан дарак медод. Соли 1994 барои сокинони вилоят соли ниҳоят хотирмон буд. Ҳамин сол дар арафаи иди Наврӯз Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба вилоят ташриф оварда, тантанаи ба кор даромадани Нерӯгоҳи барқии «Помир-1»-ро ҳусни ифтитоҳ бахшид. Сафарҳои моҳи майи соли 1995 ва моҳи сентябри соли 1998 Президенти мамлакат ба ВМКБ дар ташрифи якҷоя бо Волоҳазрат Огохони IV сурат гирифта, мавриди суҳбату вохӯриҳои самимӣ бо сокинони вилоят ва супоришҳои ниҳоят муфиди Сарвари давлат оид ба иҷрои Барномаҳои дурнамои вилоят гардиданд. Соли 1999 ба маҳдудияти вақт ва шароити номусоиди боду ҳавои зимистон нигоҳ накарда моҳи январ иштирок ва ҳусни ифтитоҳ бахшиданро ба ду маъракаи муҳим – ба кор даровардани нерӯгоҳи барқии обии Андарбаки ноҳияи Ванҷ ва 30 январ кушодашавии Шоҳроҳи Кӯлоб-Дарвоз зарурದониста, бо як самимияти хоса онҳоро дар хизмати халқ гузошт. Тобистони соли 2001 барои шахсан санҷидани натиҷаи нимсолаи истеҳсолии вилоят ва муайян намудани вазифаҳои навбатии он, 22 сентябр барои ифтитоҳи расмии шоҳроҳи Мурғоб – Кулма – Қароқурум ба Бадахшон сафар намудаанд. 9 августи соли 2002 Президент барои ҳалли бевоситаи оқибати офати дар маҳалли Дашти ноҳияи Роштқалъа ба вуқӯъ пайваста, ба ВМКБ сафар намуд. Дар асоси супори-

ши бевоситаи Сардори давлат 76 хонаводаи зарардида дар ноҳияи Бишкент бо хонаю ҷой таъмин карда шуданд. 3 ноябри ҳамин сол бошад, дар мавзеи Теми шаҳри Хоруғ ба кушодани пули пайвандкунандаи ду соҳили Панҷи Тоҷикистону Афғонистон ҳусни ифтитоҳ бахшид. Соли 2004 бо иштироки бевоситаи Сарвари давлат шоҳкӯпруки дарёи Панҷ дар мавзеи Рузвайи ноҳияи Дарвоз ва хишти аввалро дар пойдевори Донишгоҳи байналмиллали Осиёи Марказӣ гузошт. Дар сафарҳои навбатии соли 2005, Президенти мамлакат ба ВМКБ маъракаҳои тантанавии бо иқтидори пурра ба кор андохтани нерӯгоҳи обии барқии «Помир-1» ва кушодани қисмати мушкилгузари шоҳроҳи Кӯлоб – Дарвоз дар мавзеи Шоҳон – Зиғарро ҳусни оғоз бахшид. Соли 2006 Президент дар маросими ба истифода додани пули пайвандгари навбатии Тоҷикистону Афғонистон дар ноҳияи Ишкошим, ифтитоҳи як қисми Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Маркази касалиҳои дил дар шаҳри Хоруғ иштирок намуд. 18 июли соли 2008 ҳадафи сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ВМКБ шиносоӣ бо раванди иҷрои Мурочиатнома Сарвари давлат доир ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар вилоят буда, бевосита аз ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Ишкошим, Роштқалъа ва шаҳри Хоруғ дидан карда, ҳамчунин дар маросими ифтитоҳи варзишгоҳи марказии шаҳри Хоруғ иштирок ва суханронӣ намуд.

Ташрифи ниҳоят пуршукӯҳи Сарвари давлат ба ВМКБ соли 2010 ба таҷлили ҷашни 13-умин солгарди Ваҳдати миллӣ рост омад. Дар тӯли қариб як ҳафта муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тамоми ноҳияҳои вилоят дидан кард. Бевосита бо аҳолии маҳаллӣ суҳбати озод ороста, бо дараҷаи зиндагию маишати мардум шиносоии бевосита пайдо намуд. Дар ин рӯзҳои тантанаи наврӯзӣ. Президент ба бештар аз сад иншооти тайиноти иҷтимоию истеҳсолӣ дошта, аз ҷумла Кохи ҷавонон, Театри вилоятӣ, майдони варзишӣ барои 6 ҳазор нафар, чойхонаи орододашудаи

миллӣ, бозори нав дар шаҳри Хоруғ ва ғайра ҳусни ифтитоҳ бахшид.

Ахиран сафари навбатии Президенти ҷумҳурӣ ба вилоят, ки 16 авғусти соли 2011 баргузор гардид, низ хеле хотирмону таърихист. Дар ин сафар Сардори давлат пули байнимарзии Тоҷикистону Афғонистонро дар мавзеъи Хумроғии ноҳияи Ванҷ расман кушод. Ин пул бо дарозии 216 метр ва паiиоии 5 метр ва иsтидори борбардории 30 тонна дарозтарин пули овезон дар Тоiикистон ва паніумин пули пайвандкунандаи Тоiикистону Афђонистон мебошад. Iамчунин дар ин сафар Сарвари давлат Мактаби президентќ барои хонандагони болаёsат дар шаҳри Хоруғро кушода, пешкаши донишандӯзони ҷавон намуд.

Чунин сафару ташрифҳои Президенти мамлакат ба қаламрави ВМКБ 39 маротиба анҷом дода шудаанд, ки ҳар яке аз онҳо барои вилоят нафақат аз лиҳози санҷишу супоришҳо, қабули қарорҳои расмии рӯзмарра, инчунин аз диди рушди маблағгузорӣ, кӯмаки назарраси озуқавию техникӣ ва ғайра аҳамияти хоса доранд.

Албатта мо метавонем доир ба рӯшди бисёрсамтаи вилоят, алалхусус дар ин даҳ соли охир маълумоти омории хеле зиёде оварем, вале бо назардошти он, ки ин маълумот аз тарафи муаллифони китоб мавриди таҳлил қарор ёфтааст, фақат бо ишорае аз чанд далелҳои аз рушди бемайлони вилоят даракдиҳанда маҳдуд шавем.

Буҷети ВМКБ соли 2000 андаке бештар аз 5 миллион сомонӣ иборат буд. Ин нишондиҳанда соли 2010 ба 91 миллион сомонӣ расидааст. Буҷети соли равони (2011) вилоят бошад, дар ҳаҷми 97 миллион сомонӣ тасдиқ гардидааст, ки ин барои пешрафти тамоми соҳаҳо мусоидат намуда, нисбат ба соли 2000-ум қариб 20 маротиба бештар аст.

Соли 2010 ҳаҷми умумии интиқоли маблағ аз хориҷи кишвар ба 33,4 млн. доллари ИМА ва бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ 38,8 миллион сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2009 мутаносибан 24 ва 37 фоиз зиёд шуда-

аст. Ин рақамҳо аз болоравии сатҳи зиндагии мардум шаҳодат медиҳанд. Дар ҳамин давра муомилоти умумии мол дар ҳамаи самтҳо 17 фоиз, савдои хусусӣ 19, 6 фоиз, савдои бозор 18,4 фоиз зиёд шуд.

Дар миқёси вилоят аз ҳисоби ба кор даровардани заминҳои бекорхобида, бунёди боғҳои нав, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва рушди соҳибкорӣ соли 2010-ум 9 201 ҷойҳои нави корӣ пайдо шуда, 1 219 нафар ба 19 намуди истеҳсоли маҳсулот бо фаъолияти фардӣ фаро гирифта шудаанд, ки ин ба ҳал намудани масъалаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар заминаи он паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мусоидат мекунад. 5 962 нафар бо ҷойҳои кории доимӣ ва муваққатӣ таъмин гардиданд. Дар давоми сол 6 230 нафар ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Соли 2010 дар миқёси вилоят 50 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуданд, ки дар онҳо 2 616 ҷойи кори холӣ пешниҳод шуд.

Бояд қайд кард, ки соли 2010 дар ВМКБ 32 корхонаи хурду калон фаъолият намуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 35 миллион сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба соли 2009-ум 5,6 фоиз ё 1,8 миллион сомонӣ зиёдтар аст. Дар вилоят 31 намуди маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки аз ин ҳаҷми умумӣ 37 фоиз маҳсулоти озуқаворӣ ва 55 фоиз истеҳсоли неруи барқро ташкил дод. Дар маҷмӯъ 169 млн. кВт-соат неруи барқ истеҳсол карда шуд, ки аз он 163,2 млн. кВт ба Ширкати энергетикии Помир ва 2,1 млн. кВт – соат ба неругоҳҳои обии барқии хурд рост меояд.

Соли 2010 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблаггузорӣ барои соҳаи сохтмон ва барқароркунии иншотҳои вилоят 126,7 миллион сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблаггузории давлатӣ 84,2 миллион, сармоягузории хориҷӣ 25,2 миллион ва аз ҳисоби манбаъҳои хусусӣ 16,6 миллион сомонӣ истифода карда шудааст. Дар ин давра 19 иншоот аз тарафи Дирексияи сохтмони иншоотҳои Ҳукумати Дастгоҳи Иҷроияи Президенти ҷумҳурӣ, 68 аз ҳисоби вазорату

идораҳои ҷумҳуриявӣ, 11 аз ҳисоби маблаггузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, 32 аз ҳисоби ҷалби маблағҳои гайрибуҷетӣ ва 37 аз ҳисоби маблағҳои хусусӣ сохта шуданд.

Муомилоти умумии мол дар ҳамаи самтҳо соли 2010-ум 35 946,9 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли 2009-ум 17 фоиз зиёд буд. Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 19 966,4 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2009-ум 25 фоиз зиёд аст. Ҳаҷми хизматрасони маишӣ низ дар ин давра муттаносибан 1 203,8 ҳазор сомонӣ ё 42 фоиз авзоиш ёфта буд.

Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории вилоят соли 2010 галла – 16 243 тонна, картошка – 48 775 тонна, сабзавот – 18 346 тонна, мева – 15 304 тонна истеҳсол карда шуд, ки ин нисбат ба солҳои пешин хеле зиёд аст. Бо дастури Сарвари давлат ҳар сол бояд дар вилоят 250 гектар заминҳои нав аз худ карда шаванд. Ин супориши барои рушди кишоварзӣ ниҳоят зарур татбиқи амалӣ меёбад.

Соли 2010 аз буҷаи давлат барои рушди соҳаи маориф 42 227 ҳазор сомонӣ маблағҳои мақсаднок ҷудо карда шуд, ки ин дар муқоиса бо соли 2009-ум 1 773 652 сомонӣ бештар мебошад. Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ зина ба зина амалӣ мегардад. Айни замон дар муассисаҳои таълимии вилоят 2 200 компютер ва 385 принтер дар хизмати донишомӯзон қарор дорад.

Вале ҳамаи ин далелҳои дар боло ишора гашта ва боз садҳо нишониҳандаи аз суръатгири рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ВМКБ даракдиҳанда маънои онро надорад, ки масоили рӯзмарраи ин самтҳо пурра ҳалли худро ёфта бошанд. Он чи ки мо овардем, фақат нишондиҳандаи огози рушди бемайлони вилоят ҳисоб меёбад. Сарвари давлат низ иҷрои бечуну чарои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар давраи то соли 2015»-ро аз мо талаб мекунанд. Иҷрои барно-

маи мазкур бешак вилоятро ба маҷрои воқеан суръатафзои созандагӣ ворид хоҳад кард. Ин барои рафъи норасогиҳои дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии сокинони вилоят ҷой дошта, мусоидат менамояд. Барои таъмини рушдиояндаи вилоят зарур аст, ки дар заминаи имконияти мавҷуда бояд ба ин самтҳои афзалиятнок: а) пурра таъмин намудани амнияти озуқаворӣ; б) дар дараҷаи талаботи стандарти байналмиллалӣ раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ; в) таъмини пурраи талаботи истеҳсолот ва аҳолӣ бо қувваи барқ; г) ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди саноатии сарватҳои табиӣ; д) дар заминаи саноатӣ ба роҳ мондани рушди сайёҳӣ (туризм), кӯҳнавардӣ (алпинизм) ва ғайра аҳамияти махсус дода, барномаи мушаххаси рушди ин самтҳоро кор карда бароем.

Дар боби ин китоби ба тозагӣ аз тарафи муаррихони варзидаи миллат таълифшуда ҳаминро иброз доштаниам, ки дар он қариб тамоми самтҳои ҳаёти хоҷагии халқ мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Бояд бахусус қайд кард, ки ин нахустин таҳқиқоти ниҳоят доманадорест оид ба таҳлили 20 соли ҳаёти вилоят дар замони истиқлолият. Аз диди мо китоб дар таърихнигории тоҷик, хосатан дар самти помиршиносӣ, падидаи ниҳоят ҷиддист.

***ҚОДИРИ ҚОСИМ***
*Муовини Раиси Маҷлиси миллии*
*Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*

# САРСУХАН

Хонандаи гиромӣ, китобе, ки дар даст доред ба таҳлили воқеияти ду даҳсолаи охири Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, замони дар таърихи тоҷикон ниҳоят тақдирсоз, замони дар фазои ниҳоят гурурбахши мустақилияти комил қарор доштани кишвари азизамон – Тоҷикистон, бахшида шудааст.

Ду даҳсола, барои халқе, ки таърихаш дар паҳнои Осиёи Марказӣ аз қаъри ҳазорсолаҳои то милод ибтидо гирифтааст, аз лаҳзае беш нест. Вале таҷрибаи таърих борҳо собит сохтааст, ки баъзан чунин лаҳзаҳо аз лиҳози рӯидоди воқеаҳои барои халқ ҳаётан муҳиму тақдирсоз ба садсолаҳои ҳаёти якмаромаю бе суботи таърихӣ баробар аст. Дар таърихи тӯлонии ташаккулу соҳибдавлатии ҳар халқ, таърих фақат лаҳзаҳоеро сабт мекунад, ки онҳо чи барои тақдири худи халқ ва чи барои тамаддуни минтақавию умумибашарӣ нақши мукаммалу ҷовидонае боқӣ гузошта бошанд. Хушбахтона чунин лаҳзаҳо дар таърихи тоҷикон ҳастанд ва эътирофи умумибашарӣ пайдо кардаанд. Яке аз чунин лаҳзаҳо 20 соли дар фазои истиқлолияти комил пешбурди фаъолияти давлатдории тоҷикону тоҷикистониён ҳисоб меёбад.

Пӯшида нест, ки заминаҳои асосии эҳёи давлатдории тоҷикон баъди сукути қариб ҳазорсола дар ибтидои асри XX, бо шарофати ғалабаи Инқилоби Октябр, шикасти сохтори маъмурии Русияи подшоҳӣ, тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна, дар ин замина таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли1924) гузошта шуда буданд. Таъсисёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (соли 1929) дар эҳёи давлатдории тоҷикон зинаи ҳалкунандае буд. Аз ин лиҳоз ба истиқлолияти комили давлатдории кунунии худ расидани тоҷикон амри тасодуфи таъриху тақдир набуда, натиҷаи ниҳоии раванди воқеаҳои асри XX маҳсуб мегардад.

Акнун, ки имрӯзҳо дар арафаи ҷашни таърихӣ ва воқеаи миллӣ – 20-солагии истиқлолияти Тоҷикистони азиз қарор дорем, барои ҳар фарди солимфикри ватандӯст зарурати ба ин давраи таърихии худ таҷдиди назар кардан пеш меояд. Маҳз эҳсоси ҳамин зарурат моро водор сохт, ки ин зинаро бо мизони тарозуи таърих баркашем.

Бояд таъкид намуд, ки таҳлили ин давраи аз нигоҳи таърих нисбатан кӯтоҳ (ҳамагӣ 20 сол) ниҳоят мураккаб аст. Ба он маънӣ, ки ҳаводису воқеоти таърихӣ фақат баъди гузашти вақти муайяне (бо ақидаи баъзе аз муаррихон он ба ҳаёти як насл баробар аст) имконияти таҳлили воқеӣ пайдо мекунанд. Чунки инъикоси падидаҳои нав ба воқеият пайваста, бештар дар афкори рӯзноманигорону сиёсатмадорон ва иқтисоддонон ҷой меёбанд. Барои таҳлили воқеъбинонаи таърихӣ вақту таҳаммули зарурӣ лозим аст. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки муаррихи асил фақат мушоҳиди оддии воқеаҳо буда. таҳлили илмиро ба оянда вогузорад.

Барои олим, хосатан муаррих, дақиқназарӣ нишондиҳандаи аввалдараҷаи касбист. Ӯ дар ҳама ҳолат бояд воқеаҳоро бо мизони холисонаю бегаразона баркашида, мавриди таҳлил қарор диҳад. Вале дар чунин ҳолатҳо хулосаи қавии таърихӣ баровардан на ба ҳама муяссар мегардад, чунки аз таҳлили таърихи муосир то омезиши он бо сиёсат як қадам роҳ буда, ҳадди онро на ҳар муаррихи ҳатто тавоно, ҷудо карда метавонад.

Бо дарки чунин масъулият мо таърихи як воҳиди маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар бист соли истиқлолияти комили давлатдорӣ мавриди таҳлил қарор додем.

Тавре аз мундариҷаи китоб бармеояд, боби аввали он ба таҳлили мухтасари анъанаҳои давлатдорӣ, ки дар Помиру Бадахшон таърихи ниҳоят тӯлонӣ дорад, бахшида шудааст. Шарҳи раванди ҳаводиси таърихии ин минтақаи аз қадимулайём маскани тоҷикон қарор доштаро то замони ба Русия ҳамроҳ кардани он (соли 1895) бо ҳама ҳусну қубҳаш

ва таъсисёбии ВМКБ-ро мантиқи умумии китоб талаб мекунад. Ҳамчунин бе нишондоди дастовардҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангии замони Шӯравӣ, дарки амиқи он рӯйдодҳои давраи истиқлол номумкин аст. Аз ин лиҳоз дар китоб аз зинаҳои тақдирсози таърихии замони Шӯравӣ гузаштани сокинони меҳнатқарини вилоят, далелҳои қотеъона оварда шудаанд.

Давраи гузаришро ба зинаи навини таърихии халқи тоҷик, бе таҳқиқи амиқи заминаҳои истиқлолияти комил номумкин аст. Аз ин рӯ дар китоб мулоҳизоти мухтасари муаллифон доир ба чи тавр суръат гирифтани бозсозӣ ва оқибати он мухтасаран мавриди таҳлил қарор ёфтааст. Маҳз ҳамин муносибат ба дарки воқеъбинонаи ин гузариш ба фазои истиқлолияти комил имкон медиҳад.

Дар китоб ба далелҳои мӯътамад такя карда, мушкилоти гузариш, давраи фоҷеабори ибтидои солҳои 90-ум, авҷи даргириҳои шадиди сиёсӣ то ба ҳадди ҷанги ҳамватанӣ расидани онҳо, вазъи ниҳоят сангини ба сари мардуми ВМКБ дар давраи авҷи муқовимати яроқноки замони ҷанги шаҳрвандӣ омада, аз ҷумла таҳдиди хавфи рӯйдоди гуруснагӣ ва қаҳтӣ, огоз ва раванди кӯмаки башардӯстонаи ташкилотҳои байналмиллалӣ, хосатан Хазинаи Огохон ва амсоли он то андозае барҷаста нишон дода шудаанд.

Маълум аст, ки бе саъю талоши худи халқ, бе амали ба талаби замон ҷавобгӯи роҳбарияти мамлакат, аз чунин вартаи ногувор раҳоӣ ёфтан аз имкон берун аст. Дар китоб чӣ тавр сурат гирифтани воқеаҳои сиёсӣ, аз хавфи пошхӯрӣ раҳо ёфтани Ватан, нақши Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонунӣ гирифтани сохтори давлатию маъмурӣ, тарҳрезии чорабиниҳои мушаххас барои сулҳу ваҳдати миллӣ, амнияти ҳуқуқӣ ва дар доираи чунин чорабиниҳо қарор доштани ВМКБ шарҳи мухтасари худро ёфтаанд.

Яке аз масоили мушкил, ки таҳлилу баҳогузории он диққати махсус талаб мекунад, пурра муайян намудани

дарачаи хисороти ба сари мардум овардаи ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) ва дар кадом сатҳ қарор гирифтани дараҷаи истеҳсолоти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ҳисоб меёбад. Ҳарчанд дар адабиёти илмӣ ва оморӣ дар ин бора маълумоти зиёде оварда шудааст, вале то ба имрӯз, чи тавр суръат гирифтани тороҷу нобудшавии корхонаҳои дар замони Шӯравӣ фаъолият дошта, таҳлили амиқи худро наёфтааст. Ин барои таърих ва сабақбардорӣ аз он хеле зарур аст.

Албатта мо наметавонем ва худи мантиқ роҳ намедиҳад, ки ҳаҷми маҷмӯъии истеҳсолоти саноатии имрӯзаро бо соли 1990 муқоиса карда, барои ба он ҳад нарасидан гунаҳкор ҷуем. Маълум аст, ки дар гирдоби ҳаводиси замон, истеҳсолотамон хароб ва дар баъзе соҳаҳо ҳатто ба нестӣ расид. Чунин сурат гирифтани воқеаҳо барои Тоҷикистон истисно буда наметавонад. Харобшавию аз нав эҳёшавии сатҳи пешини истеҳсолотро таърих борҳо дидааст. Муҳим аст, ки аз онҳо сабақ бардошта, нақшаи мукаммали раҳоиро аз вазъи ногувор бояд ҷуст. Аз ин рӯ он чӣ гузашт бояд дар оянда мавриди таҳлили мӯшикофонаи илмӣ қарор гирад. Вале дар мавриди зарурат ҳар чӣ тезтар рушди мамлакатро таъмин намудан, беист ба воқеаҳои гузашта тобиши сиёсӣ дода, онҳоро бо мақсади ҷоҳталабӣ истифода бурдан низ ба нафъи ҷомеа буда наметавонад.

Бо назардошти ин ақида, ҳарчанд дар маҷмӯъ дараҷаи истеҳсолот дар ВМКБ то кунун ба сатҳи охири солҳои 80-ум нарасида бошад, ҳам бояд ба маҷрои рушди бемайлон ворид гаштани онро эътироф намоем. Аз таҳлили далелҳои оморӣ бармеояд, ки гарчӣ дар охири солҳои 90-ум дараҷаи пастравии истеҳсолот нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, вале маҳз суръат гирифтани рушди истеҳсолоти тамоми самтҳои хоҷагии халқ (бо истисноӣ баъзе нишондиҳандаҳои кишоварзӣ, ки ҳанӯз дар нимаи дуюми солҳои 90-ум тамоюли пешравӣ мушоҳида мешуд), аз соли 2000 огоз ёфт.

Дар китоб аз кӯшиши роҳбарияти ҳукумати марказӣ, ба

хусус Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, доир ба қабули қарор, фармон ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавию ба роҳмонии иҷрои амалии онҳо мисолҳои хеле зиёде оварда шудааст. Аз суръатгирии рушди вилоят сол то сол зиёд шудани маблаггузорӣ дар тамоми самтҳои истеҳсолот, илму фарҳанг гувоҳӣ медиҳад. Дастовардҳои вилоят дар соҳаи роҳсозӣ, алалхусус нишондиҳандаҳои таърихии аз бунбасти коммуникатсионӣ баромадани он, бо марказу дигар манотиқи ҷумҳурӣ ва берун аз он ба роҳ мондани алоқаи автомобилӣ, сохтмони нерӯгоҳҳои миёнаю хурд дар вилоят, ки аксаран бо ибтикору дастгирии Президенти мамлакат амалӣ гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтаанд.

Барои асоси маъхазии қавитар пайдо кардани китоб ба ҳайси замима ҷадвалу рақамҳои омории расман дар идораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, оварда шудаанд.

Бояд қайд кард, ки оид ба таърихи Помир то галабаи Инқилоби Октябр аз тарафи мутахассисони русу шӯравӣ таҳқиқоти зиёде бахшида шудааст ва дар ин ҷода хизмати академик Баҳодур Искандаров ниҳоят бузург аст. Аз таҳқиқоти ҷиддии ба таърихи замони Шӯравии ВМКБ бахшида фақат «Очерки таърихи Бадахшони Шӯравӣ» (дар ду барориш) ба назар мерасад. Китоби акнун рӯи чоп дида, дар чунин ҳаҷму маҷмӯи масъалагузорӣ, аввалин кӯшиш буда, табиист, ки барои дар оянда мавриди таҳлили густурдатари таърихи муосири ВМКБ аз тарафи донишмандони соҳа такон дода метавонад.

Муаллифон ба ходими илмии шӯъбаи таърихи қадим ва асрҳои миёнаву нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониш – Сулаймоншо Ғуломшоев ҷиҳати ҷамъоварии маводи оморӣ ва ба муҳаррирони масъул – докторони илмҳои таърих Ҳамза Камол ва Абдуқаҳҳор Саидов изҳори сипос менамоянд.

## *Боби 1*

# ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН ТО ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## РУҶӮИ ТАЪРИХӢ

Сарчашмаҳои мӯътамади таърихии аз давлатдории қадимаи Помиру Бадахшон даракдиҳанда, то замони мо хеле кам боқӣ мондаанд. Маъхазҳои парокандаи давраи асримиёнагии дастраси муҳаққиқон гардида, ба он далолат мекунанд, ки анъанаҳои давлатдорӣ дар ин минтақаи кӯҳии тоҷикнишин, таърихи ниҳоят тӯлонӣ дошта, аз замони то милод ибтидо гирифтаанд.

Пеш аз баёни мулоҳизоти хеш оид ба таърихи давлатдории минтақа зарур медонем, ки бори дигар таваҷҷуҳи хонандаро ба фаҳмиши бораҳои маъмули «Помир» ва «Бадахшон» ҷалб намоем. Пӯшида нест, ки мафҳуми «Помир» фаҳмиши ҷугрофӣ дошта, «Бадахшон» бошад, чун воҳиди маъмурӣ шинохта мешавад. Вале то ҳанӯз оид ба муайян намудани ҷугрофиёи онҳо фикрҳои мухталиф ҷой доранд.

Дар ҳақиқат, шиносоӣ бо назари олимони табиатшинос ба хулосае меорад, ки то кунун аз ҷиҳати фаҳмиши табиатшиносон ва ҷугрофиядонон, дар байни олимон ҳамфикрӣ вуҷуд надорад. Агар иддае дар байни фаҳмиши ҷуғрофии Помири Шарқӣ хати батлон кашида, қисми гарбии онро батамом аз ҳудуди Помир ҷудо кунанд, дигарон ин ибораи ҷуғрофиро васеътар мебинанд. Ҳатто дар мақолаҳои олимони дар доираи як маҷмӯаи «Помир», аз силсилаи «Мамолик ва халқҳои Шарқ» (барориши XVI)[1] оварда шуда, ин тафо-

[1] Страны и народы Востока. – Вып. XVI. Памир. – М.: Наука,1975. – 304 с.

вут бараъло ба назар мерасад. Масалан, Л.Ф. Сидоров дар мақолаи худ «Ба ҳар ҳол, чиро Помир ном барем?», чунин ақида пешниҳод намудааст:

«Аз рӯи анъана тамоми ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистонро Помир ном бурда, онро ба Помири Шарқӣ ва Ғарбӣ ҷудо мекунанд. Вобаста ба ин ғолибан ҳадди сарҳади шарқиаш қуллаи Қошқар ва ҷанубиаш Ҳиндукушро дар назар доранд… Мафҳуми оид ба Помирро аксари муҳаққиқон, ба суфакӯҳҳои Помир, ки онҳоро аз ҳар тараф кӯҳҳои хеле баланд иҳота намудаанд, нисбат медиҳанд. Ин ба нахустин муҳаққиқони ҷуғрофияи Помир ҳанӯз дар асри гузашта (охири асри XIX – ибтидои асри XX – Р.М., Ҳ.П.) Н.А. Северсов, М.В. Певсов, О.А. и Б.А. Федченко ва диғарон маълум буд»[1].

Аз рӯи хулосаи олимон О.Е. Ағаханянс ва А. Юсуфбеков Помир дар ҷануби Осиёи Миёна ҷойгир буда, ҳудудҳои канории он бо чунин сарҳадоти давлатҳои ҳамсоя мерасанд: бо Ҷумҳурии Халқии Хитой (дар масофаи 430 км), дар ҷанубу ғарб – бо Афғонистон (зиёда аз 600 км). Помир дар мавзеи ба ҳам наздикшавии баландтарин қуллаҳои қитъа ва мамолики кӯҳӣ – Кун лун, Тян-шан ва Ҳундукуш қарор дорад. Сарҳадоти табиии Помирро чунин кӯҳҳо ташкил медиҳанд: дар шимол паси Олой, дар ҷануб – Ҳиндукуш, дар шарқ – Қошғар (Кун луни ғарбӣ), дар ғарб – қуллаи Кӯҳи Лаъл (шимоли-шарқии Афғонистон). Сарҳади шимолӣ-ғарбии Помир аз теғаҳои қуллаи Ванҷ ва қуллаи Академияи илмҳо мегузарад. Масоҳати дар ҳайати Тоҷикистон будаи Помир – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) ба 63,7 ҳазор километри мураббаъ[2] (63 700 км$^2$) мерасад, ки он қариб нисфи масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Аз

[1] Сидоров Л.Ф. Что же всё таки называть Памиром?. // Страны и народы Востока. – Вып. XVI. – М.: Наука, 1975. – С.6-7.

[2] Народное хозяйства Таджикской ССР в 1981г. Ежегодник ЦСУ ТаджССР. – Душанбе,1983, – С.7.

руи ҳисоби пурра, масоҳати табии Помир ба 91 945 км$^2$ баробар мебошад[1].

Ба ҷуз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, боз Бадахшони дар қаламрави Афғонистон қарор дошта мавҷуд аст, ки аз рӯи маълумотҳои асримиёнагӣ, масоҳаташ нисбат ба масоҳати вилояти Бадахшони бо тақозои тақдиру таърих ба Афғонистон зӯран ҳамроҳ карда шуда, ба маротиб васеътар будааст. Ҳудуди кунунии ин вилоят шаҳру навоҳии Файзобод, Кишм, Ҷурм, Баҳорак, Зебок, Куррону Мунҷон, Рог, Шаҳри Бузург, Кӯли Шева ва Вахону Шуғнону Рӯшону Дарвози соҳили чапи Панҷро дар бар гирифтааст. Ҳудуди таърихии он баъзан Бағлону Бомиёнро низ фаро мегирифт.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд таърихи мустақилияти давлатии шоҳигариҳои Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон, Рӯшон ва Вахон хеле тӯлонист, вале дар сарчашмаҳои хаттӣ давраҳое ёд мешаванд, ки қаламрави маъмурии онҳо бо Бадахшони Афғонистон печидааст. Баъзан қаламрави давлатдории онҳо аз ҳисоби ғасби якдигар васеъ мешуд, вале баъди чанде боз дар ҳолати пештара қарор мегирифт. Аз ин манзар ҳарчанд дар ахбори таърихӣ ба ягонагии ҳудудии Бадахшон ишора рафта бошад ҳам, вале чун давлати ягона ва мутамаркази асримиёнагӣ шинохтани он асоси воқеӣ надорад. Дар ин ё он давраи таърихӣ дар баробари нигаҳдошти анъаноти давлатдорӣ, Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Вахон низ чун шоҳигариҳои мустақил арзи вуҷуд доштанд. Ҳарчанд аз ҳисоби тасарруфи тарафайн қаламрави онҳо зуд-зуд тағйир меёфт ва баъзан ба ҳолати тобеъгию нимтобеъгӣ меафтиданд, вале баъди чанде мустақилияти худро таъмин мекарданд.

---

[1] Агаханянц О.Е., Юсуфбеков А. Главные черты природы Памира // Страны и народы Востока. – Вып.XVI. – М.,1975. – С.26. Дар ин мақола масоҳати ВМКБ 63 ҳазор километри мураббаъ нишон дода шудааст.

Мустақилияти расмию ғайрирасмии мулкҳои Помиру Бадахшон дар ин ё он давраи таърихӣ имкон намедиҳад, ки ҳар кадоме дар алоҳидагӣ омӯхта шавад. Тақдири таърихии ин мулкҳо бо ҳам дар чунон печидагие қарор дорад, ки онҳоро аз ҳам ҷудо кардан номумкин аст. Ба истисноии баъзе ҷузъиёти мазҳабӣ, дар сохтори сиёсию маъмурӣ, анъаноти истеҳсолӣ, низоми андозситонӣ, вазъи фарҳангии онҳо фарқияти ҷиддие ба назар намерасад. Ба ин ҳамбастагӣ ҳамсулолагии шоҳону ҳокимони мантақа низ далолат мекунад.

Таърихи бисёрасраи давлатдорӣ дар Помиру Бадахшон, вобаста ба шароити табиию ҷуғрофии ин диёри баландкӯҳ хусусиятҳои хоси худро дошт, ки онҳо аз маҳдудияти алоқаи иқтисодии байни ҳамдигарӣ, нигаҳдошти тӯлонии муносибатҳои патриархалӣ-авлодӣ, сукути иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию маъмурии мулкҳои ин диёр бар меомад.

Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ҳатто шиносоии сатҳӣ бо таърихи минтақа нишон медиҳад, ки ҳам Бадахшону ҳам мулкҳои дар қисмати Помири Ғарбӣ қарор дошта, аз таъсири ҳокимиятдорони давлатҳои абарқудрати замони Ҳахоманишҳо, Юнону Мақдунӣ, Кушониён, Сосониён, ҳуҷуму забткориҳои арабҳо, тотору муғулҳо дар канор монда наметавонистанд. Вале дар ҳама ҳолат сокинони адолатпарасти минтақа аз итоати пурра ба аҷнабиён сар мепечиданд. Дар ин раванди фоҷибори таърихӣ бояд боз аз чунин воқеияти гурурбахш ёдовар шуд, ки ҳам сокинони асил ва ҳам ашхоси бо тақозои тақдир ба ин ҷо муҳоҷират намудаву ин мавзеро ҷои истиқомати доимӣ қарор дода, ҳеҷ гоҳ аз таъсири дастовардҳои фарҳангии тоҷикону форсҳои замони Сомониён бебаҳра набуда, дар таҳаввулоти ба халқияти тоҷик ва давлатдории он хос буда, алоқамандии зич доштаанд.

Албатта, мавҷуд набудани маъхазҳои мӯътамади хаттӣ барои нисбатан аниқ муайян намудани таърихи давлатдории Бадахшон ва мулкҳои дигари минтақаи Помир имкон намедиҳад. Вале аз рӯи баъзе маълумоту ишораҳои дар

сарчашмаҳои қадим мавҷуд буда, эҳтимолияти таърихи тӯлонӣ доштани давлатдории минтақаро қавӣ мегардонад.

Истихроҷ, коркард ва содироти лаъли ин диёр – балахш, ки пайдоиши номи Бадахшон ба он нисбат дода мешавад, ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим шӯҳрати минтақаро то Мисру Бобулистон бурдааст[1].

Тибқи маълумоти муаррихи Юнони қадим Ктесий (охири асри V – нимаи аввали асри IV то милод) дар Бохтар коркарди нуқра хеле васеъ ба роҳ монда шуда буд. Баъзе аз мутахассисон бар ақидаеанд, ки Бадахшон дар он вақт яке аз марказҳои муҳими истихроҷ, коркард ва тиҷорати он будааст[2]. «Аз рӯи бозёфтҳои нуқрагини ороишии занона, – менависад Б.А. Литвинский, – дар Бохтар ва умуман Осиёи Миёна, коркарди ин маъдан ҳанӯз 3,3 – 3 ҳазор сол пеш ба роҳ монда шудааст»[3].

Ашёҳои аз лаълу лоҷуварди ҳанӯз дар ҳазорсолаи сеюми то милод дар Бадахшон сохта шуда, дар мамолики Шарқи Наздик дарёфт гардидаанд[4]. Чунин ашёҳоро дар Байнаннаҳру Мисри қадим пайдо кардаанд, ки ба нимаи аввали ҳазорсолаи сеюм ва ҳазорсолаи дуюми пеш аз милод тааллуқ доранд[5]. Дар рӯйхати ашёҳои зинатдиҳандае, ки аз қасри пойтахти давлати Ҳахоманишҳо пайдо шудааст, аз лаъли Бадахшон ишора меравад. Он замон фурӯши ин маъдани қиматбаҳо пурра дар дасти ҳокими Бадахшон қарор доштааст[6].

---

[1] Ниг.: Ферсман А.Е. Очерки по истории камня. – Т.I. – М.,1954. – С.266; Абаева Т.Г. Очерки истории Бадахшана. – Ташкент,1964. – С.69-70; Дьяконов И. М. Ассуро-Вавилонские источники по истории Урарту. Приложение // Вестник древней истории М.-Л.: Изд-во АН СССР,1951. – № 2. – С.355-356.

[2] Пьянков И.В. Средняя Азия в известиях античного историка Ктесия. – Душанбе,1975. – С.101.

[3] Литвинский Б.А. От редактора. Вступительная статья к кн.: Бубнова М.А. Древние рудознатцы Памира. – Душанбе: Дониш, 1993. – С.8.

[4] История Узбекской ССР. – Т. I. – Кн. первая. – Ташкент: Изд-во АН УзССР,1955. – С.31.

[5] Ҳамон ҷо – С.41.

[6] Ҳамон ҷо.

Ҳамаи ин ва боз чандин мисоли дигар, далолатест, ки ҳанӯз он замон анъанаи давлатдорӣ дар ин минтақа мустаҳкаму пойдор будааст. Ин воқеияти таърихиро маъхазҳои аз қарнҳои баъдина боқӣ монда низ, борҳо тасдиқ кардаанд. Аз ҷумла, доир ба мавҷудияти давлати Бадахшон, чун маркази истихроҷу истеҳсоли лаъл ва ба дигар мамолик интиқол додани он борҳо дар сарчашмаҳои чинӣ ёдовар шудааст. Тибқи маълумоти онҳо, шаҳри Бадиян – пойтахти давлати Ҳайтолиён буд, ки ин ҳамон Бадахшон аст. Аз соли 445 сар карда Ҳайтолиён ба дарбори ҳокимони Чин тӯҳфаҳо мефиристоданд[1]. Ин то давраи торумор шудани Ҳайтолиён аз тарафи туркҳо (солҳои 560-562), ки онҳоро Сосониён дастгирӣ мекарданд, идома дошт[2].

Роҳиби буддоии чинӣ Сюан-Цзан, ки соли 644 баъди зиёрати маъбадҳои буддоии Ҳиндустон ба воситаи Тахористону Бадахшону Вахон ба ватан баргаштааст, дар қатори Бодочуанна (Бадахшон) аз мулкҳои мустақили Шитсин (Шугнон), ва Дамоситеди (Вахон) ёдовар шуда, қайд кардааст, ки ба шарқ ҳаракат карда ба водии Бомило (Помир) расидааст[3]. Дигаре аз роҳибони Чин Хой Чао соли 726 ба Осиёи Миёна сафар дошта, маълумот медиҳад, ки баъди Тахористонро забт кардани арабҳо, подшоҳашон дар Бадахшон паноҳ бурдааст[4].

Ба маъхазҳои мӯътамад такя карда, Б.Ғ. Ғафуров аз мавқеи парокандагии феодалӣ дар Мовароуннаҳри миёнаи

---

[1] Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах обитавших в Средней Азии в древние времена. Изд. второе. – Т.II. – М.-Л.,1950. – С. 268-269.

[2] Нисбатан муфассал доир ба ҷанги туркону Ҳайтолиён ниг.: Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз (Таърихи сиёсӣ ва ҷугрофиёи таърихӣ). – Душанбе: Дониш, 2006. – С.104 – 111.

[3] Ниг.: Мандельштам А.М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и припамирских областей.//Труды Института истории, археологии и этнографии АН ТаджССР. Т.L III. – Сталинабад,1957. – С.111-119; Гафуров Б.Г. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С.301.

[4] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон,1998. – С. 467.

асри VII ёдовар шудааст. Аз ҷумла, ӯ ба мавҷудияти мулкҳои зиёди мустақилу ниммустақили минтақа аз қабили Рашт, Дарвоз (Карран) ишора намуда, қайд кардааст, ки дар ҳудуди кунунии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – Вахон, Шуғнон ва Рӯшон буданд ва онҳо бо Бадахшон алоқаи зич доштанд[1]. Дар мулкҳои Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон ва Бадахшон коркарди маъданҳои тилло, нуқра, лаъл ва лоҷуворд ба роҳ монда шуда буд[2]. Олим хулосае пеш овардааст, ки аввали асри VIII подшоҳи Хатлон дар ҳамон микдоре, ки ҳокимони Шумон, Қубодиён, Шуғнон, Вахон лашкар доштанд, яъне 50 ҳазор лашкар сафарбар карда метавонист[3].

Дар замони салтанати Ғуриён (1149-1215) Бадахшон дар тобеияти ин давлати тоҷикон қарор дошт. «Султонони Ғур, – менависад Б. Ғафуров, – қувваи зиёдеро ташкил мекарданд. Дар ихтиёри онҳо қӯшунҳои пуршуморе буд, ки дастаҳои низомии қабилаҳоро низ дар бар мегирифт. Ғайр аз ин онҳоро ашрофи феодалии тоҷик дар кӯҳистони Бадахшон ва ҳавзаи дарёи Аму пуштибонӣ менамуданд. Дар охири асри XII маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон ва Ӯзбекистони кунунӣ, аз ҷумла, Вахш, Чағониён, Шуғнон, Вахон ба ҳайати давлати Ғур дохил карда шуданд»[4].

Дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо мулкҳои Бадахшон, Вахон, Ишкошим ва Шуғнон ва диғар мулкҳои ин минтақаи кӯҳистони тоҷикнишин ҳарчанд зоҳиран дар тобеъияти Хоразмшоҳ Муҳаммад қарор дошта бошанд ҳам, амалан мустақилона фаъолият менамуданд.

В.В. Бартолд қайд намудааст, ки Бадахшон аз ҳуҷуми муғулҳо (соли 1220) эмин мондааст[5]. Вале чуноне ки аз мазмуни баъзе маъхазҳо бармеояд, аз ин фоҷиаи замон Ба-

---

[1] Ғафуров Б. Асари номбурда. – С.408-409.
[2] Ҳамон ҷо. – С.467.
[3] Ҳамон ҷо.-С. 304.
[4] Ғафуров Б. Асари номбурда, – С.534.
[5] Бартольд В.В. Бадахшон // Сочинения. – Т. III. – М.: Наука, 1965. – С.345.

дахшон низ чун навоҳии дигари минтақа, аз горату куштори аҷнабиёни мугул дар канор намондааст. Аз ҷумла, дар «Таърихи ҷаҳонкушой»-и Атомалики Ҷувайнӣ чунин омадааст: «Ва чун хотири Чингизхон аз харобии Тирмиз фориг гашт, ба ҳудуди Кангурту Сомон рафт ва зимистон дар он ҷо раҳли истиқомат андохта, ба куштану кандану тохтан он диёрро низ пок сохт. Ва лашкар ба вилояти Бадахшон фиристод, то он сарзаминро аз хуни куштагон ранги ёқути руммонӣ ва лаъли бадахшонӣ доданд»[1]. Аз ин ҷост, ки Бадахшон ҳам мисли тамоми Тахористону Хатлон зери ҳукмронии муғулҳо қарор гирифт.

Ҳуҷуми муғулҳо дар мулкҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шугнон ва Ишкошиму Вахон бо сабаби бероҳагӣ ва дигар мушкилот бевосита сурат нагирифта бошад ҳам, вале аз доираи таъсири ин госибон эмин буда наметавонистанд. Ҳокимон (ша) аз сулолаи маҳаллӣ бо андоз додану фиристодани тӯҳфаҳо ба ҳокимони марказии муғулҳо ин тобеъиятро тасдиқ мекарданд. Ба гайр аз ин гаронии ба сари аҳли заҳмати ин минтақа омада, сарпаноҳ додану аз озуқа таъмин намудани гурезаҳои сершуморе буд, ки аз таъқиби муғулҳо ҷон ба саломат бурда, ба кӯҳистони мушкилгузар фирор карда буданд.

Ин далелҳо ба хулосае меоранд, ки дар асрҳои XIII – XIV, Бадахшону Помир аз доираи тобеъияти давлатдории муғулҳо берун намонда бошанд ҳам, вале ин анъанаи хоси сохтори давлатию маъмурии маҳаллиро ҷиддан халалдор карда натавонист.

Табиист, ки Бадахшон ва мулкҳои Помир дар замони Темуру Темуриён (1370-1507) мустақилияти худро ҳифз карда наметавонистанд. Баъди тасарруфи ин мулк аз тарафи амир Ҳусайн, дере нагузашта, намояндагони шоҳони Бадахшон ба муқобили ӯ исён бардоштанд. Ҳусайн ва Темур ба Бадахшон ҳуҷум карда, соли 1368 онро аз нав тобеъ намуданд.

[1] Ҷувайнӣ Атомалик. Таърихи ҷаҳонкушой. – Ҷ. – I. – Теҳрон, 1337. – С.68.

Аз рӯи маълумоти мавҷуда, ҳангоми маросими ба тахти подшоҳии Мовароуннаҳр расман нишастани Амир Темур (1369 – 70) ҳокими Бадахшон – шоҳ Шайхмуҳаммад иштирок доштааст[1]. Албатта чун волӣ ё тобеъ будани он ба амир Темур шубҳае барнамеорад, вале дар ин ҷо гумон меравад, ки ӯ шояд аз авлоди сулолаи ҳокимони маҳаллӣ бошад.

Баъди инқирози салтанати Темуриён ва сари қудрат омадани Шайбониён (1488-1599), воқеаҳои сиёсии замон барои Бадахшон низ бетаъсир набудаанд. Асосгузори сулолаи нав – Шайбонихон бо шоҳи эрон Исмоили Сафавӣ, ки ӯ низ барои забти минтақа талош дошт, соли 1510 дар назди Марв дучори шикасту кушта шуд. Аз маврид истифода бурда, Исмоили Сафавӣ дар Бадахшон намояндаи Темуриён Увайс Мирзоро (Мирзохон ё Хонмирзо) ҳокими Бадахшону Ҳисору Хатлон таъйин намуд[2]. Вале дере нагузашта, Шайбониён тавонистанд Ҳисору Хатлонро ишғол намоянд. Баъди ин нуфузи Хонмирзо дар Бадахшон низ маҳдуд шуд. Ҳамаи ин номуътадилии сиёсӣ, сабаби сустшавии ҳокимияти марказӣ ва ба қисмҳо ҷудо шудани Бадахшон гардид. Муаррих Ғ. Ғоибов ба «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Ҳайдар такя карда, ба чор қисм тақсим шудани Бадахшонро ишора намудааст. Аз ҷумла, қисми болоии он дар тобеъияти Қошғар, қисми поёнӣ дар ихтиёри намояндагони Шайбониён, қисми миёнаи Бадахшон – чун қаламрави пирзодаи исмоилия Разиюддин ва ниҳоят, Қалъаи Зафар ва отрофи он чун мулки мустақил, ҳокими худро доштааст[3].

Бояд қайд кард, ки бо сабаби афзудани ихтилофот бо пайравонаш, шоҳ Разиюддин соли 1510 кушта шуд. Аз ин истифода бурда, Мирзохон (намояндаи Темуриён) тавонист, ки мавқеи худро дар Бадахшон мустаҳкам намояд. Баъди вафоти ӯ, соли 1520, азбаски писараш Сулаймоншоҳ ҳануз хурдсол буд, Бобур писари худ Ҳумоюни 13 соларо ҳокими

[1] Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – С.285.
[2] Ниг. Ҳамон ҷо. – С. 344.
[3] Ниг. Ҳамон ҷо. – С.355-356.

Бадахшон таъйин кард. Соли 1528 Бобур Ҳумоюнро чун валиаҳд ба пойтахти худ Агра (Ҳиндустон) даъват намуд. Ҳумоюн Фақир Алӣ ном шахси ба худ наздикро ба сифати ҷонишин таъйин карда, ба Ҳиндустон рафт. Аз ин фурсат истифода бурда, мардуми Бадахшон аз хони Қошғар Саидхон хоҳиш карданд, ки ҳокимияти Бадахшонро ба дасти худ гирад. Сабаби интихоби ашрофзодагони Бадахшон он буд, ки Саидхон бо шоҳони Бадахшон наздикии авлодӣ дошт. Ҳамин тариқ мубориза барои ҳокимияти Бадахшон дар байни Темуриёну Шайбониён боз аз нав авҷ гирифт. Ин зиддиятро бо ёрии Ҳумоюн (баъди вафоти падараш, Бобур, соли 1530 дар Ҳинд ба маснади шоҳӣ нишаста буд), дар Бадахшон ба тахти шоҳи нишондани Сулаймоншоҳ суст накард. Бояд гуфт, ки қарори Сулаймоншоҳро ба тахт шинонидани Ҳумоюн ҳам амали ба хоҳишаш мувофиқ набуда, аз зарурати замон бармеомад.

Дар арафаи ба тобеъияти Абдуллохони Шайбонӣ пурра гузаштани Бадахшон (соли 1584), ҳокимияти Бадахшон дар дасти набераи Шоҳсулаймон Шоҳрух Мирзо қарор дошт[1]. Табиист, ки ҳамаи ин гирудорҳои сиёсии дар атрофи Бадахшон сурат гирифта, барои мулкҳои Рушон, Шуғнон, Вахон ва ғайра бетаъсир намегузаштанд.

Ин раванд баъди ба сари қудрат омадани сулолаи Аштархониҳо (Ҷониҳо) барои Бадахшон низ баръаъло ба назар мерасад. Соҳибмулкони Помири Ғарбӣ тобеъияти худро то андозае аз намояндагони ин сулола эътироф карда бошанд ҳам, вале он бештар характери рамзӣ дошта, фақат дар иҷрои андозу фиристодани тӯҳфаҳо ба намояндагони волонишини ин сулола зоҳир мегашт.

[1] Ниг.: Ғоибов Ғ. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. (Тибқи маълумоти Ҳофизи Таниш дар «Шарафномаи Шоҳӣ»). – Душанбе: Амри илм,1998. – С.146-152; Ҳамин муаллиф.: Таърихи Хатлон аз огоз то имрӯз. – С.366-386; Ғоибов Ғ., Холов М. Пешгуфтор (баргардонандагони матн) ба асари: Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – Душанбе: Дониш, 2007, – С.15 – 24.

Чи тавре маълум гадид, ҳам маъхазҳои гузаштаи дур ва ҳам маълумоти давраи охириасримиёнагӣ, бар он гувоҳанд, ки мулкҳои Помиру Бадахшон ҳамеша бо давлату хонигариҳои минтақаи Осиёи Миёна алоқамандии зич дошта, аз гирудорҳои сиёсӣ дар канор набуданд. Тибқи мундаричаи «Таърихи Бадахшон»-и Мирзо Сангмуҳаммади Бадахшӣ ва Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар, дар ҳолате ки кишвар бе ҳоким монда, «мардуми узбакия ва қатагония, бинобар қурби чивор истилову галабаи тамом намуда, дасти тааддиву зулм дароз карданд. Ва мардуми Бадахшон аз турку тоҷик бо ҳам салоҳ намуда» хостанд, ки якеро ба ҳокимӣ пазиранд. Мардуми бадахшониасли Яфтал (номи маҳал дар Файзободи Афғонистон), амир Ёрибекхон ибни Шоҳбек ибни Мир Зоҳирхонро, ки аз авлоди пирзодагон буда, аз Даҳбеди Самарқанд омада дар мавзеи Хами Мири Яфтал иқомат дошт, соли 1657 ба маснади ҳокимӣ нишонданд. Вале баъди ду сол мардуми Яфтали Поён, Имод ном шахсеро ба ҳайси мири худ шинохта, барояш қалъа низ сохтанд. Аз ин амали онҳо ранҷида, амир Ёрибекхон ба Ҳиндустон кӯчид. Аз ин ҳолат истифода бурда, ҳокими Қатаган Маҳмудбий, ки дар тобеияти хони Бухоро қарор дошт, бо ёрии ӯ ба Бадахшон лашкар кашида, онро ба тобеъ намуда, ба сари мардум бедодгарии зиёде овард. Халқи ба дод омадаи Бадахшон ба назди амир Ёрибекхон чанде аз намояндагони бонуфузи худро фиристода, бо зорию илтиҷои зиёде ӯро ба Бадахшон баргардонданд. Мир Ёрбек барои аз байн бардоштани хавфи ҳуҷум даромади дусолаи аз фурӯши лоҷувард ба даст овардаашро ба Бухоро фиристода, аз шинохти тобеъияти худ ба хон хабар дод ва бо ин амал мустақилияти худро нигоҳ дошт[1].

[1] Ниг.: Искандаров Б.И. Социально-экономические и политические аспекты истории памирских княжеств (X в – первая половина XIX в.). – Душанбе: Дониш, 1983. – С.55; История Таджикского народа. – ТII. – Кн. вторая М.: Наука, 1964. – С.28; История народов Узбекистана. – Т.II. – Ташкент: Изд-во АН УзССР,1947. – С.73; Ғафуров Б. Тоҷикон. Охирҳои асри миёна ва давраи нав. Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон,1998. – С.63.

Мир Ёрибекхони валӣ дар муддати 50 сол дар Бадахшон ҳокимият дошта, соли 1707 – 08 вафот кардааст. Бо розиги мардуми Бадахшон ва дигар фарзандонаш писари калони мир Ёрибекхон Шоҳ Сулаймонбек (аз рӯи баъзе маъхазҳо – Сулаймоншо) дар пойтахти Бадахшон – Файзобод ба тахт нишаста, бародараш Юсуфалихонро ба мансаби сипаҳсолорӣ таъйин намудааст.

Шоҳ Сулаймонбек алайҳи суйқасди бадхоҳон, баъди 7 соли салтанатронӣ (соли 1713) кушта шуда, соҳиби «маснади калониву амирӣ» бародараш Юсуфалихон гардид[1]. Замони салтанати ӯ тӯлонӣ набуда, соли 1717-18 вафот кардааст. Ҳарчанд аз руи васияти марҳум бояд писараш Мирподшоҳ ба маснади мирӣ менишаст, вале ӯ ба муқобилияти яке аз бародарони падараш Зиёуддинхоҷа дучор шуда, шикаст хӯрд ва фирор кард.

Мир Зиёуддин 18 сол ҳумронӣ карда, соли 1735-36 дар натиҷаи сӯиқасд кушта шуд. Баъди муқобилияту задухӯрдҳои зиёде бо писари Юсуфалихон Мирподшоҳ, Сулаймонхон писари Шоҳ Сулаймонбек, ки дар Ҷурм ҳоким буд, ба тахти Бадахшон соҳиб шуда, муддати 7 сол (то охири ҳаёт – соли 1747) «дар Файзобод калонию ҳукмронӣ намуд». Баъди номбурда, Султоншоҳ, писари Мирподшоҳ ба сари қудрат омад. Пас аз як соли ҳокимиятдории ӯ (соли 1748), шоҳони (шоҳзодагон) мулки Дарвоз Тугмашоҳ, Шоҳ Дарвоз, Мансурхон, Азизхон, Шоҳрух мирзо ва Саодатшоҳу, Султонмаҳмуд, аз писарони Шоҳгарибуллоҳ, ба муқобили Мир Султоншоҳ ҳуҷум намуда, лашкари Султоншоҳро шикаст доданд. «Бисёртар аз лашкари Мирзои Калон (сарлашкари Султоншоҳ. –

[1] Ниг.: Таърихи Бадахшон. Факсимил, ки бо кӯшиши А.Н. Болдирев соли 1959 дар Ленинград (Санкт-Петербург) ба чоп расидаст. – В.2а-13а; Матни бо кӯшиши Ғ. Ғоибов ва М. Холов бо ҳуруфоти кириллӣ баргардонида шудаи ҳамин асар. – Душанбе: Дониш,2007. – С.74-83. ( Аз баски ин матни баргардонишуда нисбатан мукаммалу ба нусхаи асл баробар аст, иқтибосҳо минбаъд аз рӯи он оварда мешаванд).

Р.М.,Ҳ.П.) низ асири шоҳони Дарвоз шуданд»[1]. Мирзои Калонро ба Дарвоз бурданд, вале баъди чанде, ба он туҳфаҳои зиёде бахшида, барои баргаштан ба қалъаи Файзобод ба назди Султоншоҳ иҷозат доданд.

Баъди як соли ҳаёти осоишта, вақте ки Ёркanду Қошгар ба доираи тасарруфи Чин кашида шуданд, хоҷагони ин мулкҳо бо се ҳазор пайравони худ, соли 1749-50 ба тарафи Бадахшон фирор намуданд. Амир Султоншоҳ хост онҳоро чун ҳамнасабони худ истиқбол намояд, вале чи тавре маълум шуд, бо онҳо се ҳазор қалмиқҳои силоҳдор бо мақсади забт намудани Қатаган, ки он замон бо Бадахшон алоқаи зич дошт, ҳамроҳӣ кардаанд. Дар чунин вазъият Султоншоҳ ҷуз ба муқобили онҳо лашкар фиристодан дигар чорае надошт. Ба ӯ лозим омад, ки ба вилояти Қатаган юриш карда, дубора онро фатҳ намояд.

Дигар амале, ки бояд Султоншоҳ анҷом медод, тобеъ намудани мулки Рог буд. Ин мавзеъ сабаби ихтилофоти доимии Бадахшону Дарвоз буда, борҳо дар тобеияти тарафайн қарор дошт. Акнун ин мулк зери нуфузи шоҳи Дарвоз гузашта буд ва Султоншоҳ ба хулосае омад, ки онро ба тобеияти худ дарорад. Аз ин нияти ӯ шоҳи Дарвоз Мизробхон бо бародаронаш Шаҳ Дарвозхон ва Шаҳ Мансурхон хабардор шуда, барои дифои манфиати худ ба Рог лашкар бурданд. Дар муҳориба амир Султоншоҳ дастболо шуд. Мизробшоҳ ба пойтахташ – Қалъаихумб баргашт. Аз ин ғалаба Султоншоҳ руҳбаланд шуда, ҳатто азм кард, ки мулки Чатрорро ба даст дарорад. Соли 1751 ба ӯ муясар шуд, ки дар муддати шаш моҳ Чатроро фатҳ намуда, ба Бадахшон баргардад.

Дигар корнамоии Султоншоҳ, аз рӯи маълумоти дар «Таърихи Бадахшон» омада, шикаст додани «ягмогарон»-и хатлонӣ будааст[2]. Ин муваффақиятҳо сабаби такаббуру сармастии Султоншоҳ гашта, ӯро аз масъулияти давлатдорӣ

---

[1] Таърихи Бадахшон. – Душанбе: Дониш, 2007. – С.95.
[2] Ниг. Ҳамон ҷо. – С.108-109.

фориг карда буданд. Ӯ акнун бештар ба айшу нӯш ва шаҳватронӣ дода шуда буд. Аз ин истифода бурда, ҳангоми яке аз сафарҳояш ба мавзеи Сари Рустоқ писари чоруми Мирподшоҳ Тӯрабозхон, ки хусумати тахтхоҳӣ дар сар дошт, ӯро ба асирӣ гирифта, ба назди ҳокими Қатаган Қубодхон бурд. Қубодхон султоншоҳро аввал бо иззату икром қабул карда, сипас ба куштанаш фармон дод. Ӯ дар санаи 1179 ҳичрӣ (1765-66) ба қатл расонда шуд[1]. Баъди муддати мадиде писари Султоншоҳ Сулаймонхон бо мушкилоти зиёде тавонист, Қубодхонро ба қатл расонда, қасоси падарашро бигирад ва соҳибтахт гардад.

Солҳои 1791 – 1821 Муҳаммадшоҳ ибни Султоншоҳ идораи мулкро дар даст доштааст. Баъди 30 сол ӯ ихтиёран тарки тахтнишинӣ карда, яке аз писаронаш – Султоншоҳро ҷойгузини худ ва дигаронашро дар «ҳар мулку қалъаҳои Бадахшон номзад таъйин намуд». Аз ин пас, худ боз сӣ соли дигар дар «узлатгузинӣ» ё гӯшанишинӣ ба сар бурдааст[2]. Султоншоҳ, аниқтараш Султоншоҳи II, солҳои 1821 – 1850 дар Бадахшон дар маснади мирӣ ё ҳокимӣ будааст. Баъди ӯ писараш Ёрибекхон ҳамагӣ як сол ва амакаш Мири Калон чор сол ҳукуматдорӣ намудаанд.

Панҷ соли оянда (1855-1860), Бадахшон зери тасарруфи мир Муҳаммад Муродбеки Қатаган қарор дошт[3]. Сипас Мири Калон ин мулкро аз тоифаи Қатаган озод намуда, муддати 6 сол (1860-1866) ҳукумат рондааст. Баъди фавти номбурда, бародари хурдиаш Сулаймоншоҳ ба мансаби мирӣ соҳиб гардид. Вале дере нагузашта (баъди ду сол), Бадахшонро аз нав мири Қатаган – Муҳаммад Муродбек ба тасарруфи худ даровард, тамоми авлоди мир Сулаймоншоҳро ба Қундуз бурда, ба маҳбас партофтд. Дар

---

[1] Ниг.: Мирзо Сангмаҳмади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – С.120. Бояд қайд кард, ки дар ҳошияи вараќи 60-а нусхаи дастнависи китоб санаи 1184 (1770-71) низ ишора шудааст.

[2] Мирзо Сангмаҳмади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – С.139-140.

[3] Ҳамон ҷо. – С.142-143.

муддати 15 соли (1868-1882) зери тасарруфи худ нигоҳ доштани Бадахшон, мулк тамоман харобу тороҷ гардид[1].

Албатта дар ин давра аз тарафи намояндагони сулолаи маҳаллии сокинони Бадахшон, кӯшиши аз нав ба сари қудрат омадан ба назар мерасид. Вале бо тақозои таъриху тақдир, аниқтараш бо ёрии давлати мустамликавии абарқудрати замон Англия, мулки Бадахшон, ки дар тамоми давраҳои мудҳиши асримиёнагӣ мустақилияти худро нигоҳ дошта тавонист, пурра аз тарафи Афғонистон гасб гардидаву ба қаламрави он ҳамроҳ карда шуд. Бо ин амали забткоронаи аҷнабиён тоҷикони кӯҳистони Помиру Бадахшонро аз ҳам ҷудо карданд.

Ҳолати фоҷиабори замони парокандагии феодалии ба Бадахшон хос буда, дар вазъи давлатдорию зисти сокинони шоҳигариҳои мустақилу ниммустақили Дарвозу Ванҷ, Рӯшону Шӯгнон, Ишкошиму Вахон возеҳан эҳсос мешуд. Ҳангоми омӯзиши таърихи Вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фаҳмиши ҷуғрофии «Помир» маълумият пайдо кардааст, як воқеияти таърихӣ возеҳан ба назар мерасад. Ин мулкҳо ё воҳидҳои давлатдории кӯҳистони тоҷик, ба часпу талошҳои байниҳамдигарии ба замони парокандагии феодалӣ хос буда нигоҳ накарда, нафақат ҳамеша бо ҳам алақаманду ҳамтақдир будаанд, ҳамчунин бо тамоми тоҷикони минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамбастагии иқтисодию фарҳангии қавӣ доштаанд. Барои тақвияти ин хулоса, боз чанде аз тақдири таърихии ин мулкҳо ёдовар хоҳем шуд.

Яке аз шоҳигариҳое, ки маъмулан дар минтақа бо истисноии баъзе аз мавридҳо, мустақилияти худро дар тамоми давраҳои асримиёнагӣ ҳифз карда тавонистааст, Шугнон ҳисоб меёбад. Вале таърихи ин мулкро аз Бадахшон ҷудо омӯхтан, маънии гайриилмии дарки воқеиятро дорад.

---

[1] Мирзо Сангмаҳмади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – С.143-144.

Тибқи маъхазҳои мушоҳидони Чин боқӣ гузошта, дар миёнаи асри VIII Шуғнон подшоҳи худро доштааст[1]. Маълум аст, ки ҳокими Шуғнон ба императори Чин ба сифати туҳфа санги қиматбаҳое (шояд лаъл бошад) фиристодааст[2]. Дар асрҳои VII-VIII ҳокимони Тибет ва Шуғнон сафирони ҳамдигарро расман ба ҳузур пазируфтаанд[3]. Сайёҳу ҷуғрофидони намоён Ибни Хурдодбеҳ (820-913) дар асараш «ал-Масолик ва-л-мамолик», ки пеш аз зуҳури давлати Сомониён (844-848) таълифу баъди чанде (885-886) таҷдиди назар шудааст, ишора намудааст, ки Шуғнон дар тобеияти давлати Тахориён буда, ба хазинаи онҳо дар доираи 40 000 дирҳам андоз ворид мекардааст. Дар ҳамин маъхаз андози Вахон – 20 000 ва Каррон (Дарвоз) – 4 000 дирҳам омадааст[4]. Асрҳои XI-XII Шуғнон ба доираи давлати Ғазнавиён ва сипас Ғуриён кашида шудааст[5], вале ин тобеият бештар зоҳирӣ буд. Дар ин давра маркази коркарди лаъл, ки Кӯҳи Лаъл ҳисоб меёфт, дар қаламрави ҳокими Шуғнон қарор дошт. Ҳамчунин дар ин ҷо дигар фулузоти қиматбаҳо, аз ҷумла нуқра истеҳсол мекарданд[6].

Замони зери тасарруфи муғулҳо мондани давлати Хоразмшоҳиён ҳукмронии силсиласулолаҳои турку муғул (Темуриён, Шайбониён, Аштархониҳо) мисли Бадахшон Шуғнон низ ба доираи тобеъияти давлатдории онҳо гузашта бошад ҳам, анъаноти давлатдории маҳаллӣ қариб пурра пойдор монд. Дар маъхазҳо аз Кӯҳи Лаъли Шуғнон интиқол додан ё харидану ба дигар давлатҳо бурдани лаъл ишора

---

[1] Мандельштам А.М. Материалы к историко-географическому обзору Памира и Припамирских областей. – Сталинабад,1957. – С.143.

[2] Шефер Э. Золотые персики Самарканда. Книга о чужеземных диковинах в империи Тан. – М.,1981. – С.310.

[3] Мандельштам А.М. Асари номбурда. – С.151.

[4] Хордодбеҳ. Ал-Масолик ва-л-мамолик // Сомониён дар оинаи таърих. – Ҷилди дуввум (Мутуни арабиасл). – Хуҷанд: Нашр давл. ба номи Раҳим Ҷалил,1998. – С.15.

[5] Ғафуров Б. Тоҷикон Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон,1998. – С. 534.

[6] Ниг.: Каландаров Т. Шугнанцы – М.,2004. – С. 44-45.

шудааст. Аз мантиқи онҳо бармеояд, ки савдои ин маъдани қиматбаҳо аз тарафи ҳокими Шугнон ва ҳангоми дар тобеияти Бадахшон будани он аз Бадахшон ёд мешавад. Масалан, дар ҳуҷҷатҳои асрҳои XVI-XVII рус, хосатан дар «Китобҳои тиҷорат» («Торговые книги») оид ба харидорӣ ё ба тариқи тӯҳфа гирифтани лаъл аз Шугнону Бадахшон во мехӯранд. Аз ҷумла, ин амал соли 1764, замони императории Екатеринаи II (1762-1796) низ қайд шудааст[1].

Аз рӯи маълумоти дар «Таърихи Бадахшон» ҷой дошта, дар асри XVIII Шугнон ва мулкҳои ба тобеъияташ даровардаи Вахону Рӯшон муддати мадиде ба ҳуҷуми ҳамсоядавлатҳои Бадахшону Дарвоз муқобилият намудаанд. Вале ин фишорро рафъ карда натавониста, тобеъияти худро шинохтаву муддати муайяне ба шоҳи Дарвоз андоз ҳам медодаанд. Дар миёнаи асри XVIII ҳарчанд бенатиҷа бошад ҳам, кӯшиши дар Вахону Шугнон таъсиргузории Хитой (Чин) ба назар мерасад[2]. Вале дар ҳама ҳолат ҳуҷуму фишори ҳамсоягони наздику кӯшиши аҷнабиёни бегонатабор мустақилияту анъаноти давлатдории Шугнонро аз байн бурда натавонистаанд. Қариб ҳамеша соҳибтахт мондани намояндагони сулолаҳои маҳаллӣ гувоҳи ин хулоса буда метавонад.

Мувофиқи шаҷараи аз тарафи таърихнависони маҳаллӣ қабулшуда, дар тӯли зиёда аз 300 соли охири мавҷудияти шоҳигарии Шугнон, соҳибтахтон аз сулолае буданд, ки ба он Шоҳи Хомӯш асос гузоштааст. Намояндагони он аз соли 1581 то 1883 дар ин мулк ҳокимият рондаанд, ки марказаш дар Қалъаи Барпанҷ (соҳили чапи дарёи Панҷ) қарор дошт[3]. Аксари муҳаққиқони Бадахшону Помир бар ақидаеанд, ки аз охири асри XVI сар карда, дар ин шоҳигариҳо ҳокимият

---

[1] Ниг.: Каландаров Т. Шугнанцы – М.,2004. – С.50.
[2] Ниг.:Болдырев А.Н. Бадахшанский фольклор // Советское востоковедение.. – Т.V. – М.;-Л.,1945. – С. 289; Каландаров Т.С. Шугнанцы. – С. 52.
[3] Искандаров Б.И. Социально-экономические и политические аспекты истории памирских княжеств (X – первая половина XIX вв.). – Душанбе: Дониш, 1983. – С.60.

пурра дар дасти намояндагони авлодӣ буд ва сулолавӣ будани онҳоро ҳалқу ашрофзодагони ин мулкҳо эътироф мекарданд.

Тибқи маълумоти аз солорсолони таҳҷоӣ овардаи муаллифони «Таърихи Бадахшон» Қурбон Муҳаммадзода ва Муҳаббат Шоҳзода, аз Кошони мулки Исфаҳони Эрон, чор дарвеш бо мақсади барои худ макони зисти мувофиқ пайдо кардан, Саид Муҳаммади Исфаҳонӣ, Сайд Шомаланг, Саид Шоҳи Хомӯш ва Шоҳ Бурҳони Валӣ ба сафар баромада, то ба Шугнон расиданд. Ин мавзеъ барояшон хеле писанд омад[1]. Ҳар кадоме аз онҳо дар ин мулки афсонавӣ барои худ ҷои мувофиқ интихобу иқомати доимӣ ихтиёр намуданд. Шоҳ Хомӯш, ки аз рӯи саводу фаросати табиӣ барои мардум хеле писанд омада буд, бо хоҳиши халқи Шугнон ба маснади шоҳӣ нишаст. Ба ин интихоб издивоҷи ӯ ба духтари хеле барвақт ятим мондаи собиқ ҳокими Шугнон аз намояндагони сулолаи маҳаллӣ низ мусоидат мекард. Писари аз ин никоҳ ба дунё омадаи Шоҳ Хомӯш, Шоҳ Худодод ба сулолаи нави ҳокимони маҳаллӣ, шоҳони Шугнон асос гузошт. Агар баъзе лаҳзаҳои муваққатан аз ҳокимият дур кардани намояндагони онро ба назар нагирем, то солҳои 80-уми асри XX намояндагони ин сулола дар Шугнон ва баъзе аз дигар шоҳигариҳои ҳамсоя салтанат рондаанд[2]. Ҳамин ривоят дар «Таърихи Шугнон» фақат бо каме тағйирот омадааст[3]. Аз рӯи ривояти ба муаллиф расида, Саид Шомаланг аз Хуросон барои тарғиби мазҳаби исмоилия ба Шугнон фиристода шудааст. Бисёре аз таҳқиқгарони руси то инқилобии Помиру Бадахшон, дар асоси ҳамин ривоят, Шоҳ Хомӯшро сарогози сулолаи нави

---

[1] Қурбон Муҳаммадзода (Охун Сулаймон), Муҳаббат Шоҳзода (Саид Футуршо). Таърихи Бадахшон (Матни факсимилӣ). – М.: Наука, 1973. – С.2.

[2] Қурбон Муҳаммадзода, Муҳаббат Шоҳзода. Таърихи Бадахшон. – С.2-6 ва саҳ. дигар.

[3] Сеид Хайдаршо, Муборак Шо-зода. История Шугнана (Предисл. и примеч. А.А.Семенова). – Хорог: Памир,1992. – 35 с.

мулки Шугнон ҳисоб карда, дар саросар ба мазҳаби исмоилия рӯй овардани аҳолии маҳаллиро чун хизмати ӯ маънидод намудаанд.

Шарқшиноси намоёни рус И. Минаев ба ҳамин манобеъ ва маълумоти шифоҳии аз сокинони маҳаллӣ ба даст овардааш, такя карда, ҳамон чор дарвеш ё қаландари хуросониро асосгузори сулолаҳои навини ҳокимони (шоҳони) Помиру Бадахшон ҳисобидааст. Бояд боз ба чунин нуқта диққат дод, ки он чор нафар хуросонӣ аз рӯи баъзе манбаъҳои хаттӣ ва шифоҳӣ бегона не, балки бо ҳам бародар буда, ҳар кадом дар ҳар мулки минтақа ба маснади ҳокимӣ соҳиб шудаанд[1]. Мардумшиноси рус А.А. Бобринской аз рӯи маълумоти барояш дастрас, хулосае пешниҳод намудааст, ки аз он чор бародари хуросонӣ «яке дар Кунҷут, дигаре дар Вахон, сеюм дар Шохдара, чаҳорум дар Дарвоз ҳокимиятдор гаштанд»[2].

Донишманди тоҷик, Б. Искандаров хулосаи асосноке пешниҳод намудааст, ки мувофиқи он, бародарони аз Хуросон ба Шугнон сафар карда, аз таргибгарони боэътимоди мазҳаби исмоилия будаанд, ки дар эрони замони Сафавиён (1502-1786) ин равияи динӣ дар сатҳи давлатӣ қарор дошт. Шояд он таргибгарон низ ба таври расмӣ ба ин минтақа фиристода шуда бошанд. Аз тарафи дигар, сокинони мулкҳои Помиру Бадахшон, ки ба хавфи аз тарафи Шайбониён пурра гасб шудан монда буданд, ягона роҳи халосиро дар наздик шудан ба шоҳони қудратманди Эрони замони Сафавиён медиданд. Аз нигоҳи олим, дар ҳар ҳолат омадани бародарони таблиггар нуфузи ҳалкунандаи мазҳаби исмоилияро дар ноҳияҳои баландкӯҳи минтақа таъмин намуд. Дар ин давра чунин раванд дар мулкҳои назди Ҳиндукуш, ки он ҷо низ таргиботи ба нафъи ин тариқати динӣ мувофиқ, хеле фаъол

[1] Минаев И. Сведения о странах по верховьям Амударьи. – СПб.,1879. – С.51, 156-157.

[2] Бобринской А.А. Горцы Верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путьевым заметкам. – М.,1908. – С.119.

ба роҳ монда шуда буд, ба мушоҳида мерасид[1]. Вале гуфтаҳои олим, ҳаргиз маънои онро надорад, ки маҳз номбурдагон ба мазҳаби исмоилия дар минтақа асос гузошта бошанд. Ақидае, ки гӯё то омадани онҳо таъсири зардуштия ё оташпарастӣ дар Помиру Бадахшон мустаҳкам ҷой доштааст, ботил буда, асосе надорад. Ба таърихогаҳон маълум аст, ки ҳанӯз асрҳои XI – XII дар ин минтақа исломро пурра қабул карда буданд. Ақидаи сокинони диёр, ки дар саргаҳи гаравидан ба ислом Шоҳ Носир (Носири Хусрав – 1004-1080) меистод[2], асоси воқеӣ дорад.

Қобили қайд аст, ки то миёнаи асри XIX, аниқтараш, то ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ба Русия, нафақат дар Аврупою Русия, инчунин дар худи Бухоро, доир ба Помиру Бадахшон маълумоти равшане надоштанд. Маълумоти ба чоп расида, асосан дар асоси пурсуҷӯи шифоҳӣ таълиф шуда буданд. Дар ин бора қайдҳои аъзои сафорати Русия дар Бухоро солҳои 1820-1821, Е.К Мейендорф, равшан гувоҳӣ медиҳанд. Муаллиф маълумоти бо роҳи пурсуҷӯ ба даст овардаашро ба асос гирифта, бо қатъият изҳор доштааст, ки дар мулкҳои мустақили ҳамшафати шарқии Бухоро мусулмонон не, «кофирони даҳшатнок» («страшные кяфиры») зиндагӣ мекунанд. «Дуртар ба тарафи шарқ, – менависад ӯ, – ҳаракат карда, ба кишвари кӯҳистон, ки қариб ба касе маълум нест, расидан имкон дорад. Мегӯянд, ки дар он ҷо ким-кадом кофирон, ё гайридинон, халқи ниҳоят ваҳшию бераҳм зиндагӣ мекунанд. Аз Қаротегин сар карда, мусулмонон во намехӯранд»[3].

---

[1] Пурратар ниг.: Искандаров Б.И. Социально-экономические и политические аспекты истории памирских княжеств (X в. – первая половина XIX в.). – Душанбе: Дониш, 1983. – С.57-59.

[2] Доир ба зиндагиномаи Носири Хусрав ниг.: Бертельс А.Е. Носир-и Хосрав и исмаилизм. – М.,1959; Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Китоби якум. – Душанбе: Ирфон, 1998. – С.586-588.

[3] Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. – М.: Наука,1975. – С.78.

Гарчи дар ин суханони иқтибосшуда, аз як тараф ҳисси бадбинии маълумотдиҳандагони маҳаллии суннимазҳаб, ки хусумати мазҳабии худро пинҳон надоштаанд, ба назар расад, аз тарафи дигар, сабаби воқеии онро дар ниҳоят сустии алоқамандии сиёсию иқтисодии вилояту навоҳии тоҷикнишини ба замони муносибатҳои патриархалию парокандагии феодалӣ хос буда, бояд дид. Аз мантиқи ахбори муаллиф боз хулосае бармеояд, ки ҳамсӯҳбатонаш доир ба таъриху ҷуғрофиёи Бухоро ва мулкҳои ҳамшафати он, ҳатто аз оддитарин маълумот маҳрум будаанд.

Бояд қайд кард, ки дар бисёр мавридҳо мулкҳои Шугнон ва Рӯшон, Вахон ва Ишкошим дар доираи давлатдории ягонаи феодалӣ ҳокимиятдорӣ мекарданд. Дар баъзе ҳолатҳо қаламрави давлатдории Шугнон васеъ шуда, тамоми Рӯшон ва ҳатто Вахонро фаро мегирифт, вале дуру дароз тобеъияти онҳоро нигоҳ дошта натавониста, баъди чанде боз ба доираи ҳудудии пештараи худ қаноат мекард. Баъзе маъхазҳо аз тобеъияти муваққатии ин мулк ба Бадахшону Дарвоз далолат мекунанд. Вале ба ҳамаи гирудорҳои ба замони парокандагии феодалӣ ва тағйирёбии ҳудудӣ нигоҳ накарда, Шугнон мустақилияти давлатдории худро нигоҳ дошта тавонистааст. Ин ҳатто дар чунин номоварди силсилаи ҳокимон, аниқтараш шоҳони Шугнони охири асримиёнагӣ, ки яке аз таҳқиқгарони таърихи Шугнон – Қ. Элчибеков дар асоси маъхазҳои барояш дастрас буда, то ҷое тавонистааст ба низом даровард, бараъло эҳсос мешавад[1]. Муаллиф аз асри XVII то миёнаи асри XVIII фақат номҳои Музаффарбек, Абдумуҳаммад, Муҳаммадҳусайн ва Амирбекро муайян намудааст. Аз замони ҳукмронии Шо Ванҷӣ ё Шо Ванҷхон (тахм. 1758-1765) бошад, солҳои ҳукмронии шоҳони Шугнонро бо чунин санаҳо тахмин намудааст:

---

[1] Бояд гуфт, ки муаллиф онҳоро иштибоҳан чун мир ё бек муаррифӣ кардааст. Дар тамоми мулкҳои минтақа аз Қаротеғин сар карда то Бадахшон нисбат ба ҳокимон ғолибан ибораи «шоҳ» ё «ша» ва дар баъзе мавридҳо «мир»-ро истифода мебурданд.

Амирбеки II (1768-1783), Шо Ванчи II (1784-1792-93), Ҷалолиддин (1792-93 – 1820), Қубодхон (1820-1844), Абдулазизхон (1844-1845), Абдурраҳимхон (1845-1869), Муҳаббатхон (1869-1871), Юсуф Алихон (1871-1883)[1]. Албатта ин хулосаҳои санадии муаллиф ба таҳқиқу таҳлили амиқу доманадортар ниёз доранд. Ба ин хосатан номоварди хеле пурраи насаби мирону шоҳони мулки Шуғнон, ки дар «Таърихи Бадахшон» оварда шудаанд, далолат мекунад[2].

Бадахшон ва Помир аз чоряки дуюми асри XIX сар карда, ба доираи ихтилофоти Англияю Русия дар минтақа гузашта буданд. Ҳанӯз соли 1847 дар байни амирони Афғонистон ва Бухоро шартномае ба имзо расид, ки мувофиқи он на Шуғнон ва на Вахон ба қаламрави ҳудудии Афғонистон ворид нашуда буданд. Ибтидои соли 1873 Англияю Русия ба қароре омаданд, ки хати тахминии сарҳадиро маъқул шуморанд, Мувофиқи он Бадахшон ва Вахон чун қаламрави Афғонистон шинохта шуд.

Вале шартномаи сарҳадмуайянкунии беасоси солҳои 1872-1873 барои ҳарду давлат ҳадафрас шуда натавонист. Ин шартномаро Русия барои нисбатан бехавф анҷомёбии раванди ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна истифода бурд. Баҳонаи амалӣ нағаштани ин шартнома, соли 1878 ҳамроҳ кардани Дарвоз ба аморати Бухоро гардид. Бояд қайд кард, ки ҳанӯз 26 январи соли 1847 тибқи шартномаи байни амирони Бухоро ва Афғонистон сарҳади шимолии Афғонистон Амударё муқаррар гардида буд. Акнун Амир Музаффар бо ёрии Русия дар қатори диғар мулкҳои Бухорои Шарқӣ шоҳиғарии Дарвозро зимистони 1877-1878 ғасб карда, ҳарду соҳили Панҷи онро зӯран ба Бухоро ҳамроҳ намуд. Ин амалро Англия чун баҳона барои оғози амалиёти забтко-

---

[1] Эльчибеков К. Генеалогия шугнанских правителей XVIII-XIX вв. // Памироведение. – Вып.I. – Душанбе,1984. – С.13.

[2] Ниг.: Мирзо Сангмаҳмади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – Душанбе, 2007. – С.161-164. Ниг. Ҳамчунин ба тавзеҳоти китоб. – С.209-230.

рона ва ғоратгаронаи амири Афғонистон дар шоҳигариҳои Рӯшон, Шуғнон ва Вахон мавриди истифода қарор дод. Бадахшони соли 1873 зӯран ба Афғонистон тобеъ карда шуда, акнун ба пойғаҳи мустаҳками стратегии ғосибони афғон алайҳи мулкҳои Помир табдил ёфт. Маҳз дар ҳамин замина, амалиёти ҳарбии Афғонистон дар Помири ғарбӣ ниҳоят ваҳшиёна сурат гирифт[1].

Баъди бо роҳи фиреб ба назди амири Афғонистон Абдурраҳмонхон даъват шудану ваҳшиёна куштани ҳокими Шуғнон Юсуф Алихон (Юсуф Алишо) дар муддати 12 сол (1883-1895) Шуғнон зери асорати Афғонистон қарор дошт[2]. Сокинони ба дод омада яғона роҳи халосиро дар пуштибонии Русия меҷустанд. Бо ин умед аҳолии Шуғнону Рӯшон солҳои 1885, 1887, 1889, 1890 ба муқобили зулму истибдоди афғонҳо шӯриш бардоштанд. Вале бо талафоти калон шикаст хӯрда, боз ба ваҳшонияти беш аз пеш дучор гаштанд. Ин бедодгарӣ то замоне идома дошт, ки доираҳои расмии Русия зарурати стратегии ин минтақаро пурра эҳсос намуда, ба амалиёти ҳарбии ҷиддӣ гузаштанд.

Билохира, тибқи шартномаи сарҳадмуайянкунии Англияю Русия дар Помир соли 1995, ҳарчанд барои халқи тоҷик оқибати ноодилона дошт (ба ҷуз Бадахшон, ки пештар забт шуда буд, боз қаламрави соҳили чапи мулкҳои Рӯшон, Шуғнон ва бекигарии Дарвоз ба Афғонистон гузашт), ин масъала ҳалли худро ёфт. Аз рӯи шартномаи мазкур хати сарҳади байни Афғонистону Бухорои дар таъсири пурраи Русия буда, дарёи Панҷ муайян карда шуд. Қисми соҳили рости мулкҳои мустақили Рӯшону Шуғнон бошанд, расман ба ҳайати қаламрави ҳудудии Бухоро гузаронда шуданд. Вале норозигии сокинони маҳаллӣ маъмурони Русиро ба хулосае

[1] Доир ба амалиёти ҳарбии Афғонистон дар Рӯшону Шуғнону Вахон пурратар ниг.: История Горно-Бадахшан-ской автономной области. – Т.I. – Душанбе: Пайванд, 2005. – С. 332-340.; Пирумшоев Ҳ., Маликов М. Россия – Таджикистан: история взаимоотношений. – Душанбе: РТСУ, 2009. – С.311-360.

[2] Ҳамон ҷо. – С.314 – 316.

овард, ки аз соли 1902 тамоми Помири Ғарбӣ (гарчи расман зери тобеъияти аморати Бухоро ҳисоб меёфт), амалан зери идораи маъмурии Отряди сарҳадии Помир қарор гирифт.

Соли 1905 Помир аз идораи умумитуркистонӣ ҷудо карда шуда, чун округи махсуси маъмурии назди сардори Отряди Помир (бо марказаш дар Хоруг) таъсис дода шуд. Сардори отряд ҳуқуқи сардори уездӣ дошта, бевосита зери роҳбарии губернатори ҳарбии Фаргона фаъолият мекард. Ҳамин тариқ идоракунии маъмурии Помири Ғарбӣ бевосита ба ихтиёри идораи ҳарбӣ-маъмурии рус гузашт.

Помири Шарқӣ низ муддати дароз дар маркази ихтилофоти Англия, Русия ва Хитой (Манчурия) қарор дошт. Баъди Шартномаи соли 1895 ҳарду волости Помири Шарқӣ: а) Помир – бо аҳолиаш, ки аз қиргизҳо иборат буд; б) Оршор, ки дар он асосан тоҷикон сукунат доштанд, пурра ба итоати расмии Русия гузаронида шуданд.

Чунин вазъи таърихии давлатдорӣ дар Ванҷу Дарвоз низ ба назар мерасад. Ҳарчанд доир ба мулки Ванҷ то кунун маъхазҳо ниҳоят кам дастрас шудаанд, вале аз баъзе ишораҳо бармеояд, ки то солҳои 40-ми асри XIX шоҳигарии мустақили Ванҷ вуҷуд доштааст. Масалан, дар «Таърихи Бадахшон» муаллифон дар боби сафари Шоҳи Хомӯш ба Кӯлоб чунин овардаанд: «Ва пас аз чанд муддате Шоҳи Хомӯш иродаву орзуи зиёрати бузургворону азизони мулки Хатлонро карда, аз Шугнон озими роҳи Хатлон шуда, ба роҳи агбаи байни Шугнону Ванҷ убуру мурур намуда, ба мулки Дарвоз дохил гардида, ба қуроҳои (деҳоти) мулки Ванҷ сайру саёҳат намуда, чанд муддате дар мулки Ванҷ истиқомат варзидаанд. Ва шоҳи Ванҷ сидқан ихлосу муҳаббат намуда, духтари худро ба Шоҳи Хомӯш ҳадя сохт. Ва ӯро низ ақд бастанд ва пас аз муддате аз он духтар фарзанде ба вуҷуд омад, ки ӯро Абуюсуфшоҳ ном ниҳода, хилъати қаландарӣ ба ӯ бахшид[1].

[1] Мирзо Сангмаҳмади Бадахшӣ, Мирзо Фазлалибеки Сурхафсар. Таърихи Бадахшон. – С.169 (Дар нусхаи асл. – Варақи 125 б).

Шоҳигарии Ванҷро низ намояндагони ҳамон сулолае, ки худро чун авлоди Шоҳ Искандар муаррифӣ намуда, ҳукмронии шоҳигариҳои Қаротегин, Дарвоз, Рӯшон, Шугнон, Вахон ва Бадахшонро ба зимма доштанд, идора мекарданд. Ҳамроҳшавии Ванҷ бо Дарвоз пайвастани ихтиёрӣ буда, аз зарурати замон бармеомад. Шояд баъди вафоти шоҳи навбатӣ аз намояндагони сулолаи маҳаллӣ валиаҳди муносибе намонда бошад, ки шоҳи Дарвоз, сиёсатмадори пухта, Исмоилшо (1842-1863), тавонист алоқамандии сулолавиашро бо шоҳони Ванҷ, истифода барад. Аз ҳама муҳим, тахмин меравад, ки ӯ хавфи ҳадафи тасарруфи давлатҳои нисбатан пурқуввати ҳамсоя (пеш аз ҳама Бухорову Қӯқанд ва Афғонистон, ки дар он таъсири Англия эҳсос мешуд), қарор ёфтанро асос намуда, тавонист ин ду шоҳигариро бо ҳам пайвандад. Ҳамроҳшавии ихтиёри Ванҷро боз чунин далел собит месозад, ки ин тобеъият то давраи ҳамроҳ намудани шоҳигарии Дарвоз ба аморати Бухоро (соли 1878) чун рамзӣ (номиналӣ) ба назар мерасид. Ванҷро амалан ҳоқимони маҳаллӣ – мирҳо идора мекарданд.

Қобили қайд аст, ки баъди ҳамроҳ шудани Ванҷ, иқтидори ҳарбии шоҳигарии Дарвоз хеле афзуд. Ба сафи лашкари Исмоилшо ҷавонони ванҷӣ ворид гашта, имконияти ҷангии ӯро ба маротиб афзуданд. Беҳуда нест, ки маҳз ҳамин боварӣ ба қувваи лашкари худ ва имконияти ғалаба Исмоилшоро муваққатӣ бошад ҳам. ба фатҳи Рӯшон, Шугнон, Қаротегин, Ҳисор бархезонд ва имкон дод, ки то Кӯлобу Балҷувонро низ ба доираи таъсири худ дарорад[1].

Таърихи Дарвоз низ чун мулки мустақили тоҷикони кӯҳистон аз замонҳои қадим ибтидо гирифтааст. Гарчи дар баъзе лаҳзаҳо дар он тағйироти ҳудудӣ ва давлатию маъмурӣ ба назар мерасад, вале мустақиман ҳудуди доимӣ ё анъанавию маъмурии Дарвоз, ҳатто баъди пурра тобеъ

[1] Пурратар ниг.: Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз (аз қадим то замони муосир). – Душанбе: Ирфон, 2008. – С.55-56.

шудан ба аморати Бухоро ва табдили он ба бекигарӣ (соли 1878), то шартномаи сарҳадии байни Русия ва Англия (соли 1895) бетағйир монда, бо чунин фаҳмиши ҳудудӣ шинохта мешуд:

Дар шимолу ғарб сарҳади Дарвоз то қаламрави бекигарии Қаротегин мерасид. Хати ҳудудии он аз зинаҳои болои пиряхи Федченко, қад-қади тегаҳо ва Қуллаи Пётри I (Қаротегин) дар ғарб тӯл мекашид. Қаторкӯҳои Қаротегин водии дарёи Сурхобро аз водии Хингоб, ки дар қаламрави Дарвоз буд, ҷудо мекард. Аз даҳ агбаи Дарвозу Қаротегин (Рашт)-ро бо ҳам пайвасткунанда, ағбаҳои Лӯлихарв, Камчирак ва Ёфуч барои робита муносибтар буданд. Рафту омад ба воситаи ағбаи Ёфуч тамоми зимистон низ қатъ намешуд. Ҳудуди шоҳигарӣ ва баъдан бекигарии Дарвоз дар самти шимолӣ – ғарбӣ аз деҳаи Посвун ибтидо гирифта, қад-қади соҳили рости Хингоб то болои он тӯл мекашид. Дар ғарб ҳудуди ҷуғрофӣ ва маъмурии Дарвоз то сарҳадоти бекигариҳои Балҷувону Кӯлоб мерасид. Дар шарқ бошад, сарҳади он то ҳудуди Рӯшон, аз ин ҷо ба воситаи овринги Хингак, қуллаи Язгулом, дар шимолу шарқ ба воситаи ағбаҳои Ёдудӣ, Камчдара то пиряхи Федченко тӯл мекашид.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар асрҳои миёна ҳудуди шоҳигарии Дарвоз вобаста ба иқтидори иқтисодию ҳарбӣ ва фаъолияти сиёсии соҳибмулконаш тағйир меёфт[1]. Масалан, чи тавре дар боло ишора рафт, дар миёнаи қарни XIX бо маслиҳати тарафайн муттаҳид шудани шоҳигариҳои Дарвозу Ванҷ, ҳудуди Дарвоз ду баробар васеъ шуд. Ҳатто замонҳое буданд, ки қаламрави шоҳигарӣ аз ҳисоби ғасби мулкҳои ҳамҷавори ҳамсоя муваққатан васеъ шуда, баъди муддате дар ихтиёри шоҳони Дарвоз боз ҳамон ҳудуди маъмурии пешина боқӣ мемонд. Аз диди кунунӣ қаламрави мустақими шоҳигарии Дарвоз ҳудуди имрӯзаи ноҳияҳои Тавилдара, Дарвоз, Ванҷ, водии Вахиё ва тамоми соҳили

[1] Пурратарниг.: Пирумшоев Ҳ. Таърихи Дарвоз (аз қадим то замони муосир). – Душанбе: Ирфон, 2008. – С. 24 – 111.

чапи дарёи Панҷ, аз қалъаи Куф то Жумарчи Боло, ки ҳоло ба сифати воҳиди маъмурӣ – вулусволии Дарвози Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳисоб меёбад, дар бар мегирифт.

Тибқи маълумоти солҳои 80-уми асри XIX, ҳудуди масоҳати бекигарии Дарвоз қариб 400 вёрст (402,2 километр) тӯл ва аз 120 то 600 вёрст арз дошт. Ба тахмини капитани Штаби генералии рус Кузнетсов, ки дар ин ҷо мустақиман тадқиқот бурдааст, ҳудуди умумии бекигарӣ 16 875 вёрсти квадратиро ташкил мекард[1], ки ба 17 000 километри мураббаъ баробар меояд. Ба маврид аст, барои муқоиса қайд намоем, ки масоҳати ноҳияи Дарвози кунунӣ ҳамагӣ 2 824,5 км. кв.-ро ташкил медиҳад. Яъне масоҳати имрӯзаи ноҳия дар камтар аз шашяки ҳудуди шоҳигарии Дарвоз қарор дорад.

Бояд қайд кард, ки баъзе муаллифон дар асоси ривоятҳо ақидае пешниҳод намудаанд, ки мувофиқи он анъанаҳои давлатдорӣ дар Дарвоз аз замони Искандари Мақдунӣ сарчашма гирифтаанд. Маҳмуд Ибни Валӣ (асри XVII) дар китобаш «Баҳр-ул-асрор» тобеъияти Дара ва Дарвозро ба Балх нишон додааст. Тибқи хулосаи ӯ ин мулкҳоро ҳанӯз дар замонҳои қадим ҳокимоне (шоҳоне) зери итоат доштанд, ки худро аз авлоди Искандари Зулқарнайн муаррифӣ намудаанд[2]. Ривояти силсилаи шаҷараи шоҳони Дарвозро ба Искандари Мақдунӣ (356-323 пеш аз милод) нисбат додан ба Марко – Поло низ бе таъсир намондааст. Ӯ тахминеро қабул кардааст, ки мувофиқи он, гӯё насли шоҳони тамоми минтақаи Бадахшону Помир, минҷумла Дарвоз, аз издивоҷи Искандар бо духтари Дорои III огоз ёфтааст[3]. Ин ақидаро ҷуғрофиядону таърихнависи охири асри XIX – ибтидои асри XX Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ низ ҷонибдорӣ на-

---

[1] Кузнецов П.А. Дарвоз (Рекогносцировка ген. шт. капитана Кузнецова в 1892 г.). – Новый Маргелан,1893. – С.9-10.

[2] Махмуд ибн Вали. Море тайн относительно доблестей благородных. (География). Введение, перевод, примечания, указатели Б.А. Ахмедова. – Ташкент: Фан, 1977. – С.45-46.

[3] Ниг.: Путешествие Марко Поло. – Изд. второе. – М., 1955. – С.74.

мудааст. «Шаҳри Дарвоз, – менигорад муаллиф, – шаҳрест қадим ва биноест азим аз ҷумлаи осор ва абнияи мулки Искандари Зулқарнайн аст»[1].

Суннатҳои давлатдориро дар Дарвоз П.А. Кузнетсов ба огози давраи насронӣ баробар донистааст[2]. Муаллифи номбурда ривояти маъруфи сокинони Дарвозро овардааст, ки мувофиқи он тахминан 1300 сол қабл ду бародар – Қаҳқаҳа ва Шаҳшаҳа аз Бадахшон баромада, кӯшиши соҳибмулк шудан кардаанд. Қаҳқаҳа шоҳигарии Дарвоз ва мулку музофотҳои он замон дар тобеъияти ӯ қарор доштаи Вахш, Кӯлоб (Хатлон), Хоҳон, Рог, Ҳисор, Қаротегин ва Рӯшонро мутеи худ кардааст. Шаҳшаҳа бошад, ҳокими Бадахшону Вахон, Шугнон, Сариқол (Саркӯл), Қундуз ва Читрол гардид. То замони ин маълумотро рӯи қогаз овардани муаллиф, гуё дар Читрол ҳукмронии намояндагони авлодии хонадони Шаҳшаҳа идома доштааст. Шоҳони собиқи Дарвоз бошанд, аз авлоди Қаҳқаҳа будаанд[3]. Табиист, ин хулосаҳои асоси устуравӣ дошта, далели бебаҳс буда наметавонанд, вале дар маҷмӯъ, тахминӣ ҳам бошад, ба хулосае меоранд, ки анъанаи давлатдории Дарвоз низ мисли дигар мулкҳои Помиру Бадахшон аз замонҳои қадим маншаъ гирифтааст.

Гарчи маъхази мӯътамаде то кунун пайдо нашудаст, вале аз хулосаи мантиқии вазъи замон бармеояд, ки Дарвоз дар аҳди Сомониён мустақилияти ҳудуди давлатиро фарогир бошад ҳам, узви қаламрави он салтанати бузурги тоҷикон маҳсуб будааст. Дар ҳадди ихтилофоти ҳудудии байни Ғазнавиёну Ғуриён қарор доштани Дарвоз ҳақиқати бебаҳс буда метавонад. Дар замони Ғуриён (1149-1215), алахусус дар давраи салтанати намояндаи хеле машҳури ин сулола султон Ғиёсуддин (1163-1203) Дарвоз ба қаламрави давлати

---

[1] Гулшанӣ. Таърихи ҳумоюн. Ба чоп тайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷ. Назриев. – Душанбе, 2008. – С.156. Дар қисмати факсимил. – С.247-248.
[2] Кузнецов П.А. Дарвоз. – С. 1.
[3] Ҳамон ҷо.

онҳо ворид шуда буд. Дар «Табақоти Носирӣ»-и муаррихи асрҳои XII-XIII Сироҷуддини Ҷузҷонӣ чунин омадааст: «Ва чун малик Фахруддин бад-он тахт биншаст, атрофу билод ва мамолики ҷиболи Шугнону Тахористон, то Дарвозу Булӯр ва атрофи Туркистон то ҳадди Вахшу Бадахшон ҳама дар забт омад. Ва малик Фахруддинро фарзандони шоиста даррасиданд»[1].

Дар масъалаи ба доираи тасарруфи ҳокимияти муғулҳо даромадани тобеъоти Дарвоз далеле дар даст надорем. Аксари муаллифон дар чунин ақидаанд, ки лашкари Чингизхон ё дастае аз он аз қаламрави Дарвоз нагузаштааст. Вале ин қазия маънои онро надорад, ки диёр аз тобеъияти истилогарони муғул пурра эмин монда бошад. Дар деҳаи Кулумбаи Боло то ба имрӯз дар масофаи 2 км нишонаҳои коркарди тилло боқӣ мондаанд, ки тибқи ривоятҳои аз авлод ба авлод гузашта, дар онҳо гӯё навкарони Чингизхон тилло истеҳсол мекарданд ва халқи маҳаллӣ низ маҷбуран ба ин фаъолият сафарбар шудааст. Ин худ далелест аз эҳтимолияти қабулу эътирофи ҳокимияти мугулҳо, гарчи он тебеъият амалан расмияти зоҳирӣ дошт.

Дар замони Темуру Темуриён Дарвоз мисли Бадахшону Шугнон дар қаламрави мулкҳои васеи зери тобеъияти ӯ қарор дошта бошад ҳам, аз тарафи шоҳони маҳаллӣ идора карда мешуд. Абдурразззоқи Самарқандӣ дар баробари воқеаҳои соли 784 ҳиҷрӣ (1381 милодӣ) рух дода, қайд кардааст, ки ҳангоми ба муҳосира гирифтани Калот, Темур дар лашкари худ дастаҳои аз сокинони Дарвоз, Қаротегин ва Бадахшон ташкил додаро нигоҳ медошт[2]. Дар «Зафарнома»-и Шарофиддин Алии Яздӣ доир ба таъқибу думболагирии ҳокими Хатлон Муҳаммад Мирка (ё Мирак) аз тарафи Те-

[1] Иқтибос аз: Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. (Пораҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб). Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе: Амри илм, 1999. – С.502.

[2] Ниг.: Кисляков Н.А. Очерки по истории Каратегина. – Сталинабад, 1954. – С.28; Кузнецов П.А. Дарвоз. – С1.

мур ва кӯшиши дар дарбори шоҳи Дарвоз (дар маъхаз чун Дараи Дарвоз омадааст) Ҷалолуддин паноҳ ҷустани он[1], ҳарчанд бебарор бошад ҳам (шояд аз газаби Темур ҳарос дошт), гувоҳест аз нуфузи ҳокими ин мулк. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки Дарвоз дар замони Темуру Темуриён истиқлолияти комил дошта бошад. Мисли дигар мулкҳои минтақа, гарчи он то андозае зоҳирӣ бошад ҳам, ба тобеъияти Темуриён афтода буд. Чунин ҳолат дар давраи ба зери тасарруфи Абдуллохони Шайбонӣ даромадани Бадахшон (соли 1584) низ мушоҳида мешавад[2].

Таърихи сиёсии Дарвози охири асримиёна монанди дигар сарзамину давлатҳои минтақа аз ҳудуди қонунбандиҳои замони парокандагии феодалӣ берун буда наметавонист. Мубоinitializeризаи беисти намояндагони сулолаи ҳукмрон барои соҳиб гаштан ба тахти шоҳӣ, кӯшиши хонигариҳои ҳамсоя барои ба даст даровардани кишвар, сабаби харобии мулк, торочу гирифтори қашшоқии мардуми бе ин ҳам аз камзаминию мушкилоти табиати кӯҳистон танқисии иқтисодӣ дошта мегаштанд. Шоҳигарии Дарвоз монанди дигар мулкҳои ҳамсоя дуру дароз дар ҳолати суботу оромӣ қарор дошта наметавонист. «Ҳеҷ гоҳ дар замони ҳокимияти шоҳони маҳаллии Дарвоз, – навиштааст Г.А. Арандаренко, – кӯҳистониён оромиро намедонистанд, гоҳо дар натиҷаи кашмакашу задухӯрдҳо хешони наздики ҳокимон музофотҳои алоҳидаи мамлакатро (Хулоз, Вахё, Ванҷ) зери итоати худ гирифта, бо ёрии ҳамдигар Қалъаихумбро ишгол мекарданд, гоҳо дар натиҷаи кӯшишҳои пайгиронаву гаюрона ба шоҳ муяссар мешуд, ки

[1] Шарафуддин АлиЯздий. Зафарнома. Подг. к печати, предисл. и примеч. А.Урунбаева. – Ташкент, 1972. – С.410-411 (л. 195 б – 196 а); Ҳамчунин ниг.: Шарипов А., Шарипова Т. Хатлон дар «Зафарнома»-и Яздӣ//Ахбори Осорхонаи миллии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод. – № 6. – Душанбе, 2005. – С. 9-19.

[2] Арандаренко Г.А. Дарваз и Каратегин (этнографический очерк) // Военный сборник. – Т. 154. – 1883. – № 11. – С.145.; Литвинов Б.Н. Через Бухару на Памиры // Исторический вестник. – Т.98. – СПб.,1904. – С.716-717.

мулкҳои ҳамсоя – Шугнонро бо Рӯшон, Қаротегин, Балҷувонро, зери итоати худ дарорад. Дар онҳо низ ҳамеша олигархияи бенизом ҳукмронӣ дошт ва ин имкон медод, то дарвозиҳои тоқатовар нақшаҳои гораттаронаи ҳокимони худро ба ҷо оваранд».[1] Аз рӯи мушоҳидаи муаллифи иқтибосшуда, хотираи халқ қариб сад нафари шоҳони Дарвозро, ки паси ҳам ба тахт нишастаанд, нигоҳ медошт. Вале то замони муосир фақат 17 нафари ин соҳибтахтони замони охири асримиёна, аз Шоҳқиргиз (1638 – 1668) то шоҳи охирин – Сироҷуддиншо (1869-70 – 1978), бо чанд маълумоте аз кору фаъолияташон боқӣ мондааст[2].

Баъди ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна ва таҳти фармонфармоии (протекторат) он қарор гирифтани аморати Бухоро (1868), ба ивази тобеъияти бечуну чаро ба мутлақияти подшоҳии рус, амир Музаффар (1860-1885), барои ба зери тасарруфи худ даровардани мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои Шарқӣ, розигии генерал-губернатори Туркистон К.П. фон-Кауфманро гирифта, бо ёрии ӯ ба муқобилияти ниҳоят сахти аҳолии маҳаллӣ нигоҳ накарда, мулкҳои ин минтақа – Шаҳрисабз, Китоб, Бойсун, Деҳнав, Қӯргонтеппа, Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қаротегин, ва Дарвозро паси ҳам, солҳои 1867-1878 зӯран ба худ тобеъ кард.

Амир Музаффар барои гасби Қаротегин зери фармондиҳии Худойназар атолиқ лашкар фиристод. Баъди пурра тобеъ намудани он, Худойназар бо як эътимоди худбинона, соли 1877 ба сӯи Дарвоз лашкар кашида, шикасти сахт хӯрд. Охири зимистони соли 1877 – 1878 бо 1,5 ҳазор сарбоз аз нав ҳуҷум карда, тавонист, ки муқовимати шадиди муҳофизонро шикаста, маркази шоҳигарии Дарвоз Қалъаихумбро ишгол намояд. Ҳамин тариқ, баъди зӯран тобеъ намудану ба бекигарии аморати Бухоро табдил додани

[1] Арандаренко Г.А. Дарваз и Каратегин. – С.145.
[2] Пурратар ниг.: Пирумшоев Ҳ. Дарвоз. – С.48-92.

он, ба мустақилияти бисёрасраи шоҳигарии Дарвоз хотима гузошта шуд. Вале муқовимати халқ ба муқобили истибдоди амир то афтидани аморат (соли 1920) возеҳан эҳсос мешуд[1].

Ҳамин тариқ, далелу бурҳонҳои дар боло ишора гашта, дар маҷмӯъ аз таърихи ниҳоят тӯлонӣ ва анъаноти хосаи давлатдории тоҷикони Помиру Бадахшон далолат мекунанд. Дар ин падидаи таърихӣ бояд чунин ҳақиқатро дарёфт, ки парокандагии феодалӣ гарчи қонунӣ буда аз вазъи замон маншаъ мегирад, дар ҳама ҳолат барои рушди таърихию фарҳангии ҳар як халқият зараровар аст. Ин барои ҳамаи кишвару халқҳои дар зинаи муайяни мавҷудияти таърихӣ ба гирдоби он афтода, давраи мудҳиштарини таърихӣ маҳсуб мешавад. Ҳамаи вазнинии талошҳои беохиру хунрезиҳои аҳли хонадони соҳибсалтанат барои ҳокимият, задухӯрдҳои бардавоми феодалон барои васеъ кардани замин ва монанди он, инчунин, рафтори горатгаронаю харобкоронаи онҳо пеш аз ҳама ба дӯши аҳли заҳмат меафтид. Агар ба ин боз тохту тозҳои горатгаронаи ҳамсоягон ва аҷнабиёни бегонанажодро, ки маҳз дар замони бӯҳронҳои шадиди парокандагии феодалӣ авҷ мегирифт, зам кунем, онгаҳ вусъати фоҷиабору тоқатфарсои ин падидаи номақбули таърихӣ равшан мегардад.

Таърих бисёр мисолҳоеро медонад, ки парокандагии феодалиро баъзе халқҳо дар замони нисбатан кӯтоҳ паси сар карда, ба давраи рушди давлати мутамарказ соҳиб мегарданд. Аммо ин тамаркузи давлатию этникӣ барои баъзе халқиятҳо ниҳоят тӯлонию фоҷиабор сурат мегирад. Мушкилоти ин раванд дар тақдири таърихии халқи тоҷик бараъло эҳсос мешавад.

Сабаби онро дар мушкилоти шароити ҷуғрофӣ, нигаҳдошти тӯлонии муносибатҳои патриархалию авлодӣ, хоҷагии натуралии ба замони феодализм хос буда ва дар ин

---

[1] Пирумшоев Ҳ. Дарвоз. – С. 73-95.

замина сустии алоқамандии иқтисодию савдоии байни мулкҳои (шоҳигариҳо) минтақа бояд ҷуст. Маҳз ҳамин сабабҳо буд, ки ҳатто ҳокимон ё шоҳони ин мулкҳои мустақилу ниммустақил, гарчи худро чун намояндаи як сулола муаррифӣ мекарданд, нафақат дар ниҳоди худ ифоқаю бо ҳам муттаҳидшавиро ҷой намедоданд, балки доимо дар фикри бо роҳи часпу талоши хунин гасб намудани якдигар буданд. Сабаби муваққатан туъмаи аҷнабиён шуданашонро низ бояд дар ҳамин дид.

Аз тарафи дигар ҳақталошии мардуми ин мулкҳо боис гашта буд, ки худро нафақат аз гасби ҳокимони ҳамҷавор, инчунин аз аҷнабиёни мамолики нисбатан дур ҳифз намуда, бо ҳамин анъанаҳои дар тӯли қарнҳо сайқалгирифтаи давлатдории аҷдодиро нигоҳ дошта, то замони навин расонанд. Вобаста ба ин боз аз он нукта бояд ёдовар шуд, ки ин нобасомониҳои сиёсӣ ҳамбастагии фарҳангии мардуми мулкҳои Помиру Бадахшонро бо ҳамзабонону ҳамнажодони соҳибфарҳанги водинишини минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он ҳеҷ гоҳ ҷиддан канда накардааст.

Воқеаҳои бо туфайли сиёсати гаразмандонаи давлатҳои абарқудрати Англияю Русия, ки дар нимаи дуюми қарни XIX бевосита дар минтақа огоз шудаву ба тасарруфи Осиёи Миёна анҷом ёфта, натиҷаи фоҷиабору қубҳи мустамликавӣ, аз ҷумла ба марзбандиҳои ниҳоят гайриодилона нигоҳ накарда, барои тоҷикон то андозае имконияти қисматсоз муҳайё намуданд.

Гарчи то инқилоб тоҷикони минтақа дар ҳолати парокандагӣ, дар ҳайати генерал-губернатории Туркистон, дар ҳудуди аморати Бухоро ва дигар ҷойҳо сукунат доштанд, вале раванди баъдиинқилобии воқеаҳо барои қисман муттаҳид кадани онҳо дар ҳайати як давлат шароити мусоид фароҳам овард. Аз ин лиҳоз дар ҳама ҳолат, кӯшиши муттамарказ намудани давлату халқият амали хайру тақдирсоз ҳисоб меёбад.

# БОЗ ЧАНДЕ АЗ ХУСУСИ ДАРКИ МАНТИҚИИ УМУМИЯТИ ПОМИРУ БАДАХШОН

Шарҳи ниҳоят мухтасари дар боло доир ба пайдоиш ва ташаккули анъанаҳои давлатдорӣ дар Помиру Бадахшон оварда, хонандаро ба суоле рӯ ба рӯ месозанд, ки дар байни ду ибораи барои ин минтақаи баландкӯҳ ба сифати ному унвондорӣ ба ҳукми таърих даромада – «Помир» ва «Бадахшон», чӣ умумияту чӣ фақияте ҳаст?

Маълум аст, ки Помир – воҳиди ҷуғрофии қисмати марказии як қатор силсилакӯҳҳои ҷануби Осиёи Марказист, ки бо қуллаҳои Ҳиндукушу Қароқурум ва Кутн-луну Тян-шан ҳамҷвор мебошад. Ин макону фазои кӯҳӣ бештар дар ҳудуди Тоҷикистон ва чанде дар қаламрави Афғонистон, Покистон, Хитой ва Қирғизистон ҷой дорад. Вале аз рӯи фаҳмиши ҷуғрофии кунунӣ, кисм марказӣ ва баландтарини он дар ҳудуди Тоҷикистон буда, бо ибораи побарҷои ҷуғрофии «Помир» ва чун воҳиди маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар адабиёти расмӣ ва илмӣ ворид гаштааст.

То ба имрӯз доир ба пурраю амиқ муайян намудани ҳад ё худ сарҳади ҷуғрофии «Помир»-у «Бадахшон» дар байни олимони табиатшинос (набототшиносон, ғеологҳо, ҷуғрофияшиносон, кимиёшиносон, физикадонону астрономҳо) тадқиқоти зиёде анҷом шуда бошанд ҳам, фикрҳои мухталиф хеле зиёданд. Ҳатто дар таҳлили этимологии ибораи «Помир» низ ҳанӯз баҳсу мунозираҳо идома дорад.

Вале мо аз рӯи маҳдудияти касбии худ дар ин равияҳои ниҳоят мураккабу печидаи илмӣ ба мубоҳиса шарик нашуда, фақат хулосае пеш меорем, ки аз кадом самте, ки ба ин масъала нанигарем, фаҳмиши марзбандии табиӣ-ҷуғрофӣ, ки аз ақидаи олимони табиатшинос бармеояд, доираи биниши марзи ҷуғрофии Помир ва маъмурии Бадахшонро ҳарғиз маҳдуд накарда, баръакс ба он мазмуни қавитари таърихӣ бахшидааст.

Дар ин ҷода аз хизмати бузурги муҳаққиқони тоинқилобии рус А.П. Федченко, Н.А. Северсов, В.Ф. Ошанин, В.И. Липский, А.Э. Регел, Грумм-Гржимайло, Б.Л. Громбчевский Н.Л. Корженевский ва бисёр дигарон бояд ёдовар шуд. Гарчи аз рӯи фаҳмиши амиқи ҷуғрофии замони мушоҳидаи худ онҳо нисбатан маҳдуд будани ҳудуди Помирро (дар доираи Помири шарқӣ) нағз медонистанд, вале бошуурона ҷойгиршавии ҷуғрофии онро аз маҳдудияти фақат дарки табиӣ бароварда, ба фаҳмиши ҳудудии хеле васеъю ба таърихи қадиму талаби замони худ ҷавобгӯ мувофиқ намудаанд. Аз рӯи ин нишондоди қатъиян ислоҳдидаи онҳо андозаи табиӣ-ҷуғрофии Помир чунин муайян шудааст: дар шимол – қуллаи Пушти Олой, дар Шарқ – Қошғар (Кун-луни ғарбӣ), дар ҷануб – доманаи Ҳиндукуш, дар ғарб – теғаи Кӯҳи Лаъл, сарҳади шимолӣ-ғарбии онро бошад, теғаи қаторкӯҳҳои Ванҷу Академияи илмҳо ҷудо мекунад. Баъдан ин нишондиҳандаҳо то қаторкӯҳҳои Дарвоз расидаанд. Дар фаҳмиши васеъи табиӣ-ҷуғрофӣ ҳудуди Помир ба 91 945 километри мураббаъ мерасад. Вале, чи тавре дар боло ишора рафт, фаҳмиши ҷуғрофӣ-маъмурии Помир, ки воҳиди маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар бар мегирад, ба 63,7 ҳазор километри мураббаъ баробар буд[1], баъди қарордоди байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Халқии Хитой ва дар ин замина 1 142 километри мураббаъи он ба Хитой гузаштан, ҳоло 62 553 километри мураббаъро ташкил медиҳад.

Ҳам дар адабиёти илмии таърихию ҷуғрофӣ ва ҳам дар фаҳмиши сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бурунмарзоне, ки онро чун кишвари афсонавию «Боми ҷаҳон» мешиносанд, иборaҳои ҷуғрофии «Помир» ва маъмурии «Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон» тавъаманд. «Помир» дар фаҳмиши рамзӣ-ҷуғрофӣ чун ҳудуди расмии маъмурии дав-

[1] Таджикская Советская Социалистическая Республика. – Изд. вт. – Душанбе, 1984. – С.8.

рони Шуравӣ ва кунунӣ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин ибораи ниҳоят шинамфаҳмишу ҳолати маъмурии ҳудуди Кӯҳистони Бадахшонро ҳаргиз танг накарда, баръакс як шаҳомати ифтихоромези таърихию ҷуғрофӣ мебахшад. Ин мафҳумест, ки дар фаҳмишу идроки мардуми Тоҷикистон ва ҷаҳон чун рамзи нигаҳдошти табиату сарвати азалӣ, чун кишвари афсонавӣ – «Боми дунё» шинохта шудааст. Ин фаҳмиш бояд бетағйир монад. Гузашта аз он беҳтар мебуд, ки ҳамон мафҳуми анъанавию чун классикӣ қабулшудаи «Помир», ки дар адабиёти ҷаҳонӣ маълум аст, нигоҳ дошта шавад.

Албатта мафҳуми маъмулан таърихиву маъмурии «Бадахшон» ё «Кӯҳистони Бадахшон», ҳарчанд хеле мувофиқу қобили қабул бошад ҳам, ба он ҳудуди маъмурии имрӯзаи ВМКБ, ки ба амри тақдиру таърих ба расмият даромадааст, мувофиқат карда наметавонад. Бештар аз се ду қисми Бадахшони таърихӣ дар ҳудуди давлати Афғонистон ҷой дорад, ки он ҳам аз рӯи фаҳмиши ҷуғрофии аз тарафи муҳаққиқони рус ишора гашта, то ҷудо шудани сарҳади кунунӣ (соли 1895), чи тавре дар боло ишора рафт, дар ҳудуди ҷуғрофии Помир ҷой дода шуда буд.

Ҳарчанд собиқ мулки мустақили Бадахшон чун як воҳиди маъмурӣ (вилоят) дар ҳайати давлати Афғонистон қарор дорад, вале ин барои аз ибораи «Бадахшон» сарфи назар кардани мо асос шуда наметавонад. Гузашта аз он ҳақиқати таърих водор месозад, ки ҳама вақт бо Бадахшон мансубияти авлодиву давлатдорӣ доштанамонро дар мадди назар нигоҳ дорем. Бадахшон ватани аҷдодии тамоми тоҷикони дар ҳудуди васеи ҷуғрофии Помир буду ватани авлодӣ боқӣ хоҳад монд. Ҷудосозии сунъии марзӣ ҳеҷ гоҳ решапайвандиамонро канда наметавонад. Дар ин ҷода аз овардани як хулосаи мантиқӣ, худдорӣ кардан, маънии аз воқеияти таърих масофа ҷустанро дорад. Ҳарчанд далели мӯътамади расмие дар даст надорем, вале аз тахмини

мантиқӣ бармеояд, ки ҳангоми таъсис додани вилоят, номи онро шарқшиносони рус, чун Бадахшон тавсия доданд, низ аз ҳамин ҳамбастагии таърихӣ ва умеди ислоҳи шартномаи беадолатонаи марзбандии Помир байни империяҳои Русияю Англия соли 1895 бармеояд. Агар ин назардошт намебуд, ба ҷойи ВМКБ ном гирифтани Вилояти Помир аз эҳтимол дур буда наметавонист.

Чунин дарки масъала водор месозад, ки аз ибораи ҷуғрофии «Помир» наҳаросида, онро чун рамзи ифодакунандаи пурраи фаҳмиши Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон имрӯзу фардо нигоҳ дорем. Ин ба ақидаи донишмандони таъриху табиатшиносӣ Б.И Искандаров, О.Е. Агаханянс, А. Юсуфбеков ва бисёри дигарон низ мувофиқат мекунад. Амали акс дар ин самт ба фоидаи мо буда наметавонад. Ба ҷуз дарки таърихии масъала, дар ин ҷода бояд биниши сиёсӣ ва ҳадафи дурнамо (стратегӣ) дошта бошем. Кӯшиши фаҳмишу қабули яктарафаи ҳар яке аз ин мафҳумҳои ҷуғрофӣ-маъмурӣ «Помир» ва «Бадахшон», муқобилгузории онҳо, амалест, ки фақат аз тафаккури ноқиси дарки таърихи миллат ё гарази сиёсӣ дарак медиҳад.

# АЗ ТАЪРИХИ БАДАХШОНИ ШӮРАВӢ

## Дигаргунсозиҳои солҳои 20 – миёнаи солҳои 40

Баъди галаби инқилоб ва барқарор намудани Ҳокимияти Шӯравӣ, Помир чун як воҳиди маъмурӣ дар вилояти Фаргонаи ҶМШС Туркистон ва аз 15 августи соли 1923 бевосита ба ҳайати Ҷумҳурии мухтори Туркистон ворид карда шуд. 5 ноябри соли 1924 Комиссияи миллии Тоҷикистон аз Бюрои сиёсии КМ РКП(б) оид ба дар Помир таъсис додани вилоят ва ба ҶМШС Тоҷикистон ҳамроҳ намудани он, расман пешниҳод ирсол намуд. Шояд мақсади иҷрои ҳамин хоҳиш буд, ки ба ҷои вилояти мухтори пешбинишуда,

Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуд[1].

27 ноябри соли 1924 сессияи дуюми КИМ ИҶШС қарори таъсисёбии ҶМШС Тоҷикистонро дар ҳайати ҶШС Узбекистон расман тасдиқ намуд. Сипас тибқи қарори Раёсати КИМ ИҶШС аз 2 январи соли 1925 чун ВМКБ дар ҳайати ҶМШС Тоҷикистон асоси расмӣ гирифт.

Зинаи дуюми тақдирсоз барои таърихи халқи тоҷик таъсисёбии ҶШС Тоҷикистон (соли 1929) ҳисоб меёбад. Дар ин раванди таърихии ҷумҳурӣ, ВМКБ дар ҳама самтҳои ҳаёт, чӣ иқтисодию иҷтимоӣ ва илмию фарҳангӣ ба комёбиҳои бузургу намунавӣ ноил гардид.

Ҳамин тариқ, анъанаҳои хоси соҳибдавлатӣ дар Помиру Бадахшон ва дигар мавзеъҳои Осиёи Марказӣ, ки саршори талошмандии бебарори тоҷикон дар роҳи ваҳдату эҳёи давлати ягона буданд, ахиран бо тақозои таъриху тақдир ба орзуи қарнҳо дар дил парварида, ба амалӣ гаштани суннатҳои давлатдории миллӣ расиданд. Дар ин ҷода хизмати зодагони Помир, алалхусус Шириншоҳи Шоҳтемур, ки дар замони истиқлолият ба дараҷаи Қаҳрамони Тоҷикистон қадрёбӣ шудааст, равшан ба назар мерасад.

Дар ин ҷо ба маврид аст, аз таърихи таъсисёбии ноҳияҳои дар ҳайати Вилояти мухтори Бадахшон буда ёдовар шавем.

**Ноҳияи Дарвоз.** То Инқилоби халқии Бухоро ва вожгун гардидани аморат, (соли 1920), чун амлокдории марказӣ – Қалъаихумб дар ҳайати бекигарии Дарвози Аморати Бухоро қарор дошт. Солҳои 1920 – 1924 ба сифати воҳиди маъмурӣ – тумони Қалъаихумб дар ҳайати вилояти Ғарми Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро буд. Баъди тақсимоти миллӣ-ҳудудии Осиёи Миёна, солҳои 1924 – 1929, тумони Қалъаихумб расман ба ҳайати вилояти Ғарми Ҷумҳурии мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон маҳсуб мешуд.

[1] Ниг.: Масов Р. История топорного разделения. Душанбе, 1991. – С.62.

Мувофиқи далелҳои мансубияти расмӣ ин воҳиди маъмурӣ дар солҳои оянда ба тариқи зайл сурат гирифт: 14 декабри соли 1930 тумони Қалъаихумб ба ноҳияи Қалъаихумб иваз шуда, ба он волости пештараи Ванҷи (бо бардоштани имтиёзи волости) аз ҳайати Вилояти мухтори Бадахшони кӯҳӣ ҷудо кардаро пайваста, бевосита ба тобеъияти мустақими Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон гузарониданд. Ин шакли мавҷудияти воҳиди маъмурӣ барои Қалъаихумб то соли 1938 нигоҳ дошта шуд. Солҳои 1938-1939 ноҳияи Қалъаихумб дар ҳайати округи Ғарми ҶШС Тоҷикистон нигоҳ дошта мешуд. Солҳои 1939-1957 ин ноҳия дар тобеъияти вилояти Ғарми ҶШС Тоҷикистон ва аз 26 августи соли 1957 ин ҷониб дар ҳайати Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор дорад. Дар ин радиф бояд ёдовар шуд, ки ноҳияи Қалъаихумб дар асоси Қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 29 июни соли 1991 чун ноҳияи Дарвоз номгузорӣ гардидааст.

**Ноҳияи Ванҷ**. То соли 1920 амлокдории Калъаи Ванҷи бекигарии Дарвози аморати Бухоро. Солҳои 1920 – 1924 чун тумони Ванҷ дар ҳайати вилояти Ғарми ҶМШС Тоҷикистон ҳисоб меёфт. 1926 – 1930 волости Ванҷ дар ҳайати ВАБК (ВМКБ) буд. Солҳои 1930 – 1933 Ванҷ чун қисми ҳудудии ноҳияи Қалъаихумб бевосита дар тобеъияти ҷумҳурӣ қарор гирифт. Тибқи Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тҷикистон аз 29 майи соли 1933, № 46 расман ноҳияи Ванҷ таъсис ёфта, то соли 1937 дар тобеъияти бевоситаи ҷумҳурӣ қарор дошт. Дар асоси Қарори Президиуми КИМ-и Шӯроҳои ҶШС Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 1937, № 43 ноҳияи Ванҷ расман ба ҳайати ҳудудии ВМКБ гузаронида шуд.

**Ноҳияи Рӯшон.** То соли 1918 волости Рушони дар ҳайати ноҳияи (район) Помири вилояти Фаргонаи кишвари Туркистон қарор дошт. Солҳои 1918 – 1925 волости Рӯшони ноҳияи Помир дар ҳайати ҶМШС Туркистон ва солҳои 1925 – 1929 ба ҳайси ҷузъи маъмурӣ – волости ВМКБ дар ҳайати

ҶМШС Тоҷикистон, сипас, солҳои 1929 – 1932 ҶШС Тоҷикистон. 27 октябри соли 1932 ноҳияи Рӯшон дар ҳайати ВМКБ таъсис ёфт.

Ҳамин гуна тағйироти ба сохтори воҳиди маъмурии Рӯшон мансуб будаоро ноҳияҳои **Шуғнон, Ишкошим, Вахон ва Бартанг** низ гузашта, расман 27 октябри соли 1932 ба сифати ноҳияҳои воҳиди ВМКБ, таъсис ёфтаанд.

**Ноҳияи Мурғоб** – то соли 1918 волости Помири Шарқӣ дар ҳайати ноҳияи Помири вилояти Фаргонаи кишвари Туркистон қарор дошт. Солҳои 1918 – 1924 – волости Помири Шарқии ноҳияи Помири ҶМШС Туркистон, солҳои 1925 – 1929 – волости Помири Шарқии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони ҶМШС Тоҷикистон, солҳои 1929 – 1932 – волости Помири Шарқии ВМКБ Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон. Тибқи Карори КИМ-и ҶШС Тоҷикистон аз 27 октябри соли 1932 ноҳияи волости Помири Шарқи чун ноҳияи Мургоб дар ҳайати ҶМКБ расман арзи ҳастӣ намудааст.

Албатта, дар солҳои Ҳокимияти шӯравӣ дар ин ноҳияҳои номбурда баъзе тағйиротҳои ҳудудӣ дар шакли бо ҳам омезиш додану боз ҷудо намуданҳо ба назар мерасанд. Вале маҷмӯан дар ВМКБ баъди ба он ҳамроҳ намудани ноҳияи Дарвоз (соли 1957), агар аз баъзе деҳоти ин ноҳия, ки ба ҳудуди ноҳияи соли 1991 аз нав таъсисёфтаи Тавилдара (ин ноҳия солҳои 1931– 1955 дар ҳайати вилояти Ғарм арзи вуҷуд дошта, соли 1955 расман барҳам хӯрда буд) гузаронда шудааст ва он қисмати (1 142 километри мураббаъ), дар ҷаласаи иҷлосияи дуюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Протоколи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи демаркатсия хати сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой моҳи январи соли равон (2011) ба тавсиб расида, ба Ҷумҳурии Халқии Хитой гузаштааст, сарфи назар кунем, аз ҷиҳати ҳудудӣ дар он тағйироти дигаре ворид нагардидааст.

Аз кадом самте, ки назар накунем, ВМКБ дар солҳои Ҳокимияти шӯравӣ ба дастовардҳои ниҳоят назаррасе ноил гаштааст.

Таъсисёбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар таърихи тӯлонии ин диёр саҳифаи наву бесобиқаи тақдирсоз кушод. Пеш ва беш аз ҳама натиҷаи ин дастоварди бузург дар бо ҳам омадани тоҷикони як ҳавзаи осиёимиёнагӣ, аввалан дар доираи ҶМШС Тоҷикистон ва чанде баъд, соли 1929, дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон зоҳир гардид.

Дар таърихнигории Ватанӣ доир ба давраи гузариш ба тарзи нави хоҷагидории шӯравӣ ва дар як муддати кӯтоҳ бо ёрии маблаггузории марказӣ ба маҷрои назарраси истеҳсолоти кишоварзию саноатӣ ва дастовардҳои бесобиқаи фарҳангӣ дар ВМКБ таҳқиқоти зиёде гузаронида шудааст. Аз ин рӯ бо овардани чанд мисоле, ки аз пешравии вилоят дарак медиҳанд, маҳдуд мешавем.

Маълум аст, ки дар шароити бероҳии солҳои 20 – 30 – юм, ягона роҳи ҳалли мушкилоти озуқавӣ ва саноатӣ ин бо роҳи маблаггузории марказӣ дуруст ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ ва косибии анъанавӣ ҳисоб меёфт.

Аз рӯи маълумоти мавҷуда, дар арафаи инқилоб (соли 1917) дар Помири Ғарбӣ 2 228 оилаҳои деҳқонӣ ба коркарди замин машғул буданд. Майдони умумии кишт бошад, ба 2 816 десятина (ба 4 таноб ё 1, 09 гегтар баробар буд), ки ба ҳар хоҷагӣ каме бештар аз як десятина рост меомад. Зироаткорӣ қариб пурра аз тариқи обёрӣ ба роҳ монда шуда буд. Баъди зироаткорӣ, шакли муҳими хоҷагидорӣ чорводорӣ ҳисоб меёфт. Дар ин давра шумораи умумии чорвои калон ба 14,1 ҳазор, чорвои хурд (бузу гӯсфанд) – 64,2 ҳазор ва асп ба 1,6 ҳазор мерасид. Аҳолӣ аксаран дар соҳили дарёҳои Панҷ, Ғунт ва Шохдара дар деҳаҳои на чандон калони аз 10-15 то 20-25 хоҷагӣ дошта зиндагӣ ба сар мебурданд.

Дар Помири Шарқӣ, аз сабаби номусоидии иқлим ба

чорводории кӯчӣ машғул буданд, дар як масоҳати нисбатан васеъ 512 хоҷагии кӯчӣ ба сар бурда, дороии умумиашон ба 6 ҳазор чорвои калон, 38,6 ҳазор бузу гӯсфанд ва 0,8 ҳазор асп мерасид[1].

Баъди инқилоб зери роҳбарии кумитаҳои инқилобӣ, кумитаҳои замину об таъсис ёфтанд, ки тамоми замини киштбобро ба қайд гирифта, заминҳои муллоёну боёнро мусодира карда, ба деҳқонон тақсим намуданд. Табиист, ки ислоҳоти замин дар ҳолати муборизаи шадиди синфӣ гузашта, асосан охири апрели соли 1922 дар аксари деҳоти волости Шугнону Рӯшон анҷом ёфт.

Ҳокимияти Шӯравӣ бо мақсади самаранок истифода бурдани замин, ба хоҷагиҳои деҳқонон барои харидорӣ намудани ҳайвони корӣ ва асбобу анҷоми зарурии кишоварзӣ бебозгашт (бепардохт) ва барои кишт аз захираи озуқавии отряди Помир 320 пуд гандуми тухмӣ, 47 пуд ҷав, 44 пуд картошка ва ба миқдори 150 пуд тухмиҳои дигари зироатӣ ҷудо намуд[2].

Албатта дар рафти гузаронидани ислоҳот ба баъзе хатоиҳо низ роҳ дода шуд. Аз ҷумла, Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ моҳияти Сиёсати нави иқтисоди баъди ҷанги шаҳрвандии Русия ҷорӣ шударо нодуруст фаҳмида, ба баъзе аз собиқ бойҳо имкон дод, ки заминҳои аз ин пеш мусодирашудаашонро аз нав ба худ баргардонанд. Баъди ин амали хатои худ, Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ, мақсади ислоҳотро ба аҳолӣ дуруст фаҳмонда, бо роҳи дубораи интихоботию раъйпурсӣ ба дасгирии аксарияти деҳқонон ноил гадида, ислоҳотро амалӣ сохт.

---

[1] Ниг.: Статистический ежегодник 1917–1923 гг. – Т.2. – Ч.3. – Ташкент,1924. – С.23-25; Антоненко Б.А. Социалистические аграрные преобразования в Горно-Бадахшанской автономной области // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе: Ирфон,1981. – С.208-209; История Горно-бадахшанской автономной области. – Т.II. – Душанбе, 2005. – С.69-70.

[2] Каримов Т. Победа Великой Октябрьской социалистической революции и решение аграрного вопроса в Таджикистане. – Ч.1. – Душанбе,1968. – С.396.

Барои дуруст ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ ва таъмин намудани вилоят аз маводи зарурии озуқавӣ, аҳолӣ дар муддати чанд сол аз андоз пурра озод ва барои хоҷагиҳои камбизоат қарзи дарозмуддат дода мешуд. Ҳамаи ин чорабиниҳо имкон дод, ки дар ибтидои соли 1925, замони таъсисёбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ба ҳайати ЧМШС Тоҷикистон ҳамроҳ намудани он, ҳаҷми маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба дараҷаи арафаи инқилобӣ расонда шавад.

Дар соли минбаъда низ, ба гайр аз озод намудани сокинони вилоят аз андози озуқавӣ ҳаҷми ёрии ройгони давлатӣ то рафт бештар меафзуд. Масалан, солҳои 1925-26 ва 1926-27 барои хоҷагиҳои камбизоату эҳтиёҷманд аз ҳисоби фонди маблаггузории ҷумҳуриявӣ 12 ҳазор сӯм, барои беҳтар намудани кору сотмони иншоотҳои обёрикунанда солҳои 1926-27 – 1929-29 дар ҳаҷми бештар аз 54 ҳазор сӯм маблаггузорӣ шудааст. Соли 1926 барои корҳои сохтмонӣ ва кишоварзӣ барои вилоят ба миқдори 4 700 бел, 800 каланд, 300 зогнӯл, 100 чоршоха ва гайра ба тариқи ёрӣ фиристода шуд. Барои таъмири олоти зарурии кории кишоварзӣ дар Хоруг ва баъдан дар дигар деҳаҳои калон устохонаҳои таъмири он ба кор дароварда шуданд.

Дар солҳои минбаъда ҳаҷми чунин ёрмандиҳои ройгонӣ то рафт бештар меафзуд. Масалан, соли 1928-29 барои ин мақсад 5 ҳазор ва соли оянда (1929-30), қариб 18 ҳазор сӯм ҷудо гардидааст. Чунин чорабиниҳо дар солҳои 30, давраи сохтмони колхозӣ боз бештар ба назар мерасиданд[1]. Бо сабабҳои маълум раванди коллективонӣ дар ВМКБ бештар тӯл кашид. То 1 январи соли 1939 дар вилоят 123 колхозҳо амал мекарданд. Аз ҷумла: дар ноҳияи Ванҷ – 30, Шугнон –

[1] Ниг.: Антоненко Б.А. Социалистические аграрные преобразования в Горно-Бадахшанской автономной области //Очерки по истори Советкого Бадахшана. – Душанбе: Ирфон,1981. – С.212-230; История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.II. Новейшая история. – Душанбе, 2005. – С.70-71.

31, Рошқалъа – 17, Ишкошим – 12, дар ҳар кадоме аз ноҳияҳои Вахон, Рӯшон ва Бартанг ба миқдори 11 колхозҳо ташкил ёфта буданд. Соли 1937 бо қарори Кумитаи иҷроияи вилоят 30-40 хоҷагии бойҳои маҳаллӣ мусодира ва ба деҳқонон тақсим шуд. пойгоҳи техникии колхозҳо то рафт бештар қавӣ мегашт. Соли 1937 колхозҳои вилоят дар ҳаҷми 7,3 ҳазор ва соли 1938 зиёда аз 56,1 ҳазор сӯмина ёрии техникии кишоварзӣ гирифтаанд.

Табиист, ки тарзи хоҷагидории нав ба ихтисосмандон эҳтиёҷ дошт. Дар назди Раёсати замини вилоят курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр намудани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ кушода шуданд. Солҳои 1936-1937 аз ин курсҳо 25 мутахассиси ҳисобчӣ – бухгалтер, 20 нафар бригадир – мутахассиси зироаткорӣ, солҳои 1937-1938 бошад, 13 бухгалтер, 64 ҳисобчӣ, 99 саркор (бригадир) ва 8 табелчӣ гузаштаанд. Ба гайр аз ин дар курсҳои бо ташаббуси Комиссариати халқии замини ҷумҳурӣ (Наркомзем) барои колхозҳои вилоят кушода, як гурӯҳ агрономҳо, техникҳои чорводорӣ байторҳо ва замбури асалпарварон тайёр карда шуданд.

Соли 1938 майдони кишти вилоят то 11,8 ҳазор гектар зиёд гардид. Ҷамъоварии галлодона дар колхозҳо аз 8,2 ҳазор сентнери соли 1936, соли 1938 ба 50,3 ҳазор сентнер расонда шуд. Истеҳсоли картошка қариб даҳ маротиба афзуд. Ин дастовардҳо дар соҳаи богдорӣ низ ба назар мерасиданд.

Маракаи коллективонидани хоҷагии деҳот дар вилоят соли 1939 пурра ба итмом расонида шуд. 120 колхозҳои вилоят 95 хоҷагиҳои деҳқониро дар бар мегирифтанд. Дар ин раванд даромади колхозҳо низ меафзуд. Соли 1937 даромади умумии колхозҳои вилоят ба 494 ҳазор сӯм расида бошад, соли 1938 ин нишондиҳанда ба зиёда аз 1 миллион баромад. Арзиши миёнаи як рӯзи меҳнати деҳқон соли 1935 ба 2,4 кг галла ва даромади пулӣ ба 33 тин баробар буд. Ин нишондиҳанда соли 1938 ба 4,5 кг ва 62 тин баромад. Ба

ҳисоби миёна соли 1938 ба ҳар хонаводаи деҳқон 14,3 сентнер истеҳсоли галла рост омад, ки пеш аз инқилоб он дар тасаввур намеғунҷид.

Аз ин дигаргунсозиҳои хоҷагидории дастҷамъӣ Помири Шарқӣ ё ноҳияи Мургоб, ки дар он аҳолии кӯчии қиргиз аз рӯи анъаноти авлодии худ зиндагию фаъолият доштанд, дар канор буда наметавонист. Охири солҳои 30 – ибтидои 40-ум дар кори гузаштани онҳо ба ҳаёти муқимӣ чораҷӯиҳои ҳадафрасе гузаронида шуд. Дар раванди коллективонӣ хоҷагидории бойҳо барҳам хӯрда, чорвои онҳо ба тарзи идоракунии колхозӣ гузашт. Тобистони соли 1941 шумораи умумии чорво дар 20 фермаҳои чорводории ноҳияи Мургоб ба 3,7 ҳазор сар расид.

Ҳамин тариқ, соли 1940 раванди коллективонии хоҷагии деҳот дар ВМКБ пурра анҷом ёфт. Дар ин вақт колхозҳо 5 919 хоҷагиҳоро муттаҳид намуданд, ки ин 99 % тамоми хоҷагиҳои деҳқониро ташкил медод. То рафт бештар мустаҳкам шудани пойгоҳи техникии колхозҳо барои рушди истеҳсолот мусоидат мекард. Соли 1940 истеҳсоли умумии галладона ба 73 ҳазор сентнер, картошка ба 15,9 ҳазор сентнер расонда шуд. Акнун вилоят 80 % талаботи худро ба истеҳсоли маҳсулоти галладона таъмин мекард. Бо кам шудани саршумори чорво дар давраи босмачигарӣ нигоҳ накарда, соли 1940 ин сарҳисоб ба 176,9 ҳазор расид. Маҳз ҳамин дастовардҳои истеҳсолӣ буд, ки дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945), меҳнаткашони ВМБК на фақат талаботи худро то андозае қонеъ мекарданд, инчунин барои дастгирии ҷанговарон ба ҷабҳа кӯмаки озуқавӣ ирсол мекарданд.

## Рушди кишоварзӣ дар солҳои баъдиҷангӣ

Солҳои баъдиҷангӣ имконоти истеҳсолии вилоят боз бештар афзуд. Ба ин роҳи автомобилии Сталинобод – Хоруғ, ки ҳанӯз соли 1940 барои истифода омода гашта буд

ва роҳҳои маҳаллӣ мусоидат мекарданд. Соли 1948 қисми зиёди колхозҳои ноҳияҳои Рӯшон, Шугнон, Рошткалъа, Ванҷ аз ҳар гектар аз 20 то 30 сентнер галла гирифтанд. Дар муқоиса бо соли 1940 соли 1946 саршумори чорвои ҷамъиятӣ 9 баробар афзуда, ба 155 665 сар расид (соли 1940 ин нишондиҳанда ба 12 903 баробар буд). Аз ҷумла саршумори чорвои калон – 4,5 ва бузу гӯсфанд – 11 маротиба афзуд. Чунин дастовардҳоро дар соҳаи пиллакорӣ низ мушоҳида мешуд[1].

Солҳои 50-ум барои беҳдошти шароиту имконоти роҳбарӣ, бисёр колхозҳо муттаҳид карда шуданд. Соли 1955 дар вилоят 52 артелҳои хоҷагии деҳот 6,1 хазор хонаводаҳои деҳқониро бо ҳаҷми умумии 12 ҳазор гектар майдони кишт ва 28,5 ҳазор чорвои ҷамъиятӣ дар бар мегирифтанд. Охири солҳои 50-ум дар майдонҳои колхозии вилоят 44 трактор, даҳҳо плугҳои истеҳсоли саноатӣ, тухмипошакҳо, мошинҳои заминнармкунӣ (култиватор), мошинаи даравкунӣ (косилка) мавриди истифода қарор ёфта буданд. Акнун дар корҳои хоҷагидории деҳқонӣ мутахассисони дараҷпи миёна ва олӣ фаъолият доштанд. Ҳамаи ин барои пешрафти истеҳсолот мусоидат мекард. Соли 1958 истеҳсоли умумии галладонаи кохозҳои вилоят ба 116,1 ҳазор сентнер, картошка – 40,2 ҳазор, сабзавот ба 4,9 ҳазор сентнер расид. Чунин пешравиҳо дар истеҳсоли богдорӣ, истеҳсоли гӯшт, шир, пашм ва гайра мушоҳида мешуд. Суръати истеҳсолот дар солҳои 60-70-ум боз бештар ба назар мерасид.

Аз нимаи дуюми солҳои 70-ум сар карда бо хоҳиши худи аъзои артелҳои хоҷагии қишлоқ (колхозҳо) ба тарзи хоҷагидории давлатӣ – шӯравӣ (совхоз) гузаштан огоз ёфт. Охири соли 1977 дар вилоят 25 совхоз бо шумораи умумии 14,8 ҳазор коргарону хизматчиён, ки 17,1 ҳазор гектар замини кишт ва 280 ҳазор сар чорворо дар бар мегирифтанд,

---

[1] См.: История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т. II. – Душанбе, 2005. – С.123.

фаъолият доштанд. Ин имкон дод, ки ҳаҷми маблаггузории давлатӣ ба ин хоҷагиҳо зиёдтар гардида, пойгоҳи техникии онҳо ба талаби замон мувофиқ карда шавад. Соли 1977 дар майдонҳои хоҷагиҳои шӯравии (совхозҳо) вилоят 267 трактор, 14 мошинаҳои даравкунӣ (комбайн), 640 автомобилҳои боркаш ва даҳҳо намудҳои дигари техникаро коргарони ин сохозҳо дар ихтиёр дар доштанд[1].

Истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар охири солҳои 70–нимаи аввали 80 боз бештар суръат гирифта буд. Соли 1983 сатҳи майдони кишт дар вилоят хеле васеъ шуда, ба 18,3 ҳазор гектар ва саршумори умумии чорво ба 413,6 ҳазор расида буд. Тамоми нақшаҳои давлатии хариди маҳсулоти кишоварзӣ пурраю барзиёд иҷро мешуданд[2].

## Аз косибӣ ба истеҳсолоти саноатӣ

Косибӣ дар Помир, мисли дигар қисматҳои тоҷикнишини Осиёи Марказӣ таърихи хеле қадимӣ дошта, то замони ба истеҳсолоти саноатӣ гузаштан ба тарзи истеҳсолоти феодалии бо боқимондаҳои анъаноти патриархалӣ омезишёфта нигоҳ накарда, талаботи сокинони муқимии онро ба маҳсулоту олоти зарурии рӯзгордорӣ ва кишоварзӣ бо мушкилоти зиёде бошад ҳам, таъмин менамуд. Ҳамчунин дар ин кишвари кӯҳӣ ба таври маҳдуд бошад ҳам то инқилоб истихроҷ ва истеҳсоли оҳан, тилло, мис, нуқра, сурб (қурғошим), олтингӯгирд, лоҷвард ва дигар маъданҳо дар сатҳи муаян ба роҳ монда шуда буд.

Истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандию косибии анъанавӣ

---

[1] Доир ба рушди кишоварзии ВМКБ то охири солҳои 70-ум ниг.: Антоненко Б.А. Сотсиалистические аграрные преобразования в Горн-Бадахшанской автономной области // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе: Ирфон,1981. – С.208-241; Истори Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.II. Новейшая история. – Душанбе, 2005. – С.143-162.

[2] История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.II. – С.162.

бо баркарор шудани ҳокимияти Шӯравӣ, алалхусус баъди таъсисёбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба тарики накшавӣ ба роҳ монда шуд. Ин заруратро бероҳагию мушкилоти таъмин намудани вилоят бо молҳои зарурии саноатӣ пеш оварда буд. Соли 1927 тибқи талаботи расмии роҳбарияти вилоят нахустин артели ҳунармандию косибӣ ба фаъолият огоз намуд. Намудҳои асосии истеҳсолоти косибӣ аз рӯи талаботи аҳолии маҳаллӣ аз рӯи маҳсулоти чармгарӣ, бофандагӣ, намадрезӣ, кулолгарӣ, оҳангарӣ ва истихроҷу коркарди баъзе аз канданиҳои фоиданок ба роҳ монда шуда буд.

Рушди косибиро чун роҳи асосии таъминоти аҳолии маҳаллӣ бо амволи зарурӣ ҳисоб карда, бо қарори роҳбарияти ҳизбию шӯравии вилоят моҳи июли соли 1932 20 ташкилоти кооперативии истеҳсолии косибчигӣ ташкил карда шуд, ки аз рӯи накша бояд ҳаҷми истеҳсоли масулоти солонаи онҳо ба 229,7 ҳазор сӯм баробар мешуд. Ин нақша барзиёд иҷро гардид. Соли 1933 шумораи корхонаҳои косибӣ ба 40 адад расид, ки онҳо дар ҳайати кооперативҳои истеҳсолии косибчигӣ фаъолият мебурданд.

Солҳои оянда бо мурури сохтмони роҳҳо ва ба ВМКБ интиқол додани молҳои саноатӣ мавқеи истеҳсолоти косибӣ то рафт бештар маҳдуд мешуд. Афзоиши маблаггузории давлатӣ ва кӯмаки ройгони пулии ҳукумати марказӣ барои сохтмони корхонаҳои саноатию биноҳои маъмурию истиқоматӣ ва роҳсозӣ бештар мусоидат мекард. Аз болоравии ҳаҷми маблаггузорӣ чунин далел шаҳодат медиҳад: соли 1930 дар вилоят ҳаҷми маблаггузорӣ 1,3 млн бошад, соли 1940 ин нишондиҳанда ба 20,8 млн сӯм расид[1], ки қисми зиёди онро маблаггузории иловагӣ, чун ёрии давлатӣ (дотатсия) ташкил мекард. Масалан, соли 1938 буҷаи вилоят 10,5 млн сӯми буҷаи вилоят қариб 8 миллионашро маблаги ёрии дотатсионӣ аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ташкил мекард.

[1] Ниг.: Коммунист Таджикистана. – 1941. – 27 марта.

Солҳои 1938-1941 қариб 65-70 % қисми хароҷотии он аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ пӯшонда мешуд[1].

Ҳанӯз соли 1931 сохтмони роҳи автомобилгарди Помири Шарқӣ аз шаҳри Уши (ҶШС Қирғизистон) то маркази вилоят – ш. Хоруғ (дарозии 728 км) оғоз ёфта, дар муддати се сол ба анҷом расид. Солҳои 1937-1938 роҳи Хоруғ Рошткалъа сохта шуд. Тобистони соли 1940 дар 105 рӯз сохтмони Роҳи калони Сталинобод (Душанбе) – Хоруғ ба охир расид, ки ВМКБ-ро бо маркази ҷумҳурӣ бевосита пайваст. Солҳои оянда, (асосан давраи ҷангию баъдиҷангӣ), садҳо километр роҳҳои дохилӣ дар вилоят сохта, (аз ҷумла солҳои 1940-1952 роҳи Хоруғ–Тузкӯл, Вахон–Ишкошим) ба истифода дода шуданд, ки барои рушди бемайлони иқтисодию иҷтимоии он таъсири ҳалкунанда гузоштанд[2].

Мавриди ёдоварист, ки роҳи ҳавоии Сталинобод-Хоруғ ҳанӯз соли 1929 бо парвози лётчик Н. Баранов дар аэроплани Р-5 кушода шуда, аз 18 августи соли 1930 бо нишасти дуюми чунин ҳавопаймо дар фурудгоҳи Хоруғ ба парвози муттасил дар ин хатсайр оғоз ёфт.

Дар ин радиф ҳамчунин бояд аз батадриҷ суръат гирифтани электриконии вилоят ёдовар шуд. Сокинони Хоруғ ҳанӯз соли 1913, бо ташаббуси Отряди сарҳадии Русия дар Помир аввалин шуда, (дар ҳудуди Тоҷикистон) бо нерӯгоҳи барқии обӣ шиносоӣ пайдо карда бошанд ҳам, аз истифодаи он дастоварди муъҷизабахши инсонӣ дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ баҳравар гаштаанд. Ҳарчанд зарурати сохтмони нерӯгоҳи барқии обӣ дар Бадахшони Шӯравӣ (манзур Хоруғ) ҳанӯз соли 1932 расман ба миён омада, тайёр намудани лоиҳаи он оғоз ёфта бошад ҳам, сохтмони бо сабабҳои гуногун тӯл кашид. Амалан аз моҳи марти соли 1941 нури барқ мавриди истифодаи сокинони шаҳри Хоруғ қарор ёфт.

---

[1] Саидмуродов Х.М. Создание промышленности и формирование рабочего класса в Горно-Бадахшанской автономной области // Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе: Ирфон,1981. – С.102.

[2] Шаҳри Хоруг 70-сол.(Муаллиф ва мураттиб Лутфишоҳи Додо) – Душанбе: Маърифат,2002. – С.17.

Солҳои 50-60 сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ дар вилоят ба ҳукми анъана даромад. Дар ин ду даҳсола дар ноҳияҳои Қалъаихумб (соли 1959) бо иқтидори 258 квт, Оқсуйи Помири Шарқӣ (1965) – 640 квт, Ванҷ (1969) – 1 200 квт, Рӯшон (1969) – 800 квт сохта, ба истифода дода шуданд. Минбаъд дар дарёи Ғунди Хоруг бо иқтидори 8,7 ҳазор квт, нурӯгоҳи барқии «Намангут» дар Ишкошим (2,5 ҳазор квт) сохтаву мавриди истифода қарор ёфтанд. Бояд қайд кард, ки то сохтмони нурӯгоҳҳои номбурда дар вилоят ба тадриҷ дастгоҳҳои дизелии барқро танг карда баровар-данд. Солҳои 1966-1972 истеҳсоли қувваи барқ нисбат ба солҳои қаблӣ қариб ду баробар афзуда, дар маҷмӯъ ба 17,1 млн квт соат расонда шуд. Соли 1974 истеҳсоли барқ дар вилоят нисбат ба соли 1940 дар ҳаҷми 2 200 маротиба афзоиш ёфт. Ин имкон дод, ки дар ҳамин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят то ба ҳадди 25 маротиба зиёд карда шавад[1]. То охири солҳои 70-ум электрикониии тамоми нуқтаҳои аҳолинишини вилоят анҷом ёфт[2].

Соли 1978 арзиши умумии маҳсулоти саноатии вилоят, дар муқоиса бо соли 1940 ду баробар афзоиш ёфта, аз 3 млн ба 6, 6 млн сӯм расид. Фақат маҳсулоти Корхонаи дӯзандагии Хоруг дар ҳамин давра аз 2,8 то ба 36,4 ҳазор сӯм расонда шудааст. Ин нишондиҳанда дар якҷоягӣ бо комбинатҳои хизмати маишии вилоят соли 1978 дар ҳаҷми 1,8 млн сӯмина маҳсулот истеҳсол намудаанд. Комбинатҳои хизмати маишӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти дӯзандагӣ, пойафзол, мебел, ҷуроббофӣ, асбобу ускунаи рӯзгордории металлӣ ва ғайра талаботи рӯзафзуни аҳолии маҳаллиро таъмин мекарданд,

Яке аз самтҳои муҳими истеҳсолоти вилоят саноати хӯрокворӣ ҳисоб меёфт. Он фаъолияти корхонаҳои

---

[1] Ниг.: Саидмурадов Х.М. Создание промышленности и формирование рабочего класса в Горно-Бадахшанской автономной области. – С.194-198.

[2] История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.II. – С.136.

истеҳсоли гӯшт, шир, нонпазӣ ва дигар маҳсулоти ордӣ, меваи хушк ва гайраро дар бар мегирифт. Комбинати гӯшти Хоруг сеяки маҳсулоти гӯштии вилоятро таъмин мекард. Соли 1978 ҳачми истеҳсоли маҳсулоти гӯшт зиёда аз 2,3 млн сӯминаро ташкил мекард. Аз суръати баланди истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят чунин рақам далел шуда метавонад, ки фақат солҳои 1970-1979 он 2,5 маротиба афзоиш ёфтааст. Аз чумла, истеҳсоли барқ – 3,1, маҳсулоти дӯзандагӣ – 8,1 баробар афзудааст.

Дар ин замина синфи коргари вилоят, чун ҷузъи синфи коргари миллӣ ташаккул меёфт. Шумораи умумии синфи коргар фақат дар даҳсолаи 1970-1979 дар маҷмӯъ 2,5 баробар афзуд. Аз ҷумла, шумораи коргарони корхонаҳои саноатӣ – 2.7, сохтмон – 1.5, нақлиёт – 1.4, алоқа – 1.3 маротиба афзудааст[1].

Нишондиҳандаҳои саноати сабук дар фаъолияти Корхонаи дӯзандагии Хоруг, комбинатҳои хизмати маишӣ, ки соли 1983 дар ҳаҷми бештар аз 64 млн сӯмина маҳсулоти дӯзандагии ба талаботи замон ҷавобгӯ баровардаанд, ба назар мерасид. Дигар соҳаи ба ин намуди саноат мутааллиқ, саноати хӯрокворӣ ҳисоб меёфт. Соли 1983 истеҳсоли гӯшт, шир, равган, маҳсулоти аз онҳо тайёр шуда, маҳсулоти гуногуни аз орд истеҳсолшуда, меваи хушк ва гайра дар ҳаҷми зиёда аз 4 млн сум маҳсулоти озуқавӣ истеҳол намудаанд[2]. Дар ҳудуди вилоят корхонаҳо доир ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмонӣ ба роҳ монда шуд. Фақат Заводи конструксияи оҳану бетонии Хоруг солҳои 1975-1983 дар ҳаҷми умумии бештар аз 10 млн сум маҳсулоти сохтмонӣ баровардааст[3].

Аз рушди бемайлони саноати вилоят чунин далел шаҳодат медиҳад, ки фақат солҳои 1970–1983 маҳсулоти

[1] Саидмурадов Х.М. Создание промышленности и формирование рабочего класса в Горно-Бадахшанской автономной области – С.199-200.
[2] История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.2. – С.136-137.
[3] Ҳамон ҷо. С.137.

саноат 2.7 маротиба, аз ҷумла истеҳсолли барқ – 5.3, маҳсулоти дӯзандагӣ – 17.8 маротиба афзудааст. Ин табиист, ки ба зиёд шудани шумораи қишри муҳимтарини меҳнатии вилоят – коргарон мусоидат мекард. Шумораи умумии коргарон ва хизматчиёни соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар солҳои 1970–1983 2.8 маротиба афзуд[1]. Чунин суръат то охири солҳои 80 ба мушоҳида мерасид.

Аз ҳаёту тарзи муносибатҳои истеҳсолии патриархалӣ-феодалӣ ба диёри тараққикардаи аграрию саноатӣ табдил ёфтан, нишондиҳандаи дастовардҳои бузургу бесобиқаи мардуми вилоят дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ҳисоб меёбад. Ин дастовардҳо дар тарҳрезии дурнамои саноатии вилоят заминаи боэътимоде ҳисоб меёфтанд. Пӯшида нест, ки имконоти гидроэнергетигикии ВМКБ хеле бузург буда, метавонад вилоятро дар минтақа ба бузургтарин манбаи истеҳсоли қувваи барқ табдил диҳад. Нақшаи дурнамои он низ то андозае тарҳрезӣ шуда буд, вале бозсозии горбачевӣ ва баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба гирдоби даргириҳои сиёсию ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани Тоҷикистон, аз ҷумла ВМКБ, ин раванди созандагӣ ҷиддан халалдор гардид.

## Инкишофи фарҳанг

Чунин дастовардҳо алалхусус дар сохтмони маданӣ возеҳан ба назар мерасиданд. Солҳои 50–80-ум дар воқеъ солҳои ҷаҳиши бузурги вилоят дар рушди фарҳанг ҳисоб меёбанд. Суръатафзоии бемайлони фарҳангӣ дар пешрафти маориф, муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, тайёр намудани мутахассисони соҳавӣ, рушди васоити ахбор, дастовардҳои назаррас дар соҳаи адабиёту санъат бараъло эҳсос мешуд.

Дар нимаи аввали солҳои 50 барои гузаштан ба маълумоти ҳатмии ҳафтсола тамоми шароит муҳайё гашта буд. ВМКБ ба шароити нисбатан номусоиди табиати кӯҳистон

[1] История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.2. – С. 138.

нигоҳ накарда, дар иҷрои ин чорабинии ниҳоят муҳими расмии умумииттифоқӣ фаъолияти намунавӣ нишон дода тавонист. Ҳарчанд аз ҳам дур будани деҳоти кӯҳистон мушкилӣ пеш оварда буд, вале мактабҳои миёнаи нопуррае, ки хонандагони чанд деҳотро ба таҳсил фаро мегирифтанд, дар муддати кӯтоҳ сохтаю ба истифода дода шуданд. Ибтидои соли хониши 1954 / 55 дар вилоят раванди пурра ба таълими 7-сола гузаштан анҷом ёфт[1]. Солҳои 1948-1958 дар вилоят 52 мактаб кушода шуд, ки аксаран 7-солаю миёна буданд[2]. Ҳаҷми маблаггузорӣ ба соҳаи маориф сол то сол меафзуд. Соли 1951 ин нишондиҳанда ба 2.3 млн баробар бошад, соли 1955 – 2.4 млн, соли 1959 – 3.8 млн расонда шуд. Ҳамин панҷсола дар ноҳияҳои вилоят 52 бино мактаб, аз ҷумла 7 мактаби таълимоти миёна, 33 – ҳафтсола ва 12 ибтидоӣ сохта ба истифода дода шудааст. Пойгоҳи таълимӣ низ то рафт бештар қувват мегирифт. Соли хониши 1955 / 56 дар мактабҳо ба маблаги 366 ҳазор сӯмина воситаҳои таълим ворид шуда бошад, соли хониши 1957/ 58 ин нишондиҳанда ба 959 ҳазор ё 2.6 баробар афзудааст[3].

Соли 1958 Шӯрои Олии ИҶШС Қонун «Оид ба мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва рушди минбаъдаи маорифи халқ дар ИҶШС»-ро қабул намуд, ки мувофиқи он аз сентябри соли 1962 дар Иттиҳоди Шӯравӣ таълими ҳатмии 8-сола ҷорӣ гардид[4]. Дар асоси он, моҳи марти соли 1959 Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон Қонун «Доир ба мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва рушди минбаъдаи маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон» – ро қабул намуд. Аз рӯи нақша ин бозсозии низоми маорифи

---

[1] Каширина Т.В., Давлатёров Д. Культурное строительство в Горно-Бадахшанской автономной области // Очерки по истории советского Бадахшана. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С.261.

[2] Ҳамон ҷо. – С.261.

[3] Назаршоев М.Н. Партийная организация Памира в условиях развитого социализма и коммунизма. – Душанбе,1970. – С.242.

[4] Народное образование в СССР. Сборник документов. 1917-1973. – М.,1974. – С.56-67.

халқи ҷумҳурӣ бояд соли хониши 1959/60 огоз ёфта дар муддати 3-5 сол анҷом меёфт[1]. Соли хониши 1962/ 63 дар ВМКБ ҳамаи мактабҳои 7-сола ба таълими ҳатмии 8-сола гузаронида шуданд. Барои наздик намудани алоқаи мактаб ба ҳаёт дар мактабҳои вилоят 220 утоқи таълимии махсусгардонидашуда ва барои 170 мактаб қитъаҳои замини таҷрибавӣ ҷудо карда шуданд[2]. Фақат соли 1964 аз ҳисоби маблаггузории колхозҳо дар вилоят 10 бинои мактаб, 19 синфхонаи иловагӣ, 6 устохона, 2 хобгоҳи интернати давлатӣ ва 1 толори варзишӣ сохта шудааст[3].

Ҳамагӣ дар 7 сол (1959-1965) аз ҳисоби маблаггузории давлатӣ ва колхозӣ 26 бинои мактаби 8-сола, 1 мактаб-интернат барои 120 хонанда, 8 синфхонаҳои иловагӣ, 142 синфхонаи махсусгардонидашуда (кабинет) ва устохонаҳо, 3 интернати давлатӣ барои 180 хонанда сохтаю ба истифода дода шудааст. Дар рафти иҷрои панҷсолаи 8-ум (солҳои 1966-1970) дар вилоят 25 бинои мактаби ба талаби замон ҷавобгӯ, ки 17-тои он аз ҳисоби маблаггузории колхозҳо сохта шудааст, мавриди истифода қарор ёфтанд. Соли хониши 1966/67 дар вилоят 267 мактаб (131 – таълими ибтидоӣ, 105 – ҳаштсола, 31 – миёна) бо шумораи умумии хонандагон – 21 ҳазор фаъолият доштанд. Соли хониши 1970/ 71 ин нишондиҳанда ба 273 (137–мактаби таълимоти ибтидоӣ, 79 – ҳаштсола, 56 – миёна, бо шумораи умумии хонандагон – зиёда аз 26 ҳазор) расонда шуд[4]. Агар соли хониши 1974/75 барои пешрафти маорифи вилоят 15,2 млн. сум масраф шуда бошад, солҳои 1975 – 1977, ҳаҷми он ба 31.4 млн сум расонда шуд. Аз ибтидои солҳои 70-ум раванди гузариш ба маълумоти ҳатмии миёна огоз ва миёнаи солҳои 80-ум анҷом ёфта буд.

---

[1] Компартия Таджикистана в условиях развитого социалистического общества. – Душанбе, 1974. – С.421.
[2] Каширина Т.В., Давлатёров Д. Культурное строительство. – С.362.
[3] История Горно-Бадахшанской автономной области – Т.2. – С.164.
[4] Ҳамон ҷо.

Ибтидои солҳои 80-ум дар ВМКБ 283 мактаб, аз ҷумла 125 мактаби миёна, 84 – ҳаштсола ва 74 мактаби ибтидоӣ фаъолият доштанд, ки 45 ҳазор хонандаро дар бар мегирифтанд. Дар ин мактабҳо ба ҳисоби умумӣ утоқи махсусгардонидашуда (кабинет) барои фанни физика, 83–химия, 77 – таърих, 63 – биология, 27 – адабиёт, 19 – математика ва 18 – ҷуғрофия дар хизмати мактабхонон буданд. Шуъбаи маорифи халқи вилоят 3 филмотека, 91 дастгоҳи кинонамоишдиҳӣ ва 21 нуқтаи радиошунавониро дар хизмати мактабҳо гузошта буд[1].

Дар солҳои баъдиҷангӣ Тоҷикистон дар соҳаи рушди корҳои маданӣ-равшаннамоӣ ба дастовардҳои назаррасе ноил гашта буд. ВМКБ дар ин ҷода истисно буда наметавонист. Соли 1959 дар вилоят 35 клуб, 58 китобхона, 27 нуқтаҳои кинонамоишдиҳии доимӣ амал мекарданд. Фақат дар рафти иҷрои нақшаи 7-сола (1959-1965) дар вилоят 27 клуб, 28 китобхона ва дар 5-солаи ҳаштум (1966-1970) 36 клуб, 34 китобхона ва дар панҷсолаи нуҳум (1971-1975) – 49 клуб ва 52 китобхона ба истифода дода шудаанд[2]. Соли 1983 дар ВМКБ 189 клуб, 164 китобхона бо фонди умумии 1,3 млн. нусха, 75 кинотеатр ва 1 осорхона дар хизмати сокинон буданд. Аз рӯи ин нишондиҳандаҳо дар муқоиса бо шумораи умумии аҳолӣ, Кӯҳистони Бадахшон дар миқёси Умумииттифоқ ба дараҷаи пешсафӣ баромада буд. Аз рӯи маълумоти расмии муҳаққиқ Н.М. Назаршоев, соли 1983 дар миқёси ИҶШС ба ҳар як толори тамошогоҳ (клуб) 1 899 ва ба ҳар китобхона – 1 975 рост омада бошад, дар ВМКБ ин нишондиҳанда муттаносибан ба 653 ва 779 нафар мерасид[3].

Аз иқтидори ниҳоят баланди тахассусии олии вилоят чунин далел шаҳодат медиҳад, ки солҳои 70-ум дар миқёси

---

[1] История Горно-Бадахшанской автономной областии – Т.2. – С.165.
[2] Ҳамон ҷо. С.167.
[3] Ниг.: История Горно-Бадахшанской автономной области. –Т.2. – С.168.

Умумииттифоқ ба ҳар ҳазор нафар аҳолии аз 10-сола боло 483 нафар маълумоти олӣ ва миёна (пурраю нопурра) ва барои ҶШС Тоҷикистон – 420 нафар рост омада бошад, ин нишондиҳанда барои ВМКБ ба 525 нафар мерасид[1].

Дар солҳои 70-ум тамоми ноҳияҳо ва колхозу совхозҳо пурра бо нуқтаҳои радио таъмин шуда буданд. Рӯзномаҳои вилоятӣ ва ноҳиявӣ мунтазам рӯи чоп дида, дастраси хонандагон мегаштанд. Соли 1975 тамоми ин хоҷагиҳои коллективӣ шабакаҳои дохилии радиошунавонии худро доштанд. Аз соли 1977 дар вилоят паҳн намудани шабакаи телевизионӣ бо суръати баланд пеш мерафт.

Зодагони Бадахшон анъанаҳои адабии классикиро нафақат нигоҳ медоштанд, инчунин бо талаботи замони созандагӣ ба онҳо таровату наққати тоза бахшиданд. Дар адабиёти миллии тоҷик адибон Мирсаид Миршакар, Муъмин Қаноат, Ҷамшед Шанбезода (Нодир), Мамадалишоҳ Ҳайдаршо, Басир Расо, Салимшо Ҳалимшо, Султон Шоҳзода ва дигарон нақши мукаммале гузоштаанд. Сокинони вилоят бо адибони тозаэҷоди хеш Ш. Бунёд, Ҳ. Шамбезода, Д. Лутфишо, Д. Алидоншоев, Ш. Баҳор, Л. Мирзоҳасанов, К. Шодмонбеков, М. Алимаҳмадов ва дигарон ифтихор доранд.

Дар рушди санъати мардумӣ ва касбии вилоят мақоми нахусттеатри мусиқӣ-драммавии шаҳри Хоруг (аз соли 1936 ин ҷониб фаъолият дорад), театрҳои халқии ноҳияҳо хеле назаррасу побарҷост. Агар соли 1964 дар Театри вилоятӣ 57 маротиба спектаклҳо ба намоиш гузошта бошад, соли 1984 ин нишондиҳанда ба 112 расидааст. Миёнаи солҳои 70-ум дар вилоят 205 дастаҳои худфаъолиятии бадеӣ амал мекарданд, ки шумораи умумии аъзояш ба 1 500 нафар мерасид[2].

---

[1] История Горно-Бадахшанской автономной области. –Т.2. – С.168.
[2] Пурратар ниг.: История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.2. – С.170-173.

## Мулоҳизоте чанд аз боби бозсозӣ ва таъсири он ба ВМКБ

Бозсозӣ яке аз воқеъиятҳои муҳимтарини таърихи халқҳоест, ки дар маҷмӯъ «халқи шӯравӣ»-ашон ном бурда, асоси иттиҳодияи бузург – Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС ё маъмулан – СССР)-ро ташкил мекарданд. Ҳарчанд оид ба ин масъала аз тарафи намояндагони равияҳои мухталифи илмӣ мулоҳизоти зиёде пешниҳод шудааст, вале аз он мулоҳизот то кунун хулосаи амиқи қобили қабуле барнаомадааст. Бо гузашти беш аз ду даҳсолаи огози он таҳлилҳо ба маротиб печидатару баҳсталабтар гаштаанд. Аз ин ҷост, ки то ба имрӯз ҳадафу натиҷаи бозсозӣ, ҳусну қубҳи он мавриди таҳлили ҷиддии илмӣ қарор наёфтааст.

Бозсозӣ аз рӯи мафҳуму вазифааш мебоист дар асоси ҷорӣ намудани демократияи ҳақиқӣ, инкишофи босуръати тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро таъмин мекард. Машинаи идоракунии бюрократӣ ва сахт муттамарказонидашудаи ҳизб, дар давраҳои экстремалии (ҳолати хавфнокиниҳоӣ ва гайричашмдошт) ҳаёти мамлакат (дар солҳои ҷанги ҳамватанӣ ё гражданӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, давраҳои барқароркунии хоҷагии халқ ва гайра) барои сафарбаркунии қувваҳои меҳнатӣ ва эҷоду созандагии ҷамъият лозим буд, акнун дар солҳои осоишта бояд тагйир меёфт. Зарурати ба талаби замон мувофиқ намудани сохтори сиёсию маъмурии мамлакат то рафт бештар эҳсос мешуд. Маҳз чунин амали хайр, яъне ба демократияи ҳақиқӣ, ки дар он озодии ҳизбу ҷамъиятҳои сиёсӣ, гуногунмоликиятӣ бояд таъмин карда мешуд, роҳ кушодан, Иттиҳоди Ҷумҳуриҳоро ба давлати ҳақиқатан иттифоқие, ки дар худмуайянкунӣ ва ваҳдати ихтиёрии халқҳо асос ёфта бошад, табдил додан, ба прогрессии воқеӣ ноил гаштанро фароҳам меовард.

Аз ин сабаб бозсозӣ иқдоме буд хеле нек, нақшае буд хе-

ле бузург ва ниҳоят прогрессивӣ. Беҳуда нест, ки халқ ин нақшаро бо хушнудӣ пазируфт, онро давоми инқилоб номид. Ва бо як ҳисси махсус ташаббускори он Котиби Генералии Ҳизби Коммунисти Иттифоқи Шӯравӣ М. С. Горбачёвро дастгирӣ кард.

Бале, ҳамин тавр буд…

Мутаассифона, сол паси сол мегузашту аз беҳбудӣ дараке набуд. Ғайричашмдошт, рӯз аз рӯз бадшавии вазъи иқтисодӣ, яъне пастшавии истеҳсолот, камшавии молҳои ниёзи мардум, футури идеологӣ, ҷаллобию мардумфиребӣ авҷ мегирифт. Ҳукумат ва ҳизби ҳукмрон то рафт аз ӯҳдаи нигоҳ доштани фишангҳои муҳофизати иҷтимоии раияти қаламрави худ, яъне мардуми тамоми Иттифоқ, камтар мебаромадагӣ шуданд. Ин нуқсҳои ҷамъиятро харобкунанда, сабаби асосии дар назди аҳли меҳнат, зиёиёни солимфикр мазмуни аввалаи худро гум кардани «бозсозӣ» гардиданд.

Дар ҳақиқат баҳои мусбат ё манфӣ гирифтани дигаргунсозиҳои таърихӣ ба манфиатбахш будан ё набудани онҳо ба халқ вобаста аст. Вақт манфиатбахш набудани роҳи пешгирифтаи меъмори бозсозӣ ва дастаи ӯро, ки мутаассифона тез-тез иваз мешуд, нишон дод.

Раванди амалиёти зери шиори «бозсозӣ» гузаранда нишон дод, ки он ҳар чи бештар аз қувваи созанда ва офаранда ба қувваи харобкунанда табдил меёфт. Кор ба дараҷае расид, ки масъалаҳои беҳбудии ҳаёти омма аз рӯи зарурати ҳалли худ ба қатори масъалаҳои панҷуму шашумдараҷа фуроварда шуданд. Дар зери фишори бо ном қувваҳои демократӣ ба мадди аввал шикастани сохтори идоракунии сиёсӣ ва маъмурӣ баромад.

Насли калон ва миёнаи хонандагони муҳтарам шояд нагз дар хотир дошта бошанд, ки дар аввали маъракаи бозсозӣ чунин даъвату шиорҳои барои ҳама гӯшнавозу муқаддас монанди «Ҳар чӣ зиёдтар демократия», «Ҳар чӣ зиёдтар сотсиализм», «Ошкорбаёнӣ», «Плюрализми ақидаҳо», «Те-

зондани суръати истеҳсолот», «Дар маркази диққат – инсон» ва ғайра пешниҳод карда шуда буданд. Бо мурури замон, аз сабаби ноуҳдабароии роҳбарони бозсозӣ, ки механизми ҳаётӣ гардондани ин мафҳумҳоро кор карда натавонистанд, онҳо таровати ҷамъиятии худро гум мекарданд ва ғайб мезаданд. Акнун ба ҷои онҳо шиору даъватҳои «Сотсиализми бозорӣ», «Истеҳсоли бозоргонӣ», «Хусусигардонии моликият», «Ғайридавлатигардонии воситаҳои истеҳсолот» ва ғайра мафҳумҳои барои халқи меҳнаткаш то дараҷае бегона, аммо барои гурӯҳе аз корчаллонҳо хеле дилхоҳ пайдо шуданд. Акнун гирдиҳамоию митингбозӣ, ҳаёҳуи мансабталошӣ, қонуншиканию дасисабозиҳои миллӣ, ҳизбию мазҳабӣ ҳамчун ҳодисаҳои муқаррарӣ, нафақат баъзе сиёсатмадоронро ба ташвиш намеоварданд, балки баръакс, ба онҳо дар ин мубориза ю талоши сиёсӣ рӯҳ мебахшиданд. Дар навбати худ ин муборизон барои зиёдтар аланга гирондани зиддиятҳои рӯзафзун аз ҳеҷ чиз рӯй намегардондагӣ шуданд.

Миқёси ҳаёҳуюю гирудорҳои сиёсӣ аз бинои парламент, ба кӯчаю хиёбонҳои марказӣ ва аз он ба хатҳои сарҳадии баъзе ҷумҳуриҳои то кунун бародар гузашт. Характери зиддиятҳо, усули ҳалли онҳо низ тағйир меёфт. Дар он ҷое, ки сухан оҷизӣ мекард, мушт истифода бурда мешуд ва аз он ба яроқи мукаммалтар гузаштан як қадам роҳ монда буд.

Аз оҷизии ҳукумати марказӣ, ки ҳалли ҳамаи ин зидиятҳоро ба худи қувваҳои мухолифин ҳавола карда буд, истифода бурда, қувваҳои муқобил аз монеаи охирин ҳам гузаштанд ва задухӯрдҳои яроқноки сарҳадию миллӣ сар шуд. Ҷумҳурии дар даҳсолаҳои пешин ороми Тоҷикистон, аз охири солҳои 80-ум, алалхусус оғози соли 90-уми асри гузашта, дар ин ҷунбишҳо аз ҳар ҷиҳат пешсафиро нигоҳ доштанӣ мешуд. Воқеаҳои феврали соли 1990 мисоли равшани ин ташаббуси қувваҳои бо ном демократии ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад.

Ин ҷунбишҳои демократмаобону курситалабон, ки зери

шиорҳои гуногун (аз таъсиси давлати «воқеан демократии»-и модели Ғарб то давлати теократии модели шарқии мусулмонӣ), мегузаштанду, вале як марому мақсаду ҳадаф доштанд, яъне ҳокимияти сиёсӣ, то рафт бештар ба доираи худ табақаҳои иҷтимоиро кашидаву билохира ба гирдоби афту дарафти яроқнок тела доданд. Дар он садҳо ҳазор бегуноҳон қурбон шуданд. Агар ба ин боз садҳо ҳазор бемуҳофизоне, ки қурбони горатгарону авбошон, қаллобону қотилон ва дигар унсурҳои ба диктатураи кӯча мансуббударо ҳамроҳ кунем, сафи қурбоншудагон бамаротиб меафзояд. Ба замми ин агар тарсу ҳарос, нобоварӣ ба фардо, ки қалби миллионҳо одамони оддиро фаро гирифта буд, сарфи назар накунем, он гоҳ бо боварии том гуфта метавонем, ки ба гайр аз истиқлолияти миллию давлатиро соҳиб шудани ҷумҳуриҳо, бозсозӣ то ба имрӯз ба мардум, алалхусус ба аҳли заҳмат нафақат натиҷаи назарраси иҷтимоиеро ба бор наовардааст, балки дар муқоиса бо даврони Шӯравӣ ин нишондиҳанда дар сатҳи муқоисанашаванда пасттаре ҷой дорад. Вале дар он давраи ҳассос на ҳама (алалхусус ҷавонони тангдастиро надидаву таҷрибаи ҳаётӣ надошта) ба оқибати фоҷиабори ин раванд сарфаҳм мерафтанд.

Гурӯҳи сиёсатмадорони ҷадид қувваи бузурги офарандагии халқро фақат барои шикастани сохтори (структура) сиёсӣ, маъмурӣ ва иқтисодии мамлакат сарф карданӣ буданд. Суръати шикастан аз сохтан дида хеле баландтар буд, масофаи байни онҳо то рафт меафзуд. Баъзеҳо ҳатто тасаввур карда наметавонистанд, ки худ дар зери ин вайронаҳо нобуд хоҳанд шуд.

Маҳз сиёсатбозию қонуншиканӣ сабаби асосии пастравии истеҳсолот гашт. Усулҳои нави муомилот ва савдои мол ҳавасмандии истеҳсолкунандагонро то рафт суст мекард. Маҳсулоти ниёзи одамон то ба дасти истеъмолкунанда расидан, асосан аз дасти онҳое мегузашт, ки пеш аз бозсозӣ бо мафҳуми «ҷаллоб» маълум буданду дар давраи бозсозӣ «корчаллон» ё «бизнесмен» ном гирифтанд, Дар натиҷа кор-

хонаю дӯконҳои тиҷоратии бо ном «муштарак» – у, «кооперативӣ» чун замбурӯғҳои баъди борон пайдошуда, моли тайёри дар корхонаҳои давлатӣ истеҳсолшударо мунтазам ба ихтиёри худ мегирифтанд. Яъне ин гурӯҳҳо дар байни корхонаҳои давлатӣ ва харидорон роли тақсимотчии маҳсулоти истеҳсолшударо иҷро карда, фоидаи асосиро аз худ менамуданд. Аз ин ҳисоб сармоягункунии ибтидоӣ идома меёфт. Сармояи ғункардаи ин гурӯҳ на ба васеъшавии истеҳсолот ё такрористеҳсолкунӣ, балки фақат барои харидани молҳои сермасриф сарф мешуд ва ин сабаби тезондани бозори ҷаллобон мегардид.

Ҳамин тариқ, ҷаллобию ҳаннотӣ, мардумфиребӣ ва авҷи даромади муфт савдои давлатиро то рафт танг мекард. Ин гурӯҳ мисли касалии саратон то рафт дар ҷамъият зиёдтар реша давонда, ҳатто қувваҳои муҳофизатии худро аз ҳисоби ришвадиҳӣ, истифодаи муштзӯрони гузарои кӯчагӣ ва гайра мустаҳкаму мукаммал менамуд. Ҳамаи ин амали ҷиноиро соддалавҳона истеҳсолоти капиталистӣ (сармоядорӣ) меномиданд ва ба иқтисодиёти бозоргонӣ ба таври худ ворид мешуданд. Бозор бошад ҳамоно холӣ буд. Дар он нафақат имконияти интихоб кардан, инчунин оддитарин маводи зарурии рӯзгорро низ пайдо кардан номумкин буд.

Бозсозӣ, аниқтараш ноӯҳдабарии роҳбарони он, мардумро ба кӯчаи сарбастае ворид кард, ки аз он роҳи халосӣ ёфтан ниҳоят душвор гардида буд. Нақшаҳои пешниҳодкардаи иқтисоддонон фақат дар баҳри атрофи бозор ҳалқаи аз гарқшавӣ нигоҳдоранда мегаштанд. Вале халқ, ки мазаи озод эълон шудани нархро чашида буд, ин иқдомро дастгирӣ намекард. Ягона роҳи умедбахш алоқаи истеҳсолии хеле харобшуда, вале то охир канданашудаи байни ҷумҳуриҳоро нигоҳ доштан ҳисоб меёфт. Беҳуда набуд, ки ҷумҳурии мо мисли дигар ҷумҳуриҳои бародари мустақилу камбагал аз дунболи Русия худро кашола карда мерафт. Харобшавии хоҷагии халқ бошад, ҳамоно идома дошт.

Ҳузновар он буд, ки ҳама дар атроф харобкору душман мекофтанд. Гурӯҳе зӯр зада бовар мекунонданд, ки душманро кайҳо ёфтааст. Ин душман ба ақидаи онҳо ҳизби коммунистӣ аст. Аз ин рӯ ҳамаи гуноҳи пешина ва баъдинаро ба сари ӯ мезананд. Ашхоси ҳизбро ҳадафи ҳуҷум қарордода, худро демократ эълон мекарданд. Ягона нишонаи ба демократия мансуб будан ҳам ба пиндошти ин гурӯҳ коммунистонро баҳудаю беҳуда зери тозиёнаи танқид гирифтан буд, на барномаи иқтисодӣ ва консепсияи муайяни сиёсию идеологӣ. Аз пешниҳоди барномаи иқтисодӣ худро бо он раҳо карданӣ буданд, ки гӯё бозор ё гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ҳамаро ҳал мекарда бошад. Барномаи сиёсиашон низ хеле кӯтоҳ: – тамоми гуноҳи пастравии истеҳсолоти давраи бозсозӣ, камбудиҳои давраи «идоракуни бюрократию тоталитарӣ», инчунин дигар камбудиҳои ҷузъӣ, ки аз тарафи шахсони алоҳида содир шудаанд ва ғайра «норасогиҳои ҷамъияти сотсиалистӣ»-ро аз рӯзҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ ёфта ё бофта ба сари коммунистон зада, илоҷ карда ҷилави ҳокимиятро ба даст худ гирифтан.

Демократҳо мақоли халқии «кор бе камбудӣ намешавад»-ро нағз донанд ҳам, даст ба сина зада, ба таърихи гузашта «роҳҳои бехато»-ро тавсия менамуданд. Ба ҳар ҳол барои гузаштагон нақшаи алтернативӣ пешниҳод кардан осонтару бехавфтар буд. Дар он хато кунӣ ҳам ҷавобгар намешавӣ.

Ин қабил демократҳо ба таърихи баъдиинқилобӣ фақат бо айнаки сиёҳ менигаристанд. Аз он дигаргунсозиҳои дар миқиёси Умумииттифоқ рӯй дода, ҳатто худро бехабар вонамуд мекарданд. Онҳо чунин ҳақиқати таърихиро ҳеҷ ба забон оварданӣ набуданд, ки маҳз натиҷаи инқилоби Октябр буд, ки империяи Русияи қафомондаро ба иттиҳодияи бузурги ҷумҳуриҳо табдил дод ва аз рӯи иқтидори иқтисодӣ, дар як муддати кӯтоҳ ба қатори давлатҳои пурқувваттарини дунё баровард.

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки бо чунин суръат пешравӣ ба кам андар ками давлатҳо муяссар гаштааст. Маҳз ҳамин суръат буд, ки Русияи фарсуда ва фаношудаи тоинқилобӣ дар як муддати аз диди таърих на он қадар тӯлонӣ ба қатори давлатҳои аввалдараҷаи ҷаҳонӣ баромад. Магар ҳамон қудрати идракунии сотсиалистӣ набуд, ки Ҳукумати Шӯравӣ дар ним аср бо ҳамаи даҳшату харобиҳои ҷанги ҳамватанӣ (гражданӣ), Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз омоч то машинаҳои пуриқтидортарини соҳаи кишоварзӣ, аз мамлакати қашшоқи аграрӣ то ба индустрияи дараҷаи баландтарини ҷаҳонӣ, аз торикию ҷаҳолат то ба ром намудани қувваи атому кашфи кайҳон бурда расонд.

Мутаассифона, ҳоло бо ташаббуси бисёре аз мутасаддиёни воситаҳои ахбори умум таргиботи яктарафаи дастовардҳои иқтисодӣ ва илмию техникии давлатҳои тараққикардаи сармоядории классикиро ба роҳ монда, исбот карданӣ мешаванд, ки гӯё дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ давлат фақат қафо мерафту ягон нишонаи пешравие ба назар намерасид.

Иттиҳоди бузурги «Ҷумҳуриҳои озод» аз байн рафт. Аз мантиқи ҷараёни таърих ин ҷудошавӣ қонунист. Мустақилият низ ҳамон вақт эҳсос мешавад, ки давлати соҳибихтиёр, сохтори сиёсӣ, маъмурӣ, сиёсати мустақили дохилию хориҷӣ, аз ҳама муҳимаш мустақилияти иқтисодии худро таъмин карда тавонад. Табиист, ки тарзи идоракунии ба ИҶШС мансуб буда, ин мустақилиятро то андозае маҳдуд мекард. Аз ин нуқтаи назар мустақилияти ба даст овардаи ҷумҳуриҳо воқеаи прогрессивӣ буд. Бале, прогрессивӣ буд. Чунки исботи прогрессивияти воқеаҳои таърихӣ ба он вобаста аст, то чӣ андоза ин воқеаҳо пешравии ҷамъият ва осудагии иҷтимоии аъзои онро дар оянда таъмин карда метавонанд ё ба ҳалли он роҳ мекушоянд. Соҳибихтиёрии ба дастовардаи мо фақат барои мустақилияти сиёсии воқеӣ ибтидо гузошт.

Нигоҳ доштан, ҳифз намудани истиқлолияти бо чунин

осонӣ ба дастоварда, (аниқтараш ба дастомада) ва онро ба фоидаи умум истифода бурдан, ба хирадмандии роҳбарон, маслиҳатпазирии неруҳои сиёсӣ, билохира ва аз ҳама муҳим, ба ваҳдати миллию халқӣ вобастааст. Яъне ба он вобастааст, ки то кадом андоза қувваи бузурги офаридгори халқ ба маҷрои дилхоҳ равон карда мешавад. Довари ин санҷиш вақт, натиҷааш беҳбудии зиндагии одамон ё таъмини одилонаи иҷтимоиёт мебошад.

Барои мӯътадил гардондани фазои озоди осоиштагӣ ва пешбурди ҷомеа ба такрор мегӯем, ваҳдати халқ лозим аст. Дар давлате, ки намояндагони халқияту миллатҳои гуногун зиндагию фаъолият доранд, бояд ваҳдати халқҳо аз ваҳдати миллӣ (ҳарчанд ҳалкунандаву марказист) боло бошад, ё ҳеҷ набошад, барои баробарвазнии онро таъмин намудан бояд кӯшиш ба харҷ дод. Ин амалро қувваҳои сиёсие таъмин карда метавонанд, ки намояндагонаш манфиати халқро нисбат ба манфиати худ боло гузоранд, нақшаи мушаххаси иқтисодӣ иҷтимоию фарҳангӣ дошта бошанд ва барои амалӣ гаштанаш ҳеҷ қувваро дарег надоранд. Аз ин лиҳоз, беҳтарин анъанаҳои меҳнатдӯстӣ, созандагӣ ва гуманистии чунин як халқи бостонӣ, монанди тоҷикон, бояд тамоми халқияту миллатҳои ҷумҳуриро муттаҳид гардонанд, онро ба дараҷаи ваҳдати умумихалқӣ бардорад. Дар он сурат мафҳуми «Ватан» барои ҳар фарди ҷумҳурӣ як хел муқаддас ҳисоб хоҳад ёфт ва омили ҳалкунандаи озоду обод гардондани кишвари маҳбуб хоҳад гашт.

Инчунин, бояд иброз дошт, барои бехато муайян кардани самти ҳаракат ва суръати дилхоҳи пешравӣ шикастани тамоми механизми идоракунии сиёсӣ, маъмурӣ ва пойдевори саноатию хоҷагидорие, ки солҳои дароз сайқал ёфта, фоидаовар будани худро исбот кардааст, шарт нест. Таърих борҳо нишон додаст, ки ин роҳ ба бероҳагӣ мебарад. Шахсоне, ки дар шикасти ин механизм, сиёҳ кардани таърих, қадр накардани дастовардҳои падару бобоён, пешравиро таъмин карданианд, сахт хато мекунанд. Аслан ин одамонро

шавқи пешравӣ не, ҳирси мансабгирӣ роҳнамост. Ин корест ниҳоят хатарнок.

Боиси таассуф аст, ки ин тамоил дар ҷумҳурии мо ҷараён гирифт. Роҳбарони ташкилотҳои сиёсии навбаромад: Ҳизби демократӣ, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Созмони мардумии «Растохез» ба таври ҷиддӣ дар ин самт ташаббус ва роҳнамоӣ зоҳир мекарданд.

Маҳз бо дастгирии онҳо матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори умум ба минбари зидди дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои ҳокимияти шӯроҳо табдил ёфтанд. Маҳз бо иштироку роҳбарии бевоситаи онҳо таърифу тавсифи беасосу сохтаи тарзи зисту идоракунии маъмурӣ, дараҷаи маданияту фарҳангшиносии тоинқилобӣ ба авҷи фалак бароварда мешуд. Бо ин васила онҳо нерӯҳои созандаи халқро фақат барои шикастани тарзу усулҳои идоракунии мавҷуда, барои муборизаи сиёсию идеологӣ истифода бурданӣ буданд. Вале ин мубориза беасосу бебунёд буда, ба зудӣ мақсади ниҳоии ин «халқдӯстон»-ро ошкор намуд.

Онҳо бенавоӣ, бандагӣ, ғуломию бедавлатии тоинқилобии тоҷиконро ҳамчун «боигарӣ»-и аз даст рафта ба ҷавонон фаҳмонданӣ буданд

Бисёре аз ҷавонон бошанд, аз маълуму маъмултарин тадқиқоти таърихии тоинқилобӣ, аз ҷумла рисолаҳои ба таҳқиқи таърихи амирони мангития бахшидаи Аҳмади Дониш («Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони мангития»), Мирзо Абдулазими Сомӣ («Таърихи салотини мангития»), Садриддин Айнӣ («Таърихи амирони мангитияи Бухоро»), тадқиқоти олимони шарқшинос ва саёҳатчиёни тоинқилобии рус Н. Хаников, В.В. Бартолд, М.А. Варигин, капитан Василев, П. Гаевский, Б.Л. Громбчевский, П.А. Кузнетсов, капитан Лилиентал, В.И. Липский, И.В. Мушкетов, В.Ф. Ошанин, А.К. Разгонов, А.Э. Регел, А.А. Семёнов, А.Е. Снесарев, Д.Н. Логофет, А.А. Бобринской, М.С. Андреев ва бисёри дигарон, ки бевосита

мушоҳидоти худро ба қалам додаанд, тамоман бехабаранд. Агар ҳатто аз асарҳои чунин муаррихони баъдиинқилобии тоҷик Б.Ғ. Ғафуров, Н.А. Кисляков, З.Ш. Раҷабов, Б.И. Искандаров, М. Эркаев, А. Мухторов, О. Маҷлисов, М. Назаршоев, Т. Каримов, Ғ. Ҳайдаров, О. Боқиев, Н. Ҳотамов, Ш. Юсупов ва дигарон, ки самтҳои гуногуни ҳаёти тоинқилобию солҳои аввали баъдиинқилобиро тадқиқ кардаанд, шиносоӣ медоштанд, инқадар сабукфикрона ба таърихи замони шӯравии худ сангпартоӣ намекарданд. Бо чунин «ҷаҳонбинии таърихӣ» ин ҷавонон албатта асарҳои устод С. Айнӣ, аз ҷумла «Ёддоштҳо»-и ӯро, ки олимони номӣ қомуси ҳаёти иҷтимоии Бухорои тоинқилобиаш хондаанд, дурӯғи маҳз ё муҳоботи хаёлпарастонаи адиб эълон намекарданд.

Гарчи беадолатӣ дар давраи тақсимоти ҳудудӣ-миллӣ содир шуда бошад ҳам[1], ба ҳар ҳол он ҷумҳурие, ки муҳтарам Урун Кӯҳзод киноямез «лӯхтакҷумҳурӣ»-аш номидааст[2] ва 9 сентябр соли 1991 мустақилияти пурраи он эълон шудааст, ба туфайли ҳамон инқилобе ба даст омадааст, ки ҷанобон демократҳо «тасодуфи таърих»-аш хондаанд. Аз ин рӯ, халқи тоҷик ба кадом дараҷаи тараққиёте, ки нарасад, барои эҳёи давлаташ бояд аз Инқилоби Октябр сипосгузор бошад.

Маҳз ба туфайли инқилоб фишори пантуркизм, ки тоҷиконро ба дами ҳалокати ҳудудӣ ва этникию фарҳангӣ наздик оварда буд, суст шуд. Агар хонандаи борикбин диққат дода бошад, тамоми ноҳияҳои Тоҷикистон, ба ғайр аз Помири Ғарбӣ, деҳаю даштҳо, дараю дарёҳои зиёде номи туркӣ гирифтаанд. Аз ин номгузорӣ Қаротегин низ дар канор намондааст. Ин тасодуф нест. Аксари ин ҷойҳо дар асрҳои XVII-XIX қароргоҳу чарогоҳи кӯчиён гашта, тағйири ном кардаанд. Аз ин мебарояд, ки агар бо амри

[1] Дар ин хусус ниг.: Масов Р. Таджики: история национальной трагедии. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 536 с.
[2] Ҷумҳурият. – 1992. – 25 январ.

тақдир Инқилоби Октябр ду-се даҳсола дертар мешуд, яқинан имрӯз деҳаи соф тоҷикнишин пайдо кардан наметавонистем.

Маҳз ба туфайли Ҳокимияти Шӯроҳо дар як гӯшаи кӯҳистони давлати бузурги Сомониён ҷумҳурии кӯчак бо номи Тоҷикистон эҳё шуд ва тоҷик имкон ёфт нафас рост кунад, соҳибдавлат будани худро баъди қарнҳо аз нав эҳсос намояд. Ин амри тақдиру таърих олитарин бурди ӯст.

Таҳрифу суханбозиҳои ҷанобони демократ оид ба ҳаёти осоиштаю серию пурии давраи тоинқилобӣ беасос будаанд. Ин қабил «ҳақталошон» соатҳои зиёд баҳс кунанд ҳам, мисоле ёфта наметавонанд, ки дар он амале аз раъиятпарварии амир ва ҳукумати ӯ зоҳир шуда бошад. Оё касе аз онҳо гуфта метавонад, ки дар қаламрави шарқии Бухоро ягон шифохонаи давлатӣ, муассисаи илмию фарҳангӣ ё мадрасаи маълумот нисбатан баланди илмҳои дунявӣ ва дақиқ сохта ба истифодаи халқ пешниҳод шуда буд? Дуруст аст, ки мактабу мадрасаҳои саводи ибтидоӣ ва миёнаи динидиҳанда буданд. Лекин на ба ҳама муяссар мешуд, ки дар онҳо таҳсил намояд. Бинобар дар ноҳияҳо Ҳофизу Бедилхонҳо ангуштшумор буданд. Фақат ба кам андар ками иштиёқмандони илму дониш муяссар мегашт, ки дар мадрасаҳои нисбатан маълуму машҳури Бухоро таҳсил намоянд.

Мо бояд бо нигоҳи ҳақбинона ба дастовардҳои баъдиинқилобии ҷумҳуриамон муносибат намоем. Ташаббуси инқилобиеро, ки қувваи бузурги халқро ба маҷрои муайяни бунёдкорӣ равона карда буд, надидан гуноҳ аст. Дар муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ дар ҷои холӣ бунёди чунин шаҳр монанди Душанбе бо ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, маданию фарҳангӣ ва ҳамчунин шаҳрҳои дигар: Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Хоруғ, Норак, Ёвон, Роғун ва боз даҳҳо шаҳрҳо, магар ин пешравӣ нест? Иншоотҳои обёрикунандаи водии Вахш, нақбҳои обгузари Ёвону Дангара, роҳҳои автомобилгард, заводҳои трансформатории Қӯрғонтеппа, алюминии Турсунзода, хи-

миявии Ёвон, истгоҳҳои барқӣ, комбинатҳои бофандагӣ, қолинбофӣ ва боз садҳо корхонаҳои бузургу миёнаи саноатӣ, нишондиҳандаи прогрессии иқтисодӣ ва илмию техникӣ нест?

Бояд дар ёд дошт, ки ҳамаи ин дар ҷои хушку холӣ сохта шудааст. Қисмати асосии ин сохтмони бузург ба давраи баъдиҷангӣ рост меояд. Бунёдгари он бобою падароне мебошанд, ки аксаран имрӯз дар қайди ҳаётанд (умрашон дароз бод!). Вале аламовар он аст, ки ба ҷои меҳнати онҳоро қадр кардан, дар пешашон сари таъзим фуруд овардан, барои меҳнати ҳалолу обод кардани ҷумҳурӣ онҳо ҳадафи таънаю маломати фарзандону наберагони носипос ва сиёсатбозони бо ном демократ гаштаанд ва то ба имрӯз ин ақида тағйир наёфтааст.

Ин ҷанобон барои «исбот»-и бартарии сохти сармоядорӣ нисбат ба сотсиалистӣ, иқтидори иқтисодии ҷумҳуриро бо чунин давлатҳои пешқадами капиталистии классикӣ монанди ШМА, Англия, РФГ, Япония, Франсия ва ғайра муқоиса намуда, худ фаромӯш мекарданд, ки ҳар кадоми онҳо зиёда аз ду аср анъаноти истеҳсолии капитализмро соҳибанд. Онҳо то нимаи дуюми асри гузашта соҳиби мустамликаҳои зиёде буда, аз ҳисоби истисмори онҳо натанҳо сарвати беҳисоб, инчунин суръатафзоии истеҳсолоти капитализмро тезонда буданд. Баъди барҳам хурдани сиёсати мустамликадорӣ пешравии иқтисодӣ ва технологӣ ба давлатҳои абарқудрат имкон дод, ки сиёсати мустамликадории нав – неоколониализмро васеъ мавриди истифода қарор диҳанд. Акнун онҳо бештар дар давлатҳои собиқ мустамлика ва сусттарақикарда капитали калон гузошта, онҳоро чун манбаи ашёи хом, қувваи арзони коргарӣ ва бозори савдо истифода бурда, даромади калон мегиранд. Ин имкон медиҳад, ки фосилаи пешравии давлатҳои абарқудрати ҷаҳон ва қафомони давлатҳои сусттараққикарда то рафт меафзояд ва ин тобеъияти иқтисодӣ боз бештар мегардад.

Дигар самти муайянкунандаи ҷанобони демократ бо

Эрону Туркия муқоиса намудани иқтидори иқтисодии Тоҷикистон буд. Ин «дилсӯзон»-и миллат фикр намекунанд, ки ин давлатҳои мусулмон садсолаҳо пойдоранду (собиқаи давлатдории Эрон 2,5 ҳазор сол боз идома дорад) мустақилияту давлатдории худро нигоҳ дошта то ба имрӯз сайқал додаанд. Сарватҳои миллию фарҳангии худро нигоҳ дошта, дар он пойдевори мустаҳкам хиштҳои навин мегузоранд. Мо бошем, дар болои як гӯшаи хеле хурди хоктӯда (аниқтараш сангтӯдаю кӯҳсори камзамин) ва вайронаҳои фаромӯшшудаи давлати бузурги Сомониён баъди 930 сол пойдевор гузоштем. Оё он чизе, ки дар муқоиса бо арафаи тавлиди нави давлати тоҷикон доштем кам аст? Фақат номгӯи он муваффақиятҳои иқтисодӣ ва илмию фарҳангии дар тӯли каме бештар аз ним асри баъди ибтидои эҳёи давлатдориамон ба даст овардаро ба қалам диҳем ва ҳақиқатнигорона ба мизони таҳлил баркашем, он гоҳ равшан эҳсос хоҳем кард, ки он ба садсолаҳои тараққиёти осоиштаи ҳар як давлати пешрафта баробар аст.

Ин ҷанобон дидаю дониста нисбати гуфтаҳои мо беэътиноӣ зоҳир намоянд ҳам, бояд гуфтаҳои расмии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон онҳоро ба дақиқназарии таърихӣ водор намояд.

Президент назари одилона ва оқилонаи хешро доир ба давраи Шӯравӣ чунин иброз доштааст: «Чӣ ҷои пинҳондорӣ? Дар арафаи инқилоб ҳолати сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми мо ба харобӣ расида буд. Аз фишори бераҳмонаи бадхоҳони қудратманди дохиливу хориҷӣ халқи тоҷик рӯ ба таназзул оварда буд. Мавқеи таърихию иҷтимоии ӯ аз ҳар ҷиҳат суст мешуд. Илму адабиёт ва забони пурмояву ширадори тоҷикӣ дар шаҳрҳои бостонӣ шукӯҳу шаҳомати қадимаи худро аз даст медод. Ҷабру ситами аҷнабиён кишварро хароб, мардумро пажмурдаву ноумед сохта, косаи сабрашонро лабрез менамуд.

Ба ин маънӣ метавон гуфт, ки Инқилоби Октябр ба мардуми мо умеду умри дубора бахшид. Халқи тоҷик баъди

ҳазор сол аз байн афтодани сулолаи Сомониён боз соҳибдавлат шуда, дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи вуҷуд кард»[1].

Агар касе хоҳад, ки ин пешравиро дар мисоли зинда бубинад, мошинсавор қад-қади роҳи Помир ба Бадахшон равад. Онгоҳ бе душворӣ эҳсос менамояд, ки дар тамоми самтҳои зиндагӣ, мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нисбат ба ҳамзабонону собиқ ҳамватанони хеш, ки бо амри тақдиру таърих, аниқтараш бо хоҳиши мустамликаҷӯёнаи Русияи подшоҳӣ ва Британияи Кабир дар қаламрави Афғонистон мондаанд, даҳсолаҳо пеш гузаштаанд. Як худи роҳи автомобилгардро гиред. Зиёда аз 60 сол бо ин роҳ мошинҳо рафту омад доранд, аниқтараш дар замони Шӯравӣ пурбор мерафтанду холӣ бармегаштанд. Дар он тарафи дарё бошад, то кунун ҳатто роҳи нисбатан қулаи пиёдагард надоранд. Хонаҳои сокинони тарафи рост баланду барҳаво, бо усули ҳозиразамон сохташуда, дар соҳили чап бошад бо усули асримиёнагӣ ва ба талаботи муносибатҳои патриархалӣ, ки садсолаҳо пеш сохта мешуданд. Дар соҳили рост зиндагӣ бе қувваи барқ тасаввур карда намешавад, дар он тараф торикию зулмоти асримиёнагӣ. Қобили қайд аст, ки 6-8 сол пеш аввалин маротиба аз ҳисоби хатти қувваи барқи Тоҷикистон баъзе аз сокинони соҳили рост дар хонаҳояшон маротибаи нахуст равшании барқро диданд. Дар соҳили рост мактабу муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, дар он тараф саросар бесаводӣ. Хулоса, сокинони соҳили Шӯравӣ аз прогресси техникӣ то андозае баҳравар гашта бошанд, бародарони соҳили муқобил бо ҳамон андоза аз онҳо маҳруманд. Чунин вазъи ҳаёти иҷтимоиро мушоҳида намуда, кас бовар намекунад, ки 8 даҳсола пеш зиндагии ин авлодону хешони наздик – сокинони ҳарду соҳили Ӯраи ҷудо кардашуда дар як сатҳ буд.

Ин пешравиро фақат шахсоне дида наметавонанд, ки са-

[1] Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон,1999. – С.103.

води кофӣ ва диди таърихӣ надоранд, ё аз фаҳмиши адолати иҷтимоӣ фосила меҷӯянд. Беҳуда нест, ки онҳо Тоҷикистонро чунон ҳақиру бенаво, аз ҷиҳати иқтисодӣ чунон камбағалу роҳгум нишон медиҳанд, ки гӯё аз рӯи сатҳи зиндагӣ ва иқтидори саноатӣ дар дунё аз ҳама охир қарор гирифта бошад. Ба ин нолишҳои сентименталӣ (риққатовар, аламовар, ҳузнангез) нафрати кас меояд. Биёед ба иқтидори иқтисодӣ, боигарии табиӣ ва аз ҳама муҳимаш ба меҳнатқаринии халқамон аз паси пардаи норасоии бӯҳрони дирӯза ва сатҳи пасти иқтисодии имрӯза нигоҳ накарда, ба пешомади худ бо диди неку дили гарм ва боварии комил назар кунем. Акнун насибу ризқамонро аз марказ муайян намекунанд. Он сатҳи иқтидори саноатӣ ва кишоварзии имрӯзаамон, ки бешак ба туфайли маблағгузорию кӯмаки илмию техникии Иттиҳоди собиқ ба даст омадааст, пурра ба ихтиёрамон гузашт. Ҳатто корхонаҳои саноатии аз замони Шӯравӣ мерос монда, ҳуқуқ медиҳад, ки мо иқтидори саноатии ҷумҳуриро нисбат ба аксари давлатҳои хориҷии сатҳи миёна боло гузорем. Ин иқтидор бешак имкон медиҳад, ки ҷумҳурӣ дар як муддати кӯтоҳ аз танқисии иқтисодӣ баромада, дар бозори ҷаҳонӣ мавқеи худро соҳиб мешавад. Афсӯс, ки дар ин бора на фақат кам фикр кардем, инчунин, дар сатҳи зарурӣ нисбати нигаҳдошту ба кор андохтани корхонаҳои боқимондаи саноатӣ чораҷӯии қатъӣ зоҳир накардем. Пеши роҳи боқимондаи корхонаҳои саноатиро низ аз нестшавӣ нигоҳ надоштем.

То рафт вусъат ёфтани бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ ва талвосаи аз ин бероҳагӣ баромадан, гарчи хеле ҳузновар буда, диққати аҳли ҷомеаро ба худ банд карда бошад ҳам, аз баъзе тарафҳои барои сохтори ҷамъиятии ҳақиқатан демократӣ ва ҳуқуқбунёд хеле муҳими раванди воқеаҳо сарфи назар намудан низ гуноҳ аст. Аз ин ҷиҳат аз байн бардоштани он маҳдудиятҳои сиёсӣ ва идеологии ба идоракунии пештараи бюрократӣ мансуббударо баъди ба даст овардани имконияти мустақилияти миллӣ бурдбории хеле

муҳим ҳисоб кардан лозим аст. Шикасти маҳдудиятҳои динию мазҳабӣ низ аз ҷумлаи онҳост.

Пӯшида нест, ки дини мубини илом дар байни аҳолии ҷумҳурӣ, ба истисноӣ яҳудӣ ва насронӣ, дини ягонаест, ки таълимоташ ба маънавиёт ва хуну пӯсти аҳолии маҳаллӣ дохил гаштааст. Боиси таассуф аст, ки сарварони дин он рӯзҳо ин нерӯи бузургро барои ваҳдати халқ ва бунёдкорӣ истифода бурданӣ набуданд.

Дар ҳолате ки дар мубориза ба муқобили ҳизби коммунистӣ ҳизби демократӣ ва созмони «Растохез» заифии худро эҳсос менамуданд, табиист, ки аз қувваи нисбатан пуриқтидортар ва дар байни халқ бештар нуфуз дошта, яъне ислом истифода карданӣ шуданд. Аз рӯи диди онҳо ин ягона имконияте буд, дар ҳалли нақшаи ба даст даровардани ҳокимият. Демократҳо гумон надоштанд, ки баъзе аз роҳбарони дин ҳам, ки худро кайҳо ба гирдоби сиёсат зада буданд, дар талоши ҳокимият нафақат аз онҳо қафо мондан намехостанд, балки муборизаро ба фоидаи худ ҳал карданӣ шуданд. Худи вазъият ба ин мусоидат мекард. Шиори ҳизби коммунистӣ – «мубориза барои ҷумҳурияти мустақили демократӣ ва ҳуқуқбунёд», ки аз рӯи мантиқи аслиаш бояд дар чорчӯбаи сотсиализм таъмин мегашт, шиори ягонаи ҳамаи ҳизбу ҷараёнҳои сиёсӣ гардид. Барои ҳамин ҳам ин ташаббус дар байни омма, пеш аз ҳама зиёиён, дастгирӣ пайдо намуд. Вале фаҳмиш ё мантиқи ояндаи ин шиор аз фаҳмиши ибтидоии худ дур мешуд.

Дере нагузашта ҳомиёни демократия ба демократияи буржуазӣ майл мекардагӣ шуданд ва кор ба ҳадде расид, ки ин демократҳои сармасти муборизаи сиёсигашта рӯи рост демократияю сотсиализмро бо ҳам душман эълон намуданд. Ин барои қувваҳои аксулсотсиалистӣ, ки аз бародарони русиягии худ илҳом мегирифтанд, айни муддао буд.

Ҳизби коммунистӣ дар амал бесардор ва тамоми вазнинии масоили иқтисодии бозсозиро ба дӯши худ бардоранда ба фишори иттифоқи қуваҳои бо ном демократӣ, ки ғайр аз

тезондани муборизаи сиёсӣ ва идеологӣ масъулияти дигаре ба ӯҳда надоштанд, тоб наоварда, ақибнишиниро то ҳадде идома дод, ки дигар ёрои ба ҳуҷум гузаштан дар он намонда буд. Ба ин бепарвогии коммунистони ташкилотҳои сатҳи миёна ва қаторӣ, ки ба фармонфармоии органҳои болоӣ одат карда буданд, низ сабаб шуд. Пешвоёни боло бошанд, ягона роҳи дар сари мансаб монданро ҳарчӣ тезтар аз идеалу вазифаҳои коммунистии худ рӯ гардондану ба мансаби президентӣ соҳиб шудан медиданд.

Баъзеяшон аз ин амал (аниқтараш хиёнат ба ҳизбе, ки ҷону танашонро ба хизматаш бахшида буданд) бурд ҳам карданд.

Дар чунин шароити пурзӯршавии идеологӣ М. Горбачёв, ки бечуну чаро метавонист ба қудрати қонунӣ ё конститутсионии худ ҳамчун Президенти ИҶШС такя карда, ҳизбро, ки ба туфайли он ба сари қудрат омада буд, ҳимоя мекард. Лекин нафақат ба он ҷуръаташ нарасид, инчунин дар як лаҳзаи барои ин ташкилоти дар арсаи байналмиллалӣ хеле обрӯманди сиёсӣ мушкил, ки ташаббускори бевоситаи бозсозӣ буду тақдирашро ҳал карда метавонист, хиёнат карда, аз сарварии он даст кашид. Аз ҳама камбудиҳои содиркардаи Горбачёв ҳамчун сиёсатмадор, ҳаминаш барои ӯ ва ҳизби ба ӯ боваркарда фоҷиабортар буд. Маҳз ҳамин хато ӯро ба бозичаи дасти рақибони сиёсиаш табдил дод.

Акнун ин ҳизбро дар Русия дигар «фарзандони содиқ» – аш, ки ба туфайли он ба сари давлату савлат баромада буданд, ғайриқонунӣ эълон карда, амалиёташро қатъ кунонданд. Дар Русия дасти демократҳо ва дигар ташкилоту ҳизбҳои сиёсии ақидаи зидди киммунистӣ дошта, пурра кушода шуд. Онҳо ба сари вазифа ва қудрати сиёсӣ омаданд. Ҷудо кардани Ҳизби коммунистии Русия аз Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ (ки маҳак ё ядрои ҲКИШ-ро ташкил мекард), бо сардории Г.А. Зюганов, хатогии дуюми ин ҳизб буд, чунки маҳз ҳимин ҳизб тамоми ҷумҳуриҳоро аз ҷиҳати сиёсию идеологӣ муттаҳид мекард. Аз байн рафтани қудрати

сиёсию идеологии ҳизби коммунист, қувваи асосии нигоҳдорандаи ИҶШС ҳисоб меёфт, сабаби фурӯ пошидани он Иттиҳоди шӯҳратманд гардид. Онро ҳатто натиҷаи қонунии раъйпурсии умумумихалқӣ, (17 марти соли 1991), ки бо аксарияти овозҳо бақои он тасдиқи худро ёфта буд, аз пошхӯрӣ нигоҳ дошта натавонист.

Мавҷи воқеаҳои сиёсии Русия, Тоҷикистони аз ҷиҳати иқтисодӣ камқуввату аз ҷиҳати сиёсӣ заифро аз пушти худ мекашид. Қувваҳои дар зери шиори демократия амалкунанда барои мустақилияти иқтисодии ҷумҳурӣ, вилоятӣ, ноҳиявию корхонавӣ мубориза то ҳадде расонданд, ки ба шикастани тамоми алоқаи байни истеҳсолӣ ва умуман касодшавии истеҳсолот оварда расонд. Аҷибаш ин буд, ки ба ҳамаи нобарориҳои иқтисодӣ коммунистонро айбдор мекарданд.

Ҳамин тариқ, ихтилофоти сиёсӣ то рафт авҷ мегирифт ва он бӯҳрони иқтисодию сиёсиро то рафт бештар тезу тунд мекард. Азбаски ба ҳамин вобаста карда, ташвиқоти зиддикоммунистӣ муттасил пеш бурда мешуд, табиист доираи пайравон, алалхусус аз ҷумлаи баъзе сиёсатбехабарон, наврасону ҷавонони зудбовар, ки тайёр буданд дар роҳи адолат ҷоннисорӣ намоянд, васеъ мешуд. Агар ҷонсупорӣ барои тантанаи демократия воқеӣ бошад, чунин фарзандон бешак сазовори дастгирӣ ва эҳтироми умум хоҳанд гашт. Лекин таассуфовар он буд, ки қисме аз онҳо худ нафаҳмида, ба роҳе бурда мешуданд, ки хилофи ақида ва роҳи падару бобоёнашон буд.

Бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ ҳамоно суръат мегирифт. Мавқеи ҳизби коммунистӣ то рафт суст мешуд. Дар пайванди сиёсии қувваҳои бо ном демократӣ мавқеи сарварони расмии дин то рафт бештар боло мегирифт. Акнун роҳбари қозиёт рӯи рост ба он коре, ки пештар ҳатто аз фикр кардан дар ин бора метарсид, қатъиян даст заданӣ шуд. Акнун бо саъйи комил муборизаро бурданро барои ҳокимият аз касе пинҳон намедошт.

Муҳосираи дарозмуддати сиёсии парламент ва ҳизби роҳбар сар шуд. Дар он ба демократҳои Тоҷикистон бародарони калони онҳо – демократҳои Русия кӯмак мекарданд. Дар ин кор таҷрибаи Умумииттифоқ истифода карда шуд. Сарвари ҷумҳурӣ Қ. Маҳкамов мисли бародари калонаш – Горбачёв, нисбат аз ба вазифаи раиси ҷумҳур падруд гуфтан, аз сарвари ҳизб даст кашиданро авлотар шуморид. Ҳамин тариқ, ӯ аз такягоҳи идеологӣ ва сиёсии барои ҳар сарвари давлат дар нигоҳ доштани ҳокимият ҳалкунанда, маҳрум гардид. Билохира аз вазифаи Раиси ҷумҳур низ шармандавор ронда шуд.

Шояд савол афтад: Оё аз рондани Маҳкамов вазъи иқтисодӣ ва сиёсии ҷумҳурӣ муътадилтар шуд? Ҳаргиз не! Касе ҳисоб накардааст, ки дар ин фосилаи аз амал рафтани ӯ то ба раиси нави ҷумҳур интихоб шудани Р. Набиев, ҷумҳурии бесоҳиби мо то кадом андоза хароб гаштааст (ин масъала тадқиқ металабад). Ҳаминаш пинҳон нест, ки рақибони сиёсӣ аз рӯи масали «гӯр сӯзаду дег ҷӯшад» амал мекарданд. Торафт бештар бад шудани вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ ба фоидаи онҳо буд.

Бояд қайд кард, ки мубориза ба муборизаи байни шахсиятҳои сиёсии алоҳида табдил мееёфт. Майдони набарди сиёсӣ ба парламент кӯчид. Баъди рафтани Қ. Маҳкамов бояд шахси якум муйян мешуд. Азбаски якумшавандаҳо хеле зиёд буданд, онгоҳ аз рӯи нақшаи муқобилгузории шахсиятҳои нисбатан маълуму машҳури ҷумҳурӣ сар шуд (аниқтараш, он хеле пештар сар шуда буд, лекин дар чашм наменамуд).

Ба назар чунин мерасад, ки ташкилкунандагони ин муборизаи шахсиятҳо аз рӯи нақшаи махсус амал мекарданд. Насли калон ва миёнаи хонандагони муҳтарам шояд ба майдони сиёсӣ аз нав ворид шудани Раиси ҷумҳур Раҳмон Набиевро дар хотир дошта бошанд, ки дар он ташаббуси худи демократҳо назарас буд. Бар хилофи халқи заҳматкаш, ки ҳанӯз ба кордонию корозмудагии Р. Набиев бовар мекард,

ба демократҳо ӯ пеш аз ҳама ҳамчун қувваи зидди коммунистӣ лозим буд. Аз рӯи фаҳмиши онҳо Р. Набиев, ки чанд сол пештар аз сарварии Ҳизби коммунистии ҷумҳурӣ ноодилона (аз рӯи баъзе маълумот бо игвои яке аз аъзоёни бюрои КМ ҲК ҶШС Тоҷикистон Г. Бобосодиқова) дур карда шуда буд (ба ҷояш Қ. Маҳкамов ба ин мансаб интихоб шуд), бояд дар дил нақшаи қассосгирӣ мепарварид. Ва барои иҷрои он фурсати муносиб меҷуст. Яъне онро ба қуллаи идоракуни давлатие баровараданӣ буданд, ки таҷрибаи бои сиёсии худро пурра ба муқобили Қ Маҳкамов истифода бурда тавонад. Беҳуда нест, ки дар матбуот, алалхусус матбуоти бо ном озод, вале дар банди демократҳо, мақолаҳои зиёди шахсияти Р. Набиевро тавсифкунанда ба табъ мерасиданд. Муаллифон як чизи оддиро фаҳмида наметавонистанд, ки таҷрибаи зиндагӣ ва сиёсӣ намегузошт Р. Набиев ба осонӣ ба лаббайгӯи он қувваҳое табдил ёбад, ки акнун худро ба гирдоби сиёсат партофта, самти муайяни шинокуниро наёфтаанд.

Гарчи дар интихоботи раиси Шӯрои Олӣ ва баъди он дар интихоботи парламентии Раиси ҷумҳур Қ. Маҳкамов дастболо шуда бошад ҳам, ғалабаи ӯ муваққатӣ буд. Баъди истеъфои маҷбурии ӯ (30 августи соли 1991) муборизаи қувваҳои демократӣ аз нав шиддат гирифт. Аз сустиродагӣ, калавишҳои идеологӣ ва умуман дар муайян намудани самтҳои нисбатан устувори сиёсӣ раҳгум будани Раиси Шӯрои Олӣ Қ Аслонов (баъди Президент интихоб шудани Қ. Маҳкамов, ба ин вазифа интихоб шуда буд), истифода бурда, ба платформаи бо ном «қувваҳои демократӣ» муяссар шуд, ки 22 сентябри соли 1991 фаъолияти Ҳизби Коммунисти Тоҷикистонро манъ намоянд (ин қарорро сессияи фавқулъоддаи Шӯрои Олӣ 23 сентябр бекор кард, лекин дар зери фишори қувваҳои зиддиҳизбӣ Шӯрои Олӣ тибқи қарори 2 октябри соли 1991 фаъолияти ҳизбро муваққатан боздошт).

Сессияи ба таври таъҷилӣ даъватшудаи Шӯрои Олӣ (23

сентябри соли 1991) Қ. Аслоновро, ки тамоман сари калобаашро гум карда, ба кирдорҳои ношоистаи бо ном қувваҳои демократӣ нафақат шарикӣ, балки роҳбарӣ дошт, аз вазифаи Раисии Шӯрои Олии Ҷумҳури Тоҷикистон озод намуд. Бӯҳрони парламентӣ ба авҷи аълои худ расид. Намояндагони халқ онро бо роҳи қариб якдилона ба вазифаи Раисии Шӯрои Олӣ интихоб намудани Раҳмон Набиев гӯё ҳал карданд. Дар дақиқаҳои аввал ба назар чунин мерасид, ки қувваҳои демократ ба ин интихоб муқобилияти ҷиддӣ карданӣ нестанд. Депутатҳо ҳам «ҳал шуд» гуфта нафас рост карданӣ ва қувваҳои демократӣ низ ба тақдир тан доданӣ буданд, ки депутати халқии ИҶШС Д. Худоназаров дар парламент баромад карда, қарорҳои Шӯрои Олиро зери танқид гирифт ва онҳоро ҳамчун амали ғайриконститутсионӣ шарҳ дод. Ӯ ба кори Шӯрои Олӣ мудохила намуда, ишора кард, ки таёр аст, то охир мубориза барад (дар ин амал ӯ ба дастгирии демократҳои Русия умед мебаст).

Акнун шахсияте, ки ба муқобили Р. Набиев истифода бурдани он барои демократҳо хеле қулай буд, ёфт шуд. Шояд демократҳои Тоҷикистон бо Д. Худойназаров, ки дар байни демократҳои Русия нуфузи муайянро соҳиб буд, хеле пештар дар бораи ин ҳамкорӣ забон як карда бошанд. Лекин барои тасдиқи он далеле дар даст надорем. Ҳарчанд ба якдигар ҳусни таваҷҷуҳ доштани онҳо хеле пештар аз ин воқеаҳо маълум буд. Муҳимаш он аст, ки аз чунин амал Д. Худоназаров бо чанде аз ҳаммаслакони дар гирдиҳамоии коргарону зиёиён ва дигар сокинони шаҳри Душанбе баъди шикастани пайкараи В.И. Ленин дар таҳлука афтидааш, рӯҳ гирифтанд.

Дар парламент муборизаи шадиди навбатӣ сар шуд. Гунаҳгоркунии тарафайн ба авҷи аъло расид. Махсусан вақте дар майдони Озодӣ гуруснанишиниҳои бардавом (аз 23 сентябр то 7 октябри соли 1991) шуда гузашт, вазъият ниҳоят тезу тунд шуда буд. Гарчанде Р. Набиев бо роҳи қонунӣ Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуда бошад ҳам, имкони

кор кардан надошт, аниқтараш демократҳо ба ӯ имкон намедоданд, ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ба фоидаи онҳо набуд. Набиев маҷбур шуд, ки иҷрои вазифаҳояшро ба зиммаи ҷонишини Раиси Шӯрои Олӣ А. Искандаров гузорад.

Баъдтар вазъият дар парламент андаке ҳам бошад ором гашт, чунки маракаи интихоботи президентӣ огоз ёфту ҳадафи тири қувваҳои сиёсӣ акнун номзадҳо ба раисии ҷумҳур гаштанд. Аз 9 номзаде, ки ба ин мансаб аз тарафи интихобкунандагон пешниҳод шуда буданд ва ҳар кадом тарафдору рақибони худро дошт, вале ду номзад: Р. Набиев ва Д. Худоназаров диққати қисми асосии интихобкунандагонро ба худ мекашиданд. Мубоҳисаи афкори сиёсӣ ва аксари интихобкунандагони оддӣ дар атрофии онҳо мегузашт.

Дар ин бозӣ демократҳо, ки Р. Набиевро ба гирдоби муборизаи сиёсӣ кашида буданд, акнун мехостанд ӯро дар ин гирдоб гарқ намоянд. Чунки ӯ барои онҳо то афтондани Қ. Маққамов лозим буд. Баъди ба иқтидори воқеии сиёсӣ соҳиб шуданаш аз ӯ ҳарос пайдо карданд. Ин ҳарос на барои он буд, ки ӯ тарафдори нигоҳ доштани тарзи идоркунии сахт муттамарказонидаи коммунистӣ хоҳад шуд, чӣ тавре маълум аст, худи коммунистон ин усули роҳбариро аввалин шуда маҳкум карда буданд ва ба он баргашта наметавонистанд. Онҳоро дигар чиз метарсонд. Ба сари ҳокимият омадани Р. Набиев, ки халқ, ҳеҷ набошад аксари одамон ба ӯ эътиқод доштанд, нақшаи ниҳоияшонро халалдор мекард.

Дар баробари то рафт бештар суръат гирифтани шикасти қолабҳои анъанавии тарзи истеҳсолот, як навъ боварие дар шуури мардум қавӣ мегардид, ки гӯё «иқтисоди бозор», «худидоракунӣ»-ву «худмаблаггузорӣ» ҳамаро ҳал мекарда бошанд. Дар ибтидо, ки раванди идоракунии иқтисодӣ ва худи базаи иқтисодӣ ҳанӯз қавӣ буд дар заминаи суръати пештара пеш мерафт, болоравии истеҳсолот ҳамоно идома дошт, вале рахна шудани пойдевораш барои мутахассисони таҷрибадор то рафт бештар равшан мегардид.

Чунин вазъият табиист, ки ҳизби ҳукмрон – ҳизби ком-

мунистро бештар ба ташвиш оварда буд. Акнун, ки чархи гарону тезгарди мошини бозсозӣ ба гардиш омада буду механизми нигоҳдорандаи (тормоз) он кайҳо аз кор баромада ва дар ҳолати аз итоат баромадан қарор дошт, ҳизбе, ки онро идора мекард, кӯшиш дошт, ки лоақал ин чарх ба бероҳа ва аз он бадтар, ба чуқурии бетаг набарад. Ҳизби коммунист, ноилоҷ ба ин маҷрои барояш носозгор ворид шуд.

Акнун шароити нави хоҷагидории ба талаби бозор мувофиқи истеҳсолот талаб мекард, ки аз нақшаи муттамаркази сотсиалистӣ даст кашида, ба истеҳсолоти озоди бозорӣ машғул шаванд. Дар он замон барои деҳқони оддӣ зараровар ё фоидаовар будани тарзи истеҳсолоти ба талаби бозор мувофиқ чандон фаҳмо набошад ҳам, то рафт бештар суръат гирифтани кӯшиши гайридавлатӣ гардонидани замин ва ба моликияти хусусӣ табдил ёфтани он барои деҳқон хеле гуворою умедбахш садо медод. Ин барои роҳбарияти олӣ ва миёнаи ҷумҳурӣ низ ягона роҳи ҳалли рӯзмарраи масъалаи аграрӣ ба назар мерасид.

Табиист, ки ВМКБ аз ҳамаи ин гирудорҳои сиёсии ба замони бозсозӣ рост омада дар канор буда наметавонист. Сохтмони роҳи автомобилгарди Қалъаихуб–Кӯлоб низ хеле пештар ба нақша гирифта шуда буд, вале заруратҳои дигари иқтисодӣ онро ба таъхир андохта буданд. Акнун дар арафаи бозсозӣ ва давраи аввали он аз нав ба сари ин масъала баргаштанд. Моҳи майи соли 1991 бо сардории маслиҳатчии Президенти ҷумҳурӣ оид ба масъалаи сохтмони асосӣ Г.Ф. Муравёв дар нуқтаи охирини роҳ, наздикии деҳаи Овгард маҷлиси Штаби махсуси сохтмони роҳи Қалъаихумб–Кӯлоб гузаронида шуд. Дар маҷлис котиби аввали ҳизби коммунисти Вилояти Кӯҳистони Бадахшон С.Б. Бекназаров, раиси комиҷроияи вилоят Ғ. Шаҳбозов, котиби аввали кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Кӯлоб С. Мирзошоев, ҷонишини раиси комиҷроияи вилоят Ё. Сангов ва мутахассисони сохтмони роҳ аз шаҳрҳои Маскаву Тошканд иштирок намуданд.

Дар маҷлис қарор шуд, «ки соли равон (соли 1991) 3 миллиону 600 ҳазор сум ҷудо карда шуда, пурра аз худ карда шавад». Бо ин мақсад намояндагони Маскаву Тошканд ваъдаи қатъӣ доданд, ки техникаи иловагӣ ҷудо мекунанд. Ба қароре омаданд, ки соли 1993 роҳ кушода шуда, соли 1994 пурра ба истифодабарӣ дода шавад. Ва чунин чорабиниҳои штаб ҳар як квартал, ҳам аз ин тараф ва ҳам аз тарафи Кӯлоб гузаронида шаванд.

Масъалаи сохтмони роҳи автомобилгарди Дарвоз–Кӯлоб рӯз то рӯз баландтару қавитар садо медод. Дар ин радиф бояд қайд кард, ки сохтмони ин роҳ солиёни зиёде дар мадди назари роҳбарияти Умумииттифоқ ва ҷумҳурӣ бошад ҳам, вале ба сатҳи умдатари талаби замон набаромада буд. Он албатта чунин сабабҳои худро дошт:

а) аз диди давлат роҳи мазкур ҳанӯз аҳамияти стратегиро соҳиб нашуда буд. Афғонистони дар ҳолати асримиёнагӣ боқимонда, барои Иттифоқи Шӯравӣ хавфе надошт. Гузашта аз ин Афғонистон ҳамсояи дӯсту бегараз ҳисоб меёфт. Давлати абарқудрате, ки дар он ҷо таъсиру барои Иттиҳоди Шӯравӣ хавфнок бошад, ҳанӯз вуҷуд надошт;

б) зарурати иқтисодии ин роҳ низ эҳсос намешуд. Аввало маҳсулоти аз ҷиҳати иқтисодӣ ва стратегӣ муҳимме, ки онро зарурати комплекси ҳарбӣ пеш меорад, набуд. Сониян иқтидори нақлиёт, арзонии сӯзишвории он барои таъмини солонаи мардум аз тамоми маводи ғизоиву пӯшока, дар фасли тобистон бо кушода шудани ағбаи Хобу Рубот пурра имкон медод;

в) ВМКБ, ки ҳанӯз ба минтақаи саноатӣ табдил наёфтаву барои онро ба чунин минтақа табдил додан нисбат ба водиҳои нисбатан ҳамвору замини ҳосилхез дошта, даҳчанд хароҷотталаб буд. Аз ин лиҳоз аввал ба он ҷойҳое диққат дода мешуд, ки бо маблағгузории камтарин истеҳсолотро ба роҳ монда, даромади калон гирифтан мумкин бошад;

г) дар миқёси Умумииттифоқ ҳанӯз зарурати ин роҳро ба роҳи савдои байналмиллал табдил додан эҳсос намешуд.

Хитой, Покистон, Ҳиндустон ва Афғонистон дар ин ҷода дар савдои берунии Давлати Шӯроҳо мақоми ҷиддие пайдо накарда буданд. Бо Хитой аз миёнаи солҳои 50-ум муносибат коҳида буд. Покистон бештар дар таъсири мамолики аъзои НАТО монда буду Иттиҳоди Шӯравӣ бо ин давлат наздикӣ намеҷуст. Ҳиндустон, ҳарчанд зоҳиран давлати бузург буд, вале аз ҷиҳати иқтисодию иқтидори саноатӣ суст ҳисоб мееёфт ва алоқаҳои дӯстиаш устувор бошад ҳам, шарики боэътимоди савдоӣ шуда наметавонист. Дар ин ҷода бештар ба давлатҳои лагери сотсиалистӣ такя кардан барои Иттиҳоди Шӯравӣ авлотар буд;

д) аз ҳама дар ин ҷода сабаби ҳалкунанда, мустақилона амал накардани роҳбарияти худи ҷумҳурӣ буд. Чӣ тавре маълум шуд, ин роҳ бештар аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошт, на умумииттифоқӣ. Роҳбарияти ҷумҳурӣ бошад, ин масъаларо ҷиддӣ намебардошту нақшаи кору хароҷоти заруриро ба Идораи давлатии банақшагирӣ (Госплан) пешниҳоду баррасӣ намекард. Интизорӣ мекашиданд, ки кай ин сохтмон сохтмони умумииттифоқӣ эълон мешаваду роҳбарияти ҷумҳуриро аз ташвиши банақшагирию ҳазм намудани маблағи калони аз буҷети давлатӣ ҷудо гардида ба гарданаш бор намешавад. Дар замони Шӯравӣ доимо аз ташвиши маблағгирӣ дида, масъулини сарфу харҷи онро ба ӯҳда дошта, аз дар сари вақт ҳазм накардани он метарсиданд, чунки барои ин ноӯҳдабароӣ ҷазо гирифтанашон мумкин буд.

Акнун, ки ба туфайли бозсозии горбачёвӣ, кам шудани маблағгузорию бори маводи зиндагӣ, ки ҳамасола сокинони ВАБК то бастани роҳи мошингард пурра таъмин карда мешуданд, зарурати ҳарчӣ тезтар кушода шудани роҳи Дарвоз–Кӯлобро тақозо дошт. Вобаста ба ин ташаббус ҳарчӣ бештар аз поён бармехост. Чунин талабҳо дар саҳифаҳои матбуоти маҳаллӣ бештару бурротар садо медоданд. Муроҷиатномаи чанде аз нафақахӯрони ноҳияи Дарвоз ба Президенти онвақтаи ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев барои

тақвияти ин воқеият чун яке аз мисолҳост. Ин ҳуҷҷати ғайрирасмӣ ва боз даҳҳо далели дигар гувоҳ бар онанд, ки сохтмони роҳи деринтизори Кӯлоб-Дарвоз акнун яке аз корҳои қисматсозу батамом таъхирнопазир гашта буд. Вале то амалӣ гаштани он боз фосилаи дарозу мураккаберо тай намудан лозим меомад.

Натиҷаи аз ҳама муҳими воқеаҳои дар давраи бозсозӣ суръатгирифта барои Тоҷикистон расидан ба истиқлолияти пурра ҳисоб меёбад.

Акнун бо тақозои таъриху тақдир, 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти пурраи Ҷумҳурӣ ба расмият даровардa шуд. Ин падидаи бо воқеияту зарурати замон ҷавобгӯ, бешубҳа дастоварди бузургтарини миллати тоҷик, зинаи ниҳоӣ дар эҳёи давлатдории он ҳисоб меёбад. Вале давраи гузариш ба ин фазои истиқлолияти комил ба таври фоҷиабор сурат гирифт.

# *Боби 2*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА МУШКИЛОТИ ҲИФЗИ ОН

## АВЗОИ СИЁСӢ ДАР ОХИРИ АСРИ XX

Фурӯ пошидани Иттиҳоди Шӯравӣ бо чунин иқтидори сиёсию иқтисодии азим табиист, ки барои тамоми мамолики ҷаҳон аз ҷиҳати сиёсӣ бетаъсир намонд. Рақибони анъанавии ин империяи абарқудрат – давлатҳои бузурги олами сармоя аз ин фурӯпошии иттиҳод қариб дар тамоми самтҳои板 барояшон зарурӣ баҳрабардорӣ намуданд. Ин бурди ниҳоят бузурги то андозае гайричашмдошт мавқеи стратегӣ ва иқтисодии онҳоро қавитар сохт. Маҳз ҳамин тавр сурат гирифтани воқеаҳо барои васеъ намудани манбаи ашёи хому бозори савдо ва умуман пешбурди сиёсати нави мустамликадорӣ (неоколониализм) онҳоро аз бӯҳрони шадиди дар пешистодаи иқтисодӣ раҳо карда, барои суръат гирифтани рушди иқтисодиашон мусоидат намуд. Ба андозае, ки давлатҳои бузурги олами сармоя манфиат мебардоштанд, бо ҳамон андоза, ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ заиф гаштаву дар ин замина ба гирдоби даргириҳои сиёсӣ афтиданд. Табиист, ки Тоҷикистон дар чунин вазъият нафақат канорагирӣ кардан наметавонист, балки масоили зиёди иҷтимоию мафкуравие, ки дар замони Шӯравӣ ҳалли худро наёфта буданд, сабаби дар ин ҷо зиёдтар авҷ гирифтани даргириҳои сиёсӣ ва ахиран ба ҷанги шаҳрвандӣ кашидани онҳо гардиданд.

Дар ин ҷанги барои миллат нангин аз рӯи маълумоти нопурра бештар аз сад ҳазор ҷавонони дар дил орзуву ҳаваси зиндагӣ дошта, ҷони худро аз даст доданд, садҳо шаҳру

деҳоти бобоёну падарон бо заҳмати сангин обод карда вайрону валангор гаштанд. Беш аз якуним миллион сокинони ҷумҳурӣ ҷои зисти муқимии худро тарк намуда, муддате дар кишварҳои дуру наздик заҳри сарсонию саргардониро чашидаанд. Беш аз 25 ҳазор зани тоҷик беваю 60 ҳазор тифлони маъсуму бачагони ноболиғ ятим гаштаанд. Зарари моддии ин ҷангро то кунун касе тадқиқ накардааст[1].

Вале даҳову заковати халқ, фарзандони ба ору номус (роҳбарияти Ҳукумати конститутсионӣ бо сарварии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва қувваҳои оппозитсионӣ зери роҳбарии Сайид Абдуллоҳи Нурӣ) ва дастгирии давлатҳои ҳамсояю бародар, пеш аз ҳама Федератсияи Русия, инчунин, ташаббуси созмонҳои бонуфузи байналмилалал, аз ҷумла Созмони Миллали Муттаҳид имкон дод, ки баъди машварати тӯлонӣ ба мусолиҳаву сулҳи пойдор ва ваҳдати миллӣ соҳиб гардем.

Бале, мо хато накардаем, ки дар навбати аввал даҳову заковати халқро мегузорем. Халқеро, ки баъди аввалин падидаҳои эҳёи давлатдорӣ, ба фазои истиқлолияти пурра ворид шудан, ба гирдоби фатвои сиёсатбозони нодурбини маҳалгаро, муллотарошони ҷоҳталаб, созмондиҳандагони гурӯҳу ҳизбҳои авомфиребӣ дар маҷмӯъ худро қувваҳои демократ эълом дошта ва дигар «ҳаммаслаку ҳаммазҳабон», «дӯстони хайрхоҳ»-у «лофи бародархондагӣ» занандаи хориҷи мамлакат, ки ба ҷуз ҳирси гараз ва манфиатҷӯӣ дигар мақсаде надоштанд, афтода буд, акнун хираду заковати хешро барои раҳоӣ ёфтан аз ин вартаи даҳшатнок ба маҷрои мусоиди нигаҳ доштани давлату созандагӣ мустақиман мавриди истифодаи ҷиддӣ қарор дод.

Имрӯз бисёре ба ном сиёсатдонон ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистонро бо Афғонистон ва дигар давлатҳо муқоиса намуда, тарзу усул ва шеваи намунавии ба сулҳу ваҳдати комил расидани моро чун намунаи беҳтарини аз ҷанги

[1] Сайид Абдуллоҳи Нурӣ. Оштинома. – Душанбе, 2001. – С.4.

ҳамватанӣ баромадан тавсия медиҳанд. Вале дар таҳлили дарёфти амиқи илмии нисбатан ба тезӣ ба ифоқа расидани қувваҳои мухталиф ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд. Маҳз ҳамин омили ҳалкунанда будани халқро, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудааст, барҷаста, воқеӣ ва асоснок нишон дода наметавонанд.

Бояд гуфт, ки дар байни халқи тоҷику тоҷикистониён ва Афғонистон хати мувозӣ (параллел) гузоштан худ нодуруст аст. Аз диди мо яке аз омилҳои ҳалкунандаи нисбатан ба тезӣ ба якдигарфаҳмию сулҳ дар миёни тоҷикон расидан сатҳи баланди дониш ва фарҳанги худи тоҷикон аст. Дастоварди бузурги мо дар даврони Шӯравӣ нафақат пешрафти беамсоли иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҳисоб меёбад, инчунин, падидаи аз он баландтар саросар босавод гаштани халқ, аз дастовардҳои фарҳангии умумибашарӣ бархурдор будани он мебошад. Пӯшида нест, ки аз рӯи ин нишондиҳандаҳои сатҳи илмию фарҳангӣ Тоҷикистон ба пешқадамтарин давлатҳои дунё қариб дар як радиф қарор гирифта буд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои дараҷаи маълумот Бадахшони Шӯравӣ ҳанӯз дар солҳои 70 дар миқиёси Умумииттифоқ ба ҷои аввал гузаштаву дар миқиёси умумибашарӣ дар қатори пешсафтаринҳо ҷой гирифта буд. Чи тавре дар боло ишора рафт, агар ба ҳисоби миёна ба ҳар ҳазор сокини Иттифоқи Шӯравӣ 483 нафар каси дорои маълумоти миёнаву олӣ рост ояд, дар Тоҷикистон ин нишондиҳанда ба 420 ва дар ВМКБ ба 525 нафар баробар буд[1].

То соли 1979 дар вилоят зиёда аз 350 нафар муаллимон ба мукофотҳои давлатӣ қадршиносӣ шуда буданд. Аз ҷумла 112 – бо Ифтихорномаҳои Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон, 48 нафар бо унвони ифтихории «Муаллими хизматнишондодаи мактабҳои ҶШС Тоҷикистон», 412 – «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», 41 нафар «Аълочии маорифи

[1] История Горно-Бадахшанской автономной области. – Душанбе, 2005. – С.168.

халқи ИҶШС» сазовор дониста шудаанд[1]. Соли хониши 1976/77 дар мактабҳои вилоят аз 3 108 муаллим, 2 251 нафар бо маълумоти олӣ, 290 – олии нопурра, 485 – бо маълумоти миёнаи омӯзгорӣ ва фақат 82 нафар бо маълумоти миёна фаъолият доштанд[2]. Дар ҳамаи сатҳи омӯзиш тарбияи ватандӯстӣ, гуманизми сотсиалистӣ мавқеи марказӣ дошт. Дар ин самту сатҳ байни мову Афғонистон фарқияту фосилаест муқоисанашаванда.

Албатта, дар ин масъала бояд аз омили ниҳоят равшану ҳалкунанда доштани роҳбарияти ҳукумати коститутсионӣ, пеш аз ҳама, дарки воқеъбинонаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуд. Маҳз ба маҷрои мувофиқи якдигарфаҳмӣ равон кардани раванди музокироти сулҳ ва шуҷоати сиёсии ӯ яке аз омилҳои муҳимтарини ҳаллу фасли ин масъалаи тақдирсози таърихӣ гардид.

Дигар омили ниҳоят зарурӣ, ки раванди оштихоҳонаи Ҳукумати қонунӣ ва қувваҳои оппозитсионӣ, сипас фаъолияти Комиссияи оштии миллиро (КОМ) таъмин карда тавонист, Созмони Миллали Муттаҳид ва роҳбарияти расмии давлатҳое буданд, ки ёрии бегаразонаи худро дар кори ба эътидол омадани вазъи сиёсии Тоҷикистон дарег надоштаанд.

Ҳарчанд чӣ мутахассисони ватанӣ ва чӣ хориҷӣ доир ба таҷрибаи муфиди Тоҷикистон дар кори таъмини муваффақиятноки оштии миллӣ борҳо таъкид намуда, аз истифодаи он дар мамолики гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ ҳушдор додаанд, вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки ҳалли ин масъалаи тақдирсоз барои Тоҷикистон сабук ҷараён гирифта бошад. Баръакс, дар Ватани мо раванди ҳодисаҳову даргириҳои оштинопазир чунон печидаву чигил буд, ки баъзан эҳсоси фурӯ пошидани давлат дар боварии комил нисбати нигаҳдошти он боло мегирифт. Ба гайр аз душманони миллату ҷоҳталабони дохилӣ, кам набуданд доираҳои гаразманди

---

[1] История Горно-Бадахшанской автономной области. – Душанбе, 2005. – С.189.

[2] Ҳамон ҷо. – 189.

сиёсию ҳарбии хориҷие, ки мехостанд, аз фурӯ пошидани Тоҷикистон манфиат бардоранд. Вайронаҳои онро барои қароргоҳи стратегӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Қувваҳои исломгароӣ кӯшиши зиёде ба харҷ медоданд, ки аз ин шароити нисбатан бароящон муфиди авҷи даргириҳои сиёсӣ баҳра бардошта, барои ба гирдоби сохтори давлатдории исломӣ ва ҳатто барқарор намудани режими теократӣ аз тамоми қувваи аҳриманӣ истифода баранд.

Ин ҷанобони таърихбехабар ҳатто ба гӯшаи хотир оварда наметавонистанд, ки аз як тараф, чунин режими давлатдории асримиёнагӣ ба халқи аз дастовардҳои ҷомеаи сотсиалистӣ бархурдор гашта, куллан қобили қабул нест, аз тарафи дигар, ҷумҳуриҳои ҳамсоя – собиқ узви баробарҳуқуқи Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Русия намегузоштанд, то ин режим ба гардани халқи тамаддунпарвари тоҷик бор карда шавад. Чунки ин тавр сурат гирифтани раванди воқеаҳо бароящон ниҳоят хавфнок буд.

Аз ин ҷост, ки барои ба марраи дилхоҳу тақдирсози сулҳу ваҳдати миллӣ расидан роҳи хеле пурпечу тоб ва ниҳоят мушкилу фоҷиаборро пушти сар кардан лозим омад.

Барои дарки нисбатан пурраи вазъи Тоҷикистон аз ибтидо то интиҳои даргириҳои сиёсӣ ва ба маҷрои осоиштаи зиндагӣ гузаштан лозим меояд силсилаи воқеаҳои ба сари ин давлати дар арафаи ба фазои мустақилият соҳиб шудан ва раванди фоҷиабори онро (на аз душманон ё истилогарони хориҷ, балки аз мансабхоҳони дохилӣ, ки зери ниқоби ҳизбу созмонҳои дар маҷмӯъ демократпеша, вале дар амал ҳокимиятхоҳи беандеша) бори дигар пеши назар орем.

Даргириҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон тасодуфӣ набуданд. Онҳо аз воқеъияти замон маншаъ гирифта бошанд ҳам, вале нокомиҳои бозии сиёсии горбачёвии бо ном «бозсозӣ» муаррифӣ шуда, ноуҳдабароии ташаббускору ҳампешагони бадхоҳаш, ки Иттиҳоди Шӯравиро ба коми ҳалокат тела дода буданду натиҷаи номатлуби он дар саросари ин иттиҳодияи бузург эҳсос мешуд, ин равандро тезониданд.

Пӯшида нест, ки Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ дар миқиёси Умумииттифоқ пешсаф набуд. Халқи тоҷик аз дастовардҳои бузурги иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии даврони сотсиализм бархурдор гашта бошад ҳам, аз банди психологияи муносибатҳои авлодӣ раҳо наёфта буд. Табиист, ки то кунун аз эҳсоси мукаммали худшиносии миллӣ фарсаххо дурӣ дошт. Онро падидаи маҳалгароӣ, ки возеҳан то фурӯ пошидани Иттифоқи Шӯравӣ ба назар мерасиду (ҳар чанд дар шакли гӯё ғурури безарари ба ҷавонон хос буда, барои барқарор намудани нуфузи пешсафӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе байни донишҷӯёну ҷавонони зодаи Кӯлобу Помир бошад ҳам) дар арафаи парокандагӣ ва баъди он вақти мустақилиятро ба даст овардан, ба яке аз омилҳои муҳимтарини ҷанги шаҳрвандӣ табдил ёфта буд, равшан собит сохт.

Аввалин амали зӯран бор кардани талаби худ ба ҳукумати расмии ҷумҳурӣ аз тарафи созмону ҳизбҳои тарҳрезишудаву ҳанӯз ба расмият надаромада, то фурӯ пошидани Иттиҳоди Шӯравӣ, ибтидои соли 1990 огоз ёфт. Намоишҳои дар назари аввал гӯё бехавфи сиёси 11 феврали соли 1990 ба задухӯрдҳои харобиовар, дуздию гораттгарӣ ва нахустин қурбониҳои беасос табдил ёфт. 13 феврал намоиши бисёрҳазорнафара дар пойтахт ба митинги зиддикоммунистӣ ва зидди роҳбарияти ҷумҳурӣ, ки аксаран аз минтақаи шимол буданд, гузашт. Муҳаққиқи воқеаҳои солҳои 90-м профессор Иброҳим Усмонов дуруст қайд кардааст, ки амалан ин намоиш асоси маҳалгароӣ, вале ниқоби сиёсии зидди бартарии роҳбарияти ҳизбӣ ва давлатии минтақаи Ленинобод буд. Зоҳиран гӯё намоишу бесомониҳои сиёсии 11-17 март бо даъвати ҳаракати мардумии «Растохез» бошад, вале амалан ҳамаи ин зери роҳбарии Қозиёти ҷумҳурӣ мегузашт[1]. Дар рафти воқеаҳои

[1] Усмонов И. Миростроительство в Таджикистане. – Душанбе: Деваштич, 2006. – С.7.

февралӣ ҳаракати нави халқӣ бо унвони «Кумитаи 17» таъсис ёфт. Дар Душанбе 23 нафар қурбони ин дасисаҳо гардид. Моҳи ноябри соли 1990 дар аввалин интихоботи Президент, ки онро депутатҳои Шӯрои Олӣ гузарониданд, котиби аввали Ҳизби коммунист Қ. Маҳкамов Президент интихоб шуд.

Солҳои оянда воқеаҳо ин тавр сурат гирифтанд: 1991 даргириҳои сиёсӣ авҷ гирифт, дар онҳо Қозиёт ва ҳаракатҳои бо ном демократӣ хеле фаъол буданд. Ҳадафи муборизаи онҳо ҳизби коммунист буд. 23 сентябр ин қуваҳои оппозитсионӣ муҷассамаи В.И. Ленинро дар майдони марказӣ канда ба замин партофтанд ва ин сабаби намоиши эътирозии 24 сентябр гардид. Дар натиҷа сессияи ғайринавбатӣ ва фавқулъодда Қ. Аслоновро аз вазифаи Раисии Шӯрои Олӣ озод намуда, ба ҷояш Р. Набиевро интихоб кард. Ин боз як сабаби авҷи норозигӣ аз тарафи мухолифин гардид. 24 ноябр аввалин интихоботи оммавӣ барои мансаби Президент гузаронида шуд. Аз 9 номзад Р. Набиев бо 58,5% овоз президенти мамлакат интихоб шуд. Рақиби пешсафтаринаш Д. Худоназаров ҳамагӣ 30% овоз гирифт. Ин муқобилияти сиёсӣ қувваҳои ба ном демократиро боз фаъолтар кард. Ҳамин сол Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (4 декабри соли 1991) ва Ҳизби демократии Тоҷикистон (3 декабри соли 1991) расман таъсис ёфтанд. Ҳамчунин дар ин солҳо ба ғайр аз созмони мардумии «Растохез» ҷунбишу созмонҳои «Бохтар», «Самарқанд», «Куруши Кабир», «Сугдиён», «Ваҳдат», «Пайванд», «Лаъли Бадахшон», «Ҳисори Шодмон», «Меҳри Хатлон», «Зарафшон», «Истаравшан», «Ватан», «Хуҷандиён», «Ҳамдилон», «Носири Хусрав» ва ғайра таъсис ёфтанд, ки чи тавре аз номашон маълум аст, характери маҳалгароӣ доштанд. Онҳо дар маҷмӯъ муборизаи қувваҳои мухталиф ва алалхусус мухолифинро боз фаъолтар гардонда, барои оғози ҷанги шаҳрвандӣ заминаи мувофиқ тайёр мекарданд.

# БА ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ГУЗАШТАНИ ДАРГИРИҲОИ СИЁСӢ

Соли 1992 раванди нисбатан осоиштаи воқеаҳо ба задухӯрди яроқнок табдил ёфт. Моҳи феврал қувваҳои мухолифин аз намояндагон Ҳизби наҳзати ислом, Ҳизби демократӣ, Ҳаракати халқии «Растохез» ва дигар гурӯҳҳои муқобили «ҳукуматронии шимолиҳо» муқовиматро пурзӯртар гардониданд. Ҳукумат барои пешгирии муқовимати онҳо «Шӯрои олимон ва адибон»-ро иборат аз 30 нафар дар назди Шӯрои олӣ таъсис дод. Моҳи феврал муқовимати исломгароён бо сардории Абдуллоҳи Нурӣ дар Қурғонтеппа авҷ гирифт. Ташкили муҳокимаи кори Вазири корҳои дохилӣ бо ташаббуси раиси Шӯрои Олӣ С. Кенҷаев ва аз тариқи телевизион намоиш доданашонро баҳона карда, гирдиҳамоии дарозмуддати эътирозӣ баргузор карданд. Майдони назди собиқ бинои Кумитаи марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, феълан Қасри Президент ва майдони қаноти рости он, ки номи «Шаҳидон»-ро (ба хотираи қурбоншудагони воқеаҳои феврали соли 1990) аз тарафи қувваҳои мухолифин пурра ишғол шуда, намоиши эътирозӣ ҳамоно қувват мегирифт. 22 апрел аз тарафи қувваҳои оппозитсионӣ 15 депутати Шӯрои Олӣ ба сифати гаравгон боздошт шуданд. Ҳамин рӯз С. Кенҷаев аз вазифаи Раисии Шӯрои Олӣ истеъфоъ дод. 24 апрел тарафдорони Ҳукумати қонунӣ ва С. Кенҷаев аз вилояти Кӯлоб омада дар майдони марказӣ, ки акнун «Майдони озодӣ» ном гирифта буд, ҷамъ омаданд. Дар пойтахт дар ду майдон ду қувваи муқобил дар ҳолати оштинопазир қарор гирифта, гунаҳгоркунии якдигарро ба авҷи аъло расонда буданд. Роҳбари Гвардияи президентӣ генерал Б. Раҳмонов ба тарафи мухолифин гузашт. Тоҷикистон дар арафаи ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт. Аз фаро расидани он 5 май дар бинои Парламент ба ҳалокат расидани депутат ва сармуҳаррири рӯзномаи «Садои мардум» Муродулло Шерализода ва дар ноҳияи Ленин ба ҳалокат расидани чанд нафар аз тарафдорони ҳукумати

қонунӣ дарак медод. Бояд қайд кард, ки иддае аз муҳаққиқон ва рӯзноманигорон маҳз ҳамин рӯзро огози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон медонанд.

8 май дар бораи таъсис додани Ҳукумати коалитсионӣ шартнома қабул карда шуд. 10 май аз тарафи қувваҳои мухолифин кӯшиши ба даст овардани бинои Кумитаи бехатарии ҷумҳурӣ ба қурбониҳои навбатӣ оварда расонд. 17 май Ҳукумати нав таъсис дода шуд, ба ҳайати он 9 намояндаи мухолифин ворид гардиданд. Вале ин вазъи сиёсиро мӯътадил накарда, баръакс муташанниҷтар гардонд. Моҳи июни соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ дар Қӯргонтеппа ва баъзе минтақаҳои водии Ҳисор аланга гирифт. Ҳукумати марказӣ артиши худро надошт, задухӯрдҳои яроқнок дар байни қувваҳои мухолифин ва отрядҳои ихтиёрии «Фронти халқӣ» мегузашт. 24 август Прокурори Генералӣ Н. Ҳувайдуллоев ва чанде баъд ҷонишини раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб С. Сангов ба ҳалокат расонда шуданд. Р. Набиев, ки дар гарнизони ҳарбии Русия паноҳ ҷуста буд, 7 сентябр дар фурудгоҳ дастгир шуда, дар ҳузури аъзои ҳукумат ва Президиуми Шӯрои Олӣ ӯро маҷбур карданд, то барои ба истеъфо баромадан ариза навишта, имзо гузорад.

Дар чунин вазъияти фоҷиабори сиёсию задухӯрдҳои яроқнок 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ дар Қасри Арбоб сессияи таърихӣ ва қисматсози XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон огоз ёфт, ки дар он роҳбарияти нави Парламент ва ҳукумати нав интихоб карда шуданд. 19 ноябр, пас аз шунидани ҳисоботи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон А. Искандаров дар бораи фаъолияти думоҳа ва муҳокимаи вазъи ба амаломада, Шӯрои Олии ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозхонди А. Искандаров аз вазифаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон қарор қабул намуд[1]. Ҳамин

---

[1] Доир ба чи тавр сурат гирфтани он нисбатан муфассал ниг.: Нуралӣ Давлат. Се моҳи сарнишинӣ дар киштии шикаста // Миллат. – 2011. – № 31 (309). – 3 август. – С.8-9; Ҳамон муаллиф. Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олиро Акбаршоҳ Искандаров даъват карда буд // Миллат. – 2011. – №32 (310), – 10 август. – С.12-13.

рӯз Э. Раҳмонов Раиси Шӯрои Олӣ ва Роҳбари давлат интихоб шуд.

Вале то ба эътидол овардани вазъи ҷомеа ба Президенти ояндаи мамлакат лозим омад, ки мушкилиҳои ниҳоят сангини чандинсолаи роҳи оштии миллӣ, гиреҳҳои сарбастаи иқтисодию иҷтимоӣ ва роҳҳои дарёфти дастгирию ҳамкории давлатҳои хориҷиро ҷустуҷӯ ва ҳаллу фасл намояд.

Ҳоло ҳамаи ин дар пеш буд. Он рӯзҳо бошад, ҳазорон одамон аз ноҳияҳои Шаҳртӯс, Қабодиён, Панҷ ва Қумсангир дар ҳолате ки дарёи Панҷро убур карда, садҳо нафар гарқ гашта буданд, ба Афгонистон фирор намуданд.

10 декабр Ҳукумати нав таъсис ёфта, аз Хуҷанд ба Душанбе баргашт. Қувваҳои мухолифин аз шаҳр баромада, Ғармро қароргоҳи худ интихоб карданд ва дар он ҷо режими исломиро барқарор намуданд.

Соли 1993 соли мудҳиштарини қариб беҳокимиятӣ, харобию гуруснагӣ буд. Сарварони отрядҳои ҳарбии ба муқобили якдигар разманда, ба ҳукумати марказӣ итоат накарда, ба амали худсарона ва қатлу гоéратгарӣ машғул буданд. Сарвазирон тез тез иваз мешуданд. Ба роҳбари давлат Э. Раҳмонов лозим меомад, ки ҷиддану қатъиян лаҷоми роҳбариро ба дасти худ гирифта, бо як шуҷоату дилпурӣ масъалаҳои дар назар ҳалнопазирро яке паси дигар ҳал намояд.

Хусусиятҳои фарққунандаи авзои соли 1994-ро таҳлил намуда, И. Усмонов қайд кардааст, ки онҳо дар карахтии истеҳсолот, аз кор мондани саноат, қариб қатъ шудани кори кишоварзӣ, мушкилиҳои сангин дар самти молиявию иқтисодӣ бараъло эҳсос мешуданд. Хавфи гуруснагии оммавӣ то рафт бештар таҳдид мекард. Ба ҳисоби миёна ба сари ҳар кас дар як моҳ 5,7 килограммӣ орд рост меомад. Дастаҳои ҳарбии мухолифин, ки аз Ғарм танг карда бароварда шуда буданд, дар Тавилдара қарор гирифтанд. Дар Кӯлоб дар байни дастаҳои мухолифин ва сарҳадбонони Русия задухӯрд ба амал омада, дар натиҷа зиёда аз 20 сарбози Русия ҳалок шуд.

Соли 1995 дар Ғарм вазъият дар ҳолати муташаннич қарор дошта бошад ҳам, бар хилофи назари баъзе роҳбарони давлатҳои ҳамсоя, ки масъалаи аз Тоҷикистон баровардани қӯшунҳои таъмини сулҳро гузошта буданд, Президенти Русия Елсин аз ҷонибдории ҳукумати қонунии Тоҷикистон изҳорот дод. Ин аз таъмини рӯзафзуни таъсири ҳукумати қонунӣ ва рӯ ба беҳбудӣ гузоштани вазъият дарак медод. Дар чунин шароит музокироти сулҳ ҳамоно идома дошт. Яке аз падидаҳои назарраси ин сол аввалин маротиба 24 май ба Тоҷикистон ташриф овардани Пешвои исмоилиёни ҷаҳон Огохони IV буд, ки ба минтақаи Помир кӯмаки моддию молиявӣ мерасонд. Музокироти сулҳ ҳамоно идома доштанд.

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз соли 1992 бо ташаббуси қувваҳои солими ҷомеа барои ба эътидол овардани вазъи мураккаби сиёсӣ дар Хоруғ, Сайёд ва Калининобод байни қувваҳои даргир бе иштироки созмонҳои байналхалқӣ вохӯрӣ доир гардида буд, вале онҳо натиҷаи дилхоҳ дода натавонистанд. Тирамоҳи соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон ду маротиба ба Бишкек сафар намуда, бо Президенти Қирғизистон А. Акаев вохӯрд ва аз ӯ хоҳиш намуда буд, ки дар масъалаи ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба фоҷиаи Тоҷикистон мусоидат намояд.

Сардори ба тозагӣ интихобшудаи давлат Эмомалӣ Раҳмон гаштаю баргашта таъкид мекард, ки ба музокирот бо ҳамаи нерӯҳои барои раҳо додани Тоҷикистон аз буҳрони сиёсию иқтисодӣ манфиатдор ва барои гуфтушунид ба хотири созандагӣ омода мебошад. Ӯ ба такрор мегуфт: то даме, ки мо сулҳу оромиро дар хонаи худ барқарор насозем, силоҳро гузошта, ба кори созанда шурӯъ накунем, кумаки ягон ҳамсоя ҳоли моро беҳ намесозад. Ӯ бо тамоми ҳастӣ роҳи халосиро аз ин ҷанги бемаънии бародаркуш меҷуст, нақшаҳои заруриро дар ин ҷода тарҳрезӣ мекард. Дар тӯли 1880 рӯзи идомаи ҷанги шаҳрвандӣ (аз 5-уми майи соли 1992 то ба имзо расидани Созишномаи умумии Сулҳ –

27-ми июни соли 1997) ҳамарӯза Сардори давлат дар такопӯи таъмини осоиши мардум буд. Ӯ борҳо ба хатари ҷисмонӣ нигоҳ накарда, бо роҳбарияти қувваҳои оппозитсионӣ, бо ташкилотҳои бонуфузи байналмиллалӣ ва сарварони кишварҳо кӯмаки худро дар таъмини маҷрои осоиштаи ҳаёти Тоҷикистон дарег надошта, гуфтушуниду музокирот мебурд, роҳҳои ҳалли мусолиҳатомези масъаларо баррасию тарҳрезӣ мекард. «Борҳо гуфтаам ва боз ба такрор мегӯям, – навиштааст собиқ Раиси Комиссия Оштии Миллӣ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, – ки самимияту устувории Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмонов буд, ки раванди музокироти байни ҷонибҳо ва ҷараёни барқарории сулҳу субот дар кишвар бо муваффақият пеш рафт ва анҷом пазируфт. Агар майлу хоҳиш, сайъу кӯшиши бузурги Раиси Ҷумҳур намебуд, дар гумон буд, ки сулҳу субот ба ин наздикиҳо дар кишвар барқарор гардад. Ин иқдоми таърихӣ буд аз ҷониби Э.Ш. Раҳмонов дар лаҳзаи барои миллату кишварамон сарнавиштсоз»[1].

Таҷрибаи таърихӣ ва зиндагӣ борҳо собит сохтааст, ки роҳи пешаи хусумату нифоқ, рақобату ҷанг намудан хеле наздику қариб ҳамвор аст, вале роҳи рафъи он, салоҳияту дилгармӣ, ҳамкорию осиштагӣ ниҳоят дуру пурпечутоб буда, кӯҳу кӯтал дорад ва онро тай намудан суботу устуворӣ, дарки масъулияту аз манфиати шахсию ғурури хеш сарфи назар намуданро тақозо мекунад, ба ин фақат мардони асилу хирадмандон қодиранд. Ин ҳақиқатро бори дигар раванди сулҳофаринии тоҷикон собит сохтааст.

Раиси Комиссияи Оштии Миллӣ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин равандро чунин ба қалам додаст:

«Баъди он ки бо миёнҷигарии Созмони Миллали Муттаҳид, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Федератсияи Русия аввалин бор 5-ми апрели соли 1994 дар Маскав намояндагони ду тарафи даргир ба хотири ёфтани роҳи ҳалли мушки-

[1] Нурӣ С.А. Оштинома. – Душанбе: Нодир, 2002. – С.161.

лоти тоҷикон дар рӯ ба рӯи ҳам нишастанд, боз 1179 рӯзи дигар лозим шуд, ки билохира ҷонибҳо ба тафовуқи ниҳоӣ бирасанд. Дар ин муддат ҳайатҳои музокиракунандаи ду ҷониб 9 даври гуфтушунидро паси сар карданд, ки баъзе аз ин даврҳо де-се марҳилаи алоҳидаро дар бар мегирифт. Ҳафт маротиба роҳбарони олимартабаи ҳарду ҷониб дар лаҳзаҳои душвортарини раванди сулҳ хориҷ аз кишвар мулоқотҳо оростанд, то фазои сулҳу оромиро дар Ватан ҳарчӣ тезтар таъмин намоянд. Махсусан мулоқоти моҳи декабри соли 1996 дар Хустдеҳи Давлати Исломии Афғонистон барпошуда хеле муҳим буд. Дар он тарафҳо барои қатъи ҷанг мувофиқа карданд. Дар масъалаи таъсиси Комиссияи Оштии Миллӣ низ созиш ба даст омад. Ғайр аз ин мулоқотҳо дар сатҳи олӣ чандин вохӯриҳову дидорбиниҳои машваратии ҳайатҳои музокиракунанда баргузор гардид. Хуллас, тибқи оморе, ки дар даст дорам, аз 1180 рӯзе, ки раванди музокирот таҳти миёнҷигарии СММ идома доштааст, 208 рӯзи онро аз субҳ то шом, баъзан шабона низ ҳайатҳои музокиракунандаи ду ҷониб дар рӯ ба рӯи ҳам дар баҳсу мунозира, дар радду бадали далелу аснод гузаронидаанд. Билохира, 27 июни соли 1997 дар Маскав дар вазъияти тантанавӣ дар ҳузури Раиси Ҷумҳури Федератсияи Русия Б.Н. Елтсин, яке аз кишварҳои умдаи нозири сулҳи тоҷикон, вазирони корҳои хориҷии дигар кишварҳои нозир, бархе аз роҳбарони созмонҳои байналмиллалии саҳим ва кафили Сулҳ, роҳбарони олимартабаи ҳарду ҷониб ва намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Г.Д. Меррем ба Созишномаи умумии истиқрори Сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гузоштанд»[1].

Механизми асосӣ барои амалӣ гаштани Созишномаи умумии истиқрори Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ), ки ҳанӯз дар ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ тарҳрезӣ шуда буд, расман таъсис ёфт. КОМ мақоми муваққатӣ буда, дар давраи гузариш барои тадбиқи ҳаматарафаи Созишномаи

[1] Нурӣ. С.А. Оштинома. – С.5-6.

умумӣ ташкил шуда, бояд фаъолияташро баъди даъвати парламенти нав ва ташкили мақомоти роҳбарикунандаи Маҷлиси Олӣ ва гузаронидани интихоботи нави парламентӣ қатъ мекард.

Вазифа ва салоҳияти КОМ дар асоси созишномае, ки миёни Раиси Ҷумҳур ва роҳбари Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсияи тоҷик (ИНОТ) дар вохӯрии 23 декабри соли 1993 дар Маскав ба имзо расид, Низомномаи КОМ, протокол дар бораи вазифа ва салоҳияти асосии КОМ ва протоколи иловагӣ муайян карда шудаст. Ҳамаи ин санадҳо қисми таркибии Созишномаи умумӣ ба шумор меравандː[1].

Ба сабаби он, ки доир ба фаъолияти ҳалкунандаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти ИНОТ, нақши ташкилотҳои байналмиллалӣ ва давлатҳои дӯст дар кори таъмини сулҳу суботи кишвар тадқиқоти махсус мавҷуд аст[2] ва тарафҳои гуногуни ин падидаи қисматсоз дар оянда низ аз тарафи мутахассисони равияҳои гуногуни илмӣ – таърихнависон, файласуфон, сиёсатшиносон ва ғайра мавриди омӯзиш қарор хоҳад ёфт, ба шарҳи мухтасари воқеияти замон таваққуф намудан ба мақсад мувофиқтар аст.

Чи тавре дар боло ишора рафт, ҷанги шаҳрвандӣ садҳо ҳазор нафар сокинони Тоҷикистонро гурезаву муҳоҷири иҷборӣ гардонд. Ҳарчанд то имрӯз дар ин бора тадқиқоти мукаммале нашуда, далели мустанади ба ҳақиқат мувофиқи оморие пешниҳод нагаштааст, мутахассисон бар ақидаеанд,

---

[1] Доир ба салоҳияту вазифаҳои КОМ ниг.: Комиссияи Оштии Миллӣ вазифа ва салоҳияти он. – Душанбе: Нодир, 1998. – 15 с.

[2] Ниг.: Бунёди давлатдории навин. – М.: Радуница, 2002. – 416 с.; Нурӣ С.А. Оштинома. – 360 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана, Худжанд, 2006. – 348 с.; Усмонов И. Миростроительство в Таджикистане. – Душанбе; «Деваштич», 2006. – 160 с.; Формулаи сулҳи Президент Раҳмонов (Сиёсатмадорони ҷаҳон дар васфи Тоҷикистон. – Мураттибон: М.Тоштемиров, С.Фаттоев). – Душанбе: «Шарқи Озод», 2004. – 196 с.; Амирбек А. Первый главный инструмент восстановления мира в Таджикистане. – Душанбе, 2002. – 138 с.; Его же. Роль Исламской Республики Иран в установлении мира в Таджикистане. Душанбе: Деваштич, 2004. – 262 с. и др.

ки дар давраи ин даргириҳо беш аз 1,5 миллион нафар шаҳрвандони (гражданин) ҷумҳурӣ ҷои зисти муқимии худро маҷбуран тарк намуда, аз баҳри молу амвол гузашта, таъҷилан ба ҷойҳои барои ҳаёташон бехавфтаре муҳоҷират намуданд. Аз ҷумла, зиёда аз 60 ҳазор нафар ба Афғонистон, беш аз 400 ҳазор ба ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (феълан аъзои Иттифоқи давлатҳои мустақил – ИДМ ё СНГ) муҳоҷират намуданд. Бо мақсади таъмини амнияти хонаводаи хеш зиёда аз 700 ҳазор нафар дар дохили кишвар тағйири ҷои истиқомат намуданд[1] (аз рӯи дигар маълумотҳо то 1 миллион). Фақат ба Душанбе дар як муддати кӯтоҳ 120 ҳазор кас аз ҷойҳои ҷанги ҳамватанӣ доман паҳн карда (бештар аз водии Вахш ва водии Ҳисор) гурезагон ворид гардиданд. Мутахассисони таҷрибадор аз ҷумҳурӣ берун мерафтанд. Аз рӯи ҳисоби тахминӣ барои тайёр намудани ин миқдор мутахассисон на кам аз 3 миллиард сӯм лозим буд. Фақат соли 1992 нисбат ба соли 1991 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии халқ 24,5 фоиз кам шуд. Ба хоҷагии нақлиёт зарари калон расонда шуд. Қариб 5 ҳазор автомобилҳо, 26 вагони бору мусофиркаш аз кор бароварда шуд. Зарари ин соҳа ба 2 миллиард сӯм баробар буд[2]. Дар рафти ин ҷанги бародаркуш аз рӯи ҳисоби расмӣ 37 ҳазору 970 хона ба куллӣ сӯхтаву хароб шуда буданд, 10 ҳазору 44 хона ғайриқонунӣ аз тарафи силоҳбадастони «тавоно» ва разолатпешагону хонаҷаллобони гузаро ғасбу ғайриқонунӣ азхуд карда шуда буданд. Бояд қайд кард, ки аз ин миқдор бо ташаббуси зеркомиссия оиди масоили муҳоҷирони КОМ, созмонҳои байналмиллалӣ ва кӯмаки бевоситаи мақомоти давлатӣ 9 600 хона ба соҳибонашон баргардонда шуданд. Ба муҳоҷирини баргашта 75 миллион чун кӯмакпулии якдаъфаина ва ба маблағи 285 миллион рубли тоҷикӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда

---

[1] Нурӣ С.А. Оштинома. – С.79-80.

[2] Хайдаров Г.Х. Начальная подступь суверенного Таджикистана. – Худжанд, 2006. – С.97-98.

шуд[1]. Ҳазорон чунин мушкилотеро номбар кардан мумкин аст, ки дар давраи идомаи ҷанги ҳамватанӣ ва алалхусус баъди он – давраи барқароркунӣ паси сар кардан лозим меомад.

То таъмини маҷрои пурраи ҳаёти ҷомеа ба органҳои олии қонунбарорӣ ва иҷроияи ҷумҳурӣ, алалхусус ба Президенти мамлакат лозим омад, ки ҳазорон чорабинию рафъи мушкилоти ҳамарӯзаи ба дӯш бардоштаро ҳаллу фасл намояд.

## ВАЗЪИ ВМКБ ДАР СОЛҲОИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ

Аз ҳамаи раванди воқеаҳои чӣ фоҷиабору чӣ осоиштаи созандагии ба давраи соҳибистиқлолиятии Тоҷикистон рост омада, ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар канор буда наметавонистанд.

Мавҷи муҳоҷирони иҷборӣ, аниқтараш гурезаҳо – аксаран фарзандони он собиқ муҳоҷирони расмию ихтиёрии солҳои 30-50-уми асри гузашта, ки водиҳои Вахшу Ҳисорро ба базаи асосии кишоварзию саноатии ҷумҳурӣ табдил дода буданд, ба диёри кӯҳистони авлодӣ мушкилиҳои зиёде ба бор овард. Дар шароити нарасидани озуқа, аз ҳисоби гурезагон қариб ду баробар афзудани аҳолии маҳаллӣ вилоятро хавфи қаҳтӣ таҳдид мекард. Вазъи ногувори вилоятро дар арафаи огози кӯмаки Хазинаи аълоҳазрат Огохони IV Собиқ Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон, ҳамоҳангсози Хазина дар Тоҷикистон Қозидавлат Қоимдодов чунин ба қалам додааст:

«Баробари фуру рехтани Иттиҳоди Шӯравӣ зиндагӣ яку якбора дар Бадахшон душвор гардид. Ин амр табиӣ буд, зеро вилояте, ки зиёда аз 80 фоизи маҳсулоти гизоиву саноатиро аз берун мегирифт, бояд ба чунин руз гирифтор мешуд. Зеро аз сабаби пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ

[1] Нурӣ С.А. Оштинома. – С.84-85.

алоқаи байни ҷумҳуриҳо канда шуд ва овардани озуқа аз шаҳрҳои Русия тамоман номумкин гардид. Албатта осонтар мебуд агар вилоят аз ҳисоби истеҳсоли моли худ ва ба бозор баровардани он каме борашро сабук мекард, вале мутаассифона, азбаски дар тӯли 70 сол ҳама чиз ба Бадахшон бе ягон душворӣ оварда мешуд, дар вилоят Ҳукумати Шуравӣ ба сохтмони корхонаҳои маҳаллӣ камтар диққат медод. Вилоят ҳатто ба қувваи барқ низ мӯҳтоҷ гардид, агарчанде, ки Бадахшон аз ҷиҳати истеҳсоли барқ қулайтарин ҷои дунё аст. Таззоди ҳаётро бинед, ки оби Панҷ худ ҳамчун манбаи даромад, сарчашмаи қувваи барқ ройгон ҷорӣ буду аз марказ бо пули зиёд сӯзишвории дизелӣ харида, ба Бадахшони равон мекарданд то хонаи мардумро рӯшан кунанд. Мушкили асосии кор ин буд, ки мардум қобилияти худтаъминкуниро қариб гум карда буданд. Бадбахтона мардум муносибатҳои оддии савдо ва бозорро ёд нагирифта, ба душвортарин сохти иқтисодии ҷомеа – яъне иқтисоди бозаргонӣ дучор гардид»[1].

Ана, дар ҳамин лаҳзаи басо мушкил ба сари мардум боз қабули хешу табори акнун гурезашуда бор шуд. Ба ғайр аз ҳазорон муҳоҷирони ин диёри бобоиро ягона паноҳгоҳи халосӣ аз таъқиботи исломгароёну курсихоҳони маҳалгаро қарор дода, боз кам набуданд он гурезагоне, ки барои ҷон ба саломат бурдан дар вилояти Қурғонтеппа дарёи азимро убур карда, ба воситаи қаламрави Афғонистон бо машаққати зиёде, пои пиёда худро ба Бадахшони Афғонистон расонда, аз он ҷо ба минтақаи Помири Тоҷикистон мегузаштанд. Тамоми мардуми вилоят, аз ҷумла ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз, ин мавҷи муҳоҷиру гурезагонро аз рӯи анъанаи кушодадастию дилгармии ба тоҷикони кӯҳистон хос қабул карда, охирин бурдаи нонашонро аз «меҳмонон»-е, ки баъзан шумораашон аз аъзои оилаи худ ба маротиб зиёд буд, дарег намедоштанд.

[1] Қоимдод Қ. Дидор. – Душанбе: Шарқи озод, 1994. – С.50-51.

Аз ин танқисии ғизоӣ собиқ «хешу таборон»-и соҳили чапи дарёи Панҷ, ки қариб як аср пеш (1895) тибқи Шартномаи сарҳадмуайянкунии байни Англияю Русия ба Афғонистон ҳамроҳ карда шуда буданд, васеъ истифода мебурданд. Дар ин давра сарҳадро бемаъмоният вайрон кардан ба ҳукми анъана даромада буд. Сокинони соҳили чап, ки дар дараҷаи ниҳоят пасти зиндагӣ қарор дошта, аз дастовардҳои техникӣ батамом маҳрум будаву қариб молу ашёи саноатии рӯзгордорӣ надоштанд ва ба оддитарин амволи хоҷагидорӣ мӯҳтоҷ буданд, дар аввал ба таври ройгон, сипас баъди камчин шудан, ба ивази маводи ночизи хӯроку пӯшоку пойафзол, дегу табақ, белу каланд, тешаю табар, кӯрпаю болишт, самовору печка ва ғайраро ба он тарафи соҳил мекашонданд. Кам набуданд ҳолатҳое, ки шабона камераи мошинро чун гӯпсар (саноч) истифода бурда, дарёро убур мекарданд ва чизу чораи сокинони деҳоти ба соҳил наздикро дуздида мебурданд. Дар баъзе мавридҳо ҳатто ба ғорату зӯроварӣ ҳам даст мезаданд.

Бояд қайд кард, ки ин сарҳадкушоиҳо (албатта ғайрирасмӣ) аз як тараф ба мардуми соҳили собиқ Шӯравӣ зарар оварда бошад (ба ғайр аз он чӣ номбар шуд, маводи мухаддир, барои дастаҳои ярокноки мухолифин силоҳ низ интиқол дода мешуд), аз тарафи дигар, мардумро бо воқеъити зиндагии бародарону собиқ ҳамватанонашон аз наздик шинос кард. Мардум бо чашми худ медиданд, ки зиндагии сокинони соҳили рост ё собиқ Шӯравӣ нисбат ба онҳо ба дараҷаи муқоисанашаванда бартарӣ дошт.

Акнун, ки ҷумҳурӣ дар ҳолати фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошту таъминоти иқтисодию вазъи иҷтимоӣ тағйир ёфта буд, ягона умумияти дар ҳарду соҳил эҳсосшаванда танқисии ғизоӣ буд. Дар ин ҷода вазъи мо он замон ноғувортар буду моро хавфи қаҳтӣ таҳдид мекард. Аз тарафи дигар, дастаҳои силоҳбадасти оппозитсия роҳи ягонаи худии (роҳи дурударози Ӯш, ки ба воситаи Қирғизистон то Мурғобу Хоруғ, гашти мошинаҳоро таъмин мекард, низ

фақат то Рӯшон имкони ҳаракат дошт) пайвандкунандаи ВМКБ-ро бо марказ то Қалъаихумбу Ванҷ дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Молу маводи заруриро ба Комендатураи Қалъаихумб, ки яке аз пойгоҳҳои хизмати ҳарбии сарҳадии Русия ҳисоб меёфт, ба воситаи чархболи пуриқтидори боркаши ҳарбӣ – «МИ-8» мекашонд. Баъзан корафтодагон аз ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз то Рӯшон низ бо машаққати зиёде экипажро (албатта, бо маблаги барояшон дилхоҳ) барои ба Қалъаихумб рафтан ё аз он ҷо баргаштан розӣ карда, онро чун воситаи ҳоҷатбарорӣ мавриди истифода қарор медоданд. Ин навъ чархбол дар хизмати қисми асосии ҳарбии Русия дар Тоҷикистон – Отряди сарҳадбонони Помир дар шаҳри Хоруг қарор дошт, ки қариб ҳар рӯз ба он ҷо парида хизмати корафтодагон – мизоҷони маҳаллиро низ ба ҷо меовард. Яъне дар шароити тамоман фалаҷ шудани алоқаи нақлиёти боркашонию мусофирбарӣ, нақлиёти боркаши ҳавоӣ ва автомобилии ҳарбии Русия ягона воситаи нисбатан бехавфу дастраси нақлиётӣ барои мардуми вилоят ҳисоб меёфт.

Агар аз ин воситаи на ба ҳама дастраси алоқаи байни ВМКБ бо марказ сарфи назар кунем, билкул вилоят дар вазъи қариб ба тамом аз марказ канда шуда ва дар ҳолати изолятсионӣ қарор дошт. Силоҳбадастони мухолифин аз Орҷоникидзеобод (феълан ноҳияи Ваҳдат) сар карда, қариб ҳама қисмати роҳи Душанбе – Хоругро дар ихтиёри худ нигоҳ медоштанд. Ҳарчанд дар маркази Дарвоз – Қалъаихумб нуқтаи ҳарбии сарҳадбонони Русия – комендатураи ҳарбӣ ҷой дошт ва дигар постгоҳҳои сарҳадӣ, ки дар онҳо қувваҳои таъминоти бехатарии сарҳад аз тарафи давлатҳои муштаракулманофеъи ҳамсоя ҷой дода шуда буданд, вале онҳо дар доираи муайяни ҳуқуқии худ амал карда, ба низоъ ва амалиёти байниҳамдигарии қувваҳои даргири тоҷикон мудохила намекарданд. Сарҳад қариб кушода буду аз ҳарду тарафи соҳили Панҷ сарҳадвайронкунӣ амали муқаррарӣ гашта буд.

Баъди баста шудани Созишномаи умумии сулҳ ва ба фаъолият огоз кардани Комиссияи Оштии Миллӣ бо ташаббуси тарафайн задухӯрдҳои қувваҳои расмии мухолифин ва артиши давлатӣ қатъ шуда, масъалаи муттаҳид намудани қувваҳои низомӣ раванди амалӣ пайдо карда бошад ҳам, қувваҳои силоҳбадаст дар итоати Иттиҳодияи нирӯҳои оппозитсионии тоҷик (ИНОТ) набуда дар шоҳроҳи Душанбе – Хоруг даҳҳо пости гайрирасмӣ кушода, ба истинтоқу мусодираи молу амволи корафтодагони мусофир ва террори аҳолии осоишта даст мезаданд. Аз тарафи ин дастаҳо чандин ҳодисаи ба гарав гирифтани намояндагони ташкилотҳои байналмиллалӣ, ки дар сохторҳои кӯмаки башардӯстона фаъолият доштанд, ба назар мерасид. Гаравгирии одамони нисбатан бонуфузи маҳаллӣ, қатли ашхоси бегуноҳ, иҷборан ба дастаҳои худ ҳамроҳ кардани ҷавонони маҳаллӣ, аз Афгонистон овардан ва паҳн кардани яроқи ҳарбӣ ва маводи мухаддир, зӯран аз худ намудани чорвои собиқ колхозу совхозҳо ва аҳолии маҳаллӣ амали муқаррарии фаъолияти ин дастаҳои горатгари яроқбадаст гашта буд.

Яке аз чунин дастаҳоро собиқ муриди эшони Абдурраҳмонҷон Ризвон Садиров фармонфармоӣ мекард. Бо анҷоми хизмати аскарӣ ӯ ба Омӯзишгоҳи баҳрии Шарқи Дур дохил шуда, баъди як сол таҳсилро қатъ намуда, ба зодгоҳаш – Тезгари Поёни деҳшӯрои Гулистони ноҳияи Ленин (феълан Рӯдакӣ) баргашт. Аз бенизомии давраи бозсозӣ истифода бурда, дар давоми 3-4 соли дар соҳаи савдо кор кардан соҳиби тарабхона, сехи дӯзандагӣ ва нуқтаи фурӯши маводи сӯзишворӣ гардид. Бо огози гирдиҳамоиҳои тӯлонии соли 1992 дар майдони Шаҳидон изҳор намуд, ки мақсади ягонааш «хизмат ба ислом ва пирӯзии ислом дар Тоҷикистон мебошад». Ӯ баъди нобуд кардани дастаи горатгари қотили овозхони шинохтаи тоҷик Кароматуллоҳи Қурбон нуфуз пайдо карда, дар самти Кофарниҳон ба ҷои эшони Нозим қумондон шуд. Ҳукумати муросои миллӣ баъди гузаронидани чандин гуфтушуниди байни қувваҳои

парокандаи даргир ба хулосае омад, ки Артиши расмии давлатӣ таъсис дода шавад. Тибқи фармони ҷонишини Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдусамад Самиев 11 ноябри соли 1992 қумондони ситоди ноҳияи Кофарниҳон, ки дар ҳайати он 439 нафар ифои хизмат доштанд, таъин гардид.

Баъзе аз сарварони ситодҳои дар хизмати Ҳукумати муросои миллӣ буда, аз ҷумла Ризвон Садиров, Ҳукумати қонунии дар Сессияи XVI Шӯрои Олӣ таъсиёфтаро напазируфта, мавқеи душманонаро ишғол намуданд. Бо ворид шудани қувваҳои ҳукумати қонунӣ ба Душанбе, 10 декабри соли 1992, қувваҳои мухолифин ба Кофарниҳон, аз он чо ба Қаротегин қафо нишастанд. Акнун ин қувваҳои парокандаи зиддиҳукуматӣ бо сардории дастаҳои худ як қисме дар Роҳатӣ, дигаре дар дараи Ромит, саввум дар Қаротегин, чорум дар Бадахшон муборизаи бенизому рабтро идома медоданд. Ризвон Садиров ба ноҳияи Ғарм омада, бо дастгирии бевоситаи Мулло Аъзам ва Мулло Саъдиддин Ғармро ҷумҳурии исломӣ эълон намуда, ба сифати сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳи ин «ҷумҳурӣ», ки аз ҳисоби дастаҳои горатгар аз Душанбею Ҳисору Кофарниҳон омада, миқдорашон хеле зиёд шуда буд, фаъолият намуд. Як қисми бо ном артиши ӯ дар Тавилдара мавқеъ гирифта ҷангро идома медод. Ин мавзеъ аз ҷиҳати стратегӣ муҳим буда, роҳи ягонаи самти Помирро дар дасти худ нигоҳ медошт. Баъди дар ин ҷо аз артиши Ҳукумати қонунӣ зарба хӯрдан, як қисми аскаронаш ақибнишинӣ карда Кабудҷарро тарконда, дар Алиғалобони ноҳияи Комсомолобод (феълан Нуробод) мавқеъ гирифтанд.

Моҳи феврали соли 1993 шаҳраки Ғарм аз дастаҳои мухолифин озод карда шуд. Қувваҳои оппозитсионӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо шуда, қисме ба Сангвор, қисме ба Тоҷикобод гурехта, мавқеъ гирифтанд. Як гурӯҳ бо сардории Р. Садиров ба дар дараи Камаров ва дастаи дигар бо сардории Мардон дар дараи Такоба ҷойгир шуданд. Баъди шикастхӯриҳои

навбати Ризвон моҳи августи соли 1993 боз ба Ромит омад. Дар ин ҷо чӯпон бо исми Ҷомиро ба қатл расонда, 10 ҳазор сар гусфандро ба Дараи Ҳакимӣ ва Муҷихарфи Нуробод бурда, ба шахсони дилхоҳ тақсим кард.

Бо қувват гирифтани Ҳукумати конститутсионӣ ва Артиши миллӣ сафи тарафдорони Ризвон то рафт кам мешуд, аз берун ёрии кофӣ гирифта наметавонист, ба замми ин пайи ҳам зарба мехӯрд. Ҳамаи ин ӯро водор сохт, ки зимистони соли 1994 ба воситаи пайраҳаҳои сербарфу душворгузари кӯҳӣ аз Камаров ба Ҳоит, аз он ҷо ба Тоҷикобод гузарад. Акнун, ки аз муваффақият умедашро канда буд, маҷбур шуд, ки бо боқимондаи дастнигаронаш ба Дарвоз ва аз он ҷо ба Афғонистон фирор кунад. Албатта, дар роҳ барояш душвориҳои зиёде пеш омад. Дар деҳаи Кеврони ноҳияи Дарвоз дар байни дастаи ӯ ва сарҳадбонони Русияю Қазоқистон, ки дар ин нуқтаи сарҳадӣ ҷой доштанд, ҷанги шаддиде сар зад, дар натиҷа чанд касро аз дастааш талаф дода, бо боқимондаи зердастонаш ба тарафи Афғонистон убур кард. Дар Толиқони ин кишвар, ки он замон Ҳукумати гурезаҳои тоҷик фаъолият дошт, Ризвони гурезаро нагз қабул намуданд, вале бо мурури замон ҳаракати ӯро барои ташкил намудани артиши нав аз ҳисоби гурезаҳои тоҷику дастаҳои горатгарӣ Покистону Афғонистон ва баъзе террористони дигар аз мамолики араб дида, роҳбарияти ИНОТ аз Аҳмадшоҳи Масъуд хоҳиш намуданд, ки барои аз байн бурдани хавфи ба амал омада, ӯро ба ҳабс гирад. Ҳамин хел ҳам шуд, вале баъди чанде Аҳмадшоҳ ӯро раҳо намуда имкон дод, ки ба мавзеи Баҳораки Бадахшони Афғонистон рафта мавқеъ гирад ва бо ҳамин роҳи оппозитсияро ба Тоҷикистон баста, даҳҳо намояндагони қувваҳои оппозитсиониро ба қатл расонид. Дар зери фишори ӯ роҳбарияти ИНОТ акнун 50 фоизи курсиҳои давлатиро талаб мекард.

Соли 1995 вақте шиддати даргириҳо андаке сусттар шуда буданд, Тавилдара пурра дар дасти артиши давлатӣ қарор дошт, фазои сиёсиро фақат тирпарониҳои Кофарниҳону

Тоҷикобод халалдор мекард. Дар ин давра силоҳбадастон дар байни дастаҳои яроқнок ҳанӯз эътибор дошта: Ҷумъа, Баҳром, Маннон ва чанде, ҷамъ 30 нафар аз Афғонистон ба Дарвоз омада, боз ба бедодгарӣ даст заданд. Онҳо аз наздикони Ризвон ва дар итоати бевоситаи ӯ буданд. Худи Ризвон, ки дар Афғонистон дигар қарор дошта наметавонист, ваъда дод, ки агар гуноҳашро бахшанду барои ба ватар омадан иҷозат диҳанд, садоқати худро ба Ватану роҳбарияти он нишон медиҳад ва ҳизмат намуда, гуноҳашро мешӯяд.

Соли 1996 фармондеҳи Гвардияи Президентӣ Ғаффор Мирзоев ( ки дар он замон ба қасами сарбозӣ содиқу баъд ба хиёнат даст зад), Ризвон Садировро ба Тоҷикистон овард. Ин амали ӯро рӯзноманигори дақиқназар Оламафрӯзи Собир чунин ба қалам додаст:

«27 ноябри соли 1996 Ризвон ҳамроҳи қисми аввали гурӯҳаш ба Ойхонум, воқеъ дар ноҳияи Фархор омад. Аз он ҷо ӯро ба воситаи чархбол ба ситоди Горди Президент, ки дар шаҳри Душанбе аст, оварданд. Овардани Ризвон Сидировро ба воситаи телевизион намоиш доданд. Ғаффор Мирзоев 200 нафар сарбозони ӯро бо силоҳ ва муҳимоти ҷангӣ таъмин намуда, ба Оби Гарм фиристод. Ба ин баталион бародари Ризвон – Баҳром қумондон таъин гардид. Ба Ризвон бошад, вазифаи ҷонишинии фармондеҳи Горди Президентиро арзонӣ доштанд. Ӯ дар назди роҳбарони мамлакат бо қуръон қасам хӯрд, ки ба Ватан хиёнат намекунад, барои оромӣ, осоиштагӣ ва якпорчагии ҷумҳурӣ хизмат мекунад»[1]. То кадом андоза содиқ будан ба ин қасамро фаъолияти ояндаи Ризвон Садиров нишон дод.

---

[1] Собир О. Ризвон Садиров: террорист, ҷосус, қаҳрамон? Ризвон дар зиндони Аҳмадшоҳ // Фараж. – 2007. – № 6 (08). – 8 феврал. – С.9. Бояд қайд кард, ки дигар маълумотҳо низ дар ба фаъолияти душманонаи Ризвон Садиров аз навиштаҳои рӯзноманигори номбурда оварда шудаанд. Ниг: Ҳафтаномаи Фараж. – 1 феврал. – С.1,3 ва 8 феврали соли 2007. – С.8-9; Ҳамчунин ниг.: Тутубалина О. Последняя охота на «зверя» // Азия-Плюс. – 2000. – № 50 (360). – 21 январь. – С.6-7. Дар ин мақола муаллиф қайд кардааст, ки Карин Манн – корманди СММ-ро 29 ноябр Ризвон гаравгон гирифтааст.

Ҳамин раванди ҳам барои ҳукумати қонунӣ ва ҳам ИНОТ ниҳоят хатарнок водор сохт, ки алайҳи ин силоҳбадастони ба амалиёти террористӣ дастзананда, дар ҳамбастагии зич амалиёти ҳарбӣ гузаронанд.

Дар ин ҷо бамаврид аст қайд кунем, ки аз рӯи маълумоти муҳаққиқи рус Н. Емелянова дар китоби «Дарваз – религиозная и культурная жизнь таджико-афганского приграничья» (Москва, 2007, с.41), соли 1994 дар ҳудуди ноҳияи Дарвоз қариб 4000 яроқбадастон амал мекарданд, ки дар ҳайати онҳо ба ғайр аз тоҷикон афғонҳо ва арабҳо низ фаъолият доштанд. Халқи маҳаллӣ ба муқобили онҳо аз ҳамаи имкониятҳо истифода бурда, мубориза мебурд. Маҳз ҳамин фишори халқ буд, ки силоҳбадастон аз маркази ноҳия ба Сағирдашт ва баъд аз он ба Тавилдара гузаштанд.

16 сентябри соли 1997 КОМ мурочиатнома қабул намуд. Мувофиқи он аз ашхоси силоҳбадасти гурӯҳҳои мансубияташон номаълум талаб карда мешуд, ки дар зарфи ду моҳ, яъне то 16 ноябри соли 1998 мансубияти хешро ба ду ҷониби сулҳкунанда – ҳукумат ё ИНОТ маълум намоянд. Дар сурати саркашӣ намудан ва силоҳро напартофтан аз тарафи ҳукумат ва ИНОТ ин дастаҳои ғайриқонунӣ зӯран бесилоҳ карда мешаванд. Чи тавре дар боло ишора рафт, дигар роҳи мусолиҳакорӣ бо ин дастаҳои ғоратгар, аз ҷумла дастаи Ризвон Садиров, намонда буд, чунки ҳанӯз пеш аз омадани роҳбарияти ИНОТ ба Душанбе ва баъди он дар пойтахт ва ноҳияҳои атроф чандин таркишу террор ба амал оварда шуд. Моҳи феврали соли 1996 ва феврали соли 1997 чанде аз ходимони созмонҳои байналмиллалӣ – нозирони низомии Созмони Миллали Муттаҳид, рӯзноманигорони хабаргузории Федератсияи Русия дар Тоҷикистон ва намояндагони ИНОТ дар комиссияи муштараки оиди назорат ба оташбас чандин шабонарӯз мавриди лату кӯб ва таҳқири гурӯҳи Ризвон қарор гирифта буданд.

Гвардияи Президентӣ ва қувваҳои ИНОТ бо амалиёти якҷоя гурӯҳи ҷинояткори Ризвонро торумор намуданд. Вале

худи Ризвон ва чанде аз аъзои даста тавонистанд, ки ҷон ба саломат бурда, аз ҳисоби ҷавонони Душанбе ва атрофи он бо роҳи фиребу зурӣ сафҳои худро зиёд карда, ба ҷинояткориҳои нав даст зананд. Аз ҷумла 18 ноябри соли 1997 ду ходими кӯмакрасони байналмилалӣ аз шаҳрвандони Франсия Карен Манн ва Франк Жанве Дюбреро гаравгон гирифтанд. Азбаски гуфтушунид натиҷа надод, 2 декабри соли 1997 дар Душанбе ба амалиёти зидди террористӣ гузаштанд. Дар рафти он сардори даста Ризвон ва чанде аз зердастонаш кушта шуданд. Мутаассифона дар ҷараёни ин амалиёт хонум Карен Манн аз тарафи дастаи боқимонда ва ба тахлуқаафтодаи Ризвон ба ҳалокат расонда шуд. Акнун террористони ҷон ба саломат бурда хавфи ҷиддие эҷод карда наметавонистанд.

Чорабинии муҳимтарини таъмини сулҳу салоҳ дар он давра ба ҳисоб гирифтан ва ба ҳайати Артиши миллӣ ворид гаштани размандагони ИНОТ буд. Тибқи талаботи «Протоколи масъалаҳои низомӣ» қувваҳои ИНОТ-и дар қароргоҳҳои ҳудуди ноҳияҳои Хоруг, Рӯшон, Ванч, Тавилдара, Ғарм, Ҷиргатол, Комсомолобод, Тоҷикобод, Кофарниҳон ва деҳаи Магмуруди ноҳияи Ленин ҷамъ оварда шуда, ба қайд гирифта шуданд. Раванди омезиши онҳо ба артиши ҳукуматӣ огоз ёфт. Ин раванд дастаҳои дар хориҷа (бештар дар Ҷумҳурии Исломии Афгонистон) будаи ИНОТ – ро низ фаро гирифта буд. Онҳо низ мувофиқи Протокол бояд ба ҳудуди Тоҷикистон интиқол дода мешуданд.

Охири соли 1997 бо иҷозати расмии марзбонони Федератсияи Русия аз тариқи гузаргоҳи Қалъаихумб ба дастаҳои дар вулусволии Дарвоз будаи ИНОТ кӯмаки озуқаворӣ намуданд. Моҳи феврали соли 1998 ба 260 нафар иҷозат дода шуд, ки сарҳадро убур карда, ба Тоҷикистон баргарданд ва муваққатан дар Тавилдара ҷойгир карда шаванд. 23 сентябри соли 1998 гурӯҳи 158 нафараи ИНОТ аз тариқи гузаргоҳи Панҷи Поён аз Афгонистон ба Ватан баргашта, муваққатан дар Тоҷикобод ҷой дода шуданд.

28 декабри соли 1997 гурӯҳи 50 нафараи ИНОТ ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳи ҳукуматӣ ворид шуда, савганди низомӣ ёд карданд. Ин огози омезиши қувваҳо аз интихоби роҳи бебозгашти осоиштагӣ дарак медод, Албатта, дар оянда низ кӯшиши муташаннич сохтани вазъи сиёсии мамлакат аз тарафи душманони миллат ба чашм мерасид. Аз ҷумла кушиши бебарори қувваҳои зиддиҳукуматӣ бо сардории М. Худойбердиев дар Хуҷанд моҳи ноябри соли 1998 яке аз онҳост. Вале дар муддати кӯтоҳ комилан торумор намудани он аз пурра қувват гирифтани артиши давлатӣ гувоҳӣ медод.

Аз 6 842 нафар размандагони нерӯҳои мусаллаҳи ИНОТ, ки аз муоинаи тиббӣ гузаронида шуда буданд, 6 079 нафарашон ба хизмати низомӣ муносиб дониста шуданд. 4 498 нафари онҳо савганди низомӣ қабул намуда бо 2 164 силоҳи ба қайд гирифта, ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи давлатӣ шомил гаштанд[1].

Тибқи қарори Маҷлиси Олии Тоҷикистон, ки онро иҷлосияи махсус аз 14-ми майи соли 1999 пешниҳод карда буд, 5 377 нафар аз дастаҳои мухолифин ё ИНОТ мавриди авфи умумӣ қарор гирифтанд[2]. Ин яке аз санадҳои муҳими раванди сулҳу ризоияти ҷомеа ҳисоб меёфт. Ин равандро аз ҳисоби 30 фоиз ба вазифаҳои расмии маъмурӣ, роҳбарияти муассисаҳои давлатӣ, ки барои намояндагони собиқ мухолифин ҷудо карда шуда буданд, пурра тақвият бахшид. Акнун Тоҷикистон ба туфайли чорабиниҳои ниҳоят муфиди сари вақтии ҳукумат, алалхусус Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ба маҷрои бебозгашти созандагӣ ва бунёди давлати демократӣ ва дунявӣ ворид гардид.

Хулоса, дар тӯли фаъолияти 2 солаву 10 моҳаи КОМ (мӯҳлати фаъолияташ 1 апрели соли 2000 қатъ гардид) чунин натиҷабардории муҳим ба даст омад:

1. Раёсати қувваҳои оппозитсионӣ қисмҳои ҳарбии дар

[1] Нурӣ С.А. Оштинома. – С.69.
[2] Ҳамон ҷо. – С.58.

ихтиёр доштаро пурра ба ҳайати Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ ворид сохт;

2. Тибқи квотаи 30 фоиза намояндагони қувваҳои собиқ мухолифин (оппозитсия) ба ҳайати роҳбарияти давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ворид гаштанд;

3. 52 ҳазор гурезагони дар қаламрави Ҷумҳурии Исломии Афғонистон паноҳ бурда, 18 ҳазор гурезагони дар Иттиҳодияи давлатҳои мустақил (СНГ) ҷой дошта ва 680 ҳазор ҷои иқомати доимии худро ивазкардагони дохили ҷумҳурӣ ба ҷойҳои пешинаи худ баргардонда шуданд.

Албатта бо сабаби набудани маълумоти амиқи оморӣ шумораи гурезагон ва муҳоҷирони иҷбориро дар доираи ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ муайян намудан хеле мушкил аст. Вале якинан тахмин меравад, ки аксаран аз водии Вахшу Ҳисор аз ҳисоби фарзандони муҳоҷирони солҳои 30–50-ум ва солҳои минбаъда буданд, ки аз авҷи ихтилофӣ маҳалгароӣ эмин монда натавониста, дар диёри авлодии хеш, хосатан қаламрави ВМКБ муваққатан панаҳ ёфта буданд.

## МУШКИЛОТИ ҲАЛЛИ МАСОИЛИ ИҚТИСОДИИ ВМКБ ДАР СОЛҲОИ 90-ум

Вазъи фоҷиабори даҳсолаи охири асри гузашта, алалхусус замони ҷанги шаҳрвандӣ, иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурро ниҳоят заъиф гардонда буд. Дар ҳама самтҳои истеҳсолот карахтию ақибравӣ возеҳан ба назар мерасид. Ин ҳолат барои ВМКБ нафақат истисно буда наметавонист, балки ба замми ин вилоят аз сабаби бероҳагию (бастани роҳ аз тарафи қувваҳои мухолифин) ва душвориҳои дигари табиии, дар ҳолати боз сангинтаре қарор гирифта буд. Пӯшида нест, ки масъалаи таъминоти озуқавии вилоят дар замони Шӯравӣ бевосита аз тарафи ҳукумати марказӣ ҳалли худро ёфта буд. Дар ин давраи бенизомию қатъ гардидани интиқоли маводи озуқавӣ хавфи

гуруснагию қаҳтиро пеш оварда буд. Ба замми ин аз ҳисоби гурезаҳо афзудани шумораи аҳолии вилоят ин эҳтимолиятро бештар метезонд. Тибқи маълумоти оморӣ, соли 1989 теъдоди аҳолии муқимии вилоят 160 ҳазор буд. Охири соли 1992-ибтидои 1993 аз ҳисоби 60 ҳазор муҳоҷирони иҷборӣ, аниқтараш гурезаҳои ба минтақа ворид шуда, ин нишондиҳанда ба 220 ҳазор расида буд. Ба замми ин ба ҳудуди вилоят ҳазорон силоҳбадастони мухолифини ҳукумат аз ноҳияҳои дигаре ба гирдоби ҷанги бародаркуш афтида ворид гашта буданд. Табиист, ки захираи бе ин ҳам ниҳоят нокифояи дар ихтиёри сокинон буда, ин миқдори аҳолиро таъмин карда наметавонист[1]. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ҳамоҳангии сиёсати роҳбарияти ҷумҳурӣ, хосатан сарвари он Эмомалӣ Раҳмон ва кӯмаки башардӯстонаю хеле бамавриди Хазинаи Огохон ба мардуми Помир, сабаби аз фоҷиаи гуруснагию қаҳтӣ раҳо гардидани сокинони вилоят ва гурезагони дар он сукунати муваққатӣ дошта гардид.

Ҳамоҳангсози Хазинаи Огохони IV дар Тоҷикистон, муовини Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Қ. Қоимдодов дуруст қайд намудааст, ки дар ҳамин лаҳзаҳои барои Бадахшон сарнавиштсоз қуввае лозим буд, то мардуми онро аз гирдоби ноумедӣ бароварда, такони моддиву маънавӣ бахшад. «Яъне мардумро аз гуруснагӣ наҷот бидиҳад, дилашро ба оянда гарм созад ва барои сохтани дунёи нав кӯмак бинамояд. Ин қувваи умедбахш, ки онро ҳукумати Тоҷикистон бо хушнудӣ пазируфт, хазинаи ҳазрати Огохони IV буд, ки ҳамаро бо кӯмаки бекаронаву бегаразонаи хеш ба оянда дилпур сохт... Ҳазрати воломақом Огохон дар баробари кӯмаки ғизоӣ, инчунин барномаи пешрафти Помирро бо мутахассисони варзида тартиб доданд, то мардум битавонанд дар кӯтоҳтарин мӯҳлат аз бӯҳрони шадиди иқтисодӣ раҳо ёбанд»[2]. Аз шид-

---

[1] Афзалшоев Ш. Бадахшон – Дарвозаи тиллоии Тоҷикистон. – Хоруғ, 2005. – С.15.
[2] Қоимдод Қ. Дидор. – Душанбе, 1994. – С.51.

дати бӯҳрон далеле, ки охири соли 1993 худтаъминкунии ВМКБ дар сатҳи 15 фоиз қарор дошт[1], бараъло дарак медиҳад.

Қобили қайд аст, ки ин барномаи башардӯстонаи Хазинаи Огохон барои ВМКБ соли 1993 огоз ёфт. Соли 1994 он ба барномаи фаъолияти дарозмуддати тараққиёти вилоят табдил дода шуд. Барои иҷрои ин мақсад, Хазинаи Огохон (ХОХ) дар Бадахшон созмони маҳаллии гайриҳукуматии Барномаи Кӯмаки Пешравии Помирро (БКПП) ташкил намуд, ки мақсади он нафақат аз назорат кардани тақсимоти кӯмакҳои башардӯстонаи хӯрокаву сӯзишворӣ, инчунин аз амалӣ гаштани барномаи худтаъминкунӣ ва бо мақсади тадриҷан васеъ намудани имконияти ба даст овардани даромад ва сармоягузориҳо дар вилоят иборат буд. Бо ин роҳ бояд қашшоқшию камбизоатии вилоят тадриҷан аз байн бурда мешуд.

Мутахассисон барномаи зарурии панҷ бахши иқтисодиётро барои вилоят тартиб доданд, ки дар маркази он соҳаҳои кишоварзӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ, тандурустӣ ва маориф гузошта шуда буд[2].

Барои амалӣ гаштани барномаи кишоварзӣ онҳо шароити маҳаллиро ба назар гирифта, чунин тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шударо пешниҳод намуданд:

1) Барои таъминоти хӯрокворӣ дар вилоят бояд ривоҷ додани се навъи зироат – галладона, лӯбиёгӣ ва картошка дар назар дошта шавад. Ин васеъ намудани майдони киштро талаб мекард. Онро аз ҳисоби 25 фоиз кам кардани кишти зироати хӯроки чорво ва батамом даст кашидан аз тамокукорӣ амалӣ гардондан мумкин буд. Дар натиҷаи ин тадбир дар Помир бояд 3 ҳазор гектар замин озод мешуд, ки 200 гектари он барои кишти гандум, 1 100 гектар – барои кишти лӯбиёгӣ ва 1 700 гектар барои картошка мавриди ис-

[1] Собирова К. Вклад Фонда Ага Хана в развитии ГБАО. – Душанбе, 2005. – С.94.
[2] Доир ба ин барнома муфассал ниг.: Қоимдод Қ. Дидор. – С.54-66.

тифода қарор мегирифт. Ин имкон медод, ки ба ҳисоби миёна 200 тонна гандум, 1 100 тонна лӯбиёгӣ ва 22 100 тонна картошка руёнда шавад. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон қувватнокии (калория) зироати маҳаллӣ нисбат ба маводи хӯрокаи аз берун оварда ду маротиба бештар аст. Аз ин лиҳоз дуруст ба роҳ мондани кишту ҳосили дилхоҳ гирифтан маънои ба маротиб баланд бардоштани самараи кӯмаки Хазинаи Огохонро дошт.

2) Замин бояд ба мардуми деҳот ба мӯҳлати 3-5 ё аз ин зиёд ба иҷора дода шуда, барои кишти зироати дилхоҳашон мамоният эҷод нашавад. Дар он сурат ҳосилнокӣ аз рӯи таҷриба бояд ду баробар меафзуд.

3) Аз кишти тухмии каммаҳсул даст кашида, тухмиҳои серҳосилро кишт кардан лозим аст, ин имкон медод, ки ҳосилнокии маҳсулот то 300-350 фоиз зиёд гардад.

4) Ба Помир тухмӣ, карбамид ва суперфосфат бояд аз хориҷа оварда мешуд. Минбаъд дар солҳои оянда аз тухмии дар ин ҷо рӯидаро барои истифода қарор бояд дод.

Дар ҳолате, ки ҳоло совхозҳо арзи вуҷуд доштанд, метавонистанд, заминро ба деҳқонон ба муҳлати дароз ба иҷора дода, аз имтиёзҳои Хазина ҳаматарафа истифода баранд. Бо ин восита баъди чанде истеҳсолоти кишоварзӣ тадриҷан ба дасти худи кишоварзон мегузашт, ки ин барои амалӣ кардани Барномаи дастгирӣ ва рушди ҷамоатҳои минтақаҳои кӯҳӣ (МСДСП) мусоидат мекард.

Маҳз иҷрои амалии ҳамин барнома буд, ки соли 1996 дар вилоят 5 652 тонна галла, 5 264 тонна картошка, 1 468 тонна сабзавот истеҳсол карда шуд, ки ин ба ҳисоби миёна сари ҳар кас 22.5 кг галла, 28 кг картошка, 7.2 кг сабзавот рост меомад. Ин нишондиҳандаҳо фақат 20-25 фоизи талаборти мардумро қонеъ карда метавонистанду халос. Вале муддати мадиде нагузашта муфидияти ин Барнома возеҳан айён гардид. Соли 1997 истеҳсоли галла ба 6 871 тонна, картошка – 14 352 тонна, сабзавот – 5 185 тонна расонда шуд. Ин нисбат ба соли 1995 1.5 – 3 баробар зиёд буд.

Соли 2001 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ хеле баланд рафт. Аз ҷумла ба ҳисоби миёна ба сари ҳар кас 56 кғ ғалла, 128 кғ картошка, 43 кғ сабзавот, 35 кғ мева, 22 кғ ғӯшт, 43 кғ шир, 20 дона тухм истеҳсол карда шудааст. Табиист, ки ин нишондиҳанда аз ҳаҷми (норма) талаботи ғизоии сари ҳар фард ҳанӯз кам буд, вале нисбат ба миёнаи солҳои 90-ум чандин маротиба зиёд шуда буд. Акнун ёрдами Хазина барои овардани маҳсулоти ғизоӣ, ки хароҷоти хеле зиёди роҳро талаб мекард, камтар шуда, фақат дар ҳаҷми талаботи зарурии ғизоӣ карда мешуд диғар маблағҳо барои рушди саноату роҳ ва заминкушоиву тарбияи мутахассисон сарф мешуд. Аз рӯи ин нақша вилоят батадриҷ бояд ба дараҷаи худтаъминкунии маҳсулоти кишоварзӣ мебаромад. Вале то ин марра расидан ҳоло роҳ дарозу душвор буд, бе кӯмаки гуманитарии ташкилотҳои байналмиллал, пеш аз ҳама Хазинаи Оғохон, эҳтиёҷмандии бевосита дошт.

Дар ин радиф қайд намудан ҷоиз аст, ки ба ғайр аз Хазинаи Оғохон аз соли 1993 ёрии башардӯстона ба Помир аз тарафи ташкилоту ҷамъиятҳои байналмиллалӣ аз қабили Ташкилоти байналмиллалии рушди ИМА, Департаменти кишоварзии ИМА, Иттиҳоди Иқтисодии Аврупо, Ҷамъияти «Ваколатдорони Голландия», дар қатори Фонди Оғохон дар Канада, Фонди Оғохон дар Америка ворид мегардид.

Соли 1993 ба Бадахшон аз Қазоқистон 992,6 тонна ва аз Англия 1 449,3 тонна ғалла, аз филиали «Иттифоқ»-и вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон 17.3 тонна чой, аз Комбинати химиявии Қазон – 49 600 қуттӣ (яшик). хокаи либосшӯӣ, аз Фабрикаи ширии шаҳри Бузулук 70 тонна шири хушк, аз фабрикаи ордбарории Элиста – 460 тонна орд, аз заводи ордбарории Незлобиск – 575.5 тонна орд, аз Голландия – 2934 тонна ва аз ИМА – 325.7 тонна орд, ҳамчунин аз ИМА – 249.8 тонна равған интиқол дода шуд[1].

Соли 1993 ва нимаи аввали соли 1994 ба ВМКБ аз Хази-

[1] Мирзокандов М., Бурибеков Б. Фонд Ага Хана – поддержка нуждающихся // Бадахшан. – 1994. – 25 феврал.

наи Оғохон 2 965.9 тонна ғалла, 10 790 тонна орд, 72 тонна макарон, 59 тонна чой, 388.8 тонна шири хушк, 24.4 тонна-собун ва хокаи ҷомашӯӣ, 67 тонна биринҷ, 5 960 қуттӣ ғизои кӯдакона, 1 760 дона собун, 88.2 тонна собуни ҷомашӯӣ (хоҷагӣ), 23.3 тонна биринҷи дар қуттиҳо ҷойшуда фиристода шуд[1].

Аз рӯи ин барнома амал намуда, фақат соли 1994 Хазинаи Оғохон барои Помир 5 автомобил, 18 750 тонна тухмии гандум, 75 тонна карбомид, 150 тонна нурӣ, 100 тонна сӯзишвории дизелӣ ва 50 тонна бензин ҷудо карда, ворид сохт. Ин хароҷот 960 750 доллари америкоиро ташкил медод. Мувофиқи нақша ин хароҷот дар муддати 5 сол 6 миллиону 963 ҳазор долларо ташкил мекард. Аз ин 25 фоизи хароҷотро бояд худи совхозҳо мепӯшонданд.

Чунин нақшаи мукаммал бо ҳаҷми маблағгузории зарурӣ барои рушди энергетикии вилоят пешниҳод шуд. Умуман, барои амалӣ сохтани барномаи кишоварзӣ ва энергетикӣ дар муддати 5 сол 11 135 000 доллари америкоӣ дар назар дошта шуд. Барои беҳдошти соҳаи тандурустӣ мувофиқи нақша дар се сол ба маблағи 1.4 миллион доллар пешбинӣ карда шуд. Баъди се сол ин барнома бояд таҷдиди назар мешуд. Буҷаи мактабу маорифи вилоят барои се сол 2.3 миллион доллар муайян карда шуд[2].

Акнун истифодаи оқилонаи ин фонд яке аз омилҳои муҳими баровардани вилоят аз ин ҳолати ногувори иқтисодӣ ҳисоб меёфт. Инро роҳбарияти вилоят низ пурра эҳсос мекард. «Мутаасифона, – қайд намудааст роҳбари ҳукумати вилоят дар барномаи пешазинтихоботии худ ба ҳайси номзад ба вакилии Маҷлиси олии Ҷумхурии Тоҷикистон, А. Ниёзмамадов соли 1995, – хоҷагии халқи вилоят солҳои охир тамоман хароб гардида, сатҳи иҷтимоии меҳнаткашон ба дараҷаи паст фуромад. Аз ин лиҳоз ба Бар-

---

[1] Шодавлатов Ш. Несуны гуманитарной помощи // Бадахшан. – 1994. – 11 августа.

[2] муфассал ниг.: Қоимдодов Қ. Дидор. – С.54-66.

номаи Хазинаи Огохони IV оид ба тараққиёти иқтисодӣ такя карда, аз захираю имкониятҳои мавҷудаи вилоят оқилона истифода бурда, хоҷагии халқро аз вазъи ногувори имрӯза баравардан лозим аст. Ман ҷонибдори инкишоф додани шаклҳои гуногуни моликият дар истеҳсолот, барпо намудани иқтидорҳои ҳозиразамони саноатӣ, саёҳат, рушди тиҷорат ва коршиносӣ мебошам. Давом додани сохтмони нерӯгоҳи барқии «Помир-2 ва ГЭС-ҳои камиқтидорро яке аз вазифаҳои муҳимтарини имрӯза ҳисоб мекунам ва барои бо иқтидори пурра кор кардани онҳо аз тамоми воситаҳо истифода хоҳам бурд»[1].

Сафарҳои Огохони IV ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосса ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 24 майи соли 1995, 25 сентябри соли 1998, 3 ноябри соли 2002 барои ҷумҳурӣ ниҳоят рӯзмарраву зарурӣ ва барои ВМКБ аҳамияти воқеан муйянкунандаи рушди ояндаи вилоят ҳисоб меёбанд. Сафари сеюм ба кушодани нахустин пули пайвасткунандаи ду соҳили дарёи Панҷ, ки амалан аввалин падидаи деринтизор дар кори пайванди иқтисодию дӯстӣ бахшидани як халқ – тоҷикони як мулку ду соҳили ҳанӯз соли 1895 бо хоҳишу шартномаи расмии ду давлати абарқудрати мустамликавӣ – Англияю Русия ҷудо шуда рост омад. Акнун дар ояндаи наздик аз ҳисоби маблаггузории Хазинаи Огохон боз сохтану ба истифода додани чунин пулҳои васлгари дилҳо, пайвандгари насли навини як авлоду ду соҳил дар ҳудуди ноҳияҳои сарҳадии Дарвоз, Ванҷ, Ишкошим ва Шӯрообод нафақат дар назар, балки огози тадбиқи амал ёфта буданд.

Хулоса, мувофики барнома Хазинаи Огохон барои кӯмаку пешравии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи кишоварзӣ, энергетика, тандурустӣ ва маорифи халқ ба мӯҳлати панҷ соли аввал маблаггузориро дар ҳаҷми 21 миллиону 629 ҳазор доллари ИМА муайян намуд[2]. Вале

---

[1] Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.17.

[2] Қоимдодов Қ. Дидор. – С. 64-66.



солхои оянда вобаста ба вазъи ҷумҳуриву вилоят ва талаби замон ин Барнома борҳо таҷдиди назар шудаву ҳаҷми кӯмак боз бештару доманадортар гашта, соҳаҳои саноат, сохтмон ва савдоро низ фаро гирифт.

Доири ҳаҷми ёрии Хазинаи Оғохон ва сохторҳои ба он ҳамкорӣ доштаро, дар ВМКБ чунин далеҳо равшан гувоҳӣ медиҳанд:

Солҳои 1994-2003 аз рӯи маълумоти расмӣ барои қонеъ намудани талаботи мардуми вилоят ба миқдори зерин маводи ғизоӣ ворид шудааст: орд – 161 643 т; шири хушк – 8 097.8 т; равған – 12 943 т; чой – 97.5 т; биринҷ – 3062.4 т; шакар – 512.5 т; наск – 3 661 т; лӯбиё – 985.6 т; собун – 200.2 т; гандум – 17 094 т; картошка – 1 695 т[1].

Соли 1995 ба вилоят 20 ҳазор тонна орд, 500 тонна равған, 815 тонна шири хушк кашонда шуд. Барои соли 1998 ин нишондиҳандаҳо чунинанд: орд – 12000 тонна, равған – 1 500 тонна, шири хушк – 2 135 тонна, наск – 987 тонна, гандум – 178 тонна, хӯроки кӯдак – 179 тонна. Барои соли 1999 бошад, ба ғайр аз дигар маводи дар боло номбаршуда, ба сари ҳар кас 56 кг орд ҷудо карда шудааст.

[1] Рақамҳои омориро оид ба ҳаҷми ёрии Хазинаи Огохон барои ВМКБ, ниг.: Собирова К. Вклад Фонда Ага Хана в развитии ГБАО. – Душанбе, 2005. С.49 ва дар дигар саҳифаҳои китоб оварда шудаанд.

Ҳамон сол 23 ҳазор пойафзоли бачагона низ чун кӯмак ворид карда шуд. Соли 2000 аз сабаби боло рафтани зиндагии мардум аз сатҳи камбизоатӣ ҳаҷми ин кӯмак кам шуд. Баъзе деҳаҳои худро таъмин кунанда аз рӯйхат бардошта шуданд. Ба дигар деҳот вобаста ба талаботи лозимӣ маҳсулоти ғизоӣ илова ба маҳсулоти истеҳсолшуда ворид мегашт[1].

## ҲАМКОРӢ БО ТАШКИЛОТҲОИ ВА СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар сиёсати байнамилалии он давраи нав оғоз гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистонро қариб ҳамаи давлатҳои дунё ба расмият шинохтанд ва бо он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла бо Созмони Миллали Муттаҳид (аз 2 марти соли 1992), Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (26 феврали 1992), Созмони Конфронси Исломӣ (1 декабри 1992), Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (18 январи1993), Бонки байналҳалқии тиҷорат ва рушд (27 апрели1993), Созмони байнамилалии меҳнат (26 ноябри1993), Бонки Осиёи Рушд (20 феврали 1998) ва ғайра ҳамкории бевосита дорад. Ҳоло шумораи ташкилоти байналмиллалии бо Тоҷикистон робитаи зич дошта ба бештар аз 50 расидааст.

10 апрели соли 1992 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон чун ҷамъияти мустақили ягонаи башардӯст фаъолият мебарад. Зарурати ҳамкорӣ бо ин ташкилотҳо аз воқеъияти худи ҷумҳурӣ бармеомад. Низоъҳои дохилии моҳи майи соли 1992 Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида, ба муҳоҷиру фироришавии теъдоди хеле зиёди одамон гардид.

[1] Собирова К. Вклад Фонда Ага Хана. – См.: Примеч.. – С.154-156.

Шумораи умумии муҳоҷирини дохилӣ ва фирориёни берун аз ватан қариб 2 миллион нафарро ташкил медод[1].

Бо зарурати замон як қатор созмонҳою ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, Кумитаи имдоди Имом Хумайнӣ, ҶТЗ, Фонди Оғохон (АКДН, МСДСП, ИТРЕК, АКФ); ФОКУС ва ғайра дар ВМКБ оғозу идомаи фаъолият намуданд.

Дар ин ҷо ба маврид аст, ки каме бошад ҳам аз таъриху фаъолияти ин созмону ташкилотҳои дар мавриди зарурӣ барои мо хизмати худро дареғ надошта, ёдовар шавем.

**Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар** соли 1863 дар Шветсария ташкил ёфта, рамзи он Салиби Сафед дар матои сурх буд. Соли 1876 нишони бо ҳамкории Ҳилоли Аҳмар ва Салиби Сурх якҷоя тасвир ёфт.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон аз соли 1998 бо ҳамкории Вазорати тандурустӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати маориф ва ҳукуматҳои маҳаллӣ барномаҳои миллии «Пасткуниии сатҳи камбизоатӣ», «Камхунӣ», «Сил», «Ҷоғар», «ВНМБ / АНМП (ВИЧ /СПИД) ва ғайраҳо ҳамкорӣ намудааст.

Бахши бадахшонии ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон аз ҳафт кумитаи ноҳиявӣ ва як кумитаи шаҳрӣ иборат буда, аз 142 ташкилоти ибтидоӣ, 541 аъзо, 626 ихтиёриён иборат мебошад. Бахши мазкур фаъолияти худро мувофиқи дурнамои «Аз барномаҳои кӯмаки башардӯстона ба барномаҳои рушд» амалӣ мегардонад. Барномаҳои рушди ташкилотҳои маҳаллӣ аз самтҳои зерин иборатанд:

«Омодагӣ ба офатҳои табӣ ва вазъияти фавқуллода», «Ёрии нахустини тиббӣ», «Тарғиби ҳуқуқҳои байналмилалии башар», «Кор бо ҷавонон», «Барномаҳои мустаҳкамкунии иқтидор» ва ғайраҳо.

Барномаи «Омадагӣ ба офати табӣ» дар деҳаи Бароҷи

[1] Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон: дирӯз, имрӯз ва фардо. – Душанбе, 2007. – С.27.

ноҳияи Рошткалъа, деҳаи Девлохи ноҳияи Ишкошим ва дигар деҳаҳои ноҳияи Шугнон амалӣ гардиданд. Бо вуҷуди ин қисми таҷрибавии «Ғизо барои толибилмон» дар макотиби таълимоти ҳамагонии навоҳии Мургоб, Рошткалъа, Ишкошим, Шугнон ва ҷамоати Язгуломи ноҳияи Ванҷ амалӣ гардиданд, ки яке аз беҳтарин дастовардҳои Бахши бадахшонии ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар ба шумор меравад.

**Намояндагии Кумитаи Имдоди имом Хумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон** дар Бадахшон аз 20 феврали соли 2008 фаъолияти худро шурӯъ намуд. Аз ибтидои фаъолият 500 хонаводаи бепарастор таҳти ҳимояи Кумитаи Имдоди имом Хумайнӣ қарор гирифтанд. Кӯмаки нахустин аз маводҳои гизоӣ (равган, шакар, биринҷ, чой) ва асбобҳои хониш (сумка, китоб, дафтар, ручка, қалам) иборат буд. Бо ин минвол ду сол кумита ба мӯҳтоҷон мадад мерасонд.

Аз соли 2010 дар баробари кӯмак 40 нафар занону духтаронро ба курсҳои семоҳаи дӯзандагӣ ба таври ройгон фаро мегиранд. Аз ибтидо то ҳоло зиёда аз 480 нафар чеварон курси мазкурро хатм намуда, ба фаъолият машғул мебошанд.

Инчунин Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна, ривоҷ додани соҳаи чорводорӣ, мургпарварӣ ба корафтодагон қарзи дусолаи беизофа дода метавонад.

Бо дастгирии созмону ташкилотҳои байналхалқӣ дар Бадахшон якчанд ташкилотҳои ҷамъиятии гайридавлатӣ ба монанди «Мадина», «Қалам» ва «Логос» кушода шуданд.

**«Мадина»** ташкилоти ҷамъиятии гайридавлатии занони соҳибкор буда, соли 2000 бо ташаббуси Набот Додхудоева кушода шудааст. Ташкилоти «Мадина» бо мақсади дастгирии табақаи камбизоати аҳолии ВМКБ ва модарони танҳо бо ҳамкории Хазинаи Евразия дар ибтидо ба омӯзиши нозукиҳои тиҷорат ба занони соҳибкор, тарзи истифодабарии маблагҳои қарзгирифта дар шароити бозоргонӣ ва гайраҳо машгул буд.

Соли 2001 бо дастгирии Фонди Евразия ба омӯзиши нозукиҳои тиҷорат ва аз соли 2004 бо дастгирии ОБСЕ ба маркази машварати юридикии тиҷорати хурд табдил ёфта, ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар бораи қонунҳои муҳоҷират, ҳуҷҷатгузорӣ ва ғайраҳо маълумот медод.

Соли 2008 аз Кумитаи оид ба корҳои зан ва оилаи назди Президент 15000 сомонӣ гирифта, доираи хизматрасониро васеъ намуд. «Мадина» кӯшиш медод, ки бештар аз боигариҳои дохилии табӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ашёҳои табӣ истифода бурда, доираи хизматрасониро васеъ намояд. Бинобар ин меваи хушк ва маҳсули дасти ҳунармандону чеваронро ба фурӯш мебарорад.

Соли 2009 «Мадина» ҶШК «Мадина ва Ҳамкорон»-ро таъсис дода, ба онҳо дӯзандагӣ, бофандагӣ ва дигар ҳунарҳои мардумиро ёд медоданд. Дар натиҷа моҳи декабри соли 2010 ташкилоти «Мадина» ба ҳамкорон бо мақсади рушди тиҷорати хурд 940 666 сомонӣ карз додаст.

**«Қалам»** маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандии ВМКБ аз соли 1998 ба фаъолият шурӯ намуда, ҳамчун маркази иттилоотӣ ба гузаронидани машварату семинар оид ба ҳамкориҳои гуногун барномаҳо анҷом медиҳад. Инчунин «Қалам» аз соли 1998 бо ҳамкории ташкилоти ғайридавлатии америкоии Каунтерпарт Консорциум ва соли 2003 бо ҳамкории Шӯрои байналхалқии тадқиқот ва мубодила (IREX) ба таргиби барномаҳои гуногуни «Рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ» машғул мебошад. Аз 1 апрели соли 2005 нашрияи ин ташкилот «Импульс» бо теъдоди 3000 нусха нашр мешавад. Маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандии «Қалам» бо ҳамкорӣ ва дастгирии молиявии Хазинаи Огохон, Сафоратхонаи ШМА дар Тоҷикистон ва Ҳукумати Тоҷикистон аз соли 2006 то соли 2010 зиёда аз 20 барномаи ҷолиброо пиёда намуд.

**«Логос»** маркази таълимии ҷумҳуриявӣ буда, моҳи апрели соли 2005 барои чопи маводҳои таълимӣ ва гузаронидани

курсҳои омӯзишӣ таъсис дода шуд. Аз моҳи октябри соли 2006 дар баробари табъу нашр бахши омӯзиши забони англисӣ, олмонӣ, хитоӣ ва компютер ба роҳ монда шудааст. МҶТ «Логос» фаъолияташро васеъ намуда, аз соли 2007 намояндагии худро дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Рӯшон (2010) ва Шугнон (2011) огоз намуд. МҶТ «Логос» дар баробари чопи маводҳо ва забономӯзӣ ба хизматрасонии техникӣ (таъмири компютер, принтер ва г., машғул мебошад.

Албатта кӯмаки башардӯстона ҷои истеҳсолоти худиро гирифта наметавонист. Дар воқеъ, истеҳсолот дар дараҷаи паст қарор ёфта буд. Соли 1994 нишонаҳои ҷоннокшавии он нафақат ба назар намерасид, инчунин ҳанӯз ақибравии мунтазам эҳсос мешуд. Ба андешаи худи сардори вилоят пастравии истеҳсолот ҳанӯз боздошта нашуда буд. «Аз 5 640 кормандони муассисаҳои саноату сохтмон ва нақлиёт соли равон (1994) танҳо 1 600 нафар, ё худ 28 % то ҳадди имкон бо кор таъмин шуданду халос, Агар беш аз 70 % бекор бошад, дар мавриди беҳбудии сатҳи зиндагии мардум ҳоҷат ба сухан нест»[1]. Дар солҳои 1990-1995 саршумори чорво дар тамоми вилоят (новобаста аз хусусиятхои хоҷагидорӣ) чорвои калони шохдор 8.3 ҳазор, бузу гӯсфанд 84 сар, истеҳсоли гӯшт 2 538 тонна ва шир 3 802 тонна кам гардид[2]. Ин ақибравиро боз чунин далелҳо шаҳодат медиҳанд: соли 1969 дар вилоят 13 700 тонна галла истеҳсол карда шудааст, соли 1992 бошад, он ба 4 105 тонна фуромад. Дар ноҳияи Шугнон соли 1960 7000 тонна, соли 1994 ҳамагӣ 599 тонна, дар вилоят соли 1992 аз ҳар гектар ҳамагӣ 7.3 сентнер ҳосил гирифта шудааст[3].

Аз рӯи маълумоти раиси ҳукумати вилоят, ҳатто масъалаи

---

[1] Ниёзмамадов А. Бӯҳрони маънавӣ аз бӯҳрони иқтисодӣ шадидтар аст. Суханронӣ дар маҷлиси фаъолони вилоят аз рӯи масъалаи «Ҷамъбасти кори хоҷагии халқи вилоят дар соли 1994 ва вазифаҳои навбатӣ дар соли 1995. // Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.30.

[2] Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.32.

[3] Ҳамон ҷо. – С.33.

тухмӣ ҳаллӣ худро ёфта наметавонист. Дар ноҳияи Дарвоз 550 сентнер тухмии гандум, 130 сентнер ҷав, 1 200 сентнер картошка, хоҷагиҳои ноҳияи Ванҷ – 200 сентнер, Шугнон – 300 сентнер гандум, 710 сентнер картошка, Роштқалъа – 250 сентнер гандум, 90 сентнер картошкаи тухмӣ намерасид. Аз рӯи меъёр дар вилоят бояд ба заминҳо соле на кам аз 3.5 ҳазор тонна нуриҳои органикӣ дода мешуд, вале дар муддати се сол аз он тамоман истифода бурда нашудааст. Соли 1994 аз 466 трактори шудгоркунанда фақат 287 адад (61.6 %) ба корҳои саҳроӣ тайёр буд. Аз 675 автомобили боркаш бошад, ҳамагӣ 478 (71 %) коршоям буд. Чунин аҳвол дар ҷо ба ҷо гузории мутахассисони соҳаи кишоварзӣ мушоҳида мешуд. Танҳо дар солҳои 1993-1994 35 роҳбарони совхозҳо иваз шуданд. Аз 58 сардорони хоҷагиҳо 11 нафарашон мутахассиси хоҷагии қишлоқ набуданд[1].

Вазъи сиёсию иқтитисодӣ ва иҷтимоии вилоятро ниҳоят номӯътадил баҳо дода, роҳбари он роҳи раҳоиро аз ин бӯҳрони шадид дар ҳалли чунин масоил дидааст:

1. дар мустаҳкам намудани тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон;

2. дар таъмини ҳифзи сарҳад ( мувофиқи шартномаи тарафайн онро асосан сарҳадбонони Русия муҳофизат мекарданд, вале зарурати аз тарафи аҳолӣ дастгирӣ кардани онҳо пеш омада буд);

3. ҳалли масъалаи халъи силоҳ;

4 барқарор намудани робитаҳои наздики иқтисодию фарҳангӣ бо минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ ва кишварҳо. Дар ин ҷода, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудан ба сохтмони роҳи Кӯлоб-Дарвоз[2].

Муташанниҷии вазъи вилоят соли 1995 низ идома дошт. Ҳафтуми апрел қувваҳои мухолифин дар роҳи автомобилгарди байни ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз ба марзбонони қувваҳои сарҳадии Иттиҳодияи давлатҳои мустақил (СНГ)

---

[1] Ниг.: Ниёзмамадов А. – Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.33-34.
[2] Ниг. Ҳамон ҷо. – С.36-37.

ногаҳон ҳуҷум оварда, аз байни марзбонон чанд тан ҳалок ва нафарҳои зиёде захмдор шуданд. Баъди чанде ин амал дар ноҳияи Ванҷ рух дод. Қувваҳои мухолифин дар он ҷо ба мавқеи марзбонон ҳуҷум карданд. Дар натиҷа аз ду тараф одами бисёр талаф ёфт.

Қувваҳои мухолифин барои амалӣ кардани мақсадҳои гаразноки худ ба деҳаи Поршинев даромаданд. Дар натиҷа аз ҳар ду ҷониб чандин нафар ба ҳалокат расида, бисёриҳо ҷароҳат бардоштаанд. Қувваҳои дар шаҳри Хоруг бо ҳам омада кӯшиш доштанд, ки бо баҳонае марзбонон ва органҳои ҳифзи ҳуқукро ба вартаи ҷанг кашанд[1].

Бо ин амали зишти худ қувваҳои мухолифин кӯшишҳои зиёди роҳбарияти ҷумҳурӣ ва вилоятро баҳри сулҳу оромӣ дар ин минтақа барбод доданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ва роҳбарияти вилоят аз рӯзҳои аввали соли 1995 бо сардорони қувваҳои мухолифин чандин вохӯриҳо ва гуфтушуниди ошкоро гузаронда, оид ба халъи силоҳ ва бо кор таъмин кардани қисме аз силоҳдорон масъала гузошта буданд.

Вале ба ҳамаи ин кӯшишу чорабиниҳо нигоҳ накарда, дар худуди вилоят дар се моҳи аввали соли 1995 назар ба хамин давраи соли гузашта ҷиноятсодиркунӣ 14.2 фоиз., аз ҷумла дар ноҳияи Ванҷ – 3 баробар, ш. Хоруг – 43.4 фоиз, Дарвоз 17.3 фоиз Рӯшан – 16.6 фоиз афзуда буд. Аз рӯи маълумоти мавҷуда, аз тарафи мақомоти умури дохилӣ қисми ҷиноятҳои содиршуда ба қайд гирифта намешуд. Назорати прокурорӣ ва сари вақт ошкор кардану ба қайд гирифтани ҷиноятҳо дуруст ба роҳ монда нашуда буд.

Аз руи маълумоти расмии раиси ҳукумати вилоят мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳамин давра ҳамагӣ 33 ҷиноятро (ё 20%) ошкор намудаанд. Дар ноҳияҳои Рӯшон, Роштқалъа ягон ҷиноят ошкор нашуда, дар шахри Хоруг ҳамагӣ 14.7 фоиз, Шугнон – 19.1 фоиз, Мургоб – 11.4 фоиз ҷиноятҳо ош-

[1] Ниёзмамадов А. – Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.39-40.

кор шуда буданд. Ошкоркунии ҷиноятҳои вазнин бошад тамоман бад ба роҳ монда шуда, ҳамагӣ 5.3 фоизро ташкил медод. Дар се моҳи аввали соли 1995 хамагӣ 4 ҳодисаи қасди одамкушӣ, 4 гораттгарӣ, 54 дуздии моликияти давлатӣ, 48 ҳодисаи дуздии моликияти шахсӣ ошкор карда шуда буд. Ҳалли чунин маъалаҳо солҳои 1993 – 1994 аз ин ҳам бадтар буд. Аз рӯи баҳои худи роҳбари вилоят «Дар бораи ошкор кардани ҷиноятҳои вазнин, ки солхои 1993 – 1994 содир карда шудаанд, ҳоҷати гап ҳам нест»[1]. Кор ба дараҷае расида буд, ки силоҳбадастон аз набудани ягон мамониати ҷиддӣ истифода бурда (аз сабаби маълум набудани мавқеи Отряду баталионҳои худмуҳофиз нисбати ҳукумат ва сарҳадбонони Русия, дар вилоят бо эътирози прокурор барҳам дода шуда буданд), ҳатто дар атрофи қисми ҳарбии 2022 дидбонҳо ва техника ҷойгир карда буданд. Ин дар вазъияте буд, ки муносибати роҳбарони баъзе ноҳияҳо, кормандон ва фаъолияти сарҳадчиёни Русия бо ҳам дар мувофиқа набуда, дар ҳифзи сарҳад якҷоя амал намекарданд[2].

Ин ҳолат муттамарказии маъмурии ҷумҳуриро то дараҷае аз ҳадди эътидол бароварда буд, ки зарурати дар байни роҳбарияти вилоятҳо бастани созишномаҳои ҳамкорию муомилоти тарафайнро ба миён овард. Раиси ВМКБ А. Ниёзмамадов моҳи июни соли 1995 бо раиси вилояти Хатлон А. Салимов ва 25 августи ҳамин сол бо раиси вилояти Ленинобод А. Ҳомидов созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонд. Дар банди аввали созишномаҳо таъмини ҳамкорӣ ва таъсис додани намояндагиҳои тарафайн омадааст. Дар бандҳои дигар бошад, самтҳои ҳамкорӣ ва алоқа чунон муайян шудаанд, ки шартномаи байни ду давлати мустақилро мемонданд[3]. Чунин «Шартномаи ҳамкории иқтисодӣ ва фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии

[1] Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.43-44.
[2] Ҳамон ҷо. – С.46.
[3] Ниг.: Рӯзномаи «Бадахшон». – № № 27 (9 597), 38 (9 608). – 1995. – 23 июн ва 8 сентябр.

Тоҷикистон бо Вилояти Бадахшони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон» 26 апрели соли 1996 баста шуд[1]. Табиист, ки ин шартномаҳо дар ҳолати ҳанӯз суст будани назорати бевоситаи марказӣ ба натиҷаи дилхоҳ оварда наметавонистанд. Вале аз ҳама муҳим он буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон акнун ба роҳи умедбахшу бебозгашти мусолиҳаи миллӣ ва сулҳу осоиштагӣ мунтазам пеш мерафт. Ин барои ба эътидол омадани вазъи иқтисодию иҷтимои кишвар, аз ҷумла ВМКБ то рафт бештару қавитар мусоидат мекард.

## НАХУСТГОМҲОИ УСТУВОРИ СОЗАНДАГИИ ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ДАР ВМКБ

Ҳарчанд масоили рӯзмарраи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ВМКБ дар мадди назари роҳбарияти ҷумҳурӣ ва вилоят ҳанӯз дар рӯзҳои шадиди даргириҳои сиёсӣ қарор дошт. Вале маҳз баъди хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ, ба маҷрои дилхоҳи созандагӣ ворид гардид.

Бо ҳам мувофиқ омадани ҳадафҳои созандагии халқи меҳнатқарини вилоят ва нияту нақшаҳои роҳбарияти ҷумҳурӣ, бахусус Президент Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳатто дар замони шиддат доштани авзои сиёсии ҷумҳурӣ ва муқовимату муқобилияти яроқноки қувваҳои зиддиҳукуматӣ, нафақат заиф, балки қавитар гашта буданд, барои тарҳрезии барномавии рушди ин минтақаи дар оянда ниҳоят умедбахши Ватан, такони ҳалкунанда доданд.

Заминаи қавию бебозгашт дар роҳи муборизаи қатъӣ барои ҳамдигарфаҳмӣ, эъмори сохтори нави давлатдории қариб пурра фалаҷгардида ва сафарбаркунии ҳаракати тамоми қувваҳои солими ҷомеа ба маҷрои мубориза барои ваҳдати миллӣ дар Иҷлосияи XVI-ми Шӯрои Олии

[1] Ниг.: Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.105-108.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардида буд, гузошта шуд. Бесабаб нест, ки маҳз аз ба расмият даромадани органи қонунгузорӣ, сохтори идораи маъмурии қабули ҳуҷҷатҳои тақдирсози ин Иҷлосия ба марҳаллаи нави таърихи давлатдории тоҷикон ибтидо гузошт.

Иҷлосия, ки дар он ҳайати Шурои Олӣ, Ҳукумати Тоҷикистон, шахсиятҳои намоёни фарҳангию илмӣ, роҳбарияти ташкилоту созмонҳои сиёсӣ ва дастаҳои бо ҳам муқобили яроқнок, ба ақидаҳои ниҳоят мухталифу бо ҳам оштинопазир намояндагӣ доштанд, бо мушкилиҳои зиёде масоили ба муҳокима пешниҳод гашта, ҳаллу фасл гардид.

Масъалаи муҳимтарине, ки ҳалли дурусти он бояд тақдири миллат, нигаҳдошти якпорчагии Тоҷикистонро ҳал мекард, интихоби Раиси Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисоб меёфт. Бо тақозои воқеият ва масъулияти таърихии замон, ин вазифаи ниҳоят масъулиятноку сангин, ки аксаран корозмудагони сатҳи баланди сиёсию давлатӣ, дар ин лаҳзаи ҳассос аз он дурӣ меҷустанд, то андозае ғайричашмдошт, бо интихоби озоду шаффоф, ба зиммаи шахсияти ҳанӯз ба саҳнаи васею пуртаззоди давлатдорӣ ворид нагардида – Эмомалӣ Раҳмон (Раҳмонов) гузошта шуд ва аз лаҳзаҳои аввали ҷараёни кории Иҷлосияро ба даст гирифтанаш маълум гардид, ки вакилон хато накардаанд.

Барои тартиб додану ба муҳокимаи умумихалқӣ гузоштани барномаи мукаммали баромадан аз вазъи ниҳоят шадиду фоҷиаафзои сиёсӣ, беназмии иқтисодӣ имкон даст намедод. Ҳамаи ин бояд оҷилан дар рафти Иҷлосия таҳрезӣ мешуд. Заҳмати Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ дар ин ҷода нафақат ба иштирокдорони Иҷлосия, инчунин ба тамоми халқи ҷумҳурӣ аз тариқи телевизион возеҳан айён буд.

Ба низоми муайян даровардани сохтори давлатдорӣ ва қабули Барномаи сулҳ дар Иҷлосия на танҳо дар оянда аз пойдору бе газанд нигоҳ доштани Тоҷикистони азиз дарак медод, инчунин дар роҳи ба даст овардани сулҳи пойдор ва

сохтмони давлати воқеан ҳуқуқубунёду демократӣ такони ҳалкункндае гардид. Вале барои амалӣ гаштани ҳамаи он масоили дар ҷаласа тарҳрезишуда вақти тӯлонӣ, заҳмати сангинеро паси сар кардан лозим омад. Гузашта аз ин, лозим омад, ки дар мубориза алайҳи душманони миллат, барои нигаҳдошти якпорчагии Тоҷикистон, таъмини ҳаёти осоишта ва созандагӣ, ҳазорон фарзандони содиқи Ватан ҷони худро қурбон намоянд.

Чи тавре дар боло ишора рафт, дар солҳои 90 – иқтидори истеҳсолии ВМКБ хеле паст рафта буд, барои аз нав ҷоннок намудани он вақти тӯлонӣ ва маблаггузории зиёде лорзим буд. Беҳуда нест, ки ба ҳамаи кӯшишҳои Ҳукумати марказӣ ва вилоят нигоҳ накарда, суръати рущд дар маҷмӯъ хеле суст ба назар мерасид. Соли 1990 2.9 ҳазор коргар дар истеҳсолоти саноатӣ банд буда, бо арзиши умумии 24 336 ҳазор сӯм маҳсулот баровარданд, ки ин аз арзиши пули он давра дар муқоиса ба 34 132 доллари ИМА баробар буд. Ҳамон сол ҳаҷми умумии истеҳсоли молии саноати сабук дар вилоят ба 8 753 ҳазор сӯм (12 278 доллари ИМА) баробар бошад, соли 2002 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 18 ҳазорро (6,5 ҳазор доллари ИМА) ташкил мекард[1]. Албатта суръатафзоии истеҳсолотро танҳо бо давраи авҷи он дар арафаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ муқоиса кардан ба мантиқи воқеияти замон рост намеояд. Дар замони авҷи даргириҳои сиёсӣ ва ба задухӯрди мусаллаҳона табдил ёфтани он (нимаи аввали солҳои 90-ум асри гузашта), истеҳсолот қариб пурра фалаҷ шудаву ба нестӣ расида буд. Аз рӯи адолат мебуд, ки ин диди муқоисавиро аз ҷоннокшавии нави истеҳсолот ва суръатгирии рущди он, ки дар баъзе самтҳо ҳанӯз дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ибтидо гирифта буд, огоз намоем. Вале рущди бемайлони истеҳсолот ва афзоиши ҳаҷми маблаггузории он аз охири солҳои 90-ум возеҳан ба назар мерасад.

[1] Промышленность Республики Таджикистан. Статсборник. – Душанбе,2003. – С.46.

Соли 2000 корхонаҳои саноатии вилоят дар ҳаҷми 8 506 364 сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки ин 145 % соли 1999 ташкил медод. Дар он нишондиҳандаи сектори давлатӣ ба 101.8 ва сектори хусусӣ (шахсӣ) ба 155.2 % баробар буд. Соли 2000 арзиши маҳсулоти саноатии истеъмолии халқ 755 229.1 сомониро ташкил мекард, ки ин нисбат ба соли 1999 54.6 % бештар буд[1].

Чунин падидаҳои аз рушди иқтисодӣ даракдиҳанда дар солҳои оянда боз бештару қавитар ба назар мерасид. Масалан, соли 2005 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ВМКБ ба 35,1 млн. сомонӣ расид, ки ин нисбат ба соли 2004 14,3 % бештар буд. Дар шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Рӯшон 17 корхонаҳои нави саноатӣ ба истифода дода шуданд[2]. Дуруст аст, ки онҳо корхонаҳои хурд буда, асосан барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ – гӯшт, шир, мева ва сабзавот мувофиқ карда шуда буданд.

Қобили қайд аст, ки дар ибтидои даҳсолаи аввали асри XXI низ сустшавӣ ва тамоман қать шудани истеҳсолот дар баъзе намудҳои саноат ба мушоҳида мерасид. Масалан, соли 1990 дар фабрикаи дӯзандагии шаҳри Хоруғ 646 нафар коргарон фаъолият доштанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти онҳо ба 60 002 ҳазор рубл (8 418 доллари ИМА) мерасид. Соли 2001 дар ин корхона ҳамагӣ 102 нафар кор мекард, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоташон ба 14 ҳазор сомонӣ баробар буд. Истеҳсоли маводи сохтмонӣ, ки соли 1990 дар он 285 коргар фаъолият дошта дар ҳаҷми 5 780 ҳазор доллари ИМА маҳсулот мебаровард (16.9 % ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии вилоятро истеҳсол мекард) то ибтидои

---

[1] Бахромов З.М. Социально-экономическая и культурная жизнь ГБАО Республики Таджикистан за годы независимости. Диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук (на правах рукописи), – Душанбе,2009. – С.13

[2] Ниёзмамадов А. Ҳисобот «Дар бораи иҷрои нақшаҳо ва барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҳолати хоҷагидорӣ, истифода ва идораи иншоотҳои моликияти коммуналии вилоят дар соли 2005» // Бадахшон. – 2006. – 28 январ.

асри навин пурра таназзул намуд. Ибтидои даҳсолаи аввали асри XXI корхонаи бетонистеҳсолкунии Хоруг «Бетон» аз сабаби нарасидани хокаи семент, арматура ва қувваи барқ кори худро қатъ намуд. Ба ҳамин аҳвол баъзе корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дучор гашта буданд. Аз ҷумла, Фабрикаи парандапарварии Бунӣ пурра кори худро қатъ намуд. Пушида нест, ки солҳои 80-ум нуқтаҳои умедбахши коркарди саноатӣ, аз ҷумла, маҳсулоти сохтмонӣ ва ороишию зинатии аз мармари гуногунрангаи Ванҷ дар фабрикаи «Хрустал» истеҳсолшуда, маҳсулоти ороишӣ ва зинатии (марҷон, дастпона, гӯшвор, гарданбанд ва гайра) фабрикаи «Лаъл» (деҳаи Поршнёв) ба суръати баланди рушди истеҳсолӣ ноил гашта буданд. Мутаассифона дар солҳои 90-ибтидои даҳсолаи аввали асри навин фаъолияти онҳо бо сабабҳои маълум дар арафаи қатъшавӣ қарор гирифтанд. Соли 2001 фабрикаи «Хрустал» ҳамагӣ дар ҳаҷми 8 ҳазор ва «Лаъл» – 20 ҳазор сомонӣ маҳсулот баровардаанд. Ҳол он ки фабрикаи «Хрустал» дар ҳолати бо иқтидори пурра кор кардан бо таҷҳизоти дар ихтиёр доштааш дар ибтидои даҳсолаи асри XX метавонист ҳадди аққал то 100 ҳазор $м^2$ тахтамармар барои ороиши берунии биноҳо, 10 ҳазор $м^2$ тахтамармарҳои ороишӣ, 600 $м^3$ мармарсангҳои яклухт барои тайёр намудани ҳайкалу муҷассама (скульптура) нимтанаҳои (бюст) мармарин, то 10 ҳазор тонна хокаи мармар ва боз дигар намуди маҳсулот дар ҳаҷми умумии 12 млн сомонӣ маҳсулоти бозоргир истеҳсол намояд[1]. Албатта кам нестанд сабабҳои ин пастравӣ, вале дар мадди аввал бояд аз: а) набудани маблаггузории кофӣ; б) ба талаби замон мувофиқ набудани таҷҳизоти техникӣ ва мутахассисони соҳа; в) ба сарфи заҳмат мувофиқат накардани музди меҳнат ёдовар шуд.

---

[1] Ниг.: Промышленность Республики Таджикистан за 2001 г. (Статистические данные по годовым отчетам).. – Душанбе: Госкомстатистики РТ,2002. С.32; Хоналиев Н. ГБАО – Горы нерешенных проблем // Бизнес и Политика. – 2003. – 11 апреля.

Албатта суст будани иқтидори саноатии вилоят барои ҳаёти иҷтимоӣ сокинони он бетаъсир буда наметавонист. Аз сабаби афзоиши шумораи аҳолӣ ва паст будани имконияти фарогирии ашхоси қобили кор теъдоди бекорон хеле зиёд буда, дар ибтидои даҳсолаи асри навин ба яке аз масоили ниҳоят ҳалталаби замон табдил ёфта буд. Аз рӯи маълумоти мавҷуда, дар ҳолате ки солҳои 1991 – 2001 захираҳои меҳнатии вилоят 1.4 маротиба афзоиш ёфтааст, дар ҳамин давра шумораи одамони дар хоҷагии қишлоқу саноат фаъолияти меҳнатӣ дошта дар ҳадди 20.4 ҳазор нафар кам шудааст, ба таври дигар ин нишондиҳанда 72.8 % ташкил мекард. Аз рӯи маълумоти расмӣ соли 2002 дар ВМКБ теъдоди бекорон ба 15.2 ҳазор нафар расида буд, ки 65 % онро ҷавонони синни 18-29 сола ташкил медоданд[1].

Вале дар баробари ин дар баъзе соҳаҳои истеҳсолот пешравӣ то андозае эҳсос мешуд. Аз ҷумла, дар 9 корхонаи саноатии вилоят соли 2006 истеҳсоли маҳсулот ҷиддан рӯ ба афзоиш оварда буданд[2].

Бояд қайд кард, ки дар ин ҷода 30 январи соли 1999 кушода шудани роҳи автомобилгарди Кӯлоб –Дарвоз, ҳарчанд дар солҳои минбаъда сохтмони он идома ёфта, то ҳадди ба талаби роҳи дараҷаи байналмиллалӣ ҷавобгӯ шудан идома ёфта бошад ҳам, маҳз дар он давра барои пешрафти иқтисодии ВМКБ заминаи муътамад гузошта шуд. Вилояти акнун аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, дар муддати кӯтоҳ тавонист пурра ва бемамоният ба доираи фазои иқтисодии кишвар ворид гардад. Гузашта аз он, ин роҳ алоқаи халалнопазирии тиҷоратии вилоятро бо мамолики ҳамҷавори ҳамсоя таъмин намуд.

Аҳамияти таърихии ин шоҳрохро барои Тоҷикистон ва хосатан барои ВМКБ, Президент Эмомалӣ Раҳмон хеле

---

[1] Бахромов З.М. Социально-экономичесая и культурная жизнь ГБАО. – С.18.

[2] Будущее Бадахшана обнадеживающее // Народная газета,2006. – 15 ноября.

таъсирбахш қайд намудааст: «Ин рӯзе, ки тоҷикистониён интизораш буданд, – мегӯяд Сарвари давлат, – фаро расид. Чанд сол пеш касе фикр карда наметавонист, ки Бадахшони Кӯҳӣ ҷои ҳамкории мутақобилаи мамлакатҳои Осиё мегардад»[1]. Дарвоқеъ ин роҳ имкон медод, ки аз тариқи агбаи Кулма ба роҳи васеи Қароқурум баромада, Аврупоро ба воситаи давлатҳои Осиёи Марказӣ бо Хитой ва мамолики минтақаи Осиёию Уқёнуси Ором ва ҳамчунин бо Покистон ва бандарҳои уқёнуси Ҳинд пайвандад. Ин тавр сурат гирифтани воқеият, табиист, ки барои иқтисодиёти ВМКБ такони ҳалкунанда мебахшид. Бале, ҳамин тавр ҳам шуд.

Бо ин роҳ борҳо бо ташаббуси Президенти мамлакат кӯмаки озуқавӣ ва маводи сохтмонӣ ворид гардид. Маҳз дар оянда бо ин роҳ лавозимоти техникии барои сохтмони нерӯгоҳи барқии «Помир-1» зарур буда, дар сари вақт расонда шуд. Ин имкон дод, ки сохтмон ва дар кӯтоҳтарин мӯҳлати муайян шуда, ба кор даромада дар хизмати мардум гузошта шуд.

Мавриди ёдоварист, ки нақшаи дурнамои таъминоти вилоят бо қувваи барқ хеле пештар, ҳатто дар давраи ҳанӯз дар ин минтақа фаъолияти зидди ҳукуматиро идома додани дастаҳои яроқнок тарҳрезӣ шуда буд ва чанде нерӯгоҳҳои хурди барқии аҳамияти маҳаллӣ дошта низ сохтаю мавриди истифода қарор ёфта буданд. Бесабаб набуд, ки дар вилоят соли 1995 дар муқоиса бо соли 1994 истеҳсоли қувваи барқ аз рӯи арзиши пулӣ 23.5 % афзоиш ёфта буд. Вале афзоиши қавии он бо сохтмони нерӯгоҳҳои хурд аз ибтидои даҳсолаи аввали асри навин суръат гирифт. Ин имкон дод ки, истеҳсоли қувваи барқ дар вилоят ба 127 692 ҳазор кВт соат расонда шавад[2].

ВМКБ дорои иқтидори ниҳоят баланди захираҳои гидро-

---

[1] Автотрасса XXI века // Народная газета. – 1999. – 5 февраля.
[2] Бойгонии ҷории Раёсати Хоҷагии қишлоқи Хукумати ВМКБ. Ҳисобот доир ба иҷрои нақша ва барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ВМКБ дар соли 2005. – В.12.

энергетикист, ки он 8.3 млн кВт ё 25.7 % итидори умумии энергетикии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Мутаассифона аз рӯи ҳисоби мутахассисони соҳа соли 2005 аз ин иқтидори муайяншуда ҳамагӣ дар вилоят 54.0 ҳазор кВт (1.2 %) иқтидори умумии энергетикии ҷумҳурӣ) мавриди истифода қарор ёфтааст[1]. Ин нишондиҳанда охири соли 2005 ба 200.2 млн кВт соат расонда шуд. Барои вилоят, ки дар ҳолати ниҳоят маҳдуд ва ҳатто мавҷуд набудани дигар намудҳои манбаи энергия – ангишт, газ, нафт, ҳезум ва гайра қарор дорад, маҳз қувваи барқ ягона воситаи таъминкунандаи рушди иқтисодӣ иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буда метавонад. Ин мутахассисонро водор мекунад, ки гаштаю баргашта ба омӯзиш ва муайян намудани иқтидори умумии энергетикӣ машғул шуда, имконоти ҳалли муттасили онро пешниҳод намоянд. Бесабаб нест, ки ин нишондиҳандаҳои илмиро ба назар гирифта, Президенти мамлакат на фақат сохтмони пойгоҳҳои пуриқтидори барқӣ, ки дурнамои рушди энергетикии ҷумҳуририро муйян тархрезӣ намудааст, инчунин барои сохтани нерӯгоҳҳои хурду миёна дар тамоми ҷумҳурӣ, хосатан Помир, аз ҳамаи имконоти мавҷуда истифода мебарад.

Барои то андозаи зарурӣ ҳал намудани масъалаи энергетикии минтақа, кор болои сохтмони нобҳои миёнақудрати «Помир-2» (бо иқтидори энергетикии 28 ҳазор кВт соат) ва «Помир-3» (23 ҳазор кВт соат), ки имкон медиҳад ҳаҷми умумии солонаи истеҳсоли барқи ин силсиланерӯгоҳҳоро то ба 154 млн кВт соат расонда шавад, идома дорад. Аз рӯи нақшаи дурнамои ин соҳа дар дарёи Бартанг бояд 5 нерӯгоҳ бо иқтидори умумии 576 ҳазор кВт соат сохта ба хизмати хоҷагии халқ гузошта шавад. Дар як қатор шохобҳои дарёи Панҷ НОБ-ҳои хурд сохтаю ба истифода дода шудаанд, вале

---

[1] Доир ба ин масъала пурратар ниг.: Мухаббатов Х.М., Хоналиев Н.Х. Памир: Ресурсный потенциал и перспективы развития экономики. – Душанбе, 2005. – С.152-187; Юнусов Б.В. Энергетика Таджикистана. – Душанбе: Ирфон, 1975. – С.120-202; Хоналиев Н. Производительные силы Памира и проблемы их использования. – Хорог,1993. –С.39.

нақшаи боз даҳҳо чунин неругоҳҳои аҳамияти ноҳиявию маҳаллӣ дошта, таҳрезӣ шудааст, ки бешубҳа дар солҳои наздик, дар қатори бузургтарин иншоотҳои барқии аҳамияти байнидавлатӣ дошта, аз ҷумла, бузургтарин НОБ-и минтақа, рушди бемайлони иқтисодию иҷтимоии Ватани азизро пурра таъмин хоҳанд намуд. Тибқи барномаи дарозмуддати пешниҳоднамудаи Вазорати энергетикаи ин аст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2020 сохтмони сисила неругоҳҳо дар Бадахшон дар назар дошта шудааст, ки амалӣ гаштани ин нақша дар рушди системаи энергетикии вилоят зинаи нав хоҳад кушод.

Ҳамчунин дар нақшаи дурнамои тараққиёти хоҷагии халқи вилоят сохтмони неругоҳҳоии барқии офтобӣ дар назар дошта шудааст. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон, ҳаҷми умумумии радиатсияи офтобӣ, ки ба минтақаи Помир рост меояд, аз иқтидори умумии энергетикии дарёҳои вилоят даҳчанд бештар буда, имконоти пурра таъмин намудани аҳолии вилоят ва тамоми корхонаю муассисаҳои онро дорад.

Дар хизмати Ватан гузоштани ин иқтидори бузурги энергетикӣ барои пешрафти яке аз муҳимтарин самтҳои фоидаовари иқтисодии ҷумҳурӣ – саноати кӯҳӣ имконияти бесобиқа хоҳад дод. ҶМКБ аз рӯи захираи сарвати табиӣ дар тамоми минтақаи Осиёи Миёна беҳамтост. Аз рӯи нишондоди қишри заминшиносони (геологҳо) замони Шӯравӣ дар ҳудуди вилоят зиёда аз 700 ҷойгоҳи маъдан ва қариб 1000 нуқтаҳои мавҷудияти сарватҳои ғайримаъдан – масолеҳи бинокорӣ, сангҳои қиматбаҳо ва арзиши миёна доштаи ороишӣ, обҳои шифобахш ва ғайра кашф шудаанд. Дар оянда ин боигарӣ бояд бо технологияи пешқадам асоси саноатӣ пайдо карда, рушди иқтидори иқтисодии ҷумҳурио таъмин намояд. Боиси таассуф аст, ки дар солҳои 90-ум корҳои муайян намудани ин захираҳои табиӣ ва коркарди саноатии бе ин ҳам дар сатҳи паст қарордоштаи он аз сабаби набудани маблағгузорӣ ва парокандашавии мутахассисон батамом қатъ гардида буд. Ҳатто корҳонаи коркарди

кварс ва дигар маъданҳои қимату ороишии ранга «Помиркварцсамоцветы», ки ҳанӯз соли 1939 ташкил ёфтаву дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ иқтидори истеҳсолии худро тавонист дар ҳадди 40 % соли 1990 нигоҳ дорад ва дар заминаи он соли 1996 Кумитаи давлатӣ доир ба сангҳои қимматбаҳо ва маҳсулоти хоми он дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Вале бо айби роҳбарияти ин сохтори маъмурии навтаъсиси давлатӣ, ки аз тахассуси касбӣ ва қобилияти роҳбарӣ фарсаххо дур буда, фақат ҳисси манфиатҷӯӣ доштанд, намоишгоҳи маҳсулоти он тороҷу фаъолияташ дар арафаи қатъшавӣ қарор гирифт. Акнун, ки имконияти эҳёю ба дараҷаи иқтидори қаблиаш баровардан пайдо шудааст, фаъолияти ин муассисаи барои иқтисодиёти мамлакат хеле муфид бояд ҳар чи тезтар ба самти зарурӣ роҳандозӣ шавад. Мавриди қайд аст, ки ин масъала феълан дар маркази диққати роҳбарияти ҷумҳурӣ қарор дорад ва бешак фаъолияти муассиса суръат хоҳад гирифт.

Аз рӯи ташхису таҳлили мутахассисони соҳаи геология дар тамоми ВМКБ захираи калони маъданҳои гуногун мавҷуд аст ва вобаста ба навъу ҳаҷми физикӣ, иқтидори захиравӣ, аҳамияту арзиши онҳо барои пешрафти хоҷагии халқу дар маҷмӯъ иқтисодиёти мамлакат онҳоро аз ҷиҳати ҷойгиршавии ҷугрофӣ ба 6 минтақа ҷудо намудаанд. Аз рӯи чунин тарзи муайянкунӣ Дарвоз пеш аз ҳама бо захираи бузурги маъдани тилло фарқ мекунад. Дар ин минтақа аз рӯи нишондоди мутахассисон истихроҷи мармару яшм ва ангишт даромади калон дода метавонад. Дар Ванҷ бошад, ба гайр аз мармару булӯри (хрустал) хушсифат, ки асоси саноатӣ пайдо кардаанд, захираи калони мис, никел, кобалт, платина, молибден, галлий, оҳан ва гайра мавҷуд аст, ки омӯзиш ва коркарди саноатии онҳо барои ноҳия ва тамоми ҷумҳурӣ даромади зиёде дода метавонад. Дар Рӯшон захираи калони чунин маъданҳо монанди мис, волфрам, кобалт, тилло (дар Хуф, Шуҷанд, яхзев), оҳан (дар Барҷ) ва дар Мургоб захираи калони қалъагӣ мавҷуд аст. Дар сурати бо

тамоми иқтидор мавриди истифода қарор ёфтани захираи маъдани қалъагии Мургоб ҳаҷми истихроҷи онро то ба 450-500 ҳазор тонна расондан мумкин аст. Намудҳои зиёди маъдан, аз ҷумлаи лаъл, ёқут (рубин), лоҷвард, хоросанг, ашёи хоми хушсифат барои истеҳсоли маҳсулоти сафолин ва ғайра дар Ишкошим ҷой гирифтаанд.

Маълум аст, ки коркарди саноатии ин маъданҳо бе маблағгузории зарурӣ сурат гирифта наметавонад. Роҳбарияти ҷумҳурӣ дар ин ҷода кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз ҳамаи имкониятҳо истифода барад. Яке аз чунин роҳҳои дар ин самт муфид, ҷалб намудани сармоядорони дохилу хориҷи мамлакат ҳисоб меёбад. То соли 2008 Ҳукумати ҷумҳурӣ барои омӯзишу истихроҷ ва коркарди ин сарватҳои табиии кивар, аз ҷумла ВМКБ 114 литсензия (иҷозатнома) додааст[1].

Табиати нотакрори Кӯҳистони Бадахшон ҳамчунин аз гиёҳу рустаниҳо ба меваҷоти шифобахш ниҳоят бой мебошад. Дар вилоят бештар аз 220 намуди рустаниҳои шифобахши худрӯй мавҷуд аст, ки дар сурати ба роҳ мондани коркарду истеҳсоли саноатии онҳо даромади дилхоҳ гирифтан мумкин аст. Аз рӯи тахмини мутахассисон дар сурати маблағгузорӣ ва ташкили кор, бе мушкилӣ метавон дар як сол то 450 – 500 тонна ғура ё меваи ангат (облепиха), 90–100 тонна ғураи хуч, настаран (шиповник), 150 тонна решаи хушки ширинбия (солодка) ҷамъ овард. Ҳанӯз дар замони Шӯравӣ дар Хоруг сохтани заводи доруистеҳсолкунӣ (фармасевтӣ) ба нақша гирифта шуда буд, вале бо сабабҳои дар боло ишорашуда, ин иқдом амалӣ шуда натавонист.

Албатта метавон аз имконияти коркарди саноатии мӯина, пуст, маводи ороишӣ, намудҳои гуногуни маҳсулоти хӯроквории аз орду, гӯшт, шир, сабзавот, меваи тару хушк ва ва ғайра дар вилоят сухан ронд, ки дар нақшаи дурнамои он мақоми хоса пайдо хоҳанд кард.

---

[1] Номаи Президент ба Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон. 25 апрели соли 2008 // Ҷумҳурият. – 2008.. – 29 апрел

## ДИГАРГУНСОЗИҲО ДАР СОҲАИ АГРАРӢ ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН

Дар арафаи пош хӯрдани Ҳокимияти Шӯравӣ ВМКБ дар соҳаи кишоварзӣ ба дастовардҳои назаррасе ноил гашта буд. Ба ин махсусгардонӣ хоҷагиҳои истеҳсолии ноҳияҳо мусоидат мекард. Вобаста ба имконияту даромаднокӣ аз ин ё он намуди зироат барои ҳар ноҳия самтҳои асосии пешбурди хоҷагии коллективӣ муайян карда шуда буданд. Гарчӣ хоҷагиҳои коллективӣ қариб ба кишту истеҳсоли тамоми зироати анъанавӣ машгул буда, талаботи зарурии худро ба ин ё он навъи зироат таъмин менамуданд, вале бештар ба самтҳои сердаромади кишоварзӣ диққат дода мешуд. Дар ноҳияҳо ё кисмати ҳудудии онҳо, ки имконияти чорводорӣ барои колхозҳо фоидаовартар буд, бештар ба ин соҳа диққат дода мешуд. Ин дар мисоли ноҳияи Мургоб ва колхози Сагирдашти ноҳияи Қалъаихумб (феълан Дарвоз) баръаъло ба назар мерасид. Дар бисёре аз колхозҳои Дарвозу Ванчу Рӯшон соҳои 70 – 80-м диққати асосӣ ба тамокупарварӣ дода мешуд. Солҳои охир, хоҷагиҳои коллективӣ – колхозҳо ба хоҷагиҳои шӯроӣ – совхозҳо табдил дода шуданд. Ташкилёбии хоҷагиҳои давлатӣ (совхозҳо), барои таъмини ҳосилнокии нисбатан баланди хоҷагиҳо бештар мусоидат мекард.

Бо аз байн рафтани тартиботи идоракунӣ ва тарзи хоҷагидории шӯравӣ, шиддат гирифтани авзои номусоиди сиёсӣ ва билохира ба гирдоби задухӯрди яроқнок кашида шудани аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон табиист, ки барои тарзи анъанавии хоҷагидории замони Шӯравиро нигоҳ доштан имкон намедод. Роҳбарияти маҳаллӣ вобаста бо воқеияти замон заминҳои киштнашударо ба деҳқонони хоҳишманд тақсим мукарданд. Истеҳсолот дар хоҷагиҳои коллективии махсусгардонидашуда то рафт бештар касод мешуд. Кишти зироати тамоку, бо баҳонаи зараровар буданаш барҳам дода шуд. Ба сабабҳои гуногун

майдони кишт дар муқоиса бо замони Шӯравӣ то рафт камтару маҳдудтар мешуд. Дар давраи бесарусомониҳои ҷанги ҳамватанӣ бошад, чорвои ҷамъиятӣ талаву тороҷ гардида, ҳатто биноҳои нигаҳдошти чорво (фермаҳо) зери шиори хусусигардонӣ ба дасти шахсони алоҳида афтида, вайрон шуда масолеҳи зарурии онҳо девор, чубу тахта ва болопӯшҳо (шифер) барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ва биноҳои барои хоҷагидорӣ зарурии соҳибони навашон мавриди истифода қарор ёфтанд. Дар шароити тамоман аз байн рафтани таъминоти марказии озуқавӣ, деҳқонон бештар ба кишти зироатҳои зарурии хӯрокворӣ гузаштанд. Дар шароити камзаминии кӯҳистон аз як тараф, зиёд шудани аҳолӣ аз ҳисоби гурезагон, дар ҳудуди вилоят қарор гирифтани теъдоди зиёди дастаҳои яроқдори мухолифини ҳукумат аз тарафи дигар, вазъи таъминоти озуқавориро ниҳоят хароб карда буд. Ин ҳатто дар шароите ба назар мерасид, ки нисбат ба кишти дигар намудҳои зироати кишоварзӣ, майдони кишти галладона васеътар мегашт.

Гарчи соли 1992 дар тамоми хоҷагиҳои вилоят ҳаҷми майдони кишт 17 661 гектарро ташкил медод, ки ин дар маҷмӯъ, нисбат ба соли 1991 547 гектар камтар буд. Вале дар ҳамин як сол майдони кишти маҳсулоти галладона 701 гектар зиёд шуда ба 4 600 гектар расид. Мутаассифона нисбатан васеъ шудани майдони кишти галладона, ҳаҷми маҳсудотро зиёд карда натавонист. Аз рӯи маълумоти мавҷуда соли 1992 аз сабаби ба миқдори зарурӣ нарасидани нуриҳои минералӣ, дар ноҳияи Дарвоз дар ҳаҷми 2 142 сентнер, Шугнон – 1 492, Рошткалъа – 423, Ишкошим – 2 012 сентнер кам шуд[1]. Дар муқоиса ҳосилнокии картошка каме беҳтар буд. Соли 1992 аз 709 гектар замини картошка дар маҷмӯъ 82 388 сентнер, ё нисбат ба соли 1991 953 сентнтер зиёдтар ҳосил гирифта шуд.

Аз ҳисоби кам шудани майдони кишт ва паст шудани

---

[1] Бадахшон. – 1993. – 26 март.

ҳосилнокии он, истеҳсоли маҳсулоти галладона махсусан соли 1993 хеле паст фуромад. Ҳамин сол заминҳои обии кишти галла дар вилоят 15 979 гектарро ташкил намуд, ки ин нисбат ба соли 1993 1 682 гектар камтар буд. Аз ин миқдор замин дар 5 409 гектар галла кошта шуд, вале ҳаҷми маҳсулоти ба дастоварда нисбат ба соли гузашта боз камтар гардид. Ҷамъоварии картошка низ аз 82 388 сентнери соли 1992 то 63 969 сентнер кам шуд.

Вазъи ниҳоят ногувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят роҳбарияти ҷумҳуриро водор сохт, ки оҷилан як қатор чорабиниҳо қабул намуда, онҳоро амалӣ созанд. Нохустин ҷорабинии ниҳоят муҳими ҳукумат Қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июли соли 1993 «Дар бораи ҷорабиниҳои аввалдараҷа доир ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии ВМКБ» ҳисоб меёбад. Бо назардошти имконоти молиявӣ, қисми чорабиниҳои дар ин қарор омада, иҷрои амалии худро ёфтанд. Аз ҷумла; а) ҳаракати автомобилӣ бо хатти роҳи Душанбе – Хоруг, ки бо сабаби муқовимати яроқноки қувваҳои мухолифин қатъ шуда буд, аз нав барқарор гардид; б) ду агрегати НОБ-и «Помир-1» ба кор дароварда шуд; б) барои вилоят 20 млрд рубл ҷудо карда шуд; 44 ҳазор гурезагон ба ҷойҳои зисти муқимии хеш баргардонда шуданд. Мушкилоти молиявӣ, идомаи муқовимати қувваҳои оппозитсионӣ имкон намедод, ки тамоми чорабиниҳои дар ин қарор ҷой дошта, амалӣ гарданд.

Вазъи умумии истеҳсолоти сектори аграрии ҷумҳурӣ оҷилан гузаронидани ислоҳотро талаб мекард. Маҳз эҳсоси ҳамин зарурат буд, ки Президент Эмомалӣ Раҳмон 3 декабри соли 1994 Фармон «Доир ба чорабиниҳои аввалдараҷа барои фаъолтар намудани дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва ба муносибатҳои бозорӣ гузаштан» – ро қабул намуд. Ин Фармон ба ислоҳоти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ асоси қавӣ гузошт. Табиист, ки ин барои ба маҷрои ба талаби замон ҷавобгӯ ворид кардани хоҷагии халқи вилоят ниҳоят заруру саривақтӣ ҳисоб меёфт.

Дар оянда аз тарафи роҳбарияти ҷумҳурӣ махсус барои ВМКБ боз чандин ҳуҷҷатҳои аҳамияти расмии барномавӣ дошта қабулу дар амал тадбиқ карда шуданд. Яке аз чунин ҳуҷҷатҳои ниҳоят рӯрмарраю муҳим Карорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 260 аз 14 апрели соли 1995 «Дар бораи инкишофи ВМКБ дар соли 1995 ва то давраи соли 2000» ва «Оид ба суръатгирии раванди тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии ВМКБ» аз 22 июли соли 1998 ҳисоб меёбанд. Маҳз ин ҳуҷҷатҳои барномавӣ ба дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят асоси қавӣ гузоштанд. Амалӣ гаштани ин қарорҳо, бахусус аз маҳдудияти мавсимии роҳи алоқаи автомобилӣ ва тамоман ҷудонигаҳдории ҷуғрофии чанд соли давраи муқобилияти дастаҳои силоҳдори мухолифи давлат баромадан барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят заминаи воқеӣ гузоштанд.

Ба маҷрои муайян ворид гаштани амали талаботи расмии ҳуқуқӣ, асоси барномавӣ пайдо кардани раванди дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бо талаботи воқеии замон мувофиқ намудани сиёсати хориҷии ҷумҳурии соҳибистиқлол боиси барқарор намудан ва ташаккулу рушди алоқаи бевостаи ВМКБ бо давлатҳо, ташкилоту созмонҳои хориҷӣ гардид. Ба вилоят ташриф овардани сафирони Русия, Олмон, Англия, ИМА, Хитой, Покистон, Эрон, Япония ва ғайра аз мӯътадил гаштани вазъи сиёсӣ ва огози амали созандагӣ гувоҳӣ медод. Дар маркази вилоят – шаҳри Хоруг кушода шудани идораи консулии Ҷумҳурии Исломии Афгонистон, барои равнақи муносибатҳои савдоии тарафайн мусоидат мекард. Ибтидо гирифтан ва рушди фаъолияти чунин ташкилотҳои бонуфузи байналмиллалӣ монанди Фонди Огохон, Фокус ва ТАСИФ барои ҳалли масоили иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии вилоят ниҳоят саривақтӣ ҳисоб меёфт. Дар ин ҷода ҳамоҳангсозии барномаи фаъолияти онҳо бо Ҳукумати марказии Тоҷикистон дар вилоят аҳамияти ҳалкунанда дошт.

Бояд қайд кард, ки ба ҳамаи мушкилот нишоҳ накарда, бо ташаббуси роҳбарияти Ҳукумати марказӣ, алалхусус

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ мондани барномаи мавзун ва аз ҷиҳати илмӣ асосноки баровардани ВМКБ аз вазъи ноустувори иқтисодӣ ва ҳалли масоили иҷтимоию фарҳангӣ, таҷрибаи ниҳоят ҳалкунанда ва бесобиқаи таърихӣ ҳисоб меёфт. Ин ташаббусу пешниҳодот дар маркази нақшаҳои барномавии роҳбарияти вилоят қарор ёфта, барои иҷрои амалии онҳо чораҳои зарурӣ андешида мешуд. Мисоли равшани он дар «Барномаи ислоҳоти иқтисодии ВМКБ барои солҳои 1995-2000», ки дар иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони халқи вилоят аз 2 апрели соли 1995 қабул шудааст, мушоҳида мегардад.

Аз тадбиқи ин барнома, нигоҳдошти амали ақибравии истеҳсолот, дар соли 1997, ки аз соли 1992 суръат гирифта буд ва огози майли пешравии баъзе соҳаҳои он дарак медод. Нақшаҳои рушди ноҳияҳои вилоят, ки дар асоси талаботи ин барнома тарҳрезӣ шуда буданд, ҳалли худро дар ноҳияҳои Мургобу Ишкошим, шаҳри Хоруг, водии Бартанг, ҷамоатҳои Язгулом, Сежд, Сагирдашт – Нулванд ва гайра то соли 2004 ёфтанд.

Воқеияти замон масъалаи ҳарчи тезтар ҳал намудани танқисии озуқавориро пеш оварда буд. Ёрии башардӯстона, ки дар шароити зарурӣ барои вилоят расонда мешуд, амали доимӣ буда наметавонист. Албатта, мардуми Бадахшон аз кӯмаки Хазинаи Огохон изҳори сипос доштанд, чунки фақат даҳ соли 1996 аз ҳисоби он ба вилоят 16 518 тонна орд, 3 ҳазор тонна биринҷ, 435 тонна шири хушк, 2 078 тонна равган, 700 тонна адас, 260 тонна қанд, 24 ҳазор ҷуфт пойафзол ворид шуда буд[1]. Вале кадом кӯмаки башардӯстонае набошад, муваққатист. Ягона роҳи ҳалли ин масъала, истифодаи пурра ва самараноки имкониятҳои кишоварзии маҳаллӣ ҳисоб меёфт.

Ба ақидаи мутахассисон ва масъулини маъмурии вилоят ягона роҳи ҳалли ин масъала, ба иқтисоди бозорӣ мувофиқ

---

[1] Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.142.

намудани тарзи хоҷагидорӣ, аз қабили хусусигардонии қисми корхонаҳо ва ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳисоб меёфт. Бесабаб набуд, ки дар зарфи ду сол (1995 – 1996) дар вилоят зиёда аз 3000 гектар замини обӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ дода шуд. Мувофиқи қарори Ҳукумат заминҳое, ки солҳои охир аз ҷониби хоҷагиҳо истифода бурда намешуданд, пурра ба ихтиёр мардум гузаштанд[1]. Аз рӯи мундариҷаи маърӯзаи ҳисоботии Раиси Ҳукумати вилоят А. Ниёзмамадов «Ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии ВМКБ дар соли 1996 ва вазифаҳои Ҳукумати вилоят дар соли 1997» бар меояд, ки ҳарчанд дар маҷмӯъ тараққиёти назарраси истеҳсолот эҳсос нагардад ҳам, чи тавре дар боло қайд гардид, пеши роҳи ақибравиии истеҳсолот то андозае баста шуд. Дар баъзе корхонаҳо пешравӣ ба назар мерасид. Корхонаҳои саноатӣ соли 1996 дар муқоиса бо соли 1995 дар ҳаҷми 67.2 млн рубл бештар моли истеъмолӣ истеҳсол намудаанд. Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби кори муттасили заводи нони шаҳри Хоруг, шабакаҳои барқии вилоят ба даст омадааст[2]. Дар вазъияти ба амал омада, бартарии хоҷагиҳои деҳҳқонӣ дар шароити хароб гаштани фаъолияти совхозу колхозҳо бештар эҳсос шуда, зарурати гузаришро ба ин тарзи нави хоҷагидорӣ тасдиқ мекард.

Яке аз омилҳои муҳими ба хоҷагидории самаранок гузаштан роҳ надодан ба қонуншиканӣ, итоати пурраи шаҳрвандон ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва пурра ҳал намудани масъалаи халъи силоҳ дар вилоят ҳисоб меёфт. Бояд қайд кард, ки солҳои 1995-1996 ин масъала ҷиддан рӯ ба беҳбудӣ ниҳода буд. Тибқи маълумоти расмӣ то миёнаи соли 1997 дар вилоят 680 адад силоҳи оташфишон, аз ҷумла, 242 автомат, 25 пулемёт, 11 гранатомёт, 122 карабин, 29 туфангча (таппонча) ва дигар воситаҳои ҷангӣ мусодира шуда буданд[3].

---

[1] Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.155.
[2] Ниёзмамадов А. Ҳамон ҷо. – С.180.
[3] Ниёзмамадов А. Ҳамон ҷо. – С.222.

Дар амал тадбиқ намудани Қарори иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони халқи вилоят аз 12 апрели соли 1996 «Доир ба барномаи тараққиёт ва ислоҳоти комплекси аграрӣ-саноатии ВМКБ барои солҳои 1996-2000-ум» ва дигар қарору пешниҳодоти раиси вилоят аз қабили «Барномаи рушди чорводорӣ (аз 18 майи соли 1998), «Доир ба қутоспарварӣ» (аз 5 майи соли 1998) ва ғайра барои амалӣ гардондани барномаҳои рушди соҳа мусоидат намуданд.

Дар асоси 58 совхозу колхозҳои ба доираи ислоҳоти аграрӣ кашида шуда, 127 хоҷагиҳои фермерӣ ташкил ёфт. Дар маҷмӯъ ин хоҷагиҳои навташкил ба 11 ҳазор гектар замини обӣ, 9 000 сар чорвои калони шохдор, 34 ҳазор моли майда ва ба ҳамин мувофиқ чарогоҳ соҳиб шуданд[1].

Бо кӯмаки бевоситаи Барномаи Имдоду Инкишофи Помири Хазинаи Огохон (БИИП) ва дигар ташкилотҳои байналмиллалӣ, ки дар шакли сохтмони иншоотҳои обёрикунанда, васеъ намудани майдони кишт, маблағгузории соҳавӣ, интиқоли нуриҳои минералӣ, тухмии хушсифат ва ғайра дар ҳамоҳангӣ бо чорабиниҳои барномавии Ҳукумати марказӣ ва роҳбарияти вилоят рушди сектори аграрӣ то рафт бештар суръат мегирифт. Барномаи мукаммали бештар аз 5 ҳазор гектар корам гардонидани қитъаҳои киштбоб, сохтмони каналҳо дар водии Бартанг, ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз ва Шуғнон дар мӯҳлати муайяншуда амалӣ мегашт. Фақат дар 6 моҳи аввали соли 1996 БИИП-и Хазинаи Огохон ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва коллективӣ 75 тонна сӯзишворӣ, 760 тонна нуриҳои минералӣ ва 232 тонна тухмии ғалладона кӯмак расонд[2]. Ҳамаи ин барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ҳаҷми маҳсулот мусоидат мекард.

Маҳз натиҷаи чунин чорабиниҳо буд, ки соли 2003 дар муқоиса бо соли 1990 истеҳсоли ғалла 4.5 баробар, картошка 3.1, сабзавот – 3.3 баробар зиёд гардид. Акнун вилоят имкон пайдо кард, ки ғалла, меваю сабзавоти истеҳсоли худиро ба бозор барорад. Дар вилоят ба сари ҳар кас нисбат ба

[1] История Горно-бадахшанской автономной области. – Т.2. – С.180.
[2] Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – С.114.

соли 1990 45 кг галла, 103 кг картошка, 33 кг сабзавот, 26 кг шир бештар истеҳсол мешуд. Чунин мисолҳои аз ҳалли амалииислоҳот дар дар соҳаи зироаткорӣ даракдиҳанда кам нестанд[1].

Чи тавре маълум аст, дар замони Шӯравӣ чорводорӣ яке аз соҳаҳои сердаромади вилоят ҳисоб меёфт. Соли 1991 шумори чорвои калони ҷамъиятӣ дар вилоят ба 76 464 сар расида буд. Соли 1995 ин нишондиҳанда ба 28 732 сар баробар шуд. Соли 1992 саршумори асп дар вилоят ба 1 757 расида бошад, соли 1995 ин нишондиҳанда ба 648 сар фуромад. Вайроншавии тартиботи нигаҳдошти чорво дар ҳоҷагиҳои қутоспарварӣ ва пастравии саршумори он дар ноҳияи Мургоб мушоҳида мешуд. Ин воқеият барои чорвои майда низ истисно буда наметавонист.

Вайрон шудани тарзи хоҷагидории коллективӣ ва давлатӣ (колхозӣ ва совхозӣ), нарасидани маблаггузории лозимӣ, қисман ба тороҷ рафтани чорвои ҷамъиятӣ, зарурати ба аҳолӣ тақсими боқимондаи чорворо пеш овард.

Аввалин нишонаҳои пешравии соҳа дар соли 1995 ба назар мерасид. Чорабиниҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, роҳбарияти вилоят, дастгирии Хазинаи Огохон то андозае ба эътидол омадани авзои сиёсии вилоят имкон дод, ки бо суръати дилхоҳ ҳам набошад, пешравӣ эҳсос мешуд. Аз рӯи маълумоти расмӣ дар муддати даҳ соли оянда (1995-2005) саршумори чорвои калон (гов) аз 28 732 ба 32 161 сар расонда шуд. Бо ибораи дигар 3429 сар зиёд шуд. Саршумори чорвои майда бошад, соли 1995 237 547 сарро ташкил кунад, соли 2000 – 229 074 ва соли 2005 ба бештар аз 253 ҳазор сар расид. Дар ҳамин давра саршумори қутос аз 12 196 ба 13 686 сар афзуд, ё 1 490 сар зиёд шуд[2].

---

[1] Ниг.: История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.2. – С. 179-1882.

[2] Бахромов З. Социально-экономическая и культурная жизнь ГБАО Республики Таджикистан за годы независимости (1991-2009 гг.). – Диссертация на соискание кандидати исторических наук. –Душанбе,2009. – С.49-50.

Вобаста ба афзоиши саршумори чорво истеҳсоли гӯшт низ аз охири солҳои 90 то андозае боло рафт. Соли 1995 дар вилоят 5 182 тонна гӯшт истеҳсол шуд. Соли 2000-ум ин нишондиҳанда нисбатан паст (4 582 тонна) шуда бошад, соли 2005-ум ба 6 039 тонна расонда шуд. Вале ин ҳанӯз маънои иҷрои нақшаро надошта, нисбат ба ҳаҷми умумии соли 1995 ба нақша гирифта, 977 тонна кам буд.

Хоҷагиҳои вилоят аз фурӯши гӯшт ва дигар маҳсулоти чорвои майда даромади ҷиддӣ мегирифтанд. Соли 1995 аз ин ҳисоб 728 тонна гӯшт (бо вазни зинда), 386 тонна шир, 17 тонна пашм ба фурӯш бароварданд, ки ин нисбат ба соли 1994 190 тонна (дар ҳаҷми 35 %), гӯшт (бо вазни зинда), 71 тонна (22 %) шир бештар буд[1].

Бояд қайд кард, ки истеҳсоли пашм ва ба давлат фурӯхтани он дар дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ аҳамияти махсус пайдо карда буд. Соли 1991 истеҳсоли ин намуди муҳими ашёи хоми саноат дар вилоят 213 тоннаро ташкил мекард, соли 1995 ин нишондиҳанда ба 208 ва соли 2000 ба 14 тонна фуромад. Вале минбаъд истеҳсоли он бо суръати баланд афзуда, соли 2005 ба 176 тонна расонда шуд[2].

Доир ба нишондиҳандаҳои аз тамоюли пешравии соҳаи чорводорӣ нимаи дуюми солҳои 90-уми асри гузашта ва нимаи аввали даҳсолаи аввали асри навин ва истеҳсоли маҳсулоти ва он вобаста ёдовар шуда, аз чунин ҳақиқат сарфи назар гардан лозим нест. Аввало ба ин дастовардҳо аҳли меҳнати дар шароите ноил гардиданд, ки пойгоҳи (база) техникии вилоят дар муқоиса бо давраи охири замони Шӯравӣ ниҳоят заъиф ва дар ин замина, ҳатто имконияти ҷамъоварии хӯроки чорво барои зимистон ниҳоят маҳдуд (аз хусуси тайёр намудани хӯроки сергизою тар – силосхобонӣ, ки кайҳо аз хотир фаромӯш шудааст, сухан

[1] Бахромов З. Социально-экономическая жизнь ГБАО Республики таджикистан в годы независимости. – С.50.
[2] Ҳамон ҷо.

кушодан ҳоҷат нест) буда, сабаби дар фасли зимистон зиёд шудани муриши чорво мешуд[1].

Дигар соҳаи хеле муфиди хоҷагидории вилоят парандапарварӣ ҳисоб меёфт. Вале дар нимаи аввали солҳои 90 ин намуди истеҳсолот пурра аз байн рафта буд. Барои эҳёи нави он аз тарафи роҳбарияти вилоят чандин чорабиниҳои зарурӣ низ андешида шуд. Дар ин ҷода кумаки Хазинаи Огохон мақоми ҳалкунанда дошт. Бо туфайли ин иқдом соли 2000 дар вилоят саршумори он ба 80 740 расида, аз ин ҳисоб ҳамагӣ 3 772 дона тухм гирифта шуд. Соли 2005 шумораи мург ба 93 553 ва истеҳсоли тухм ба 12 769 дона расид.

Дар ин радиф аз вазъи занбӯри асалпарварӣ низ ёдовар шудан лозим меояд. Соли 1991 аз рӯи маълумоти мавҷуда дар вилоят 4 249 оилаи занбӯри асал парвариш меёфт. Аз ин ҳисоб 62 тонна асал истеҳсол мешуд. Соли 2000-ум шумораи оилаи занбӯрон – 1 792 ва истеҳсоли асал ҳамагӣ 39 тонна буд. Солҳои оянда ин соҳаи хоҷагидорӣ низ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Аз ин ҷиҳат соли 2005 оилаи занбӯрҳои асал ба 4 265 адад ва ҳаҷми истеҳсоли асал ба 63 тонна расонда шуд[2].

Албатта метавон чунин рақамҳои аз тамоюли нисбатан чашмраси пешравии самтҳои асосии кишоварзии вилоят даракдиҳанда фаровон овард, вале аз далелҳои дар боло мавриди баррасӣ қарор ёфта бешак хулосае бармеояд, ки талоши халқи шарифи ВМКБ зери роҳнамоии роҳбарияти ҷумҳурӣ, алалхусус Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, роҳбарияти вилоят, дар ҳамраъию ҳамкорӣ бо дӯстону хайрхоҳони хориҷи мамлакат, алалхусус Хазинаи Огохон дар як муддати аз диди таърих на он қадар тӯлонӣ, мушкилоти даҳшатбори ҷанги ҳамватанӣ ва оқибати онро, ки дар қариб пурра харобу валангор шудани тамоми самтҳои хоҷагии халқ қарор ёфта буд, паси сар намуда, ба маҷрои қатъии рушди бебозгашти мамалакат соҳиб гардем.

---

[1] Бахромов З. Социально-экономическая жизнь ГБАО Республики таджикистан в годы независимости. – С.51

[2] Бахромов З. Асари зикршуда. – С.52.

# ОҒОЗИ УМЕДБАХШИ РУШДИ САНОАТ

Солҳои 90-уми асри гузашта вазъи саноат нисбат ба сектори аграрии вилоят дар ҳолати ногувортаре қарор гирифта буд. Гарчи ба туфайли чорачӯиҳои роҳбарияти ҷумҳурию вилоят ва дастгирии ташкилоту ҷамъиятҳои хориҷӣ, барои рушди хоҷагии халқи вилоят аз солҳои 1995-1996 заминаи нисбатан мувофиқе фароҳам омада бошад ҳам, он дар соҳаи саноат кам эҳсос мешуд.

Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали нобасомониҳои сиёсӣ ва ба муқобилияти яроқноки қувваҳои даргир расидани он, фаъолияти корхонаҳои саноатӣ шадидан ба ҳадди касодӣ гузаштанд. Ҷорӣ намудани нархи озод, нарасидани ашёи хом, қувваи барқ, ва ғайра боиси суст ва ҳатто қатъ шудани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ гардида буд. Маҳз натиҷаи ҳамин ақибравӣ буд, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатии ВМКБ соли 2003 ҳамагӣ 0.7 % миқдори нишондиҳандаи умумии истеҳсолоти санотии ҷумҳуриро ташкил мекард.

Солҳои 1991-2002 агар аз қувваи барқ, ки 14 % афзудааст сарфи назар кунем, дигар намудҳои он, аз ҷумла, корхонаҳои саноати маводи сохтмон истеҳсолкунанда, саноати сабук ва қисман саноати хӯрокворӣ фаъолияти худро қатъ намуда буданд. Соли 1990 ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати сабуки вилоят 8 753 ҳазор сӯмро (12 278 ҳазор доллари ИМА) ташкил мекард. Соли 2002 дар ин соҳа ҳамагӣ 80 коргар банд буда, ба маблаги 18 ҳазор сомонӣ (6,5 ҳазор доллари ИМА) маҳсулот баровардааст[1]. Соли 1990 дар корхонаҷоти саноати хӯроквории вилоят 330 нафар кор карда, дар ҳаҷми 7 626 ҳазор сум (10 695.6 ҳазор доллари ИМА) маҳсулот истеҳсол мекарданд. Аз чӣ сабаб бошад, тибқи нишондиҳандаҳои омории ин давра, гӯё нишондиҳандаҳои саноати хӯрокворӣ кам тағйир хӯрдаанд. Соли 2002 дар ин корхонаҳо гӯё 52 нафар кор карда, дар

[1] Промышленость Таджикской ССР за 1990 г. – Душанбе,1991. – С.29.

ҳаҷми 10 112 ҳазор сомонӣ (3 657.7 ҳазор доллари ИМА) маҳсулот истеҳсол намудаанд. Ин маълумотро иқтисоддони шинохтаи ҷумҳурӣ Н.Х. Хоналиев иқтибос карда[1], дуруст зери шубҳа гирифтааст. Тибқи таҳлили ӯ дар сурати қатъ шудани фаъолияти корхонаҳои калони ин соҳа ва тамоман аз байн рафтани фабрикаи паррандапарварии деҳаи Бунӣ ва дар сурати руи кор наомадани корхонаҳои нисбатан иқтидорманд, чи гуна ба сари ҳар коргар дар як сол рост омадани 174.3 ҳазор сомонӣ дар ВМКБ ба ҳақиқат мутлақо рост намеояд[2]. Ба ҳар ҳол сахви ҳисобчиён яқинан ба назар мерасад.

Вазъи ниҳоят ногувор дар саноати маҳсулоти сохтмони истеҳсолкунанда бараъло мушоҳида мешуд. Соли 1990 дар корхонаҳои ин самти истеҳсолӣ 285 нафар фаъолияти меҳнатӣ доштанд, ки ҳаҷми маҳсулоти солонаи онҳо ба 5 780 ҳазор доллари ИМА рост меомад. Соли 2002 ин нишондиҳанда мутаносибан чунин буд: шумораи коргарон – 54 нафар, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда – 28 ҳазор сомонӣ (10.1 ҳазор доллари ИМА), нишондиҳандаи пастравӣ, мутаносибан – 5.3 ва 572.3 баробар мебошад[3]. Чунин вазъ дар дигар намудҳои истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла, дар корхонаҳои «Лаъл»-у «Булӯр» (Хрустал) ва ғайра равшан ба назар мерасид[4]. Дар вилоят истеҳсоли баъзе намуди ашёи хоми барои саноати ҷумҳурӣ ва умумиттифоқӣ аҳамияти стратегӣ доштаю сердаромад, аз ҷумла, пиллапарварӣ ва тамокукорӣ (гарчи дуввум дар сурати риоя накардани талаботи парваришу ҷамъовари он барои саломатӣ зараровар ҳисоб меёфт), ба тамом қатъ гадиданд.

---

[1] Ниг.: Промышленность Республики Таджикистан. – Душанбе,2003. – С.46.

[2] Хоналиев Н.Х. Современное состояние и перспективы развития экономики // История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.2. – С.201.

[3] Ниг.: Ҳамон ҷо С.202.

[4] Ниг.: История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.2. – С.196-205.

Нахустомили такондиҳандаи фаъолияти корхонаҳои саноатии вилоят Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2002 дар бораи таъсисёбии «Помирэнерґо» ҳисоб меёбад. Маҳз дар натиҷаи ҳамкории ин муассиса бо Хазинаи Оғохон ва дигар ташкилотҳои башардӯстона фақат солҳои 1994-2000 дар ВМКБ 21 нерӯгоҳҳои хурди обии барқӣ сохтаву ба истифода дода шуданд[1]. Дар ин ҷода аҳамияти ҳалкунандаи кушода шудани шоҳроҳи Кӯлоб – Дарвоз – Кулма – Карокурум ва ҳамчунин ду пули навсохти ВМКБ бо Афғонистон пайвандкунанда, ки ҷумҳурию вилоятро аз бумбасти коммуникатсионӣ бароварда буданд, ба касе пӯшида буда наметавонад.

25 майи соли 2004 дар ҳузури Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҷурии Тоҷикистон Оқил Оқилов ва Раиси ноҳияи мухтори Синзян-уйғури Хитой Исмоил Таливалдӣ яке аз воҳидҳои муҳими хатти роҳи автомобилии (автомагистрал) Мурғоб – ағбаи Кулма, бо баромад ба роҳи Карокурум, ки Тоҷикистон ва Ҷуҳурии Халқии Хитойро бо ҳам пайваста, анъанаҳои таърихии Роҳи абрешимро эҳё мекунад, расман кушода шуд. Ин қисми роҳ ҷузъи муҳими шоҳроҳи Кӯлоб – Дарвоз – Хоруғ – Мурғоб, ки 33-ро км ташкил карда, дар баландии зиёда аз 4 ҳазор км аз сатҳи баҳр воқеъ аст, ба ҳамаи талаботи стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, ҳаракати шабонарӯзии нақлиётро пурра таъмин карда метавонад[2].

Ҳарчанд нақшаи дурнамои саноати вилоят хеле пештар тарҳрезӣ шудаву сохтмони нерӯгоҳҳои хурди обӣ дар баъзе ноҳияю деҳоти вилоят анҷом ёфта бошад ҳам, вале маҳз сохтмони чунин пойгоҳҳои боэтимоди дар боло зикр шуда, имкон дод, ки дар кори азнавсозии саноати вилоят ҷунбишҳои эътимодбахш оғоз ёбад.

---

[1] Собирова К. Вклад Фонда Ага-хана в востановление экономики и решение социально-культурных проблем ГБАО Республики Таджикистан. Автореф. дис. канд. ист. наук. – Душанбе,2003. – с.23.
[2] Народная газета. – 2004. – 2 июня.

Бо ёрии маблаггузории дохилӣ ва кӯмаки молиявии Хазинаи Огохон то миёнаи соли 2004 дар вилоят зиёда аз 200 сохтмону иншоотҳо анҷом ёфт. Аз ҷумла: 11 630 $м^3$ хонаҳои истиқоматӣ, мактаб барои 7 732 талаба, клуб барои 1670 ҷои нишаст, касалхона бо гунҷоиши 316 кат, дармонгоҳ барои қабули 145 нафар дар як баст (смена), қубури обгузар бо дарозии 56,7 км сохтаю ба истифода дода шудааст. Дар ҳамин давра сохтмони корхонаҳои саноатӣ идома дошт. НОБ-и Помир-1 бо иқтидори 14 кВт соат, Андарбак ва Техарви ноҳияи Ванҷ – 300 кВт, хатти барқӣ аз деҳаи Танг то зеристгоҳи (подстансия) ш.Хоруг ва деҳаи Поршнев, биноҳо барои 98 нуқтаҳои тиббӣ (медпункт). Солҳои 2000–2004 аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ва инвеститсияи хориҷӣ дар корҳои сохтмонии вилоят 49 млн. сомонӣ сарф шудааст[1]. Буҷаи вилоят аз ҳисоби даромади дохилӣ зиёд мешуд. Соли 2004 он ба 18,8 млн. сомонӣ расида буд, ки дар муқоиса бо буҷаи соли 1995 147 афзоиш ёфтааст. Солҳои 2000 – 2003 ба вилоят дар ҳаҷми умумии 32 110 тонна мол ворид гашта, савдои хориҷӣ 479,4 ҳазор доллари ИМА –ро ташкил мекард.

Далелҳои дар боло омада, гарчи бештар характери оморӣ доранд ва хушк ба назар расанд ҳам, вале мантиқан инъикосгари мӯътамади вазъи воқеии ВМКБ дар давраи бештар аз даҳсолаи истиқлолияти кишвар мебошанд. Онҳо аз як тараф вазъи ниҳоят фоҷиабори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоятро дар нимаи аввали солҳои 90-уми асри гузашта нишон диҳанд, аз тарафи дигар, гайрату шуҷоати созандагии халқ, ба маҷрои мувофиқ пеш бурдани сиёсати дохилию хориҷии роҳбарияти мамлакат, хосатан, Президент Эмомалӣ Раҳмонро возеҳан мекушоянд. Бо кӯмаку дастгирии ташкилоту ҷамъиятҳои башардӯстонаи байналмиллалӣ ноил гаштан низ аз мантиқи ҳамин сиёсат бармеомад. Маҳз

[1] История Горно-Бадахшанской автономной области. – Т.2. – С.182.

бо туфайли ҳамин ҳамбастагии қавии ҳамаи қишрҳои солимфикру ватанхоҳ ба Сулҳу Ваҳдати бебозгашти миллӣ ноил гашта, нафақат якпорчагии Тоҷикистон нигоҳ дошта шуд, инчунин дар асоси риояи Қонуни асосӣ – Коститутсия ва талаботи меъёрию ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва Барномаи дурнамои рушди хоҷагии халқи мамлакат, дар роҳи рушди бемайлони иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар аввалин қадамҳои устувор гузошта шуд.

## *Боби 3*

# РУШДИ СУРЪАТАФЗОИ БАДАХШОН ДАР ДАҲСОЛАИ ДУЮМИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## ДАСТОВАРДҲОИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ

### САНОАТ

Ба мушкилиҳои ниҳоят фоҷиабору сангини даҳсолаи аввали истиқлолият – солҳои 90-уми асри гузашта, алахусус замони ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) нигоҳ накарда, ду муқаддасоти барои ҳар халқу миллат ҳаётан муҳим – нигаҳдошти бегазанди Ватан ва маҷрои осоиштагию созандагии онро таъмин намудан, барои тоҷикони дар тӯли қарнҳо борҳо шаҳди ғурури давлатдорию соҳибтамаддунӣ ва заҳри бедавлатию бандагии бегонатаборону аҷнабиёни ҳанӯз дар банди ҷаҳолат қарордоштаро чашида, бурди дар ин ҳазорсолаи охир бесобиқаю олитарин буда, қисматсозтарин тӯҳфаи таъриху тақдир ҳисоб меёбад.

Чи тавре маълум аст то замони гузариш ба иқтисоди бозорӣ саноати ВМКБ асосан серсоҳа буда, ба ғайр аз иншоотҳои қувваи барқ истеҳсолкунанда корхонаҳои саноати сабук, хӯроквbooрӣ, саноати масолеҳи бинокорӣ, коркарди санг ва ғайра фаъолият мекарданд. Вале ҳаводиси фоҷиабори дар давраи аввали гузариш ба истиқлолияти комил рост омада, ба харобшавӣ ва ҳатто аз байн рафтани чанде аз намудҳои он, ки асоси саноати вилоятро ташкил медоданд, оварда расонд.

Бо кӯшиши пайгиронаи роҳбарияти ҷумҳурӣ ва вилоят то андозае тамооли пешравӣ дар соҳаи истеҳсоли барқ таъмин гардид. Аз рӯи ҳисоби мутахассисон дар ин ҷода мавқеъгири истеҳсоли барқ дар муқоиса бо давраи арафаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, хеле назаррас мебошад. Соли 1990 ҳиссаи ин соҳа дар истеҳсолоти маҷмӯии саноатӣ 9.15 % ташкил диҳад, соли 2008 ин нишондианда ба 27.7 % баробар шудааст. Вале ин ҳаргиз маънои ба талабот ҷавобгӯ будани онро надорад. Ин бештар аз ҳисоби паст шудани ҳиссаи дигар намудҳои истеҳсолоти саноатӣ дар ҳамин фосилаи вақт сурат гирифтааст[1].

Дар замони истиқлолияти Тоҷикистон ва раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар ВМКБ зиёда аз 20 нерӯгоҳҳои хурди обӣ бо иқтидори умумии 1500 кВт ва нерӯгоҳи нисбатан пурқувваттари Помир-1 сохтаю ба истифода дода шудаанд. Ин имкон дод, ки аз истифодаи нерӯгоҳҳои дизелӣ, ки соли 1990 ҳамагӣ 33.4 % қувваи барқро медоданд ва хароҷоти зиёди сӯзишвориро талаб мекарданд (фақат соли 1990 барои онҳо 14 ҳазор тонна сӯзишвории дизелӣ сарф шудааст) пурра даст кашида шавад. Ибтидои соли 2009 миқдори умумии нерӯгоҳҳои обии барқии вилоят ба 42 адад ва иқтидори маҷмӯии онҳо ба 29.3 ҳазор кВт соат ( 0.6 % иқтидори энергетикии мамлакат) расидааст. Соли 2008 дар вилоят 180,3 млн. кВт соат қувваи барқ ( 1.1 % қувваи барқи мамлакат) истеҳсол шудааст, ба сари ҳар нафар сокини вилоят 832 кВт (дар миқёси ҷумҳурӣ – 2 174 кВт соат) рост меояд, ки нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ 2.6 маротиба камтар аст[2].

Дар арафаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ фаъолияти корхонаҳои ба саноати сабук мансубият доштаи вилоят дар ҳолати суръатафзои рушд қарор доштанд. Дар ин соҳа Фабрикаи дӯзандагии Хоруг бо 642 нафар кормандони фаъолияти истеҳсолӣ доштааш, мавқеи марказиро ишғол мекард.

---

[1] Ниг.:Хоналиев Н. Экономическая история и концепция развития промышленности Таджикистана. – Душанбе: Ирфон,2010. – С.261-262.

[2] Ҳамон ҷо. – С.264.

Аз дигар корхонаҳои соҳа 7 комбинати хизмати маиший консерни «Хизмат», ки маҳсулоти дӯхт ва дар ҳаҷми маҳдуд пойафзоли чармин истеҳсол мекард, кооперативу фирмаҳои истеҳсолоти хонагӣ дар ноҳияҳои Рӯшон, Шугнон, Ишкошим, Мургобро, ки дар онҳо 500 нафар шугли меҳнат доштанд, ёдовар шудан лозим мелояд. Мутаассифона ин корхонаҳо агар баъзе, ҷунбишҳои сусти истеҳсолиро ба назар нагирем, ҳанӯз дар ҳолати ниҳоят пасти истеҳсолӣ қарор доранд.

Соли 1990 дар саноати хӯроквории вилоят, ки корхонаҳои истеҳсоли гӯшт, маҳсулоти гӯштӣ, ширӣ, нонпазӣ, кондитерӣ ва ғайраро дар бар мегирифт. Мавқеи марказиро комбинати гӯшту шир, заводи нонпазии шаҳри Хоруғ, фабрикаи паррандапарварии деҳаи Бунӣ ва ғайра ташкил мекардад. Ин корхонаҳо низ харобшуда то кунун ба иқтидори истеҳсолии то истиқлолии худ нарасидаанд. Соли 1990 шумораи коргарони корхонаҳои соҳа 330 нафарро ташкил мекард, соли 2008 ба нисбатан рушд ёфтани он нигоҳ накарда, ин нишондиҳанда дар ҳадди 117 нафар қарор дошт.

То ба иқтисоди бозорӣ гузаштан дар вилоят 10 корхонаи истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ амал мекард, иқтидормандтарини онҳо заводи Конструксияи оҳану бетонии (ЖБК) Хоруғ ҳисоб меёфт, ки шумури коргаронаш 145 нафар буд. Соли 1990 коргарони он 284 нафар буда, 16.9 % маҳсулоти умумии саноати ВМКБ истеҳсол мекарданд. Соли 2005 дар ин соҳа ҳамагӣ 48 нафар кор карда, дар ҳаҷми 161 ҳазор сомонӣ маҳсулот баровардааст. Дигар соҳаҳои саноат низ дар чунин вазъ ё қариб ба ин монанд қарор доранд[1]. Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ, соли 2010 иншоотҳои муҳими аҳамияти иҷтимоию иқтисодӣ дошта, сохтаю ба истифода дода шудаанд. Аз ҷумла, 118 синфхона барои 2837 талаба, дар ҳаҷми 16 307 $м^3$ хонаҳои

[1] Пурратар ниг.: Хоналиев Х. Экономическая история и концепция развития промышленности Таджикистана. – С.231-269.

истиқомати, қасри фарҳангӣ дар ноҳияи Дарвоз ва биноҳои дигари маъмурию тиббӣ ва фарҳангӣ дар дигар ноҳияҳои вилоят сохта шудаанд. Дар маҷмӯъ соли 2010 дар вилоят дар ҳаҷми 126 713.1 ҳазор сомонӣ маблағҳо аз худ карда шудаст, ки нисбат ба соли 2009 45 фоиз зиёд аст[1].

Чи тавре аз мантиқи далелҳои ишорагашта бармеояд, нишондиҳадаҳои истеҳсолоти саноатӣ, дар муқоиса бо вазъи арафаи гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ дар сатҳи паст қарор доранд ва онҳоро чун падидаи рушди иқтисодӣ нишон додан, хилофи мантиқу талаботи таҳлили воқеан илмист. Вале набояд ба як ҳақиқат ихтилофи назар намуд. Дар ин ҷо таҳлил бояд дар атрофи нишондиҳандаҳои огози наву тозаи рушди истеҳсолоти саноатӣ баъди рукуди он дар нимаи аввали солҳои 90-ум меравад. Гузашта аз он хароб-шавии корхонаҷоти саноатӣ ва дар баъзе самтҳо то ба ҳадди нестӣ расондани он, баъди ҷанги шаҳрвандӣ, то солҳои 2000 низ идома дошт.

Аз ин рӯ таҳлил бояд дар заминаи рушди баъди харобшавӣ қарор ёбад. Яъне, азнавсозию таъмини пешрафти саноату истеҳсолоти ВМКБ замони соҳибистиқлолиро бо ташаккулу тараққиёти саноатии вилоят дар замони Шӯравӣ бояд муқоиса карда, зинаҳои тараққиёт, самту суръати онҳоро дар ҳамбастагӣ бо воқеияти замон муайн намуд. Фақат бо ин усули таҳлил дараҷаи рушди имрӯзаи иқтисодии вилоят, ҳусну қубҳи он, имконияти маблаггузории марказӣ муайян намуда, дар ин замина ба хизмати роҳбарияти ҷумҳурию вилоят баҳои воқеӣ додан мумкин аст.

Аз ин мадди назар, бешубҳа огози мақсаднок ва ҷиддии рушди ВМКБ қариб дар ҳама самтҳои хоҷагии халқ, алал-хусус дар ин панҷсолаи дуввуми асри навин эҳсос мегардад.

Барои асоснок намудани ин назар бештар ба ахбори Сар-раёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии

---

[1] Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар соли 2010 // Бадахшон. – 2011. – 11 феврал. – С.4.

Тоҷикистон дар ВМКБ, ки дар он самтҳои асосии рушди вилоят инъикос ёфтаанд, такя кардан лозим меояд. Аз рӯи маълумоти дар ахбор ҷой дошта, соли 2010 нисбат ба соли 2009, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат 5.6 фоиз, истеҳсоли гӯшт – 7.2, шир – 3, тухм – 4.4, пашм – 6.7, асал – 2.7 фоиз, даромади буҷети вилоят нисбат ба нақшаи пешбинишуда 15.9 фоиз, гардиши моли чакана 17 фоиз ва музди миёнаи кори як корманд 16 фоиз афзудааст[1].

Соли 2010 дар вилоят ба маблағи 35 028.6 ҳазор сомонӣ, маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2009 5.6 фоиз ё 1 842 ҳазор зиёд аст. Аз ҷумла, маводи озуқа ба маблағи 13 034.5 ҳазор сомонӣ ва маводи ғайриозуқа дар ҳаҷми 2 777.3 ҳазор сомонӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2009 31 баробар ё 1 890.6 ҳазор сомонӣ зиёд истеҳсол шудааст[2].

Тибқи суханронии хеш дар машварат бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон 17 августи соли 2011 Президенти кишвар вазъи саноати вилоятро бо чунин далелҳои мӯътамад собит намудааст:

«Ҳоло дар вилоят, – қайд менамояд Сардори давлат, – 13 корхона ва 20 сехи хурди саноатӣ фаъолият дошта, тавассути дастгирии вазорату идораҳо ва ҷалби сармояи соҳибкорони ватанӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 2 сехи коркарди санг, 5 сехи дӯзандагӣ ва 2 корхонаи хурди коркарди растаниҳои шифобахш таъсис дода шудааст. Илова бар ин дар тӯли ин солҳо коргоҳҳои қанодӣ ва сангтарошии шаҳри Хоруғ, корхонаи хиштбарорӣ ва сехи дӯзандагии ноҳияи Ванҷ, сехҳои коркарди меваи хушк ва истеҳсоли маҳсулоти ширии ноҳияи Рӯшон, корхонаҳои дуредгарии ноҳияи Шуғнон ба фаъолият шурӯъ намудаанд…

Ҳоло жар вилоят 97 корхонаи хурд ва 1750 нафар

---

[1] Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2010 // Бадахшон – 2011. – 11 феврал. – С.4.

[2] Ҳамон ҷо. – С4.

соҳибкори инфиродӣ фаъолият дорад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давоми 10 соли охир беш аз 2 маротиба афзоиш ёфта, аз 16 млн. сомони соли 2001 то 35 млн. сомонӣ дар 2010 расидааст».[1]

Яке аз омилҳои пешрафти саноат ин мавҷуд будани роҳи мувофиқи нақлиётист, ки нафақат бояд тамоми манотиқи кишварро бо ҳам пайвандад, ин чунин имконияти васеи алоқамандиро ба хориҷи он дошта бошад. Ин барои пешрафти муносибатҳои иқтисодӣ, алалхусус саноатию тиҷоратӣ, мусоидат мекунад. Бесабаб нест, ки ин масъала яке аз ҳадафҳои муҳимтарину марказӣ дар сиёсати Президент Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Бо ташаббуси Сарвари давлат барои аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо бахшидани мамлакат, чи тавре дар боло ишора рафт, корҳои зиёде ба анҷом расидааст.

Дар ВМКБ барои нигаҳдошту таъмири роҳҳои автомобилгард ва дигар иншоотҳои ба он алоқаманд, сол то сол ҳаҷми маблағгузорӣ зиёд мегардад. Соли 2010 сохтмон, барқароркунии роҳу купрукҳои ҳудуди вилоят 2 млн. 669 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ шудааст. Тибқи маълумоти раиси вилоят – Қодири Қосим, барои ба сатҳи байналмиллалӣ мутобиқ намудани роҳи автомобидгарди Шоун–Зигар (9.75 км) 10.4 млн. сомонӣ, таъмири роҳҳои ҳудуди шаҳри Хоруғ ба масофаи 4.2 км., ба маблағи 2.6 млн.сомонӣ, сохтмони купрук аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Хумроғӣ, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон 2.6 млн. сомонӣ, купруки Дуршер 1.8 млн. сомонӣ, маблағгузорӣ шудаанд. Дар маҷмуъ барои нигаҳдошти роҳҳои вилоят дар сатҳи дурусти коршоям, соли 2010 7.6 млн. сомонӣ ҷудо гардид. Барои таъмири роҳҳо 215 тонна битум ба вилоят интиқол ёфта, 5 473 метри мукааб роҳҳо аз таъмир гузаштааст. Маҳз дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани роҳҳо имкон дод, ки дар вилоят ҳаҷми боркашонӣ ба 219.1

[1] Ҷумҳурият, 2011, 20 август.

ҳазор тонна ва нишондиҳандаи мусофиркашонӣ ба 3 893.1 ҳазор расонда шавад[1]. Вале барои таъмини пурраи барнома ва нақшаи стратегӣ дар ин самт корҳои зиёдеро ба анҷом расондан лозим меояд, ки маблағгузории ниҳоят калонро тақозо дорад. Дар ин бобат корҳои ниҳоят маблағталаби сатҳи байналмиллалиро Ҳукумати марказӣ ба ӯҳда дошта, бо ибтикори қатъию пайгиронаи Президенти ҷумҳурӣ ин масъала зини ба зина ҳалли худро меёбад.

Марҳаллаи дуввуми сохтмони роҳи автомобилгарди Шоун –Зиғар, ки 9.75 км масофаро дар бар мегирад, бо сарфи маблағи 15.9 млн доллари ИМА сохта шуда, сохмони марҳалаи саввуми он (18.75 км), бо ҳаҷми маблағгузории 20 миллиону 290 ҳазор доллари ИМА оғоз гардидааст. Ҳамчунин лоиҳаи сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб–Қалъаихумб дар масофаи 90.2 км дастгирӣ ёфта, барои марҳаллаи аввали он (40 км) 92.2 миллион доллари ИМА Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Исломии Рушд, Фонди Қувайти рушди иқтисодии Араб, Фонди рушди Саудӣ ба имзо расида, озмун эълон шудааст. Лоиҳаҳои инвеститсионии таҷдиди роҳи Қалъаихумб – Хоруғ – Мурғоб – ағбаи Кулма бо нишондиҳандаи сарфи маблағ дар ҳаҷми 299.6 миллион доллари ИМА, барқарорсозии роҳи Хоруғ – Мурғоб – ағбаи Кулма дар минтақаи Ишкошим бо ҳаҷми маблағгузории 243.я5 миллион доллари ИМА, таҳия шуда, барои ҷалби сармоядорӣ пешниҳод шудаанд[2].

Ҳамаи ин бешубҳа имкон медиҳад, ки ба оянда бо назари неку ифтихормандона нигариста, барои амалӣ гаштани нақшаҳои бузурги созандагӣ, тамоми қишрҳои ҷомеа, тамоми тоҷикистониён бо дилпурии том, дастҷамъона кору фаъолият намоянд.

---

[1] Бадахшон. – 2011. – 4 март. – С.3.
[2] Ҳамон ҷо.

## Фаъолияти Ширкати «Помир Энерҷӣ»

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар натиҷаи даргириҳои дохилии панҷсола дар Тоҷикистон тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ аз рушд бозмонданд. Ҷонноккунии иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла, иқтисодиёти Кӯҳистони Бадахшон, ҷалби сармояҳои калонеро талабгор буд. Дар баробари ин норасоии қувваи барқ, бахусус дар фасли зимистон,боиси он мегардид, ки ҷиҳати хунукиҳои шадид мактабҳо ва боғчаҳои кӯдакон, муассисаҳои тандурустию маърифатӣ ва корхонаҳои хурди истеҳсолӣ баста мешуданд.

Аҳолӣ барои тайёр кардани хӯрок ва гармкунии манзилгоҳҳояшон асосан аз ҳезум истифода мебурд, ки дар натиҷаи он беш аз 70%-и боғу ҷангалзорҳо несту нобуд мешуданд. Дуди ғализи печҳои худсохти хонагӣ одамони зиёдеро ба касалиҳои узвҳои нафаскашӣ дучор месохт.

Барои беҳдошти вазъи ба амаломада ва ҷалби сармоягузорон Бунёди Оғохон оид ба Рушди Иқтисодӣ қадамҳои нахустин, вале устувор гузошт. Дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати



Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи Байналхалқии Молиявӣ барои ташкил додани Ширкати «Помир Энерҷӣ» шароити зарурӣ фароҳам оварда шуд. Мувофиқи Шартномаи консессионӣ, ки соли 2002 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати «Помир Энерҷӣ» ба имзо расид, тамоми воситаҳои истеҳсолкунанда, интиқолдиҳанда ва тақсимкунандаи неруи барқ дар ҳудуди ВМКБ ба муддати 25 сол ба ихтиёри Ширкат дода шуданд. Барои азнавсозии иқтидорҳои мавҷуда ва баланд бардоштани эътимодияти барқтаъминкунии ВМКБ зиёда аз 26.8 млн доллари ИМА сармоягузорӣ карда шуд.



*Директори генералии ширкати «Помир Энерҷӣ» Далер Ҷумъаев*

Аз оғози фаъолияти Ширкати «Помир Энерҷӣ» барои сабук гардонидани таъсири нархҳои нави неруи барқ бо шарофати кӯмаки беғаразонаи Ҳукумати Швейсария ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути маблағгузорӣ аз ҷониби Ассотсиатсияи Байналмиллалӣ оид ба Рушд барои аҳолӣ субсидияҳои тобистонаю зимистона муқаррар карда шуданд. Мақсад аз он иборат буд, ки табақаҳои камбизоати аҳолӣ ҳам ба истифодаи неруи барқ дастрасӣ дошта бошанд.

Дар тӯли мавҷудияти худ ширкат аллакай корҳои зиёдеро ба сомон расонд, ки дар беҳбудии ҳаёти сокинони вилоят нақши муассир гузоштанд.

Вазифаи муҳимтарине, ки пас аз ташкилёбӣ дар назди ширкат меистод – ин бо иқтидори пурра ба кор андохтани неругоҳи барқӣ – обии калонтарини вилоят – «Помир-1»



буд. Барои иҷрои он ба ширкат лозим омад, ки дар кӯли Яшилкул иншооти обтанзимкуниро сохта ба истифода диҳад ва қисми боқимондаи туннели обгузари нерӯгоҳро дар мавзеи Танг бунёд ва бетонпӯш намояд. Ҳамчунин дар ҳавзи таъминоти шабонарӯзии ин нерӯгоҳ корҳои иловагӣ гузаронида шуда, он барои фаъолияти пурсамар дар фасли зимистон омода гардонда шуд.

Бо мақсади беҳбудӣ бахшидани таъминоти муштариёни шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Рӯшон аз тарафи ширкат хатҳои нави интиқоли барқи 35 кВ-и НБО-и «Помир-1» – НБО-и «Хоруғ» ва «Хоруғ – Рӯшон» сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Бо кӯшишҳои пайгиронаи роҳбарияти ширкат тамоми таҷҳизоти мавҷудаи дастгоҳҳои нерӯгоҳҳои барқӣ – обии «Помир-1» ва «Хоруғ» пурра аз нав карда шуд. Ин имкон дод, ки дастгоҳҳои НБО-и «Помир-1» бо иқтидори пурраи худ – яъне ҳар кадоме – 7 мВТ фаъолият карда, иқтидори умумии НБО-и «Хоруғ» ба 8.7 мВТ расонда шуд.

Нерӯгоҳи барқӣ – обии «Помир-1» калонтарин манбаъи барқистеҳсолкунии вилоят буда, рушду нумӯъи он ҳамеша дар маркази диққати ҳамагон қарор дорад. Сохтмони

нерӯгоҳ соли 1984 пас аз ҷониби филиали Институти «Гидропроект»-и дар Осиёи Миёнабудаи «Средазгидропроект» тайёр шудан ва аз ҷониби Вазорати энергетикаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тасдиқ шудани лоиҳа огоз ёфта, иншоотҳои асосии он, аз ҷумла,




бинои истеҳсолӣ бо тамоми таҷҳизоти зарурӣ, қисми нақби обгузар дар даруни кӯҳ дар масофаи беш аз 3 километр, ҳавзи танзими шабонарӯзӣ ва дигар иншоотҳои хурду бузурги лозимӣ то баҳори соли 1994 барои кор омода карда шуданд. Тантанаи ба истифодадиҳии навбати аввали нерӯгоҳ, яъне дастгоҳҳои 1 ва 2-уми он, ба рӯзҳои ҷашнгирии иди Наврӯзи соли 1994 рост омад.

Лаҳзаҳои фаромӯшнопазири аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пахш шудани тугмачаи рамзии мавриди истифода қарор додани нерӯгоҳи калонтарини барқӣ – обии Бадахшон ва бо ҳамин дар саҳифаи рушди соҳаи афзалиятноки мамлакат пайдо шудани боз як манбаи барқистеҳсолкунӣ дар ёди ҳамаи ҷамъомадагон абадан нақш бастанд.

Дар ҳақиқат нерӯгоҳи мазкур аз рӯзҳои нахустини фаъолияташ дар беҳдошти ҳаёти маскунони Бадахшон роли бузурге мебозад. Бо ба кор даромадани навбати аввали он, яъне баъди гардон шудани ду дастгоҳи нахустин бо тавоноии 14 мВт, таъминоти барқ чӣ дар шаҳри Хоруг ва чӣ дар деҳоту навоҳии гирду атрофи он ба таври назаррас беҳтар гардид.

Дар соли 2005 навбати дуюми нерӯгоҳ низ мавриди истифода қарор дода шуд.



Мутаассифона, дар таърихи 5 феврали соли 2007 дар НБО-и «Помир-1» садама ба вуқӯъ пайваст, ки дар натиҷаи он тамоми таҷҳизотҳои нерӯгоҳ зери об монда, истифодабарии минбаъдаи нерӯгоҳ номумкин гардид. Касе боварӣ надошт, ки нерӯгоҳ боз дар муддати кӯтоҳ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода хоҳад шуд.

Вале барқароркунии нерӯгоҳ аз соатҳои нахустин зери назорати қатъӣ ва бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати мамлакат, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор гирифта, баҳри ҳарчи зудтар ба кор даровардани нерӯгоҳ чораҳои мушаххас рӯи кор оварда шуданд.

Албатта, дар барқароркунии нерӯгоҳ, ки дар он рӯзҳои сард барои мардуми Кӯҳистони Бадахшон хеле муҳим буд, саҳми вазири Энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Гул Шералӣ хеле калон буд. Дар баробари чандин маротиба бевосита ба НБО «Помир-1» ташриф овардан, Гул Шералӣ дар барқарорсозии алоқа бо давлатҳои дигар ва сари вақт матраҳ намудани ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои тайёр кардани қисмҳои асосии дастгоҳи мазкур ҳиссаи шоиста гузошт.

Дар барқароркунии нерӯгоҳ дар қатори роҳбарияти мамлакату вилоят ва ташкилотҳои башардӯстонаи дар вилоятбуда тамоми мардуми шарафманду меҳнатқарини Бадахшон саҳми бебаҳо гузошт.

Якдилию якмаромӣ, дӯстии борҳо дар соатҳои мушкил-

тарин санҷидашуда имкон бахшиданд, ки дар муддати хеле кӯтоҳ, дар тӯли 45 рӯз дастгоҳи нахустини нерӯгоҳ аз сари нав мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, баъдан дар моҳҳои май ва июл ду дастгоҳи дигар низ аз рӯи нақшаи муваққатӣ ба кор андохта шуданд. Корҳои асосӣ дар барқароркунии нерӯгоҳ то моҳи октябри соли 2007 пурра ба сомон расонда шуд ва се дастгоҳи нерӯгоҳ ба таври доимӣ ба фаъолият огоз намуданд.

Бо ҳамин муштариёни маркази вилоят – шаҳри Хоруг дар зимистон 20-24 соат ва нохияҳо – 16-18 соат аз нерӯи барқ бархӯрдор шуданд. Ин бешак ба зиндагии ҳаррӯзаи мардум, пешрафти корхонаву муассисаҳо, бозору тиҷорат таъсири зарурии мусбӣ расонда, ҳамчунин ба пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуд.

Мушкилот асосан танҳо дар барқарор кардани дастгоҳи дуюми НБО «Помир-1», ки аз ҳама бештар зарар дида буд, боқӣ монд. Хушбахтона, пас аз ҷустуҷӯ ва ҷаҳду талошҳои зиёди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафорати Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъалаи хеле муҳим ҳалли худро пайдо намуд ва ширкати ҳиндустонии «BHEL» тайёр кардани генераторро барои дастгоҳи дуюми НБО «Помир-1» зиммабардор шуд. Марҳилаи тайёркунии генератор, интиқоли он тавассути нақлиёти баҳрию автомобилӣ ва барқароркунии дастгоҳи дуюми нерӯгоҳ низ танҳо бо кӯмаку дастгирии бевоситаи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки умумиҷаҳонӣ, Корпоратсияи байналмиллалии молиявӣ ва Ташкилоти Огохон оид ба Рушди иқтисодӣ бомуваффақият анҷом пазируфт.

Барои кам намудани хароҷотҳо дар барқароркунии дастгоҳи №2-и НБО «Помир-1» Ширкати «Помир Энерҷӣ» бо ҷалби кормандони худи Ширкат қисмати турбинаро таъмир намуд.

Инчунин дар давоми ду соли охир барои таъмин наму-



дани фаъолияти мунтазами НБО-и «Помир-1» як қатор чораҳои муҳим рӯи кор оварда шуданд. Қабл аз ҳама бинои истеҳсолии нерӯгоҳ хушсифат таъмир гардида, барои кормандон шароити хуби корӣ муҳайё карда шуд. Дар давоми моҳҳои гарм бо ҷалб намудани пудратчиёни маҳаллӣ дар кӯли Яшилкӯл, ки манбаи асосии обтаъминкунии нерӯгоҳ дар вақти зимистон ба шумор меравад, корҳои зиддифилтрасионӣ ба иҷро расонда шуданд.

Дар баробари ин аз тарафи роҳбарияти Ширкат ба минбаъд ба талаботҳои замон ҷавобгӯ гардондани дастгоҳу таҷҳизотҳои нерӯгоҳ диққати ҷиддӣ дода мешавад.

Ниҳоят дар нимаи дуюми моҳи ноябри соли гузашта бори барои тамоми вилоят хеле муҳим, яъне генератор барои дастгоҳи дуюми НБО-и «Помир-1» бе каму кост ба манзил расонда шуд. Дар тӯли ин рӯзҳо аз тарафи кормандони нерӯгоҳ корҳои васлкунии генератор дар НБО-и «Помир-1» бо суръати баланд идома доштанд. Кормандони муҳандисию техникии нерӯгоҳ дар ҳамдастӣ бо мутахассисони ҳинду ва рус тавонистанд аз нақша пештар, яъне дар таърихи 12 январи соли 2011, дастгоҳро ба кор даронд.

Бо ҳамин нахустин маротиба дар таърихи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи чор дастгоҳи барқистеҳсолкунандаи нерӯгоҳи «Помир-1» фаъол гардонда шуда, тавоноии нерӯгоҳ аз 21 мВт ба тавоноии нақшавии 28 мВт расонда шуд. Дар барқароркунии дастгоҳи №2-и нерӯгоҳ 5 ширкат аз 4 мамлакати ҷаҳон (Ҳиндустон, Федератсияи Россия, Украина ва Туркия) иштирок намуда, вазифаи ба дӯшашон гирифтаро иҷро наму-

данд. Бо тавоноии пурра ба кор даровардани НБО-и «Помир-1» боиси он мегардад, ки ҳамаи муштариёни шабакаи асосии ширкат (шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Шуғнон, Роштқалъа, Рӯшон (бидуни водии Бартанг), Ишкошим (бидуни водии Вахони Боло) дар давоми 24 соат аз қувваи барқ таъмин карда шаванд, ки ин 71% тамоми истифодабарандагони қувваи барқи вилоятро ташкил медиҳад.

Чораҳои амалишуда имкон доданд, ки дар соли 2010 нерӯгоҳи барқи – обии «Помир-1» аз рӯи тамоми нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар байни дигар нерӯгоҳҳои Ширкат беҳтарин ҳисобида шуда, коллективи нерӯгоҳ бо мукофоти пулӣ қадр карда шавад. Ҳамчунин яке аз муҳандисони ботаҷрибаи нерӯгоҳ – Шоҳфозил Шоҳнизоров бо унвони фахрии «Корманди беҳтарини сол» ва сардори нерӯгоҳ – Акимбек Худоёрбеков бо унвони фахрии «Аълочии Барқи Тоҷик» сарфароз гардонда шуданд.

Коллективи нерӯгоҳ ҳамеша дар саъю талоши он аст, ки ин такягоҳи асосии ширкатро аз ҳар ҷиҳат пешқадам ва дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ дошта, ба ҳамин васила дар ҳарчи беҳтар қонеъ гардондани талаботи сокинони Бадахшон ба нерӯи барқ саҳми арзандаи худро гузорад.

Лоиқи қайд аст, ки барои камкунии талафоти қувваи барқ дар Ширкат чорабиниҳои махсус тартиб дода шуда, марҳила ба марҳила амалӣ мешаванд. Диққати ҳамешагӣ ба ҳалли ин масъалаи муҳим имкон дод, ки дар моҳҳои январ – июни соли 2011 дар миқёси вилоят назар ба нимсолаи аввали соли 2010 ба андозаи 2.91% камтар гардид. Ҷамъоварии маблағ аз фурӯши қувваи барқ бошад, дар шаш моҳи соли 2011 назар ба ҳамин давраи соли 2010 ба андозаи 16 % зиёд гардид.

Соли равон бо дастур ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳукумати Швейсария оиди ҷудо намудани маблағи зарурӣ барои дастрас намудани 15 ҳазор адад ҳисобкунакҳои барқии замонавӣ мулоқот анҷом дода шуда,

лоиҳа оид ба ҷудо намудани маблағи грантӣ аз ҷониби Ҳукумати Швейсария аллакай тасдиқ шудааст. Ин имкон медиҳад, ки то охири соли 2012 ҳамаи муштариёни ширкат соҳиби ҳисобкунакҳои нави замонавӣ гарданд. Айни ҳол аз рӯи нақшаи барномаҳои воситаҳои асосӣ дар моҳи июл 3.5 ҳазор ҳисобкунакҳои барқӣ ба ширкат ворид шуда, онҳо то охири моҳи октябри соли равон пурра васл карда хоҳанд шуд.

Дар ширкат ба мақсади ҳифзи иҷтимоӣ барои истифодабарандагони қувваи барқ аз ҳисоби аҳолӣ бо маблағгузории Ҳукумати Швейсария субсидия муқаррар шудааст, ки маблағи барои он ҷудошуда соли равон ба охир мерасад. Барои ҳамин бо кӯмаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Швейсария маблағи иловагӣ барои идома додани субсидия дар солҳои 2012-2014 аллакай ҷудо гардид.

Ба пастшавии талафоти барқ инчунин анҷом додани корҳои муайян дар хатҳои интиқол ва зеристгоҳҳои баландшиддат ва пастшиддат таъсири мусбӣ расондаанд. Баъд аз ташкилшавии Ширкат зеристгоҳҳои асосии 35/10 кВ 1–1 и шаҳри Хоруғ – «Бизмич» ва «Ҷомӣ» ва инчунин зеристгоҳҳои баландшиддати самти Хоруғ-Шуғнон, Хоруғ-Рӯшон бо таҷҳизотҳои замонавии баландсифат муҷаҳҳаз гардонда шудаанд. Дар айни замон дар Ширкат корҳои зарурӣ оид ба баланд бардоштани эътимодияти зеристгоҳҳо иҷро шуда истодаанд. Аллакай дар ду зеристгоҳи баландшиддати самти Хоруғ-Рӯшон таҷҳизоти рақамӣ васл карда шудааст.

Дар мувозинаи Ширкати «Помир Энерҷӣ» нерӯгоҳҳои «Помир-1» ва «Хоруғ» ва инчунин 9 адад нерӯгоҳҳои хурди барқии дар ноҳияҳо буда қарор доранд. Нерӯгоҳҳои асосии ширкат, яъне «Помир-1» ва «Хоруғ» дар ҳолати хуби корӣ қарор доранд. Дастгоҳҳои мавҷудаи барқистеҳсолкунандаи нерӯгоҳҳо ва биноҳои истеҳсолию маъмурӣ аз таъмири хушсифат бароварда шудаанд. Аз ҷумла, чи тавре дар боло

ишора гардид, дастгоҳи дуюми НБО-и «Помир-1», ки ҳангоми садамаи моҳи феврали соли 2007 аз кор баромада буд, дар аввали соли равон мавриди истифода қарор дода шуда, дар айни замон ба таври мӯътадил кор мекунад.

Ба мақсади минбаъд таъмин намудани фаъолияти боэътимоди нерӯгоҳҳои барқӣ – обии «Помир-1» ва «Хоруғ» дар мавзеъҳои болооби дарёи Ғунд ду иншооти зидди яхсел сохта шуда, барои аз такшинҳо тоза кардани ҳавзи танзими шабонарӯзии НБО-и «Помир-1» аз шаҳри Нижний Новгороди Федератсияи Россия дастгоҳи махсус харида, оварда шудааст. Агар қаблан барои аз такшинҳо тоза кардани ҳавз дар муддати 1 то 1.5 моҳ нерӯгоҳи калонтарини вилоят аз фаъолият боздошта мешуд, пас баъд аз дастрас кардани дастгоҳи нав имкон пайдо шуд, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ бе аз кор боздоштани нерӯгоҳ ин кор ба сомон расонда шавад.

Соли гузашта дар ширкат сехҳои нави электромеханикӣ ва оид ба таъмири трансформаторҳо мавриди истифода қарор дода шудаанд, ки барои пешрафти корхона хеле муҳим ҳастанд. Бо фаъол шудани ин коргоҳҳо имкон пайдо шуд, ки қисми асосии таҷҳизотҳои барқӣ барои НБО-ҳои хурд ва таъмири трансформаторҳо, ки пеш бо сарфи вақту маблағи беш ба маркази ҷумҳурӣ бурда мешуданд, дар худи ширкат сохта ё таъмир карда шавад.

Албатта аз оғози фаъолияти ширкат баҳри беҳдошти вазъи хизматрасонӣ ба муштариён корҳои зиёде ба сомон расонда шудаанд. Бахусус, дар қисми ҷорӣ намудани технологияи нав дар истеҳсолот дастовардҳои назаррас ба даст оварда шудаанд. Ҳамаи ин имкон дод, ки аз соли 2010 Ширкат 70% истифодабарандагони барқ, яъне муштариёни шабакаи асосӣ – шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Шуғнону Роштқалъа ва қисми ноҳияҳои Ишкошиму Рӯшонро дар давоми 24 соат, 27%-и муштариёни ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ва водии Вахони Ишкошиму қисми ноҳияи Рӯшонро дар давоми 18-20 соат ва 3%-и муштариён, яъне муштариёни ноҳияи

баландкӯҳи Мургобро дар давоми 8-10 соат дар як шабонарӯз аз қувваи барқ таъмин намоянд.

Ширкат соли сипаришудаи 2010-ро аз рӯи тамоми самтҳои фаъолият бо нишондиҳандаҳои беҳтарин ҷамъбаст намуд. Боиси хушнудист, ки дар соли 2010 дар ширкат беш аз 16 лоиҳаи ба нақшагирифташуда сари вақт ва бо сифати баланд амалӣ карда шуданд. Ин дар навбати худ имкон бахшид, ки дар самтҳои иҷтимоӣ низ қадами боварибахше гузошта шавад.

Корҳои таъмиру азнавсозӣ ҳамчунин дар ҳамаи 9 нерӯгоҳи хурди барқӣ, ки муштариёни навоҳии дурдасти вилоятро бо нерӯи барқ таъмин месозанд, анҷом дода шуданд. Ин имкон дод, ки тавоноии умумии нерӯгоҳҳо аз 33 мВТ ба 43.5 мВТ расонда шавад.

Барои бартараф намудани истифодабарии ғайриқонунии қувваи барқ ва сарфакорона истифода бурдани он, ҷорӣ намудани шаффофият дар ҳисобу китоби нерӯи барқ ва ҳаққи истифодаи он аз ҷониби Ширкат маблағи муайяне барои аз Ҷумҳурии Мардумии Чин харида овардани ҳисобкунакҳои нави электронӣ равона шуд. То кунун муштариёни шаҳри Хоруғ аз чунин ҳисобкунакҳои барқӣ пурра таъмин гардида, амалисозии ин барнома дар марказҳои ноҳияҳо идома дорад. Ин имкон дод, ки талафотҳои умумӣ дар системаи «Помир Энерҷи» дар соли 2009 назар ба соли 2006 ба андозаи 15.4 фоиз кам карда шаванд. Дар панҷ моҳи аввали соли 2010 назар ба ҳамин давраи соли 2009 талафоти қувваи барқ дар шаҳри Хоруғ ба андозаи 9% ва дар миқёси вилоят ба андозаи 5 фоиз кам карда шуд.

Дар баробари дастгирии моддию маънавии кормандони худи ширкат ва муҳайё намудани шароити зарурӣ барои меҳнати пурмаҳсул, ширкат ҳамчун саҳмгузори калонтарин дар байни корхонаҳои дар вилоятбуда, дар роҳандозӣ намудан ва амалӣ сохтани як қатор барномаҳои манфиати иҷтимоидошта ҷаҳду талош менамояд.

Ширкат дар давоми соли 2010 аз рӯи вазифаи иҷтимоӣ

дар ободонии шаҳри Хоруг ва маркази ноҳияҳо вобаста ба ҷашнгирии Иди Ваҳдат дар Бадахшон корҳои зиёде ба сомон расонда, дар ободу зебо намудани ҳудуди ба худ вобасташуда, аз ҷумла бунёд намудани боги нав дар майдони беш аз 1 гектар дар рӯ ба рӯи Чойхонаи миллӣ саҳми арзанда гузошт. Дар вобастагӣ ба ин ҷашни умумимиллӣ ҳамчунин дар сар то сари вилоят як қатор иншоотҳои нави энергетикӣ, зеристгоҳҳо ва хатҳои нави интиқоли барқ арзи вуҷуд намуданд.

«Помир Энерҷӣ» ба он талош дорад, ки дар масъалаи ба роҳ мондани шарикии ҷамъиятию хусусӣ дар азнавсозии системаи энергетикии Тоҷикистон ҳамчун намуна бошад. Натиҷаи чунин ҷаҳду талош аст, ки айни ҳол 70% муштариёни ВМКБ нахустин маротиба баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ тамоми шабонарӯз бо неруи барқ таъмин ҳастанд ва дар баробари ин 30% муштариёни боқимонда низ дар як шабонарӯз 16-18 соат қувваи барқ мегиранд.

Беҳтаршавии вазъи таъминот бо қувваи барқ имкон бахшид, ки мардум аз буридани ҷангалу богот даст кашаду истифодаи дастгоҳҳои дизелии гализкунандаи ҳаво ҳам нолозим гардад. Тавассути чунин дастовард ширкат дар беҳдошти вазъи экологии диёр саҳми назаррас мегузорад. Маҳз ҷиҳати паст шудани сатҳи вайроншавии экология «Помир Энерҷӣ» дар доираи шартҳои Протоколи Киот имконияти ба даст овардани фоида аз фурӯши кредитҳои углерод ба хориҷа касб намуд.

Мавриди истифода қарор додани Маркази хизматрасонии замонавӣ дар шаҳри Хоруг имкон дод, ки кормандони Ширкат аз камбудиҳои ҷойдошта сари вақт огоҳӣ ёфта, барои бартараф кардани онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Умуман, худи он далел, ки ширкат имрӯз беш аз 600 касро бо ҷойи кори доимӣ ва соле то 100 касро муваққатан бо кор таъмин менамояд, ба шароити сокинони Кӯҳистони Бадахшон таъсири калони мусбӣ мерасонад.

Баъд аз садама дар НБО-и «Помир-1» дар моҳи феврали

соли 2007 «Помир Энерҷӣ» қисми зиёди таҷҳизотро аз нав барқарор намуд ва ин ба Ширкат имкон дод, ки муштариёни узели марказиро дар давоми 24 соат дар як шабонарӯз аз қувваи барқ таъмин намояд. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои зиёди иловагӣ ширкат ба он муваффақ шуд, ки талафоти қувваи баркро аз 39% дар соли 2006 то 19% – дар соли 2010 кам намояд.

Моҳи январи соли 2011 ба дафтари фаъолияти Ширкати «Помир Энерҷӣ» боз як саҳифаи наверо зам намуд. Маҳз дар ҳамин моҳ бо ҷаҳду талоши зиёди роҳбарияти мамлакату вилоят ва худи Ширкат дастгоҳи дуюми нерӯгоҳи «Помир-1», ки ҳангоми садамаи моҳи феврали соли 2007-ум пурра корношоям гардида буд, аз нав мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд ва нерӯгоҳ нахустин маротиба дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тавоноии нақшавии 28 мегаватт ба фаъолият шурӯъ намуд.

## Роҳ – асоси ҳалли мушкилҳост: дастовардҳои 20-сола дар ин ҷода

Дар давраи истиқлолият бо мақсади аз бумбасти коммуникатсионӣ роҳои ёфтани гӯшаю канори кишвар ва роҳсозӣ диққати калон дода, садҳо километр роҳҳои нав ва даҳҳо кӯпрукхоро бунёд шудааст.

Соли 1992 ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, дар 275 километри роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруг ба маблаги 25.4 ҳазор сомонӣ кӯпруки мошингузар барқарор карда шуд.

Соли 1993 асосан маблаг барои таъмири қитъаҳои 375-350, 360-390, 410-486 километри роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруг сарф гардид. Инчунин дар дохили вилоят низ баъзе қитъаи ҷудогонаи роҳи мошингарди Мотравн-Андарбак, роҳи автомобилгарди маркази ноҳияи Ванҷ ва роҳи автомобилгарди Ванҷ-Першер бо маблаги 3.4 ҳазор сомонӣ, қитъаи 23-34 км роҳи автомобилгарди Рӯшон-

Басиди ноҳияи Рӯшон ва роҳи амтомобилгарди 45-76 км Рошткалъа – Тукузбулоқ барқарор карда шуданд.

Соли 1994 бо сабабҳои маълум танҳо сохтмони қитъаи 80.101 км роҳи мошингарди Басид-Рошорв бо маблағи 21,1 ҳазор сомонӣ иҷро гардиду халос.

Соли 1996 бо маблағи 6.4 сомонӣ кӯпруки қишлоқи Роғи ноҳияи Ванҷ, ба маблағи 2.6 сомонӣ, кӯпруки қишлоқи Шошбувади ноҳияи Рошткаъа ба маблағи 3.1 ҳазор сомонӣ ва кӯпруки қишлоқи Шадзуди ноҳияи Шуғнон таъмиру аз нав барқарор карда шуданд.

Соли 1997 бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони марҳалаи якуми роҳи автомобилгарди Мурғоб – Қулма оғоз гардид, ки дар он Иттиҳодияи Истеҳсолии «Бадахшонроҳ» ва муасисаҳои зертобеъи он ДСУ-8, ДСУ-34, ДРСУ-29 ноҳияи Шуғнон, ДРСУ – 26 ноҳияи Мурғоб, ДРСУ-21 ноҳияи Ванҷ фаъолона иштирок намуданд. То моҳи декабри соли 1998 ба маблағи 700 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба охир расонида шуда, ҳаракати нақлиёт то ағбаи Қулма таъмин карда шуд. Инчунин таъмири қитъаи 225-226 км роҳи Душанбе – Хоруғ ва таъмири кӯпрук дар китъаи 275 км ба маблағӣ 5 ҳазор сомонӣ сарф карда шуд.

Соли 1998 таъмири асосӣ дар қитаъи 340, 346-348, 367-370 км роҳи автомобилгарди Душанбе – Хоруғ, таъмири кӯпруки Язғулом, таъмири кӯпруки қитъаи 31 км роҳи автомобилгарди Рӯшон-Басид-Хидҷез ва таъмири кӯпруки роҳи автомобилгарди Рӯшон –Басид, таъмири кӯпрук ва роҳи мошингарди Хоруғ –Рошткалъа-Тукузбулоқ, таъмири роҳи қитъаи 0-32 км Мурғоб – Қулма, қитъаи 725 км роҳи Ош-Хоруғ ва сохтмони роҳи автомобилгарди Зиғар – Кулоб ба сомон расонида шуданд.

Солҳои 1998-1999 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тезондани суръати роҳи автомобилгарди Душанбе – Кӯлоб – Қалъаихумб дар назди Вазорати



*Муҳандиси калони «Бадахшонроҳ» С.Саидшоев*

наклиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати ВМКБ гузошта шуд. Ин масъаларо ҳаматарафа санҷиданд, чунки аз тарафи Қалъаихумб дар мавзеъи Зиғар СУ-71 ва аз тарафи Кӯлоб СУ-957 фаъолият намуданд ва ба хулосае омаданд, ки ҷанбаи сеюми кориро дар мавзеи Яхшимина мутахассисони Иттиҳодияи истеҳсолии «Бадахшонроҳ» кушоянд. Ҳамин тариқ бо чархбол 20 нафар мутахассисони «Бадахшонроҳ»-ро ба мавзеи Яхшимина фуроварданд. Онҳо 1.5 км роҳро бо усули таркиш ҳамвор намуданд. Дар сохтмони ин қитъа нақши муовини сардори «Бадахшонроҳ» Х. Абдураимов ва сармуҳандиси ДСУ-15 Ш. Назриев бориз буд.

Шоҳроҳи байналмилалии Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб, Хоруғ – Мурғоб – Қулма, ки ҳанӯз соли 1979 сохтмони онро оғоз намудаву ба ҳоли худ партофта буданд, бо шарофати ба соҳибистиқлолиятӣ расидан ҷумҳурӣ сохтаву соати 11-ю 30 дақиқаи 30 январи соли 1999 ботантана ба истифода дода шуд. Кушодани ин шоҳроҳи азим, ки воқеаи бузурги таърихист, дар муносибатҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ва мамолики ҳамсоя бо давлатҳои Шарқ бо маънои том ҳусни оғоз бахшид. Маҳз ба туфайли ин шоҳроҳ Тоҷикистони соҳибистиқлол ба мамолики Шарқ пайваст Бешак имконе фароҳам меояд, ки Бадахшон ба дарвозаи тиллоии Тоҷикистон табдил ёбад. Дар кушодашавии роҳи Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ сарвари давлат чунин ибрози ақида намуданд:

«Роҳи Кӯлоб – Қалъаихумбро на танҳо шоҳроҳи истиқлолият, балки шоҳроҳи ваҳдат низ номидан мумкин аст. Зеро он ду вилояти калонтарини ҷумҳурӣ – Бадахшону Хатлонро ба ҳам мепайвандад ва байни ин ду вилоят роҳи

доимӣ барқарор мегардад. Яъне,рафту омади сокинони ин ду вилоят дӯстию ваҳдатро боз ҳам таҳким мебахшад. Беҳуда намегӯянд, ки меҳр дар чашм аст. Боварии комил дорам, ки аз рафту омади сокинон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти ҳамдигар дарахти дӯстӣ нумӯъ мекунад ва меваҳои ширину гуворо медиҳад…

Ин роҳи мошингарди Кӯлоб-Қалъаихумб кӯпруке мегардад, ки рафтуомади мусофирон ва интиқоли молу маҳсулотро дар байни қитъаҳои Осиё ва Аврупо таъмин месозад. Ин роҳ барои Тоҷикистон воқеан шоҳроҳи мустақилияти ҷумҳурӣ, шоҳроҳи ваҳдату дӯстии мардуми Бадахшону Хатлон ва тамоми сокинони Тоҷикистон буда, бешубҳа, яке аз омилҳое мебошад, ки ба пешрафти босуръати иқтисодиёти мамлакат мусоидат хоҳад кард»[1].

Дар давоми соли 1999 инчунин таъмири кӯпрукҳои участкаи 276, 323, 239-и роҳи мошингарди Душанбе-Хоруғ, таъмири кӯпруки роҳи Қалъаихумб – Зигар (69 км), таъмири роҳи Хоруғ – Ишкошим, таъмири роҳи автомобилгарди 230-241 км, 605 км. Ош-Хоруғ, таъмири роҳи Хоруғ – Рошткалъа ва таъмири купруки қишлоқи Андарситези ноҳияи Рошткалъа, таъмири роҳи автомобилгарди Даштак-Рож ва Шадзуд-Батчори ноҳияи Шугнон ба анҷом расонида шуданд.

Соли 2000 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати наклиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки Исломии Рушд созишнома ба имзо расид, ки роҳи мазкур мутобиқи меъёрҳои байналхалқи ба маблағи 13 млн. 980 ҳазор доллари ИМА сохта шавад. Ширкати «Энтес»-и давлати Туркия дар озмун ғолиб омада, пудратчии генералӣ таъин шуд ва бо Итттиҳодияи истеҳсолии «Бадахшонроҳ» шартнома баста, корҳои заминиро ба ӯҳдаи он гузошт.

Соли 2000 таъмири кӯпрук дар 224 км роҳи автомобил-

---

[1] Раҳмон Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ.-Ҷ.3. – Душанбе: Ирфон, 2001.-С.21-26.

гарди Душанбе – Хоруг, таъмири кӯпруки роҳи автомобилгарди Рӯшон-Басид –Рошарв ва таъмири кӯпрук дар роҳи автомобилгарди Хоруг –Ишкошим ба сомон расида шуданд.

Соли 2001 таъмири қитъаи 298-299 км роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруг, таъмири кӯпрук дар 48, 61 ва 67 км. роҳи Рӯшон-Басид ва сохтмони роҳи автомобилгарди Ҷавшангоз – Мац – Харгӯшӣ сохта ба истифода дода шуда-анд.

Соли 2002 сохтмони кӯпруки қишлоқи Мотравн дар роҳи автомобилгарди Мотравн-Андарбаки деҳаи Язгуломи ноҳияи Ванҷ ба сомон расонида, тибқи созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Афгонистон кӯпруки якуми байни сарҳадӣ аз болои дарёи Панҷ дар деҳаи Тем бо дарозии 135.5 метр бо маблағгузории Фонди Огохон 1209.47 ҳазор сомонӣ аз тарафи Иттиҳодияи Истеҳсолии «Бадахшонроҳ» сохта шуда, ба истифода дода шуд. Дар бунёд намудани кӯпрук директории генералли «Бадахшонроҳ» Ҳ Махсумов ва муовини директор Х. Абдураимов саҳми калон гузоштанд.

Соли 2003 сохтмони роҳи Хоруг-Рошткалъа-Туқузбулоқ ва таъмири кӯпруки Хаспо дар ноҳияи Ванҷ ба анҷом расиданд. Инчунин солҳои 2003-2005 сохтмони роҳи автомобилгарди Шкев – Зигар дарозии 38 км ба маблағӣ 31 млн. 750 ҳазор доллари амеркоӣ сохта шуд. Пудратчии асосии ин сохтмон ширкати «Ояк иншаат» давлати Туркия таъин гардид. Тибқи шартнома байни ширкати «Ояк иншаат» ва Иттиҳодияи истеҳсолии «Бадахшонроҳ» корҳои замини мавзеи Ёгед-Хоставро коргарони «Бадахшонроҳ» иҷро мекарданд. Саҳмгузорони асосии ин сохтмон муовини директории генералии «Бадахшонроҳ» Т. Одинаев ва садори раёсати таъмир ва сохтмони рақами 15 Ш. Назриев буданд.

Соли 2004 сохтмони кӯпруки дуввум аз болои дарёи Панҷ дар деҳаи Рузвайи ноҳияи Дарвоз дарозии 124.6 метр бо дасттирии Хазинаи Огохон бо маблағи 1294.8 ҳазор сомонӣ аз тарафи Иттиҳодияи истеҳсолии «Бадахшонроҳ»

сохта шуда, мавриди истифода қарор ғирифт. Дар сохтмони ин иншооти ниҳоят муҳим нақши директори ғенералии Иттиҳодияи истеҳсолии «Бадахшонроҳ» Ҳ. Махсумов ва муовини директор Х. Абдураимов хеле калон буд.

Соли 2005 сохтмони роҳи автомобилгарди Шкев-Зиғар, таъмири купруки Сурхсанғоб дар қатъаи 371 км роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруғ ва таъмири кӯпруки қишлоқи Седи ноҳияи Ванҷ ба охир расонида шуданд.

Соли 2006 шаҳпули ҳарду соҳили дарёи Панҷро пайвасткунанда дар ноҳияи Ишкошим бунёд ғардид.

Соли 2007 таъмири асосии роҳи автомобилгарди Душанбе – Кӯлоб –Дарвоз – Хоруғ – Мурғоб (ағбаи Куйтезак) ба маблағи 362 ҳазор сомонӣ ва таъмири кӯпруки қишлоқи Андарбаки ноҳияи Ванҷ ба мабағи 20 ҳазор сомонӣ ба анҷом расиданд.

Соли 2008 барои роҳсозони Бадахшон соли бобарор буд. Дар ин давра таъмири асосии роҳи автомобилгарди Душанбе – Кӯлоб – Дарвоз –Хоруғ-Мурғоб ба маблағи 673.3 ҳазор сомонӣ идома дода шуда, барои сохтмони кӯпруки Дуршери ноҳияи Ванҷ 365.5 ҳазор сомони ҷудо карда ғардид.

Соли 2009 барои таъмири асосии роҳи автомобилгарди Душанбе – Кулоб – Дарвоз – Хоруғ –Мурғоб (ағбаи Куйтезак), роҳи автомобилгарди Мурғоб –Тохтамиш-Шаймоқ, сохтмони роҳи автомобилгарди Шоҳон – Зиғар, таъмири кӯпруки Сурхсанғоб ва кӯпруки Дуршери ноҳияи Ванҷ ва таъмири асосии роҳи мошинғарди Туғғоз – Вичкути ноҳияи Ишкошим маблағ ҷуда ғардида, он пурра аз худ карда шудааст.

Соли 2010 боз таъмири асосии роҳи автомобилгарди Душанбе – Кӯлоб-Дарвоз – Хоруғ – Мурғоб, сохтмони роҳи автомобилгарди Хоруғ –Роштқалъа – Туқузбулоқ идома ёфта, сохтмони роҳи автомобилгарди шифохонаи Гармчашма ва Жак – Равноби ноҳияи Дарвоз анҷом ёфтанд.

Хулоса, дар зарфи 20 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадахшон аз бумбаси коммунатсионӣ баровარда

шуда, роҳи автомобилгарди Душанбе – Кулоб – Дарвоз – Хоруғ тамоми фаслҳои сол кушодааст. Агар дар солҳои аввал мошинҳоро трактор кашонда, аз ағба мегузаронд ва харсангҳои Девдара ба ҳаракати нақлиёт халал мерасонданд, ҳоло аз он ағба нишон намондааст. Сохтмончиёни боиродаи роҳ Девдараи саркашро ба Гулдара табдил додаанд.



*Дар сохтмони роҳи автомобилгарди ағбаи Қулма. Муовини аввали сардори «Бадахшонроҳ» Хушназар Абдурамонов (қатори дуюм нафари сеюм).*

## КИШОВАРЗӢ

Соҳаи кишоварзӣ дар тамоми ҷумҳурӣ, аз ҷумла, дар ВМКБ, яке аз соҳаҳои афзалиятнок буда, доимо дар мадди назари роҳбарияти давлат қарор дорад. Бесабаб нест, ки қариб дар тамоми маърӯзаҳо, баромаду вохӯриҳои Президенти мамлакат вазъи ин самти хоҷагии халқ чун яке аз масъалаҳои марказӣ мавриди таҳлил қарор ёфта, дурнамои

рушди он аз омилҳои муҳими ҳалли масоили иҷтимоӣ таъкид шуда, барои ҳалли он чораҳои мушаххас пешниҳод мегардад. Ин дар ҳолатест, ки барномаи асосноки илмии ин соҳа ҳанӯз дар солҳои пуртахлукаи ҷанги шаҳрвандӣ тарҳрезию расман тасдиқ гардидаю дар маркази амали роҳбарияти соҳавӣ ва хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ қарор дорад. Вале муносибатҳои иқтисоди бозоргонӣ батадриҷ дигар намудану бо талаби бозор мутобиқу мувофиқ намудани тарзу усули коркард, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии заминро, талаб мекунад.

Маҳз амали ҳамин чорабиниҳост, ки солҳои охир ҳосилнокии меҳнат ва сатҳи зиндагии кишоварзон, дар муқоиса бо солҳои азнавбарқароркунии баъди ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Вале ин ҳанӯз нишондиҳандаи ҳалли масъала набуда, вобаста ба воқеияти замон талабу тадбирҳои нав пеш меоянд. Ба замми ин ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ то кунун бо сабабҳои мухталиф талаботи бозори дохилиро қонеъ карда наметавонад. Ин дар ВМКБ бараъло ба назар мерасад.

Мурочиатномаи Президенти кишвар ба мардуми Тоҷикистон, хосатан ба соҳибкорон, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонию ҳар як сокини Тоҷикистон дар хусуси холӣ намондани ягон ваҷаб замин корам ва дар заминҳои обию ҷойҳое, ки ба ин имкон медиҳад, руёнидани ду ҳосил, аз тарафи ҷомеа, чун даъвати дилсӯзона ва ниҳоят муфиду ба воқеияти замон ҷавобгӯ, бо рӯҳбаландии том пазируфта шуд.

Қайд кардан зарур аст, ки Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, дар муқоиса бо дигар манотиқи ҷумҳурӣ камтар замин дошта, шароити иқлимии он низ барои пешбурди соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ мусоидат намекунад. Вале ин ҳаргиз маънои фосила ҷустан аз масъулияти самаранок истифода бурдани замин ва баланд бардоштани ҳосилнокии онро надошта, фақат заҳмати бештареро талаб мекунад. Маҳз ҳамин ҳисси масъулиятшиносӣ боис шудааст, ки со-



кинони меҳнаткарини вилоят ба парвариши галла, картошка, сабзавот ва бо гайра аҳамияти ҷиддӣ дода, ба натиҷаи дилхоҳ соҳиб мешаванд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2002 таҳти №385 «Дар бораи таҷдиди сохтори корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ дар давраи солҳои 2002-2005» дар заминаи хоҷагиҳои коллективию давлатӣ (колхозу совхозҳо) шаклҳои нави хоҷагидорӣ – хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил карда шуданд. Дар ин давра дар ҳудуди вилоят 131 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият доранд, ки майдони замини киштбоби дар ихтиёрашон қарордошта, 9458 гектарро ташкил мекунад.

Пӯшида нест, ки барои таъмини амнияти озуқавории мамлакат, аз ҷумла, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои ниҳоят судманду амалӣ андешида шудаанд.

Дар се соли охир бо кӯмаку дастгирии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 366 тонна тухмии хушсифати картошка, 150 тонна тухмии навъҳои гуногуни галладонагиҳо дастраси кишоварзон гардида, дар ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ боғҳои нав бунёд шудаанд.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Шугнон хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ барои кишти зироатҳои галладона ва парвариши картошка ташкил карда шуда, фаъолияти чашмрас доранд.

Яке аз роҳҳои анъанавии зиёд намудани маҳсулоти



кишоварзӣ, ҳар чи бештар васеъ намудани майдони кишт аз ҳисоби заминҳои бекорхобида мебошад. Дар ин самт дастовардҳо кам нест. Аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва соҳилмустаҳкамкунӣ васеъ намудани майдони кишт, муттасил идома меёбад. Дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ барои ҳосилхез гардондани заминҳо, таъмиру тармими каналҳои мавриди истифода қарор дошта, сохтмони дигар иншоотҳои обёрикунанда, корҳои зиёде анҷом дода шудаанд.

Танҳо дар ду соли охир дар ноҳияи Ванҷ 120 гектар ва дар ноҳияи Ишкошим – 100 гектар заминҳои обӣ барои кишт тайёру ба истифода дода шудаанд. Тибқи барномаи дар асоси супориши Роҳбари давлат таҳияшуда, дар чор соли оянда, дар қаламрави вилоят соле аз 250 то 300 гектар заминҳои навкорам мавриди истифодаю ҳосилгирӣ қарор қарор хоҳанд ёфт.

Ислоҳоти ниҳоят асосноки соҳаи кишоварзӣ имкон дод, ки нишондиҳандаҳои соли 2009 нисбат ба соли 1990 дар истеҳсоли галладона – 12526 тонна, картошка – 37815 тонна, сабзавот – 13771 тонна бештар гардад. Маҳсулоти чорводорӣ, аз ҷумла: гӯшт –2675 тонна, шир –12229 тонна, тухм –4967 ҳазор дона, шумори ҳайвони шохдори калон – 61981 сар, (аз ҷумла модагов 27172 сар), бузу гӯсфанд – 141815, парранда – 114962 сар зиёд шуд.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 6 апрели соли 2007, № 194 «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи богу токпарварӣ, тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур, парвариши дарахтони мевадиҳанда ва ҳамешасабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2007-2010» ба асос гирифта, аз соли 2007 то ин ҷониб дар ВМКБ дар майдони 165.6 гектар богҳои нав бунёд ва 60 гектар богҳои кӯҳна аз нав барқарор карда шуданд.

Соли 2008 барои тараққӣ додани соҳаи богпарварӣ дар вилоят бо кӯмаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1400 адад ниҳолҳои себи Хитоию гелоси Ҷопонӣ харидорӣ ва ба хоҷагиҳои ноҳияи Ванҷ тақсим карда шуд. Ин ниҳолҳои дар қитъаҳои замини муфовиқ шинонда, алҳол нашъунамои хуб доранд.

Барои бо кӯчати ниҳоли мевадор таъмин намудани хоҷагиҳои вилоят дар майдони 3.7 гектар майдони ниҳолхонаҳо ташкил карда шуда, ҳар сол зиёда аз 12 ҳазор навниҳол ё кӯчати дарахтони мевадор ва ороишӣ ба деҳқонон ба фурӯш бароварда мешавад.

Ҷумҳурии мо аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ имрӯз бештар дар пояи аграрӣ қарор дорад. Аз ин лиҳоз замин арзишмандтарин боигарии миллӣ буда, ҳифзи ҳар ваҷаби онро таъмин намудан, оқилона, пурра ва самаранок истифода бурдан, вазифаи ҳар фарди меҳанпараст ҳисоб меёбад.

Бо ташаббуси Президент Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди комплекси агросаноатӣ, аз бӯҳрони амиқи иқтисодӣ баровардани он ва дар ин замина паст намудани сатҳи камбизоатии мардуми кишвар, чорабиниҳои зиёде гузаронида шудааст. Дар ин самт пеш аз ҳама талаботи замону муносибатҳои бозоргонӣ ҷиддан дар маказӣ барномаи рушд қарор дошта, барои ба он мутобиқ сохтани истифодабарии замин як қатор тадбирҳои воқеан асоснок андешида шудаанд. Роҳбарияти вилоят аз пайи марҳила ба марҳила татбиқи амалӣ ёфтани онҳост.

Дар асоси Фармони Президент аз 9 сентябри соли 1995 №342 «Дар бораи ҷудо намудани 50 ҳазор гектар замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷудо намудани қитъаҳои замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шахсии шаҳрвандон» аз 22 ноябри соли 1995, дар ВМКБ барои

хоҷагиҳои ба ин эҳтиёҷ дошта, 1670 гектар замин ҷудо гардид. Аз он 1620 гектар замини обӣ ва 50 гектарашро замини лалмӣ ташкил медиҳад, ки тақсимоташ дар ноҳияҳо ин тавр сурат гирифтааст: ба ноҳияи Дарвоз – 250 гектар (обӣ – 200 ва лалмӣ – 50 гектар), Ванҷ – 200 гектар, Рӯшон –200, Шугнон – 259, Рошткалъа –120, Ишкошим –241 ва Мургоб – 400 гектар[1].

Бо мақсади ба талаби замон мувофиқ намудани сохтори хоҷагидорӣ ва истифодабарии самарабахши он тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ дар дар ВМКБ аз 26 октябри соли 1996 Кумитаи заминсозӣ таъсис дода шуд. Кумита дар давоми фаъолияти худ 61 адад собиқ хоҷагиҳои коллективӣ (колхозӣ) ва давлатиро (совхоз) муттаҳид намуда, дар пойгоҳи (баъзаи) онҳо 199 хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил дод. Хоҷагиҳои бо сертификати (шаҳодатнома) ҳуқуқи истифодаи замин таъмин гардида, ба 19318 саҳмдорон шаҳодатномаи замин дода шуд. Инчунин ба идораву муассисаҳо, шахсони ҳуқуқиву воқеӣ оид ба ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони ҳар гуна иншоотҳо зиёда аз 1526 иҷозатнома ё шаҳодатнома дода шуда шудааст.

1 декабри соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 874 «Дар бораи ҷудо кардани 25 ҳазор гектар замин барои хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон» ба имзо расид, ки дар асоси он 18 феврали соли 1998 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида ба Кумитаи захираҳои замин ва заминсозии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид. Дар асоси он роҳбарияти ВМКБ барои хоҷагиҳои ёрирасон дар ҳаҷми 950 гектар замин ҷудо кард. Аз ин майдони умумӣ, 900 гектарро замини обӣ ва 50 гектарро замини лалмӣ ташкил медиҳад, ки он дар байни ноҳияҳо чунин тақсим шудааст: ба ноҳияи Дарвоз –150 гектар (100 гектар обӣ ва 50 лалмӣ), Ванҷ – 100, Рушон – 100, Шугнон –150, Рошткалъа – 100,

[1] Маҷмӯаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин. – Душанбе: Сарпараст, 2004.-520с.

Ишкошим – 150 гектар ва барои Мургоб – 200 гектар рост омад[1].

Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Оид ба амал баровардани ҳуқуқи истифодаи замин» аз 22 июни соли 1998, таҳти рақами 1021 барои ба расмият даровардани 22451 қитъаи замини наздиҳавлигӣ, 6200 заминҳои ёрирасони шахсӣ, ба 2232 қитъаи замин барои ҳаргуна сохтмонҳо ва хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳуҷҷати расмии (парванда) танзими замин тартиб дода, 23369 адад шаҳодатномаи (сертификат) ҳуқуқи истифодаи замин дода шудаанд.

Солҳои 2000-2010 бо дастгирӣ ва маблаггузории Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои баҳисобгирии давлатии миқдори замин дар марзи маъмурии ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шугнон, Роштқалъа, Ишкошим ва шаҳри Хоруг ба анҷом расонида шуд.

Бо мақсади амалӣ гардонидани талаботи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 апрели соли 2007 таҳти рақами 194, «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ, тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур, парвариши дарахтони мевадиҳанда ва ҳамешасабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» дар ВМКБ аз соли 2007 то кунун дар майдони 165.6 гектар богҳои нав бунёд ва 60 гектар богҳои кӯҳна барқарор шудаанд.

Баҳри иҷрои нақшаю чорабиниҳо «Оид ба омода намудани иншоотҳои обёрикунанда, пурра ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои корам, бунёди богҳои нав, барқароркунии боғҳои кӯҳна ва кабудизоркунӣ» раиси кумитаи заминсозӣ, сардорони раёсати ҳифзи муҳити зист, раёсати кишоварзӣ, хоҷагии мелиоратсия ва захираҳои оби вилоят ба ноҳияҳо сафарбар карда шуданд. Ин масъулин бо

---

[1] Маҷмӯаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба замин. – Душанбе: Сарпараст, 2004.-С. 169-176.

тамоми кормандони соҳаи агросаноатӣ, доир ба истифодаи оқилона ва азхудкунии заминҳо, бунёди боғҳои нав ва барқароркунии богҳои кӯҳна, аз таъмир баровардани иншоотҳои обёрикунанда суҳбат гузаронида, ба идораҳои дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас пешниҳод намуданд. Чунин тарзи корбарию назорат сабаби ба даст омадани як қатор муваффақиятҳо дар фаъолияти кумитаҳои заминсозии вилоят, ноҳияҳо ва шаҳри Хоруғ гардид.

Роҳбарияти ВМКБ барои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2000 таҳти рақами 335 «Дар бораи ҳифз ва самараноку оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ» чорабиниҳои зарурӣ андешидаю татбиқи амалӣ ёфтанд. Аз мундариҷаи ҳисоботи тамоми дараҷаҳои (категория) истифодабарандаи замин бармеояд, ки дар майдони 12439 гектар кишти зироат гузаронида шудааст. Ин нисбат ба заминҳои дар мувозина (қайди кишт) буда, 348 гектар зиёд мебошад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Дарвоз – 244 гектар, Ванҷ –58, Рушон 31, Роштқалъа – 14 гектар ва дар шаҳри Хоруғ – 1 гектар зиёд кишт шудааст, ки он аз ҳисоби заминҳои партов (21 гектар), заминҳои захираи давлатӣ (93 гектар), чарогоҳ (203 гектар) ва гайра мебошад.

Аз сабаби номусоидии иқлим соли 2010 дар вилоят дар майдони 267 гектар кишти такрорӣ гузаронида шуд, ки аз он ба ноҳияи Дарвоз – 94 гектар ва Ванҷ – 173 гектар рост меояд.

Мавриди қайд аст, ки моҳи августи соли 2010 аз сабаби гармии ҳаво оби дарёҳо баланд шуда ба хоҷагии қишлоқ зарари калон ворид намуд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Дарвоз 3 хонаи истиқоматӣ ва 0.75 гектар замини корам, Ванҷ – 24.7 гектар замин, дар водии Бартанги ноҳияи Рӯшон 37 хонаи истиқомат (15 хона пурра ва 22 қисман хароб гардиданд), Шугнон 154.5 гектар, Рошқалъа 9 хона ва 69 гектар замин, Ишкошим – 270 гектар замин ва 8 хонаи истиқоматӣ, Мургоб – 221 хонаи истиқоматӣ, дар шаҳри Хоруғ 10 хона ва 1.8 гектар бог зарар диданд.

Албатта, на ҳамаи чорабиниҳои расмӣ аз руи нақшаи мушаххас ва бо риояи пурраи қонуни қарорҳои сатҳи баланди давлатӣ чараён мегирифт. Соли 2010 аз тарафи мақомоти заминсозии ноҳияҳо, шаҳри Хоруг ва вилоят 209 адад қонуншикании замин дар майдони 1323 гектар ошкор карда шуд. Аз чумла 209 адад таъиднома дар майдони 1323 гектар дода шуда, аз болои 152 ҳодисаи қонуншиканӣ оид ба замин протокол тартиб дода шуда, нисбати 87 қонуншикан мақомоти заминсоз қарор қабул намуда, аз гуноҳ содиркардагон ба маблаги 26075 сомонӣ чарима ситонда шуд. Аз маблақи ба даст омада, 6710 сомонӣ ба суратҳисоби кумитаи замин дохил гардид. Дар рафти санчиш аз тарафи мақомоти заминсозӣ қонуншиканиҳои зиёд бартараф карда шуданд.

Замин чун моликияти давлатӣ ҳамеша зери назорати мақомоти заминсозии вилоят қарор дорад. Мақомот дар давраи фаъолияти худ аз соли 1997 то соли 2010 зиёда аз 1445 қонуншикании заминро ошкор намуда, барои санчиш ба прократураи ноҳияҳо ва шаҳри Хоруг – 292, ба судҳо – 110 ва ба шуъбаи корҳои дохилӣ 55 ҳуччату маводҳои зарурӣ омода намудааст. Дар натича, 921 адад қонуншиканиҳои мақомоти заминсозии вилояту ноҳияҳо дар вақти санчиш бартараф шуданд.

Вазъи кунунии майдони умумии замини кишти ВМКБ ва тақсимоти онро дар ҳолати ибтидои соли чорӣ (1 январи 2011) чадвали зер возеҳан муайян мекунад.

**Маълумот дар бораи микдори заминҳо то 1 январи 2011**

| Намуди заминҳо | Дар ҳолати 01.01.2010 | Дар ҳолати 01.01.2011 |
|---|---|---|
| Майдони умумӣ | 6407529 | 6407529 |
| Аз чумла обӣ | 18103 | 18120 |
| Замини корам-ҳамагӣ | 8926 | 8904 |

| | | |
|---|---|---|
| Аз ҷумла обӣ | 8260 | 8227 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 1573 | 1577 |
| Аз ҷумла обӣ | 1561 | 1562 |
| Боир (партов) – ҳамагӣ | 291 | 229 |
| Аз ҷумла обӣ | 240 | 178 |
| Алафзор-ҳамагӣ | 9354 | 9402 |
| Аз ҷумла обӣ | 1046 | 1050 |
| Чарогоҳ – ҳамагӣ | 771335 | 771335 |
| Аз ҷумла обӣ | 2334 | 2334 |
| Ҷамъ заминҳои кишоварзӣ ҳамагӣ | 771335 | 771331 |
| Аз ҷумла обӣ | 13898 | 13887 |
| Заминҳои наздиҳавлигӣ | 4202 | 4240 |
| Аз он замини корам | 1954 | 1988 |
| Аз ҷумла обӣ | 1745 | 1766 |
| Заминҳои хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ | 507 | 507 |
| Аз ҷумла обӣ | 370 | 370 |
| Ҷангалу бешазор | 14617 | 14617 |
| Аз ҷумла обӣ | 1130 | 1130 |
| Буттазор | 67467 | 67467 |
| Ботлоқ | 360 | 360 |
| Заминҳои зери об | 19608 | 19608 |
| Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар | 8907 | 8908 |
| Заминҳои зери иморату иншоотҳо | 3191 | 3197 |
| Дигар заминҳо | 5517335 | 5517294 |

Аз рақамҳои дар ҷадвал омада, тартибдиҳандаи он раиси Кумитаи заминсозии ВМКБ, М. Додихудоев хулосае пешниҳод мекунад, ки «масоҳати умумии заминҳои вилоят 6407529 гектар буда, дар он ҷо 219930 нафар зиндагӣ мекунанд, ки ба ҳар як сокини он 29.13 гектар замин рост меояд. Аз ҷумла замини боғ (18120 гектар) ба ҳар як одам 0.08 гек-

тар ва замини корами обӣ (10363 гектар) ба як нафар 0.04 гектар рост меояд.

Чорабиниҳои дар боло ишора шуда, ба ҷой доштани баъзе нуқсонҳои ҷиддӣ нигоҳ накарда, дар маҷмӯъ барои болоравии ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ замини қавӣ гузоштанд. Ин дар дастовардҳои соли 2010 бараъло мушоҳида гардид. Аз маълумоти раиси вилоят Қодири Қосим бармеояд, ки ҳамин сол дар майдони 63.5 гектар боғҳои нав бунёд гардида, 30 гектар богҳои кӯҳна ва 139.5 ҷангалзор аз нав барқарор карда шуданд. Соли 2010-ум бо сарфи 1 230 ҳазор сомонӣ 232 гектар замин аз худ карда шуд. Барои беҳдошти ҳолати мелиоративӣ замин аз буҷети маҳаллӣ 400 ҳазор сомонӣ сарф гардид. Дар ҳамаи намудҳои (категорияҳо) хоҷагидории вилоят 16 263 тонна галла, 48 775 тонна картошка, 18 346 тонна сабзавот, 15 304 тонна мева истеҳсол карда шуд[1].

Доир ба **рушди соҳаи чорводорӣ** аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои соҳавӣ ба тасвиб расида, айни замон амалӣ мегарданд.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-ноябри соли 2007 №542 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи қутоспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» бо мақсади харидори намудани қутосҳои хушзот ҳар сол барои хоҷагиҳои қутоспарвар маблаги муайян ҷудо карда мешавад. Тибқи нақшаи васеъ намудани муҳити паҳншавии қутосҳо дар дигар манотиқи кӯҳистони ҷумҳурӣ, соли 2008 ба хоҷагиҳои фермерии ноҳияҳои Айнӣ, Ховалинг, Мастчоҳ, Балҷувон ва Шугнон 120 сар, соли 2009 ба хоҷагиҳои фермерии ноҳияҳои Ҷиргатол –70, Ишкошим – 10 сар, соли 2010 ба ҳамин хоҷагиҳои ноҳияҳои Шугнон – 15 Роштқалъа – 15, Мастчоҳи кӯҳӣ –20, Ҷиргатол – 70 сар ҷавонаҳои қутосҳои зотӣ аз хоҷагии фермерии зотпарварии «Булункӯл»-и ноҳияи Мургоб харидорӣ ва тақсим карда шуданд.

[1] Бадахшон. – 2011. – 4 март. – С.3.

Бо мақсади таъмин намудани иҷрои «Барномаи рушди соҳаи занбӯрпарварӣ барои солҳои 2006-2010» дар 3 соли охир ба воситаи Корхонаи воҳиди давлатии «Асали Тоҷикистон» барои ВМКБ 240 оилаи занбӯри асал дастрас карда шуд.

Барои рушди соҳаи моҳипарварӣ дар вилоят дар ду соли охир корҳои зиёд ба сомон расонда шуданд. Соли 2008 аз тарафи раёсати ҳифзи муҳити зисти вилоят барои ташкил намудани ҳавзи моҳипарварӣ дар ҷамоати Поршневи ноҳия Шугнон 26 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Бо мақсади рушди соҳаи моҳипарварӣ аз хоҷагиҳои моҳипарварии ҷумҳурӣ 3 ҳазор моҳичаҳои тезинкишофёбанда харидорӣ ва ба ҳавзҳои моҳипарварӣ сар дода шуданд.

Паррандапарварӣ, ки дар нимаи аввали солҳои 90-ум бо сабабҳои маълум дар вилоят қариб ба нестӣ расида буд, дар давраи ба эътидол омадани вазъи сиёсии мамлакат рӯ ба инкишоф овард. Бо мақсади зиёд намудани иқтидори истеҳсолии маҳсулоти парранда, соли 2009-ум сохтмони 2 сехи мургпарварӣ, дар деҳаи Бунӣ (қаблан маркази асосии парандапарварии вилоят ҳисоб ёфта, ба тамом хароб шуда буд) ва 1 сехи дар деҳаи Танги ноҳияи Шугнон огоз гардид. Бо дастгирии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ванҷ сехи инкубатории мурги марҷон мавриди истифода қарор дода шуд.

Барои такмилу ривоҷ додани зоти чорвои шохдори калон дар ноҳияи Шугнон нуқтаи бордоркунии сунъии чорво фаъолият дошта, соли равон дар ноҳияҳои Ванҷу Рӯшон низ нуқтаҳои нав ташкил карда шуданд. Дар нуқтаҳои бордоркунии ноҳияҳои Шугнон – 22, Рӯшон –10 ва Ванҷ 15 сар ҳайвони шохдори калон бордор карда шуданд.

Аз рӯи маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ вилоят, соли 2010 аз рӯи ҳисоботи пешакӣ 338 827 ҳазор сомониро ташкил мекард, ки нисбат ба соли 2009 16 900 ҳазор сомонӣ ё 5.2 фоиз зиёд аст.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои сатҳи ноҳиявӣ ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоисаи бо соли 2009 дар ноҳияи Дарвоз 3.1 фоиз, Шугнон – 5.1, Роштқалъа – 4.1, Ванҷ – 11.1, Рӯшон – 2.4, Мургоб – 1.7, Ишкошим – 2.1 ва шаҳри Хоруг – 3.1 фоиз зиёд истеҳсол шудааст[1].

Соли 2010 дар ҳамаи намудҳои (категорияҳо) хоҷагии вилоят 7 355 гектар зироатҳои галладона ҷамъоварӣ гардид, нишондиҳандаи ҳосилнокии замин аз ҳар гектар ба 22.2 сентнер баробар аст. Ҳосилнокӣ аз микдори умумии гандум (111 800 сентнер) ба 23.1 сентнер расидааст. Аз 2 067 гектар замини картошка, дар маҷмӯъ 487 750 сентнер ҳосил ҷамъоварӣ шудааст, ки ба ҳар гектар 237 сентнерӣ рост меояд. 585 гектар сабзавот 183 460 сентнер ҳосил додааст, ки ҳосилнокии ҳар гектар 315.2 сентнериро ташкил медиҳад. 16 гектар зироати полезӣ 2340 сентнер ҳоси додааст ё аз ҳар гектар 146.3 сентнер. Аз майдони 68 гектар замини кишти загир 940 сентнер ҳосил бардоштаанд, ки аз ҳар гектар 13.8 сентнериро ташкил медиҳад. Ин пешравӣ да соҳаи богдорӣ низ мушоҳида мешавад. Дар маҷмӯъ соли 2010 153 040 сентнер мева истеҳсол шудаст, ки нисбат ба соли 2009 10.1 фоиз зиёд аст[2]. Дар ин радиф бояд қайд кард, ки то ибтидои соли 2011 дар вилоят 63.5 гектар боғҳои нав, аз ҷумла, дар ноҳияҳои Дарвоз – 27 гектар, Ванҷ – 22.5, Рӯшон – 4, Роштқалъа – 3 ва Ишкошим – 3 гектар бунёд шудаанд.

Дар вилоят дар маҷмӯъ 76 адад тракторҳои гуногунтамга мавҷуд аст, ки аз ин шумор, 63 адад коршояму дар ҳизмати кишоварзонанд.

То 1 январи соли 2011 саршумори чорвои калони ҳамаи навъҳои (категория) хоҷагидории вилоят 103 590 сарро ташкил мекард, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта

---

[1] Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон // Бадахшон. – 2011 – 11 феврал. – С.4.

[2] Ҳамон ҷо (Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷимоию уқтисодӣ ВМКБ дар соли 2010).

1 944 ё 1.9 фоиз зиёд аст. Саршумори гӯсфанду буз 313 132 сар ё 2.6 фоиз зиёд ва саршумори мург бошад ба 122 278 сар расонда шуд, ки нисбат ба соли пеш 3,4 фоиз боло рафтааст. Истеҳсоли шир 176 280 сентнерро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2009 3 фоиз зиёд аст. Тухм –5 305 дона ё 4.4 фоиз зиёд шудааст[1].

Бояд қайд кард, ки нишондиҳандаҳои дар боло ишорагашта, ҳанӯз далели ҳалли масоили ин соҳаи муҳими хоҷагии халқи вилоят буда наметавонанд. Онҳо танҳо аз ибтидои суръат гирифтани истеҳсолот гувоҳӣ медиҳанд. Ин худ падидаи умедбахшест, ки аз рушди бемайлони ояндаи он дарак медиҳад. Вале то ҳалли пурраи масъала корҳои зиёдеро анҷом додан лозим меояд.

Таҳлили вазъи мавҷуда хулосаеро пеш меорад, ки барои баланд бардоштани самаранокии самтҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ дар ояндаи наздик ҳадди ақал чунин корҳоро сомон додан лозим меояд :

а) дастгирии давлат дар кори таъмин намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз тухмии хушсифати зироатҳои кишоварзӣ ва ташкил намудани корхонаҳои хурд оид ба коркарди меваю сабзавот ва пашму пӯст;

б) ҷудо намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддати бонкӣ барои рушди соҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва харидани техникаи кишоварзӣ;

в) бо квотаи Президентӣ тайёр намудани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ва берун аз кишвар:

г) ташкил намудани хоҷагии моҳипарварӣ дар мавзеи Пайшанбеободи ҷамоати деҳоти Ванҷи ноҳияи Ванҷ ва Друмкули ноҳияи Шугнон;

д) ташкил намудани сехҳои хурди коркарди мева ва сабзавот дар деҳаҳои Шпад, Деҳ ва Шидзи ноҳияи Рӯшон.

---

[1] Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷимоию уқтисодӣ ВМКБ дар соли 2010.

# СОҲИБКОРӢ ДАР БАДАХШОН

Вобаста ба дигаргунсозиҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии баъди заволи низоми идоравӣ ва муносибатҳои иқтисодии замони Шӯравӣ, яке аз самтҳои муҳиму афзалиятноки муносибатҳои иқтисодии асоси бозорӣ пайдонамуда, соҳибкорӣ ҳисоб меёбад. Табиист, ки он аз мадди назари роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон берун буда наметавонад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят аз тамоми воситаҳои дар ихтиёр дошта, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки барои рушди бемонеаи соҳибкорӣ шароити зарурӣ фароҳам оварад. Бо мақсади амалӣ гардондани талаботи Консепсияи Рушди Соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, Қарори раиси вилоят аз 13 августи соли 2007, таҳти рақами 272 «Дар бораи Барномаи дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2007 – 2015» қабул гардид, ки тибқи талаботи он нақша – чорабиниҳои мушаххас тарҳрезию роҳандозӣ шудааст. Аз ҷумла, раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят вазифадор карда шуданд, ки бо мақсади пешрафти соҳибкорӣ барномаҳои рушди онро таҳия намуда, барои амалӣ гаштанашон талош кунанд.

Дар асоси қарори номбурда «Барномаи дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ **дар шаҳри Хоруғ** барои солҳои 2007 – 2015» бо қарори раиси шаҳр аз 27 августи соли 2007 зери рақами 477 ба тасвиб расид, ки дар маркази он мусоидат намудан ба рушди иқтисодии иҷтимоӣ сокинони шаҳри Хоруғ то давраи соли 2015 қарор дорад.

Таҳлили фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар соли 2009 нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар шаҳр ба андозаи 7.2 % нисбат ба соли 2008 зиёд шуда, арзиши умумии он 6964,9 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Пешравӣ дар муомилоти мол низ ба назар мерасад. Дар ин муддат нишондиҳандаи афзоиши ин самт ба ҳадди 11.6 % ё



Табиати биҳиштосои Бадахшон



Манзараи деҳоти кӯҳистон



Ёдгорс аз асри куҳан



Ҳунармандии ачдодӣ



Аз оби соф баландтар неъмате нест





Пиряхҳо – тавлидгари оби мусаффо



Сарез – калонтарин захираи оби нӯшокӣ дар минтақа



Бо садои доира оғози базму ҷашни мост!





Донишҷӯён идомадиҳандаи ободкориҳои кишваранд






Хобгоҳ – тӯҳфаи беҳтарин ба донишҷӯён





Лаҳзаи ниҳоят гуворою хотирмон
барои устодону шогирдон





Дуои хайр бар навхонадорон (2010)



Вохӯрии Сарвари давлат бо собиқадорони санъат (2010)



Шаҳри Хоруғ, дар миёни кӯҳсорон зеби дунё гаштаӣ!





Намуди умумии НОБ-и ш.Хоруғ



Толори идоракунии техникии НОБ-и ш.Хоруғ



Марҳабо, ба меҳмонхонаи «Гармчашма»!





Боз кард дарҳои худро бар ҷавонон кохи нав



Чойхона – ҷои сӯҳбатҳои гарм




Кумитаи радио ва телевизиони ВМКБ



Театри вилоятии ба номи М.Назарови ш.Хоруғ



Сарвазири ҷумҳурӣ Окил Окилов бо Раиси ВМКБ
Қодири Қосим дар майдони варзиш (2010)



Рӯзҳои фарҳанги Бадахшон дар  ш.Душанбе (2011)



Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Фаронса Жак Ширак бо иштирокчиёни Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар ЮНЕСКО (Д.Холов, С.Давлатшоева, А.Абдурашидов, А.Ҳаловатов, соли 2005)



Истикболи меҳмонон дар фурудгоҳ



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Пешвои исмоилиёни ҷаҳон Шоҳ Карим ал-Ҳусайнӣ ҳангоми имзои Шартнома дар бораи таъсиси Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (Душанбе, 2000)



Гузоштани хишти аввал дар бинои Донишгоҳи Осиёи Марказӣ


Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Оғохони IV
ҳангоми кушодани пули Рузвай (Дарвоз)
миёни Тоҷикистону Афғонистон. (2004)


Ҷудо будем мо даҳсолаҳо, охир бипайвастем



Пули пайвандгари ду соҳили дарёи Панҷ
дар деҳаи Рузвайи ноҳияи Дарвоз, 2004



Роҳи мошингард : чунин буду чунон шуд





Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми кушодани қитъаи Шкев-Зиғар ва Шоҳон-Зиғари шоҳроҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб (2005)





Пули панҷуми миёни Тоҷикистону Афғонистон дар мавзеи
Хумроғии ноҳияи Ванҷ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт (2011)





Гулдухтарони Мурғоб



Санъати ман – рамзи меҳри Меҳан аст



Такмили созҳои халқӣ



Риштаи дастам бубин – чун роҳи иқболи ман аст

дар ҳаҷми 17 092.2 ҳазор сомонӣ расидааст. Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 6 976.1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо соли 2008 18.9 % зиёд зиёд шудааст.

Аз рӯи маълумоти расмӣ истеҳсоли маҳсулоти умумии корхонаҳо соли 2008 ба 6 160.7 ҳазор сомонӣ баробар бошад, соли 2009 ба 9 638.6 ҳазор сомонӣ афзудаст. Айни ҳол дар шаҳри Хоруғ 18 адад ҳаммом, 6 сартарошхона, 7 нуқтаи аксбардорӣ, 5 нуқтаи таъмири пойафзол, 3 адад сехи либосдӯзӣ, 3 сехи дуредгарӣ, 2 сехи оҳангарӣ ва 2 нуқтаи таъмири асбобҳои техникӣ фаъолият дошта, ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Дар маҳаллаҳои Тем, заводи нон ва Носири Хусрав ҳаммомҳо бо тамоми шароиташон фаъолият доранд.

Имрӯз дар ҳудуди шаҳри Хоруғ 11 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 39 ошхонаю қаҳвахона фаъолият дошта, ба мизоҷони маҳаллӣ ва меҳмонон хизмат мерасонанд. Доир ба иҷрои супориши Сардори давлат Эмомалӣ Раҳмон оид ба дар маркази шаҳру ноҳияҳо ташкил намудани мағозаҳои фурӯши китоб, мақомоти маҳаллии шаҳри Хоруғ корҳои назаррас анҷом додааст. Айни замон дар шаҳр 5 мағозаи фурӯши китобҳои сиёсӣ, адабию бадеӣ, дарсӣ ва матбуоти даврию ашёҳои хатнависӣ фаъолият доранд. Қисми зиёди ин корҳоро соҳибкорони инфиродӣ пеш мебаранд.

Аз байни соҳибкорони инфиродӣ 185 нафар занон бо иҷозатномаи расмӣ (патент) ва 55 нафар занон бо шаҳодатнома фаъолият мекунанд.

**Фаълоияти соҳибкорӣ дар ноҳияи Шуғнон** дар асоси талаботи муаяншудаи расмӣ сурат гирифтааст. Айни ҳол дар ноҳия 154 мағозаи тиҷоратӣ, 13 ошхона, 2 тарабхона, 3 меҳмонхона, 5 фароғатгоҳ, 19 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 24 ҳаммом, 3 сартарошхона, 7 адад сехи либосдӯзӣ, 10 сехи дуредгарӣ, 10 сехи оҳангарӣ, 2 нуқтаи таъмири автомашинаҳо ва ғайра хизмати аҳолиро ба ҷо меоранд.

«Амонатбонк»-и ноҳия ба 221 нафар шаҳрвандон ба маблағи 1 275.8 ҳазор сомонӣ қарзи кӯтоҳмуддат додааст,ки

аз он 285.3 ҳазор сомонӣ ба хоҷагиҳи деҳот (қишлоқ) рост меояд. Барои равнақи фаъолияти соҳибкорӣ аз тарафи Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолии ноҳия ба 82 нафар шаҳрвандон ба маблағи 136 ҳазор сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шуд. Бо дастгирии «Амонатбонк»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи қарзи дарозмӯҳлат ба маблағи 76 ҳазор доллари америкоӣ ва аз тарафи Бонки молиявии ВМКБ қарз дода шуд. Аз ҷумла, ба Саидошӯров Ёралӣ барои сохтмони ферами мурғпарварӣ 56 ҳазор доллари америкоӣ қарз дода шуд ва ӯ дар деҳаи Танғи деҳоти Сучон барои 30 ҳазор сар мурғ фермаро бунёд намуд. Инчунин корҳои азнавсозӣ ва барқароркунии фабрикаи мурғпарварии деҳаи Бунҷ аз тарафи соҳибкор Чиниев Қадамшо дар асоси қарзҳои бонк барои 35 ҳазор мурғ идома доранд.

Оид ба рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007 № 542 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди соҳаи қутоспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015» 10 Барномаи рушди қутоспарварӣ барои сармоягузорӣ ба бонкҳои молиявӣ пешниҳод карда шуданд. Дар ноҳия 32 фермерони фардӣ фаъолият намуда, дар чарогоҳҳои дурдаст аз 50 то 550 сар моли майда ва аз 25 то 250 сар қутос парвариш менамоянд.

Қарори раиси ВМКБ аз 31 марти соли 2006 (№ 65) «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ, тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур ва парвариши ниҳолҳои мевадиҳанда ва ҳамешасабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» дар маркази диққат қарор дода шуд. Соли равон бо ташаббуси соҳибкор М. Мамаднаимов дар деҳаи Нишуспи деҳоти Дармарахт дар майдони 2 гектар боғи нав бунёд гардид. Аз тарафи соҳибкори инфиродӣ Г. Худоёрбеков боғи зардолузори мавзеи Барчадеви деҳоти Дармарахт дар майдони 2.5 гектар аз нав барқарор шуд.

Таввассути маблағгузории мақомоти иҷроияи маҳаллии ВМКБ ба маблағ и 28 ҳазор сомонӣ барои сохтмони ду

гармхона дар шафати обҳои гарми терменалии Ҷелондӣ аз соли 2008 бино ёфта, барои кишти сабзавоти барвақтӣ қаламчаи гул омодагӣ доранд.

Дар ноҳия ассотсиатсияи асалпарварон таъсис дода шудааст, ки айни ҳол 22 нафар аъзо дорад. Онҳо аз 422 оила оилаи занбӯри асал 12 ҳазор кг. асалро истеҳсол намудаанд. Соҳибкор Зиёбеков З. 105 оилаи занбӯри асал парвариш намуда, 310 кг асали хушсифат истеҳсол карда, ва дар озмуни асалпарварони ҷумҳуриявӣ ҷои намоёнро ишғол намуд.

Соли равон дар деҳоти Дармарахт бо соҳибкорон дар мавзӯи «Бо усули олтингӯгирд хушк намудани зардолу» семинар гузаронида шуд, ки дар он соҳибкорони чанд манотиқ ширкат доштанд. Инчунин соҳибкорони шугнонӣ дар семинари ноҳияи Тавилдара доир ба равнақи занбӯрпарварӣ ширкат дошта, таҷрибаи муфид бардоштанд.

Беҳтар намудани шароити савдо ба аҳолӣ дар маркази диққати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр қарор дорад. Муомилоти мол дар ҳамаи самтҳо 17 092.2 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса бо соли гузашта 11.7 фоиз бештар афзудааст.

Моҳи августи соли 2009 сохтмони бозори нав дар шаҳр ба маблағи умумии 777.0 ҳазор сомонӣ анҷом ёфта, мавриди истифода қарор гирифт.

**Ноҳияи Рӯшон**. Нақша-чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ноҳияи Рӯшон аз 15 октябри соли 2007 (№ 298), ки дар асоси қарори раиси ВМКБ аз 13 августи соли 2007 (№ 272) таҳия шудааст, кори амалии раёсати ноҳиро дар ин самт муайян мекунад. Тибқи маълумотҳои расмӣ соҳибкорӣ дар солҳои охир дар ноҳия рушд ёфта, аз рӯи самтҳои фаъолияти корхонаҳои хурд, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар давоми се сол мусбӣ арзёбӣ шудааст. Айён аст, ки асоси иқтисодиёти ноҳияро сектори аграрӣ ташкил медиҳад. Соли 2009 ба буҷаи ноҳия аз хоҷагиҳои деҳқонӣ (кишоварзӣ) 119 905 сомонӣ андоз ворид гардид. Мавриди

қайд аст, ки 28.5 % он аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорони ин хоҷагиҳо мебошад.

Корхонаҳои хурд ва ҷамъиятҳои дорои масъулияташ маҳдуд асосан ба корҳои сохтмонӣ машғул буда, ҳаҷми иҷроиши кори онҳо соли 2009 нисбат ба соли 2007 дар ҳаҷми 154 505 сомонӣ ва нисбат ба соли 2008 297 568 сомонӣ зиёдтар буд. Ин фарқият дар ташкили ҷойҳои корӣ низ ба назар мерасад.

Дар муддати се соли охир бо соҳибкорони ноҳия 8 маротиба семинар – машваратҳо гузаронида шуда, роҳҳои дарёфт ва такмили сарчашмаҳои маблаггузорӣ, ташкили корхонаҳои хурд, ҷалб намудани инвестисияҳои хориҷӣ, такмил додани фаъолияти ҷавонзанон дар самти рушди соҳибкорӣ ва гайра мавриди муҳокимаю омӯзиш ҳарор ёфтанд. Дар байни соҳибкорони инфиродии ноҳияи Рушон 104 занон фаъолият доранд.

**Соҳибкорӣ дар ноҳияи Дарвоз** мисли дигар ноҳияҳои ВМКБ дар маркази диққати роҳбарият буда, барои рушди он чорабиниҳои зиёде гузаронида шудааст. Барои баланд бардоштани дониши назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ, мақомоти игҷоияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия дар ҳамоҳангӣ бо Барномаи ҷонибдории инкишофи манотиқи Кӯҳистон (Хазинаи Огохони ноҳияи Дарвоз) ва Ассотсиатсияи соҳибкорону фермерҳои ВМКБ дар маркази ноҳия борҳо семинарҳои бозомӯзӣ гузаронидааст.

Соли 2009 дар асоси қарори раиси ноҳия ва пешниҳоди кумитаи замин ба 12 нафар соҳибкорон барои сохтмони маркази савдо, ошхона ва нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, 12 гектар замин аз ҳисоби чарогоҳҳои мавзеи Сафедорон, Рубот ва Зев ҷудо карда шуд. Ҳамзамон дар бозори назди сарҳадии деҳаи Рузвай аз тарафи Барномаи ҷонибдории инкишофи манотиқи Кӯҳистон (Хазинаи Огохони ноҳияи Дарвоз) маркази омӯзиши соҳибкорӣ ба маблаги 51 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Соли 2009 аз тарафи соҳибкорони дар маркази ноҳия 1 бинои ду ошёнаи маркази савдо сохта, мавриди истифода қарор ёфт. Дар ҷамоатҳои деҳот сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, дар маркази ноҳия 4 бинои ду ошёнаи маркази савдо, 1 дорухона ва хонаи истиқоматӣ идома доранд.

Баҳри рушди соҳибкорӣ дар соли 2009 аз тарафи бонкҳои дар ноҳия амалкунанда ба 972 нафар мизоҷон дар ҳаҷми умумии 5 миллиону 577 ҳазору 100 сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат дода шудааст.

Алҳол дар ноҳия аз ҳисоби соҳибкорон 89 дӯкони тиҷоратӣ, 10 нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, 16 ошхона, 2 бозор, 5 ҳаммом, 3 сартарошхона, 3 нуқтаи таъмири пойафзол, 1 нуқтаи таъмири радио ва телевизион, 2 нуқтаи суратгирӣ, 1 сехи дӯзандагӣ, марказҳои рушди соҳибкорӣ ва омӯзиши соҳибкорон дар хизмати мизоҷон қарор доранд. Соҳибкорон 90 фоизи таъминоти моли ниёзи мардум ва хизматрасони аҳолиро ба ӯҳда доранд.

Муомилоти мол дар ноҳия ба 1 миллиону 837.5 ҳазор сомонӣ расида, ки дар он ҳиссаи соҳибкорон ва фаъолияти савдоии бозорҳо ба 1 миллиону 655 ҳазор сомонӣ (90 фоиз) баробар аст.

Маркази омӯзиши соҳибкорони ноҳия ба ҷалби ҳунармандон ва ташкили омӯзиши касбҳои гуногун мусоидат менамояд. Ба кори ин марказ бештар духтарон барои аз худ намудани касбҳои бароящон иштиёқманд ҷалб мешаванд. Имрӯз бо дастгирии ин марказ сехҳои таъмири телевизору радио, автомашина, истеҳсоли маҳсулоти қаннодию либосдӯзӣ, таъмири пойафзолу суратгирӣ фаъолият доранд. Бо ташаббусу кӯмаки бевоситаи марказ барои рушди соҳаи чорводорӣ 12 000 сомонӣ, занбӯрпарварӣ–10 700 сомонӣ, ташкили кошонаи ҳусн – 2165 сомонӣ, суратгирӣ – 20 350 сомонӣ ва сохтмони меҳмонхона – 10 000 сомонӣ сарф гардида, дар деҳаҳои Жак – фермаи чорводорӣ, Ёгед – занбӯрпарварӣ, Сангевни ҷамоати Нулванд – меҳмонхона ташкилу ба истифода дода шуд, зиёда аз 20 нафар духтарон касби дӯзандагиро омӯхтанд.

Бо ҷалби сармояи ташкилотҳои ғайридавлатӣ соли 2007 дар ноҳия 6 намуди барномаи рушди соҳаи растанипарварӣ, 1 барномаи чорводорӣ, 2 барномаи занбурпарварӣ, барномаҳои таъмири пойафзолу ташкили меҳмонхона, коркарди чӯб ва меваю сабзавот, кошонаи ҳусну нуқтаи суратгирӣ ба маблағи умумӣ 103 ҳазору 781 сомонӣ амалӣ карда шуда, ба ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат намуданд.

Солҳои 2007-2008 дар ноҳия 2 идораи сохтмонӣ, як терминал, як корхонаи хизматрасонии байторӣ, ташкилоти хурди қарздиҳии «Рушди Дарвоз» ташкил карда шудаанд. Дар деҳаи Дробак сехи истеҳсоли обҳои нӯшокии ғазнок ва дар деҳаи Умарак сехи истеҳсолу коркарди тахтасангҳои мармарӣ сохтаю мавриди истифода қарор ёфтаанд.

**Дар ноҳияи Роштқалъа** имконияти ҷалби бештари аҳолӣ ба соҳибкорӣ хеле зиёд аст, вале аз он ба таври зарурӣ истифода бурда намешавад. Дар қаламрави ноҳия мардум ба тайёр намудани таомҳо, фурӯши молҳои ниёзи мардум, таъмири хонаҳо, хизматрасонии мусиқавию рақсӣ ва диғар корҳо машғуланд.

Ҳолати қарздиҳии бонкӣ ба соҳибкорон соли 2009 коҳиш ёфт. Дар ин муддат бонкҳои ноҳиявӣ ба соҳибкорон ва шахсони алоҳида 3 182.2 ҳазор сомонӣ қарз доданд, ки ин нисбат ба соли 2008 2 351.4 ҳазор сомонӣ ё 42.5% кам мебошад.

Дар деҳаи Миденшарви ҷамоати деҳоти М. Миршакар духтарони соҳибкор фаъолият доранд. Аз тарафи кумитаи кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ба маблағи 5000 сомонӣ қарзи грантӣ ҷудо карда шуд. Соли 2008 ба соҳибкор аз деҳаи Сежд барои қутоспарварӣ аз тарафи кумитаи номбурда 40 000 сомонӣ қарзи грантӣ дода шуд.

Соли 2009 маҳсулоти саноатӣ дар ноҳия ба маблағи 1 236.6 ҳазор сомонӣ истеҳсол шуд, ки ин нисбат ба соли

2008 бештар буда, 106,6 фоизи онро ташкил додааст. Вале дар ин афзоиш саҳми сехҳои хурди маҳаллӣ ниҳоят кам ба назар мерасид. Гузашта аз он, маҳсулоти истеҳсолкардаи ин сехҳо нисбат ба солҳои пешин кам гардид.

Сехи коркарди шири Ҷавшангоз агар дар соли 2008 ба маблағи 51 674 сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда бошад, соли 2009 фақат ба андозаи 3 414 сомонӣ истеҳсол кард. Сабаби ба ин аҳвол дучор шудани сех аз рӯи хулосаи коршиносон дар ба ҳисоб нагирифтани имкониятҳои истеҳсолӣ ва самаранокии иқтисодии он, бахусус аз набудани ашёи бармеояд. Сехи коркарди санги деҳаи Анҷин низ нисбат ба соли гузашта 2.3 баробар маҳсулот кам истеҳсол намудааст. Сех аз нимаи дуюми моҳи сентябри соли 2009 аз нав ба фаъолият оғоз намуда, дар он 6 нафар кор мекунанд. Шароити корӣ асосан дар фасли зимистон тоқатфарсост, чунки коргарон дар берун кор мекунанд ва ба зами он аз оби гарм, ки барои коркарди санг зарур аст, таъмин карда намешаванд.

Сехи пахтатозакунӣ соли 2009 ба маблағи 26 993 сомонӣ хизмат расонд, ки ин нисбат ба соли 2008 24% зиёд аст. Дар ноҳия ду сехи дӯзандагӣ, яке аз тарафи Вазорати энергетика ва саноат бо 20 дастгоҳи дӯзандагӣ ва дигаре аз тарафи Иттиҳодияи «Тоҷикматлубот» бо 10 мошинаи дӯзандагӣ соли 2008 ташкил карда шуданд. Дар муддати зиёда аз як сол сехи дӯзандагии Вазорати энергетика ва саноат 7 намуд маҳсулот ба маблағи 2 520 сомонӣ тайёр намуд, ки мутаассифона, аз сабаби паст будани сифат ба фурӯш намераванд. Сехи дӯзандагии ҷамъияти матлубот бошад, дар ин муддат маҳсулоти гуногун дар ҳаҷми 16840 сомонӣ истеҳсол намуд, ки аз он фақат 4 720 сомонӣ ба фурӯш рафту халос. Сабаби он ҳам дар паст будани маҳсулот ва бозорногузарии он мебошад.

Дар деҳаи Тусён сехи коркарди маҳсулоти мевагӣ, бо иқтидори 1 500 банка дар як мавсим фаъолият мекунад. Соли 2008 аз тариқи МСДСП Хазинаи Огохон дар деҳаҳои Хидорҷев, Бармев, Бижур таҷҳизот барои сехҳои дӯзандагӣ

ба маблаги 43.5 ҳазор сомонӣ, дар қишлоқи Шуҷев ва Шикуш таҷҳизот барои коркарди мева ва сабзавот ба маблаги 31.3 ҳазор сомонӣ, дар деҳаҳои Лахшик, Сежд ва Ҷавшангоз – таҷҳизот барои коркарди пашм ва муина ба маблаги 25.1 ҳазор сомонӣ, Қалъа – таҷҳизот барои суратгирхона ба маблаги 8.1 ҳазор сомонӣ, Нудж –таҷҳизот барои сехи қанноди ба маблаги 9.8 ҳазор сомонӣ ва дар деҳаҳои Воздара, Шохиризм, Синдев, Ҷавшангоз барои соҳаи туризм таҷҳизот ба маблаги 24.2 ҳазор сомонӣ харида шудааст. Ба гайр аз ин дар деҳаи Бароҷ барои тухмипарварӣ ба маблаги 29.6 ҳазор сомонӣ аз тухмии зарурӣ таъмин карда шуд. Дар солҳои охир ба асалпарварӣ диққати махсус зоҳир мегардад, соли 2009 шумораи оилаҳои занбӯри асал дар ноҳия ба 175 қуттӣ расонда шуд.

Барои рушди соҳаи соҳибкорӣ ва ҳавасманд гардондани соҳибкорон соле як маротиба дар сатҳи раиси ноҳия бо соҳибкорон вохурӣ гузаронида мешавад. Дар байни соҳибкорони инфиродӣ 39 нафар занон бо иҷозатномаи расмӣ (патент) фаъолият доранд.

**Дар ноҳияи Ванҷ** қарори раиси ноҳия аз 18 октябри соли 2007 (№ 228) ва нақша – чорабиниҳои амалӣ гардондани Барномаи дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ дар ноҳия барои солҳои 2007 – 2015 қабул гардидаро ба асос гирифта, корҳои муайяне ба анҷом расондаанд.

Дар ноҳия 103 магоза, 13 ошхона ва қаҳвахона, 1 тарабхона, 38 нуқтаи савдои кӯчагӣ ва 18 нуқтаи сузишворӣ амал мекунанд. Барои дастгирии соҳибкорӣ аз ҳисоби «Амонатбонки» ноҳиявӣ ба 120 нафар соҳибкорон дар ҳаҷми 897.2 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби Агроинвестбонк бошад, ба 54 нафар дар ҳаҷми 24 500 доллари ИМА ва 157 800 сомонӣ, бо 36 фоизи солона қарз дода шудааст. Бо мақсади ҷалби ҷавонон ва занон ба соҳибкорӣ дар ҷамоатҳои деҳот семинару вохӯриҳо гузаронида, оиди бизнеси хурд ва миёна дарсҳои омӯзишӣ гузаронида шуданд. Аз ҷумлаи

соҳибкорони ноҳия 70 нафар занон ва 20 нафарро ҷавонон ташкил менамоянд. Соли 2009 ба 20 нафар соҳибкорон барои сохтмони магоза, ошхона, фурӯши сузишворӣ, гази моеъ, маркази савдо замин ҷудо карда шуд. Вобаста ба масъалаи рушди бозори наздисарҳадӣ семинару машгулиятҳои бозомӯзӣ гузаронда шудааст.

Аз байни соҳибкорони инфиродӣ 36 нафар занон бо иҷозатномаи расмӣ (патент) ва 6 нафар занон бо шаҳодатнома фаъолият мекунанд.

**Дар Мурғоб** аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба масъалаи мазкур қарор қабул нашудаст. Дар ноҳия ба фурӯши маводи озуқаворӣ– 25 нафар, молҳои саноатӣ–24, маҳсулоти спиртӣ –3, доруворӣ –2, фурӯши молҳои истеъмолии халқ–8 ва ба фурӯши молҳои ҳархела–14 нафар машгуланд. Дар кори ташкил намудани чорабиниҳои спортӣ – 4 нафар, кашонидани мусофирон–17, боркашонӣ – 11, фурӯши гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ –5, рӯзномабю маҷалла –1, фурӯши нону маҳсулоти ордӣ – 3 нафар ва дар фурӯши маҳсулоти ширӣ – 4 нафар хизматгузорӣ доранд.

Дар ноҳия 1 нафар оҳангар, 1 суратгир, 4 нафар ташкилотчии кори меҳмонхонаҳо, 1 сартарош, 1 хизматрасони компютерӣ фаъолият дошта, 10 нафар ба нигоҳубини чорво ва 1 нафар ба корҳои кафшергарӣ машғуланд. Ҳамчунин 3 ҳаммом, 1 нуқтаи коркади пашм бо 1 коргар, дар ҳизмати мардуманд. Барои дастгирии соҳибкорӣ аз тарафи «Амонатбонки» дар ноҳия буда, 637 000 сомонӣ, аз «Агроинвестбонк» 61 450 доллари ИМА ва 146 000 сомонӣ ва аз тарафи Аввалин бонки молиявии хурд 373 000 сомонӣ қарз дода шудааст. Ба гайр аз ин, аз тарафи Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва шугли аҳолӣ ба 152 нафар дар ҳаҷми 128 530 сомонӣ қарзи имтиёзнок дода шудааст.

Аз байни соҳибкорони инфиродӣ 154 нафар занон бо патент ва 11 нафар занон бо шаҳодатнома фаъолият доранд.

**Ноҳияи Ишкошим** дар асоси қарори раиси ноҳия аз 18 сентябри соли 2007 (№ 275) нақша-чорабиниҳои рушди соҳибкориро барои солҳои 2007-2015 таҳияю тасдиқ намуда, барои иҷрои амалии он талош доранд.

Соли 2009 аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ дар ноҳия ба даромади буҷети маҳаллӣ ба маблаги умумии 262 ҳазору 503 сомонӣ ворид гардидааст. Аз он ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасон (соҳибкорони ҳуқуқӣ) 124 ҳазору 956 сомонӣ ва соҳибкорони инфиродӣ 137 ҳазору 547 сомонӣ рост меояд.

Гардиши мол аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ соли 2009 дар ноҳия 1 964 946 сомонӣ, ки нисбат ба соли 2008 мутаносибан гардиши моли 131.1 фоиз ва хизматрасонии пулаки 101.3 фоиз афзудааст.

Ҳоло дар ноҳия бо раванди соҳибкорӣ 3 неругоҳҳои обии барқии хурд, 5 бозор, аз ҷумла бозори байнисарҳадӣ, 65 магозаҳои тиҷорат, 19 ошхонаю қаҳвахонаҳо, 1 тарабхона, 75 нуқтаи савдои кӯчагӣ, 7 нуқтаи фурӯши сузишворӣ, 6 ҳаммом, 1 сартарошхона, 3 суратгирхона, 3 сехи дузандагӣ, 3 нуқтаи таъмири асбобҳои техникии рӯзгордорӣ, 5 сехи дуредгарӣ, 15 меҳмонхона, 1 сехи оҳангарӣ, 2 сехи таъмири камера ва манжети автомобил, 1 нуқтаи таъмири автомашинаҳо фаъолият доранд.

Мақоми корхонаҳои хусусӣ, яъне соҳибкорони ҳуқуқӣ дар пешрафти нишондиҳандаҳои иқтисодии ноҳия назаррас мебошад. Соли 2009 гардиши истеҳсолии ин корхонаҳо 1 368 278 сомониро ташкил дода, аз ин ҳисоб ба даромади зиёд ворид гардид. Корхонаҳои хусусӣ асосан дар самти ташкили фондҳои қарздиҳӣ аз ҳисоби маблаггузории харидӣ,инчунин хизматрасониҳои дилерӣ, тайёр намудани маводи доруворю ва муолиҷаи маризон ва пешбурди корҳои сохтмонӣ махсус гардонида шудаанд.

Соли 2009 аз тарафи бонкҳои ноҳия барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ба маблаги умумии 5810547 сомонӣ дода шудааст. Дар ҷудо кардани

қарзҳои кӯтоҳмуддат, ташкилоти хурди қарздиҳии «Ишкошим» нисбати дигари бонкҳо пешсаф буда, 1174840 сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат додааст.

Бо ташаббуси Иттиҳодияи соҳибкорони вилоят дар ноҳия 3 маротиба семинарҳои бозомӯзии соҳибкоронро бо ҳамкории мақомоти ноҳия ташкил намуд. Семинарҳо дар мавзӯи тартиби пешбурди ҳисоботи воридот ва фурӯши мол, хизматрасонӣ, пайдо намудани маълумот дар бораи мафҳум ва мундариҷаи минтақаи озоди иқтисодӣ ва ғайра бо иштироки 60 нафар шунавандагони соҳибкор дар маркази ноҳия ва деҳаи Вранг гузаронида шуданд. Бо гузаронидани чунин семинарҳо сатҳи дониши соҳибкорон дар баланд бардоштани маданияти савдо ва пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ то андозае боло меравад.

Аз байни соҳибкорони инфиродии ноҳия 66 нафар занон бо патент ва 7 нафар занон бо шаҳодатнома фаъолият мекунанд.

Умуман дар соҳаи соҳибкории вилоят занон ширкати хосса доранд. Теъдоди умумии занони соҳибкори вилоят дар охири соли 2009 ба 704 нафар мерасид, ки аз ҷумла 565 нафар бо иҷозатномаи расмӣ (патент) ва 139 бо шаҳодатнома фаъолият мебаранд. Ин нишондиҳанда, 46% шумораи умумии соҳибкорони инфиродиро ташкил медиҳанд.

Бояд қайд кард, ки туризм яке аз соҳаҳои афзалятнок ҳисоб меёбад. Дар вилоят зиёда аз 12 ширкати туристӣ фаъолият доранд. Бо ташаббуси ин ширкатҳо Ассотсиатсияи сайёҳон таъсис ёфт. Соли 2009 Ассотсиатсияи сайёҳон зиёда аз 3000 нафар сайёҳро ба қайд гирифт, ки онҳо ба вилоят ташриф оварданд. Барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи туризм дар Донишгоҳи Осиёи Марказӣ курсҳои махсус кушода шуда, дар мавзӯҳои тайёр намудани роҳбаладон (гид), моҳияти туризми кӯҳӣ ва ғайра машғулиятҳо гузаронида мешавад. Ин имкон дод, ки соли 2009 115 нафар мутахассис тайёр карда шавад. Бо мақсади

ташкил намудани ҳамоҳангсозӣ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва ширкатҳои туристи «Шӯрои ҳамоҳангсозии ВМКБ оиди равнақи соҳаи туризм» таъсис дода шуд[1].

Соли 2010 гардиши тиҷорати хориҷии вилоят 15 354 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2009 32 фоиз зиёд аст. Ҳамин сол ба вилоят 44 787 тонна мол ворид гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2009 46 фоиз ё дар ҳаҷми 14 221 тонна афзудааст[2].

Аз тамоюли рушди вилоят маълумоти муфассали дар ҳисоботи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қодири Қосим «Дар бораи иҷрои нақшаҳо ва барномаҳои тараққиёти иҷтимоию иқтисодии вилоят, ҳолати хоҷагидорӣ, истифода ва идораи иншоотҳои моликияти коммуналӣ вилоят дар соли 2010», ки ба иҷлосияи панҷуми (даъвати чорум) Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ пешниҳод шудааст, гувоҳӣ медиҳад. Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимтарини аз пешравии вилоят даракдиҳанда ин сол ба сол афзудани буҷети он ҳисоб меёбад. «Агар бо забони рақамҳо гӯем, қайд намудааст раиси вилоят, – буҷети соли 2000-ум агар андаке бештар аз 5 млн. сомониро ташкил дода, соли 2010 ба 91 млн. расида, нисбати соли муқоисашаванда 18 маротиба бештар аст. Имсол бошад, буҷаи вилоят ба маблаги 97 миллион сомонӣ тасдиқ гардидааст, ки барои пешрафти босуръати тамоми соҳаҳо мусоидат мекунад ва нисбати соли 2000 қариб 20 маротиба бештар аст»[3].

Аз рӯи маълумоти раиси вилоят соли 2010 ҳаҷми умумии интиқоли маблаг аз хориҷи кишвар ба 33.4 млн. доллари ИМА ва бақияи амонатҳои шахсони воқеӣ 38.8 млн. сомо-

---

[1] Маълумотҳои омории дар боло ишора гардида, дар асоси ҳисоботу дигар ҳуҷҷатҳои расмии дасгоҳи Ҳукумати вилоят оварда шудаанд.

[2] Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2010 // Бадахшон. – 2011. – 11 феврал. –(№ 7 (10331). – С.5.

[3] Бадхшон. – 2011. – 4 март. – № 10 (10 334). – С.2.

ниро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2009 мутаносибан 24 ва 37 фоиз зиёд шудааст. Муомилоти умумии мол дар ҳамаи самтҳо нисбат ба соли гузашта 17 фоиз, савдои хусусӣ – 19.6 фоиз, савдои бозор –18.4 фоиз, ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 25 фоиз, хизматрасонии маишӣ – 42 фоиз афзудааст[1].

Дар вилоят соли 2010 корҳои сохтмонӣ бо суръат пеш рафтанд. Сохтмони бештар аз 100 иншооти хурду бузурги иҷтимоию иқтисодӣ идома дошта, дар давоми сол зиёда аз 60 иншоот бо маблағгузории умумии бештар аз 90 миллион сомонӣ анҷом ёфт. Аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ барои соҳаи сохтмон ва барқароркунии иншоотҳои вилоят 126.7 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби маблағгузории давлатӣ – 84.2 млн., сармогузории хориҷӣ – 25.9 млн ва аз ҳисоби манбаъҳои хусусӣ –16.6 млн. сомонӣ мавриди истифода қарор доштанд[2]. Ҳамаи ин рақаму санадҳо аз сурътгирии рушди иқтисодии вилоят ва тадриҷан болоравии сатҳи зиндагӣ мардум гувоҳӣ медиҳанд

Вале бояд қайд кард, ки ин рақамҳои аз пешравӣ даракдиҳанда ҳанӯз маънии ҳал шудани масоили мубрами иҷтимоию иқтисодиро надоранд. Кам нестанд масъалаҳои ҳалталабе, ки бояд дар солҳои наздик ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти вилоят қарор дошта бошанд. Ба ин, пеш аз ҳама, ба ҷои кор таъмин намудани бекорон, баланд бардоштани музди меҳнат, бозомӯзии касбӣ ва ғайра дохил мешавад.

Шумораи аҳоли барои иқтисодиёт фаъол, яъне аҳолии машғули кор ва бекорони расмие, ки ба қайд ғирифта шудаанд, соли 2010 82 900 нафарро ташкил дод, ки аз он 79 400 нафар (95.8 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғули коранд ва 3 353 нафар ба таври расмӣ мақоми бекорӣ доранд (гумони ғолиб меравад, ки ба ин маълумот муҳоҷирони меҳнатии берун аз вилояту ҷумҳурибуда ворид нағаштаанд).

[1] Бадхшон. – 2011. – 4 март. – № 10 (10 334). – С.2.
[2]. Ҳамон ҷо. – С.3.

Аз ҷумла, 3 353 ҳазор нафар бекорони соли 2010 дар хадамоти шуғли аҳолии вилоят ба қайд гирифта, 2 184 нафар занон (68.4 фоиз), ҷавонони синни 15–29 – сола 2022 нафарро (ё 60.3 фоиз) ташкил медиҳанд[1].

Дар вилоят аз 243 корхонаю ширкатҳои ба қайд гирифташуда, алҳол 97 адададашон фаъолият намуда, 146 корхона танҳо бо ном вуҷуд доранд. Ба замми ин соҳибкорон ягон барномаи самти истеҳсолоти воқеиро таҳия накарда, танҳо ба хариду фурӯш машғуланд, нархи молу маҳсулоти аз берун содиршуда то рафт боло меравад. Аз ин рӯ бояд истеҳсоли маҳсулоти худиро зиёд намоем[2].

Бояд гуфт, ки бо сабабҳои гуногун на ҳама нақшаҳои пешбинишуда, дар муҳлати муайяншуда амалӣ мегарданд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои барномавии расмӣ, ки дар суханронии муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Руқия Қурбонова дар маҷлиси ҷамъбастии солонаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ 3 январи соли 2011 оварда шудааст, чунин масъалаҳои нақшавӣ бояд солҳои 2006-2010 «дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ ҳалли худро меёфтанд:

– коркарди кони шпинели асил дар «Кӯҳи лаъл»;

– таъсиси корхона оид ба истихроҷи тилло дар конҳои Рангкӯл;

– таъсиси корхонаи хурд оид ба истеҳсоли намак дар кони Шорбел;

– таъсиси корхонаи муштарак дар заминаи кони «Икар»;

– сохтмони корхона оид ба истихроҷи тилло дар кони «Сариоби Сагирдашт»-и ноҳияи Дарвоз;

– сохтмони корхона оид ба истихроҷи тилло дар кони «Баҷу» бо минбаъд муайян намудани захираи он;

– истихроҷи кони турмалини полихромии «Мика»;

– сохтмони корхона оид ба истихроҷи нуқра дар кони «Қараҷилга»;

---

[1] Нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ // Бадахшон. – 2011. – 11феврал. – С.5.

[2] Бадахшон. – 2011. – 4 март. – С.4.

– сохтмони корхонаи нав оид ба коркарди сангҳо дар ноҳияи Мургоб;

– ташкили корхонаи хурд оид ба коркарди мева ва сабзавот бо иқтидори 20 ҳазор қуттӣ дар як сол дар деҳаи Шпат;

– таҷдиди корхонаи «Хрустал» оид ба коркарди санги мармар;

– сохтмони заводи сементбарорӣ дар ноҳияи Ванҷ;

– ташкили сех оид ба истеҳсоли арматура дар шаҳри Хоруғ;

– ташкили корхонаи муштарак оид ба истихроҷ ва коркарди ашёи мармар дар заминаи корхонаи «Лаъл»;

– истихроҷи кони лоҷуварди «Лоҷвардара» бо иқтидори 20.4 тонна;

– сохтмони фабрикаи дӯзандагӣ дар шаҳри Хоруғ бо иқтидори истеҳсоли молҳои дӯзандагӣ бо маблағи 32 ҳазор доллари ИМА дар як сол»[1].

Вале аз чунин хулосаи ӯ, «бинобар ин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ-ро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор доир ба иҷрои Барномаи мазкур чораҳои зарурӣ андешад»[2], маълум мегардад, ки на ҳамаи ин масоили ба нақша гирифташуда татбиқи амалии худро ёфтаанд. Ҳарчанд нақшаи пешбинишудаи истеҳсоли маҳсулоти саноат дар маҷмӯъ аз рӯи нишондиҳандаҳои дигар иҷро шуда бошад ҳам, дар сурати ба сомон расондани сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои дар боло ишорашуда, саноати вилоят ба маҷрои рушди назаррастаре ворид гашта, аз ин ҳисоб садҳо нафар соҳиби ҷои кори доимӣ мегаштанд. Доир ба масъалаи таъмини кор бояд аз як далел ёдрас шуд, ки тибқи ҳамон манбаъ соли 2010 «бо мусоидати мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилоят 5 971 нафар шаҳрвандони бекор бо ҷойи корӣ таъмин гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи

---

[1] Хизмати шоиста бахри халқу ободии диёр // Бадахшон. – 2011. – № 4 (10328). –21 январ. – С.6.

[2] Ҳамон ҷо.

соли 2009 1050 нафар кам мебошад. Дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 9 201 ҷойҳои кории нав таъсис дода шуданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1 320 адад зиёд аст»[1].

## БОЗ ЧАНДЕ АЗ БУНЁДКОРИҲО

Вақте ки сухан дар бораи дастовардҳои давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад, беихтиёр иншоотҳои бузургу беназири таърих – Шоҳроҳи Душанбе-Кулоб-Дарвоз – Хоруг(30.01.199) ва Мургоб –Кулма – Қарақурум ба хотир мерасад, ки дар як мудати кӯтоҳ аз дили Девдараю Таёқпарто ба сатҳи меъёри байналхалқӣ сохта шуд. Девдараро ба Гулдара табдил дода, аз ин роҳи тахту ҳамвор шабу рӯз мошинҳои пурбор ба Бадахшон ворид мегардонду ҳаёти иқтисодии диёрро танзим мебахшанд.

Ба кор даромадани Нерӯгоҳи барқӣ – обии «Помир-1» (21.03.1994) ва ба таври шабонарӯзи аз неруи барқ гарму равшан гардидани хона, ҳар як бадахшониро ба зиндагӣ дилгарм ва ба оянда умедвор намуд. Пахш гардидани барномаҳои телевизиони тоҷик дар ВМКБ ба 31декабри соли 1996 рост омада, ҳоло 90 фоизи сокинон аз тамошои барномаи аввал, 80 фоиз аз тамошои «Сафина», 50 фоиз аз тамошои «Баҳористон» ва 85 фоиз аз тамошои барномаҳои рангоранги «Ҷаҳоннамо» бархурдор мебошанд.

Солҳои 2008-2010 Ҳукумати Тоҷикистон нақшаи рушди иқтисодию иҷтимоии Бадахшонро ба тасвиб расонд, ки мувофиқи он зиёда аз 200 иншооти характери иқтисодию иҷтимоӣ бунёд гардиданд. Соли 2010 ба ифтихори таҷлили сездаҳумин солгарди Ваҳдати миллӣ дар Бадахшон як қатор иншоотҳои ҷашнӣ сохта, ба истифода дода шуданд, ки ба онҳо варзишгоҳи марказӣ, биноҳои сеошёнаи маркази савдо дар ноҳияи Рӯшон ва Хоруг, Гимназия-интернати

---

[1] Хизмати шоиста баҳри халқу ободии диёр // Бадахшон. – 2011. – № 4 (10328). –21 январ. – С.6.

президентӣ барои хонандагони болаёқат, Маркази ҷавонони шаҳри Хоруғ, хобгоҳ барои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хоруғ, азнавсозии театри вилоятӣ, сохтмони бинои Институти такмили касбии омӯзгорон ва мактабҳо, пулҳою роҳ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз онҳо 48 иншоот аз ҷониби Дирексияи сохтмонии Ҳукуматӣ ва 33 иншоот аз тарафи вазорату мақомоти маҳаллӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

Соли 2009, Дирексияи сохтмон дар ҳаҷми 71 миллиону 760 ҳазор сомонӣ барои сохтмони мактабҳо масраф намуд. Бо ин маблағ, аз чумла, дар ноҳияи Дарвоз 8 мактаб, дар ноҳияи Ванҷ– 2, Рӯшон –3, Шуғнон – 2, Роштқалъа – 2, Ишкошим –2 ва дар Мурғоб 1 мактаб сохта шуд. Дар маҷмӯъ ҳамин сол дар вилоят 31 мактаб барои 3 300 ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст.



Ҳамчунин ҳамин сол **Қасри фарҳангӣ** ноҳияи Роштқалъа, Гимназия-интернати президентӣ барои 640 ҷой дар шаҳри Хоруғ, интернати бепарасторон дар ноҳияи Рушон сохта шуданд.

Ба ифтихори рӯзи Ваҳдати миллӣ дар шаҳри Хоруғ сохтмони Кохи ҷавонон, азнавсозии театри вилоятӣ, варзишгоҳи марказии шаҳр, чойхонаи миллӣ, маркази таълимӣ, бинои нави прокуратураи вилоятӣ, бинои нави Раёсати корҳои дохилии вилоят, таъмири роҳи маркази шаҳр ва ғайраҳо идома ёфтанд.

**Театри мусиқию мазҳакавии** ба номи М. Назарови шаҳри Хоруғ бо маблағгузории Дирексияи сохтмони иншоотҳои Ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пудратчиаш ҶС «Чимсохт»

таъмир гардид. Бинои театр, ки пештар ҳамагӣ 300 ҷои нишаст дошт, ҳоло миқдори он ба 430 ҷои нишаст расидааст. Ба замми ин дар он утоқҳои кории иловагӣ, толори тамрин, таҳхонаҳо ва анборҳо сохта шудаанд.



Сохтмони бинои **«Кохи ҷавонон»** аз аввали моҳи июли соли 2008 оғоз ёфта, фармоишгари иншоот Дирексияи сохтмони иншоотҳои Ҳукумати Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пудратчиаш ҶС «Ҷимсохт» буданд.

Дар «Кохи ҷавонон» раёсаи кумитаи ҷавонон, варзиш ва саёҳии вилоят ҷойгир буда, бо тамоми шароит таъмин мебошад. Дар «Кохи ҷавонон» утоқҳо барои никоҳи навхонадорон, маркази ба нақшагирии оила, клуби варзишӣ ва курсҳои гуногуни омӯзиши компютерӣ, забонҳои англисӣ, олмонӣ ва ғайраҳо фароҳам оварда шудаанд.



Сохтмони **Идораи радио ва телевизиони** вилоят аз 10 июли соли 2009 оғоз ёфта, ба маблағи 1 миллиону 500 ҳазор сомонӣ аз тарафи ҶСК «Памир сохтмон» ба анҷом расонида шуд. Идораи радио ва телевизиони вилоят аз ду ошёна иборат буда, дар ошёнаи якум 11 утоқи корӣ, утоқи таҳияи

барномаҳо, студия, 2 утоқ барои таҷизот, утоқ барои сармуҳаррир, утоқ барои таҷизоти корӣ ва дар ошёнаи 4 утоқи корӣ, 1 толори колон ҷойгир мебошанд.



**Чойхонаи миллии Бадахшон** дар мавзеи дашти «Варсушч»-и ҳудуди Боғи набототи шаҳри Хоруғ аз тарафи корхонаи «Чубтарошӣ ва кандакорӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови шаҳри Хуҷанд бунёд гардидааст. Ин нахустин чойхонаи гумбаздори боҳашамат буда, он аз се толор, ҳаммом, анбор ва 5 айвонча иборат мебошад. Инчунин дар саҳни ҳавлии чойхона ду ҳавз ва 9 фаввора сохта шудаанд. Чойхона ба маблағи 14 миллон сомонӣ бунёд гардид, ки хароҷоти онро «Амонатбанк»-и ҷумҳурӣ ба зима дошт.

Дар ноҳияи Дарвоз Қасри фарҳангии замонавӣ, толори беҳтари варзишӣ, дар ноҳияи Ванҷ бошад, мактаби замонавӣ дар деҳаи Жовид, маркази саломатӣ, бинои нави Телеком, шаҳпули байналхалқӣ дар Хумроғӣ, дар ноҳияи Рӯшон мактаби №6 деҳаи Деҳрӯшон, Маркази хизматрасонии маишӣ, дар ноҳияи Шуғнон бинои дуошёнаи замонавӣ, терминали байналхалқӣ, дар ноҳияи Роштқалъа варзишгоҳи нав, бинои «Амонатбанк», Телеком, дар ноҳияи Ишкошим панҷ иншоот дар фароғатгоҳи Гармчашма, меҳмонхонаи сеситорадор барои чил ҷой, бинои



табобатӣ барои 70 ҷой, ошхонаи миллӣ ва меҳмонхона дар шифохонаи Бибифотмаи Заҳро, мактабҳои нав дар деҳаи Вранг ва Зумудг дар арафаи ҷашни 13 умин солгарди Ваҳдати миллӣ ба истифода дода шуда, лентаи иншоотҳои мазкур бо дасти Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бурида шудааст.

Дар ин ҷо бамаврид аст, аз иншоотҳои ҷашнии ВМКБ, ки соли 2010 мавриди сохтмон, азнавсозӣ ва истифода қарор ёфтаанд, ёдовар шавем:

**Дар шаҳри Хоруғ**

1. Аз навсозии варзишгоҳи маркази шаҳр.
2. Азнавсозии Театри шаҳри Хоруг ба номи М. Назаров
3. Сохтмони кохи ҷавонон.
4. Сохтмони хобгоҳи Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруг ба номи М. Назаршоев.
5. Сохтмони бинои нави прокуратураи вилоят.
6. Сохтмони бинои маъмурии раёсати корҳои дохилии вилоят.
7. Азнавсозии студияи телевизионии Бадахшон.
8. Сохтмони бинои маъмурии раёсати андози вилоят.
9. Сохтмони маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон.
10. Сохтмони «Чойхонаи миллӣ».
11. Сохтмони терминали фурудгоҳи шаҳри Хоруг.
12. Азнавсозии бозори марказии шаҳри Хоруг.

**Дар ноҳияи Дарвоз**

1. Азнавсозии қасри фарҳанг дар маркази ноҳия.
2. Сохтмони канали «Дашти Луч» (қисми 2).
3. Сохтмони толори варзишӣ.

**Дар ноҳияи Ванҷ**

1. Сохтмони маркази саломатии ноҳия
2. Азхудкардан ва обёрӣ намудани заминҳои нави мавзеи Бовид.

3. Аз навсозии мактаби таҳсилоти умумии №15 деҳаи Жовид барои 320 чой..
4. Сохтмони бинои филиали ҷамъияти саҳомии «Тоҷиктелеком»-и ноҳия.
5. Сохтмони кӯпрук аз болои дарёи Панҷ дар мавзеи Хумроғӣ.

**Дар ноҳияи Рӯшон**

1. Сохтмони мактаби №6 деҳаи Деҳрушон (240 ҷой).
2. Сохтмони маркази хизматрасонии маишии деҳаи Деҳрушон.

**Дар ноҳияи Шуғнон**

1. Сохтмони мактаби № 20 деҳаи Богев барои 200 ҷой.
2. Сохтмони фермаи мургпарварӣ дар деҳаи Танги Сучон.
3. Сохтмони Терминали боркашонии «Планета» дар деҳаи Танги Сучон.
4. Гузоштани хишти асосии сохтмони бинои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия.

**Дар ноҳияи Рошткалъа**

1. Сохтмони варзишгоҳ дар маркази ноҳия.
2. Сохтмони бинои «Амонатбонк»-и ноҳия.

**Дар ноҳияи Ишкошим**

1. Сохтмони мактаби №8 деҳаи Вранг (240 ҷой).
2. Сохтмони ошхонаи миллӣ дар шифохонаи «Вичкут».
3. Сохтмони меҳмонхона дар шифохонаи «Вичут» барои 12 ҷой.
4. Сохтмони меҳмонхонаи сеситорадор барои 40 ҷой.
5. Сохтмони бинои тиббӣ барои 68 ҷой.

**Дар ноҳияи Мурғоб**

1. Гузоштани хишти асосии сохтмони нерӯгоҳи «Оқсу-2».

Барои аз раванди умумии иншоотҳои сохмонии давраи истиқлолияти вилоят пурра маълумот бардоштан, овардани ҷадвали зер ба маврид аст:

| № | Номгӯи иншоотҳо | Маблағгузорҳо | Иқтидор |
|---|---|---|---|
| | **Соли 1991** | | |
| 1 | Хонаҳои 5-12 ҳуҷрадор дар ноҳияи Ванҷ | 369 | 615 м2 |
| 2 | Барқароркунии хонаҳои истиқомати дар деҳаи Хостави ноҳияи Дарвоз | 390 | 730 м2 |
| 3 | Мактаб дар дехаи Ту сени нохияи Рошщалъа | 591 | 360 ҷой |
| 4 | Мактаб дар дехаи Сабзихарви нохияи Дарвоз | 219 | 192 ҷой |
| 5 | Мактаб дар деҳаи Андароби ноҳияи Ишкошим | 489 | 320 ҷой |
| 6 | Мактаб дар деҳаи Бойбари ноҳияи Ишкошим | 213 | 240 ҷой |
| 7 | Мактаб дар деҳаи Ҳисори ноҳияи Ишкошим | 338 | 240 ҷой |
| 8 | Мактаб дар деҳаи Бидурди ноҳияи Шуғнон | 194 | 96 ҷой |
| 9 | Мактаб дар деҳаи Пастареси ноҳияи Роштқалъа | 252 | 192 ҷой |
| 10 | Мактаби №13 дар ҷамоати Поршиневи ноҳияи Шуғнон | 121 | 192 ҷой |
| 11 | Барқароркунии мактаб дар деҳаи Пайшанбеободи ноҳияи Ванҷ | 24,5 | 240 ҷой |
| 12 | Барқароркунии мактаби №3 дар ноҳияи Шуғнон | 122 | 100 ҷой |
| 13 | Барқароркунии мактаб дар деҳаи Бодоми ноҳияи Рошқалъа | 152 | 192 ҷой |
| 14 | Барқароркунии мактаби ба номи | 114 | 190 ҷой |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Чкалови ноҳияи Ванҷ | | |
| 15 | Барқароркунии мактаб дар деҳаи Риваки ноҳияи Шугнон | 105 | 100 ҷой |
| 16 | Барқароркунии мактаб дар деҳаи Сумҷини ноҳияи Ишкошим | 58 | 96 ҷой |
| 17 | Барқароркунии мактаб дар деҳаи Пшихарви ноҳияи Ванҷ | **63** | 120 ҷой |
| 18 | Барқароркунии мактаб дар деҳаи诺Вознавди ноҳияи Рушон | 11 | 45 ҷой |
| 19 | Баркароркунии хаммом дар дехаи Бунайи нохияи Ванч | 94 | 10 ҷой |
| 20 | Барқароркунии касалхона дар деҳаи Савноби ноҳияи Рушон | 61 | 35 кат |
| 21 | Барқароркунии пункти тибби дар деҳаи Андароби ноҳияи Ишкошим | 71 | 30 нафаргг дар 1баст |
| 22 | Барқароркунии пункти тибби дар деҳаи Кеврони ноҳияи Дарвоз | 45 | 25 кабул дар 1 баст |
| 23 | Барқароркунии пункти тибби дар деҳаи Ширгини ноҳияи Ишкошим | 58 | 25 қабул дар 1 баст |
| 24 | Барқароркунии клуб дар деҳаи Аличури ноҳияи Мургоб | 106 | 200 ҷой нишаст |
| 25 | Барқароркунии клуб дар деҳаи Бовиди ноҳияи Ванҷ | 22 | 100 ҷой нишаст |
| 26 | Барқароркунии клуб дар деҳаи Одешти ноҳияи Ванҷ. | 34 | 160 ҷои нишаст |
| 27 | Купрук дар болои дарёи Қизил-Су дар ноҳияи Мургоб | 476 | 57 м. |
| | **Ҳамагӣ дар соли 1991** 1345 м2 хонаи истиқоматӣ, мактаб барои 2915 талаба, касалхона барои 35 кат, пункҳои тибби барои 80 нафар дар 1 баст, клубхо барои 460 чои нишаст, 57 м. купрук ва хаммом барои 10 чой сохта ба истифода дода шуданд. | **4793,5** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Соли 1992** | | |
| 28 | Хонаи 24 ҳуҷрадор дар шаҳри Хоруғ | 1743,5 | 1711м2 |
| 29 | Хонаи 16 ҳуҷрадор дар шаҳри Хоруғ | 2630,0 | 1117м2 |
| 30 | Хонаи 12 хуҷрадор дар ноҳияи Иш-кошим | 3379,1 | 615м2 |
| 31 | Хонаи 12 ҳуҷрадор дар ноҳияи Ру-шон | 2068,6 | 677м2 |
| 32 | Хонаи 16 ҳуҷрадор дар шаҳри Хоруғ | 5917,4 | 1117м2 |
| 33 | Системаи ғармкуни дар шаҳри Хоруғ | 1200,4 | 0,6 км |
| 34 | Мактаби деҳаи Одешти ноҳияи Ванч | 264,9 | 192 ҷой |
| 35 | Мактаби деҳаи Манеми ноҳияи Шуғнон | 1033,2 | 192 ҷой |
| 36 | Мактаби деҳаи Хичихи ноҳияи Рошткалъа | 892,5 | 192 ҷой |
| 37 | Мактаби деҳаи Лулаи ноҳияи Иш-кошим | 1449,8 | 96 ҷой |
| 38 | Мактаби деҳаи Дашти ноҳияи Иш-кошим | 755,7 | 288 ҷой |
| 39 | Мактаби деҳаи Висави ноҳияи Ру-шон | 562,6 | 72 ҷой |
| 40 | Мактаби деҳаи Чошкандези ноҳияи Шуғнон | 1282,4 | 240 ҷой |
| 41 | Мактаби № 69 ноҳияи Рошткалъа | 504,5 | 96 т. ҷой |
| 42 | Мактаби деҳаи Вери ноҳияи Шуғнон | 1981,7 | 192т. ҷой |
| 43 | Касалхонаи шаҳри Хоруғ | 2376,5 | 40 кат |
| 44 | Таваллудхона дар маркази ноҳияи Рошткалъа | 873,4 | 20 кат |
| 45 | Касалхонаи деҳаи Сағирдашти ноҳияи Дарвоз | 922,6 | 60 кат |
| 46 | Клуби деҳаи Барҷанғали ноҳияи Рошткалъа | 932,1 | 260 ҷой |
| | **Ҳамагӣ:** 5237 м2 хонаи истиқоматӣ, 1560 ҷой дар мактаб, 120 кат касалхо- | **30770,9** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | на, 260 ҷои нишаст клуб ва 0,6 км хатти обгузар ба истифода дода шуданд. | | |
| | **Соли 1993** | | |
| 47 | Хонаи 24 ҳуҷрадор дар шаҳри Хоруғ | 47878,5 | 1711м2 |
| 48 | Хати обғузар дар ноҳияи Шуғнон | 3576,4 | 6,5 км |
| 49 | Мактаби деҳаи Чандини ноҳияи Рошткалъа | 31073,3 | 192 ҷой |
| 50 | Мактаби № 31 ноҳияи Рушон | 10946,8 | 100 ҷой |
| 51 | Мактаби деҳаи Чарсеми ноҳияи Шуғнон | 23538,8 | 96 ҷой |
| 52 | Мактаби деҳаи Бачори ноҳияи Шуғнон | 18003,6 | 144 ҷой |
| 53 | Мактаби деҳаи Гудараи ноҳияи Рушон | 1322,0 | 50 ҷой |
| 54 | Мактаби деҳаи Равивди ноҳияи Рушон | 65,5 | 25 ҷой |
| 55 | Мактаби деҳаи Басиди ноҳияи Рушон | 983,5 | 50 ҷой |
| 56 | Диспансери касалиҳои пусти шаҳри Хоруғ | 30240,6 | 50 кат. |
| 57 | Дорухона дар ноҳияи Рушон | 20149,3 | 1 адад |
| 58 | Пункти тиббии деҳаи Гожаки ноҳияи Шуғнон | 4169,7 | 30 нафар |
| | | | дар 1 баст |
| 59 | Пункти тиббии деҳаи Поршиневи ноҳияи Шуғнон | 3964,1 | 20 кабул дар 1 баст |
| 60 | Клуби деҳаи Дерзуди ноҳияи Рушон | 12893,3 | 300 ҷои нишаст |
| 61 | Клуби деҳаи Емси ноҳияи Рушон | 18745,6 | 250 ҷой нишаст |
| 62 | Роҳи мошингарди ноҳияи Дарвоз | 6478,9 | 24 км |
| 63 | Роҳи мошингарди ноҳияи Шуғнон | 11730,6 | 2,7 км |
| 64 | Роҳи мошингарди ноҳияи Рошткалъа | 1977,1 | 2 км |
| 65 | Роҳи мошингарди ноҳияи Рушон | 62995,5 | 28 км |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Ҳамагӣ дар соли 1993** 1711 м2 хонаи истиқоматӣ, мактаб барои 192 талаба, беморхонаи касалии пуст барои 50 кат, пунктҳои тиббӣ барои 50 қабул дар 1 баст, клубҳо дорои 550 ҷои нишаст, 6,5 км хатти обгузар, 56.7 км роҳ. ва 1 адад дорухона сохта ба истифода дода шуданд. | **311003,7** | |
| | **Соли 1994** | | |
| 66 | Хобгоҳи муаллимон дар шаҳри Хоруғ | 158437,5 | 360 м2 |
| 67 | Хати обгузар дар шаҳри Хоруғ | 58611,0 | 1 км |
| 68 | Мактаби деҳаи Хидорҷеви ноҳияи Роштқалъа | 222374,8 | 220 ҷой |
| 69 | Мактаби деҳаи Миденшарви ноҳияи Роштқалъа | 99271,9 | 96 ҷой |
| 70 | Мактаби № 1 дар шаҳри Хоруғ | 92174,4 | 320 ҷой |
| 71 | Мактаби деҳаи Боғеви ноҳияи Шуғнон | 71189,4 | 240 ҷой |
| 72 | Беморхонаи касалиҳои сирояткунандаи шаҳри Хоруғ | 77346,8 | 36 кат |
| 73 | Клуби деҳаи Ёмҷи ноҳияи Шуғнон | 41191,3 | 150 ҷой нишаст |
| | **Ҳамагӣ:** 360 м2 хобгоҳ 876, 36 кат беморхона, 150 ҷои нишаст клуб ва 1 км хатти обгузар сохта ба истифода дода шуданд. | **820597,1** | |
| | **Соли 1995** | | |
| 74 | Хонаи 12 ҳуҷрадор дар ноҳияи Дарвоз | 5482,1 | 847 м2 |
| 75 | Сохтмони хонаи истиқомати дар ш. Хоруғ | 539,8 | 242 м2 |
| 76 | Мактаби деҳаи Ҷавшангози ноҳияи Роштқалъа | 610,7 | 240 ҷой |
| 77 | Мактаби деҳаи Сижди ноҳияи Шуғнон | 374,1 | 24 ҷой |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 78 | Мактаби деҳаи Ёмчи ноҳияи Шуғнон | 2792,3 | 96 ҷой |
| 79 | Мактаби деҳаи Разуҷи ноҳияи Рушон | 128,8 | 45 ҷой |
| 80 | Касалхонаи деҳаи Ванқалъаи ноҳияи Шуғнон | 2460,3 | 25 кат |
| 81 | Пункти тиббии деҳаи Риҷисти ноҳияи Рошткалъа | 122,1 | 15 ҷой |
| 82 | Клуби деҳаи Вранғи ноҳияи Ишкошим | 3181,2 | 200 ҷой |
| | **Ҳамагӣ:** 1089 м2 хонаи истиқоматӣ, 405 ҷой дар мактаб, 25 кат беморхона, 15 қабул дар 1 баст пункти тиббӣ ва 200 ҷои нишаст клуб сохта ба истифода дода шуданд | **15691,4** | |
| | **Соли 1996** | | |
| 83 | Купруки пиёдагарди шаҳри Хоруғ | 8123,4 | 112 м. |
| 84 | Хонаи якҳуҷрадор дар ноҳияи Ишкошим | 5289,4 | 80 м2 |
| 85 | Мактаби № 8 дар ш. Хоруғ | 6308,7 | 192 ҷой |
| | **Ҳамагӣ:** 80 м2 хонаи истиқоматӣ, 192 ҷой дар мактаб ва 112 м. купрук сохта ба истифодабарӣ дода шуд. | **19721,5** | |
| | **Соли 1997** | | |
| 86 | Хати обгузар Сиёб – Хоруғ | 113256,3 | 7,7 км |
| 87 | ГЭС.и хурди дехаи Равмеди ноҳияи Рушон | 1952,8 | 30 кВт |
| 88 | Касалхонаи минтақавӣ дар ноҳияи Шуғнон | 1791,6 | 30 кат |
| 89 | Мактаби дехди Санободи ноҳияи Рушон | 4180,0 | 50 ҷой |
| 90 | Мактаби деҳаи Дашти ноҳияи Рушон | 2385,6 | 100 ҷой |
| 91 | Мактаби № 14 деҳаи Поршиневи ноҳияи Шуғнон | 299,2 | 40 ҷой |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Ҳамагӣ:** 190 ҷой дар мактаб, 30 кат беморхона, 7.7 км. хатти обгузар ва 30 кВт НОБ-и хурд сохта ба истифода дода шуданд. | **123865,5** | |
| | **Соли 1998** | | |
| 92 | Мактаби деҳаи Рошорви ноҳияи Рушон | **38127,4** | **192** ҷой |
| | **Соли 1999** | | |
| 93 | Хати обгузари Сиёб-Хоруғ | 453,1 | 2,5 км. |
| 94 | Мактаби деҳаи Чадудии ноҳияи Рушон | 1,8 | 96 ҷой |
| 95 | Хонаи 12 ҳуҷрадор дар ноҳияи Роштқалъа | 122,2 | 429 м2 |
| 96 | Мактаби деҳаи Бардараи ноҳияи Рушон | 34,2 | 192 ҷой |
| 97 | Мактаби деҳаи Инифи ноҳияи Ишкошим | 50,0 | 240 ҷой |
| | **Ҳамагӣ:** 429 м2 хонаи истиқоматӣ,528 ҷой дар мактаб ва 2,5 км хатти обгузар сохта ба истифода дода шуданд. | **661,3** | |
| | **Соли 2000** | | |
| 98 | Мактаби деҳаи Пастхуфи ноҳияи Рушон | 64,2 | 240 ҷой |
| 99 | Касалхонаи минтақавии деҳаи Язгуломи нохияи Ванҷ | 76,8 | 20 кат |
| | **Ҳамагӣ: 240** ҷой дар мактаб ва касалхона барои 20 кат сохта ба истифода дода шуданд. | **141,0** | |
| | **Соли 2001** | | |
| 100 | Хонаи 6 ҳуҷрадор дар маркази ноҳияи Роштқалъа | **200** | **429 м2** |
| | **Соли 2002** | | |
| 101 | Хонаи 16 ҳуҷрадор дар маркази ноҳияи Роштқалъа | **190** | **429 м2** |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Соли 2003** | | |
| 102 | Хонаи 16-ҳуҷрадор дар шаҳри Хоруғ | **463,7** | **816** м2 |
| | Соли **2004** | | |
| 103 | Хонаи 3-ҳуҷрадор дар маркази ноҳияи Рушон | 205 | 175м2 |
| 104 | Хонаи 3-ҳуҷрадор дар маркази ноҳияи Ишкошим | 225 | 175м2 |
| 105 | Хонаи 3-ҳуҷрадор дар маркази ноҳияи Дарвоз | 166,3 | 175м2 |
| 106 | Хонаи 3-ҳуҷрадор дар маркази ноҳияи Ванҷ | 59,12 | 175м2 |
| | **Ҳамагӣ**: **700** м2 хонаи истиқомати сохта ба истифода дода шуданд. | **655,42** | |
| | Соли **2005** | | |
| 107 | Мустаҳкамкунии хонаҳои истиқомати дар кӯчаи 50 солагии шаҳри Хоруғ (31/1) | 259,2 | 1 адад |
| 108 | Хонаи 12-ҳуҷрадор дар шаҳри Хоруғ | 2047 | 856 м2 |
| | **Ҳамагӣ: 856** м2 хонаи истиқомати ва 1 адад мустаҳкамкунии хонаи истиқомати сохта ба истифода дода шуданд. | **2306,2** | |
| | Соли **2006** | | |
| 109 | Мустаҳкамкунии хонаи истиқомати № 31/2 дар шаҳри Хоруғ | 207,2 | 1 адад |
| 110 | Мустаҳкамкунии хонаи истиқоматии № 31/3 дар шаҳри Хоруғ | 340,1 | 1 адад |
| 111 | Хонаи 3-ҳуҷрадор дар ноҳияи Дарвоз | 339,5 | 175,2 м2 |
| 112 | Хонаи 3 – ҳуҷрадор дар ноҳияи Ванҷ | 305,7 | 170,2 м2 |
| 113 | Меҳмонхонаи қишлоқи Занинси ноҳияи Рошткалъа | 901,0 | 20 ҷой |
| | **Ҳамагӣ:** 345,4 м2. хонаи истиқомати, 2 адад мустаҳкамкунии хонаҳои истиқоматӣ ва меҳмонхона барои 20 ҷой сохта ба истифода дода шуданд. | **2093,5** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Соли **2007** | | |
| 114 | Мактаб дар деҳаи Ширгини ноҳияи Ишкошим | 411,4 | 196 ҷой |
| 115 | Мактаб дар деҳаи Баҳрушони ноҳияи Рушон | 383,6 | 168 ҷой |
| 116 | Мактаб дар деҳаи Миденведи ноҳияи Рошткалъа | 213,0 | 96 ҷой |
| 117 | Шӯъбаи касалиҳои сирояткунанда дар шаҳри Хоруг | 1115,0 | 60 кат |
| 118 | Барқароркунии толори вирзиши дар шаҳри Хоруг | 50,0 | 1 адад |
| 119 | Барқароркунии майдони варзиши дар шаҳри Хоруг | 7,0, | 1 адад |
| | **Ҳамагӣ:** 460 ҷой дар мактаб, 60 кат беморхона 1 адад толори варзиши ва 1 адад майдончаи варзишӣ сохта ба истисфода дода шуданд. | **2243,0** | |
| | **Соли 2008** | | |
| 120 | Мактаби №18 дар деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошим | 737,0 | 288 ҷой |
| 121 | Мактаби №30 дар деҳаи Чихохи ноҳияи Ванҷ | 527,9 | 192 ҷой |
| 122 | Мактаби №34 дар деҳаи Баравни ноҳияи Ванҷ | 365,2 | 96 ҷой |
| 123 | Мактаби №30 дар деҳаи Систи ноҳияи Ишкошим | 458,2 | 96 ҷой |
| 124 | Мактаби №35 дар деҳаи Гармчаш-маи ноҳияи Ишкошим | 311,8 | 192 ҷой |
| 125 | Мактаби №3 дар деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошим | 411,5 | 96 ҷой |
| 126 | Дармонгоҳ дар деҳди Навободи ноҳияи Шугнон | 689,7 | 60 ҷой |
| | Хамагӣ: мактаб барои 960 талаба ҷой ва дармонгох. бо иқтидори 60 қабул дар 1 баст сохта ба истифода дода шуданд. | **3501,3** | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **Соли 2009** | | |
| 127 | Мактаби №15 дар деҳаи Лухчи ноҳияи Дарвоз | 1425,6 | 192 ҷой |
| 128 | Мактаби №31 дар деҳаи Нисури ноҳияи Рушон | 497,1 | 96 ҷой |
| 129 | Мактаби №7 дар деҳаи Бодоми ноҳияи Рошқалъа | 914,2 | 192 ҷой |
| 130 | Мактаби №14 дар деҳаи Зумудғи ноҳияи Ишкошим | 885,5 | 192 ҷой |
| 131 | Азнавсозии Хона-музеи Ш.Шоҳтемур дар ноҳияи Шуғнон | 300,0 | 1 адад |
| 132 | Ободонии мавзеи чашмаи Носири Хусрав дар ноҳияи Шуғнон | 94,0 | 1 адад |
| 133 | Ободонии муҷассамаи Ш.Шоҳтемур дар шаҳри Хоруғ | 7,0 | 1 адад |
| 134 | Азнавсозии нимпайкараҳои дар май-дони «Ваҳдат» – и шаҳри Хоруғ | 16,0 | 1 адад |
| | **Ҳамагӣ:** мактаб барои 672 талаба ва азнавсозии 4 адад Хона – музей, нимпайкараҳо ва ободонии мавзеҳо сохта ба истифода дода шуданд. | **4139,4** | |
| | **Соли 2010** | | |
| 135 | Хонаҳои истиқоматӣ дар ноҳияи Ванҷ | 410,0 | 392 м2 |
| 136 | Мустаҳкамкунии 2-хонаи 12 ҳуҷрадор дар ноҳияи Ванҷ | 399,0 | 1229 м2 |
| 137 | Мактаби №15 дар деҳаи Ҷовиди ноҳияи Ванҷ | 2374,9 | 350 ҷой |
| 138 | Мактаби №41 дар деҳаи Мулвоҷи ноҳияи Ишкошим | 510,0 | 120 ҷой |
| 139 | Мактаби №53 дар деҳаи Пуштарори ноҳияи Дарвоз | 220,0 | 120 ҷой |
| 140 | Мактаби №43 дар деҳаи Чорсуни ноҳияи Дарвоз | 220,0 | 120 ҷой |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 141 | Муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Хоруг | 240,1 | 1 адад |
| 142 | Азнавсозии майдони марказӣ дар шаҳри Хоруг | 214,0 | 1 адад |
| | **Ҳамагӣ**: 392м2 хонаи истиқоматӣ, 1229 м2 мустаҳкамкунии 2 хонаи истиқоматӣ, мактаб барои 710 талаба 1 адад муҷассама ва 1 адад азнавсозии майдони марказӣ дар шаҳри Хоруг сохта ба истифода дода шуданд. | **4588,0** | |
| | **Ҳамагӣ дар солҳои 1991 – 2010** Иншоотҳои зерин: 13858,4 м2хонаи истиқоматӣ, 360 м2 хобгоҳ, мактаб барои 10092 талабаҷой, беморхона барои 376 кат, клубҳо барои 1620 ҷои нишаст, 18,3 км хатти обгузар, пунктҳои тиббӣ барои 145 қабул дар 1 баст, дармонгоҳ барои 60 қабул дар 1 баст, 1 адад дорухона, 56,7 км роҳ, 169 м купрук, ҳаммом барои 10 ҷой, 30 кВт НОБ-и хурд, меҳмонхона барои 20 ҷой, 1 адад муҷассама, 1 адад барқароркунии толори варзишӣ, 1 адад барқароркунии майдончаи варзишӣ, 1 адад азнавсозии Хона-музей, 4 адад азнавсозӣ ва ободонии майдон ва мавзеҳо, 3 адад мустаҳкамкунии хонаҳо, 1229 м2 ва мустахкамкунии 2 хонаи истиқоматӣ сохта ба истифода дода шуданд. | **1380753,82** | |

# *Боби 4*

# ДАСТОВАРДҲОИ ИЛМИВУ ФАРҲАНГӢ

## ИНСТИТУТИ БИОЛОГИИ ПОМИР

Олами набототу захираҳои табии Помир ҳанӯз пеш аз инқилоб диққати олимонро ба худ кашида буд. Даҳҳо табиатшиносони рус аз солҳои 70-уми асри XIX сар карда, то ғалабаи инқилоб дар ин минтақаи баландкӯҳ корҳои зиёди илмӣ анҷом дода, барои муайян намудани захираҳои табиӣ, навъҳои хоси набототу ҳайвоноти он кӯшиши зиёде ба харҷ дода буданд. Вале омӯзиши ҳамаҷонибаи воқеан илмии табиати нотакрори Помир ба давраи Шӯравӣ рост меояд. Ба мушкилоти замон нигоҳ накарда, роҳбарияти марказии Ҳукумати шӯравӣ, Академияи Илмҳои ИҶШС барои омӯзиши Помир ҳамаҷониба мусоидат мекарданд. Дар ибтидои солҳои 30-юм бо мақсади омӯзиши бисёрсамтаи сарватҳои табиии олами набототу ҳайвоноти Помир экспедитсияҳои гуногун ташкилу роҳандозӣ шуда буданд. Зарурати пешбурди муттасили корҳои илмӣ-тадқиқотӣ вадор сохт, ки дар ВМКБ муассисаи доимамалкунандаи илмӣ фаъолият дошта бошад. Соли 1938 Стансияи биологии ноҳияи Мурғоб ва соли 1940 Стансияи селексионии ноҳияи

Ишкошиму Боғи нафототи Помир ба фаъолият шурӯъ намуданд, дар заминаи онҳо соли 1969 Институти биологии Помир ташкил ёфт.

Дар давраи истиқлолият боз якчанд муассисаҳои илмӣ ба фаъолият оғоз намуданд, ки ба онҳо Стансияи тадқиқотии нурҳои кайҳонии деҳаи Ок-Архари ноҳияи Мурғоб (ки бо номи барномаи Помир-Чакалтай машҳур аст) ва расадхонаи



*Академик*
*Оғоназар Ақназаров*

деҳаи Шорбулоқи ноҳияи Мургоб дохил мешаванд.

Самтҳои асосии фаъолияти илмии Институти биологии Помир аз тадқиқоти комплексии захираҳои биологии табиии кӯҳистони Бадахшон ва роҳҳои оқилона истифода бурдани захираҳо бо мақсади баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мебошад. Кормандони Институт дар давраи истиқлолият новобаста ба душвориҳои иқтисодӣ ба дастовардҳои назарраси илмӣ соҳиб шуданд. Пеш аз ҳама сохтори Институт ва мавзӯҳои тадқиқотӣ вобаста ба талаботи замони истиқлолият таҷдиди назар шуданд. Қобили қайд аст, ки 80 фоизи мавзӯҳои тадқиқотӣ вобаста ба мушкилоти соҳаи кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист тааллуқ доранд.

Сохтори мавҷудаи Институт низ бо назардошти таҷҳизоти техникӣ ва кормандони баландихтисоси илмӣ дигар карда шуд. Дар заминаи 3 лаборатория як шуъба ташкил карда шуда, иқтидори кори боғи набототт аз ҳисоби дигар лабораторияҳо пурзӯр гардонида шуд. Ин имкон дод, ки тамоми нерӯи илмии институт ба тадқиқотҳои муҳими илмӣ рӯзмарра равона карда шавад. Ҳоло дар Институт корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз рӯи 8 мавзӯи илмӣ, ки ба соҳаи физиология ва биохимияи растаниҳо, мевапарварӣ, генетика ва селексияи растаниҳо ва интродуксияи растаниҳо бахшида шудаанд, идома меёбад. Кормандон дар ин самтҳои тадқиқотӣ ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ соҳиб гардидаанд.

Аз ҷумла, олимон доир ба физиология ва биохимияи растаниҳо, ҳамбастагии таъсири омилҳои экологии кӯҳистон ба рушду нумӯъ ва морфогенези растаниҳо ба хулосаҳҳои наву назарраси илмӣ ноил гардиданд.

Кормандони Институт солҳои охир дар бораи роҳҳои оқилона истифода бурдани гармии обҳои зеризаминии мавзеъи Ҷелондӣ тадқиқоти зарурӣ анҷом доданд. Аз ҷумла гармхонаҳо сохта, дар онҳо технологияи парвариши бодиринг, помидор ва дигар намудҳои сабзавотро ба роҳ монда, дар заминаи ин тадқиқот ба мутахассисон ва хоҷагиҳои деҳқонӣ тавсияномаи мукаммали истифодаи обҳои зеризаминиро пешкаш намуданд.

Олимони Институт паҳншавии 30 намуди растаниҳои шифобахши Бадахшонро тадқиқ ва дар таркиби онҳо миқдору фаъолияти моддаҳои флавоноидӣ, кумаринҳою витаминҳоро муайян намудаанд. Аз рӯи хулосаи онҳо дар ҳудуди вилоят захираи истеҳсоли хуч (90 тонна), ангат (150 т.), чойкаҳак (16 т.), бобунаи кӯҳӣ (111 т.), ширинбия (150 т.) ва юган (35 т) ташкил медиҳад, ки онҳо ҳамчун ашёи хом барои саноати дорусозӣ ниҳоят заруранд.

Ходимони илмии институт муайян карданд, ки дар ҳудуди ноҳияи Шугнон – 65, Ишкошим – 45, Рӯшон – 70 намуди растаниҳои шифобахш мерӯянд, ки онҳо дар тибби муосир ва халқӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Дар баландиҳои гуногуни кӯҳистон зиёда аз 360 намуди растаниҳои худрӯй ва зироатҳои хӯроки чорворо аз ҷиҳати илмӣ ҳаматарафа омӯхта, тадқиқотчиёни институт дар истеҳсолот ҷорӣ намудани 13 намуди чунин растаниҳои хӯроки чорворо тавсия додаанд. Дар заминаи маводи тухмӣ, усул ва мӯҳлати кишти растаниҳои яксола ва бисёрсола муайян карда шудааст.

Мевашиносони Институт солҳои охир, маротибаи нахуст ҳудуди ноҳияҳои Помири Ғарбиро мавриди омӯзиш қарор дода, муайян намуданд, ки дар боғ, дараҳо ва доманакӯҳҳои қисми ғарбии вилоят зиёда аз ҳазор намуди дарахтони мевадиҳанда, буттагиҳо мавҷуданд. Олимон бо далелҳои асосноки илмӣ истбот намуданд, ки дар баландиҳои то 2500 метр аз сатҳи баҳр барои рушди соҳаи боғдорӣ, парвариш намудани чормағз ва себу нок имконият мавҷуд аст. Мева-

шиносон аз рӯи аломатҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ ниҳоят муфид, 20 намуд чормагз, 12 намуд тут, 15 намуд зардолу, 30 намуд себ ва 15 намуд нокро ҷудо намуда, барои истифодаи минбаъда тавсия кардаанд. Се намуди нодири нокро, ки миқдори дарахтонашон дар вилоят хеле камшумор аст, барои ворид кардан ба «Китоби сурхи Тоҷикистон» тавсия намуданд.

Кормандони Институт хусусиятҳои биологии 30 намуд ҳашароти зараррасони соҳаи кишоварзиро омӯхта, роҳҳои ҳифзи ҳосилро аз онҳо нишон додаанд. Дар солҳои охир онҳо усулҳои микробиологии (битоксибатсилин, эндобактерин) муҳофизати ҳосил аз ҳашарот кор карда баромаданд, ки дар сурати истифодаи амалии ин маводҳои микробиологии зидди ҳашаротҳои зараррасон ҳаҷми маҳсулот дучанд хоҳад афзуд.

Дар бунгоҳи тадқиқотии ноҳияи Ишкошим дар зарфи даҳ соли охир зиёда аз 300 навъи зироатҳои галладона мавриди омӯзиши олимон қарор гирифт. Дар натиҷаи навъи тритекале – Бадахшон ба вуҷуд оварда шуд, ки аз рӯи ҳосилнокии худ аз дигар намудҳои мавҷуда бартарии калон дошта, ба иқлими Бадахшон мутобиқ аст. Олимон исбот намуданд, ки Бадахшон аз рӯи гуногуннамудии гандум дар ҷои аввал меистад. Аз 273 намуди гандум, ки барои илм маълуманд, 150 намуд дар Бадахшон месабзанд. Дар бунгоҳи Ишкошим генофонди нодири гандумҳои навъи маҳаллӣ гирд оварда шудаанд. Ҳар сол дар заминҳои таҷрибавӣ 200 навъ зернамуди гандум, 150 намунаи ҷавҳои дурага, инчунин намудҳои маҳаллии боқло, нахуд, нут ва дигар лӯбиёгиҳо кишт карда мешаванд.

Яке аз вазифаҳои бунгоҳи ноҳияи Ишкошим тайёр намудани тухмии хушсифати зироатҳои кишоварзӣ барои хоҷагиҳои фермерӣ мебошад. Дар ин ҷода натиҷаҳои назаррас ба даст омадаанд. Дар 3 соли охир зиёда аз 30 тонна тухмии хушсифати картошкаи навъҳои Пикассо, Полёт, Трида, Б-1 ва гайра истеҳсол шуда, дастраси деҳқонон гар-

дид. Таи ду соли охир дар замин бунгоҳ 21 тонна тухмии хушсифати гандумҳои маҳаллии навъҳои Сафедаки бартангӣ, Сафедаки ишкошимӣ, Сурххуша, Бобилло, Чалдак ва ғайра истеҳсол шуда, барои эҳтиёҷоти хоҷагиҳои деҳқонӣ, водиҳои Ғунд, Шоҳдара ва Ишкошим дастраси кишоварзон гаштаанд.

Дар фаъолияти Институт Боғи набототи «ботаникӣ)-и Помир мавқеи калон дорад. Ҳоло боғ зиёда аз 4000 намуд ва зернамуди дарахтон, буттаю нимбуттаҳо ва растаниҳои алафӣ аз қитъаҳои Европа, Америка, Осиё гирд оварда шудаанд. Боғ аз рӯи коллексияи нодири худ яке аз бойтарин боғи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ коллексияи нодири боғ новобаста аз мушкилотҳои иқтисодӣ на танҳо ҳифз гардид, инчунин зиёд карда шуд. Боғи набототи Помир, дар воқеъ боигарии миллии Тоҷикистон ҳисоб меёбад. Дар кори аз хушкшавӣ эмин доштани коллексияи нодири боғ хизмати Президенти мамлакат, Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст. Сарвари давлат ду маротиба (солҳои 1995 ва 2002) аз захираҳои хазинаи президентӣ барои хариди дастгоҳҳои пуриқтидори обкаш ба институт маблағҳои зарурӣ ҷудо намуда, бо ин хавфи аз беобӣ нобуд шудани коллексияи нодири боғро аз миён бардошт.

Хурсандиовар аст, ки дар арафаи рӯзҳои ҷашни «Ваҳдати миллӣ» (соли 2011) дар Бадахшон бо супориши Президенти мамлакат ду адад дастгоҳҳои обкаши пуриқтидор барои беҳдошти системаи обёрии боғи набототи харидорӣ шуданд ва ҳоло масъалаи кори ҷо ба ҷо гузорӣ ва васлкунии онҳо дар арафаи анҷомёбист.

Ҳоло дар боғ корҳои илмӣ дар соҳаи интродуксияи растаниҳо идома дорад. Дар коллексияи боғ 900 намуди дарахтон, 1800 намуди растаниҳои алафӣ ва 450 намуди дарахтони мевадиҳанда мавҷуданд. Дар солҳои охир коллекссиси дарахтони сӯзанбарг ба 80 намуд расонида шуд.

Яке аз самтҳои фаъолияти Институт ин буёд намудани

боғҳои нав дар ноҳияҳо, кабдизорикунии ҳудуди шаҳри Хоруг ва маҳаллҳои аҳолинишин, тайёр намудани тухмӣ ва ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда, ороишӣ ва гулҳои яксолаю бисёрсола мебошад. Бо ин мақсад дар ниҳолхонаи Институт ҳар сол зиёда аз 11 ҳазор ниҳоли мевадиҳандаю сояафкан ва ороишӣ барои эҳтиёҷоти богдорону фермерҳо омода мегардад.

Роҳбарияти Институт барои тайёр намудани ходимони илмӣ диққати махсус медиҳад. Дар давраи истиқлолият кормандони илмии Институт 5 рисолаи докторӣ ва 6 рисолаи номзадиро ҳимоя намуда, нерӯи илмии Бадахшонро боз ҳам ганитар гардонданд. Ҳоло дар шуъбаҳои рӯзона ва гоибонаи Институт 12 нафар дар аспирантура ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машгуланд. Дар даҳ соли охир, кормандони Институт 10 рисолаҳои калонҳаҷм (монография), 6 тавсияномаҳо барои истеҳсолот ва зиёда аз 150 мақолаҳои ба масоили рӯзмарраю мухталифи илмӣ бахшидаи худро дар маҷаллаҳои бонуфузи мамолики хориҷ нашр намудаанд.

Кормандони Институт дар конференсияҳо ва симпозиумҳои байналмиллалии дар ШМА, Олмон, Австралия, Ҳиндустон, Непал, Голландия, Франсия ва дигар давлатҳо баргузор гардида ширкат дошта, натиҷаи корҳои илмии худро муаррифӣ намудаанд. Аз ҷумла, директори Институт, академик О. Ақназаров дар ду симпозиуми шаҳри Бишкек оид ба тадқиқоти дарахтони гуногуннамуди мевадор ва навъи ёбоии онҳо дар ноҳияҳои кӯҳистони Осиёи Марказӣ маърӯза карда, мутахассисони соҳаро бо дастовардҳои илмии солҳои охири институт шинос намудааст. Чунин масъалагузориҳоро дар мисоли дигар кормандони Институт Қ. Абдуламонов, М. Алидодов, М. Қадамшоев, А. Абдулназаров, Н. Ошӯрмамадов, М. Карамхудоева, ки бо маърӯзаю гузоришҳо дар конфренсияю симпозиумҳои байналмилалӣ баромад кардаанд, зиёд овардан мумкин аст.

Кормандони Институт бо мақсади тарғибу ташвиқи донишҳои илмӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо маводҳои

симпозиум ва семинарҳоро нашр намуда, дастраси хонандагон мегардонанд. Масалан, маводи конфренсияи байналмилалии «Масъалаҳои актуалии экологии минтақаи баландкуҳи Осиёи Марказӣ»[1]( моҳи сентябри соли 2000), конференсияи байналмилалии «Рушди минтақаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ дар асри XX»[2] (моҳи августи соли 2001), конефренсияи ҷумҳуриявии «Хусусиятҳои экологии гуногуншаклии биологӣ»[3] (моҳи июли соли 2005) ва конференсияи илминазариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии Институт таҳти унвони «Ҳолат ва дурнамои истифодабарии захираҳои биологии минтақаи баландкӯҳ»[4](моҳи августи соли 2009) баргузор гардида, дастраси мутахассисони соҳа шудаанд.

Аз фаъолияти ҳозираи касбии ходимони илмии институт ёдовар шуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки соли 2010 рисолаи муштараки Т. Темиров ва М. Қадамшоев «Аҳамияти кирми лойхурак дар беҳтар намудан ва баланд бардоштани ҳосилхезии хокҳои биёбонии баландкӯҳи Помири Шарқӣ» нашр гардид. Моҳи феврали соли 2010 академик О. Ақназаров дар форуми грантгирандагони «The Christensen fund» дар ш.Истамбул (Туркия) ва моҳи август дар симпозиуми байналмилалии шаҳри Урумчӣ (Хитой) бо маърӯзаҳои пурмазмун баромад карда, аз тарафи иштирокдорони ин симпозиумҳо баҳои баланд гирифтааст.

Институти билогии Помир бо як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ, хориҷӣ ва ИДМ, аз ҷумла бо Хазинаи Ого – Хон, GTZ – и Германия, «Bioversity international» ш. Рим (Италия), «The Christensen fund» ШМА, ELLONA, АКФ-и

---

[1] «Актуальные проблемы экологии высокогорий Центральной Азии». Тез. док. – 5-7 сент. 2000 г. – Хорог: Памир, 2000. – 200 с.

[2] «Развитие горных регионов Центральной Азии в XX веке» Тез. док. 24-26 август 2001 г. – Хорог, 2001.-218 с.

[3] Экологические особенности биологического разнообразия. Мат. Респ.конф. 24-25 июля 2005 г. – Хорог, 2007. – 297 с.

[4] Состояние и перспективы использования биологических ресурсов высокогорных регионов» // Материалы научно-практический конф. Посв. 40 лет. образования Памир. Биолог. Института г. Хорог, 14-15 авг. 2009 г. – Хорог, 2009. – 150 с.

Афгонистон, барномаи илмӣ – тадқиқотии Шимолу Ҷанубии Швейсария ва Фонди глобалии экологӣ ҳамкорӣ дорад. Чунин ҳамкории ниҳоят муфиди тарафайни Институти биологии Помир бо институтҳои тадқиқотии Русия, аз ҷумла, бо Институти физиологияи растаниҳои ба номи К. Тимирязеви ш. Москва, Институти физикаи ба номи Лебедеви ш. Москва, Боги марказии набототи Русия, Институти умумирусиягии растанипарварии ш. Санкт-Петербург, Институти генетикаи умумии ш. Москва, Боги набототи ш.Санкт-Петербург, Институти илмӣ-тадқиқотии богпарварии Сибир ба номи М.А. Лисовенко, Институти богпарварии ба номи И.В. Мичурини ш. Мичуринск, Донишгоҳи давлатии ш. Мичуринск, ҳамзамон бо Институти зироаткорӣ ва растанипарварии ш. Алмалыбаки Ҷумҳурии Қазоқистон ва гайра идомаву рушд меёбад.

Аз ҳамкории кормандони Институт бо давлатҳои ҳамсоя ёдовар шуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки онҳо соли 2010 оид ба ҳифзи растаниҳо дар се вулусволии Бадахшони Афгонистон, барои агрономҳо ва деҳқонони ду тарафи соҳили Панҷ Бадахшони Тоҷикистон ва Афгонистон оид ба санҷиши навъҳо ва технологияи парвариши гандуми тирамоҳию баҳорӣ семинарҳо гузарониданд, ки дар онҳо нафарони зиёде ширкат дошта, аз таҷрибаи олимон баҳра бардоштаанд.

Дар шуъбаҳои Институт алҳол 4 доктор ва 12 номзадҳои илм фаъолият доранд. Дар лабораторияҳо 35 нафар бо маълумоти олии касбӣ шугли кор дошта, 8 нафарашон унвонҷуёни институт мебошанд.

Албатта вобаста ба талаби замон бояд рушди рӯзафзуни фаъолияти институтро ба роҳ монд. Вале чунин тамоюлро бе маблаггузории мувофиқ, бе пойгоҳи қавии техникӣ таъмин кардан ниҳоят мушкил аст. Таҷҳизотҳои техникии нститут қисман фарсудаю корношоям гаштааст. Барои самаранок ташкил намудани корҳои экспедитсионӣ бояд институт ба техника ва таҷҳизоти нав таъмин гардад.

Ҳамчунин институт ба техникаи компютерӣ, техникаи ҳисоббарории оптикӣ ва спектралӣ ниёз дорад. Техникаи мавҷудаи кишоварзию селексионии пойгоҳи тадқиқотии ноҳияи Ишкошим ва Ҷелондеҳ низ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ буда наметавонад. Гарчанде то алҳол ин танқисии техникӣ фаъолияти кормандони илмии институтро нигоҳ дошта натовонистааст, вале дар оянда раванди босуръати кашфиётҳои илмиро халалдор карда метавонад.

## ПАЖӮҲИШГОҲИ УЛУМИ ИНСОНӢ – ҲАМСОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қарори Президуми Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон таҳти рақами 147 аз 9 сентябри соли 1991 дар заминаи шуъбаҳои помиршиносӣ ва тадқиқоти сотсиалӣ-иқтисодии базаи Помири Академияи фанҳои Тоҷикистон ташкил ёфт. Фаъолияти асосии кори илмӣ-тадқиқотии Пажӯҳишгоҳ чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

– Тадқиқи пурраи забонҳои бадахшонӣ, адабиёт ва фолклор, проблемаҳои ҳифз ва инкишофи онҳо;

– Таърих, маънавиёт, ақидаҳои динӣ-фалсафӣ ва маросимҳои суннатии мардуми Бадахшон ва кишварҳои ҳамҷавор.

Бадахшон аз назари омӯзиши забон, маданият, таърих, фалсафа, санъат ва урфу одат яке аз минтақаҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки ба тадқиқу омӯзиши амиқи илмӣ ниёз дорад. Дар Бадахшон забону шеваҳои (лаҳҷа) гуногун ба монанди шугнонӣ, рӯшонӣ, бартангӣ, баҷувӣ, хуфӣ, рошорвӣ, язгуломӣ, вахонӣ ва гайраҳо маҳфуз монданд. Арзиши шеваҳои бадахшонӣ дар он аст, ки онҳо анъанаҳои таърихии боқимондаҳои забонҳои қадимии сакоӣ (скифӣ), сугдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказиро дар худ нигоҳ дошта, бо забони қадимтарини Авесто

муносибати наздик доранд. Мавҷудияти ин забонҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Тошқӯргони Ҷумҳурии Халқии Хитой, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон ба омӯзиши забонҳои бадахшонӣ мавқеи байналхалқӣ медиҳад. Забонҳои бадахшонӣ захираи бои фолклорӣ доранд, ки манбаъд манбаи асосии омӯзиши эҷодиёти шифоҳии ин мардум мебошанд.

Ҳоло инкишофи назм ва шаклҳои дигари адабиёти бадеӣ бо забонҳои помирӣ мавқеи калон пайдо намудааст. Оид ба омӯзиши забонҳои бадахшонӣ чорабиниҳои муҳим баргузор гардиданд. Ба ғайр аз таҳкурсии корҳои илмӣ оид ба забонҳои бадахшонӣ, фолклоршиносӣ ва адабиёт, маводҳои таълимӣ, луғатҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ барои хонандагон нашр шуданд. Ташкилёбии шӯъбаҳои гуногун дар назди Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ на танҳо аҳамияти минтақавӣ, балки аҳамияти байналмилалӣ доранд.

Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ имконияти омӯзиши мероси пурғановати фалсафӣ ва ахлоқиро дар ҳамбастагии ҷараёнҳои динӣ дорад. Урфу одат ва фарҳанги ба худ хоси Помиру Бадахшон ҳанӯз аз даврҳои қадим диққати олимони ватанию хориҷииро ба худ ҷалб карда буд, вале шароиту имконияти омӯзиши илмии он дар замони собиқ Иттиҳоди шӯравӣ оғоз ёфт. Тадқиқотҳои олимони Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ собит сохтанд, ки ҳануз имкониятҳои иқтисодии Бадахшон, боигариҳои маданӣ, урфу одат, тарзи зиндагӣ ва ғайраҳо пурра омӯхта нашудаанд. Аз нуқтаи назари илмӣ муносибати генетикӣ байни забонҳои бадахшонӣ ва дигар забонҳои эронӣ, ҳинду-эронӣ ва гурӯҳи забонҳои ҳиндуевропоӣ дар сатҳи зарурӣ муайян нагардидааст. То кунун арзишҳои осори фолклорию адабӣ ва таърихи гуногунзабонии мардум дар даврҳои таърихӣ барраси нагардидааст. Солҳои охир тадқиқоти этникӣ ва мардумшиносӣ қариб пурра қатъ гардида, хавфи аз байн рафтани урфу одат ва расму анъанаҳои хоссаи ҳазорсолаи Помиру бадахшониён ба вуҷуд омадааст.

Санъати мусиқии Бадахшон ба тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ ниёз дошта, андешаҳои фалсафӣ ва динии он ба риштаи таҳқик кашида нашудааст. Зарурати омӯзиши ин масъалаҳо аз он сабаб муҳим аст, ки бойгониҳои зиёди маънавӣ дар тафаккур ва зеҳну хотираи одамони калонсол ҷойгиранд ва хавфи аз байн рафтани онҳо вуҷуд дорад.

Хушбахтона соли 2010 бо дастгирии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва Ташкилоти Огохон оид ба рушд (Фонд Кристенсен) аз ҷонби кормандони Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон докторони илмҳои санъатшиносӣ Файзулло Кароматов, Низом Нурҷонов ва Баҳринисо Қобилова «Санъати мусиқии Помир» дар се ҷилд аз нав нашр гардид.

Фақат тадқиқоти пурраи илмӣ хавфи аз байн рафтани забонҳои Помиру Бадахшон, фолклор, санъат ва этнографияи онро нигоҳ дошта метавонанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки вазифа ва дурнамои фаъолияти Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ аз инҳо иборат мебошанд:

а) таҳқиқи ҳаматарафаи забонҳои бадахшонӣ ва дигар забонҳои ҳиндуэронии минтақаи этнолингвистии Бадахшону Ҳиндукуш ривоҷ дода шуда, жанрҳои гуногунзабони фолклорӣ-адабӣ мураттаб намуда, инкишоф дода шавад;

б) тадқиқи васеи синхронӣ (ҳозира), диахронии (таърихӣ) забонҳои бадахшонӣ ва лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ, ҳамчунин форсӣ байни бадахшонӣ дар муқоисаи типологӣ, муайян намудани муносибат ва мавқеи онҳо дар байни забонҳои ҳиндуэронӣ ва ҳиндуаврупоӣ;

в) бо ёрии эроншиносони ватанӣ ва хориҷӣ мураттаб намудани луғатҳои муқоисавӣ, этимологӣ, ономастикӣ ва атласи лингвистии забонҳои бадахшонӣ;

г) расонидани ёрии илмӣ-методӣ ба мактабҳои вилоят бо мақсади такмили таълими забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва хитоӣ дар заминаи забонҳои халқиятҳои Бадахшон, Нашр

намудани маводҳои методӣ, таълимӣ ва мутаҳкам намудани алоқаи илмии Пажӯҳишгоҳ дар арсаи байналхалқӣ;

д). Баргузор намудани семинарҳо, конференсияҳо ва симпозиумҳои илмӣ дар мавзуҳои забоншиносӣ, мардумшиносӣ, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз дар Бадахшон.

Дар Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ 36 нафар корманд фаъолият доранд, ки аз онҳо 23 нафар кормандони илмӣ мебошанд. Дар байни кормандон – 4 доктор, 15 номзадҳои илм ва 4 корманди беунвон фаъолият доранд.

Дар аспирантураи Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ 20 нафар унвончӯй (9 нафар дар шӯъбаи рӯзона ва 11 нафар дар шӯъбаи гоибона) ба таҳсилу фаъолияти илмӣ фаро гирифта шудаанд.

Аз натиҷаҳои илмии Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ёдовар шуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки дар зарфи 20 соли мавҷудияташ таҳқиқоти назаррасеро анҷом дода, асарҳои зиёдеро нашру дастраси мутахассисон ва доираи васеи хонандагон гардондааст. Ҳар як асари илмие, ки дар шакли комил таълиф меёбад, бешубҳа маҳсули тадқиқоти чандинсолаи муҳаққиқ мебошад.

Тадқиқ ва баррасии забонҳои бадахшонӣ яке аз масоилҳои асосии илми филология маҳсуб ёфта, он беш аз як садсола боз мавриди омӯзиши мутахасиссисон қарор дорад. Дар ин байн роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни забонҳои бадахшонӣ асарҳои зиёди пурарзиш ба арсаи илм ворид гаштанд. Бояд тазаккур дод, ки аксари ин асарҳо хусусияти тасвирӣ ё худ синхронӣ доштанд.

Дар даҳсолаҳои охир олимон бештар ба тадқиқу таҳлили амиқи решаҳои таърихӣ, инкишофу таҳаввули онҳо рӯ овардаанд. Асарҳои тадқиқотие, ки дар даҳ соли охир анҷом ёфта ба табъ расидаанд, гувоҳи равшани ин раванди фаъолияти тадқиқотчиён мебошад. Тавсифи корҳои анҷомдодаи илмии забоншиносони Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ бе ёдраси луғати чорҷилдаи Д. Карамшоев «Луғати шугнонӣ-русӣ»

(«Шугнанского-русский словарь»)[1] тасаввур намудан аз имкон берун аст. Ин луғат таҷрибаи нахустин ва нисбатан пурра дар тасвири лексикографӣ, ёддошти илмии луғати забони шуғнонӣ ва шеваҳои он – баҷувӣ ва шоҳдараги буда, сохтори воҳидҳои лексикӣ, грамматикӣ ва фразеологӣ аз лиҳози маъно ва вазоиф тавсифу баррасӣ менамояд. Соли 1994 рисолаи ходими илмии шуъбаи забонҳои бадахшонӣ М. Аламшоев «Система местоимений шугнанского языка (в сравнении с языками шугнано-рушанской группы памирских языков»[2] нашр гардид. Қисмати аввали рисолаи мазкур ба омӯзиши синхронии системаи ҷонишинҳои забони шуғнонӣ ва лиҳози хусусиятҳои мухталифи семантикӣ, вазоифи морфологӣ-синтаксисии ҷонишинҳо бахшида шудааст.

Дар қисмати дуюми рисола ҷумлаҳои гуфтугӯӣ, ибораҳои рехта, зарбулмасалу мақолҳо, чистону ривоятҳо, афсонаҳо чун мавод ва намунаҳои иловагии забонҳо оварда шудаанд, ки қимати илмӣ ва амалии онро дучанд афзудааст.

Соли 1998 давоми мантиқии рисолаи фавқуззикр, рисолаи Юсуфбеков Ш. «Дейктичность в языках шугнанско-рушансксой группы: Семантико – прогматичесикие аспекты»[3] ба табъ расонда шуд. Дар ин асар вожаҳои забонҳои гуруҳҳои шуғнонӣ – рӯшонӣ, бахусус ҷонишин, зарфҳо ҳиссачаҳои ишоратӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Мавриди қайд аст, ки гарчанде тасвиру тадқиқи илмии бисёр масъалаҳои забонҳои помирӣ дар қаламрави Бадахшони Тоҷикистон то андозае ҳалли худро ёфта бошад ҳам, забонҳои бадахшонии берун аз марзи ВМКБ ҳанӯз ба таври зарурӣ омӯхта нашудааст. Ҳамин ҳолатро ба назар гирифта,

---

[1] Карамшоев Д. Шугнанско – русский словарь. В 3-х т. /Под ред. А.Л. Грюмберг. – М.: Наука, 1991 – 1999.

[2] Аламшоев М. Система местоимений шугнанского языка (в сравнении с языками шугнано-рушанской группы памирских языков) /Под ред. Д. Карамшоева. – Душанбе, 1994.

[3] Юсуфбеков Ш. Дейктичность в языках шугнано-рушанской группы: семантико-прагматические аспекты /Отв. Ред Д.И. Эдельман. – М., 1998.

директори пажуҳишгоҳ Ш. Юсуфбеков таркиби фонологӣ ва грамматикии забони сангличӣ, воқеъ дар водии Сангличи Бадахшони Афгонистон бударо ба риштаи тадқиқи синхронӣ ва таърихӣ кашид[1]. Аҳамияти илмии рисолаи мазкур аз он иборат аст, ки маводҳои онро худи муаллиф аз байни соҳибони ин забон ҷамъоварӣ намудааст.



*Кормандони Пажӯҳишгоҳ (аз рост ба чап): директори Пажӯҳишгоҳ, доктори илмҳои филология Юсуфбеков Шодихон, ходимони калони илмӣ Қаландаров Ҳоким ва Шоҳинбеков Аловиддин.*

Пас аз 39 соли нашри китоби профессор Т.Н. Пахалина «Забони ишкошимӣ» («Ишкашимский язык») шогирдаш З. Назарова рисолаи тадқиқотиашро таҳти унвони «Система ишкошимского глагола в сравнении с бадахшанско-таджикской»[2]-ро ба чоп расонд. Рисола аввалин иқдом дар омӯзиши хусусиятҳои таркибӣ – маъноии ба ҳам монанд ва аз ҳам фарқ доштаи таркиби феълии забони ишкошимӣ ва лаҳҷаи бадахшонии забони тоҷикӣ мебошад.

[1] Юсуюбеков Ш. Сангличский язык в синхронном и историческом освещении /Отв. Ред. Д.И. Эдельман. – М., 1999.
[2] Назарова З. Система ишкашимского глагола. – М., 1998.

Солҳои охир ду асари пурарзиши Алимшоев М. «Словарь терминов животноводства в шугнанском языке» ва «Шугнанская животноводческая лексика в этнолингвистическом и сравнительно – историческом освещении» нашр гардиданд, ки равияи ҷадидро дар забоншиносии кишвар ҷорӣ намуданд.

Қобили зикр аст, ки фаъолияти Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва нашри фолклору адабиёти Бадахшон хеле густариш ёфтааст. Соли 1992 тавассути нашриёти «Дониш» ҷилди аввали «Фолклори Помир»[1] нашр гардид, ки аз он 1 486 матни зарбулмасал ва мақолҳо иборат буд. Маводи ҷилд солҳои 1959-1978 аз тарафи адабиётшиносон Д. Карамшоев, А. Каримов, С. Мирзабдинова, Р. Ширинова, Т. Бахтибеков ва дигарон дар ноҳияҳои Шугнон ва Рӯшони ВМКБ гирдоварӣ шудаанд.

Мураттиби ҷилд доктори илмҳои филология Шакармамадов Н. ба он сарсухани батафсил таълиф намуда, бо мисолҳои фаровон хусусиятҳои хоси зарбулмасал ва мақолҳоро дар ҳаёти маънавии мардуми ин сарзамин нишон додааст. Бояд қайд кард, ки ҷилди аввали «Фолклори Помир» дар фарогирии маводҳо аз нигоҳи таснифи услуби забони мақолу зарбулмасалҳо, дарёфти муродифи тоҷикии қисме аз онҳо ба тарҷумаи русӣ аз норасогиҳо холӣ нест. Сифати чоп низ онқадар хуб нест. Вале ҳамаи ин камбудиҳо ба арзиши илмии асар таъсир расонда наметавонанд.

Маҷмӯаи дигари фолклорие, ки аз тарафи Пажӯҳишгоҳ ба чоп расидааст, «Сурудҳои тӯии Помир»[2] мебошад. Арзиши илмии маҷмуа аз он иборат аст, ки мураттиб сурудҳои мансуби маросими тӯи мардуми Бадахшонро аз давраи гузашта то имрӯза ҷамъоварӣ намуда, аз рӯи мавриду тарзи

---

[1] Фолклори Помир. Зарбулмасал ва мақолҳои сокинони Шуғнон ва Рӯшон (Мурат. ва муаллифи сарсухан Н. Шакармамад). – Ҷ. 1. – Душанбе: Дониш, 1992.-353 с.

[2] Сурудҳои тӯии Помир (Помир сур созен) /Мурат. Н.Шакармамадов. – Хоруғ: Помир, 1993.-120с.

ичро табақабандӣ намудааст. Маҷмуаи номбурда, дар баробари қимати илмӣ аҳамияти амалиро низ доро мебошад.

Соли 1998 бо кӯшиши ходими илмии Пажӯҳигоҳ В.Охониёзов китоби шоири шинохтаи тоҷик Нодир Шамбезода (1908-1990) «Гулгунча» аз нав нашр гардид. «Гулгунча» аввалин маҷмуаи ашъори ба забони шугнонӣ офаридаи шоир буд, ки дар солҳои сиюм бори нахуст қисман нашр гардида буд. Аз мазмуни ашъори Шанбезода бармеоянд, ки шоир дар интишори шеъри шугнонӣ истеъдоди комил дошта, бунёдгузори воқеии ашъори таълифӣ ба забони шугнонӣ мебошад. Мутаассифона, дар чунин як маҷмуаи пурарзиши шоир, қисме аз ашъораш бо хатогиҳои имлоӣ чоп шудааст.

Пажӯҳишгоҳ дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши фолклори Бадахшон нақши назаррас гузоштааст. Яке аз чунин корҳои мукаммали илмӣ, рисолаи Шакармамадов Н. «Даргилик – жанри махсуси фолклор»[1] мебошад. Рисола таҳти назари академик Раҷаб Амонов таълиф ёфта, дар бораи фолклоршиносӣ ва назми халқии Бадахшон маълумоти амиқ медиҳад.

Дастоварди дигари Пажӯҳишгоҳ таълифи асари олими хушкори тоҷик Шохуморов А. (1955-1999) «Помир – кишвари ориёӣ»[2] мебошад. Дар ин асар се мавзуи фалсафӣ: «Помир кишвари ориёӣ», «Дини ориёӣ пайванди ду олам аст» ва «Хонаи пайравони ростин – Чид»-ро дар асоси маъхазҳои мӯътамад ва хулосаҳои олимони ба ин масъала тавҷҷӯҳдошта мавриди баҳсу баррасӣ қарор додаст.

Хулоса, Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ зодаи истиқлолият буда, бо вуҷуди мушкилоти пойгоҳӣ (база) ва молиявӣ дар давоми 20 соли мавҷудияташ тавонистааст чандин таҳқиқоти пурарзиши илмиро ба сомон расонад. Пажӯҳишгоҳ дар тайёр намудани мутахассисони равияҳои гуногунии хоси ин маркази илмӣ буда, нақши босазо гузош-

[1] Шакармамадов Н. Даргилик – жанри махсуси фолклор. – Душанбе: Дониш, 1992.-212с.
[2] Шохуморов А. Помир – страна Ариев. – Душанбе, 1997.-182с.

тааст. Таи 20 соли фаъолияти худ 4 доктор, 15 номзадҳи илмро ба ин пояҳои баланду расмии касбӣ расонда, тарбияи зиёда аз 20 нафар унвонҷӯёнро ба зимма дорад.

## ФАЪОЛИЯТИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ш.ХОРУҒ

Таъсисёбии Донишгоҳ дар ҳаёти илмӣ ва фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аҳамияти бузурги таърихӣ дошта, дар таърихи вилоят як саҳифаи нав кушод. Сарфи назар аз тамоми мушкилоти солҳои истиқлолият Донишгоҳ чун маркази илмӣ неруҳои зеҳнии минтақаро муттаҳид намуда, ба пешрафти соҳаи маориф, тарбияи ахлоқӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ мусоидат намуд.

Донишгоҳ дар арафаи таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 1992 тахти рақами 249 таъсис ёфта, аз якуми октябри соли 1992 ба фаъолият оғоз намуд.

Донишгоҳ ба ҳамаи душвориҳои солҳои аввали истиқлолият нигоҳ накарда, чун маркази илмӣ-маърифатӣ



неруи зеҳнӣ-илмиро дар минтақа муттаҳид намуд ва бо пешрафти соҳаҳои дигари хоҷагии халқ мусоидат кард. Лозим ба ёдоварист, ки дар таъсиси Донишгоҳи давлатии Хоруғ иқдом ва хидмати раиси Кумитаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи байналмилалии мактабҳои олӣ, доктори илмҳои таърих, шодравон Моёншо Назаршоев басо бузург буд. Маҳз хизматашро ба асос гирифта, баъди фоҷиаи аз тарафи душманони миллат ба шаҳодат расидани ин ходими намоёни сиёсӣ, илмӣ ҷамъиятӣ (10 марти соли 1994) Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи он фарзонамард гузошта шуд.



Нахустин ректори донишгоҳ доктори илмҳои физика-математика (феълан, академик, Президенти АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон), Мамадшо Илолов таъин шуда, солҳои 1992 – 1995 дар ташкилу поягузории он ва ҷалби кормандони сатҳи баланди илмӣ-омӯзгорӣ дар донишгоҳ фаъолияти пурсамар намуда, барои пешрафти минбаъдаи ин махзани илму таълим шароити мусоид фароҳам овард.



Аз соли 1995 то соли 1998 узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор Хаёл Додихудоев донишгоҳро роҳбарӣ намуда, дар ташаккули пойгоҳи таълимию техникии он саҳми арзанда гузошт.

Солҳои 1998-2005 сарварии донишгоҳро узви пайвастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии



Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Мирганд Шабозов ба ӯҳда дошт ва дар инкишофи неруи зеҳнии он, мустаҳкам намудани пойгоҳи таълимӣ-техникӣ, баланд бардоштани иқтидори илмӣ, тарбиявӣ ва тайёр намудани мутахассисони илмию омӯзгорӣ саҳми назаррас гузошт. Донишгоҳ дар ин давра ба сатҳи пешсафтарин макотиби олии ҷумҳурӣ бароварда шуд.

Аз 4 марти соли 2005 то имрӯз сарварии Донишгоҳи давлатии Хоругро доктори илмҳои математика, профессор Гулхоҷа Ҷангибеков ба ӯҳда дорад.



*Сарвари Донишгоҳ профессор Гулхоҷа Ҷангибеков бо ҳамкорон.*

Донишгоҳ дар соли нахусти таъсисёбӣ аз ду факулта (гуманитарӣ ва илмҳои табиӣ) таркиб ёфта, 200 нафар донишҷӯёнро фаро гирифта буд. Он замон дар он 25 нафар омӯзгор, аз ҷумла 1 доктори илм ва 6 нафар номзади илм ба

таълиму тадриси шогирдон огоз намуданд. Дар солҳои минбаъда он ба маркази илмӣ-тадқиқотӣ табдил ёфта, имрӯз ба донишҷӯён 12 докторон ва зиёда аз 30 нафар номзадҳои илм сабақи дониши олии касбӣ медиҳанд.

То имрӯз донишгоҳро зиёда аз 6000 нафар донишҷӯ бо тахассуси гуногун хатм намудаанд, ки аз онҳо 3 480 нафар ба касби омӯзгори соҳаҳои мухталифи фаннӣ ва 3 218 нафар ба ихтисосҳои дигари барои ҷомеаи кунунӣ созгор соҳиб шуданд. Аксарияти онҳо дар макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, муассисаҳои давлатӣ ва гайридавлатӣ, созмонҳои байналмилалии дохили кишвар ва хориҷ аз он бомуваффақият ифои вазифа намуда, номи неки Донишгоҳи давлатии Хоругро бошарафона ҳифз менамоянд. Боиси ифтихор аст, ки як зумра дастпарварони донишгоҳ дар қатори устодонашон вазифаҳои роҳбариро бар зимма дошта, ҳамзамон машғули таълиму тарбияи шогирдон мебошанд.

Бархе аз хатмкардагони донишгоҳ дар кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Русия, Англия, ИМА ва Германия таҳсилро идома дода, соҳиби дараҷаҳои магистр ва номзади илм гардиданд. Донишгоҳ дар зарфи мавҷудияти худ чун маркази илмӣ-тадқиқотӣ ва тарбияи кадрҳои илмӣ ва омӯзгорӣ ташаккул ёфт. Солҳои охир аз байни омӯзгорон 12 нафар рисолаҳои номзадӣ дифоъ намудаанд, ки аксаран хатмкардагони донишгоҳанд.

Ҳоло дар донишгоҳ 8 факулта ва 19 кафедра ( аз ҷумла, 3 кафедраи умумидонишгоҳӣ – педагогика ва равоншиносӣ, фалсафа ва сиёсатшиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ) аз рӯи 26 ихтисос зиёда аз 4 968 донишҷӯро ба таҳсил фаро гирифтаанд. Аз шумораи умумӣ 70% донишҷӯёнро духтарон ташкил медиҳанд, ки 144 нафари онҳо тибқи квотаи Президентӣ идомаи таҳсил доранд.[1] Сифати таълим сол аз сол беҳбудӣ ёфта, соли 2009 аз 531 нафар хатмкунанда 56 нафар соҳиби дипломи аъло шуданд.

[1] Ҷангибеков Г. Самараи истиқлолият ва ваҳдати миллӣ // Ваҳдат, давлат, Президент. Ҷ.10. – Душанбе, 2010.-С. 309.

Ба таълиму тарбияи донишҷуён 11доктори илм, аз ҷумлаи Г.Ҷангибеков – доктори илмҳои физикаю математика, И.Қаландарбеков –доктори илмҳои техникӣ, Қ.Абдуламонов – доктори илмҳои кишоварзӣ, Н.Офаридаев, М.Аламшоев, Ш.Юсуфбеков, – докторони илмҳои филология, А.Мамадризохонов, Д.Наврӯзшоев, Г.Раҳмихудоев, С.Сабоиев ва С.Шомансуров – докторони илмҳои биология машғул мебошанд.

Соли 2000 дар донишгоҳ шӯъбаи аспирантура кушода шуда, дар ин давра аз ҷониби устодони ва зиёда аз 46 рисолаи номзадӣ дар марказҳои илмии ватанию хориҷӣ дифоъ гардиданд. Боиси ифтихор аст, ки аксарияти онҳо дастпарварони донишгоҳ мебошанд. Аз онҳо 17 нафар номзади илмҳои филология (С.Абдуллоева, П.Абдулҳамидова, С.Азорабеков, С.Алихонова, Л.Давлатбеков, М.Иматшоева, Ҳ.Қаландаров, Д.Қодиров, Н.Қурбонхонова, М.Мамадасламов, Ш.Мирзоев, Л.Мирзоҳасанов, А.Насриддиншоев, Ш.Некушоева, Ҳ.Таваккалов, Д.Фозилов, Р.Шофақирова), 7 нафар номзади илмҳои физикаю математика (Ш.Абдулофизов, Ҷ. Зарифбеков, О.Мирзоев, Ҷ.Одинабеков, Ҳ.Пиров, Р.Сабоиев, Г.Юсупов), 7 нафар номзади илмҳои биология (М.Қадамшоев, М.Наврӯзбекова, Қ.Одилбеков, И.Сабоиев, Г.Саодатқадамова, Р.Фелалиев, Г.Хуҷамова), 7 нафар номзади илмҳои таърих (М.Алимшоев, Т.Қаландаров, Қ.Собирова, Ю.Саидасанов, Э.Ҳоҷибеков, А.Шоинбеков, Қ.Элчибеков), 4 нафар номзади илмҳои иқтисод (В.Валдошов, М.Муқбилшоев, О.Сайфуллоева, М.Шоидарвозова), 1 нафар номзади илмҳои физика (Ш.Неққадамов), 1 нафар номзади илмҳои химия (Б.Имомназаров), 1 нафар номзади илмҳои кишоварзӣ (Ш.Қурбонбекова), 1 нафар номзади илмҳои педагогӣ (Б.Мавлоназаров),1 нафар номзади илмҳои фалсафа (Ғ.Ғарибшоев) мебошанд.

Донишгоҳ дорои 8 лаборатория: оптика ва радиоэлектроника, биология, химия, лабораторияи сохтмони иншоотҳои

гидротехникӣ, лингофонӣ, геология, кабинети воситаҳои техникӣ, маркази омӯзиши иқтисод, маркази омӯзиши забонҳо, синфхонаҳои компютерӣ мебошад. Донишгоҳ бо ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартномаҳо ба имзо расонидааст. Имрӯз зиёда аз 50 нафар дастпарварони он дар марказҳои бонуфузи илмӣ барои гирифтани маълумоти дуюм таҳсил мекунанд. Зиёда аз 110 нафар донишҷӯ тавассути Бунёди Огохон ба муассисаҳои таҳсилоти олии Русия ва Қазоқистон фиристода шуда, донишгоҳҳои он ҷоро хатм кардаанд. Зиёда аз 230 нафар дастпарварони донишгоҳ дар пажӯҳишгоҳҳои илмӣ ва макотиби олии ҷумҳурӣ ба фаъолияти илмӣ ва омӯзгорӣ машғуланд. Донишгоҳ бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Сарвари давлат ба шабакаи интернетӣ пайваст гардид.

Китобхонаи донишгоҳ 1 сентябри 1993 дар асоси пойгоҳи китобхонаи Иттифоқи касабаи ВМКБ ба фаъолият огоз намуд. Дар китобхона 5 корманд, аз ҷумла, Малика Алимаҳмадова ба сифати мудир ва К. Офаридаева, Г.Гулаезова, Д. Шоҷонова, Г. Охонвалиева ба сифати китобдор фаъолият менамоянд. Китобхона соли 2005 ба 1048 хонанда хизмат мерасонад, ки аз онҳо 260 устодону кормандони донишгоҳ ва 788 нафар донишҷӯён буданд. Захираи умумии китобхонаро 40 792 нусха китобу маҷалла ва дигар маводҳои методию таълимӣ дар бар мегирад. Зиёда аз 24 000 (67%) захираи китобхона ба забони англисӣ буда, боқимондаи онро маводҳои тоҷикӣ, русӣ ва немисӣ ташкил медиҳанд.

Имрӯз китобхонаи электронӣ дар хизмати устодону донишҷӯёни донишгоҳ карор дорад. Онҳо имкон доранд, ки аз 15 нуқтаи маркази интернетии донишгоҳ ва аз китобхонаи электронӣ ба воситаи 15 компютер аз 12 000 номгӯй китоб истифода баранд. Захираи китобхонаи донишгоҳ 76 ҳазору 350 нусха китобро ташкил дода, толори хониш барои

167 хонанда ҷои нишаст дорад. Китобхона дар ҳаёти фарҳангии донишгоҳ нақши калон дошта, дар тамоми чорабиниҳои илмию сиёсӣ хеле фаъол мебошад. Дар он бахшида ба тамоми санаҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ чорабиниҳо баргузор мегарданд.

Аз соли 1994 маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи Хоруғ» фаъолият мекунад. Дар маҷалла мақолаҳо ва маҳсули тадқиқоти олимони соҳаҳои илмҳои табиӣ, гуманитарӣ, иқтисодӣ ва кишоварзии донишгоҳ, тадқиқотҳои илмии бахши Помири Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводҳои гуногуни олимони хориҷи кишвар марбут ба Бадахшон буда, нашр карда мешавад.

Рӯзномаи «Фуруғи маърифат» аз моҳи сентябри соли 2007 бо андозаи А-3 дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр гардида, дар он паёму табрикоти маъмурияти донишгоҳ, ахбори расмӣ, натиҷаи тадқиқоту эҷодиёти устодон ва донишҷӯён нашр мегардад. Аз огози рӯзнома то моҳи моҳи июни соли 2011 Шоири Халқии Тоҷикистон Хушқадам Қурбонмамадов (Ширин Бунёд) сармуҳаррири он буд. Рӯзнома дар як муддати кӯтоҳ дар байни хонандагон нуфузи калон пайдо кард.

Бахши рӯзноманигории факултаи филология дорои кабинети бо воситаҳои техникӣ ҳозиразамон ҷиҳозонида буда, донишҷӯёни ин бахш аз он васеъ истифода мебаранд. Дар пойгоҳҳои таҷрибавӣ барои баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси устодон кори зиёде ба сомон расонида мешавад. Бо ин мақсад омӯзгорон ба донишгоҳҳо ва берун аз кишвар фиристода шуда, маҳорати касбии худро сайқал доданд.

Донишгоҳ бо барномаҳои маърифатии созмонҳои байналхалқии TEMPUS, IREX, DAAD, UCA, HPAKF, JDEP, NUS ҳамкории зич дошта, дар табодули донишҷӯёну омӯзгорон бо кишварҳои гуногун иштирок мекунад. Дар донишгоҳ Маркази омӯзиши забони англисӣ, утоқи (кабинет) Эрон ва Маркази омӯзиши забони олмонӣ фаъолият доранд, ки дар таъмини омӯзгорон ва донишҷӯён бо маводи

дарсӣ, адабиёти илмӣ ба забонҳои англисӣ, олмонӣ ва форсӣ нақши муҳим мебозанд.

Донишгоҳи давлатии Хоруг бо марказҳои илмии Русия ва дигар кишварҳои ИДМ робитаҳои судбахши илмӣ дорад. Солҳои охир иддае аз унвонҷӯён ва докторантон дар Донишгоҳои давлатии Москва, Донишгоҳи Санкт-Петербург, Пажуҳишгоҳҳои забоншиносӣ, шарқшиносӣ, риёзиёт, этнология ва мардумшиносии АИ Федератсияи Русия, Донишгоҳи давлатии Украина, Академияи илмҳои Қиргизистон рисолаҳои илмиро бомуваффақият дифоъ намуданд.

Соли 2000 дар донишгоҳ шӯъбаи аспирантура кушода шуд. Ин имконият дод, ки хатмкунандагони донишгоҳ ба корҳои илмӣ ҷалб шаванд. Дар ин замина тайёр намудани мутахассисони илмию омӯзгорӣ аз ҳисоби ҷавонон суръати тоза пайдо намуд. Қобили зикр ҳаст, ки қисме аз донишҷӯён таҳти роҳбарии узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор М.Шаҳбозов, доктори илмҳои физикаю метематика профессор Г.Ҷангибеков, доктори илмҳои филология Н.Офаридаев, доктори илмҳои филология Ш.Юсуфбеков рисолаҳои номзадиро дар мӯҳлати муқарраршуда бомувафақият дифоъ намуданд.

Бо супориши махсуси Президент Эмомалӣ Раҳмон сохтмони хобгоҳ барои 1000 нафар донишҷӯ ба нақша гирифта шуда, барои сохтмони он 8 миллиону 500 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Дар арафаи ҷашни 13 –солагиии Ваҳдати миллӣ як бинои чорошёнаи хобгоҳ барои 200 нафар ба истифода дода шуд. Ин тӯҳфаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ба мардуми Бадахшон ва донишҷӯён мебошад. Дар кушодашавии хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Хоруг Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонов, маъмурияти донишгоҳ ва дигар шахсони расмӣ ширкат доштанд.




*Миннатпазирии маъмурияти донишгоҳ аз ташаббусу кӯмаки Президент дар сохтмони хобгоҳи ба талаби замон ҷавобгӯ.*



*Намуди берунии хобгоҳ*

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА
# РУШДИ МАОРИФИ ВМКБ

Дар баробари Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми таълиму тарбияро дар кишвар равшан муайян намудааст, боз як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тавсиб расиданд, ки раванди таълиму тарбияро дар доираи талаботи ба давлати мустақили дунявию ҳуқуқбунёд хос роҳандозӣ менамоянд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 27 декабри соли 1993; Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 29 июни соли 2001); Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Стандарти давлатии таълими маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 23 феврали соли 1996); Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз январи соли 2005) ва ғайраҳо қабул гардидаанд, ки аз таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти кишвар ба соҳаи маориф дарак медиҳанд.



*Сардори раёсати маориф*
*Ғ.Ғарибшоев*

Дар давраи даргириҳои сиёсӣ, бахусус солҳои ҷанги ҳамватанӣ (1992 – 1997) фаъолияти соҳаи маорифи Тоҷикистон низ мисли дигар соҳаҳои хоҷагии халқ рӯ ба таназзул ниҳода буд. Вале ба мушкилиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ

ва вазъи ноороми ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, раванди таълим дар ягон мактаби ВМКБ қатъ нагардида буд.

Пӯшида нест, ки дар даврони Шӯравӣ теъдоди мактабҳо дар вилоят натанҳо тамоми кӯдакони синну соли мактабиро фаро гирифта буданд, инчунин таълимоти ҳатмии миёнаи умумӣ пурра амалӣ гардида буд. Боиси хурсандист, ки таълиму тарбияи мактабӣ дар замони истиқлолият, ба ҳамаи мушкилот нигоҳ накарда, нафақат дар дараҷаи зарурӣ нигоҳ дошта шуд, инчунин барои рушди он низ корҳои зиёде анҷом ёфтаанд. Имрӯз шумораи муассисаҳои таълимӣ дар вилоят аз 300 адад гузаштааст.

Ҳукумати Тоҷикистон сол то сол ҳаҷми маблаггузориро дар ин самт зиёд карда, ҳамзамон баланд бардоштани сифати таълим, аз бар кардани донишҳои зарурӣ дар дараҷаи талаботи меъёрии ба стандарти байналмилалӣ ҷавобгӯ ба ҳадди сиёсати афзалиятноки давлатӣ бардоштааст. Дар паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2011) махсус қайд шудаст, ки «сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бояд пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад»[1].

Моҳи декабри соли 1996 ҳукумати вилоят масъалаи ислоҳот ва рушди соҳаи маорифро ба муҳокимаи Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ пешниҳод кард ва 30 декабри соли 1996 қарори раиси вилоят «Дар бораи Барномаи инкишофи маорифи вилоят» қабул гардид, ки дар роҳи рушди соҳа такони ҷиддиро ба вуҷуд овард.

Пас аз ба даст даровардани сулҳу субот дар ҷумҳурӣ барои босуръати тез роҳандозӣ намудани ислоҳот дар соҳаи маориф шароити мусоид ба вуҷуд омад. Дар ин замина 20 апрели соли 1999 қарори раиси вилоят «Оиди давра ба давра амалӣ намудани ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 – апрели соли 2011.

1997-2001» ва 26 декабри соли 2001 қарор «Дар бораи чорабиниҳои ҳукумати вилоят оид ба ислоҳот ва такмили минбаъдаи соҳаи маориф дар солҳои 2001 – 2003» қабул карда шуданд. Моҳи марти соли соли 2004 бошад, Маҷлиси вакилони халқи вилоят «Барномаи модернизатсия (муосиркунонӣ)-и соҳаи маорифи вилоятро барои солҳои 2004 – 2007» дида баромад.

Соли 1996 бо қарори раиси вилоят Маркази корҳои тарбиявию беруназмактабии вилоят ва соли 1997 Маркази рушди касбии омӯзгорони вилоят ташкил ёфтаанд. Муассисаи охир соли 1999 ба Донишкадаи такмили маълумоти касбии вилоят табдил дода шуд.

Маҳз дар соли 1997, пас аз 8 соли танаффус дар ин самт, озмуни фаннии мактаббачагон аз сари нав ба роҳ монда шуда, 9-нафар хонандаи беҳтарини вилоят дар даври хотимавии ҷумҳуриявии он иштирок карданд.

Дар рушди маорифи вилоят дар ин давра саҳми Хазинаи Огохон низ хеле калон буд. Ташкилоти мазкур аз солҳои аввали фаъолияти худ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро, дар ин самт ба роҳ монда, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва баъди хотима ёфтани он дар баробари таъминоти мактабҳо бо асбобҳои хониш ба хонандагон кӯмаки ғизоӣ мерасонд. Ниҳоят, соли 1998 дар шаҳри Хоруғ дар заминаи мактаби рақами 3 Литсеи Огохон таъсис дода шуд, ки он нахустин литсей дар вилоят ҳисоб ёфта, дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузоштааст. Дигар муассисаи таълимии барои вилоят нав, соли 1997 ба роҳ мондани фаъолияти филиали техникуми политехникии шаҳри Душанбе ҳисоб меёбад[1].

Соли 2002 бо дастур ва ҳидояти бевоситаи Президенти мамлакат дар ноҳияи Рӯшон нахуст интернати вилоятӣ барои кӯдакони ятиму бепарастор ба фаъолият оғоз намуд.

---

[1] Ғуломов Д. Маориф ҳастии давлат аст // Бадахшон. –2007.– 7 сентябр



*Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва раиси вилоят Қосими Қосим дар интернати бепарасторони ноҳияи Рӯшон.*
*(Моҳи июни соли 2010)*

Хароҷоти соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети вилоят сол то сол афзоиш меёфт. Соли 1990 он 45 фоизи ҳаҷми умумии буҷети вилоятро ташкил мекард, соли 2004 ин нишондиҳанда ба 59 фоиз расид. Ин дар сурате мегузашт, ки худи буҷети вилоят ҳамасола афзоиш дошт. Аз соли 2000 ҳаҷми маблағгузории соҳаи маорифи вилоят ҳамасола ба маротиб зиёд карда мешуд. Соли 2004 аз тарафи Вазорати маорифи Тоҷикистон ба мактабҳои вилоят бо теъдоди зиёда аз 65 ҳазор китобҳои дарсӣ ҷудо карда шуд. Ин ба азхудкунии талабагон бетаъсир намонд. Натиҷаи он дар соли таҳсили 2003 – 2004 бо баҳои аъло ҷамъбаст намудани зиёда аз се ҳазор хонанда зоҳир гаштааст.

Соли 2005 аз буҷаи давлат барои соҳаи маориф 13 533 013 сомонӣ ҷудо карда шуд. Заминаи таълимии мактабҳо беҳтар гардида, дар муассисаҳои таълимии вилоят 89 кабинети таълимии физика, 73 химия, 36 биология, 25 география, 35 таърих, 66 омодагии дифоъ, 28 забонҳои хориҷӣ ва 95 информатика амал мекарданд. Дар назди 16 мактаби ҳамагонӣ интернатҳо ташкил шуда, 951-нафар тарбиятгирандагонро фаро гирифтанд. Инчунин, барои таъмин намудани талабагон бо маводи хониш кори китобхонаҳои назди мактабҳо беҳтар гардида, теъдоди умумии китоби онҳо ба 904 438 нусха расонда шуд, ки 457 843 нусхаро китобҳои дарсӣ ташкил медоданд.[1]

Худи ҳамин сол Президенти мамлакат, аз хазинаи захиравии худ, барои маорифи ВМКБ 1 миллиону 600 ҳазор сомонӣ ҷудо намуд. Ба хотири ҳавасмандкунии омӯзгорон ва мураббиёни муассисаҳои таълимию тарбиявии томактабӣ бошад, дар вилоят ҳамасола озмунҳои «Муаллими сол» ва «Мураббии сол» доир гардида, беҳтарин мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ муайян карда мешуданд.

Роҳбарияти мамлакат нисбати тарбиятгирандагони интернатҳои вилоят гамхории пайваста зоҳир менамояд. Соли 2006 аз хазинаи эҳтиётии Президенти Тоҷикистон 87480 сомонӣ ҷудо гардида, барои онҳо сару либос ва хӯрока дастрас карда шуд. Дар фаъолияти омӯзгорони вилоят низ пешравии назаррас эҳсос мешавад. Муаллими фанни «технологияи информатсионӣ»-и мактаби № 12 ноҳияи Шугнон Н. Меҳмонов ба гирифтани ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф мушарраф гардид[2]. Соли 2007 маблаггузорӣ дар соҳаи маорифи вилоят зиёда аз 17 миллион сомониро ташкил дода, аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат сохтмони 6 макта-

---

[1] Ҳисобот оид ба ҷамъбасти фаъолияти нуҳмоҳаи идораи маорифи ВМКБ ва муассисаҳои тобеи он дар соли 2005.

[2] Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2006.

би нав ва азнавсозии 11 таълимгоҳ ба нақша ворид карда шуд[1].

Соли 2008 бошад, барои соҳаи маорифи ВМКб аз буҷаи давлат 24 миллиону 679 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, дар давоми сол иловатан ба ин маблаг аз ҳисоби Хазинаи захиравии Президенти ҷумҳурӣ ва дигар сарчашмаҳои давлатӣ, барои сохтмон, азнавсозӣ ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти замонавӣ, дар маҷмӯъ қариб 10 млн. сомонӣ ҷудо карда шуд. Ҳамин сол сохтмони литсей барои хонандагони болаёқат огоз гардида, хишти аввали он аз тарафи Президенти мамлакат гузошта шуд. Дар деҳаи Навободи ноҳияи Шугнон блоки якуми литсеи техникӣ мавриди истифода қарор ёфта, сохтмони блоки дуюми он идома ёфт. Дар маҷмӯъ ҳамин сол, дар вилоят ба маблаги 2.7 млн. сомонӣ сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири муассисаҳои таълимӣ анҷом дода шудааст.

Аз дастовардҳои соли 2008 ёдовар шуда, боз қайд кардан зарур аст, дар ин сол ба масъалаи таъмини муассисҳои таълимӣ бо маводи лозимии хониш, аз ҷумла, китобҳои дарсӣ, диққати махсус дода шудааст. Дараҷаи таъминоти хонандагон бо китобҳои дарсӣ ба 85 фоиз расонда шуд. Ба замми ин, дар соҳаи маорифи вилоят компютеркунонӣ идома ёфта, аз фонди захиравии Сарвари давлат ба мактабҳои вилоят 305 дона компютер тақдим гардид. Теъдоди синфҳои компютерӣ ба 192 расид. Ин имкон дод, ки 1 662 компютер ва 264 принтер дар хизмати хонандагон қарор дошта бошад. Ҳамин тариқ, марҳилаи аввали компютеркунонии мактабҳои вилоят анҷом ёфт.

Қонунгузории мамлакат дар соҳаи маориф барои таъсис додани мактабҳои хусусӣ имкони васеъ дод. Соли 2008 дар шаҳри Хоруг аввалин мактаби хусусии дорои 3 синфхона кушода шуда, 51нафар хонандаро ба таҳсил фаро гирифт, ки ба онҳо 9 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба сабақ медо-

[1] Ҳисоботи Раёсати маорифи ВМКБ дар нӯҳмоҳаи соли 2007.

данд. Ҳамин сол дар 318 мактаби вилоят 45 545 нафар хонанда таҳсил ва 5787-нафар омӯзгорон ба фаъолияти педагогӣ машгул буданд. Аз ин миқдори хонандагон 24 нафарашон дорандаи степендияи президентӣ ва 10 нафар гирандагони стипендияи раиси вилоят буданд, ки ин аз рушди соҳаи маориф дарак медод.

Масъалаи дигаре, ки мизони натиҷаи рушди фаъолияти маорифчиёнро муайян мекунад ин натиҷаи ба донишгоҳҳои мамлакат ва берун аз он дохил шудани хатмкунандагони макотиби ҳамагонии вилоят мебошад. Соли 2008 аз 4 083 нафар хатмкунандагон 1666 нафар ба мактабҳои олӣ, 442 нафар ба коллеҷу омӯзишгоҳҳои Тоҷикистон ва 50-нафар ба мактабҳои мамолики хориҷӣ дохил шуданд. Бо квотаи президентӣ ба мактабҳои олии Тоҷикистон 120 нафар дохил гардиданд[1].

Сохтмон ва таъмиру азнавсозии мактабҳо муттасил идома дошт. Соли 2008 дар деҳаҳои Гармчашма, Намадгут ва Систи ноҳияи Ишкошим, Баравн ва Чихохи ноҳияи Ванҷ мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ сохта шуданд[2]. Дар маҷмӯъ то соли 2008 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблаггузорӣ барои сохтмон равона шуда, синфҳои иловагӣ ва таъмири пурраи (капиталӣ) 115 мактаби вилоят анҷом дода шуд.

Дар баробари муваффақиятҳо, баъзе норасоиҳо низ дар фаъолияти маорифи вилоят ҷой доштанд. Аз ҷумла, тибқи нишондиҳандаҳои асосии рушди вилоят соли 2008 дар ВМКБ 34 мактаб дар ҳолати садамавӣ қарор гирифта, 28 мактаби дигар ба таъмир ниёз доштанд. Нарасидани китобҳои дарсӣ низ ба чашм мерасид. Дар макотиби вилоят 255 муаллим намерасид, вале ба ин нигоҳ накарда, ҷои коррo тарк намудани муаллимон идома дошт.

Соли 2009 барои рушди соҳаи маорифи ВМКБ аз буҷет

---

[1] Натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилоят дар соли 2008 (Ҳисоботи раиси ВМКБ Қодири Қосим) // Бадахшон. –2009. – 13 феврал.

[2] Натиҷаҳои рӯҳбахш ва вазифаҳои масъулиятнок // Бадахшон. – 2009. – 16 январ.

зиёда 40 миллион сомонӣ маблағи пешбинишуда ҷудо гардид. Дар натиҷа вазъи таъмини мактабҳо хеле беҳтар шуд. Дар давоми сол 31 бинои иловагии таълимгоҳҳо бо теъдоди 170 синфхонаи нав барои 4 427 ҷойи нишаст мавриди истифода қарор ёфтанд.

Аз тарафи Дирексияи сохтмони иншоотҳои азими назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, барои мактабҳои вилоят 379 миз барои омӯзгорон, 900 мизи талабагӣ, 117 ҷевони дафтари корӣ, 94 дона тахтаи синфӣ, 38 ҷевон барои хонаи кории муаллимон, 20 сандуқи оҳанин, 40 рафи китобмонӣ, 128 бухорию дудкаш оварда, тақсим карда шуд.

Вазорати маорифи кишвар низ ба рушди соҳаи маорифи вилоят ва баланд бардоштаи сифати таълиму тарбия дар макотиби ҳамагонӣ диққати махсус дода, соли 2009 барои мактабҳои Бадахшон 257 маводи аёнияти математикӣ, 200 комплект мизу курсии талабагӣ, 84 дона василаи обтозакунӣ, 409 нақшаи таълимӣ, 3930 нусха китоби дарсӣ аз забони тоҷикӣ барои синфи чорум ва 2698 нусха китоб аз фанни физика барои синфи ҳафтум ҷудо намуд.

Дар ин муддат, барои беҳтар шудани ҳолати моддии таълимгоҳҳо, пайдо ва истифодаи маблағи ғайрибуҷавӣ низ идома дошт. Манбаи ин гуна маблағҳоро ёрии ташкилотҳои байналхалқӣ, аз ҳисоби даромади қитъаҳои замини назди мактаб, боғ, дар заминаи таълимгоҳҳо ташкил намудани хоҷагиҳои ёрирасон ва корҳои истеҳсолӣ, саҳмгузории волидайн ва ашхоси алоҳида ташкил медод.

Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон намудани соли 2010 дар соҳаи маориф, чун соҳаҳои афзалиятнок, таҳаввулоти зиёде рӯи кор овард. Барои соҳаи маорифи ВМКБ аз буҷаи давлат зиёда аз 42 миллиону 227 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

Ба масъалаи боз ҳам таҳким бахшидани заминаи модию таълимии муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ диққати калон дода шуда, бо дастгирии Вазорати маорифи Ҷумҳурии

Тоҷикистон 13 номгӯй китоби дарсӣ, 1 486 адад «Харитаи Тоҷикистон» дастраси муассисаҳои таълимии вилоят гардида, дараҷаи таъминоти мактабҳои вилоят бо китобҳои дарсӣ ба 95% расид. Дар ин давра дар қаламрави вилоят аз ҳисоби маблаггузории давлатӣ ва ҷалби маблаггузориҳои гайрибуҷетӣ 13 мактаби дорои 95 синфхона, барои 2 342 ҷойи нишаст, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Бо ҷалби маблағҳои гайрибуҷетӣ 10 мактаб аз таъмир бароварда шуд. Дар назар аст, ки то таҷлили ҷашни 20 солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз 8 мактаб бо 1 869 ҷойи нишасти талаба сохта, мавриди истифода қарор меёбанд. 5 мактаби дар хонаҳои шахсӣ ва вагонхонаҳо (дар ноҳияи Дарвоз) ҷойгир буда, ба синфхонаҳои нав кӯчонида шуда, ин мушкилот низ пурра бартараф гардид.

Чунин лаҳзаҳои аз беҳдошти соҳаи маорифи вилоят даракдиҳанда кам нестанд. Аз ҷумла, бояд ёдовар шуд, ки моҳи январи соли 2010 хобгоҳи дуошёна барои 76-нафар тарбиятгирандагони ятимхонаи вилоятӣ дар ноҳияи Рӯшон буда ба истифода дода шуд.

Бо қарори раиси ВМКБ таҳти № 59, аз 25 августи соли 2010 дар заминаи мактабҳои мусиқӣ ва рассомии ноҳияи Рӯшон мактаби санъат таъсис ёфт. Бинои мактаби нав дар собиқ иморати хонаи пионерон, ки бо сайъи раиси ноҳия Қобиламо Ғуломшоева ва дастгирии раиси вилоят Қодири Қосим ба маблаги 5000 сомонӣ таъмир гардидааст, интихоб шуд. Феълан 280 нафар шогирд дар шӯъбаҳои гулдӯзӣ, кандакорӣ, маҳфили драма ва рақси миллӣ касбу ҳунар меомӯзанд. Ба таълим 35 нафар омӯзгорони соҳибихтисос ҷалб карда шудаанд. Дар ояндаи наздик муассисаи таълимии мазкур ба мактаби ҳунарҳои бадеӣ табдил ёфта, дар он омӯзиши асбобҳои мусиқии суннатӣ (рубоб, сетор, танбӯр, гиҷҷак, даф), жанрҳои дафсоз, фалак, мадҳиясароӣ ва гайра ба роҳ монда мешавад.

Тадбирҳои андешидаи мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, рушди соҳаро таъмин намуда, сатҳи донишандӯзии талаба-

гон то рафт бештар суръат мегирад. Инро натиҷаи даври хотимавии олимпиадаи фаннии ҷумҳуриявии хонандагон дар моҳи апрели соли 2010 возеҳ нишон дод. Дар он 16 нафар аз 62 нафар ширкаткунандагони вилоят соҳиби медал гардиданд.

Бори нахуст дар таърихи маорифи вилоят аз 1 то 8 феврали соли 2010 900 нафар мактаббачагони макотибҳои ВМКБ дар даври аввали олимпиадаи байналхалқӣ аз рӯи асосҳои илм бо василаи шабакаи интернет иштирок намуда, 188 нафарашон ба даври дуюми он роҳхат гирифтанд[1]. Ҳоло шумораи умумии компютерҳо дар макотиби вилоят ба 2200 адад расонида, масъалаи ба шабакаи интернет пайваст намудани 20 мактаби калонтарини вилоят дар назар дошта шудааст.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи давлат ба он нигаронида шудааст, омӯзиши босифати забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои вилоят ҳисоб меёбад. Дар ин самт соли 2010 Раёсати маорифи ВМКБ дар ҳамкорӣ бо Мактаби маълумоти касбӣ ва Донишгоҳи Осиёи Марказӣ, бо мақсади беҳтар намудани омӯзиши забони англисӣ «Барномаи омӯзиши забони англисӣ дар мактабҳои деҳоти ноҳияҳои ВМКБ дар соли хониши 2009-2010»-ро ҷорӣ намуд. Мақсади асосии пиёда намудани ин барнома фароҳам овардани шароити мусоид барои хонандагони мактабҳои деҳот роҷеъ ба омӯхтани забони англисӣ дар сатҳи нисбатан баланд, такмили дониши хаттию шифоҳӣ ва дигар маҳорату малакаи зарурӣ оид ба раванди омӯхтани ин фан мебошад. Барнома бо ташкил намудани курсҳои чормоҳаи омӯзиши забони англисӣ бо фарогирии 316 нафар хонандаи синфҳои болоӣ, 14 нафар омӯзгор дар 12 мактаби вилоят ба роҳ монда шуда, моҳи майи соли 2010 бомуваффақият ҷамъбаст гардид[2]. Соли таҳсили 2010 – 2011 барномаи мазкур густариш ёфта, теъдоди бештари хонандагон ба он фаро гирифта шуданд.

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати маорифи ВМКБ дар соли 2010.
[2] Ҳамон ҷо.

Дар солҳои истиқлолият иштироки омӯзгорони вилоят дар намоишҳо ва дигар чорабиниҳои касбии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ низ зиёд гардид. Минҷумла, моҳи апрели соли 2010 5 нафар аз муаллимони беҳтарини вилоят дар Анҷумани омӯзгорони Осиёи Марказӣ ва Қазоқистон иштирок намуда, ҳамин моҳ 11 нафар аз омӯзгорони фанҳои физика ва химия дониш ва малакаи касбии худро дар Полша такмил доданд. Инчунин, 4 нафар толибаи мактаби ҳамагонии № 7 шаҳри Хоруг дар семинарии ҷумҳуриявӣ оид ба ҳифзи кӯдак иштирок ва баромад намуданд.

Соли 2010 18 нафар муаллимони фаъоли эҷодкори вилоят барои таълиф ва мураттабсозии китобҳои дарсӣ, 21 нафар барои таҳия намудани барномаҳои таълимӣ, 17 нафар барои гузарондани дарсҳо аз фанҳои дақиқ тавассути ТВТ ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Мутобиқи маълумоти раёсати маорифи ВМКБ ба ҳолати 1 июни соли 2010 дар вилоят 318 мактаб, аз он 176 мактаби миёнаи умумӣ, 65 мактаби миёнаи асосӣ ва 77 мактаби ибтидоӣ фаъолият мекунанд.

Дар мактабҳои вилоят 43679 нафар хонанда таҳсил менамоянд, ки 49 фоизи онро (21459) духтарон ташкил медиҳанд. Имрӯз шумораи зиёди дастпарварони мактабхои вилоят дар макотиби олии кишвар ва берун аз он идомаи таҳсил доранд.

Ба таҳкими заминаи моддию техникии таълимгоҳҳо диққати зарурӣ дода мешавад. Дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблаггузорӣ дар сохтмонҳои иншоотҳои маориф 7.5 млн сомонӣ аз худ карда шуд.

Соли таҳсили 2009-2010 дар мактабҳои таҳсилоти умумии вилоят 7 520 муаллим (аз ҷумла занҳо –3098 нафар), ки аз ин теъдод 3872 нафар (67.6 фоиз) дорои маълумоти олӣ, 464 нафар (8.1 фоиз) дорои маълумоти нопурра, 118 нафар (2.1 фоиз) маълумоти миёнаи касбӣ ва 204 нафар (3.5 фоиз)

дорои маълумоти миёнаи умумианд, кору фаъолият доранд. Аз ин шумора 1754 нафар ба дараҷаи тахассуси олӣ, 1619 нафар – якум, 962 нафар дараҷаи дуюм ва 1385 нафар ба дараҷаи тахассуси умумӣ соҳиб мебошанд[1].

Ҳамин тариқ, соҳаи маорифи ВМКБ дар солҳои истиқлолият бо мушкилиҳои зиёди нигоҳ накарда, бо дастгирӣ ва кӯмаки бевоситаи роҳбарияти ҷумҳурӣ ва кору фаъолияти бошарафонаи маорифчиёни вилоят пеш рафта, ба зинаи назаррас ноил шуд.

Аз соли 2000 то 2010 тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ВМКБ 1125 хатмкунандагони мактабҳои миёна ба макотиби олии дохил гардиданд.

Соли 2010 сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар остонаи ҷашни Ваҳдати миллӣ ба макабҳои вилоят 500 компютер ва 90 принтерро тақдим намуд.

## АЗ ТАЪРИХИ ДОНИШКАДАИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС

Донишкадаи такмили маълумоти касбии омӯзгорони ВМКБ ҳамчун муассисаи таълимӣ фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни ҷумҳурӣ «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии кишвар дар соҳаи таълиму тарбия дар ВМКБ вусъат бахшида, бо кӯмаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва дастгирии Хадамоти маорифи Хазинаи Огохон, дар давраи истиқлолият барои гузаронидани курсу семинар, такмили тахассуси омӯзгорон ва роҳбарони хонаҳои методии синфҳои ибтидоиву болоӣ ва семинарҳои доимоамалкунандаи директорони мактабҳои вилоят нақши калон бозид.

Донишкадаи такмили маълумоти касбии омӯзгорони

[1] Нишондиҳандаҳои ассии рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ дар моҳи январ-июни соли 2010 // Бадахшон.-2010. – 27 август.

ВМКБ ҳамчун муассисаи такмили тахассусии касбии кормандони соҳаи маориф аз соли 1957 фаъолият дорад.



*Директори Донишкадаи такмили ихтисос Ҷ.Булбулов*

Донишкада дар солҳои аввал барои ҳамаи омӯзгорони ВМКБ курсҳои омӯзишии дуҳафтаина ва якмоҳову думоҳаро ташкил мекард. Он замон вазифа гузошта шуда буд, ки ҳамаи омӯзгорон бояд ҳар панҷ сол такмили ихтисос кунанд. Ин раванд то солҳои 90-уми асри гузашта ҷараён дошт.

Бо сабаби мушкилоти иқтисодии ҷумҳурӣ соли 1996 донишкада ба Маркази методии муаллимон табдил ёфт, фаъолияти он бо гузаронидани курсҳои кӯтоҳмуддат барои омӯзгорон маҳдуд гардид.

Соли 1998 доираи фаъолияти донишкада вусъат ёфта, он ба Маркази рушди касбии омӯзгорон табдил ёфт. Маҳз дар ҳамин давра ҳамкориҳои Марказ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, барномаи маорифи Хазинаи Огохон огоз ёфт. Ин имконият дод, ки Марказ ба гайр аз такмили ихтисоси директорон ба тамоми омӯзгорон ёрии методӣ мерасонд. Бо қарори раиси ВМКБ аз 29 декабри соли 1999, №246 Маркази рушди касбии омӯзгорон ба Донишкадаи такмили маълумоти касбии ВМКБ табдил дода шуд. Донишкада бо ҳамкории Барномаи маорифи Хазинаи Огохон имконият пайдо кард, ки дар дохили Донишкада ва мактабҳо семинар ва курсҳоро баргузор намояд. Аммо вобаста ба мушкилоти молиявӣ Донишкада то соли 2003 қисми ками омӯзгоронро ба курсҳо фаро гирифта тавонист. Аз соли 2003 сар карда фаъолияти Донишкада пайваста вусъат ёфта, он дар доираи лоиҳаҳои грантии Барномаи маорифи Хазинаи Огохон ва дигар

созмонҳои байналмилалӣ барномаҳои зиёдеро амалӣ намуд. Дар баробари такмили тахассусии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф, шаклу усулҳои фаъоли таълим ҷорӣ гардид.

Курсу семинарҳо барои роҳбарони мактабҳо, кормандони шуъбаҳои маориф, омӯзгорони синфҳои болоию ибтидоӣ ва муассисаҳои томактабӣ аз руи барномаҳои мухталиф доир мегарданд. Барномаҳои бахши мактабшиносӣ аз модулҳои «Менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф», «Ҷалби ҷомеа ба мактаб ва ташкилу истифодаи фондҳои ғайрибуҷавӣ», «Рушди мактаб ва банақшагирии он», «Идоракунии молия ва омор дар мактабҳо», «Такмили идоракунии соҳаи маориф – самти муҳими ислоҳоти соҳа» иборат мебошанд[1].

Бо дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раёсати маорифи вилоят ва маблағгузонии Хазинаи Оғохон шумораи кормандони донишкада зиёд шуда, «Барномаи стратегии донишкада оид ба такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф барои солҳои 2006-2011» қабул гардид. Мувофиқи он бояд дар муддати 6 сол тамоми омӯзгорони вилоят аз семинарҳои омӯзишӣ бархурдор гарданд[2]. Дар соли дуюми барномаи расонидани кӯмаки амалии инфиродӣ ба ҳар як омӯзгор ва ҳар як сарвари мактаб амалӣ гардида, маҳорати касбии омӯзгорон тавассути машғулиятҳои иттиҳодияҳои методӣ такмил дода шуд.

Дар Оиннома тамоми самтҳои фаъолияти донишкада муайян шуда, таҳти роҳбарии Раёсати маорифи вилоят гузаронидани озмунҳои: «Мураббии сол», «Муаллими сол» ва ғайраҳо баргузор мегарданд. Фаъолияти донишкада тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи мактаби миллӣ, Стандарти давлатии таҳсилот, дас-

---

[1] Булбулов Ғ. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият ва андешаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2011.-280с.

[2] Дагиев Н., Ҳайдаров Б., Булбулов Ғ. Махзани маърифати омӯзгор. – Душанбе: Аржанг, 2010.-76с.

туру супоришҳои Президенти кишвар, фармонҳои Вазорати маорифи ҷумҳурӣ, Раёсати маорифи вилоят ва дигар аснодҳои ҳуқуқӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳадафи муҳимтарини стратегияи донишкада аз таъмини устувории барномаҳои таҳиянамудаи он дар беҳтар ба роҳ мондани кори такмили маълумоти касбии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф иборат аст.

Бо мақсади такмили тахассуси омӯзгорони вилоят барномаи стратегии 6-сола барои солҳои 2006-2011 таҳия гардидааст. Донишкада бо мақсади такмили тахассуси тамоми омӯзгорони ВМКБ 318 мактаби вилоятро ба 3 гурӯҳ тақсим намуда, бо гурӯҳҳои омӯзишӣ семинар мегузаронад.

Дар давоми соли 2006 аз тарафи кормандони донишкада 98 курсу семинар гузаронида шудаанд, ки теъдоди умумии шунавандагони онҳо 2 074 нафарро ташкил медиҳанд. Соли 2007 донишкада 54 курсу семинарро доир намуд, ки дар онҳо 1 230 нафар шунаванда ширкат варзид. Аз ин миқдор 1 200 нафар шунаванда дар ВМКБ, 30 нафар дар Хатлон ва Рашт аз курсҳои такмили ихтисос баҳравар гардиданд.

Дар асоси дурнамои Донишкада охири соли 2007 мушовирони он дар 105 мактаби барномавӣ 311 нафар роҳбарони иттиҳодҳои методии синфҳои ибтидоӣ ва болоиро интихоб намуданд. Роҳбарони иттиҳодҳо ҳамчун мураббиёни (тренерон) Донишкада таъин гардида, дар мактабҳои ҷамоати худ тавассути ҷамъомадҳои иттиҳодҳои методӣ бо омӯзгорон курсу семинарҳо мегузарониданд. Дар давоми соли 2008 донишкада 149 курсу семинарро баргузор намуд, ки аз онҳо 2 355 нафар шунавандагон бархурдор гардиданд.

Соли 2009 дар 214 мактаби барномавӣ 479 нафар роҳбарони иттиҳодҳои методӣ интихоб шуда, 2 830 нафар омӯзгор ва дигар кормандони соҳаи маориф ба бозомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Умуман дар давоми соли 2009 146 курсу семинар баргузор гардиданд, ки аз онҳо 129 аз рӯи нақша ва 17 семинари иловагӣ гузаронида шуданд. Қисми зиёди онҳо бо мақсади баланд бардоштани маҳорати

роҳбарони иттиҳоди методии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ мактабҳо бахшида шуданд[1].

Дар сатҳи мактабшиносӣ кӯмаки методӣ ба мактабҳои барномавӣ бештар дар самтҳои фаъолияти роҳбарони семинарҳои доимоамалкунандаи директорон, ҳуҷҷатгузории мактабҳо, таҳияи нақшаи солона ва тасдиқшавии он, ба талаботи муосир ҷавобгӯ ва мувофиқ будани мавзуъҳо ва чорабиниҳои он, иштироки роҳбарони мактабҳо дар дарси омӯзгорон ва ғайра гузаронида шудаанд.

Умуман, дар рафти кӯмаки методӣ 179 мактаби барномавӣ бо фарогирии 398 директор ва ҷонишинони таълимию тарбиявӣ, 328 нафар омӯзгорони синфҳои болоӣ ва роҳбарони иттиҳодҳои методӣ, 128 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва роҳбарони иттиҳодҳои методӣ бархурдор гардиданд.

Шакли дигари фаъолияти амалӣ – методии Донишкада таҳияю ба ёрии кормандони соҳаи маориф ва омӯзгорони фаннӣ омода намудани дастурҳои методӣ ба ҳисоб меравад. Соли 2009 мушовирони Донишкада 12 дастуру нишондодҳои методӣ, аз қабили «Мактаб-маркази ҷамоат», «Роҳҳои банақшагирӣ ва таҳлили дарсҳо», «Донишҳои педагогӣ барои волидайн», «Забон ва усули таълими он», «Иншо ва услуби навиштани он», «Ташаккули фикррони хонандагон дар дарсҳои химия», «Тарзи тайёр намудани вазифаи хонагӣ аз фанни таърих», «Занимательная грамматика на уроках русского языка», «Роҳҳои инкишофи кобилияти маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ», «Тадриси математика ва забон дар синфҳои ибтидоӣ бо усули интерактивӣ», «Мактабҳои амалиёти тандурустии ҷамоат ва ташкили клубҳои тандурустӣ» таҳия ва нашр намудаанд.

Ҳамчунин аз тарафи мушовирон дастурҳои методӣ оид ба «Усули таълим» ва «Рушди ҳаматарафаи мактаб» аз фанҳои мухталиф таҳияшуда, ба шунавандагони курсҳои

---

[1] Булбулов Ҷ. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият ва андешаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2011.-280с.

такмили ихтисос дастрас гардидаанд. Тавассути маҷаллаи «Раҳнамои омӯзгор» қариб 70 мақолаи илмӣ ва методӣ ба табъ расидааст. Мақолаҳо асосан ба масъалаҳои мубрами соҳа ва усулҳои муосири таълиму тарбия, таҷрибаи пешқадами омӯзгорони макотиби вилоят, мақом ва нақши Шӯрои педагогӣ дар рушди мактаб, низоми иштирок дар дарс ва таҳлили он, ҷалби ҷомеа ба мактаб ва ғайра бахшида шуда, барои такмили маҳорату малакаҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф аз манфиат холӣ набуданд.

Соли 2010 кормандони Донишкада дар як қатор машваратҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ҳамкории ташкилотҳои байналхалқӣ ва Вазорати маориф, донишкадаҳои такмили ихтисос ва мактабҳои олӣ, ки ба тайёркунии кадрҳои педагогӣ машғуланд, ширкат варзида, донишу таҷрибаи касбии хешро ғанӣ гардонданд. Машваратхои Барномаи минтақавии Ожонсии Рушди Амрико, конференсияи умумиҷумҳуриявӣ бахшида ба соли забони тоҷикӣ, ки дар нимсолаи аввали сол дар шаҳри Душанбе гузаронида шуданд, аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар доираи бузургдошти «1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» ва «Соли забони тоҷикӣ» таҳти унвони «Андешаҳои ахлоқӣ ва фалсафии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» мизи мудаввар баргузор гардид. Дар он бештар аз 20-нафар омӯзгорон аз шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ванҷу Рӯшон, Шуғнону Роштқалъа ва Ишкошим ширкат варзиданд. Иштирокчиёни ин нишаст роҷеъ ба андешаҳои ахлоқию фалсафӣ, ҳаёту фаъолият ва осори Рӯдакӣ суолу ҷавоб намуданд. Мизи мудаввар аз тариқи телевизион ва радиои вилоят пахш гардид.

Донишкада дар баробари такмили ихтисоси омӯзгорон ба такмили ихтисоси кормандон таваҷҷӯҳи калон дорад. Соли гузашта дар Донишкада оид ба «Тайёр намудани мавод» мушовири байналхалқӣ семинар гузаронд. Дар ин семинар кормандони Донишкада омӯзгорони синфҳои ибтидоии ноҳияи Шуғнон ва шаҳри Хоруғ ширкат варзиданд. Чунин семинари

6 рӯза дар Донишгоҳи амрикоии Ҷумҳурии Қиргизистон доир гардид, ки дар он кормандони Донишкада ва омӯзгорони синфҳои ибтидоии ноҳияи Шугнон ва шаҳри Хоруг ширкат доштанд. Кормандони донишкада ва омӯзгорони сикли фанҳои табиӣ, инчунин аз курси 12 рӯзаи фанҳои табиӣ, бо унвони «Аз назария ба амалия», ки аз тарафи мушовири байналхалқӣ гузаронида шуд, иштирок намуданд.

Дар рафти баҳодиҳӣ ва натиҷагирӣ маълум гардид, ки дар фаъолияти омӯзгорони гурӯҳи мактабҳои омӯзишии вилоят мушкилоту норасогиҳо мавҷуданд. Дар дарсҳои қисме аз омӯзгорон, ки аз курсу семинарҳо нагузаштаанд, усули фаъоли нави таълимӣ, алалхусус дар корҳои гурӯҳӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст.

Дар мактабҳо омӯзгорони фаннӣ намерасад. Аз кор рафтани омузгорони соҳибтаҷриба, ки аз курсу семинарҳои Донишкада гузашта буданд, ба фаъолияти мактаб таъсири манфӣ мерасонад.

Пӯшида нест, ки барои рушди мактабҳо, пеш аз ҳама такмили ихтисоси маъмурияти мактабҳо ва тамоми омӯзгорон зарур аст. Мутассифона, на ҳамаи роҳбарони мактабҳо ва омӯзгорон имкони аз курсу семинарҳои такмили ихтисос гузаштанро доранд.

Бояд зикр намуд, ки барои муташаккил ва натиҷабахш ташкил намудани такмили ихтисоси кормандони соҳаи мориф Донишкада ҳамасола ба шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо бо замимаи рӯйхати муаллимони ба курсҳо ҷалбшаванда, каблан мактуб мефиристад.

Хулоса, ба ҳамаи мушкилиҳо нигох накарда, роҳбарияти Донишкада кӯшиш менамоянд, ки бо кӯмаки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва дастгирии Хадамоти маорифи Хазинаи Огохон кори такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи вилоятро беҳтар ба роҳ монда, дар амалӣ сохтани ислоҳоти соҳаи маорифи кишвар саҳмгузор бошад.

# МАТБУОТИ БАДАХШОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар давраи Истилолият аввалин маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи табъу нашр» (27 декабри соли1993) ва «Қонун дар бораи Фарҳанг» (13 декабри соли1997) қабул гардиданд. Дар давраи истиқлолият Пажӯҳишгоҳи фарҳангу иттилоот (соли1997) ва Консерватонрияи миллӣ (соли 2003) ба фаъолият огоз намуданд. Аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот маҷаллаҳои илмӣ-оммавии «Анис», «Фарҳанг ва ҳунар» ва «Пайёмномаи фарҳанг» нашр гардида, хонандагонро аз навовариҳои санъат бархурдор менамоянд.

Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ бо мақсади ташаккул додани сатҳи маънавиёт ва фароҳам овардани фазои мусоиди фарҳангӣ барномаҳои зиёдро доир намуд, ки ба онҳо «Барномаи тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи санъат, фарҳанг ва табъу нашр барои солҳои 2007-2010», «Барномаи компютеркунонӣ муассисаҳои таълимии соҳаҳои фарҳанг ва санъат барои солҳои 2007-2010» ва гайраҳо дохил мешаванд.

Агар дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар маркази Тоҷикистон 4 нашриёт: Ирфон, Адиб, Дониш ва Маориф фаъолият мекарданд, дар давраи истиқлолият даҳҳо нашриётҳои нав ба монанди: Деваштич, Истиқбол, Кайҳон, Матбуот, Нодир, Ношир, Эр-граф, Истеъдод, Маориф ва фарҳанг ва гайраҳо ба нашри китобҳои гуногун машгул мебошанд.

Дар қаламрави ВМКБ Иттиҳодияи истеҳсолии матбааҳои вилоятӣ калонтарин маркази нашрӣ ба шумор меравад, ки огози фаъолияти он ба соли 1931 рост меояд. То давраи истиқлолият дар он ҷо муҳимтарин ҳуҷҷатҳои идораву муассисаҳо ва рӯзномаҳо чоп мешуданд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми бошад, Иттиҳодияи истеҳсолии матбааҳои ВМКБ бо сарварии Гулбек Ҷумъаев

икдоми нек нишон дода, ба нашр намудани дурдонаҳои маънавии кишвар огоз намуд. Дар натиҷаи ин ташаббус бисёр китобҳои нодир ва эҷодиёти шифоҳии мардуми Бадахшон аз нестшавӣ наҷот ёфта, аз нав нашр шуда, дастраси хонандагони сершумор мегардиданд.

Соли 1992 Иттиҳодияи истеҳсолии матбааҳои вилоят китоби «Дурдонаҳои Бадахшон (асотир ва ривоятҳо)», ки аз ҷониби Назардод Ҷонбобоев ва Шоҳзодамуҳаммад Мамадшерзодшоев ғирд оварда шуда буд, бо теъдоди 5 ҳазор нусха нашр кард. Инчунин худи ҳамон сол Шоҳзодамуҳаммад Мамадшерзодшоев китоби «Заруриёти мусулмонӣ»-ро мураттаб намуда, бо теъдоди даҳ ҳазор нусха дар нашриёти номбуда аз чоп баровард.



Бо кӯшиш *Қурбони Аламшоҳ* – дастпарвари факултаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт – Петебург) соли 1991 дар таърихи матбуоти вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аввалин корхонаи нашриявӣ бо номи Нашриёти хурди «Помир» ба фаъолият оғоз намуд. Ин нахустин нашриёти хусусӣ дар вилоят буда, тавассути он мероси гаронбаҳои таърихию фарҳангӣ ва фалсафии халқ то андозае аз нобудшавӣ наҷот ёфт.

Нашриёти помбурда дастовардҳои илмию адабӣ ва фарҳангии фарзандони диёрро ба табъ расонд. Дар нашриёти номбурда, бо кӯшиши Бахтиёри Назруддин осори Мулло Ёри Ванҷӣ ва бо ташаббуси Варқаи Охонниёз маҷмӯаи «Гулгунча»-и шоири намоёни тоҷик Нодир Шамбезода нашр карда шуданд. Китоби «Гулғунча» соли 1936 бо ҳуруфоти лотинӣ ва забони шуғнонӣ нашр гардида, баъдан ба таъқибот (репрессия) дучор шуда, онро аз байн бурданд. Тавассути нашриёти «Помир» зиёда аз 60 номгуй китобҳои

ғуноғун ба табъ расиданд, ки муҳимтарини онҳо: «Таърихи мулки Шуғнон»-и Саид Ҳайдаршоҳ Мубораҡшоҳзода, ки бо шарҳу тавзеҳи академик Александр Александрович Семёнов 25 августи соли 1915 навишта шудааст* (соли 1992), «Сурудҳои тӯии Помир» (соли 1993.-120 саҳифа бо кӯшиши профессор Нисормамад Шакармамадов), «Китобномаи шарҳиҳолии профессор Гулаҳмад Раҳмихудоев» (мураттиб Алидод Чароғабдолов соли 1995), «Таърихи Помир»-и академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Искандаров (бо забони русӣ соли 1995.-186 саҳифа), китоби Д. Карамшоев ва И. Харкавчук «Сарҳадбонон ва сокинони Помир» (соли 1995.-148 саҳифа бо забони русӣ), «Китобномаи шарҳиҳолии профессор Додхудо Карамшоев» (мураттиб Алидод Чароғабдолов соли 2002) ва ғайраҳо буданд.

Қурбони Аламшоҳ дар баробари роҳбарии нашриёт шуғли фаъоли корҳои илмию эҷодро низ ба дӯш дорад. Китобҳои «Ҳикоёт» (Хоруғ соли 1996), «Гӯсфанди Поло» (Душанбе соли1998), «Достони марди хирад» (Хоруғ соли 2005), «Васоити ахбори омма дар Бадахшони Тоҷикистон» (Хоруғ соли 2005), «Куҷое бошам, бо тоҷикон бошам» (Душанбе соли 1999) ва «Ширинишоҳ Шоҳтемур» (Душанбе соли 2009) маҳсули заҳматҳои ӯ мебошанд.

Дар нашриёти номбурда ба ифтихори 50-солагии Ғалаба бар Германияи фашистӣ «Онҳо фаромӯш намешаванд» (Китоби хотираи ширкаткунандагони ҶБВ аз ВМКБ. – Хоруғ соли 1995), китоби шоир ва овозхони шодравон Лидуш Ҳабиб «Дарёта тизд» (Хоруғ.-1991) бо забони шуғнонӣ ва нахустин маҷмӯаи шеърҳои Сардор Раҳдор «Номус» бо забони рӯшонӣ, «Ҳайкали кампир»-и Наҷмиддини Шоҳинбод, китоби нотаи «Оҳангҳои Бадахшонӣ»-и Қ.Шодмонбек (соли 2005) ва ғайраҳо ба табъ расиданд.

Нашриёти хурди «Помир» дар давраи мушкили

* Протоколы заседаний и сообщения членов Туркестанского Кружка любителей археологии (11 декабря 1915 – 2 март 1917 гг. – Ташкент, 1917. – С. 1-23.

иқтисодии солҳои 1992-1997 даҳҳо номгӯй китобҳои нодирро нашр намуда, фазои иттилоотии Бадахшонро васеъ ва халқро ба иттиҳод, ягонагӣ ва оромию осудагии кишвар даъват мекард.

Аз 5 апрели соли 1994 маҷаллаи илмии «Паёми Донишгоҳи Хоруғ» ба фаъолият оғоз намуд, ки он аз ду бахш: бахши гуманитарӣ ва илмҳои табиӣ иборат мебошад. Маҷаллаи нашрияи илмии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев буда, дар он маҳсули тадқиқоти соҳаҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ ва ғайраҳо дарҷ меёбанд.

Моҳи апрели соли 2008 аз ҷониби Донишкадаи такмили маълумоти касбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба номи Тӯтишо Назришоев «Раҳнамои омӯзгор» таъсис дода шудааст. Ҳадафи асосии маҷаллаи мазкур аз такмили тахассусии омӯзгорони вилоят, тарғиб намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва машоҳидаю тадқиқотҳои илмии кормандони Донишкада мебошад. Маҷалла тамоми фаъолияти Донишкада ва навовариҳои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ва вилоятро ба таври васеъ инъикос менамояд. Он аз 1 сентябри соли 1997 дар шакли варақаи иттилоотӣ-методӣ бо номи «Раҳнамо» ва баъдан «Мӯнис» бо дастгирии Бахши маорифи Бунёди Оғохон ва Оҷонсии Амрико оид ба рушд бо теъдоди 450 нусха нашр гардида, ба таври ройгон дар байни макотиби вилоят ва бархе аз макотиби вилояти Хатлону водии Рашт паҳн карда мешавад.

Маҷаллаи «Раҳнамои омӯзгор» аз 16 апрели соли 2008 дар Вазорати фарҳанг номнавис шуда, бо кӯмаки бегаразонаи Бунёди Мадади Ҷамъияти Кушодаи Фонди Сорос дар Тоҷикистон ба табъ мерасад. Аз соли 1997 то кунун зиёда аз 133 шумораи маҷалла нашр гардидааст, ки сармуҳаррирони онро Шамсиддин Орумбеков, Афзалшо Шоҳнаврӯзов ва Шоҳзодаи Саидиброҳим ба дӯш доштанд.

Агар дар ВМКБ маҷаллаҳои «Паёми Донишгоҳи Хоруғ» ва «Раҳнамои омӯзгор» ба фаъолият шурӯъ карда бошанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо маҷаллаҳои ҳизбию соҳавӣ

руи кор омаданд. Дар давраи истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати фароҳам овардани шароит барои демократия матбуоти даврӣ хеле хуб густариш ёфтааст. Агар соли 1991 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 160 номгӯй рӯзномаю маҷалла нашр мешуд, имрӯз ин нишондиҳанда ба 268 рӯзнома ва 136 маҷаллаи давлатӣ, хусусӣ, соҳавӣ ва 8 агентии иттилоотӣ расидааст.

Мувофиқи баъзе маълумотҳо то 1 январи соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 203 рӯзнома, 63 маҷалла ва 7 оҷонсии иттилоотӣ фаъолият менамоянд. Дар давоми соли 2010 дар Вазорати фарҳанг 34 рӯзнома ва 23 маҷалла ба тозагӣ номнавис шуданд, ки ба онҳо рӯзномаҳои «Симо», «Рӯзгор», «Мавқеъ», «Ҳаёт», «Шикорчӣ», «Доно», «Хонаи умед» ва маҷаллаҳои «Шарқу гарб», «Садои кӯдакон», «Навниҳол» ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Дар ВМКБ 9 нашрия фаъолият менамоянд. Барои шиносоии амиқ пайдо кардани хонандагон, шарҳи мухтасари фаъолияти онҳоро овардан ба маврид аст.

**«Бадахшон»** нашрияи мақомоти маҳалии ҳокимяти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Шумораи нахустини рӯзнома бо номи «Бадахшони сурх» 2 сентябри соли 1931 бо Қарори кумитаи ҳизбию иҷроияи вилояти Бадахшонии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ва Шурои иттифоқҳои касабаи ВАБК бо забони тоҷикӣ ва русӣ ба миқдори 500 нусха нашр гардид. Аз солҳои 1931 то 1 майи соли 1955 рӯзнома бо номи «Бадахшони сурх» ва дар давраи Ҷанги Бузурги ватанӣ бо номи «Красный Бадахшан» нашр мегардид. Аз соли 1955 то 14 январи соли 1991 рӯзнома бо номи «Бадахшони Советӣ» ва дар давраи соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон бо унвони «Бадахшон» интишор мегардад. Рӯзнома то соли 1965 бо андозаи (формат) А-3 бо теъдоди 2 ҳазор нусха ва аз соли 1980 то соли 1990 бо андозаи А-2 ва теъдоди 12 ҳазор нусха нашр мегардид.

Таи солҳои гуногун сарварии ҳайати эҷодии рӯзномаро

рӯзноманигорони варзидаи тоҷик Хушназар Ҳақназаров, Нусратулло Доргабеков, Мамадвафо Мамадризоев, Мирзоазиз Мирзоқандов, Ҷонибеки Қозибек ва Назрулло Хайруллоев ба ӯҳда доштанд.

Аз солҳои 1990 сар карда, вобаста ба вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ рӯзнома ҳам бо бӯҳрони ҷиддӣ ру ба рӯ гардид. Аз соли 1991 то соли 2005 рӯзнома бе сурат бо усули матбаавии чопи гарм (горячий набор) интишор мегардид. Огози солҳои 90-ум барои сокинони Бадахшон мушкилиҳои зиёд пеш овард, ки рӯзнома низ дар меҳвари он қарор дошт. Вале новобаста аз ин мушкилот хабарнигорони рӯзномаи «Бадахшон» ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоятро бегаразона ва холисона инъикос менамуданд. Рӯзноманигорон бо ҷозибаи сухан мардумро ба ояндаи дурахшон умедвор намуда, бо душвориҳои зиёд фазои иттилооти кишварро пур менамуданд. Аз сабаби касодии буҷет, нарасидани маводҳои чопӣ, ранг ва қогаз таи 6 моҳи соли 1991 нашри рӯзнома тамоман баста шуда, теъдоди кормандонаш ихтисор гардид.

Дар давраи нобасомониҳои сиёсӣ ва шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1993 – 1995 рӯзномаи «Бадахшон» ягона нашрияи боэътимоди ВМКБ ба шумор мерафт, вале аз сабаби гуногун ягон нусхаи он ба маркази ҷумҳурӣ интиқол дода нашудааст.

Аз соли 2005 рӯзнома ба таври чопи офсетӣ бо андозаи А-3 ва сифати баланд бо теъдоди 1500 нусха нашр гардида, тамоми паҳлӯҳҳои зиндагии ВМКБ-ро дар бар мегирад.

Дар баробари нашрияи мақомоти маҳалии ҳокимяти давлатии ВМКБ рӯзномаи «Бадахшон» нашрияҳои мақомоти иҷроияи шаҳрию маҳаллии ҳокимяти давлатӣ аз ҳисоби буҷаи мақомотҳои шаҳру ноҳияҳо бо унвонҳои «Дарвоз», «Зиндагӣ», «Маърифати Шугнон», «Оинаи зиндагӣ», «Пайгоми Рӯшон», «Паёми Ванч», «Сарыкол» ва «Шоҳдара» моҳе як маротиба чоп мешаванд.

**«Дарвоз»** нашрияи расмии Маҷлиси вакилони халқи

мақомоти ичроияи маҳалии ҳокимяти давлатии ноҳияи Дарвоз мебошад, ки шумораи нахустини он 5 сентябри соли 1937 бо номи «Ҳаракати стахановчӣ» нашр гардидааст. Рӯзномаи мазкур дар зарфи зиёда аз 70 сол дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ таҳти унвонҳои «Ҳаракати стахановчӣ», «Бо роҳи Ленин», «Дарвози Советӣ», «Дарвози Шуравӣ» фаъолият дошта, аз соли 1992 бо номи «Дарвоз» интишор мегардад.

Нахустин муҳаррири рӯзномаи ноҳия Розиев Рӯзӣ буда, минбаъд дар солҳои гуногун ба фаъолияти он рӯзноманигорони варзида Назрихӯҷа Мирзоев, Дод Назаров, Саидмурод Давлатов, Садриддин Исломов, Қаландаршо Додарҷонов, Сироншо Диловаров, Қувватхон Отахонов, Муҳаммад Маҳмадов, Икромиддин Ғиёсов, Ҷӯра Назриев роҳбарӣ намуда, дар ҳар давру замон ҳамчун тарғиботчиёни минбари иттилоотӣ вазифаи худро сарбаландона ичро намуданд.



Дар замони истиқлолият рӯзнома дар таргиби сиёсати сулҳҷӯёнаи кишвар нақши босазо гузошт. Аз соли 2000 муҳаррири рӯзнома *Ҷӯрахӯҷа Назриев* таъин гардида, алҳол мунтазам ҳар моҳ онро бо теъдоди 750 нусха нашр менамояд. Рӯзнома дар тӯли фаъолияти худ баҳри ободии диёр ва ҳаёти осоиштаи мардум, тарғиби ваҳдат ва дастовардҳои замони истиқлолият хизмати босозо кардааст.

**«Зиндагӣ»** нашрияи Маҷлиси вакилони халқи ва мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлатии ноҳияи Ишкошим буда, нахустин маротиба 14 ноябри соли 1949 бо унвони «Бо роҳи коммунизм» ба фаъолият оғоз намудааст. Муҳаррири авввалини он Дӯстмамад Бахтиёров буда, ӯ то

соли 1962 ҳайати эҷодии рӯзномаро сарварӣ намудааст. Соли 1962 фаъолияти рӯзнома қатъ гардида, баъди 4 сол соли 1966 рӯзнома аз нав бо номи «Васияти Ленин» ба фаъолият огоз намуд. Дар солҳои минбаъда, аз соли 1962 то кунун роҳбарии рӯзномаро Султошо Яқубов (1962-1980), Гулобхон Бодурхонов (1980-1990), Мамадсаид Чоршанбиев (1990 – 1992), Қувватбек Раҳмонов (1993-1994), Шоҷон Шоҷонов (1994 – 1995), Куйбек Шарифзода (1996 – 2003) ва аз моҳи апрли соли 2003 Моҳира Сангмамадова то моҳи апрели соли 2010 ба ӯҳда дошта, аз ин давра боз Куйбек Шарифзода сармуҳаррири рузномаи «Зиндагӣ» таъин гардид.

Моҳи июни соли 2004 редаксияи рӯзномаи «Зиндагӣ» бо матбааи ноҳиявӣ якҷо шуда, ба Иттиҳоди нашриявии «Зиндагӣ» табдил дода шуд. Сарвари Иттиҳодия рузноманигори умедбахш Моҳира Сангмамадова таъин гардид.

Қобили зикр аст, ки рӯзноманигорони варзидаи ҷумҳурӣ



Мазҳабшои Мазҳабшо, Ноёбшои Зӯробек, Нафасбеки Раҳмонӣ ва Куйбеки Шарифзода фаъолияти хешро аз даргоҳи ҳамин рӯзномаи ноҳиявӣ шурӯъ намуданд.

Рузнома дар ҳаёти сиёию иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия нақши босазо дошта, аз соли 2010 адиби хушзавқ *Куйбек Шарифзода* маротибаи дуюм муҳаррири он таъин гардид. Рӯзнома ҳар моҳ бо теъдоди 500 нусха нашр мешавад.

**«Маърифати Шуғнон»** нашрияи мақомоти маҳалии ҳокимяти давлатии ноҳияи Шуғнон буда, аз 1 май соли 1986 ба фаъолият огоз намуд. Рӯзнома аз огоз то моҳи декабри соли 1991 бо номи «Коммунисти Шуғнон» дар як ҳафта се маротиба ба табъ мерасид. Аз моҳи сентябри соли 1992 баъди ихтисор шудани шумораи коргарони рӯзнома, аз сабаби на-

расидани маблаги харочот моҳе ду маротиба чоп мешуд. Дар тӯли фаъолияти рӯзнома сармуҳарририи онро қаламкашони шинохта Муборакшоҳ Алимшоев, Гулғунча Саидарабова, Музофиршоҳ Илолов ва Шакар Қурбонбеков ба дӯш доштанд. Вобаста ба шароити иқтисодии ноҳия рӯзнома 3 моҳ – аз 9 май то 2 августи соли 2005 нашр нагардидааст. Рӯзномаи «Маърифати Шугнон» дар як утоқи кории Ҳукумати ноҳияи Шугнон фаъолият мекунанд, ки он низ 23 июли соли 2005 вайрон шуда, ягона нашрияи ноҳия зиёда аз як сол бесарпаноҳ монд. Дар чунин як давраи мушкил Илолов Музофиршоҳ сармуҳаррири рӯзнома таъин гардида, бо заҳмати шабонарӯзӣ тамоми маҳорату истеъдоди хешро барои беҳтар намудани мазмуну сифати он сарф намудааст.

Рӯзномаи «Маърифати Шугнон» имрӯз дар фазои осоиштаи кишвар таҷассумгари инъикоси ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва маънавии ноҳия буда, дар тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ саҳмгузор мебошад.

**«Оинаи Зиндагӣ»** нашрияи Маҷлиси намояндагони халқ ва Ҳукумати шаҳри Хоруг буда, аз 25 июни соли 1999 бо ибтикори Ҳукумати шаҳри Хоруг таъсис дода шудааст. Рӯзнома моҳе як маротиба нашр гардида, тамоми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии шаҳри Хоругро фаро мегирад. Аввалин сармуҳаррири рӯзнома шоира Руқия Давроншоева интихоб гардида, то моҳи феврали соли 2005 фаъолият намуд. Аз соли 2005 то имрӯз ин масъулияти ниҳоят бузургро рӯзноманигори бомаҳорат Сабоҳат Донаёрова ба дӯш гирифт. Бо кӯшиши С.Донаёрова аз соли 2005 рӯзнома ба таври системаи нави компютерӣ (чопи офсетӣ) бо теъдоди 800 нусха моҳе ду маротиба нашр мегардид. Моҳи июни соли 2011 Руқия Давроншоева аз нав сармуҳаррири рузнома таъин карда шуд. Рузнома дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии шаҳри Хоруг нақши босазо дошта, яке аз серхонандатарин рӯзномаҳои вилоят ба шумор меравад.

**«Паёми Ванҷ»** нашрияи мақомоти маҳалии ҳокимяти давлатии ноҳияи Ванҷ мебошад. Рӯзнома аввалин маротиба

5 марти соли 1939 бо номи «Ҳақиқати Ванҷ» таъсис ёфтааст. Нахустин муҳаррири рӯзнома, яке аз рӯзноманигорони варзида Нишон Ҳамроев буд. Сипас вазифаи муҳарририи нашрияро Роҳатов Пирумшо, Алиев Нагзӣ, Исломов Назришо ва дигарон ба ӯҳда доштаанд.

Аз соли 1954 то моҳи январ соли 1966 рӯзномаи «Ҳакикати Ванҷ» нашр нагардидааст. Моҳи январи соли 1966 рӯзнома бо номи «Ватан» аз нав ба фаъолият огоз намуда, соли 2003 «Паёми Ванҷ» ном мегирад. Муҳаррири рӯзнома Тулфор Қадамов ва баъд Нурилло Дайхудоев (1968-1977) таъин гардиданд. Маротибаи дуюм Тулфор Қадамов аз соли 1978 то 1990 ҳайати эҷодии рӯзномаро сарвари менамуд. Маҳз дар ҳамин давра рӯзнома бо дафтари корӣ таъмин гардида, имкониятҳои иттилоотӣ ва молиявии рӯзнома васеъ гардиданд.

Аз огози солҳои 90-ум сар карда, бӯҳрони иқтисодӣ рӯзномаро фаро гирифт. Мушкилоти иқтисодӣ ва сиёсӣ имконият намедоданд, ки рӯзнома мунтазам нашр гардад ва аз ин сабаб давоми солҳои 1991 – 1994 рӯзнома қариб, ки нашр намешуд. Аз моҳи январи соли 1995 сохтори идоракунӣ тагйир ёфта, кумитаи иҷроияи Шӯрои намояндагони халқи ноҳия ба Ҳукумати ноҳия табдил ёфт ва рӯзномаи «Ватан» чун нашрияи Ҳукуматии ноҳия аз нав бо номи «Паёми Ванҷ» нашр мешавад.

Аз моҳи августи соли 1997 рӯзноманигори варзида Шоҳзодаев Пайшанбе муҳаррири рӯзнома таъин гардид. Нашрия бо теъдоди 800 нусха моҳе як маротиба чоп мешавад.

**«Пайғоми Рӯшон»** нашрияи мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлатии ноҳияи Рӯшон буда, аввалин маротиба 25 сентябри соли 1949 бо номи «Рӯшони Советӣ» таъсис ёфтааст. Рӯзнома аз огоз то соли 1960 бо чунин унвон нашр гардида, солҳои 1960 то 1966 чун дигар нашрияҳои ноҳиявӣ баста шуд. Баъдтар аз соли 1966 то соли 1990 ба номи «Овози дӯстӣ» нашр гардида, дар замони истиқлолият аз соли 1990 то инҷониб бо номи «Пайгоми Рӯшон» фаъолият дорад.

Аввалин муҳаррири рӯзнома Ширибек Асанбек буда, минбаъд ба фаъолияти он рӯзноманиғорони ботаҷриба Лутфасан Назарбеков, Қиматшо Наврӯзшоев, Суҳроб Ғайбиев, Душанбе Мирзоев, Сафармамад Мастибеков роҳбарӣ намуданд.

Аз соли 1966 рӯзнома бо унвони нав «Овози дӯстӣ» нашр меғардид, ки сарварии ҳайати эҷодиро қаламкашони хушзавқ Шодихон Мубораĸшоев (1966 – 1977), Рӯзадор Бахтдавлатов (1978 – 1986) ва Давлатназар Назриев (1986 – 1995) ба ӯҳда доштанд. Аз соли 1996 инҷониб муҳаррири рӯзнома Лутфишо Қиматшоев таъин ғардида, он моҳе як маротиба бо теъдоди 1000 нусха чоп мешавад.

Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзнома аз соли 1990 бо номи «Пайғоми Рӯшон» дастовардҳо ва комёбиҳои беназири сиёсию иқтисодӣ ва пешрафти ноҳияро тараннум менамояд. Бояд зикр намуд, новобаста ба мушкилиҳои сиёсиву молиявӣ рӯзнома фаъолияташро давом дода, дар барқарор ғардидани сулҳ ва Ваҳдати миллӣ нақши босазо дорад.

**«Сарыкол»** нашрияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб буда, аз моҳи декабри соли 1939 нашр мешавад. Нахустин шумораи он бо унвони «Чығыш Памир» (Помири Шарқӣ) бо ҳуруфоти лотинӣ ба забони қирғизӣ аз чоп баромад, ки муҳаррири он Тлен Таалайлин буд. Рӯзнома аз соли 1943 то соли 1956 бо номи «Сталинчӣ» ва аз соли 1956 то соли 1992 бо номи «Мурғоб коммунистӣ» (Коммунисти Мурғоб) аз чоп мебаромад.

Аз соли 1992 рӯзнома моҳе як маротиба дар шаҳри Оши Ҷумҳурии Қирғизистон чоп мешавад. Вобаста ба мушкилиҳои иқтисодӣ ва молиявӣ аз соли 1993 то соли 1998 рӯзнома муваққатан нашр нағардидаст.

Таи солҳои маҷудияти рӯзнома муҳарририии онро Р.Элназаров, Т.Айбашов, Тыналиев, Кошмурзаев, Долдошбаев, М.Раҳмонқулов, И.Акжаров, М.Жумабаев ба ӯҳда доштанд.

Дар огози давраи истиқлолият «Сарыкол» ягона манбаи иттилоотии ноҳия ба шумор мерафт, ки онҳоро аз комёбииҳои замон воқиф мегардонд. Аз соли 1998 инҷониб муҳаррири рӯзнома Султан Парманов пешрафти иқтисодӣ ва якдилии меҳнаткашонро тараннум меномояд.



**«Шоҳдара»** нашрияи мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлатии ноҳияи Рошткалъа буда, аз 1 январи соли 1993 нашр мешавад. Нахустин муҳаррири рӯзнома шоир ва рӯзноманигори хушзавқ *Ҷонибеки Қозибек* буда, он аз соли 1993 то моҳи августи соли 2005 ба фаъолияти он роҳбарӣ намуд. Аз он давра то кунун Сумангули Асадбек (2005-2006), Давруқов Хусрав (апрели 2006 – июни 2007), Қурбонмамадова Шарифа (июни 2007 то июни 2010) ва Одилбекова Савлат (аз июни соли 2010) вазифаи муҳарририи рӯзномаро ба дӯш доштанд. Рӯзнома зодаи истиқлолият буда, комёбиҳои замони истиқлол, сиётати сулҳҷӯёнаи Президенти кишвар, таърих ва маданияти миллиро таҷассум менамуд.

## Рӯзномаҳои хусусӣ ва мустақили Бадахшон

Таҳти сарпарастии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолият дар баробари рӯзномаҳои давлатӣ ва ҳизбӣ як қатор рӯзномаҳои хусусӣ ва озод ба фаъолият огоз намуданд. Агар дар шаҳри Душанбе аз моҳи сентябри соли 1991 нахустин рӯзномаҳои хусусӣ «Чароги рӯз» ва «Адолат» ба нашр огоз намуда бошанд, дар ВМКБ бо ташаббуси рӯзноманигорони озодандеш, моҳвораи «Фарҳанги Бадахшон», «Боми Ҷаҳон», «Мадина», «Меҳри дунё», «Помир» ва гайраҳо таъсис ёфтанд.

**«Фарҳанги Бадахшон»** замимаи адабию бадеии рӯзномаи «Бадахшон» буда, аз соли 1991 бо ташаббуси рӯзноманигорони маъруф Қурбониддин Аламшоҳ ва Наҷмиддини Шоҳинбод ба фаъолият огоз намуд. Рӯзнома дар шароити басо мушкиле эҳё гардид, ки мардум мӯҳтоҷи нон буд ва ҳатто рӯзномаҳои давлатӣ чоп намешуданд. Вале рӯзнома дар шароити душвортарини таърихӣ вазифаи хешро ба ҷо оварда, дар ҳаёти илмию адабии Бадахшон ва таргиби ваҳдати миллӣ нақши босазо гузошт. Ин дар таърихи рӯзноманигории Бадахшон нахустин моҳворае буд, ки дар ҳаҷми 8 саҳифа бо андозаи А-3 дар пойгоҳи матбааи вилояии шаҳри Хоруг ба чоп мерасид. Рӯзномаи «Фарҳанги Бадахшон» аз соли 1991 то соли 1995 дурдонаҳои беназири фарҳангию адабӣ ва таърихиро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, қиргизӣ ва лаҳҷаҳои шугнонӣ, рӯшонӣ, язгуломӣ, ишкошимӣ, ринӣ ва вахонӣ нашр менамуд.

**«Боми Ҷаҳон»** моҳномаи фарҳангӣ ва тиҷоратӣ буда, аз моҳи январ то моҳи августи соли 1997 бо ташаббуси «Анҷумани дӯстдорони фарҳанги бостон» дар матбааи аввалини шаҳри Душанбе якчанд шумора нашр гардидааст. Сардабирони он Суннатуллоҳи Абдуллоҳ ва Атои Мирхоҷа буда, моҳнома бештар таърихи фарҳанг, ҳаёти бадахшониёни берунмарзӣ ва эҷодиёти адибони Бадахшонро гирд овардааст. Моҳнома бо андозаи 3-А дар 4 саҳифа бо хатти форсию кириллӣ ба забони тоҷикию лаҳҷаҳои дигари бадахшонӣ нашр мегардид.

**«Боми Ҷаҳон»** таҳти чунин унвон маротибаи дуюм Иттиҳодияи Ҷамъиятии «Ҳамроз» 25 июни соли 2006 рӯзномаи иттилоотӣ, таҳлилӣ ва фарҳангиро таъсис додаст. Рӯзнома бо теъдоди 500 нусха моҳе як маротиба хабарҳои илмӣ, фарҳангӣ ва бадеиро аз ҳаёти сокинони ноҳияи Рӯшон бо забони тоҷикӣ ва русӣ чоп мекард. Он дар нашриёти «Нодир» бо андозпи 3-А дар 8 саҳифа нашр мегардид, ки сармуҳаррири он Нилуфари Мамадалӣ буд.

**«Меҳри дунё»** замимаи ҳафтаномаи «Оилаи Сугдиён» буда, аз 1 августи соли 2009 дар шаҳри Хуҷанди вилояти

Сугд бо формати 3-А дар ҳаҷми 8 саҳифа чоп мешавад. Ҳафтанома бо сифати баланд нашр гардида, ахбори расмӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва ҳаёти иқтисодии бадахшониёнро бо забони тоҷикӣ дастраси хонандагон мегардонад. Сардабири ҳафтанома Манучеҳр Мирсаидов кӯшиш менамояд, ки ҳарчи бештар зиндагиномаи оилаҳои намунавӣ ва ҳаёти соҳибкорони бадахшониро таҷассум намояд.

**«Помир»** ҳафтаномаи ҷамиятӣ – иттилоотӣ буда, бо ташаббуси Ожонси иттилоотии «Помир-Медиа» аз 11 март то 25 августи соли 2010 зиёда аз 25 шумораи он нашр гардид. Ҳафтаномаи мазкур беҳтарин ганҷинаи иттилоотӣ буда, тамоми маълумоти расмӣ, илмию фарҳангӣ, фалсафию таърихӣ ва навовариҳои дигари рӯзмарраро бо забони тоҷикӣ ва русӣ дастраси хонандагон мегардонд. Дар шумораҳои он нодиртарин дурдонаҳои маънавии халқ, аз қабили «Азизхон, Нисо ва Кабудшоҳ»-и Лутфишои Додо, «Маҳрам Балво»-и Парвона Ҷамшед, «Аз Мавлоно Ёри Ванҷӣ то Барис Расо»-и Комил Бекзода ва ғайраҳо нашр шуданд. Муҳаррири ҳафтанома рӯзноманигори варзидаи тоҷик, Лауреати мукофоти ҷумҳуриявии ба номи А.Лоҳутӣ (1999) Қурбониддин Аламшоев дар байни халқ маҳбубияти зиёд дошта, хонандагон шумораҳои навбатии «Помир»-ро бесаброна интизоранд.

**«Чатри симин»** навидномаи иттилоотӣ-таҳлилӣ буда, аз моҳи марти соли 1998 тақрибан то аввали соли 2004 бо дастгирии Хазинаи Евразия бо маблағгузории Оҷенсӣ оид ба Тараққиёти Байналмилалии Иёлоти Мутаҳидаи Амрико (USAID) моҳе ду маротиба нашр мегардид. Директори барнома Қурбониддин Аламшоев «Чатри симин»-ро бо теъдоди 500 нусха ва формати А-4 ба забони тоҷикӣ ва русӣ нашр намуда, дар байни мактабҳои вилоят, Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба таври ройгон тақсим менамуд. Он дар саҳифаҳои худ муҳимтарин ахбори иқтисодӣ ва иҷтимоиро дарҷ намуда, фазои иттилоотӣ кишварро пурра мегардонд.

**«Анис»** – нахустин моҳвораи бачагона ва нашрияи Бунёди ҳайрияи Кӯдаконаи «Эҳё» буда, аз моҳи марти соли 1999 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Пас аз нашр гардадани 9 шумора рӯзнома он ба мушкилии иқтисодӣ дучор гардида, дар охири соли 1999 баста гардид. Рӯзнома маротибаи дуюм бо дастгирии иқтисодии «Агентии ШМА доир ба дастгирии инкишофи байналмилалии Осиёи Марказӣ» (ЮСАИД) ва Шӯрои байналхалқии илмӣ-тадқиқотии ШМА (АЙРЕКС) аз моҳи июни соли 2004 ба фаъолият огоз намуда, бо формати 3-А дар ҳаҷми 4 саҳифа ба забони тоҷикӣ ва русӣ нашр мегардид. Ба қавли сармуҳаррири рӯзнома Хоҷамири Қурбонбек он бо теъдодо 1000 нусха нашр гардида, ба таври ройгон ба богчаю мактаб ва китобхонаҳои шаҳри Хоруг тақсим мешавад.

**«Мадина»** нашрияи иқтисодию фарҳангӣ ва иҷтимоии созмони гайридавлатии занони ташаббускори вилоят, буда аз моҳи январи соли 2002 ба фаъолият сар кард. Моҳномаи «Мадина» ба мавзӯъҳои рӯзмарраи ҳаёти бонувону наврасон даст зада, ба забони тоҷикӣ ва русӣ нашр мегардид.

Маҷаллаи **«Паёми Донишгоҳи Хоруғ»** нашрияи илмии Донишгоҳи давлатии Хоруг ба номи Моёншо Назаршоев буда, аз соли 1994 фаъолият мекунад. Дар маҷалла мақолаҳо ва маҳсули тадқиқоти олимони соҳаҳои илмҳои табиӣ, гуманитарӣ, иқтисодӣ ва кишоварзии донишгоҳ, тадқиқотҳои илмии бахши Помири Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи гуногуни олимони хориҷи кишвар марбут ба Бадахшон нашр карда мешавад.

**«Мунис»** – нашрияи Донишкадаи такмили маълумоти касбии ба номи Тутишо Назаршоев буда, аз 1 сентябри соли 1997 моҳе як маротиба ба забони тоҷикӣ ва русӣ ва андозаи А-4 нашр мешавад. Сармуҳаррири он Шамсиддин Орумбеков мебошад. Рӯзнома бо дастгирии Бахши маорифи Бунёди Огохон ва Оҷинсии Амрико оид ба рушд бо теъдоди 450 нусха интишор мешуд.

**«Роҳнамои омӯзгор»** нашрияи Донишкадаи такмили маълумоти касбии омӯзгории ВМКБ аз моҳи апрели 2008 бо

кумаки Фонди Огохон ва Комиссияи Урупо интишор мешвад. Мувофиқи оинномаи донишкада «Роҳнамои омӯзгор» ҳар моҳ дар ҳаҷми 32 саҳифа, бо формати А3 ва аз ҳисоби сарпарастон бо теъдоди 450 нусха ба идораву муассисаҳои соҳаи маорифи ҷумҳуриявӣ ва бархе аз макотиби минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва водии Рашт фиристонда шуда, боқимонда ба идораву муассисаҳои соҳаи маориф, макотиб, китобхонаи вилоятӣ, Донишгоҳи давлатии Хоруг, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ва дигар сохторҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят дастрас карда мешавад[1].

**«Импульс»** – нашрияи Маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандии «Қалам» ВМКБ буда, аз моҳи феврали соли 2004 дар шакли варақаи иттилоотӣ ва аз 1 феврали соли 2005 бо андозаи А-3 ба забони тоҷикӣ ва русӣ нашр мегардад. Рӯзнома бо дастгирии моддӣ ва техникии Фонди раёсати дар Тоҷикистон будаи ОБСЕ нашр мегардад.

**«Чароғи ҳидоят»** – моҳномаи иттилоотӣ – таълимии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ буда, аз моҳи апрели соли 2004 то моҳи августи соли 2005 бо дастгирии Факултаи Омӯзиши Давомдори Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ба забони тоҷикӣ ва русӣ бо формати А-4 нашр мегардид. Муҳаррири он Ҳоким Зулфиқоров мебошад ва аз соли 2005 ин ҷониб моҳнома нашр намегардад ва ба ҷои он мизи мудаввар ва семинарҳо гузаронида мешаванд.

**«Фурӯғи маърифат»** нашрияи Донишгоҳи давлатии Хоруг ба номи Моёншо Назаршоев буда, аз моҳи сентябри соли 2007 бо андозаи А-3 дар ҳаҷми 4 саҳифа нашр мегардад. Дар он паёму табрикоти маъмурияти донишгоҳ, ахбори расмӣ, натиҷаи тадқиқоту эҷодиёти устодон ва донишҷӯён нашр мегардад. Аз огози рӯзнома то моҳи июни соли 2011 Шоири Халқии Тоҷикистон Хушқадам Қурбонмамадов (Ширин Бунёд) сармуҳаррири рӯзнома буд. Рӯзнома дар як муддати кӯтоҳ дар байни хонандагон нуфузи калон пайдо кард.

[1] Булбулов. Такмили ихтисоси омӯзгорон: воқеият, махсусият ва андешаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2011.-280с.

Нашри ин рӯзномаю моҳномаю ҳафтаномаҳое, ки дар боло ҳадафи муаррифии мухтасар гаштаанд, аз дигаркунсозиҳои системаи иттилоотӣ ва матбуоти давраи истиқлолият дарак медиҳад.

Аз мазмуну мӯҳтавои онҳо бармеояд, ки баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи рӯзномаҳо ба маротиб меафзуд ва барои шаҳрвандон имконияти иттиллотӣ бештар гардид. Ҳамин падида ва таҳаввулоти сиёсӣ, барои густариши паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти мардуми тоҷик шароити мусоид фароҳам овард. Интишори васоити ахбори омма ва нашри маҷаллаву рӯзномаҳои равияи мухталиф дошта, дар пешбурди ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар нақши босазо бозиданд. Хусусан, нақши матбуоти даврӣ дар баргардондани гурезаҳои иҷборӣ, сиёсати аграрӣ ва барқарор намудани сулҳу субот дар Тоҷикистон хеле калон мебошад.

Васоити ахбори оммаи Тоҷикистон дар ин давра ҷараёни бозгашти гурезагонро ба ватан, ба сохторҳои қудратии давлат шомил гардидани дастаҳои мусаллаҳ, кори комиссияи оштии миллиро фаъолона инъикос намуда, дар кори истиқрори муколамаю ҳамдигарфаҳми байни рақибони дирӯза нақши муҳим бозиданд.

Матбуоти замони истиқлолияти Тоҷикистонро аз рӯи хусусияти инъикоси воқеаҳо шартан ба чор давра ҷудо кардан мумкин аст.

Давраи якум солҳои 1990 – 1992. Ин давраи огози кашмакашиҳои сиёсӣ, рушди воситаҳои ахбори омма ва ҳамчунин ҷабҳагирии матбуоти даврӣ башумор меравад. Васоити ахбори оммаи Тоҷикистон аз назорати сахти ҳизбу давлат озод гардида, ба ҳаёти ҳаррӯзаи меҳнаткашон наздик мешуданд, ки ин ба бедоршавии эҳсоси худшиносии миллӣ мусоидат мекард.

Давраи дуюм – солҳои 1992-1997, ба давраи ҷанги шаҳрвандӣ рост меояд. Дар ин давра фаъолияти воситаҳои ахбори омма маҳдуд гардида, онҳо ба дастгоҳи таблиготии гурӯҳҳои одамон ва ё шахсони алоҳида табдил ёфтанд.

Муносибатҳои матбуоти ҳукумат ин солҳо ба ҳадди муайян ба қонунҳои замони ҷанг итоат мекарданд, озодии сухан хеле маҳдуд шуда буд. Масалан, дар давраи ҷабҳагириҳои ҳарбию идеологӣ мавқеъ ва фаъолияти ду ҷониби даргирро воқеъбинона инъикос кардан қариб ғайриимкон буд. Ғайр аз ин омили «каси силоҳдор» дар ин давра ба кори журналистон таъсири манфӣ мерасонд.

Давраи сеюм солҳои 1997-2001-ро дар бар мегирад, ки онро давраи гузариш ва ё «мусолиҳаи миллӣ» меномем. Чунки баъди ба имзо расидани созишномаи умумии истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ дар шаҳри Маскав (27.06.1997) ба рушди ҷомеа ва муносибати байни ҳукумати расмӣ ва васоити ахбори омма дар Тоҷикистон давраи нав оғоз гардид. Шароити кории рӯзноманигорон нисбатан хубтар шуд.

Давраи чорум аз соли 2002 оғоз ёфтааст. Ба ҳамаи мушкилоту норасогиҳо нигоҳ накарда, таъсири созандагии он дар тамоми самтҳои ҳаёт эҳсос мешавад. Соли 2002 бо дастгирӣ ва ҷонибдории роҳбарияти кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якбора се Маркази мустақили радиоӣ дар Душанбе («Азия плюс», «Ватан», «Азия FM») барои пахши барномаҳои нави ҷамъиятию сиёсӣ оғоз намуда, рӯзномаҳои «Неруи сухан», «Рӯзи нав», «Мадина», «Мунис», «Импулс» ва «Чароғи ҳидоят» ва ғайраҳо ба фаъолият шурӯъ карда, ҳаёти воқеии ҷомеаро инъикос мекунанд.

Мулоқоти Сарвари давлат бо зиёиён (20 марти соли 2004) рӯзноманигоронро барои иҷрои софдилонаи вазифаи хеш рӯҳбаланд намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди марҳилаи нави таърихӣ мегардад ва аз неруҳҳои зеҳнии ҷомеа талаботи зиёд дорад. Бинобар ин Сарвари давлат супориш дод, ки рӯзноманигорон метавонанд дар зарфи се моҳ бо кормандони Вазорату идораҳои давлатӣ ва хусусӣ мусоҳиба кунанд ва фишурдаи онро дар рӯзномаҳо нашр намоянд.

## БАХШИ БАДАХШОНИИ ИТТИФОҚИ НАВИСАНДАГОНИ ТОҶИКИСТОН

Бахши бадахшонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон 5 июли соли 1994 бо Қарори Раёсати Шӯрои намояндагони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар асоси фармони садорати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон таъсис дода шуд ва котиби он шоири Халқии Тоҷикистон Қурбонмамадов Хушқадам (Ширин Бунёд) таъин гардид.



*Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ бо котиби бахши бадахшонии Итифоқи нависандагон шодравон Ширин Бунёд (соли 2010)*

Ин муассисаи фарҳангии ниҳоят зарур дар рушди адабиёти ВМКБ хизмати калон намуда, эҷоди адибонро дар вақти зарурӣ дастраси хонандагон мегардонад.

Аз мақоми адабиёт дар ҳаёти вилоят то замони истиқлолият ёдовар шуда қайд кардан бамаврид аст, ки асри

бистумро бе муболига метавон замони пешрафт ва болоравии адабиёти Бадахшон номид.

Дар солҳои сиюми асри бист адибони маъруфи тоҷик Нодир Шанбезода, Мирсаид Миршакар, Тилло Пулодӣ дар қатори поягузорони адабиёти навини тоҷик ба майдон омаданд.

Дар солҳои понҷоҳум устод Мӯъмин Қаноат, Муҳаммадалишоҳи Ҳайдаршоҳ, Басир Расо ба арсаи адабиёти тоҷик, ки он вақт дар миқёси тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ шӯҳрат пайдо карда буд, ворид гардиданд. Ин шоирони нуктасанҷ даҳҳо адибони ҷавон, минҷумла Ҳайрат Шамбезода, Салимшоҳ Ҳалимшоҳ, Қулмуҳаммади Абдулҳусайн (нависанда), Сарвари Амирҷон, Султон Шоҳзода, Амонбек Шоҳзода, Лутфишоҳи Додо, Карамшоҳи Назар, Исмоилшоҳи Саидиброҳимро ба камоли касб расондаанд.

Соли 1981 дар Бадахшон аввалин маҳфили «Адибони ҷавон» таъсис дода шуд, ки дастпарварони ин маҳфили адабӣ Ато Мирхоҷа, Лаълҷубаи Мирзоҳасан, Қурбони Аламшоҳ, Наҷмиддини Шоҳинбод, Раънои Мубориз, Сардори Раҳдор, Мавҷигули Зардодхон ва дигарон буданд. Онҳо бо чакидаҳои пурмазмуни хомаи хеш анъанаҳои эътирофгардидаи адабиёти муосири тоҷикро идома бахшиданд.


*Лаълҷубаи Мирзоҳасан*

Бахши вилоятии Иттифоқи нависандагони Бадахшон баъди 13 соли фаъолияти маҳфили «Адибони ҷавони Бадахшон» дар соли 1994 таъсис ёфта, тавонист ба рушди он такони қавӣ бахшад. Маҳз дар ҳамин маҳфил, аниқтараш мактаби адабӣ, адибони соҳибқалами тоҷик Алишоҳ

Чароғабдол, Муҳиддини Шоҳинбод, Алидоди Чароғабдол, Ҷонибеки Қозибек, Тайғун Бозор, Майрамбеки Тойчӣ (адиби қирғиззабон), Лутфишоҳи Қиматшо, Қуйбеки Шарифзода, Рудобаи Мукаррам, Гулнисои Ризвоншо, Хушомади Алидод, Шоҳзодаи Саидиброҳим, Гулнисои Ато, Абдуллои Дӯст ва дигарон имрӯз дар шеъру адаби тоҷик қарор доранд. Дар байни мардум хотираи нeки адибони хушзавқу ширинкаломи Бадахшон Лидуши Ҳабиб, Тутиёи Мизроб, Дилбари Алидоншоҳ ва Нафасбеки Раҳмонӣ ҷойи мақоми хоса касб кардаанд.



*Алидоди Чароғабдол*

Аз 30 аъзои Бахши бадахшонӣ 10 нафар адибон аъзои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошанд. Дар давраи истиқлолият ба аъзогии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Лаълҷубаи Мирзоҳасан, Қурбони Аламшоҳ, Раънои Мубориз, Лутфишои Додо, Мавҷигули Зардодхон, Ҷонибеки Қозибек, Шоҳтолиби Шоҳқосум, Бурибеки Бурибек ва дигарон шомил гардиданд.

Аз фаъолияти пурмаҳсули адибони Бадахшон асарҳои зиёде аз қабили «Шоҳи Тирандоз» (1991) ва «Шерозаи Ваҳдат»-и (2003) Ширин Бунёд, «Тазкираи адибони Бадахшон» (2005) мураттибон Л.Мирзоҳасан ва А.Чароғабол, «Нури Зиё» (1998), «Хоруғ – лаъли Бадах-



*Шоҳтолиби Шоҳқосум*

шон» (2005) ва «Хонаи Баҳор» – и (2006) Лутфишоҳи Додо, «Васоити ахбори омма дар Бадахшон» (2005) ва «Достони марди хирад»-и (2005) Қурбон Аламшоҳ, «Сабоҳи мардон» (2011)-и Алидод Чарогабдол, «Афсонаи ишк» (2007) ва «Дуруди ошно»-и (2009) Рудобаи Мукаррам, «Гули истораи шаб»-и Куйбек Шарифзода (2007), «Шугнони ман»-и (2004) Дилбаршои Алидоншоҳ, «Лолаҳо аз ёлаҳо»-и Гулнисои Ато (2008) ва гайра ба табъ расида гувоҳӣ медиҳад.

## ТЕАТР ВА РАВНАҚИ САНЪАТИ МАРДУМӢ

Ба мушкилоти давраи аввали истиқлолият ва мунoқишаҳои шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, ҷиҳати 20 феврали соли 1992 Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи инкишофи маданияти Тоҷикистон»-ро ба тасвиб расонд. Дар асоси он Вазорати фарҳанги Ҷумхурии Тоҷикистон нақшаҳои фаъолияти ҷорӣ ва дурнамои фарҳанги мамлакатро таҳия ва мавриди иҷро қарор дод.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати фарҳангии давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ташаккулу тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихори миллӣ ва пойдории сулҳу ваҳдат дар ҷомеа мебошад. Сарвари давлат дар суханрониҳои худ борҳо изҳор намудааст, ки барпо намудани давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ бидуни баланд бардоштани сатҳи маънавию фарҳангии мардум имконнопазир аст. Аз ҷумла дар Паёми хеш ба маҷлиси якуми якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2000 чунин иброз дошт: «Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллати худро пеш аз ҳама тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст ва дар байни халқу миллатҳои дигар соҳиби нуфузу эътибор гаштааст»[1].

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ. – Ҷ.3. – Душанбе: Ирфон, 2002. – С.369.

Ба вазъи мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва нооромиҳои кишвар нигоҳ накарда, дар давраи истиқлолият ҷашни чандин ашхоси маъруфу машҳури кишвар бо шукӯҳу шаҳомати зиёд баргузор гардид. Аз ҷумла, соли 1993 аввалин маротиба ҳунармандони театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи М.Назарови шаҳри Хоруг баъди даргириҳои сиёсӣ дар «Парасту-1993» ширкат намуданд. Санъаткорону ҳунармандони театр, дар қатори дигар ҳунармандони ҷумҳурӣ риштаи гусастаи дӯстию ҳамдигарфаҳмиро аз нав пайваст намуданд. Бесабаб нест, ки баъди баргузории «Парасту-1993» садҳо гурезаи иҷборӣ ба хонаҳояш баргаштанд.

Ҷиҳати татбиқи сиёсати пешгирифтаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Вазорати фарҳанг ба гузаронидани чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ иқдом намуд. Аз соли 1993 сар карда, дар байни театрҳо ва ҳунармандон озмунҳои «Парасту», «Андалеб», «Суруди сол». «Наврӯз», «Садои кӯҳистон», «Чакомаи гесӯ» ва ғайраҳо гузаронида мешаванд.

Муассисаҳои фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар зарфи 20 соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор комёбиҳои назаррас ноил гардиданд. Ҳоло дар вилоят 409 муассисаҳои фарҳанг ва ҳунар мавҷуданд, ки аз онҳо 192 китобхонаи оммавӣ, 188 муассисаи клубӣ, 5 хонаи фарҳанги шаҳрӣ, 7 хонаи фарҳанги ноҳиявӣ, 3 театри халқӣ, 1 театри вилоятӣ, 4 театри мардумӣ, 6 дастаи тарона ва рақс, 1 осорхонаи таърихӣ-кишваршиносӣ, 7 осорхонаи ноҳиявӣ, 4 мактаби бачагонаи санъат, 4 мактаби бачагонаи мусиқӣ, 1 мактаби бачагонаи



*Сардори раёсати Муҳиддини Шоимбод*

рассомӣ, 1 рӯзномаи вилоятӣ, 1 матбааи вилоятӣ 1 дастаи фолклорӣ-этнографии тарона ва рақси «Навои Бадахшон», Маркази эҷодиёти халқ, Хонаи методӣ оиди муассисаҳои таълимӣ фаъолият менамоянд. Онҳо зиёда аз 722 нафар кормандонро дар бар гирифтаанд.

Дар солҳои аввали истиқлолият 1992-1995 тамоми чорабиниҳои фарҳангию фарогатие, ки дар Ҷумҳурӣ бахшида ба ҷашнвораҳои таърихию сиёсӣ ва илмӣ-фарҳангӣ гузаронида мешуданд, дар ВМКБ низ таҷлил мегардиданд. Аз ҷумла, бахшида ба 1000-солагии «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ озмуни анъанавии сурудҳои тӯёна дар се давр гузаронида шуда, дар он гурӯҳҳои ҳунарии ноҳияи Роштқалъа, Шугнон ва шаҳри Хоруг сазовори се ҷои аввал гардиданд.



*Ҳунармандони ноҳияи Роштқалъа дар фестивали «Андалеб»*

Соли 1995 бахшида ба 70-солагии таъсисёбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 100-солагии ба Русия ҳамроҳшавии Помир, 680-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва дигар чорабиниҳо баргузор гардиданд.

Соли 1996 бахшида ба 5-умин солгарди истиқлолият, 675-солагии Хоҷа Камол озмуни коллективҳои драммавии рақсу суруд баргузор гардид. Дар озмуни ҷумҳуриявӣ маҳфили драммавии ноҳияи Ишкошим бо асари Ҳ. Ниёзӣ «Майсара» дар шаҳри Душанбе бомуваффақият баромад намуда, сазовори ҷои аввал гардид. Дастаи консертии «Мавҷҳои Шоҳдара» ҷои сеюмро соҳиб гардид. Ба ин муносибат 10 нафар кормандони муассисаҳои фарҳангии вилоят бо унвони «Аълочии фарҳанг» сазовор гардиданд.

31 декабри соли 1996 сокинони шаҳри Хоруг ва гирду атрофии он аввалин маротиба аз тамошои барномаи телевизиони Тоҷикистон бархурдор гардиданд. Акнун ба воситаи барномаҳои рангоранги оинаи нилгун сокинони вилоят аз ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми гӯшаю канори дунё бохабар мегардиданд. Бадахшоне, ки аз марказ фарсаххо дур асту ноҳияҳои он роҳи душворгузар доранд, барояшон барномаҳои радиову телевизион васоити беҳтарини ахборотӣ ҳисоб меёбанд.

Соли 1997 дар вилоят озмуни «Нур дар Бадахшон» баргузор гардид, ки дар он ҳунармандони шаҳри Хоруг ҷои аввал, Рӯшон –дуюм ва Ванҷ ҷои сеюмро ишгол намуданд. Дар озмуни умумиҷумҳуриявии «Парасту – 1997», ки дар шаҳри Душанбе гузаронда шуд, коллективи театри вилоятии ба номи М.Назарови ш. Хоруг намоишномаи В. Шекспир «Отелло»-ро дар таҳияи коргардон Б.Миралибеков намоиш дода, баҳои баланд гирифт.

Соли 1997 Даҳаи адабиёт ва санъати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Узбекистон баргузор шуд, ки дар он ҳунармандони театри ба номи М.Назарови шаҳри Хоруг бо сюитаи рақсии фолклории Бадахшон баромад намуда, сазовори баҳои баланди мутахассисон ва пазироии хуби тамошобинон гардиданд.

Солҳои 1998-1999 бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён ва 90-солагии академик Б.Ғафуров озмуни ҷумҳуриявии «Андалеб» гузаронида шуд. Дар он дастаҳои ҳунарии муштараки ноҳияи Роштқалъа ва шаҳри Хоруг бо барномаи консертӣ ва ҳаваскорони ноҳияи Ишкошим бо намоишномаи «Фоҷиаи инсон»-и А.Атобоев ҳунарнамоӣ карданд. Дар ҷашни 1100 Давлати Сомониён зиёда аз 60 нафар ҳунармандони вилоят ширкат варзиданд.

Соли 1999 театри мусиқии мазҳакавии ба номи М.Назарови шаҳри Хоруг дар «Парасту – 1999» бо намоишномаи С.Аюбӣ «Амир Исмоил» бомуваффақият баромад намуданд.

Соли 2001-2002 бахшида ба таҷлили 10-солагии истиқлолияти ва 10-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмунҳои гуногун, аз ҷумла, фестивал-озмуни «Андалеб-2001», озмуни ҷумҳуриявии «Парасту-2001» дар байни театрҳои касбӣ, озмунҳои «Гул кун ба бахти мо Ватан», «Даргоҳи ҳунар» ва «Китобхонаи беҳтарин» дар байни китобхонаҳои оммавӣ ва озмуни вилоятии эҷодиёти халқ «Садои Кӯҳистон» дар байни муассисаҳои клубӣ баргузор гардид. Дастаҳои ҳунарии Роштқалъа ва Шугнон дар озмуни «Андалеб-2001» дар шаҳри Душанбе бо муваффақият баромад карда, аз тарафи мутахасисони соҳа баҳои баланд гирифтанд.

Соли 2001 Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Бадахшон ташриф оварда, аз осорхонаи вилоятӣ дидан намуд ва барои таъмири осорхона аз фонди захиравии Президент 50 ҳазор сомонӣ ҷудо кард. Дар ин давра аввалин маротиба дар назди Театри вилоятии ба номи М.Назаров студияи театрӣ бо фарогирии 15 нафар донишҷӯ ба фаъолият огоз намуд, ки онҳо бомуваффақият студияро хатм намуданд. Театр дар «Парасту-2001» бо «Калила ва Димна»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар таҳияи Умед Хусравов баромад намуда, барои беҳтарин нақш аз тарафи ҳакамон ҳавасманд гардонда шуд.

Моҳи январи соли 2002 ансамбли «Навои Бадахшон» ба

фаъолият оғоз намуда, мувофиқи қарори ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанг ба маҳфили драммавии хонаи фарҳанги ноҳияи Ишкошим ба унвони «Театри халқӣ» соҳиб гардид.

Соли 2003 бахшида ба таҷлили ҷашни 1000-солагии Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ гурӯҳи эҷодии театри вилоятии ба номи М.Назаров намоишномаи Ҷумъа Қудус «Пир Шоҳ Носир»-ро дар таҳияи Ҳунарпешаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳодур Миралибеков дар озмуни анъанавии театрҳои касбии умумиҷумҳуриявии «Парасту 2003» дар шаҳри Душанбе пешкаши тамошобинон намуда, сазовори ҷойи якум гардид ва ба фестивали байналмилалии театрҳои Осиёи Марказӣ – «Наврӯз» роҳхат гирифт. Ба ин муносибат дар ҷамоати Поршневи ноҳияи Шуғнон осорхонаи Ҳаким Носири Хусрав кушода шуд. Бахшида ба 1000-солагии ин нобиғаи илму адаб озмуни «Оилаи солим» ва «Садои баҳор» баргузор гардиданд. Дар озмуни «Оилаи солим» ансамбли оилавии Назаршоевҳо аз ноҳияи Рӯшон ва Шакареновҳо аз шаҳри Хоруғ ғолиб дониста шуданд. Дар озмуни «Садои баҳор» гурӯҳи эстрадии ноҳияи Шуғнон ҷои аввал, Рӯшон ҷои дуюм ва Мурғоб ҷои сеюмро ишғол намуданд.

Дар ҷамоати Поршневи ноҳияи Шуғнон бо ташаббус ва кӯмаки молиявии раиси ВМКБ А. Ниёзмамадов аз ҳисоби муттамарказонии муассисаҳои клубӣ, маркази фарҳангӣ-фароғатӣ таъсис дода шуд.

Барои мустаҳкам намудани манбаи моддӣ-техникии ансамбли «Навои Бадахшон» раиси ВМКБ А.Ниёзмамадов 15 000 сомонӣ ҷудо намуд. Дар байни китобхонаҳои оммавии ВМКБ озмуни «Китобхонаи беҳтарин» доир гардид, ки дар натиҷаи китобхонаи деҳаи Риҷисти ноҳияи Рошткалъа ҷои аввал, китобхонаи Баррӯшони ноҳияи Рӯшон ҷои дуюм ва китобхонаи деҳаи Намадгути ноҳияи Ишкошим ҷои сеюмро ишғол намуданд.

Озмуни ҷумҳуриявии мактабҳои мусиқӣ ва санъат, таҳти унвони «Кишвари азизам Тоҷикистон» ва «Пианинонавозо-

ни наврас» аз вилоят 8 нафар талабагони мактабҳои санъати шаҳри Хоруғ, ноҳияи Шуғнон, мактабҳои ноҳияи Ишкошим ва Роштқалъа ширкат варзида, толибаи мактаби санъати шаҳри Хоруғ Гулчораи Гулбек сазовори «Шоҳҷоиза»-и ин озмун гардид.

Соли 2005 бахшида ба ҷашни 80-солагии таъсисёбии ВМКБ ва 60-солагии Ғалаба бар Германия фестивал-озмуни ҷумҳурияви ва вилоятии «Истеъдодҳои ҷавон» ва «Садои кӯҳистон» баргузор гардиданд. Осорхонаи вилоятӣ дар озмуни осорхонаҳо бахшида ба 14-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оинаи таърих» сазовори ҷойи сеюм гардид.

Театри вилоятии ба номи М. Назаров дар фестивал – озмуни анъанавии театрҳои касбӣ «Парасту – 2005» намоишномаи «Даври орифин»-ро дар таҳияи коргардон Умед Хисрав, ки дар асоси асарҳои Ҷалолиддини Румӣ офарида шуда



*Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзошоҳрух Асрорӣ.дар байни ҳунармандон*

буд, аз лиҳози ороиши мусиқӣ беҳтарин намоишнома дониста шуд. 80-солагии ВМКБ бо тайёрии ҷиддӣ таҷлил гардид. Ба ин муносибат намоишномаи «Дирӯз, имрӯз ва фардои Бадахшон», ки аз ҷониби ҳунарманди шиноҳтаи ҷумҳурӣ А.Раҳмонқулов мураттаб ва таҳия гардид, ҳеле ҷолиб буд.



10-11 октябри соли 2005 бо ташаббуси сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар ЮНЕСКО таҷлил гардид, ки онро Дабири кулли ЮНЕСКО Коичиро Матсуура бо сухани муқадимавӣ ифтитоҳ намуд. Президенти Фаронса Жак Ширак дар ин чорабинӣ ширкат варзида, 4 нафар ҳунарманди тоҷикро бо «Ордени санъат ва суханварии Фаронса» қадр намуд, ки ду нафари ин



*Ҳақназар Ҳаловатов*
*ва Ҷобиршои Хубоншо*

ҳунармандон – Сохиба Давлатшоева ва Ҳақназар Ҳаловатов зодагони Бадахшонанд.

Соли 2006 бахшида ба 15-солагии истиқлоият ва 2700-солагии Кӯлоб фестивали ҷумҳуриявии дастаҳои тарона ва рақс таҳти унвони «Гулу гулдастаҳои як чаманем» гузаронида шуд. Дар фестивали ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ дар шаҳри Кӯлоб дастаҳои тарона ва ракси ноҳияҳои Ишкошим ва Дарвоз ширкат дошта, бо муваффақият баромад намуданд. Дар он фестивал Театри касбии мусиқӣ – мазҳакавии ба номи М. Назаров бо спектакли бисёрпардагии С. Аюбӣ «Хатогии Афлотун» дар таҳияи коргардон Умед Хисрав сазовори ҷойи дуюм гардид.

Дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявии дастаҳои тарона ва рақс таҳти унвони «Бӯи ҷуи Мӯлиён ояд ҳаме» дастаи ноҳияи Ишкошим ва Рошткалъа баромад намуданд. Ду нафар ҳунармандони ноҳия бо унвони Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як нафар бо «Ифтихорнома»-и Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ қадр шуданд.

Соли 2007 бахшида ба 10-солагии Ваҳдати миллӣ, 1150-солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар ВМКБ як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ гузаронида шуданд. Ҳунармандони театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи М. Назаров дар Фестивали ҷумҳуриявии сароянддагони касбӣ, бахшида ба ҷашни 1150-солагии Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ дар шаҳри Душанбе соҳиби дипломи озмун гардиданд. Дар озмуни ҷумҳуриявии

«Родмардони Ватан» бошад, дастаи ҳаваскорони ноҳияи Ишкошим ба гирифтани Дипломи фестивал сазовор дониста шуданд.

Дар ҳама давру замон рушди фарҳанг ба маблаггузорӣ ва дастгирии роҳбарияти мамлакат ниёз дорад. Аз ин рӯ дар чорабиниҳои сатҳи давлатии ҷумҳурӣ ин соҳаи ниҳоят муҳими ҳаёти ҷомеа дар мадди назари роҳбарият, хосатан, Президенти мамлакат қарор гирифтаст. Маҳз бо туфайли ҳамин дастгирӣ соли 2007 пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ то андозае беҳбудӣ ёфт. Ба ин пеш аз ҳама аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раиси ВМКБ ҷудо гардидани беш аз 2 214 406 сомонӣ мусоидат намуд. Аз ин ҳисоб, ба фонди китобии китобхонаҳои вилоят 8902 нусха китоби нав ворид гардид.

Соли 2008 бо супориши Раиси ВМКБ Қодир Қосим бори нахуст дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруг ба номи Моёншо Назаршоев таҳти унвони «Лолаҳои санъат» озмуни фарҳангӣ баргузор гардид, ки ин барои пешрафти завқу маданияти фарҳангии ҷавонон, алалхусус, донишҷӯён бетаъсир буда наметавонист.

Соли 2008 барои таъмири хонаҳои фарҳанги ноҳияи Дарвоз аз фонди Президенти кишвар 125 ҳазор сомонӣ ва барои таъмири шуъбаи фарҳанги ноҳияи Роштқалъа аз Дастгоҳи Президенти 91 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд. Ҳамчунин аз Фонди Президенти кишвар солҳои 2009-2010 барои таъмири бинои театри вилоятӣ 2250 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Вазорати фарҳанг бо мақсади таъмири хонаҳои фарҳангӣ ба ҳар кадом ба маблаги 10 380 сомонӣ ҷудо намуд. Дар ин радиф мавриди ёдоварист, ки барои таъмири Китобхонаи вилоятӣ аз ҷумла (Китобхонаи бачагонаи вилоятӣ) аз тарафи раиси вилоят 55 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда, ба фонди он 1000 нусха китоб ройгон ворид гардидааст.

Соли 2009 таъмири Хонаи фарҳанги навоҳии Роштқалъа ва Ишкошим, китобхонаҳои навоҳии Мургоб, Дарвоз ва Ванҷ ба анҷом расонда шуд. Ҳамчунин бо кӯмаки мақомоти

маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят таъмири бинои кории Раёсати фарҳанг ва муассисаҳои тобеи он, шӯъбаи фарҳанги шаҳри Хоруг анҷом ёфт. Ба мактабҳои санъати навоҳии Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Шугнон ва хонаи кории методии назди Раёсати фарҳанг ба миқдори 13 адад компютер ва 7 принтер ворид гардид.



*Ҳофизи хушсалиқа Ислом Доштов бо мудири шуъбаи фарҳанги ноҳияи Ванҷ Сулаймон Бурҳонов*

Соли 2010 барои ҳаёти фарҳангии вилоят соли фаромӯшнашаванда буд. Аҳли фарҳанг ба ифтихори 13-умин солгарди Ваҳдати миллӣ барномаи театрикунонидашударо бо фарогирии 4000 нафар пешкаши тамошобинон гардонданд, ки шахсан аз тарафи Президенти кишвар, Эмомалӣ Раҳмон баҳои баланд гирифт.

Ба ифтихори 13-солагии Ваҳдати миллӣ бо ташаббуси Раиси ВМКБ Қодир Қосим як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ, аз қабили «Доирабазм», «Гулҳои худрӯй» ва «Чакомаи гесӯ» баргузор гардиданд. Фестивал-озмуни «Доирабазм»,

ки аввалин бор бо иқдоми раиси вилоят баргузор гардид, дар эҳёи намудани ин санъати аҷдодӣ нақши калон гузошт.

Ба хотири дарёфт намудани истеъдодҳои нав байни муассисаҳои вилоят фестивал-озмуни «Гулҳои худрӯй» гузаронида шуд. Дар натиҷа зиёда аз 35 нафар истеъдодҳои ҷавон ба майдони санъат омаданд. Дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявии «Чакомаи гесӯ» композитсияи мусиқӣ – бадеии пешкаши тамошобинон гардида, ба ҳамагон хеле писанд омад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини соҳаи фарҳанги вилоят ин дар сатҳи баланд ташкил намудани чорабиниҳои оммавӣ, озмунҳо ва таҷлили ҷашнҳои сиёсию таърихӣ мебошад. Бо ин мақсад раёсати фарҳанги вилоят нақшаҳои кории хешро мураттаб намуда, ба шӯъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои вилоят дастрас мегардонад.

9 июли соли 2011 дар Боги миллии «Ирам»-и ш.Душанбе Рӯзҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин тантана сокинони Бадахшон муҳимтарин дастовардҳои худро манзури меҳмонон ва сокинони пойтахт гардониданд. Дар огози кушодашвии Рӯзҳои Бадахшон дар шаҳри Душанбе Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов, Раиси ВМКБ Қодири Қосимов ва дигар аъзои Ҳукумат ба Боги миллии Ирам ташриф оварданд. Тавре ки муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси ВМКБ Қодири Қосим иброз дошт: «Нақши фарҳангу ҳунари дирӯзу имрӯзи минтақаҳои Тоҷикистон, ки ҷилваи ҳазорранг дорад, баёнгари мероси ганию бостонӣ ва ҳуввияту худшиносии мо ба ҳисоб меравад. Имрӯз мардуми Бадахшон ба шаҳри Душанбе дастовардҳои моддию маънавӣ, садоқату муҳаббати самимонаи худро чун армугон пешкаш намуданд». 10 июл дар Кохи Борбад консерти идонаи устодони санъати Бадахшон баргузор гардид, ки дар он Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев ширкат варзида, суханронӣ намуд.

Соли 2010 дар қаламрави вилоят 430 адад муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла, 185 муассисаҳои клубӣ, 191 китобхонаҳои оммавӣ, 4 мактаби бачагонаи мусиқӣ, 4 мактаби санъат, 1 мактаби рассомӣ, 4 театри халқӣ, 1 театри касбӣ, 1 ансамбли касбӣ, 6 ансамбли тарона ва рақси халқӣ, 1 осорхонаи таърихӣ – кишваркушоӣ ва 8 хона-осорхона фаъолият намуда, дар нигаҳдошту рушди анъанаҳои фарҳангии миллӣ хизматгузорӣ доранд.

Муассисаҳои фарҳангии вилоят дар ҷашну санаҳои ба мисли Соли нав, Рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи модарон, Иди Наврӯз, Рӯзи Ваҳдат, Рӯзи истиқлолият, Рӯзи Коститутсия ва ғайраҳо бо консерту намоишҳои гуногун мустақиман бароманд карда, табъи ҳамдиёронро болида нигоҳ медоранд.

Соли 2010 барои сохтмони иншоотҳои фарҳангӣ, қасри фарҳанги ноҳияи Дарвоз, азнавсозии театри ба номи М.Назарови шаҳри Хоруғ ва дигар нуқтаҳои ҷаъиятииию фарҳангӣ 2585 ҳазор сомонӣ маблағ масраф гардидааст.

Аз далелҳои дар боло ишорагашта, хулосае бармеояд, ки дар давраи истиқлолият муассисаҳои фарҳангии ВМКБ лаҳзае аз ҳаёти муқаррарии халқу кишвар ҷудо набуда, пайваста дар иҷрои нақшаҳои азими фаҳанги миллӣ саҳмгузор мебошанд.

Аз мустаҳкам будани пойгоҳи фарҳангии вилоят маълумоти дар ин ҷадвал овӯарда шаҳодат медиҳад.

| **Муассисаи фарҳангӣ** | **Теъдод** |
|---|---|
| Хонаи фарҳанги ноҳияҳо | 65 |
| Хонаи фарҳанги шаҳрӣ | 22 |
| Хонаи фарҳанги деҳотӣ | 98 |
| Клубҳои деҳот | 73 |
| Клубҳои сайёр | 30 |
| Театрҳои мардумӣ | 8 |
| Дастаҳои тарона ва рақс | 12 |

| | |
|---|---|
| Осорхона | 1 |
| Хона-осорхонаҳо | 7 |
| Мактабҳои санъат | 115 |
| – *Шумораи хонандагони мактаб* | 1519 |
| Китохонаҳои оммавӣ | 185 |
| – *Теъдоди кормандон* | 280 |
| *Муассисаҳои клубӣ* | 183 |
| – *Теъдоди кормандон* | 473 |

## ВАЗЪИ КИТОБУ КИТОБДОРӢ

Дарғириҳои сиёсии ибтидои солҳои 90-ум ва ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани Тоҷикистон барои фаъолияти китобхонаҳо бетаъсир намонданд. Дар чунин давраи мушкил 3 маи соли 1992 яке аз ноҳияҳои калонтарини ВМКБ Шуғнон ба ду ноҳия – Шуғнон ва Рошткалъа тақсим гардид.

Китобхонаи марказии ноҳияи Шуғнон, ки дар деҳаи Рошткалъа ҷойгир буд, 44 филиал дошта, 63 китобдор бо 275028 номгуй китобҳо ба 53832 хонанда хизмат мерасонданд. Соли 1992 Китобхонаи марказӣ ба ду китобхонаи мустақил, китобхонаи марказии ноҳияи Шуғнон ва Рошткалъа ҷудо гардид. Баъди ҷудошавӣ дар ноҳияи Рошткалъа 1 китобхонаи марказӣ, 2 китобхонаи бачағона ва 19 филиал бо теъдоди 125478 нусха китоб дар хизмати 1 877 хонанда буданд.

Баъди тақсимоти ноҳияи Шуғнон иморат ва тамоми таҷҳизоти китобхона дар ноҳияи Рошткалъа монда, китобхонаи марказии ноҳияи Шуғнон дар як ҷои холӣ ба вуҷуд омад. Дар ташкил намудани Китобхонаи марказии ноҳияи Шуғнон нақши китобори соҳибтаҷриба Ситора Султонмамадова хеле калон буд.

Дар ноҳияи Шуғнон теъдоди китобхонаҳо ба 31-то мерасад, (аз ҷумла, 1 китобхонаи марказӣ, 1 китобхонаи бачағона ва 29 филиал). Захираи умумии китобхонаҳо 162503 нус-

ха китобро ташкил дода, 44 китобдор ба 17827 хонанда хизмат мерасонанд[1].

Солҳои 1993-1996 ВМКБ дар муҳосираи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ қарор дошт, ки ин вазъият ба фаъолияти китобхонаҳо бе таъсир буда наметавонист. Кормандони баландихтисос аз сабаби паст будани маош ҷои корро тарк мекарданд. Мутахасисони ҷавон акнун дигар бо роҳхат ба кор намеомаданд. Таҷҳизоти китобхонаҳо фарсуда гардида, таъмирталаб мешуданд. Китобдорон аз нарасидани барқ, сӯзишворӣ, маводҳои гизоӣ, китобу рӯзномаҳои нав ва техникаи китобхонавӣ мушкилӣ мекашиданд. Вале дар чунин лаҳзаҳои мушкил, кормандони фарҳанг ва китобдорон ягон соат аз фаъолият бознаистоданд. Бо гузаронидани маҳфилу чорабиниҳо аз қабили «50-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «70-солагии ташкилёбии ВМКБ» ва гайра сатҳи сатҳи маълумоти таърихии мардумро боло мебардоштанд.

Дар арафаи иди Наврӯз бо ба кор даромадани НБО «Помир-1» (21.03.1994), пахш гардидани барномаҳои телевизони тоҷик (31.12.1996) ва кушодашавии роҳи Кӯлоб– Қалъаихумб – Хоруг (30.01.1999) бадахшониён аз бумбасти коммуникатсионӣ озод гардида, ба зиндагии оромона огоз намуданд, ки ин барои фаъолияти оянлаи китобхонаҳо бетаъсир монда наметавонист.

Соли 2001 дар Бадахшон аз 722 муассисаи маданиравшанамоӣ ба мардум хизмат расонанда, 192-тоашро китобхонаҳо ташкил мекарданд. Соли 2001 дар ВМКБ 192 китобхонаи оммавӣ бо 286 китобдор фаъолият доштанд, ки ба онҳо 8 китобхонаи марказии шарҳу ноҳияҳо, 9 китобхонаи бачагона, 3 китобхонаи бачагонаи деҳот ва 1 китобхонаи вилоятӣ дохил мешуданд.

Китобхонаи вилоятӣ дар иморати собиқ меҳмонхона ҷой дода шуда, чун марказӣ методӣ ба тамоми китобхонаҳои вилоят ёрии методӣ ва амалӣ мерасонад. Дар он 19 нафар

[1] Гуломшоев С. История библиотечного дела на Памире. – Душанбе, 2009. – 216с.

китобдор бо 183863 номгӯй китоб (148335 нусха бо забони русӣ ва 35220 бо забони тоҷикӣ) дар хизмати 2 480 хонанда қарор доштанд.

Соли 2005 дар 185 китобхонаи вилоят 280 нафар китобдор бо теъдоди 1 223 602 нусха китоб ба 93 190 хонанда хизмат мерасонданд. Ин шумора, 7 китобхонаи марказии ноҳиявӣ, 161 китобхонаи деҳот, 10 китобхонаи бачагона, 1 китобхонаи марказии шаҳрӣ, 2 филиали шаҳрӣ, 2 китобхонаи бачагонаи шаҳрӣ, 1 китобхонаи бачагонаи вилоятӣ ва 1 китобхонаи вилоятиро дар бар мегирифт[1].

Дар шаҳри Хоруғ 7 китобхона фаъолият доранд, ки ба онҳо 1 китобхонаи марказии шаҳрӣ, 2 филиали китобхонаи шаҳрӣ, 2 китобхонаи бачагонаи шаҳрӣ, 1 китобхонаи бачагонаи вилоятӣ ва 1 китобхонаи вилоятӣ дохил мешаванд.

Китобхонаҳо дар ҳамаи чорабиниҳои фарҳангӣ фаъолона иштирок менамоянд.Соли 2007 ба ифтихори 1150 солагии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ собиқ Китобхонаи вилоятии ба номи В.И.Ленин ба номи А.Рӯдакӣ гузошта шуд.

Дар Китобхонаи вилоятӣ бахшида ба 17-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати миллӣ, 1150-солагии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Паёмҳои Президенти мамлакат, аз ҷумла, оиди ба танзим даровардани расму оинҳо ва маросимҳои мардумӣ, қарорҳои раиси вилоят нақшаҳои мувофиқ тартиб дода, чорабиниҳо гузаронида шуданд.

Чунин чорабинии фарҳангӣ бахшида ба 1005-солагии Носири Хусрав, 1420-солагии Борбади Марвазӣ, 470-солагии Абдураҳмон Мушфиқӣ, 130-солагии Садриддин Айнӣ, 100-солагии Бобоҷон Ғафуров, Абдуғанӣ Мирзоев, Нодир Шанбезода, Раҳим Ҳошим, 80-солагии Гулчеҳра Сулаймонӣ, Расул Ҳодизода, Камол Айнӣ, Маҳмадалишоҳ Ҳайдаршоҳ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Худоёр Юсуфбеков, 70-солагии Бозор Собир, Раҳим Мусулмонқулов, Бурҳон Ғанӣ, Бобо

[1] Гуломшоев С. История библиотечного дела на Памире. – Душанбе, 2009. – 216с.

Ҳоҷӣ, Озод Аминзода, Юсуф Акобиров, 60-солагии Ато Ҳамдам, Зебо Аминзода, Муборакшоҳ Ҷумъаев, Файзалӣ Ҳасанов, Фаррух Қосимов гузаронида шудаанд.

Аз рӯи маълумоти расмӣ дар китобхона дар асоси нақшаи солона 110 чорабинӣ гузаронида шудаанд, ки дар онҳо зиёда аз 2500 нафар иштирок доштаанд. Аз ҷумла, дар китобхона 25 чорабинии калонҳаҷми комплексӣ, 4 конференсияи хонандагон, 7 шаби мавзӯӣ, 3 вохӯрӣ, 3 шаби адабӣ, 1 мубоҳиса ва 12 мизи мудаввар гузаронида шудааст.

Ҳамкории китобхонаи вилоятӣ бо мақомотҳои маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояту шаҳр ривоҷ ёфта, ҳангоми ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ, аз ҷониби китобхона намоиши адабиёт гузаронида мешавад. Ин гуна намоишҳо дар рӯзҳои Ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1150-солагии зодрӯзи Абуабдуллоҳ Рудакӣ ва дигар санаҳои муҳимми таърихию фарҳангӣ доир гаштанд.

Соли 2008 бахшида ба соли бузургдошти забони тоҷикӣ корҳои зиёд анҷом дода шуданд. Саҳмгузорӣ дар татбиқи амалии Қонуни забон барои ҳар як муассисаю ташкилот фарз буда, ин нишонаи эҳтиром ба забони миллӣ аст.

Дар китобхонаҳои вилоят бо мақсади амалӣ намудани «Қонуни забони тоҷикӣ» кӯшиши зиёде ба харҷ дода, ҳуҷҷатгузорӣ ва ороиши аёнӣ бо забони адабии тоҷикӣ ба роҳ монда шуд. Тамоми чорабиниҳо бо забони тоҷикӣ гузаронида мешаванд. Дар китобхонаҳо бахшида ба густаришу омӯзиши забони адабии тоҷикӣ чорабиниҳои оммавӣ – фарҳангӣ таҳти унвони «Забон – пояи миллат», «Забони Рӯдакиро пос дорем», «Форсӣ гӯи дарӣ гӯи варо…», « Забони модар чун модар азиз аст», «Забон донӣ – ҷаҳон донӣ», «Забони илму фарҳанги ҷаҳонӣ», «Забони модариро омӯзем!» (рӯихати тавсиявии адабиёт) ва ғайраҳо ташкилу гузаронида шудаанд, ки ба тарғибу бузургдошти забони адабии тоҷик бахшида шудаанд.

Китобхонаи вилоятӣ бахшида ба 1150 солагии

Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ва 17-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилоят намоиши китобии сайёр бо унвони «Забон – пояи миллат», «Султони шоирони Аҷам», «Истиқлолият ганҷи бебаҳост» ташкил намуд.

Ҳамчунин бахшида ба ин санаи бузурги фарҳангӣ дар китобхонаи вилоятӣ руйхати тавсиявии адабиёт «Дар бораи Рӯдакӣ ва осори ӯ хонед!», конференсияи хонандагон дар мавзӯи «Рӯдакӣ ва назми баландпоя», шаби адабӣ «Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме...» гузаронида шудаанд. Бо иштироки Бахши бадахшонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруг базми шеъру суруд таҳти унвони «Мо ворисони Рӯдакӣ» баргузор гардид. Дар баробари шаби адабӣ намоиши китобӣ ва картотекаи тавсиявӣ мураттаб шуданд.

Дар китобхонаи вилоятӣ ба ифтихори 17-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваҳдати миллӣ намоиши китобӣ, мизи мудаввар, руйхати тавсиявӣ, картотекаи мавзӯӣ ва вохӯриҳо таҳти унвони «Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо», «Ваҳдат – иқболу саодат», «Тоҷикистон ватанам», «Асри XXI асри Бадахшон», «Зинда бош Тоҷикистони азиз» гузаронида шуданд.

Бахшида ба Пайёми Сарвари мамлакат Дар мавзӯи «Расму оин ва маросим сарватҳои пурарзиши миллатанд», «Расму оин ва маросимҳоро танзими нав мебояд», «Маросимҳои камхарҷ тақозои замонанд», «Пайёми муфид» мизи мудаввар, конференсияи хонандагон, намоиши китобӣ ва картотекаи мавзӯӣ мураттаб гардонида шудаанд.

Чунин чорабиниҳо бахшида ба Соли Нав, Рӯзи Артиши миллӣ, Иди бонувон, Иди Навруз, Рузи байналмилалии меҳнаткашон, Рӯзи Ғалаба, Рӯзи матбуот, Рӯзи байналмилалии муҳофизати кӯдакон ва ғайра баргузор гардидаанд. Аз ҷумла, ба ифтихори Рӯзи бонувон бо собиқ директори Китобхонаи вилоятӣ, Корманди Шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Лола Шерова ва дигар шоиру нависандагон вохӯрӣ гузаронида шуд.

Соли 2009 дар китобхонаҳои вилоят бахшида ба 18-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бузургдошти Имоми Аъзам, 110-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Ширишшоҳ Шоҳтемур, Паёми Пезиденти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон чорабиниҳои зиёд баргузор гардиданд, ки бо онҳо намоишҳои китобии доимоамалкунандаи «Расму оинҳои миллӣ», «Файзи истиқлол», «Тоҷикистони соҳибистиқлол», «Забони мо – давлати мост», «Вахдат, сулҳ ва созандагӣ», «Нашъа – марази ҷомеа» ва ғайраҳо дохил мешаванд. Хулоса, теъдоди чунин чорабиниҳо хеле зиёд буда, ягон санаи таърихию фарҳангӣ ва илмӣ аз мадди назари роҳбарияти китобхонаҳо, алалхусус китобхонаҳои вилоятӣ ва шаҳри Хоруг берун буда наметавонад. Дар ин вохӯрию суҳбатҳо, чорабиниҳои ҷашнӣ ҳамеша ходимони намоёниилмию фарҳангӣ иштирок дошта, ба онҳо таровати тоза мебахшанд. Масалан, дар китобхонаи вилоятӣ имсол бахшида ба «Наврӯзи оламафрӯз» бо иштироки Шоири Халқии Тоҷикистон – устод Ширин Бунёд ва шогирдонаш Лаълҷубаи Мирзоҳасан, Лутфишоҳи Додо, Алишоҳи Мазабшоҳ, Ҷонибеки Қозибек, Муҳиддини Шоҳинбод, Хушомади Алидод, Анвари Андаробӣ, Ҳумоюни Самимӣ, Рудобаи Мукаррам, Довуди Сулаймон, Гулнисои Ризвоншоҳ, Гулнисои Атоӣ, Алидоди Чарогабдол ва донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруг вохӯрӣ гузаронида шуд. Дар ин радиф бояд аз чорабиниҳои бахшида ба 110-солагии Пайрав Сулаймонӣ, 70-солагии Амирҳайдари Давлат ёдовар шуд.

Аз ҷониби шуъбаи методии Китобхонаи вилоятӣ мактубҳои тавсиявӣ – методӣ бо унвони «Зан агар оташ намешуд», «Наврӯзи Аҷам», «Ҳам зулфи парешон, ҳам оташи сӯзон» (бахшида ба 55 солагии шоираи тоҷик Зулфия Атоӣ), «Устоди насри баландпоя» (бахшида ба 100 солагии Раҳим Ҷалил), «Имоми Аъзам – чароғи уммат» мураттаб гардонида, ба тамоми китобхонаҳои вилоят ирсол гардиданд.

Соли 2010 барои мардуми тоҷик, хусусан, барои бадах-

шониён соли хотирмон ва бобарор буд. Чунки ҷашни умумиҷумҳуриявии 13-солагии Ваҳдати миллӣ дар Бадахшон таҷлил гардид ва Сарвари давлат, Эмомалӣ Раҳмон таи як ҳафта аз Бадахшон дидан намуда, бо зисту зиндагӣ ва кору фаъолияти мардум аз наздик шинос гардид.

Кормандони китобхонаҳои ВМКБ ҷашну санаҳои таърихӣ ба монанди: 19-солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16-солагии Коститутсия, 65-солагии Ғалаба, «Соли 2010-соли маориф ва фарҳанги техникӣ», Рӯзи Рӯдакӣ, Рӯзи парчам, Рӯзи милисаи тоҷик, Рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи ҷавонон, Рӯзи дониш, Рӯзи омӯзгорон, «Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасон» ва гайраҳоро таҷлил намуданд.

Инчунин дар китобхонаҳои ВМКБ бахшида ба 110-солагии Суҳайли Ҷавҳарзода, Ҳасан Ирфон, Сайндалӣ Вализода, 100-солагии Боқӣ Раҳимзода, 70-солагии Сорбон, Ғоиб Сафарзода, Ҳадиса Қурбонова, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҷумъа Одина, Меҳмон Бахтӣ, 60-солагии Нуқраи Суннатниё, Хосият Вализода, Камол Насрулло ва дигарон конфронси хонандагон, вохӯрӣ, мизи мудаввар, намоиши китобӣ, картатекаи мавзӯӣ ва хулосаи библиографӣ баргузор гардид.



*Сарвари китобхонаи вилоятӣ бо ҳамкорон*

Соли 2010 дар китобхонаҳои вилоятии ба номи А.Рудакӣ намоишҳои адабиёт, журналҳои даҳонӣ, лавҳаҳо, картатекаҳои мавзуӣ, руйхати ахборотӣ ва тавсиявии адабиёт, суҳбатҳои фардӣ ва гирди мизи мудаввар, шабҳои саволу ҷавоб, конференсияҳои хонандагон, вохӯриҳо ва дигар чорабиниҳои оммавро баргузор намуданд, ки намунае аз онҳо: «Ваҳдат бақои миллат», «Ваҳдат саодати зиндагӣ» (ба ифтихори 13-солагии Рӯзи Ваҳдат), «Дируз, имруз ва фардои Тоҷикистон», «Тоҷикистон ватанам», «Сулҳ офтоби бахти инсон», «Бадахшон дарвозаи тиллоии Тоҷикистон» ва ғайраҳо мебошанд.

Дар китобхонаҳои ноҳиявии вилоят суҳбату шабнишиниҳо таҳти унвони «Соли 2010 – Соли маориф ва фарҳанги техникӣ», «Хизмат ба Ватан қарзи фарзандист», «Ваҳдат асоси пояи давлат» ва «Сарқонун раҳнамои мо», «Хизмат ба Ватан қарзи фарзандист», «Сарқонун раҳнамои мо», «Файзи истиқлол», «Танзим баракати зиндагӣ», «Сулҳ шиори тоҷикон» баргузор гардиданд.

Ҳамин саҳми фарҳангии китобхонаҳоро ба назар гирифта роҳбарияти Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ, ҳукумати вилоят барои пешрафти фаъолияти онҳо, мукаммал намудани пойгоҳи техникӣ тамоми воситаҳоро истифода мебаранд. Соли 2010 барои таъмири Китобхонаи вилоятӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 ҳазор сомонӣ ва аз тарафи Ҳукумати ВМКБ 10 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, ба ифтихори иди Ваҳдати миллӣ як қисми китобхона таъмир карда шуд. Инчунин барои таъмири китобхонаи бачагонаи маркази ноҳияи Рушон 7 ҳазор сомонӣ ҷудо карда шуд.

Ба ин нигоҳ накарда, таҳкурсии техникии китобхонаҳои вилоят хеле заиф ба назар мерасад. Аз 185 китобхона танҳо китобхонаи вилоятӣ, китобхонаи бачагонаи вилоятӣ, китобхонаи марказии шаҳри Хоруг ва китобхонаҳои ноҳияи Рӯшон яктои компютер доранду халос. Қисми зиёди китобхонаҳо дар хонаҳои шахсӣ, синфхонаҳои мактаб,

бунгоҳи тиббӣ ҷойгир буда, як қисми дигар ба таъмири капиталӣ ниёз доранд.

**Шумораи китобхонаҳои ВМКБ (соли 2011)**

| Ноҳияҳо | Ҳамагӣ | Китоб-хонаи марказӣ | Китоб-хонаи деҳот | Китоб-хонаи бачагона |
|---|---|---|---|---|
| Дарвоз | 24 | 1 | 22 | 1 |
| Ванҷ | 25 | 1 | 23 | 1 |
| Рӯшон | 37 | 1 | 33 | 3 |
| Шугнон | 32 | 1 | 29 | 1 |
| Рошткалъа | 21 | 1 | 18[1] | 2 |
| Ишкошим | 27 | 1 | 25 | 1 |
| Мургоб | 13 | 1 | 11 | 1 |
| ш.Хоруг | 7 | 3 | 1 вилоятӣ | 3 |
| Ҳамагӣ | 186 | 10 | 162 | 13 |

Ба ҳолати 1 январи соли 2011 дар 191 китобхонаи системаи муассисаҳои вилоят 1 334 510 нусха китоб мавҷуд аст. Соли 2010 аз захираи китобхонаҳо ба 774 332 нусха китоб расид, ки аз он ҷо 92 594 хонанда баҳравар гардиданд. Аз шумораи умумии ин китобхонаҳо 185 –то дар системаи Вазорати фарҳанг мебошанд. Ба гайр аз онҳо дар вилоят боз 6 адад китобхонаи муасисаҳои дигар фаъолият менамоянд.

Хулоса, китобхонаҳои ВМКБ дар ин ду даҳсолаи замони истиқлолият аз иҷрои вазифаи хеш баромада тавонистанд. Китобдорон новобаста аз тамоми мушкилоти рӯзгор рисолати касбии худро ба ҷо оварда тавонистанд.

---

[1] Филиали рақами 12 қишлоқи Дашт бо 3829 нусха китоб 6 августи соли 2002 зери сел монд ва китобдор Мирзошоева Сакина ҳамроҳи дигар хешовандонаш ба ноҳияи Бишкенти вилояти Хатлон кӯчид

# МУАССИСАҲОИ ТИББИИ ВМКБ

Дар муддати ду даҳсолаи сипаришуда, барои нигоҳ доштан ва мӯътадил намудани фаъолияти ҳамаи муассисаҳои табобатию профилактикӣ дар вилоят корҳои зиёде анҷом ёфтаанд.

Миқдори бунгоҳҳои тиббӣ аз 149 ба 162, беморхонаҳои минтақавӣ аз 10 то 18 ва амбулаторияҳои тиббии деҳот аз 24 то 34 расонда шуданд.

Соли 1998 дар шаҳри Хоруг Маркази муолиҷавии наркологӣ дорои беморхонаи бо 30 кат огози фаъолият намуда, дар самти мубориза ба муқобили нашъамандӣ мақоми хоса пайдо намудааст. Маркази санитарӣ-эпидемиологии шаҳри Хоруг аз нав барқарор гардид. Дармонгоҳи шаҳри Хоруг ва шубаи стоматологӣ аз беморхонаи вилоятӣ ҷудо гардида, ҳоло мустақилона фаъолият мекунанд.

Дар назди Раёсати тандурустии вилоят барои амалӣ намудани Барномаи ислоҳоти тандурустии вилоят Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ дар давраи то соли 2010, Консепсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҷдиди сохтори беморхонаҳо барои солҳои 2006-2010 марказҳои зарурӣ кушода шуданд.

Марказҳои солимии репродуктивии дар марказ ва ноҳияҳо амалкунанда дар муддати кӯтоҳ бисёр корҳоро анҷом додаанд. Натиҷаи фаълияти онҳо дар таваллуди солим ва кам шудани фавти кӯдакон нисбати солҳои пеш равшан ба назар мерасад. Аз руи маълумоти мавҷуда, соли 1992 – 5700 нафар кӯдак, соли 2009 – 3910 кӯдак ва 10 моҳи со-



*С. Давлатбеков – сардори раёсати муассисаҳои тиббӣ*



*Сардухтури беморхонаи вилоятӣ Гулаёзов Шодӣ*

ли 2010-3025 кӯдак ба дунё омадааст, ки аз афзоиши муттасили тавлиди кӯдакон дарак медиҳад.

Фавти кӯдакон низ мутаносибан хеле кам шудааст. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рушди саломатии кӯдакон ва наврасон барои то давраи соли 2015 ва «Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба таъмини ҳифзи саломатии модарон дар давраи то соли 2014» давра ба давра аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Вазорати тандурустӣ дастгирӣ ёфта, амалӣ мегардад.

Дар назди Раёсати тандурустӣ Маркази омории тиббӣ ва иттилоотӣ кушода шуда, он бо маводи техникии замонавӣ (компютерҳо, ксерокопия, факс ва алоқаи интернетӣ) таҷҳизонида шудааст. Марказ бо утоқҳои омори тиббии беморхонаҳои вилояту ноҳияҳо равобити зич дорад ва онҳоро низ бо компютерҳою дастгоҳҳои нусхабардорӣ (ксерокопия) таъмин гардидаанд.

Дар раванди амалӣ гардидани Консепсияти ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, маркази тиббӣ оилавии вилоят ташкил карда шуд. Ин муассиса аз соли 2008 барои вусъат бахшидан ба ҷараёни тайёр намудани духтурони тиббӣ оилавӣ ба Маркази таълимии клиникии тиббӣ оилавии ВМКБ табдил дода шуд. Маркази навтаъсис дар бинои Маркази саломатии шаҳри Хоруғ ҷой гирифтааст. Барои таъмири утоқҳои махсусгардонидаи он бо дастгирии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, Вазорати тандурустӣ ва Хазинаи Огохон дар ҳаҷми 25 ҳазор доллари ИМА маблағ сарф шуда, дар баробари ин аз тарафи Бонки Рушди Осиё ва

Маркази ислоҳоти Вазорати тандурустӣ ба маблағи 17 ҳазор доллари ИМА бо таҷҳизоти тиббию хоҷагӣ таъмин гардид. Дар давраи фаъолияти худ марказ аллакай 20 духтури тиббии оилавӣ тайёр намудааст.

Маркази вилояти мубориза ба муқобили вируси норасоии масунияти одам (ВИЧ-СПИД) дар шаҳри Хоруғ ва дигар ноҳияҳои вилоят низ кушода шуда, фаъолият доранд.

Ҳамаи марказҳо бо таҷҳизоти ҳозиразамони ташхиси тиббӣ таъмин гардида, кормандонашон аз курсҳои такмили ихтисосу бозомӯзӣ гузаштаанд.

Ташхиси лабораторӣи баъзе гурӯҳҳои беморон, аз он ҷумла, нашъамандон ва дигар шахсон гузаронида шуда, дар байни онҳо шахсони сироятшудаи вируси норасоии масунияти одам муайян карда шуданд.

Соли 2003 Маркази вилоятии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Хоруғ ва сипас чунин марказҳо дар тамоми ноҳияҳои вилоят кушода шудаанд. Тавассути шабакаҳои радио ва телевизиони вилоят дар байни аҳолӣ мунтазам корҳои тарғиботӣ бурда мешавад. Ҳамин сол дар шаҳри Хоруғ ва тамоми ноҳияҳои вилоят марказҳои доругузаронӣ (эмкунӣ) кушода шуда, имрӯз фаъолият доранд.

Дар рафти амалӣ гардидани барномаи ислоҳоти тандурустии вилоят дар ноҳияи Дарвоз 4 бунгоҳи тиббӣ аз нав сохта шуда, беморхонаи минтақавии Сағирдашт ва маркази саломатии деҳоти Қалъаи Ҳусайн аз таъмири асосӣ бароварда шуданд. Дар ноҳияи Ванҷ 12 бунгоҳи саломатӣ, маркази саломатии ноҳия, беморхонаи минатқавии Язгулом аз нав сохта ба истифода дода шуданд. Дар ноҳияи Рӯшон зиёда аз 20 бунгоҳи саломатӣ, маркази саломатии деҳоти БаРӯшон ва Рошорв аз нав сохта шуда, беморхонаи марказии ноҳия ва дармонгоҳи беморхонаи рақамии деҳоти Поршинев аз таъмири асосӣ бароварда шудаанд. Барои беморхонаи ноҳияи Шуғнон госпитали сайёр бо таҷҳизоти ҳозиразамони ҷарроҳӣ таъмин гардид. Инчунин барои беморхонаи номбурда таҷҳизоти тиббӣ, аз ҷумла, дастгоҳҳои УЗИ бо доплер, гастроэндоскоп, мизи ҷарроҳӣ дефиблиря-

тор, дастгоҳи ҷарроҳии калон, дастгоҳи ИВЛ, отсоси ҷарроҳӣ, ингалятор, электрокардиограф, аппарти УВЧ, электрокоогулятор, стабилизатор ва инчунин катҳои ҷарроҳӣ дар ҳаҷми 387 992 сомонӣ бо кӯмаки Сафоратхонаи Ҷопон ҷудо карда шуд.

Дар ноҳияи Ишкошим бошад, 3 бунгоҳи саломатӣ ва марказҳои саломатии деҳоти Андароб ва Яхшвол аз нав сохта шуда, беморхонаи марказии ноҳия аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Соли 2010 дар ин ноҳия бинои бунгоҳи саломатии деҳаи Зугванд сохта, ба истифода дода шуд, инчунин таъмири асосии бинои маркази саломатии деҳоти Зонг анҷом ёфт.

Дар Мургоб 5 бунгоҳи саломатӣ ва беморхонаи минатқавии деҳоти Рангткӯл аз нав сохта шуда, беморхонаи марказии ноҳия ва беморхонаи минтақавии Аличур аз таъмири асосӣ бароварда шудаанд.

Дар ноҳияи Рошткалъа аз соли 2006-2009 Барномаи ислоҳоти соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тариқи Бонки Рушди Осиё амалӣ гардида, 4,5 млн сомонӣ маблаггузорӣ шуд. Дар натиҷа Марказҳои саломатии Рошткалъа, деҳаи Тавдем, 4 бунгоҳи саломатӣ аз нав сохта шуда, шуъбаи ҷарроҳии беморхона ва шуъбаи таваллуд аз таъмири асосӣ гузаштанд. Дар баробари ин беморхонаи марказии ноҳия бо як автомашинаи ёрии таъҷилии тамгаи УАЗ-452, Маркази саломатии ноҳия бо автомашинаи тамгаи «Нива» ва дигар муассисаҳои табобатӣ бо асбобу анҷоми тиббӣ ва хоҷагӣ пурра таъмин шуданд.

Хадамоти тандурустии Хазинаи Огохон барои ҳамаи ноҳияҳои вилоят автомашинаҳои ёрии таъҷилӣ ҷудо намуд.

Соли 2004 барои хар як бунгоҳи саломатии вилоят як миз ва 4 курсӣ ва барои ҳар як маркази саломатии деҳот 2 миз ва 5 курсӣ, барои сари вақт расонидани ёрии тиббӣ ва гузаронидани эмкунии кӯдакон ба муқобили бемориҳои гузаранда ба коркунони бунгоҳҳои саломатии дурдаст 137 дучарха (велосипед) тақсим карда шуд.

Соли 2006 сохтмони бинои беморхонаи касалиҳои дил дар ш. Хоруғ ба охир расида, ба истифода дода шуд ва бо таҷҳизоти ҳозиразамони тиббию хоҷағӣ пурра таъмин гардид.

Танҳо солҳои 2008-2009 барои таъмиру азнавсозӣ бо таҷҳизотҳои зарурии тиббӣ ва корӣ таъмин намудани муассисаҳои тандурустии вилоят, бозомӯзии кадрҳо ба ғайр аз буҷети соҳа зиёда аз 10118069 сомонӣ ҷудо гардидааст. Аз ҳисоби маҷблағҳои Дирексияи сохтмони иншоотҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон –3 600 0000 сомонӣ, аз он ҷумла барои таъмириасосии шӯъбаи ҷарроҳии Беморхонаи вилоятӣ 1 млн. 500 ҳазор сомонӣ, Беморхонаи маркази ноҳияи Ванҷ 300 ҳазор сомонӣ, беморхонаи маркази ноҳияи Рӯшон – 400 ҳазор, беморхонаи маркази ноҳияи Ишкошим 300 ҳазор сомонӣ, Мурғоб –200 ҳазор, Роштқалъа –200 ҳазор, Шуғнон – 300 ҳазор, азнавсозии Маркази саломатии ноҳияи Дарвоз – 300 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ анҷом дода шудаанд. Аз ҳисоби маблағҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят бошад, 891 ҳазор сомонӣ барои азнавсозӣ ва таъмири асосии муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят истифода карда шуданд. Аз ҳисоби маблағҳои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 715 ҳазор сомонӣ барои азнавсозии марказҳои саломатии деҳаҳои Техарви ноҳияи Ванҷ, Андроби ноҳияи Ишкошим, Хосаи ноҳияи Шуғнон ва бо таҷҳизотҳои зарурӣ таъмин намудани шӯъбаи ҷарроҳии беморхонаи маркази ноҳияи Роштқалъа сарф карда шудаанд.

Аз рушду нумӯи соҳаи тандурустии вилоят нишондиҳанодаҳои зерин шаҳодат медиҳанд: соли 1991 дар вилоят ҳамагӣ 240 муассисаҳои тандурустӣ фаъолият доштанд. Моҳи ноябри соли 2010 миқдори онҳо ба 315 расид. Дар ин муассисаҳо 442 духтури дорои маълумоти олӣ ва зиёда аз 1735 нафар коркунони маълумоти миёнаи тиббӣ дар хизмати сокинони маҳаллӣ мебошанд. Таъминоти

аҳолии вилоят бо духтурони маълумоти олидор ба ҳар даҳ ҳазор аҳолӣ, 22.4 ва коркунони миёнаи тиббӣ ба 86. 6 нафар рост меояд.

Дар 20 соли охир зиёда аз 95 нафар духтурони маълумоти олидор дар Донишкадаҳои такмили ихтисоси шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Бишкек ва Душанбе аз курсҳои бозомӯзӣ гузаштаанд. Дар шаҳри Хоруғ бошад, ҳар сол курсҳои сайёри якмоҳа аз рӯи тахассусҳои гуногун аз тарафи Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулият мегузаронанд.

Дар назди беморхонаҳои вилоятии шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб, Рӯшон, Ванҷ ва Дарвоз марказҳои омӯзиши забони англисӣ ва курсҳои омӯзиши компютер кушода шуда, зиёда аз 400 кормандони соҳаи тандурустӣ аз ин курсҳо баҳравар гаштаанд. Ба замми ин бо иқдоми мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, Вазорати тандурустӣ ва Хадамоти тандурустии Хазинаи Оғохон дар шаҳри Хоруғ таи якчанд сол таҷрибаивазкунии духтурони мамлакатҳои Амрико, Канада ва Англия идома ёфта, барои ғанӣ гардондани таҷрибаи духтурони вилоят кӯмаки калон расониданд.

Дар шаҳри Хоруғ аз тарафи Вазорати тандурустӣ аттестатсияи духтурон гузаронида шуда, қариб ҳамаи духтурони вилоят соҳиби дараҷаи аввал ва олӣ гардиданд. Раёсати тандурустии вилоят низ, дар навбати худ, боздиди (аттестатсия) кормандони миёнаи тиббиро мунтазам ба роҳ мондааст.

Соли 2009 аз ҳисоби хатмкунандагони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибн Сино ба ВМКБ 22 нафар табибон аз рӯи ихтисосҳои талабшуда ба кор фиристонида шуданд. Аз ин миқдор ба шаҳри Хоруғ 5 нафар, ноҳияи Мурғоб – 3, Шуғнон –5, Ишкошим – 2, Рошткалъа – 3, Дарвоз –1 ва Рӯшон 3 нафар ба кор таъмин карда шуданд.

Соли 2010 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва

ташкилотҳои байналмилалӣ ба муассисаҳои табобатию пешгирии ВМКБ доруворӣ ва таҷҳизоту маводҳои тиббӣ ҳамчун кӯмаки башардӯстона дастрас гардид. Аз ҷониби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Раёсати тандурустии ВМКБ зиёда аз 184 номгӯи доруворӣ ва молҳои тиббӣ ба миқдори 333 кг., бо маблағи умумии 21336.69 сомонӣ ҷудо карда шуд. Ҳамчунин Вазорати тандурустии ҷумҳурӣ ба вилоят 4 адад дастгоҳи сабти барқии дил, 4 адад дастгоҳи дефибриллятор ва 2 номгӯи молҳои тиббӣ ба маблағи 3 7649.44 сомонӣ дастрас намудааст.

Аз ҷониби Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) ба беморхонаҳои марказии ноҳияҳои Ванҷ ва Дарвоз 1-тоғӣ яхдон ҳар яке ба маблағи 708 сомонӣ тақдим шудаанд. Илова бар ин соли 2010 барои сохтмони Маркази саломатии ноҳияи Ванҷ, Вазорати тандурустӣ 2 млн. 877 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо намуд, ки он низ ба таҷҳизотҳои зарурии тиббӣ масраф гардид.

Соли 2010 бо дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пурзӯр намудани мубориза ва табобати бемории сил дар шаҳри Хоруғ лоиҳаи сохтмони бинои нави беморхонаи сил таёр шуда, соли 2011 сохтмони он оғоз ёфт.

Соли 2010 дар вилоят 340 муассисаҳои тиббию профилактикӣ ба аҳолӣ хизмати тиббию санитарӣ мерасониданд, ки ба онҳо 1 беморхонаи вилоятӣ, 7 маркази махсусгардонидашудаи дорои беморхонаҳо, 9 маркази солимии репродуктивӣ, 163 бунгоҳи саломатӣ, марказҳои вилоятии танзими оила, пеш-



гирии касалиҳои диққи нафас, маркази назорати эпидемиологии вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо, омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Хоруғ, дорухонаҳо ва марказҳои саломатии деҳот дохил мешаванд. Дар муассисаҳои тиббию профилактикии вилоят 430 духтури маълумоти олидор ва 1775 кормандони миёнаи тиббӣ фаъолият доранд. Дар баробари ин дар беморхонаҳои ноҳияҳои Мурғоб, Роштқалъа, Шуғнон ва Ишкошим духтурони ихтисоси бемориҳои дарунӣ, бемориҳои кӯдакона, ҷарроҳҳони акушерӣ-гинекологӣ, духтурони пуст ва табибони касалии саратон намерасанд.

Дар баробари пешравиҳо дар соҳаи тандурустии вилоят ҳанӯз мушкилотҳои зиёд дучор меоянд. Соҳаи тандурустии вилоят ба ташкили маркази ташхисӣ хеле ниёз дорад, чунки ҳар сол бемории зиёде барои ташхис ба шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру давлатҳои Итифоқи давлатҳои мустақил (СНГ) фиристода мешаванд. Мушкилоти дигари соҳаи тандурустии вилоят ин дар ҳолати садамавӣ қарор доштани Беморхонаи рӯҳии вилоят мебошад, ки сохтмони он ҳанӯз аз солҳои 1974 ба нақша гирифта шуда, то ҳол ҳалли худро наёфтааст.

Дар аксари муассисаҳои табобатию профилактикӣ таҷҳизоти тиббӣ, озмоишӣ ва хоҷагӣ ҳанӯз аз замони Шӯравӣ боқӣ монда, қариб аз кор баромадаанд. Барои хариди таҷҳизоти зарурӣ маблағгузории кофӣ нест.

Барои дастгирии мутахассисони ҷавоне, ки баъди хатми Донишгоҳи давлатии тиббӣ ба ноҳияҳои ВМКБ ба кор меоянд, дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо хеле зарур аст. Барои онҳо ҷойи истиқомат ё ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзил ва дигар имтиёзҳо муҳим аст.

Вале ин норасоиҳои ҷузъи ҳаргиз фаъолияти муассисаҳои тандурустии вилоятро халалдор карда наметавонанд. Нақшаи мукаммали рушди ин соҳа муттасилан амалӣ мегардад.

# ВАРЗИШ

Бахши варзиши Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ фаъолияти худро баҳри амали намудани қарору барномаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти ВМКБ равона намуда, дар давоми солҳои истиқлолият оид ба иҷроиши «Барномаи давлатии маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои солҳои 2006-2010» дар қаламрави вилоят корҳои муайянеро ба анҷом расонд.

Соли 2008 дар вилоят 10 мактаби варзишӣ амал мекард, ки дар онҳо 2886 нафар наврасон ва ҷавонон аз рӯи 12 намуди варзиш дар 286 гурӯҳ машқи варзишӣ доштанд. Дар шаҳри Хоруг 3-то мактаби варзишӣ фаъолият дорад, ки дар онҳо 706 нафар ҷавонону наврасон машқ менамоянд.

Яке аз мусобиқаҳои калонтарини соли 2008, Бозиҳои дуюми варзишии бонувони давлатҳои мусулмонӣ аз 21 то 29 июн дар шаҳри Найробии Кения ба шумор меравад.

Дар ин чорабинӣ варзишгарони 27 давлати дунё ширкат варзиданд. Аз ВМКБ 42 нафар варзишгарони ноҳияҳои Рӯшон, Шугнон ва шаҳри Хоруг дар 2 намуди варзиш (волейбол ва баскетбол) командаи занона ва мардона ширкат варзиданд.

Бо супориши бевоситаи раиси вилоят ва мувофиқи нақша – чорабиниҳои раёсат рӯзҳои 1 то 10 ноябри соли 2010 фаъолияти мактабҳои варзишии наврасону ҷавонони шаҳри Хоруг, мактаби варзиши комплексӣ ва махсуси гуштинҳои вилоят санҷида шуда, натиҷаҳои зерин ба қайд гирифта шуданд. Дар ҳолати 1 октябри соли 2010 мактабҳои варзиши бачагонаи вилоят 10 мактаби варзиши бачагонаи шаҳр ва ноҳияҳои вилоятро дар бар мегирифтанд. Ҳоло дар ин мактабҳо 290 гурӯҳ, бо теъдоди 2883 нафар варзишгарон, аз ҷумла, 493 нафар духтарон машғули машқ ҳастанд, ки мувофиқи Низомномаи тасдиқшудаи Вазорати молияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолияти худро пеш мебаранд.

Мавриди қайд аст, ки Пойгоҳи (базаи) гузаронидани машғулиятҳои мактабҳои варзиши вилоят ба ғайр аз шаҳри Хоруғ дар дигар ноҳияҳои вилоят дар ҳолати ноустуворӣ қарор гирифтааст. Аз соли 1997 сар карда, мактабҳои варзишии бачагонаи вилоят ба ихтиёри собиқ Кумитаи варзиши вилоят вогузор карда шуданд, ки ин дар навбати худ ба коста шудани кори умумии мактабҳои варзишии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят оварда расонд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки тамоми иншоотҳо ва толорҳои варзишӣ дар ихтиёри шӯъбаҳои маориф қарор доранд. Хуб мешуд, ки бо дастгирии ҳукумати маҳаллӣ барои дастаҳои яккачини вилоят шароити мусоид муҳайё карда мешуд. Ин бешубҳа барои дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ бомуваффақият баромад кардани дастҳои яккачини шаҳру ноҳияҳои вилоят бештар имкон фароҳам хоҳад овард. Соли 2010 то 1 ноябр варзишгарони вилоят дар 18 мусобиқаҳои ҷумҳурӣ ва 4 мусобиқаҳои байналмилалӣ ширкат варзидаанд.



*Кормандони Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ*

Мактабҳои варзишӣ дар шаҳри Хоруғ, ки дар онҳо 757 нафар варзишгарон ба 15 намуди варзиш ҷалб шуда, 90 фоизи дастаҳои яккачини вилоятро ташкил медиҳанд, бо иштироки худ дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ мавқеи марказро ишғол менамоянд. Қайд кардан лозим аст, ки дар асоси нақшаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ семинари сарварони мактабҳои варзишӣ аз 13 то 15 ноябри соли 2010 бо иштироки мудирони қисми илмӣ ва дастурдиҳандагони мактабҳои варзишӣ, инчунин сардори утоқи методии Кумита Бухориев барғузор гардид, ки он барои барои баланд бардоштани савияи касбии кормандони соҳаи варзиши вилоят хеле муҳим буд. Дар машғулиятҳои назариявию амалии ин семинар мутахассисон бо мазмуну мундариҷаи дастурмалҳои зарурии соҳаи варзиш бештару амиқтар шиносоӣ пайдо карданд.

Дар шаҳри Хоруғ аз рӯи маълумоти ба1 ноябри соли 2010 дахл дошта, се мактаби варзишии бачагона, аз ҷумла, ду мактаби варзишӣ дар назди Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят ва як то мактаби варзиши назди бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Хоруғ фаъолият мекунанд. Мактаби варзиши назди бахши ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Хоруғ аввалин мактабест, ки дар соли 1957 ташкил ёфта аст. Дар мактаб 26 гуруҳ бо теъдоди 275 варзишгар машқ карда, ба онҳо 17 мураббӣ машқҳои ҳарруза аз намудҳои волейбол, баскетбол, гуштини тарзи озод, шоҳмот, тенниси рӯи миз ва ғайра машғулият мегузаронанд. Аз ин теъдод 10 нафар корманди штатӣ, 8 нафар дорандаи маълумоти олии касбии варзишӣ ва 4 нафар маълумоти олии ғайриварзишӣ доранд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дастаҳои яккачини мактаби мазкур аз рӯи намуди волейбол (дастаҳои занона ва мардона) ҳамчун дастаи асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, мураббиён Бекназар Мавлоназаров, Ёдгор Фейзов, Нағзибек Ашурмамадов ва Тавалло Назаршоев солҳои охир

пешсафиро дар ҷумҳурӣ нигоҳ медоранд. Аз 12 то 27 ноябри соли 2010 дастаи яккачини занонаи вилоят дар ҳайати дастаи яккачини ҷумҳурӣ дар мусобиқаи байналмиллалии Осиё дар шаҳри Гуанжоуи давлати Чин шарафи варзиши ҷумҳуриро ҳифз намуданд.

Солҳои охир дар мактаби мазкур зиёда аз 60 нафар устодони варзиши ҷумҳурӣ тайёр карда шуда, сафи номзад ба устоди варзиш ва дараҷаи якуми варзишӣ 103-нафарро ташкил медиҳад. Дар мактаб 4 нафар бо унвони баланди «Мураббии шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», 1 нафар устоди варзиши дараҷаи байналмиллалӣ, 6 нафар «Корманди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин 2 нафар довардаи дараҷаи (категорияи) олӣ ва 3 нафар бо дараҷпи (категорияи) дуюм кору фаъолият мебаранд. Маблаги солонаи мактаб 242 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дастпарварони ин мактаб дар пойгоҳи (база) варзишии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии № 2 ва № 7 машғулиятҳои ҳаррӯзаи варзишӣ мегузаронанд. Гӯшаи методӣ, утоқҳои кории мактаб ҳаматарафа таҷҳизонида шудаанд. Дастурҳои расмӣ мувофиқи Низомномаи мактаби варзишӣ тартиб дода шуда, барои тайёр кардани ҳар як устоди варзиши ҷумҳурӣ ва голиби мусобиқаи ҷумҳуриявӣ маош дар ҳаҷми 50 фоиз баланд карда шуда, дар як моҳ то ҳазор, ҳазору чорсад сомониро ташкил медиҳад. Лавозимоти варзишӣ барои намудҳои шоҳмот, тенниси рӯи миз, дастхобонӣ ва гайра мувофиқат мекунад. Аз тарафи Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят кӯмаки доимӣ ба мактаб муттасил кӯмак расонида мешавад.

Ҳуҷҷатгузории мактаб мувофиқи талаботи Низомномаи мактабҳои варзишии ҷумҳурӣ ба роҳ монда шуда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, яъне китоби фармонҳо, ҳуҷҷатгузории мураббиёни мактаб, аризаю журналҳо, нақшаю чорабиниҳои зарурӣ сари вақт тартиб дода шуда аз тарафи маъмурияти мактаб доимӣ аз назар гузаронида мешаванд. Нақша-чорабиниҳои умумимактабӣ, варзишӣ, тартиби гуза-

ронидани мусобиқаҳои дохилии мактаб, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ба низом даровардa шудаанд.

## Мактаби варзиши комплексии наврасону ҷавонони вилоят

Мактаби варзиши комплексии бачагонаи назди Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилоят соли 1978 дар назди собиқ Кумитаи варзиши вилоят таъсис ёфтааст. Сардари аввалини мактаб Назришоев Нуралишо таъин гардида буд. Ҳоло дар мактаби номбурда 35 гурӯҳ бо теъдоди 282 нафар таълимгирон ва 24 нафар мураббиён фаъолият мекунад. Аз ин 10 нафар мувофиқи штати корӣ, маълумоти олии варзиширо соҳиб буда, 9 нафар маълумоти олии ғайриварзишӣ доранд. Сардари мактаб устоди варзиши ИҶШС Азизбеков Давлатбек мебошад. Мактаби мазкур асосан дар толорҳои мактабҳои миёнаи № 3, № 2 ва Литсеи Огохон машқулият мегузаронад. Бо қувваи худи аъзоёни дастаҳои намуди варзишии бокс ва гӯштин, толорҳои машқии ин намудҳо таъмиру тармим ёфта, ба талаби замон мувофиқ гардонда шудаанд.

Ҳамчуни дигар намудҳои вазиш аз қабили волейбол, баскетбол, варзиши сабук, таэквандо, бокс, шоҳмот, тенниси рӯи миз, тӯби дастӣ, дар толорҳои ба талаботи машғулиятгузаронии онҳо мувофиқ фаъолият мекунанд. Мураббиён аксаран маълумоти олӣ доранд. Аз байни онҳо се нафар дорандаи унвони «Мураббии шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон», 4 нафар – «Корманди шоистаи варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошанд. Дастаҳои яккачини вилоят оид ба намуди тӯби дастӣ таҳти сарварии мураббиёни мактаб Атобек Гадомамадов ва Саъдулло Ватанбеков солҳои охир дар ҷумҳурӣ байни дастаҳои мардона ҷойи аввал ва байни дастаҳои занона ҷойи дуюмро ишғол намудаанд. 21 нафар варзишгарон меъёри номзад ба устоди варзиш ва беш аз 30 нафар дараҷаҳои якуми варзишро иҷро карда,

дигар варзишгарон дар мусобиқаҳои ҷумҳурӣ ва байналмиллалӣ аз рӯи намудҳои бокс, таэквандо, тӯби дастӣ, волейбол иштирок менамоянд.

Варзишгарон Ораз Афзалшоев, Мададӣ Нагзибеков дар чемпионати ҷаҳон моҳи сентябри соли 2009 аз номи ҷумҳурӣ дар шаҳри Милани давлати Италия баромад намуда, истеъдоди баланди варзишӣ нишон доданд. Варзишгарон Алиназар Вафоназаров ва Ошур Ашурмамадов дар чемпионати ҷумҳурӣ байни собиқадорон, устодони намуди таэквандо голиб омада, дар чемпионати ҷаҳон моҳи октябри соли 2010 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон иштирок намуданд.

Барои фаъолияти мӯътадили мактаб соли 2010-ум 201 ҳазору 321 сомонӣ ҷудо карда шуд, ки ин маблаг барои фаъолияти доимии мактаб, чорабиниҳои варзишӣ ва хариди ашёҳои варзишӣ басанда аст. Ҳамчунин барои маоши мураббиён 146 ҳазору 684 сомонӣ ҷудо шудааст, ки дар муқоиса бо дигар намудҳои кори омӯзгорӣ баландтар мебошад. Нишондиҳандаҳои меъёрии тарбияи варзишии мураббиён дар чунин дастовардҳо ба назар мерасанд: дорандаи дараҷаи «Устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон» – 6 нафар, номзад ба устодии варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон – 26 нафар, дорандагони дараҷаи якуми варзишӣ – 82 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ҷумлаи мураббиён дорандагони тахассуси якуми варзишӣ 9 нафар ва 6 нафар дорои дараҷаи дуюми тахассусӣ мебошанд. Баскетбол, бокс, таэквандо, тӯби дастӣ нисбати дигар намудҳои варзиш пешсаф мебошанд.

Вале ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз ба имконияту талаботи замон оид ба варзиш ҷавобгӯ буда наметавонанд. Гарчанде ки миқдори мураббиён 24 нафарро ташкил диҳад ҳам, тайёр намудани варзишгарони дорои дараҷаи баланди варзишӣ ҳанӯз суст аст.

## Мактаби махсуси гӯштин дар вилоят

Дар вилоят мактаби махсуси гуштин амал мекунад. Дар он 23 гурӯҳ бо теъдоди 213 нафар варзишгар зери сарпарастии 14 нафар устодон истеъдоди варзишии худро сайқал медиҳанд. Маблаги солонаи мактаб 130 ҳазору 917 сомониро ташкил медиҳад. Аз ин маблаг 92 ҳазору 227 барои маоши мураббиён масраф мегардад.

Дар мактаб шогирдон аз рӯи гӯштини тарзи озод, дюздо, самбо ва гӯштини миллӣ машқи варзиш мекунанд. Солҳои охир дар мактаб 95 нафар варзишгарони дорои дараҷаи якум, як нафар устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, 14 нафар номзадҳо ба устоди варзиши ҷумҳурӣ тайёр карда шудаанд, ки ин ҳанӯз ба талаботи Низомномаи мактаби варзишӣ пурра ҷавобгӯ буда наметавонад.

Варзишгарон дар толорҳои махсуси гӯштини назди мактабҳои №12, №7 ва № 8-ум, инчунин дар толорҳои махсусгардонидашудаи маҳаллаи касалхонаи вилоятӣ, заводи оҳану бетонӣ, маҳаллаи Тирчид ва Селхозтехника, ки бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин ҳастанд, машғулиятҳои амалии варзишӣ мегузаронанд.

Дастпарвари мактаб Хушбахт Қурбонмамадов аз соли 2009 то ҳоло узви дастаи яккачини Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар мусобиқаҳои байналмиллалӣ ва «Ҷоми ҷаҳон» дар шаҳрҳои Санкт-Петербург, Оренбург, Твер ва Остонаю Тошканд иштирок карда, талаботҳои устоди варзиши дараҷаи байналмиллалиро иҷро кардааст. Рамзӣ Шамиров ягона довари дараҷаи байналмиллалӣ аз Тоҷикистон дар намуди гӯштини тарзи Дзюдо мебошад.

Варзишгарони ин мактаб дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ, ки соли ҷорӣ ба муносибати иди Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Дарвоз дар ҳузури Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуда буд, ба гирифтани ҷойҳои 1-ум ва 2-ум ноил шуда, аз тарафи Сарвари давлат бо тӯҳфаҳои хотиравӣ қадр гардиданд.



*Халобеков Гулбодшо устоди вазиши ИҶСШ*

Дар мусобиқа бахшида ба гиромидошти хотираи неки варзишгари бузурги тоҷик, Азалшо Олимов 4 нафар варзишчиён оид ба гӯштини Самбо дар шаҳри Хоруг ба гирифтани ҷойи аввал ноил гардиданд.

Чи тавре дар боло ишора рафт, Дар се мактаби варзиши бачагонаи шаҳри Хоруг 770 нафар, аз ҷумла, 102 нафар духтарон дар намудҳои гуногуни варзиш иштироки фаъол доранд. Ҳоло дар ихтиёри мактабҳои варзишии шаҳр 8 толори назди мактабӣ, 6 толори гӯштин, 6 толори фитнес, ҷамъ 20 толор мавҷуд аст. Мутассифона, баъди ба ихтиёри собиқ Кумитаи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ додани мактабҳои варзиши шаҳру ноҳияҳои вилоят шароити таъмини саривақтии варзишгарон бо толорҳои варзишӣ нисбатан маҳдуд гардид. Маъмурини мактабҳо дар мадди аввал чорабиниҳои худро пеш гузошта, барои гузаронидани машгулиятҳои мактаби варзишӣ толҳоро баъди соати 18 холӣ мекунанд. Ин махсусан дар фасли зимистон, кори машқҳои муттасили варзиширо ҷиддан халалдор месозад.

Аз рӯи маълумоти мавҷуда, Мактаб-Литсеи Огохон барои машқ иҷорапулӣ талаб мекунад, ки чунин маблаг дар сметаи мактабҳои варзишӣ мавҷуд нест. Бештари аъзои мактабҳои варзишӣ маҷбур ҳастанд, ки либосворӣ ва пояфзоли варзишро аз ҳисоби худ харидорӣ намоянд. Яке аз камбудиҳои асосӣ дар кору фаъолияти мактабҳои варзишӣ аз соли 2006 нагузаронидани мусобиқаҳои шаҳрии мактаббачагон мебошад. Ҳол он ки 90 фоизи теъдоди варзишгаро-

не, ки ба мусобиқаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ равона мешаванд, аз ҳисоби ҳамин варзишгарони шаҳранд.

Масъалаи ташвишовари дигар он аст, ки баъди хатми мактаби миёнаи ҳамагонӣ аксаран хатмкунандагони мактабҳои варзишии ба дараҷаи баланди варзиш соҳибгардида. ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруг дохил нашуда. мактабҳои олии маркази ҷумҳурӣ ва берун аз онро интихоб мекунанд. Хуб мешуд, ки он варзишгарони бомаҳорате, ки аъзои дастҳои яккачини вилоят ҳастанд дар мадди назар ва дастгирии роҳбарияти вилоят қарор гирифта, барои идомаи таҳсил дар шаҳри Хоруг нигоҳ дошта шаванд.

Камбудии дигаре, ки аз рӯи маълумоти мавҷуда ба назар мерасад, ин таъмин накардани баҷаҳои ба нишондиҳандаҳои баланди варзиши соҳибшуда аз сару либоси мувофиқи варзишӣ мебошад. Нархи чунин либосҳои дар магозаҳои худи шаҳр ба фурӯш гузошта, ниҳоят гарону на барои ҳар падару модар дастрас буда метавонанд.

Вале ин норасоиҳои ишорашуда, ҳаргиз садди пешрафти ҳавасмандии ҷавонон ба варзиш шуда наметавонанд. Бо баланд гардидани сатҳи маънавиёти ҷавонон, эҳсоси худшиносии миллӣ, ки ҳоло чун падидаи ифтихорманд ба назар мерасад, бешак барои ташакули мафкураи созандагӣ ва зарурати таъмини ҳаёти солим дар ҷомеа мусоидат хоҳад намуд.

Бо назардошти ин падидаи солим Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии ВМКБ дар оянда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки баҳри амалӣ намудани Барномаҳои давлатӣ, дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти ВМКБ тамоми имкониятро истифода ҳоҳад намуд.

Дар шаҳри Хуҷанд, чемпионати ҷумҳуриявӣ оид ба волейбол байни наврасони соли таваллудашон 1993-94 баргузор гардид, ки дар он дастаи мунтахаби волейболбозони



*Волейболбоздухтарони ВМКБ соли 2008*
*бо мураббӣ Б.Мавлоназаров*

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бар ҳамаи ҳарифонашон пирӯз гардида, унвони чемпиониро соҳиб шуд.

Дар бозии финалӣ онҳо бар дастаи мунтахаби наврасони вилояти Суғд бар хисоби 3:1 голиб омаданд. Ҳайати волейболбозони вилоятро, асосан, варзишгарони навраси ноҳияи Рӯшон ва шаҳри Хоруғ ташкил доданд.

Шогирдони мактаби варзишии бачагонаи ноҳияи Рӯшон, (мактаби №9) Амр Ғолибов, Мирзо Мирзоев, Бахтибек Бахтибеков ва Ҳамзалӣ Навбаҳоров ҳамчун узви дастаи ғолиб бо Диплом ва дорандаи дараҷаи (разряд) 1-уми варзиш сазовор гардиданд.

Дастаи наврасони вилояти мо ҳуқуқ пайдо намуданд, ки дар бозиҳои Евроазия байни наврасон, ки моҳи сентябр дар Қазон баргузор шуд, ширкат варзанд, вале бо сабаби пайдо нашудани сармоягузор ба онҳо муяссар нагардид, ки дар ин

чорабинии бузург ширкат варзида, шарафи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳимоя намоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки волейболбозони навраси ноҳия се-чор соли охир дар сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ комёб мешаванд. Соли 2007 чемпиони Тоҷикистон ва соли 2008-2009 чемпиони вилоят гардиданд. Дар тайёр намудани волейболбозони наврас саҳми мураббии варзиш Мурод Назармамадов хеле калон аст. Аз байни даспарварони ин мураббии варзиш имрӯз 3 нафар устоди варзиши Тоҷикистон ва 4 нафар дорандаи разряди якум буда, дар ҳайати дастаи мунтахаби миллии Тоҷикистон бомуваффақият ҳунарнамоӣ доранд.

Варзиш байни наврасон босуръат рӯ ба инкишоф дорад. Аз сол ба сол теъдоди зиёди наврасону ҷавонон рӯ ба варзиш меоранд, мутаассифона, ташкил намудани спартакиадаи мактабиён, ки василаи беҳтарини зуҳури истеъдодҳои нави варзишӣ аст, ба гӯшаи фаромӯшӣ рафтааст. Пайдо нашудани сарчашмаи кӯмак барои ин соҳаи варзиш солҳои охир имкон намедиҳад, ки варзишгарони мо дар сатҳи байналмилалӣ ширкат дошта бошанд.

# РОҲБАРОНИ ВИЛОЯТ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



**ИСКАНДАРОВ АКБАРШО** зодаи ноҳияи Дарвоз (собиқ Қалъаихумб) буда, 1 августи соли 1951 дар деҳаи Киврон ба дунё омадааст.

Пас аз хатми мактаби миёна (соли1967) техникуми политехникии шаҳри Душанбе (соли1970), дар факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) солҳои 1970-1975 таҳсил карда, ҳангоми дар корҳои ҳизбию маъмурӣ ифои вазифа доштан, ҳамзамон Мактаби олии ҳизбии шаҳри Тошкандро хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиаш аз муҳандиси калони заминсози раёсати ноҳиявии хоҷагии қишлоқи ноҳияи Қалъаихумб (1973-1979), иқтисодчии калони раёсати ноҳиявии хоҷагии қишлоқ ва инспектори калони ноҳияи Қалъаихумб (1979-1982) огоз гардида, солҳои 1982 – 1990 ба ҳайси муовини аввали раиси Кумитаи иҷроияи ноҳияи Ишкошим ва Котиби якуми Кумитаи ҳизбии ноҳияи Ванҷи ҳизби Коммунисти Тоҷикистон хизмат намудааст.

Акбаршо Искандаров соли 1990 ба вазифаи Раиси Шӯрои вилоятии ВМКБ ва ҳамзамон вакили Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда буд. Аз моҳи май то 16 ноябри соли 1992 вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамуд. Бояд қайд кард, ки аз 7 сентябри соли 1992, ҳангоми бо фишори як гурӯҳи мусаллаҳ ба истеъфоъ рафтани Президенти ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев, Ак-

баршо Искандаров то 19 ноябри соли 1992 иҷрокунандаи вазифаи Президенти Тоҷикистонро ба ӯҳда дошт.

Чи тавре маълум аст, фаъолияти сиёсӣ ва роҳбарии ӯ ба давраи даргириҳои сиёсӣ рост омад. Бахри пешгирӣ ва хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор намудани сулҳу ваҳдат дар Тоҷикистон саъю талоши зиёд ба харҷ додааст. Чандин маротиба музокирот байни намояндагони ҷонибҳоро дар Душанбе, Хоруғ ва Қӯрғонтеппа ташкил намуд, вале боиси таассуф аст, ки онҳо бенатиҷа анҷом меёфтанд.

Баъди баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ба фаъолияти дипломатӣ гузашт. Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Туркманистон (1993-2001), сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва ҳамзамон (2001-2007) ва ҳамзамон сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Муғулистон таъин гардида, дар сатҳи баланди касбӣ ифои вазифа намудааст. Сипас дар Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ ба сифати сафир барои иҷрои супоришҳои махсус кор карда, баъди чанде аз корҳои расмии дипломатӣ канорагирӣ намуда, пурра ба фаъолияти тадқиқотӣ гузашт. Ҳоло дар Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси корманди пешбарӣ илмӣ фаъолият дошта, таҷрибаи ниҳоят ғании сиёсию дипломатӣ ва ҷомеашиносии хешро, аз диди тафаккури воқеан илмӣ баркашида пешкаши мутахассисон ва доираи васеи хонандагон мегардонад.

Ба қалами доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Акбаршо Искандаров даҳҳо таҳқиқоти ҷолиби илмӣ тааллуқ дошта, аз тарафи мутахассисони соҳа баҳои баланд гирифтаанд.

**ШАҲБОЗОВ ҒАРИБШОҲ** зодаи ноҳияи Шуғнон, соли 1937 дар қишлоқи Нишусп дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Ӯ баъди ба итмом расонидани мактаби миёна ва хизмати ҳарбӣ аз соли 1960 то 1974 дар вазифаҳои гуногун адои



хизмат намудааст. Соли 1974 қобилияти ташкилотчигиашро ба назар гирифта, барои хондан ба мактаби ҳизбии шаҳри Тошкент фиристода мешавад. Баъди хатми мактаби ҳизбӣ, ба ҳайси ҷонишини раиси Комитети иҷроияи ноҳияи Шугнон (1976-1978), котиби дуюми ҳизби коммунистии ноҳияи Калъаихумб (1978-1981) ва ҷонишини мудири шӯъаи ташкилии Комитети вилоятии Бадахшони ҳизби коммунистии Тоҷикистон (1981 – 1987) адои вазифа намудааст.

Як муддат ба сифати мудири шӯбаи шугли аҳолии Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи вилоят ва солҳои 1987-1990 ба сифати ҷонишини раиси комиссияи планкашии Кумитаи иҷроияи депутатҳои халқии ВАБК кор кардааст.

Ғ. Шаҳбозов аз 12 май соли 1990 то соли 1992 дар вазифаи Раиси Кумитети Иҷроияи Шӯрои вакилони халқи ВМКБ фаъолият дошт. Роҳбарии ин марди меҳнатқарин ба давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омад.

Дар чунин як давраи мушкил Ғ. Шаҳбозов раиси Комитети иҷроия ва Шӯрои депутатҳои халқи Вилояти Автономии Бадахшони Кӯҳиро ба дӯш дошт. Ӯ бо кормандони истгоҳи барқии «Помир-1», роҳсозони Дарвоз-Кӯлоб ва чорводорони Мургобу кишоварзони Ишкошим алоқаи зич дошта, ба онҳо муттасил ёри амалӣ мерасонд.

Солҳои 1992-1993 алангаи оташ аксарияти сарзамини Тоҷикистонро фаро гирифта, ҳар рӯз одамони бегуноҳ қурбон мегардиданд. Вале Ғ. Шаҳбозов бо заҳматҳои зиёд дар байни ду тараф сиёсати сулҳҷӯёнаро пеш мебурд. Дар чунин давраи бесару сомонӣ ба эшон муяссар гардид, ки

тамоми нерӯҳои ақлониро ҷамъ намуда, Бадахшонро аз даҳшати харобовари ҷанг нигоҳ дорад.

Баъди баргузор гардидани Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.11.1992) яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимтарини давлат, қатъ намудани ҷанг ва баргардонидани гузезаҳои иҷбории тоҷик буд. Танҳо дар давоми 1 солу 8 моҳ зиёда аз 900 ҳазор фирориён ба ҷойҳои пештара баргардонида шуданд.[1]



**ШОҲДАВЛАТОВ ШОҲДАВЛАТ,** соли 1942 деҳаи Занудҷи ноҳияи Рошткалъа дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст.

Баъди хатми факултети механикии хоҷагии қишлоқи Техникуми политехники шаҳри Душанбе, фаъолияти меҳнаташ ба ҳайси механики Иттиҳодияи «Тоҷиксельхозтехника»-и ҷумҳурӣ (1968-1974) огоз гардида, баъдтар дар вазифаҳои сардори раёсати кишоварзии ноҳияи Ёвон (1976-1978), раиси комитети назорати халқи ноҳияи Ёвон (1978 – 1980), шунавандаи мактаби олии ҳизбӣ (1980-1982), мудири шӯъбаи саноати комитети ҳизби коммунистии Ёвон (1982-1983), ҷонишини раиси комиҷроияи Ёвон (1983 – 1985) ва раиси комиҷроияи Ёвон (1985-1990) фаъолият доштааст.

3 майи соли 1992 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ноҳияи Рошткалъаи аз нав таъсис ёфта, Шоҳдавлат Шоҳдавлатов ба таври алтернативӣ раиси ноҳия интихоб гардид. Вале баъди се моҳ бо таклиф ва пешниҳоди Раиси Шӯрои намояндагони вилоят Акбаршо Искандаров ба вазифаи Раиси комитети иҷроияи ВМКБ таъин гардида, то 14 майи соли 1993 дар ин вазифа фаъолият дошт.

---

[1] Қурбонбек О. Сарварони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. – Помир, 2001 – С.78.

Дар ин давра даргириҳои сиёсӣ аз марказ огоз гардида, решаи он то ВМКБ-ву шаҳри Хоруг омада расиданд. Гиридиҳамоиҳо дар майдони марказии ба номи Ленин ба вуқуъ пайваста, роҳбарони вилоятро низ зери фишор қарор доданд. Шумораи гирдиҳамомадагон дар шаҳри Хоруг рӯз то рӯз меафзуд ва ба раиси ВМКБ Ғ. Шаҳбозов лозим омад, ки ба истеъфо равад.

Ш. Шоҳдавлатов соли 1992 дар вақте ба сари қудрат омад, ки шаҳри Хоруг дар дасти гирдиҳамомадагон буд. Ӯ баъди вохӯрӣ бо роҳбарони мухолифин, масъаларо ҳал намуда, баъди ду рӯз гирдиҳамоиро пароканда ва ҳукумати қонуниро барқарор кард.

Ш. Шоҳдавлатов ёдовар мешавад, ки ӯро ба вазифаи Раиси Кумитаи иҷроияи вилоят моҳи майи соли 1992 роҳбарони Ҳукумати ҷумҳурӣ, шахсан Раиси Шурои вилоятии ВМКБ Акбаршо Искандаров тавсия намуд.

Бо мақсади беҳбудии зиндагии мардум ва бо нон таъмин намудани онҳо бо Хазинаи Огохон ҳамкориро огоз намуда, Ш.Шоҳдавлатов ҳамроҳи намояндаи он ба Ҷумҳурии Қазоқистон сафар кард.

Соли 1992 дар як муддати кӯтоҳ комиҷроияи вилоят масъалаи таъсис додани Донишгоҳи давлатии Хоруг, сохтмони 40 км. роҳи кони ангишти Равноб, масъалаи сохтмони роҳи Кӯлоб-Зигар – Қулма-Қароқурум ба кор андохтани ду агрегати нерӯгоҳи барқии «Помир-1» ва расонидани кӯмаки дарозмуддат ба мардуми Бадахшон аз ҷониби созмонҳои байналмиллалӣ маҳз дар ҳамин давра ҳаллу фасл гардид.

Ш.Шодавлатов ва корманди Комиҷроияи Вилоят Хушқадам Қурбонмуҳаммадов (Ширин Бунёд) номаеро тайёр карда, онро ба воситаи Алимуҳаммад Раҷпут ба Имом Огохон ирсол намуданд. Бо кӯшиши раиси вилоят дар чунин давраи мушкил мардуми Бадахшон бо кӯмак ва дастгирии бегаразонаи Хазинаи Огохон аз гуруснагӣ наҷот ёфтанд[1].

---

[1] Шоҳнаврӯзов Ш., Амирбек А. Хоруғи зебо. Кит.1. – Душанбе, 2009. – 363с.

Бо вуҷуди мушкилиҳо дар нимсолаи якуми соли 1993 дар вилоят 16 ҳазор метри мураббаъ иншоот сохта шуда дармонгоҳ ва мактаб барои 1500 ҷой ба истифода дода шудааст.

Яке аз масъалаҳои доги рӯз баргардондани гурезагон ба Ватан ва таъминоти иҷтимоии онҳо ба шумор мерафт. Чунки ба вилоят зиёда аз 190 ҳазор фирориён омада, марзи давлат нооромм буд. Аз сарҳад одамони гуногун мегузаштанд ва амнияти кишварро зери хатар мегузоштанд. Раиси вилоят бо мақсади оромии ҷомеъа ва рушду пешрафти иқтисодиёти вилоят кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ дод.

Ш. Шоҳдавлатов аз 14 майи соли 1993 ба вазифаи муовини Раиси Кумитаи иҷроияи вакилони халқи ВМКБ ва аз соли 1995 Намояндаи ВМКБ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардида, то соли 1999 дар ин вазифа кор кардааст.



**ҚУРБОНАЛИЕВ МАМНУР** соли 1944 дар оилаи деҳқони ноҳияи Ишкошим таваллуд шудааст. Дастпарвари Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (соли 1966) ва Мактаби олии ҳизбии шаҳри Ташкент (1980) мебошад.

Фаъолияти меҳнатиаш соли 1966 ба сифати байтор (ветеринар) дар ноҳияи Ишкошим огоз шуда, баъдтар раиси колхоз (1973-1975), Раиси кумитаи иҷроияи Шӯрои вакилони халқи ноҳияи Ишкошим (1975-1978), котиби якуми Кумитаи ҳизбии ноҳияҳои Рӯшон (1980-1983), Ишкошим (1983-1987), Айнӣ (1987-1991) кор кардааст.

Аз 14 май то 24 июни соли 1993 дар вазифаи Раиси Кумитети Иҷроияи Шӯрои вакилони халқи ВМКБ кору фаъолият доштааст



**ЗАМИРОВ БАЛХИЁР** 23 май соли 1960 дар оилаи хизматчии ноҳияи Рӯшон ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна, дар совхози Рӯшон (1977-1982) фаъолият намуда, сипас дар сафи артиши Шӯравӣ (1982-1984) адои хизмат доштааст. Пас аз адои хизмат дар факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (1984-1989) таҳсил намуда, сипас ба ҳайси мудири молияи ноҳияи Рӯшон (1989-1991), сардори идораи хизмати маишии ноҳияи Рӯшон (1991-1993) ва аз моҳи июли соли 1993 то моҳи декабри соли 1994 дар вазифаи раиси Комиҷроияи ВМКБ фаъолият намудааст.

Соли 1994 дар арафаи иди Наврӯз нерӯгоҳи барқии обии «Помир-1» ба истифода дода шуд. Сарвари давлат, раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар кушодашавии он чунин иброз дошт: «Аз он бисёр хушам меояд, ки фарорасии Наврӯзи оламафрӯз ва ба кор даромадани дастгоҳи аввалини нерӯгоҳи барқии «Помир-1» ба як вақт рост омаданд. Ба кор даромадани нерӯгоҳ саҳифаи навест дар таърихи инкишофи иқтисодиёти Кӯҳистони Бадахшон ва ман боварӣ дорам, ки мардуми сарбаланди ин гӯшаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро рӯзҳои нек дар пеш аст»[1].

Аз соли 1995 ба тиҷорат машғул буда, солҳои 1995-2000 аз ҳавзаи интихоботии № 64 ноҳияи Рӯшон вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати якум) узви Кумитаи оид ба иқтисод, буҷет, молия ва андоз буд.

---

[1]Аз суханронии сардори давлат Э.Раҳмон дар маросими ифтитоҳи нерӯгоҳи барқии «Помир-1» // Бадахшон. – 1994. – 25 март

**НИЁЗМАМАДОВ АЛИМАМАД** 11 августи соли 1943 дар шаҳри Хоруғ ба дунё амадааст. Пас аз хатми Донишгоҳи хоҷагии қишлоқ (ҳоло Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон) фаъолияти меҳнатиаш ба ҳайси корманди Селхозтехника (техникаи кишоварзӣ) ВМКБ (1972-1974) огозу идома меёбад. Сипас ба вазифаи сардори шӯъбаи агросаноатии Иттиҳодияи «Тоҷикселхозтехника» (1974-1975), референти калони шӯъбаи раёсати хӯроквории Шӯрои Вазирон (1975-1978), сардори раёсати хоҷагии қишлоқи ноҳияи Шаҳритус, ҷонишини раиси Кумитаи иҷроия ва раиси Кумитаи иҷроияи ноҳияи Шаҳритус (1978-1982) таъин гардида фаъолият доштааст.



Солҳои 1983-1985 дар мактаби Олии ҳизбии шаҳри Тошкент таҳсил намуда, баъди хатми дар вазифаи институктор, мудири шӯъбаи хоҷагии қишлоқ ва саноати хӯроквории вилояти Қӯргонтеппа (1985-1988) кор кардааст. Соли 1988 котиби аввали ҳизби коммунистии ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон интихоб гардида, то соли 1994 дар ин вазифа фаъолият дошт.

27 декабри соли 1994 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси ВМКБ таъин гардид. Бадахшон дар он вақт ба душвориҳои иқтисодию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ буд. А.Ниёзмамадов фаъолияти меҳнатиашро ба се самти асосӣ: а) мӯтадил гардонидани вазъи сиёсӣ; б) аз бумбасти иқтисодӣ наҷот додани вилоят; в) хусусигардонии моликияти давлатӣ равона намуд. Ӯ авзои воқеии вилоятро хуб омӯхта, аз ибтидои соли 1995 тарзу усулҳои нави роҳбариро пеш гирифт. Асосан ба аҳли заҳмат, зиёиён ва рӯшанфикрон такя намуда, дар таъмин намудани оромии кишвар саҳми калон гузошт.

Дар ин бобат оид ба амалӣ намудани Фармони Президен-

ти кишвар оид ба халъи силоҳ дар вилоят аз тарафи ҳукумат ва органҳои дахлдор корҳои мушаххас анҷом ёфтанд. Аз ҷумла, ба миқдори 680 адад яроқи оташфишон (242 автомат, 25 пулемёт, 11 гранатамомёт, 122 карабин, 28 таппонча) ва 48882 тирҳо аз дасти одамон ҷамъ гирифта шуд[1].

Ба ҷойҳои доимӣ баргардонидани фирориён яке аз масъалаҳои доғи рӯз буд. Соли 1992 зиёда аз 55 ҳазор ба Бадахшон омада, вазъияти иқтисодӣ муташаниҷ гардид. То моҳи марти соли 1996-ум 50 ҳазор фирорӣ ба маҳаллаҳои муқимиашон баргардонида шуданд.

Бо мақсади аз бумбасти ҷугрофӣ ва муҳосираи иқтисодӣ баровардани Бадахшон ба сохтмони роҳҳои нақлиётии Мургоб-Кулма-Қарақурум ва таъмиру дар ҳолати хуби техникӣ нигоҳ доштани роҳи Кӯлоб-Дарвоз ва Душанбе – Хоруг яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи ҳукумати вилоят ба шумор мерафтанд. Сохтмони шоҳроҳи Мургоб-Кулма – Қарокрум ва кушодашавии савдои назди сарҳадӣ бо давлатҳои ҳамсоя ба пешрафти иқтисодиёт ва зиндагии мардуми Бадахшон мусоидат намуд. Ба қавли Ниёзмамадов А. сохтмони шоҳроҳҳо натанҳо роҳи Бадахшонро ба олами васеъ кушода мекунад, балки роҳи оламинёнро ба диёри мо мекушояд.

Дар ин давра ҳукумати вилоят бо давлатҳои ҳамсоя: вилояти Қарагандаи Ҷумҳурии Қазоқистон, вилояти Уши Қиргизистон, вилояти Бадахшони давлати исломии Афгонистон ва ноҳияи Мухтори Син-Сзияни Ҷумҳурии мардумии Чин шартномаҳои иқтисодию фарҳангӣ ба имзо расиданд.

Ҳукумат бо сарварии раиси ВМКБ Ниёзмамадов А. бо як қатор созмонҳои байналмиллалӣ, ки дар сарзамини Бадахшон мавҷуд буданд,фаъолияти зич барқарор намуд. Бахусус, ҳамкории Ҳукумат бо Хазинаи Огохон, Барномаи умумиҷаҳонии озуқаи СММ, ТАСИФ, ФОКУС, духтурони

---

[1] Ниёзмамадов А. Оқибати ҳар ҷанг сулҳу оштист. – Душанбе: Ирфон, 2006.-270с.

бемарз, Федератсияи Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар натиҷаи хуб дода, дар рушди иқтисодии Бадахшон нақши калон бозиданд.

Дар асоси Протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи давра ба давра кӯчонидани оилаҳои ҷавонро ба минтақаи Қабодиёну Бишкент ҳал намуд.

Ба давраи роҳбари ӯ пахши барномаҳои телевизиони тоҷик, сохтмони шоҳроҳҳо, Донишгоҳи минтақавии байналмиллалӣ дар шаҳри Хоруг, сохтмони пулҳои мошингузар ба давлати Афғонистон, рушди фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ аз дастовардҳои вилоят ба шумор мераванд.



**ҚОДИРИ ҚОСИМ** 9 апрели соли 1961 дар деҳаи Техарви ноҳияи Ванҷ дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст.

Соли 1978 баъди хатми мактаби миёна ба факултети агрономии Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур) дохил шуда, онро соли 1983 бо дипломи аъло хатм намудааст.

Баъди анҷоми таҳсил ба зодгоҳаш баргашта, ба сифати агрономи совхози ба номи Федченко, сараграноми совхози «50-солагии СССР», сарвари совхози «Россия»-и ноҳияи Ванҷ (1984-1986) фаъолият намуда, аз соли 1987 то соли 1990 дар вазифаи коромӯзи (инстируктор) шӯъбаи ташкилии КМ Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон фаъолият намуд. Солҳои 1990-1996 вазифаи муовини сардори раёсати кишоварзии ВМКБ-ро ба дӯш дошт.

Қодири Қосим бо фармони Президенти кишвар аз моҳи марти соли 1996 то моҳи августи соли 1999 ба сифати раиси

ноҳияи Ванҷ ва аз соли 1999 то соли 2005 дар вазифаи муовини аввали Раиси ВМКБ фаъолият намудааст.

Соли 2005 ба вазифаи муовини вазири кишоварзии Тоҷикистон таъин гардида, то моҳи ноябр ин вазифаи масъулро ба дӯш доштааст.

Қобилияти ташкилотчигии ӯро ба назар гирифта бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2006 ба вазифаи раиси ВМКБ тайин гардид.

Қодири Қосим дар ин давра тавонист, ки рушди бемайлону ҳамаҷонибаи вилоятро таъмин намуда, уфуқҳои ояндаи онро воқеан тарҳрезӣ кунад ва дар роҳи амалӣ гардидани ин барномаи созандагӣ тамоми донишу таҷрибаи хешро сарф намояд.

# ОХИРСУХАН

Хонандаи мӯҳтарами маънирас, ҳар он чи аз талаботи ҳаҷму мундариҷа ва мантиқи китоб бармеомад, аз рӯи имкону таҷрибаи касбии худ рӯи қогаз овардем. Албатта, ҳамаи ҷузъу томи самтҳои ҳаёти вилоятро дар ин ду даҳсолаи охир бо тамоми ҳусну қубҳаш аз маърази таҳлил гузаронидан корест ниҳоят сангин. Ҳадафи мо нисбатан маҳдудтар буда, хостем, ки фақат ба таври мухтасар заминаҳои гузариш, мушкилоти пешомада, кӯшиши мақомоти роҳбарикунанда ва аз ҳама муҳим даҳои созандагӣ ва таҳаммули боварибахши халқи шарифи Тоҷикистонро дар роҳи рафъи мушкилот, нигаҳдошти якпорчагии Ватани азиз, таъмину сулҳу ваҳдати комил, фароҳам овардани шароиту имконияти азнавсозии иқтидори саноатӣ, рушди иҷтимоию фарҳангӣ ва гайраро мухтасаран ба риштаи таҳлил дарорем.

Раванди масоили ҳадафи марказии омӯзиш қарор ёфта, имкон дод, ки то андозае ба ҳусну қубҳи тамоюлҳои барои давраи гузариш ба фазои мустақилияти давлатию давлатдорӣ шиносоӣ дошта бошем. Дар ин замина, албатта метавон аз шароити имрӯзаи авҷи ихтилофи назарҳо, истифода бурда, дар паси масоили хеле зиёди ҳалли худро то кунун пайдо накарда, ҳатто дастовардҳои назаррасу ҷунбишҳои воқеан таъминкунандаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии вилоятро нодида гирифт. Вале дар чунин ҳолат ҷанбаи тадқиқотӣ назари сиёсатбозӣ пайдо хоҳад кард. Ин тарзи муносибат дар қолаби таҳқиқи асили муаррих ғунҷида наметавонад.

Ҳадафи мо аз ковишу муқоисагузориҳои маводу маъхазҳои ниҳоят зиёду печида, пеш аз ҳама дар ҷавоб ёфтан ба саволҳои дар қалби тамоми тоҷикистониён садодиҳанда: оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ВМКБ, пешравӣ ба назар мерасад? Оё барои рушди бемайлону

суръатноки иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пойдевори муътамад гузошта шудааст? қарор дошт. Ва то ҷое имкон буд ҷавоб ҳам пайдо кардем, ки хулосааш чунин аст:

1. Мустақилияти комили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пояҳои қавию устувор ва бебозгашт қарор дорад. Эътибору эътирофи он дар арсаи байналмиллал ба сатҳи дилхоҳ бароварда шудааст.

2. Ваҳдати миллӣ ва фазои осоиштагӣ пурра барқарор гардидааст.

3. Давраи гузариш ба муносибатҳои нави истеҳсолӣ, ки берун аз хоҳиши як қишри ҷомеа сурат гирифта, зарурати замон гардида буд, анҷом ёфтааст.

4. Ба харобшавии корхонаҳои саноатӣ дар замони даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, акнун барои эҳёи он ва сохтмони ба талаби замону технологияи нав мувофиқ, замина пайдо шудаву дар баъзе соҳаҳо пешравӣ возеҳан ба назар мерасад. Роҳсозию истеҳсоли қувваи барқ, аз нишондиҳандаҳои замони Шӯравӣ пеш гузаштааст.

5. ВМКБ дар пешрафти кишоварзӣ, таъминоти маводи озуқа аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гаштааст.

6. Комёбиҳои фарҳангии ҷумҳурӣ дар ин ду даҳсола ба зинаи эътирофи байналмиллалӣ расонда шудаанд.

7. Нақшаҳои асосноки дурнамои мамлакат дар тамоми самтҳои истеҳсолот, иҷтимоиёт ва зинаҳои рушди илмию фарҳангӣ таҳрезӣ ва барои иҷрои онҳо ҷорабиниҳои зарурӣ пешниҳод шудаву қисман амалӣ гаштаанд.

Ҳамаи ин дар маҷмӯъ бо далелҳои омории дар охири китоб чун замима овардашуда, хулосаи моро тасдиқ мекунад.

Албатта, ҳастанд ва кам нестанд, омилҳое, ки ин раванди созандагӣ ва тамоюли суръатафзои рушди ҳамаҷонибаи ҷумҳуриро халалдор месозанд. Онҳо бештар аз ҳирси ришвахурӣ, мансабталошӣ, маҳалгароӣ, ки мушкилоти давраи гузариш ба бор овардааст, сар задаанд. Чунин

мушкилотҳо табиист, ки муваққатӣ буда, бо мурури боло гирифтани тафаккури илмии дарки ҷомеаи инсонӣ, худшиносии миллӣ, ҳалли масоили зарурии иҷтимоӣ аз байн хоҳанд рафт. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки ба он чи дар ин ҷода ба назар мерасад, таҳаммул намоем. Таъмини омилҳои зарурии худшиносии миллӣ, ватандӯстии ҳақиқӣ низ бе муборизаи беамон ба муқобили чунин зуҳуроти нопок, бе пурра решакан намудани онҳо аз имкон берун аст.

Дар хотимаи ин хулосабандии худ мехостем чанд мулоҳизоте, ки аз диди мо иҷроишашон рушди суръатафзои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ВМКБ-ро таъмин карда метавонад, пешниҳод намоем.

1. Пӯшида нест, ки шароити ҷуғрофию табиии Помир барои равнақи васеъи зироаткорӣ имкон дода наметавонад. Вобаста ба ин дар ВМКБ бояд бештар ба зироатҳои полезӣ, богдорӣ ва чорвопарварӣ диққат дод.

2. Хурсандиовар аст, ки ҳоло роҳсозӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани вилоят заминаи қавию амалии худро пайдо кардааст. Ин соҳа чун яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати давлатӣ қарор гирифтааст. Нақшаҳои дурнамои иҷроиши он хеле боварибахшанд. Воқеияти оянда низ таъмини рушди суръатафзои онро тақозо дорад.

3. Истеҳсоли қувваи барқ низ ба пешниҳоду маслиҳати нав эҳтиёҷ надорад. Он чи дар ин самт ба даст омадаву он чи амалӣ хоҳад шуд, ниҳоят қавию боварибахш аст. Вале чи тавре таҷрибаи замони Шӯравӣ собит сохта буд, дар баробари тавлиди барқ, корхонаҳои истеъмоли он низ сохта мешуданд. Аз ҳама муҳим асоси истеҳсолоти саноатӣ гирифтани барқ аст. Вагарна, чун ашёи хом аз ба хориҷи мамлакат интиқол додани он ба фоидаи дилхоҳе соҳиб нахоҳем гашт.

4. Аз мантиқи ишораи банди боло бармеояд, ки саноати кӯҳӣ низ бояд дар сиёсати иқтисодии давлат чун самти афзалиятнок ҷой дошта бошад. Тақозои замон аст, ки Помир ба яке аз марказҳои пуриқтидори саноатии кӯҳии минтақаи

Осиёи Марказӣ табдил дода шавад. Ин бешак омили ҳалкунандаи масоили иҷтимоии ВМКБ хоҳад буд.

5. Кӯшиш бояд ба харҷ дод, ки ВМКБ ба маркази авалдараҷаи сайёҳӣ (туризм) ва пойгоҳи асосии кӯҳнавардӣ (алпинизм) табдил ёбад.

6. Ҳанӯз пеш аз инқилоб олимону сайёҳони рус доир ба табиат, рустанию обҳои шифобахши Помир маълумот дода буданд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ гарчи он асоси илмӣ пайдо карда бошад ҳам, то ҳадди истифодаи умум нарасида буд. Ин имконияро бояд ба нақша гирифт ва амалӣ гардонд.

7. ВМКБ маскани адонашавандаи маъдан, сангҳои қимматнок, маводи сохтмонию ороишист. Дар сурати нарасидани иқтидори коркард то дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти ҳадди ниҳоӣ, истихроҷу фурӯши қисме аз онҳоро чун ашёи хом ба роҳ мондан, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Албатта метавон боз имконияти чандин самтҳои истеҳсолоти ба талаботи бозор ҷавобгӯро пешниҳод намуд. Вале ин ҳаргиз кашфиёти мо набуда, фақат ишораи навбатиест, ки маҳз асоси саноатӣ пайдо кардани самтҳои ишораёфта, ба кушодани гиреҳи печидаи масоили иқтисодӣ ва иҷтимоии натанҳо ВМКБ, инчунин тамоми ҷумҳурӣ имкон медиҳад.

Бо итминони қотеъона метавон изҳор дошт, ки якдилӣ, меҳнати бурдборонаи тамоми қишрҳои ҷомеа дар чунин шароити ниҳоят муфиди истиқлолияти комил, бешак гарави, рушди суръатафзои Тоҷикистони азиз ва иҷрои тамоми нақшаҳо буда метавонад.

# З А М И М А

Маълумот аз ҳисоботи расмии омории ВМКБ
солҳои 1991-2010 оварда шудааст

**Ҳаҷми маҳсулоти минтақави дар ВМКБ солҳои 2003-2009**

*(млн. сомони)*

| | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 113,8 | 162,2 | 194,5 | 203,0 | 243,5 | 333,3 | 393,3 |
| Аз он: Кишоварзӣ | 38,2 | 46,6 | 55,0 | 65,6 | 88,6 | 147,8 | 174,8 |
| Саноат | 16,7 | 23,5 | 27,7 | 33,3 | 42,5 | 70,5 | 71,6 |
| Сохтмон | 17,2 | 34,5 | 34,8 | 24,7 | 25,3 | 28,6 | 32,7 |
| Ҷамъ соҳаҳои истеҳсоли | 72,8 | 104,7 | 117,6 | 123,6 | 156,4 | 246,1 | 278,5 |
| Соҳаҳои ғайри истеҳсоли | 15,8 | 28,3 | 26,9 | 26,9 | 33,2 | 42,3 | 43,7 |
| Андози маводҳои хурока | 5,9 | 7,9 | 8,4 | 9,3 | 7,0 | 9,3 | 9,8 |
| Иқтисодиёти ниҳои | 28,4 | 40,5 | 40,0 | 43,2 | 46,9 | 65,8 | 71,1 |

**Шумораи аҳолии доимии шаҳру ноҳияҳо**

*(дар охири сол хазор нафар)*

| | 1992 | | 1995 | | 2000 | | 2002 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | умумӣ | мавҷуд | умумӣ | умумӣ | мавҷуд | мавҷуд | умумӣ | мавҷуд |
| ВМКБ | 186,2 | 186,2 | 202,6 | 213,2 | 202,9 | 202,6 | 206,1 | 197,2 |
| Дарвоз | 20,8 | 20,8 | 24,9 | 25,3 | 24,7 | 24,9 | 23,9 | 23,4 |
| Ванҷ | 24,2 | 24,2 | 28,4 | 29,6 | 28,5 | 28,4 | 28,3 | 26,3 |
| Рӯшон | 21,9 | 21,9 | 24,5 | 24,7 | 23,5 | 24,5 | 24,1 | 23,5 |
| Шуғнон | 36,0 | 36,0 | 37,6 | 36,6 | 33,8 | 37,6 | 35,9 | 33,8 |
| Рошткалъа | 23,1 | 23,1 | 23,6 | 25,0 | 21,3 | 23,6 | 24,3 | 21,7 |
| Ишкошим | 22,7 | 22,7 | 25,3 | 27,3 | 26,8 | 25,3 | 26,3 | 25,5 |
| Мурғоб | 15,6 | 15,6 | 15,0 | 16,4 | 16,4 | 15,0 | 15,8 | 15,6 |
| ш.Хоруғ | 21,7 | 21,7 | 23,3 | 28,3 | 27,4 | 23,3 | 27,7 | 27,2 |

| | 2003 | | 2004 | | 2005 | | 2006 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | умумӣ | мавчуд | умумӣ | мавчуд | умумӣ | мавчуд | умумӣ | мавчуд |
| ВМКБ | 215,7 | 202,7 | 217,9 | 220,4 | 195,7 | 198,8 | 218,4 | 196,8 |
| Дарвоз | 25,9 | 25,2 | 26,1 | 26,2 | 23,6 | 25,0 | 26,0 | 24,8 |
| Ванҷ | 29,9 | 29,8 | 30,1 | 30,4 | 28,8 | 26,8 | 30,3 | 26,6 |
| Рӯшон | 25,0 | 23,4 | 25,3 | 25,5 | 22,1 | 23,1 | 25,3 | 22,1 |
| Шуғнон | 37,0 | 33,3 | 37,4 | 37,9 | 30,1 | 31,7 | 37,6 | 30,8 |
| Рошткалъа | 25,3 | 21,8 | 25,7 | 26,3 | 20,2 | 21,5 | 25,9 | 21,7 |
| Ишкошим | 27,6 | 26,9 | 27,8 | 28,3 | 28,5 | 27,0 | 27,9 | 27,1 |
| Мурғоб | 16,6 | 16,3 | 16,8 | 16,9 | 14,0 | 16,3 | 16,7 | 16,3 |
| ш.Хоруғ | 28,4 | 27,0 | 28,7 | 28,9 | 27,9 | 27,4 | 28,7 | 27,4 |

| | 2007 | | 2008 | | 2009 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | умумӣ | мавҷуд | мавҷуд | умумӣ | умумӣ | мавҷуд |
| ВМКБ | 217,9 | 218,2 | 191,3 | 218,2 | 219,9 | 190,9 |
| Дарвоз | 25,0 | 22,0 | 20,4 | 23,6 | 21,2 | 19,9 |
| Ванҷ | 33,4 | 33,8 | 29,7 | 29,0 | 33,9 | 27,8 |
| Рӯшон | 24,7 | 26,2 | 21,1 | 21,7 | 26,6 | 21,4 |
| Шуғнон | 36,4 | 35,5 | 28,9 | 30,3 | 37,8 | 29,6 |
| Рошткалъа | 23,6 | 25,3 | 19,9 | 20,0 | 24,7 | 19,2 |
| Ишкошим | 30,8 | 31,5 | 29,1 | 28,9 | 31,7 | 29,3 |
| Мурғоб | 14,5 | 14,3 | 19,1 | 17,0 | 14,2 | 13,3 |
| ш.Хоруғ | 29,5 | 29,5 | 28,0 | 28,0 | 29,7 | 28,1 |

**Шумораи хоҷагиҳо**

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | **21990** | **25248** | **32213** | **32513** | **32713** | **32274** |
| Дарвоз | 2924 | 3338 | 3568 | 3578 | 3633 | 3603 |
| Ванҷ | 3119 | 3743 | 4164 | 4204 | 4240 | 4262 |
| Рӯшон | 3377 | 4102 | 4421 | 4420 | 4482 | 4513 |
| Шуғнон | 4251 | 4851 | 5411 | 5484 | 5465 | 5452 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Рошткалъа | 2371 | 2769 | 3113 | 3022 | 3014 | 3016 |
| Ишкошим | 2763 | 3144 | 3503 | 3554 | 3593 | 3659 |
| Мурғоб | 3185 | 3301 | 3366 | 3614 | 3648 | 3604 |
| ш.Хоруғ | х | х | 4637 | 4637 | 4637 | 4765 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 32170 | 31990 | 32560 | 32538 | 32493 |
| Дарвоз | 3547 | 3288 | 3281 | 3013 | 3009 |
| Ванҷ | 4241 | 4247 | 4185 | 4220 | 4221 |
| Рӯшон | 4540 | 4554 | 4563 | 4654 | 4698 |
| Шуғнон | 5406 | 5412 | 5348 | 5390 | 5387 |
| Рошткалъа | 3023 | 3040 | 3069 | 3083 | 3114 |
| Ишкошим | 3608 | 3610 | 3614 | 3630 | 3637 |
| Мурғоб | 3040 | 3074 | 3089 | 3131 | 3171 |
| ш.Хоруғ | 4765 | 4765 | 5411 | 5411 | 5411 |

**Музди миёнаи ҳармоҳаи номанилии кор**

*(то соли 2000 рубл аз соли 2000 сомони)*

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 1491 | 434 | 13 | 25,13 | 30,45 |
| Дарвоз | 1263 | 339 | 10 | 19,81 | 27,40 |
| Ванҷ | 2091 | 320 | 10 | 20,26 | 28,28 |
| Рӯшон | 984 | 324 | 10 | 18,98 | 27,59 |
| Шуғнон | 1381 | 369 | 11 | 20,47 | 26,61 |
| Рошткалъа | 971 | 329 | 10 | 19,20 | 26,73 |
| Ишкошим | 1108 | 276 | 11 | 18,97 | 27,01 |
| Мурғоб | 1274 | 434 | 11 | 22,65 | 29,65 |
| ш.Хоруғ | 2032 | 789 | 18 | 26,48 | 38,28 |

| | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 40,28 | 71,88 | 101,06 | 128,7 | 181,8 | 240,9 |
| Дарвоз | 35,32 | 51,60 | 83,72 | 112,3 | 129,3 | 196,5 |
| Ванҷ | 33,68 | 57,23 | 84,21 | 112,9 | 140,6 | 195,8 |
| Рӯшон | 31,43 | 51,01 | 81,36 | 129,6 | 136,2 | 177,2 |
| Шуғнон | 31,77 | 56,36 | 82,44 | 117,6 | 141,6 | 216,4 |
| Рошткалъа | 32,26 | 54,70 | 83,93 | 93,60 | 135,0 | 244,7 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ишкошим | 35,92 | 53,47 | 60,54 | 90,50 | 131,9 | 169,5 |
| Мурғоб | 34,85 | 68,09 | 99,85 | 141,4 | 184,1 | 275,3 |
| ш.Хоруғ | 54,66 | 116,24 | 160,11 | 167,6 | 217,3 | 301,3 |

**Шумораи муҳоҷирони меҳнати дар ВМКБ** *(нафар)*

| | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 9155 | 10946 | 12972 | 19190 | 21575 |
| Дарвоз | 503 | 607 | 658 | 1103 | 1215 |
| Ванҷ | 1802 | 1057 | 1039 | 3287 | 3664 |
| Рӯшон | 569 | 1186 | 1612 | 2235 | 3183 |
| Шуғнон | 2079 | 2761 | 3658 | 5731 | 6795 |
| Роштқалъа | 2657 | 3659 | 3522 | 4212 | 4199 |
| Ишкошим | 826 | 520 | 751 | 840 | 826 |
| Мурғоб | 183 | 260 | 286 | 484 | 396 |
| ш.Хоруғ | 536 | 896 | 1446 | 1298 | 1297 |

| | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 24271 | 22353 | 26859 | 29033 |
| Дарвоз | 1358 | 1443 | 1568 | 1310 |
| Ванҷ | 3983 | 4358 | 4127 | 4138 |
| Рӯшон | 3799 | 2950 | 5051 | 5189 |
| Шуғнон | 7698 | 6132 | 6601 | 8206 |
| Роштқалъа | 4399 | 3547 | 5353 | 5437 |
| Ишкошим | 1588 | 1880 | 2399 | 2359 |
| Мурғоб | 141 | 513 | 260 | 862 |
| ш.Хоруғ | 1305 | 1530 | 1500 | 1532 |

**Истеҳсоли маҳсулот дар шакли аслӣ**

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гушт ва маҳсулоти гушти (тонн) | 620 | 33,1 | 6,8 | 7 | 325 | 275 |
| Ҳасиб (тонн) | 31,1 | 4,6 | 10,4 | 13,3 | 4,8 | 5,34 |
| Маҳсулоти шири (тонн) | 2996 | 198 | - | - | - | 0,5 |
| Маҳсулоти нони (тонн) | 8216 | 622 | 9180 | 15820 | 12998 | 14804 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти қанноди (тонн) | 189 | - | - | - | - | - |
| Маҳсулоти оҳану бетон (м³) | 2246 | 322 | - | - | - | |
| Коркарди қувваи барқ (мл.квт.соат) | 87073 | 118,0 | 136,8 | 138 | 137 | 137 |
| Маҳсулоти дузандагӣ (ҳаз.сомони) | 92597 | 20502 | 18,2 | 18,1 | 21,4 | 44,7 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Гушт ва маҳсулоти гушти (тонн) | 325 | 280 | 235 | 259,9 | 291,2 |
| Ҳасиб (тонн) | 4,02 | 0,41 | 7,5 | 7,6 | 4,2 |
| Маҳсулоти шири (тонн) | 0,8 | 430 | 388 | 23,4 | 0,2 |
| Маҳсулоти нони (тонн) | 18222 | 18788 | 22675 | 2803 | 3074 |
| Маҳсулоти қанноди (тонн) | - | - | 2,3 | 2,6 | 2,4 |
| Маҳсулоти оҳану бетон (м³) | | | | - | - |
| Коркарди қувваи барқ (мл.квт.соат) | 131 | 171 | 154 | 180,3 | 180,3 |
| Маҳсулоти дузандагӣ (ҳаз.сомони) | 27,4 | 47,3 | 89 | 158 | 157 |

**Х ачми истехсоли махсулоти саноат**

*(то соли 2000 млн рубл аз соли 2000 ҳазор сомони)*

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 21,2 | 21,2 | 8,5 | 19581 | 21023 | 30748 | 35210 |
| Дарвоз | 0,2 | 0,2 | 0,8 | 1498 | 2347 | 3940 | 4531 |
| Ванҷ | 0,6 | 0,6 | 1,2 | 2626 | 2300 | 3158 | 3395 |
| Рӯшон | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 2578 | 2693 | 3440 | 3866 |
| Шуғнон | 0,12 | 0,12 | 1,1 | 4666 | 4568 | 5858 | 5549 |
| Рошткалъа | - | - | 0,7 | 2277 | 2614 | 2635 | 3294 |
| Ишкошим | 0,8 | 0,8 | 1,2 | 2990 | 3353 | 3920 | 3851 |
| Мурғоб | 0,06 | 0,6 | 0,6 | 737 | 679 | 1365 | 1448 |
| ш.Хоруғ | 18,6 | 18,6 | 1,7 | 2209 | 2469 | 6432 | 9276 |

| | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 54276 | 84957 | 27418 | 28427 |
| Дарвоз | 6873 | 10898 | 1557 | 1809 |
| Ванҷ | 5488 | 9843 | 2290 | 2555 |
| Рӯшон | 5341 | 8949 | 1349 | 1416 |
| Шуғнон | 9955 | 11049 | 10856 | 10738 |
| Рошткалъа | 4874 | 7475 | 1160 | 1237 |
| Ишкошим | 4911 | 9224 | 3404 | 3440 |
| Мурғоб | 3051 | 4682 | 306 | 267 |
| ш.Хоруғ | 13783 | 22827 | 6496 | 6965 |

**Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ** *(ҳазор сомонӣ)*

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | - | - | 79650 | 82370 | 84918 | 97025 |
| Дарвоз | - | - | 9598 | 10131 | 10345 | 12026 |
| Ванҷ | - | - | 17282 | 18179 | 18743 | 23028 |
| Рӯшон | - | - | 9902 | 10200 | 10607 | 10931 |
| Шуғнон | - | - | 16504 | 16864 | 17387 | 20843 |
| Рошткалъа | - | - | 9244 | 9765 | 10074 | 11213 |
| Ишкошим | - | - | 8912 | 9155 | 9439 | 10588 |
| Мурғоб | - | - | 5783 | 5878 | 6061 | 6584 |
| ш.Хоруғ | - | - | 2125 | 2198 | 2262 | 1812 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 127801 | 132434 | 266604 | 288259 | 318244 |
| Дарвоз | 14898 | 15043 | 30953 | 32663 | 34545 |
| Ванҷ | 29336 | 30716 | 55109 | 60189 | 74987 |
| Рӯшон | 15122 | 16857 | 33723 | 34663 | 32910 |
| Шуғнон | 31820 | 30233 | 55474 | 60004 | 67135 |
| Рошткалъа | 15789 | 16602 | 31922 | 34484 | 39215 |
| Ишкошим | 11262 | 13063 | 39882 | 44993 | 46082 |
| Мурғоб | 7349 | 7459 | 15474 | 16814 | 17676 |
| ш.Хоруғ | 2225 | 2461 | 4067 | 4450 | 5694 |

**Заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо** (ғектар)

| | **1992** | **1995** | **2000** | **2002** | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 18129 | 14417 | 13567 | 13708 | 14216 | 13864 |
| Дарвоз | 2344 | 1418 | 1972 | 2007 | 2307 | 2310 |
| Ванҷ | 1967 | 1681 | 1750 | 1756 | 1770 | 1740 |
| Рӯшон | 2123 | 2236 | 1851 | 1853 | 1853 | 1586 |
| Шуғнон | 3684 | 3604 | 3175 | 2992 | 3000 | 3000 |
| Роштқалъа | 2061 | 1648 | 1686 | 1799 | 1871 | 1947 |
| Ишкошим | 3670 | 3033 | 2662 | 2677 | 2724 | 2966 |
| Мурғоб | 2280 | 744 | 172 | 269 | 270 | - |
| ш.Хоруғ | - | 53 | 299 | 355 | 421 | 315 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 13811 | 12740 | 12281 | 12188 | 12418 |
| Дарвоз | 2311 | 2199 | 2203 | 2243 | 2310 |
| Ванҷ | 1741 | 1772 | 1774 | 1781 | 1794 |
| Рӯшон | 1620 | 1620 | 1629 | 1630 | 1631 |
| Шуғнон | 3000 | 2059 | 2104 | 2108 | 2108 |
| Роштқалъа | 1963 | 1930 | 1467 | 1488 | 1538 |
| Ишкошим | 2965 | 3034 | 3034 | 2823 | 2964 |
| Мурғоб | - | - | - | | 1 |
| ш.Хоруғ | 211 | 126 | 70 | 115 | 72 |

**Аз он ҷумла зироатҳои ғалладона** (ғектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 4673 | 6037 | 8709 | 8741 | 8638 |
| Дарвоз | 935 | 686 | 1547 | 1725 | 1855 |
| Ванҷ | 373 | 660 | 943 | 893 | 896 |
| Рӯшон | 543 | 813 | 1071 | 1051 | 969 |
| Шуғнон | 897 | 1076 | 1663 | 1580 | 1504 |
| Роштқалъа | 683 | 1011 | 1362 | 1391 | 1438 |
| Ишкошим | 1242 | 1761 | 2052 | 2039 | 1897 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | - | 30 | 71 | 62 | 79 |

| | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 8818 | 8709 | 7771 | 6962 | 7176 | 7344 |
| Дарвоз | 1875 | 1735 | 1644 | 1516 | 1576 | 1658 |
| Ванҷ | 795 | 922 | 775 | 732 | 797 | 800 |
| Рӯшон | 935 | 846 | 861 | 748 | 691 | 696 |
| Шуғнон | 1540 | 1554 | 1073 | 1034 | 1121 | 1174 |
| Роштқалъа | 1652 | 1596 | 1399 | 1010 | 1065 | 1070 |
| Ишкошим | 2021 | 2026 | 1999 | 1922 | 1926 | 1946 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | - |
| Ш.Хоруғ | 45 | 30 | 20 | - | - | - |

**Картошка (гектар)**

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 839 | 645 | 1463 | 1671 | 1887 | 1809 |
| Дарвоз | 90 | 43 | 152 | 153 | 154 | 154 |
| Ванҷ | 128 | 105 | 240 | 281 | 301 | 360 |
| Рӯшон | 84 | 90 | 209 | 242 | 260 | 260 |
| Шуғнон | 120 | 101 | 335 | 386 | 433 | 447 |
| Роштқалъа | 127 | 95 | 160 | 173 | 176 | 177 |
| Ишкошим | 290 | 206 | 265 | 296 | 415 | 393 |
| Мурғоб | - | - | 50 | 100 | 106 | - |
| ш.Хоруғ | - | 5 | 52 | 40 | 42 | 18 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 1778 | 1819 | 1877 | 2003 | 2062 |
| Дарвоз | 155 | 162 | 174 | 185 | 195 |
| Ванҷ | 338 | 341 | 358 | 376 | 377 |
| Рӯшон | 224 | 262 | 263 | 273 | 276 |
| Шуғнон | 448 | 443 | 441 | 476 | 476 |
| Роштқалъа | 178 | 187 | 188 | 212 | 212 |
| Ишкошим | 380 | 406 | 444 | 468 | 511 |
| Мурғоб | 38 | - | - | - | 1 |
| ш.Хоруғ | 17 | 18 | 9 | 13 | 14 |

**Сабзавот** (гектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 180 | 154 | 294 | 412 | 460 | 441 |
| Дарвоз | 26 | 24 | 36 | 38 | 39 | 40 |
| Ванҷ | 54 | 36 | 52 | 70 | 78 | 108 |
| Рӯшон | 22 | 20 | 53 | 90 | 109 | 67 |
| Шуғнон | 41 | 40 | 93 | 125 | 132 | 133 |
| Роштқалъа | 19 | 11 | 16 | 29 | 36 | 39 |
| Ишкошим | 18 | 22 | 24 | 31 | 35 | 38 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | - | 1 | 20 | 29 | 31 | 16 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 432 | 473 | 502 | 534 | 554 |
| Дарвоз | 40 | 48 | 51 | 54 | 56 |
| Ванҷ | 109 | 108 | 118 | 119 | 132 |
| Рӯшон | 54 | 78 | 89 | 97 | 98 |
| Шуғнон | 136 | 138 | 140 | 147 | 149 |
| Роштқалъа | 40 | 41 | 42 | 47 | 47 |
| Ишкошим | 41 | 43 | 45 | 53 | 55 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 12 | 17 | 17 | 17 | 17 |

**Полезӣ** (гектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 7 | 8 | 6 | 6 | 8 | 10 |
| Дарвоз | 6 | - | - | | | |
| Ванҷ | 1 | 8 | 6 | 6 | 6 | 4 |
| Рӯшон | - | - | - | - | - | - |
| Шуғнон | - | - | - | - | - | - |
| Роштқалъа | - | - | - | - | - | - |
| Ишкошим | - | - | - | - | - | - |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | - | - | - | - | 2 | 6 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 17 | 19 | 16 | 18 | 17 |
| Дарвоз | 10 | 11 | 11 | 11 | 11 |
| Ванҷ | 3 | 6 | 5 | 7 | 6 |
| Рӯшон | - | - | - | - | - |
| Шуғнон | - | - | - | - | - |
| Роштқалъа | - | - | - | -- | - |
| Ишкошим | - | - | - | - | - |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 4 | 2 | - | - | - |

**Зироатҳои хӯроки чорво** (гектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 11849 | 7532 | 2899 | 2857 | 3061 | 2555 |
| Дарвоз | 1219 | 638 | 79 | 115 | 208 | 145 |
| Ванҷ | 1104 | 867 | 507 | 506 | 489 | 473 |
| Рӯшон | 1355 | 1312 | 513 | 457 | 457 | 319 |
| Шуғнон | 2539 | 2379 | 1084 | 901 | 931 | 880 |
| Роштқалъа | 1232 | 531 | 107 | 206 | 221 | 79 |
| Ишкошим | 2120 | 1044 | 321 | 311 | 377 | 514 |
| Мурғоб | 2280 | 744 | 122 | 145 | 164 | - |
| ш.Хоруғ | - | 17 | 156 | 192 | 214 | 145 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 2687 | 2594 | 2853 | 2387 | 2370 |
| Дарвоз | 205 | 268 | 387 | 352 | 325 |
| Ванҷ | 485 | 542 | 561 | 482 | 479 |
| Рӯшон | 259 | 421 | 522 | 564 | 555 |
| Шуғнон | 862 | 405 | 489 | 364 | 309 |
| Роштқалъа | 149 | 303 | 227 | 164 | 209 |
| Ишкошим | 518 | 586 | 623 | 376 | 452 |
| Мурғоб | 61 | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 148 | 69 | 44 | 85 | 41 |

## Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ

### **Ғалла** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 4276 | 4778 | 11167 | 13877 | 14790 | 14931 |
| Дарвоз | 591 | 342 | 1514 | 2156 | 2486 | 2643 |
| Ванҷ | 285 | 593 | 2047 | 2273 | 2289 | 2036 |
| Рӯшон | 607 | 683 | 1970 | 2146 | 2152 | 2160 |
| Шуғнон | 767 | 682 | 2146 | 2379 | 2445 | 2446 |
| Роштқалъа | 551 | 700 | 1629 | 1808 | 2069 | 2409 |
| Ишкошим | 1475 | 1778 | 1861 | 3043 | 3282 | 3202 |
| Мурғоб | 0 | 0 | 0 | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 0 | 0 | 0 | 72 | 67 | 35 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 13641 | 12953 | 13429 | 14371 | 15998 |
| Дарвоз | 2519 | 2531 | 2464 | 2611 | 3333 |
| Ванҷ | 2114 | 2145 | 2030 | 2314 | 2426 |
| Рӯшон | 1872 | 1884 | 1617 | 1524 | 1585 |
| Шуғнон | 2605 | 1477 | 1479 | 1784 | 1909 |
| Роштқалъа | 2410 | 2198 | 1728 | 1932 | 2171 |
| Ишкошим | 2103 | 2699 | 4111 | 4242 | 4574 |
| Мурғоб | --- | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 18 | 19 | - | - | - |

### **Сабзавот** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 1645 | 1172 | 6754 | 10294 | 11966 | 12204 |
| Дарвоз | 92 | 109 | 756 | 858 | 924 | 985 |
| Ванҷ | 179 | 158 | 1493 | 2100 | 2409 | 3411 |
| Рӯшон | 234 | 162 | 1070 | 1820 | 2289 | 1630 |
| Шуғнон | 730 | 542 | 2382 | 3669 | 4073 | 4127 |
| Роштқалъа | 210 | 80 | 348 | 612 | 856 | 957 |
| Ишкошим | 200 | 121 | 705 | 524 | 691 | 745 |
| Мурғоб | 0 | 0 | 0 | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 0 | 20 | 458 | 711 | 724 | 351 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 12060 | 13459 | 14572 | 15738 | 16725 |
| Дарвоз | 998 | 1233 | 1326 | 1437 | 1524 |
| Ванҷ | 3559 | 3792 | 4149 | 4247 | 4743 |
| Рӯшон | 1331 | 1915 | 2261 | 2489 | 2534 |
| Шуғнон | 4313 | 4378 | 4515 | 4797 | 5031 |
| Роштқалъа | 957 | 1040 | 1081 | 1228 | 1250 |
| Ишкошим | 641 | 748 | 871 | 1112 | 7182 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 260 | 353 | 370 | 428 | 461 |

**Картошка** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 8143 | 6137 | 23735 | 30597 | 36467 | 37634 |
| Дарвоз | 414 | 213 | 2888 | 3192 | 3311 | 3357 |
| Ванҷ | 1280 | 1016 | 5520 | 7206 | 8032 | 9552 |
| Рӯшон | 670 | 788 | 2953 | 3744 | 4178 | 4709 |
| Шуғнон | 1219 | 1082 | 5831 | 8014 | 9220 | 9540 |
| Роштқалъа | 1100 | 803 | 3066 | 3364 | 4030 | 4058 |
| Ишкошим | 3460 | 2235 | 3477 | 3712 | 6471 | 6128 |
| Мурғоб | 0 | 0 | 0 | 621 | 480 | - |
| ш.Хоруғ | 0 | 76 | 535 | 744 | 745 | 289 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 34931 | 37276 | 41502 | 45856 | 48068 |
| Дарвоз | 3399 | 3559 | 3854 | 4154 | 4393 |
| Ванҷ | 9025 | 9240 | 9924 | 10537 | 10876 |
| Рӯшон | 4036 | 4742 | 4998 | 5186 | 5263 |
| Шуғнон | 9544 | 9644 | 10022 | 10920 | 11021 |
| Роштқалъа | 4058 | 4301 | 4345 | 4925 | 4946 |
| Ишкошим | 4478 | 5492 | 8152 | 9828 | 11242 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 291 | 298 | 207 | 306 | 325 |

**Полези** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 5 | 13 | 100 | 134 | 300 | 117 |
| Дарвоз | 1 | 0 | 0 | | | |
| Ванҷ | 4 | 13 | 100 | 134 | 296 | 117 |
| Рӯшон | - | - | - | - | - | - |
| Шуғнон | - | - | - | - | - | - |
| Роштқалъа | - | - | - | - | - | - |
| Ишкошим | - | - | - | - | - | - |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | - | - | - | - | 4 | - |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 142 | 232 | 189 | 277 | 260 |
| Дарвоз | 45 | 50 | 52 | 53 | 57 |
| Ванҷ | 89 | 152 | 137 | 224 | 203 |
| Рӯшон | - | - | - | - | - |
| Шуғнон | - | - | - | - | - |
| Роштқалъа | - | - | - | - | - |
| Ишкошим | - | - | - | - | - |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 8 | 30 | - | - | - |

**Меваҷот** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶАМЪ ДАР ВМКБ | 1214 | 559 | 5615 | 8519 | 8628 | 9215 |
| Дарвоз | 46 | 56 | 504 | 546 | 575 | 607 |
| Ванҷ | 342 | 101 | 2794 | 4697 | 4333 | 4827 |
| Рӯшон | 367 | 245 | 1400 | 1747 | 1942 | 1981 |
| Шуғнон | 339 | 66 | 539 | 765 | 978 | 1010 |
| Роштқалъа | 46 | 13 | 177 | 422 | 451 | 452 |
| Ишкошим | 74 | 78 | 201 | 167 | 174 | 180 |
| Мурғоб | 0 | 0 | 0 | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 0 | 10 | 95 | 175 | 175 | 158 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 10431 | 10801 | 11205 | 12155 | 13894 |
| Дарвоз | 616 | 622 | 635 | 651 | 668 |
| Ванҷ | 4928 | 4901 | 5127 | 5744 | 7117 |
| Рӯшон | 1984 | 1987 | 1867 | 1879 | 1883 |
| Шуғнон | 2143 | 2377 | 2633 | 2912 | 2996 |
| Роштқалъа | 493 | 507 | 523 | 571 | 641 |
| Ишкошим | 163 | 264 | 295 | 256 | 277 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| ш.Хоруғ | 104 | 143 | 125 | 142 | 312 |

## Ҳосилнокии зироатхои кишоварзӣ

**Ҳосилнокии ғалладона ва лӯбиёӣ** (сентнер аз 1 ғектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 8,3 | 7,9 | 13 | 16,0 | 17,0 |
| Дарвоз | 6 | 5 | 10 | 12,0 | 13,0 |
| Ванҷ | 8 | 9 | 22 | 25,0 | 26,0 |
| Рӯшон | 7 | 8 | 18 | 20,0 | 22,0 |
| Шуғнон | 7 | 6 | 13 | 15,0 | 16,0 |
| Роштқалъа | 12 | 10 | 9 | 13,0 | 14,0 |
| Ишкошим | - | - | - | 15,0 | 17,0 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | - | 11 | 8 | 12,0 | 8,0 |

| | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 17,0 | 15,9 | 16,7 | 19,3 | 20,1 | 21,8 |
| Дарвоз | 14,0 | 15,0 | 15,4 | 16,3 | 16,9 | 20,1 |
| Ванҷ | 26,0 | 26,0 | 27,7 | 27,7 | 29,0 | 30,3 |
| Рӯшон | 23,0 | 22,0 | 21,9 | 21,6 | 22,1 | 22,8 |
| Шуғнон | 16,0 | 17,0 | 13,8 | 14,3 | 15,6 | 16,3 |
| Роштқалъа | 15,0 | 10,0 | 15,7 | 17,1 | 18,1 | 20,3 |
| Ишкошим | 16,0 | 10,0 | 13,5 | 21,4 | 22,0 | 23,5 |
| Мурғоб | - | - | - | | - | - |
| Хоруғ | 8,0 | 6,0 | 9,6 | 0 | - | - |

**Сабзавот** (сентнер аз 1-гектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 145 | 105 | 230 | 250,0 | 260,0 | 277,0 |
| Дарвоз | 65 | 45 | 210 | 226,0 | 237,0 | 246,0 |
| Ванҷ | 163 | 96 | 287 | 300,0 | 309,0 | 316,0 |
| Рӯшон | 137 | 109 | 202 | 202,0 | 210,0 | 243,0 |
| Шуғнон | 197 | 153 | 256 | 293,0 | 309,0 | 310,0 |
| Роштқалъа | 118 | 84 | 103 | 218,0 | 238,0 | 246,0 |
| Ишкошим | - | - | - | 169,0 | 197,0 | 196,0 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | |
| Хоруғ | - | 194 | 229 | 245,0 | 234,0 | 219,0 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 279,2 | 284,5 | 290,3 | 294,7 | 301,9 |
| Дарвоз | 250,0 | 256,9 | 260,0 | 266,1 | 272,1 |
| Ванҷ | 327,0 | 351,1 | 351,6 | 356,9 | 359,3 |
| Рӯшон | 247,0 | 245,5 | 254,1 | 256,6 | 258,6 |
| Шуғнон | 317,0 | 317,3 | 322,5 | 326,3 | 337,7 |
| Роштқалъа | 239,0 | 253,6 | 257,3 | 261,3 | 266,0 |
| Ишкошим | 156,0 | 174,0 | 193,5 | 209,8 | 214,9 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | 217,0 | 207,4 | 217,5 | 251,8 | 271,4 |

**Картошка** (сентнер аз 1-гектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 117 | 85 | 162 | 184,0 | 193,3 | 208,0 |
| Дарвоз | 18 | 49 | 190 | 209,0 | 215,0 | 218,0 |
| Ванҷ | 145 | 97 | 230 | 256,0 | 267,0 | 265,0 |
| Рӯшон | 116 | 87 | 141 | 155,0 | 161,0 | 181,1 |
| Шуғнон | 116 | 86 | 174 | 208,0 | 213,0 | 213,0 |
| Роштқалъа | 123 | 93 | 109 | 205,0 | 229,0 | 229,0 |
| Ишкошим | - | - | - | 125,0 | 156,0 | 156,0 |
| Мурғоб | - | - | - | 62,0 | 45,0 | - |
| Хоруғ | - | 143 | 103 | 186,0 | 177,0 | 161,0 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 200,8 | 204,9 | 221,1 | 228,9 | 233,1 |
| Дарвоз | 219,0 | 219,7 | 221,5 | 224,5 | 225,3 |
| Ванҷ | 267,0 | 271,0 | 277,2 | 280,2 | 288,5 |
| Рӯшон | 180,0 | 181,0 | 190,0 | 190,0 | 190,7 |
| Шуғнон | 215,0 | 217,7 | 227,3 | 229,4 | 231,5 |
| Роштқалъа | 228,0 | 230,0 | 231,1 | 232,3 | 233,3 |
| Ишкошим | 118,0 | 135,3 | 183,6 | 210,0 | 220,0 |
| Мурғоб | - | - | - | - | 17,0 |
| Хоруғ | 171,0 | 165,4 | 230,2 | 235,4 | 232,4 |

**Полезӣ.** (сентнер аз 1-гектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | - | - | - | 223,0 | 375 | 117,0 |
| Дарвоз | - | - | - | - | - | - |
| Ванҷ | - | - | - | 223,0 | 493,0 | 293,0 |
| Рӯшон | - | - | - | - | - | - |
| Шуғнон | - | - | - | - | - | - |
| Роштқалъа | - | - | - | - | - | - |
| Ишкошим | - | - | - | - | - | - |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | - | - | - | - | 22,0 | - |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 83,7 | 122,1 | 117,8 | 153,9 | 152,9 |
| Дарвоз | 45,0 | 45,0 | 47,0 | 48,2 | 51,8 |
| Ванҷ | 297,7 | 250,0 | 273,6 | 320,0 | 338,3 |
| Рӯшон | - | - | - | - | - |
| Шуғнон | - | - | - | - | - |
| Роштқалъа | - | - | - | - | - |
| Ишкошим | - | - | - | - | - |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | 20,0 | 150,0 | - | - | - |

**Мевачот** (сентнер аз 1-гектар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 8,6 | 5,3 | 30 | 52,0 | 53,0 | 56,0 |
| Дарвоз | 7,0 | 33 | 48 | 50,0 | 53,0 | 56,0 |
| Ванҷ | 8,0 | 38 | 59 | 95,0 | 88,0 | 96,0 |
| Рӯшон | 15 | 36 | 57 | 71,0 | 79,0 | 77,0 |
| Шуғнон | 13 | 33 | 18 | 25,0 | 33,0 | 34,0 |
| Рошткалъа | 3 | 12 | 4 | 71,0 | 78,0 | 78,0 |
| Ишкошим | - | | - | 6,0 | 6,0 | 6,0 |
| Мурғоб | - | | - | | | |
| Хоруғ | - | 19 | 9 | 13,0 | 14,0 | 13,0 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 54,0 | 51,8 | 53,8 | 60,0 | 69,1 |
| Дарвоз | 57,0 | 66,2 | 66,8 | 68,5 | 70,3 |
| Ванҷ | 98,0 | 98,4 | 103,0 | 112,6 | 139,8 |
| Рӯшон | 80,0 | 78,8 | 74,1 | 74,6 | 74,7 |
| Шуғнон | 35,0 | 38,9 | 43,1 | 47,7 | 49,0 |
| Рошткалъа | 40,0 | 47,8 | 49,3 | 53,9 | 60,5 |
| Ишкошим | 6,0 | 9,3 | 10,5 | 12,0 | 12,9 |
| Мурғоб | | | | - | - |
| Хоруғ | 16,0 | 6,0 | 5,2 | 5,9 | 13,9 |

## Истехсоли маҳсулоти чорвопарвари дар ҳамаи категорияҳои хочагиҳо

**Чорво ва мурғ** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 7997 | 5182 | 4542 | 5468 | 5818 | 5931 |
| Дарвоз | 1015 | 629 | 181 | 270 | 356 | 372 |
| Ванҷ | 643 | 450 | 746 | 1186 | 1194 | 1232 |
| Рӯшон | 560 | 550 | 312 | 354 | 413 | 430 |
| Шуғнон | 1266 | 910 | 762 | 786 | 930 | 941 |
| Рошткалъа | 1158 | 729 | 886 | 1034 | 1041 | 1051 |
| Ишкошим | 1050 | 740 | 304 | 319 | 361 | 370 |
| Мурғоб | 2231 | 1100 | 1249 | 1392 | 1396 | 1405 |
| Хоруғ | 74 | 74 | 102 | 127 | 127 | 130 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 6093 | 6295 | 6640 | 7018 | 7448 |
| Дарвоз | 385 | 392 | 396 | 401 | 349 |
| Ванҷ | 1257 | 1328 | 1406 | 1491 | 1587 |
| Рӯшон | 487 | 492 | 494 | 511 | 544 |
| Шуғнон | 942 | 955 | 961 | 974 | 991 |
| Роштқалъа | 1052 | 1116 | 1124 | 1135 | 1364 |
| Ишкошим | 374 | 380 | 602 | 678 | 733 |
| Мурғоб | 1460 | 1490 | 1512 | 1680 | 1732 |
| Хоруғ | 136 | 142 | 145 | 147 | 148 |

**Шир.** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 8486 | 3013 | 8388 | 10745 | 11928 | 12474 |
| Дарвоз | 1258 | 290 | 1310 | 1888 | 2254 | 2326 |
| Ванҷ | 1495 | 350 | 2168 | 2497 | 2530 | 2569 |
| Рӯшон | 1537 | 355 | 866 | 1017 | 1031 | 1135 |
| Шуғнон | 1914 | 810 | 864 | 1530 | 2142 | 2398 |
| Роштқалъа | 1297 | 682 | 1313 | 1459 | 1482 | 1482 |
| Ишкошим | 595 | 217 | 707 | 799 | 851 | 859 |
| Мурғоб | 108 | 138 | 989 | 1081 | 1098 | 1099 |
| Хоруғ | 282 | 171 | 171 | 474 | 540 | 606 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 12769 | 13044 | 15177 | 15862 | 17122 |
| Дарвоз | 2420 | 2452 | 2538 | 2626 | 2238 |
| Ванҷ | 2734 | 2857 | 3262 | 3386 | 3611 |
| Рӯшон | 1136 | 1150 | 1174 | 1187 | 1583 |
| Шуғнон | 2405 | 2476 | 3030 | 3413 | 3473 |
| Роштқалъа | 1482 | 1488 | 1613 | 1628 | 2255 |
| Ишкошим | 870 | 875 | 1719 | 1762 | 2045 |
| Мурғоб | 1110 | 1135 | 1195 | 1212 | 1269 |
| Хоруғ | 611 | 611 | 645 | 647 | 648 |

**Тухм** (ҳазор. дона)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 52 | - | 3772 | 4702 | 3821 | 3947 |
| Дарвоз | 10 | - | 795 | 1091 | 1141 | 1172 |
| Ванҷ | 42 | - | 1731 | 1885 | 480 | 486 |
| Рӯшон | - | - | 597 | 753 | 1054 | 1060 |
| Шуғнон | - | - | 208 | 338 | 411 | 420 |
| Рошткалъа | - | - | 227 | 252 | 259 | 264 |
| Ишкошим | - | - | 170 | 218 | 220 | 227 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | - | - | 44 | 165 | 256 | 318 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 4026 | 4120 | 4346 | 4370 | 5080 |
| Дарвоз | 1174 | 1175 | 1175 | 1176 | 981 |
| Ванҷ | 490 | 620 | 839 | 1025 | 1772 |
| Рӯшон | 1064 | 1064 | 1011 | 803 | 977 |
| Шуғнон | 423 | 427 | 430 | 465 | 467 |
| Рошткалъа | 273 | 281 | 345 | 346 | 275 |
| Ишкошим | 281 | 231 | 296 | 303 | 353 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | 321 | 322 | 250 | 252 | 255 |

**Пашм** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 319 | 208 | 141 | 158 | 165 | 170 |
| Дарвоз | 106 | 60 | 23 | 24 | 25 | 26 |
| Ванҷ | 4 | 5 | 8 | 12 | 13 | 18 |
| Рӯшон | 10 | 6 | 13 | 14 | 15 | 15 |
| Шуғнон | 42 | 30 | 20 | 22 | 22 | 23 |
| Рошткалъа | 22 | 16 | 27 | 30 | 32 | 33 |
| Ишкошим | 60 | 40 | 22 | 24 | 25 | 25 |
| Мурғоб | 75 | 51 | 25 | 26 | 26 | 23 |
| Хоруғ | - | - | 3 | 6 | 7 | 7 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 176 | 175 | 181 | 186 | 194 |
| Дарвоз | 27 | 29 | 29 | 30 | 24 |
| Ванҷ | 20 | 14 | 14 | 14 | 17 |
| Рӯшон | 15 | 15 | 16 | 16 | 17 |
| Шуғнон | 23 | 23 | 23 | 24 | 24 |
| Роштқалъа | 37 | 38 | 41 | 42 | 46 |
| Ишкошим | 25 | 26 | 27 | 27 | 31 |
| Мурғоб | 22 | 23 | 23 | 25 | 27 |
| Хоруғ | 7 | 7 | 8 | 8 | 8 |

**Асал** (тонна)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 1 | 1 | 39 | 52 | 56 | 60 |
| Дарвоз | - | - | 24 | 36 | 37 | 38 |
| Ванҷ | - | - | 3 | 4 | 4 | 5 |
| Рӯшон | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Шуғнон | - | - | 6 | 6 | 9 | 11 |
| Роштқалъа | -- | -- | 4 | 4 | 4 | 4 |
| Ишкошим | - | - | - | | | |
| Мурғоб | - | - | - | | | |
| Хоруғ | - | - | 1 | 1 | 1 | 1 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 63 | 69 | 79 | 102 | 109 |
| Дарвоз | 40 | 44 | 46 | 56 | 55 |
| Ванҷ | 5 | 7 | 14 | 24 | 29 |
| Рӯшон | 1 | 1 | 1 | 2 | 4 |
| Шуғнон | 11 | 11 | 11 | 12 | 12 |
| Роштқалъа | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 |
| Ишкошим | | | 1 | 1 | 2 |
| Мурғоб | | | - | - | - |
| Хоруғ | 2 | 2 | 2 | 2 | 3 |

**Саршумори чорво ва мурғ дар ҳамаи категорияҳо хоҷагиҳо**

**Чорвои калон.** (Сар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 73885 | 70901 | 79372 | 87908 | 92218 | 91286 |
| Дарвоз | 7652 | 6933 | 9108 | 9548 | 9760 | 9872 |
| Ванҷ | 7402 | 7990 | 10904 | 12091 | 12623 | 12882 |
| Рӯшон | 7736 | 7391 | 6904 | 6948 | 7258 | 7636 |
| Шуғнон | 14430 | 13062 | 15230 | 20559 | 23388 | 23839 |
| Роштқалъа | 11235 | 9892 | 10061 | 12671 | 12687 | 12701 |
| Ишкошим | 9985 | 9271 | 12342 | 10223 | 10424 | 10515 |
| Мурғоб | 14621 | 15503 | 13756 | 13981 | 14090 | 11832 |
| Хоруғ | 824 | 879 | 1067 | 1887 | 1988 | 2009 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 92036 | 93619 | 96541 | 101593 | 101646 |
| Дарвоз | 9926 | 10012 | 10098 | 10461 | 8755 |
| Ванҷ | 13062 | 13673 | 14183 | 14640 | 15040 |
| Рӯшон | 7681 | 8032 | 8057 | 8328 | 8403 |
| Шуғнон | 23938 | 23948 | 24114 | 24391 | 24876 |
| Роштқалъа | 12705 | 12733 | 13260 | 13388 | 13569 |
| Ишкошим | 10705 | 10832 | 12187 | 12436 | 12604 |
| Мурғоб | 12024 | 12385 | 12628 | 15924 | 16364 |
| Хоруғ | 1995 | 2004 | 2014 | 2025 | 2035 |

**Аз он ҷумла модагов.** (Сар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 29134 | 28732 | 31594 | 32531 | 32790 | 31538 |
| Дарвоз | 3276 | 2927 | 2965 | 3014 | 3060 | 3082 |
| Ванҷ | 3535 | 4014 | 4785 | 5108 | 5114 | 5132 |
| Рӯшон | 2822 | 2989 | 2895 | 2906 | 3004 | 3007 |
| Шуғнон | 5590 | 5568 | 5934 | 6075 | 6149 | 6154 |
| Роштқалъа | 3600 | 3691 | 4062 | 4386 | 4391 | 4413 |
| Ишкошим | 4080 | 3943 | 4348 | 4387 | 3970 | 3983 |
| Мурғоб | 5711 | 5080 | 6124 | 5767 | 6111 | 4727 |
| Хоруғ | 520 | 520 | 481 | 888 | 991 | 1040 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 32161 | 33069 | 35291 | 37050 | 37627 |
| Дарвоз | 3104 | 3201 | 3291 | 3348 | 2745 |
| Ванҷ | 5178 | 5274 | 5327 | 5346 | 5358 |
| Рӯшон | 3017 | 3022 | 3083 | 3238 | 3283 |
| Шуғнон | 6456 | 6486 | 7256 | 8002 | 8964 |
| Рошткалъа | 4413 | 4428 | 4443 | 4516 | 4534 |
| Ишкошим | 4005 | 4100 | 4392 | 4512 | 4532 |
| Мурғоб | 4967 | 5537 | 6474 | 7062 | 7184 |
| Хоруғ | 1021 | 1021 | 1025 | 1026 | 1027 |

**Қутос.** (Сар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 13535 | 12166 | 12515 | 15538 | 15122 | 13449 |
| Дарвоз | - | - | - | - | - | - |
| Ванҷ | - | - | - | - | - | - |
| Рӯшон | 489 | 534 | 600 | 409 | 447 | 494 |
| Шуғнон | 2127 | 1620 | 670 | 1021 | 1033 | 1044 |
| Рошткалъа | 535 | 418 | 440 | 348 | 220 | 212 |
| Ишкошим | 739 | 626 | 708 | 767 | 355 | 378 |
| Мурғоб | 9645 | 8813 | 9912 | 12842 | 12920 | 11179 |
| Хоруғ | - | 155 | 185 | 151 | 147 | 142 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 13656 | 14261 | 14369 | 18040 | 18484 |
| Дарвоз | - | - | - | - | - |
| Ванҷ | - | - | - | - | - |
| Рӯшон | 565 | 587 | 580 | 635 | 688 |
| Шуғнон | 1098 | 1137 | 1142 | 1264 | 1279 |
| Рошткалъа | 195 | 230 | 412 | 537 | 542 |
| Ишкошим | 381 | 393 | 282 | 288 | 317 |
| Мурғоб | 11338 | 11835 | 11885 | 15214 | 15551 |
| Хоруғ | 79 | 79 | 68 | 102 | 107 |

**Гусфанду буз.** (Сар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ ВМКБ | 292449 | 237577 | 229074 | 250369 | 261754 | 259709 |
| Дарвоз | 28630 | 24597 | 23910 | 24978 | 25410 | 26457 |
| Ванҷ | 18108 | 15599 | 23688 | 24694 | 25219 | 25244 |
| Рӯшон | 29355 | 24088 | 22519 | 23365 | 25178 | 28243 |
| Шуғнон | 49310 | 40304 | 38133 | 48289 | 53304 | 53421 |
| Роштқалъа | 49820 | 42925 | 38349 | 49221 | 49232 | 49294 |
| Ишкошим | 47803 | 39584 | 45766 | 39417 | 41413 | 41921 |
| Мурғоб | 67834 | 48861 | 32444 | 33755 | 34905 | 27947 |
| Хоруғ | 1589 | 1589 | 4265 | 6650 | 7093 | 7182 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 262889 | 267112 | 278615 | 305108 | 305108 |
| Дарвоз | 26983 | 27375 | 27954 | 30280 | 25289 |
| Ванҷ | 25936 | 26809 | 28179 | 31366 | 31594 |
| Рӯшон | 28607 | 29230 | 29282 | 30239 | 30645 |
| Шуғнон | 53819 | 53834 | 54249 | 56838 | 57133 |
| Роштқалъа | 49316 | 50760 | 51511 | 52819 | 53923 |
| Ишкошим | 42167 | 42650 | 47395 | 50404 | 51345 |
| Мурғоб | 28425 | 28872 | 32386 | 45933 | 47492 |
| Хоруғ | 7636 | 7582 | 7659 | 7684 | 7687 |

**Мурғ.** (Сар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 1632 | 86 | 80740 | 99648 | 83838 | 91860 |
| Дарвоз | 580 | 60 | 18280 | 22186 | 23080 | 24756 |
| Ванҷ | 898 | 26 | 31768 | 38198 | 19062 | 19620 |
| Рӯшон | 112 | - | 13458 | 15800 | 17199 | 22174 |
| Шуғнон | 42 | - | 4857 | 7674 | 7945 | 8040 |
| Роштқалъа | - | - | 7456 | 3693 | 3715 | 3731 |
| Ишкошим | - | - | 3292 | 8340 | 8629 | 8953 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | - | - | 1629 | 3757 | 4208 | 4586 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 93553 | 103913 | 105809 | 118244 | 118244 |
| Дарвоз | 25048 | 25336 | 25410 | 26889 | 24048 |
| Ванҷ | 19959 | 26030 | 32708 | 36273 | 38854 |
| Рӯшон | 22297 | 22311 | 16989 | 16996 | 16622 |
| Шуғнон | 8498 | 8615 | 8012 | 8404 | 8583 |
| Рошткалъа | 3848 | 7016 | 7120 | 7143 | 7120 |
| Ишкошим | 9285 | 9973 | 11320 | 18287 | 18717 |
| Мурғоб | - | - | - | - | - |
| Хоруғ | 4618 | 4632 | 4250 | 4252 | 4300 |

**Асп.** (Сар)

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 1271 | 1645 | 1230 | 1252 | 1197 | 860 |
| Дарвоз | 520 | 635 | 565 | 581 | 583 | 519 |
| Ванҷ | 14 | 36 | 86 | 96 | 84 | 86 |
| Рӯшон | 11 | 11 | 15 | 14 | 16 | 14 |
| Шуғнон | 105 | 75 | 54 | 65 | 69 | 70 |
| Рошткалъа | 16 | 18 | 13 | 25 | 25 | 25 |
| Ишкошим | 21 | 22 | 25 | 10 | 10 | 9 |
| Мурғоб | 584 | 840 | 472 | 460 | 409 | 136 |
| Хоруғ | - | 8 | - | 1 | 1 | 1 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъ дар ВМКБ | 678 | 642 | 577 | 545 | 367 |
| Дарвоз | 375 | 382 | 387 | 391 | 216 |
| Ванҷ | 76 | 61 | 24 | 24 | 24 |
| Рӯшон | 15 | 15 | 15 | 15 | 12 |
| Шуғнон | 71 | 72 | 38 | 40 | 37 |
| Рошткалъа | 25 | 25 | 25 | 28 | 32 |
| Ишкоши м | 9 | 7 | 7 | 7 | 7 |
| Мурғоб | 107 | 80 | 81 | 40 | 39 |
| Хоруғ | - | - | - | - | - |

**Ба кор андохтани фондҳои асоси, иншоотҳо ва объектҳо**
*(то соли 2000 ҳазор рубл аз соли 2000 ҳазор сомонӣ)*

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Фондҳои асоси (ҳаз сомони) | 2475 | 139,4 | 1302 | 3322 | 2777 | 1594 |
| Хонаҳои истиқомати ($м^2$) | 44200 | 47063 | 12742 | 10721 | 10271 | 9611 |
| Мактаб (талаба) | 3107 | 405 | 417 | 1121 | 250 | 15 |
| Табобатхона (кат) | - | 25 | 20 | - | - | 24 |

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Фондҳои асоси (ҳаз сомони) | 3244 | 37458 | 5469 | 32178 | 22437,9 |
| Хонаҳои истиқомати ($м^2$) | 8159 | 5200 | 5500 | 10530 | 10561 |
| Мактаб (талаба) | 240 | 300 | 460 | 940 | 3100 |
| Табобатхона (кат) | - | 41 | 60 | - | 249 |

**Маблағгузори аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳи.**
*(то соли 2000 ҳазор рубл аз соли 2000 ҳазор сомонӣ)*

| | 1992 | 1995 | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 31106 | 155,5 | 1627 | 5002,6 | 31006,7 | 70757,8 |
| Дарвоз | 1655 | 26,2 | 256 | 184,4 | 23367,1 | 64310,3 |
| Ванҷ | 4302 | 27,8 | 181 | 856,4 | 384,1 | 190,9 |
| Рӯшон | 3264 | 5,8 | 342 | 521,2 | 356,1 | 492,7 |
| Шуғнон | 5022 | 29,1 | 223 | 781,3 | 2027,9 | 2197,8 |
| Рошткалъа | - | 18,1 | 81 | 714,3 | 554,3 | 295,2 |
| Ишкошим | 3459 | 20,4 | 463 | 141,9 | 207,1 | 316,7 |
| Мурғоб | 1293 | 4,2 | 13 | 36,6 | 3331,5 | 1784,1 |
| ш.Хоруғ | 12111 | 23,9 | 68 | 1766,5 | 778,6 | 1170,1 |

**Маблағгузори аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядиҳи**

*. (ҳазор сомони)*

| | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 72300 | 25642 | 25499 | 59035 | 87766 |
| Дарвоз | 44702 | 1283 | 2578 | 17843 | 17278 |
| Ванҷ | 140 | 877 | 2002 | 5576 | 9504 |
| Рӯшон | 294 | 1221 | 2300 | 4911 | 6343 |
| Шуғнон | 11699 | 6598 | 2368 | 4396 | 4289 |
| Рошткалъа | 760 | 493 | 2101 | 2602 | 5631 |
| Ишкошим | 239 | 1382 | 1873 | 2602 | 6605 |
| Мурғоб | 12524 | 284 | 1926 | 1860 | 3802 |
| ш.Хоруғ | 1942 | 13504 | 10351 | 19245 | 34314 |

**Маблағгузори аз ҳисоби инвестисияи хориҷи** *(ҳазор сомонӣ)*

*(солҳои 1992-2003 инвеститсия набуд)*

| | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 52930 | 61153 | 16962 | 8029 | 22965 | 21307 |
| Дарвоз | 47843 | 37035 | 259 | 284 | 12118 | 9925 |
| Ванҷ | 177 | 126 | 218 | 646 | 244 | 3248 |
| Рӯшон | 2758 | 268 | 896 | 1282 | 2323 | 1347 |
| Шуғнон | 2174 | 11676 | 6031 | 809 | 1924 | 538 |
| Рошткалъа | 235 | 166 | 44 | 1171 | 430 | 1348 |
| Ишкошим | 82 | 233 | 1101 | 418 | 287 | 406 |
| Мурғоб | 1777 | 11496 | 20 | 197 | 178 | 923 |
| ш.Хоруғ | 364 | 153 | 8393 | 3222 | 5461 | 3592 |

**Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ**

| | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 |
|---|---|---|---|---|---|
| Амалиётҳои берун аз марҷ (адад) | 615 | 361 | 337 | 433 | 704 |
| Аз он ҷумла Гардиши савдо | 241 | 115 | 18 | 127 | 323 |
| Содирот | 1 | 1 | - | 28 | 40 |
| Воридот | 240 | 114 | 118 | 99 | 283 |
| Гардиши ғайрисавдо | 374 | 246 | 219 | 306 | 381 |
| Аз он ҷумла Содирот | 56 | 89 | 35 | 59 | 115 |
| Воридот | 318 | 157 | 184 | 247 | 266 |
| Транзити | - | - | - | - | 31 |
| Маблағи гардиши молҳои воридшуда гардиши савдо (ҳазори доллар ИМА) | 98,3 | 101 | 1704 | 473,2 | 1462 |
| | 2000 | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 |
| Ҳаҷми молҳои воридшуда (тонн) | 51446 | 56463 | 19415 | 14391 | 20240 |
| Дар гардиши савдо | 338 | 1176 | 516 | 756 | 6111 |
| Азон ҷумла: Содирот | 9 | 3 | - | 40 | 273 |
| Воридот | 329 | 1176 | 516 | 716 | 5838 |
| Дар гардиши ғайрисавдо (тонн) | 51109 | 55284 | 18899 | 13635 | 14129 |
| Содирот | 834 | 2904 | 7865 | 5917 | 5428 |
| Воридот | 28871 | 15551 | 6773 | 6038 | 8101 |
| Транзити дохили | 21404 | 3629 | 4261 | 1680 | 600 |
| Батанзимдарории ЭБТ | 617 | 387 | 280 | 438 | 723 |
| ҲАМАГИ (адад) | | | | | |
| Азон ҷумла: Содирот | 29 | 60 | 66 | 79 | 146 |
| Воридот | 474 | 237 | 183 | 342 | 546 |
| Транзити | 114 | 90 | 31 | 17 | 31 |
| Барасмиятдарории эъломияи транзити (адад) | 997 | 738 | 598 | 642 | 1028 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Додани шаҳодатномаи воридоти нақлиёт (адад) | 34 | 50 | 87 | 141 | 216 |
| Брасмиятдарории назорати хатти (адад) | - | - | - | - | 10 |

| | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
|---|---|---|---|---|
| Амалиётҳои берун аз марҷ (адад) | 1859 | 5624 | 4551 | 1139 |
| Аз он ҷумла Гардиши савдо | 388 | 847 | 1014 | 738 |
| Содирот | 29 | 39 | 16 | 11 |
| Воридот | 359 | 808 | 998 | 727 |
| Гардиши ғайрисавдо | 1471 | 4777 | 3537 | 401 |
| Аз он ҷумла Содирот | 95 | 79 | 94 | 108 |
| Воридот | 1355 | 4660 | 3416 | 219 |
| Транзити | 21 | 38 | 27 | 74 |
| | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 |
| Маблағи гардиши молҳои воридшуда гардиши савдо (ҳазори доллар ИМА) | 2364 | 28248 | 23147 | 11631 |
| Ҳаҷми молҳои воридшуда (тонн) | 27306 | 41388 | 36947 | 30566 |
| Дар гардиши савдо | 10465 | 26266 | 28838 | 24796 |
| Азон ҷумла: Содирот | 81 | 239 | 114 | 75 |
| Воридот | 10384 | 26027 | 28271 | 24721 |
| Дар гардиши ғайрисавдо (тонн) | 16843 | 15122 | 8109 | 5770 |
| Содирот | 4448 | 2418 | 782 | 2691 |
| Воридот | 12189 | 12244 | 6744 | 2134 |
| Транзити дохили | 167 | 460 | 583 | 945 |
| Батанзимдарории ЭБТ | 1857 | 5556 | 4413 | 1124 |
| ҲАМАГИ (адад) | | | | |
| Азон ҷумла: Содирот | 124 | 119 | 109 | 119 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Воридот | 1712 | 5399 | 4277 | 931 |
| Транзити | 21 | 38 | 27 | 74 |
| Барасмиятдарории эъломияи транзити (адад) | 2758 | 3125 | 378 | 213 |
| Додани шаҳодатномаи воридоти нақлиёт (адад) | 1361 | 3816 | 3541 | 243 |
| Брасмиятдароии назорати хатти (адад) | 10 | 70 | 138 | - |

**ВОРИДОТИ**
**Маблағи шаҳрвандони вилоят аз хориҷи кишвар ба воситаи бонкҳои вилоят.**

(Доллари ИМА)
Соли 2003 - 1 268 133.
Соли 2004 - 3 127 881
Соли 2005 – 6 702 372.
Соли 2006 – 11 960 340
Соли 2007 - 23 381 881
Соли 2008 – 36 600 658
Соли 2009 – 270 587 00

**парки автомобилии шахр ва нохияхои ВМКБ**

| | Ҳамагӣ (адад) | аз он ҷумла | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Автомобилҳои сабукрав | Автомобилҳои боркаш | Автобусҳо | Автомобилҳои махсус |
| 2002 | 6821 | 3473 | 2841 | 183 | 324 |
| 2003 | 6963 | 3578 | 2861 | 299 | 225 |
| 2004 | 6956 | 3584 | 2880 | 270 | 222 |
| 2005 | 7116 | 3958 | 2568 | 338 | 252 |
| 2006 | 7161 | 3960 | 2582 | 405 | 214 |
| 2007 | 7125 | 4007 | 2448 | 465 | 205 |
| 2008 | 7172 | 4567 | 2004 | 448 | 153 |
| 2009 | 7890 | 5140 | 2120 | 476 | 154 |

**Мактабҳои маълумоти умумӣ**

| Соли хониш | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванч | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1993/94 | 310 | 50 | 49 | 44 | 55 |
| 1994/95 | 314 | 52 | 49 | 46 | 55 |
| 1995/96 | 316 | 53 | 49 | 46 | 55 |
| 1996/97 | 316 | 53 | 49 | 46 | 55 |
| 1997/98 | 317 | 53 | 49 | 46 | 55 |
| 1998/99 | 318 | 53 | 49 | 47 | 55 |
| 1999/00 | 318 | 53 | 49 | 47 | 55 |
| 2001/02 | 315 | 53 | 48 | 46 | 55 |
| 2002/03 | 317 | 53 | 48 | 46 | 55 |
| 2003/04 | 318 | 53 | 48 | 46 | 55 |
| 2004/05 | 320 | 53 | 48 | 46 | 55 |
| 2005/06 | 321 | 53 | 49 | 46 | 55 |
| 2006/07 | 321 | 53 | 49 | 46 | 55 |
| 2007/08 | 320 | 53 | 49 | 45 | 55 |
| 2008/09 | 318 | 53 | 49 | 44 | 55 |
| 2009/10 | 318 | 53 | 49 | 44 | 55 |

| Соли хониш | Рошткалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992/93 | 42 | 44 | 13 | 11 |
| 1993/94 | 43 | 44 | 14 | 11 |
| 1994/95 | 42 | 45 | 14 | 11 |
| 1995/96 | 42 | 46 | 14 | 11 |
| 1996/97 | 42 | 46 | 14 | 11 |
| 1997/98 | 42 | 46 | 14 | 12 |
| 1998/99 | 42 | 46 | 14 | 12 |
| 1999/00 | 42 | 46 | 14 | 12 |
| 2001/02 | 42 | 45 | 14 | 12 |
| 2002/03 | 41 | 46 | 14 | 14 |
| 2003/04 | 41 | 46 | 15 | 14 |
| 2004/05 | 41 | 49 | 14 | 14 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2005/06 | 41 | 49 | 14 | 14 |
| 2006/07 | 41 | 49 | 14 | 14 |
| 2007/08 | 41 | 49 | 14 | 14 |
| 2008/09 | 41 | 48 | 14 | 14 |
| 2009/2010 | 41 | 48 | 14 | 14 |

**Шумораи талабагон** (нафар)

| Соли хониш | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванч | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1992/93 | 46,7 | 4,9 | 6,5 | 5,4 | 9,1 |
| 1993/94 | 50,9 | 4,9 | 6,9 | 6,3 | 10,1 |
| 1994/95 | 51,7 | 5,6 | 6,6 | 6,4 | 10,2 |
| 1995/96 | 52,8 | 5,4 | 7,4 | 6,5 | 10,2 |
| 1996/97 | 54,8 | 6,2 | 7,6 | 6,6 | 10,4 |
| 1997/98 | 55,6 | 6,2 | 8 | 6,7 | 10,4 |
| 1998/99 | 55,4 | 6,2 | 8 | 6,7 | 10 |
| 1999/00 | 53,7 | 6,2 | 8 | 6,6 | 9,2 |
| 2001/02 | 53,2 | 6,3 | 8,1 | 6,6 | 8,9 |
| 2002/03 | 53 | 6,5 | 8,1 | 6,5 | 8,7 |
| 2003/04 | 53,5 | 6,4 | 8,3 | 6,6 | 8,7 |
| 2004/05 | 52,5 | 6,3 | 8,2 | 6,7 | 8,5 |
| 2005/06 | 51 | 6,3 | 8,1 | 6,4 | 8,1 |
| 2006/07 | 49,3 | 6,3 | 7,8 | 6,1 | 7,7 |
| 2007/08 | 47,3 | 6,2 | 7,4 | 5,8 | 7,3 |
| 2008/09 | 45,5 | 6,1 | 7,1 | 5,5 | 6,9 |
| 2009/10 | 43,7 | 5,9 | 6,7 | 5,2 | 6,5 |

| Соли хониш | Рошткалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1993/94 | 4,6 | 6,8 | 2,8 | 5,1 |
| 1994/95 | 7,1 | 6,6 | 3,2 | 5,8 |
| 1995/96 | 7,2 | 6,6 | 3,2 | 5,9 |
| 1996/97 | 7,4 | 6,8 | 3,3 | 5,8 |
| 1997/98 | 7,5 | 7,2 | 3,3 | 6 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1998/99 | 7,3 | 7,2 | 3,5 | 6,3 |
| 1999/2000 | 7,4 | 7,1 | 3,5 | 6,5 |
| 2000/01 | 7,1 | 7 | 3,1 | 6,5 |
| 2001/02 | 6,7 | 7 | 3,4 | 6,3 |
| 2002/03 | 6,5 | 7,2 | 3,5 | 6,1 |
| 2003/04 | 6,2 | 7,3 | 3,6 | 6,1 |
| 2004/05 | 6,2 | 7,5 | 3,6 | 6,2 |
| 2005/06 | 6 | 7,6 | 2,9 | 6,3 |
| 2006/07 | 5,7 | 7,5 | 2,8 | 6,1 |
| 2007/08 | 5,3 | 7,4 | 2,9 | 5,8 |
| 2008/09 | 4,8 | 7,0 | 2,8 | 5,3 |
| 2009/2010 | 4,6 | 6,8 | 2,9 | 5,1 |

**Шумораи муаллимон** (нафар)

| Соли хониш | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванҷ | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1992/93 | 6176 | 737 | 909 | 837 | 1160 |
| 1993/94 | 6644 | 716 | 962 | 912 | 1267 |
| 1994/95 | 6704 | 750 | 948 | 904 | 1301 |
| 1995/96 | 6646 | 633 | 957 | 878 | 1271 |
| 1996/97 | 6699 | 656 | 966 | 893 | 1383 |
| 1997/98 | 6725 | 647 | 909 | 904 | 1354 |
| 1998/99 | 6729 | 633 | 860 | 925 | 1336 |
| 1999/00 | 6661 | 618 | 880 | 929 | 1306 |
| 2001/02 | 6634 | 621 | 898 | 973 | 1293 |
| 2002/03 | 6922 | 655 | 942 | 986 | 1299 |
| 2003/04 | 6815 | 585 | 975 | 960 | 1318 |
| 2004/05 | 6535 | 546 | 967 | 951 | 1226 |
| 2005/06 | 6420 | 572 | 968 | 925 | 1211 |
| 2006/07 | 6277 | 586 | 948 | 885 | 1162 |
| 2007/08 | 6162 | 566 | 928 | 861 | 1120 |
| 2008/09 | 5787 | 553 | 876 | 804 | 1006 |
| 2009/10 | 5857 | 562 | 862 | 804 | 1024 |

| Соли хониш | Рошткалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992/93 | 718 | 892 | 377 | 546 |
| 1993/94 | 847 | 971 | 374 | 595 |
| 1994/95 | 894 | 953 | 341 | 613 |
| 1995/96 | 896 | 1053 | 348 | 610 |
| 1996/97 | 844 | 986 | 354 | 617 |
| 1997/98 | 952 | 995 | 327 | 637 |
| 1998/99 | 985 | 1012 | 327 | 651 |
| 1999/00 | 972 | 978 | 333 | 645 |
| 2000/01 | 888 | 1000 | 358 | 571 |
| 2001/02 | 845 | 968 | 390 | 646 |
| 2002/03 | 916 | 1037 | 431 | 656 |
| 2003/04 | 830 | 1063 | 426 | 658 |
| 2004/05 | 804 | 1082 | 373 | 586 |
| 2005/06 | 844 | 980 | 365 | 555 |
| 2006/07 | 846 | 900 | 407 | 543 |
| 2007/08 | 860 | 900 | 395 | 532 |
| 2008/09 | 768 | 882 | 397 | 501 |
| 2009/10 | 792 | 940 | 384 | 489 |

**Шумораи хатмкунандагони маълумоти пурраи миёна**

| Соли хониш | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванҷ | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1992/93 | 3517 | 480 | 488 | 406 | 658 |
| 1993/94 | 3295 | 272 | 488 | 393 | 673 |
| 1994/95 | 3448 | 256 | 528 | 412 | 658 |
| 1995/96 | 3389 | 256 | 501 | 390 | 652 |
| 1996/97 | 3828 | 283 | 526 | 471 | 801 |
| 1997/98 | 3903 | 283 | 654 | 461 | 795 |
| 1998/99 | 3732 | 269 | 612 | 482 | 730 |
| 1999/00 | 2855 | 208 | 495 | 380 | 586 |
| 2001/02 | 3283 | 280 | 551 | 466 | 627 |
| 2002/03 | 2906 | 298 | 376 | 340 | 543 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2003/04 | 3293 | 343 | 534 | 373 | 622 |
| 2004/05 | 4347 | 349 | 588 | 594 | 816 |
| 2005/06 | 4208 | 361 | 672 | 582 | 733 |
| 2006/07 | 4244 | 426 | 721 | 522 | 716 |
| 2007/08 | 4083 | 396 | 686 | 514 | 686 |
| 2008/09 | 4044 | 415 | 642 | 564 | 702 |

| Соли хониш | Рошткалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992/93 | 445 | 435 | 165 | 440 |
| 1993/94 | 446 | 428 | 162 | 433 |
| 1994/95 | 500 | 417 | 183 | 494 |
| 1995/96 | 502 | 410 | 184 | 494 |
| 1996/97 | 582 | 510 | 180 | 475 |
| 1997/98 | 576 | 500 | 152 | 482 |
| 1998/99 | 552 | 488 | 154 | 445 |
| 1999/00 | 439 | 291 | 100 | 356 |
| 2001/02 | 398 | 395 | 140 | 426 |
| 2002/03 | 411 | 387 | 168 | 383 |
| 2003/04 | 412 | 387 | 205 | 417 |
| 2004/05 | 628 | 445 | 189 | 738 |
| 2005/06 | 556 | 543 | 142 | 619 |
| 2006/07 | 501 | 570 | 213 | 575 |
| 2007/08 | 508 | 550 | 173 | 570 |
| 2008/09 | 499 | 542 | 168 | 512 |
| | | | | |

**Донишгоҳи Давлатии шаҳри Хоруғ**

| | 1992/93 | 1993/94 | 1994/95 | 1995/96 | 1996/97 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи донишчуён | 200 | 614 | 1159 | 1666 | 2332 |
| -рузона | 200 | 494 | 846 | 1300 | 1750 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| аз он занон | 120 | 274 | 419 | 560 | 944 |
| гоибона | 0 | 120 | 313 | 366 | 582 |
| аз он занон | | 77 | 177 | 198 | 334 |
| кабул карда шудааст | 200 | 400 | 501 | 427 | 379 |
| рузона | 200 | 280 | 320 | 387 | 379 |
| гоибона | 0 | 120 | 181 | 60 | 0 |
| Мутахасисон | | | | | |
| хатм карданд. | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| | | 1997/98 | 1998/99 | 99/2000 | 2000/01 |
| Адади донишкадахо | | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Шумораи донишчуён | | 2607 | 2745 | 2667 | 2572 |
| -рузона | 1793 | 1638 | 1655 | 1665 | |
| аз он занон | | 941 | 974 | 977 | 1038 |
| гоибона | 814 | 1107 | 1012 | 907 | |
| аз он занон | | 365 | 559 | 541 | 578 |
| кабул карда шудааст | | 299 | 418 | 458 | 410 |
| рузона | 234 | 242 | 333 | 379 | |
| гоибона | 65 | 176 | 125 | 31 | |
| хатм карданд | | 273 | 312 | 481 | 396 |

| Соли хониш | 2002/03 | 2003/04 | 2004/05 | 2005/06 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи донишчуён | 3052 | 3068 | 3247 | 3362 |
| -рузона | 2055 | 2109 | 2340 | 2588 |
| аз он занон | 1247 | 1287 | 1462 | 1648 |
| гоибона | 997 | 959 | 907 | 774 |
| аз он занон | 511 | 501 | 577 | 478 |
| кабул карда шудааст | 648 | 484 | 508 | 563 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| рузона | 539 | 385 | 403 | 468 |
| гоибона | 109 | 99 | 105 | 95 |
| хатм карданд. | 418 | 307 | 571 | 521 |
| | 2006/07 | 2007/08 | 2008/09 | 2009/10 |
| Шумораи донишчуён | 3717 | 4703 | 4920 | 5021 |
| -рузона | 2737 | 3464 | 3610 | 3721 |
| аз он занон | 1793 | 2147 | 2180 | 2284 |
| гоибона | 980 | 1239 | 1310 | 1300 |
| аз он занон | 529 | 711 | 679 | 752 |
| кабул карда шудааст | 636 | 906 | 721 | 717 |
| рузона | 621 | 846 | 609 | 597 |
| гоибона | 116 | 60 | 112 | 120 |
| хатм карданд. | 489 | 625 | 591 | 736 |

**Донишкадаҳои миёнаи махсус**

| | 1992/93 | 1993/94 | 1994/95 | 1995/96 | 1996/97 |
|---|---|---|---|---|---|
| Адади донишкадахо | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| Шумораи дониш- | | | | | |
| чуён (нафар) | 215 | 387 | 270 | 257 | 365 |
| аз он духтарон | 148 | 313 | 172 | 174 | 175 |
| | | | | | |
| | 1997/98 | 1998/99 | 99/2000 | 2000/01 | 2001/02 |
| Адади донишкадахои | | | | | |
| миёнаи махсус | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| Шумораи дониш- | | | | | |
| чуён (нафар) | 543 | 593 | 620 | 574 | 570 |
| аз он духтарон | 284 | 345 | 355 | 330 | 324 |
| | | | | | |

| | 2002/03 | 2003/04 | 2004/05 | 2005/06 | 2006/07 |
|---|---|---|---|---|---|
| Адади донишкадахои | | | | | |
| миёнаи махсус | 2 | 2 | 2 | 2 | 1 |
| Шумораи дониш- | | | | | |
| чуён (нафар) | 571 | 581 | 520 | 352 | 285 |
| аз он духтарон | 300 | 285 | 295 | 215 | 224 |
| | | | | | |
| | 2007/08 | 2008/09 | 2009/10 | | |
| Адади донишкадахои | | | | | |
| миёнаи махсус | 1 | 1 | 1 | | |
| Шумораи дониш- | | | | | |
| чуён (нафар) | 263 | 300 | 364 | | |
| аз он духтарон | 241 | 270 | 336 | | |

**Омузишгохи касбй-техникй**

| | 1992/93 | 1993/94 | 1994/95 | 1995/96 | 1996/97 |
|---|---|---|---|---|---|
| Адади омузишгохи | | | | | |
| касби техники | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Шумораи хонандагон | | | | | |
| (нафар) | 268 | 214 | 306 | 247 | 244 |
| Аз онхо:духатарон | 45 | 32 | 53 | 98 | 168 |
| Шумораи омузгорон | 18 | 18 | 32 | 37 | 41 |
| | | 87 | | | |
| | 1997/98 | 1998/99 | 99/2000 | 2000/01 | 2001/02 |
| Адади омузишгохи | | | | | |
| касби техники | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хонандагон | | | | | |
| (нафар) | 314 | 411 | 449 | 518 | 500 |
| Аз онхо духтарон | 34 | 100 | 184 | 210 | 195 |
| Шумораи омузгорон | 38 | 39 | 44 | 28 | 28 |
| | | | | | |
| | 2002/03 | 2003/04 | 2004/05 | 2005/06 | 2006/07 |
| Адади омузишгохи | | | | | |
| касби техники | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Шумораи хонандагон | | | | | |
| (нафар) | 393 | 394 | 322 | 343 | 326 |
| Аз онхо духтарон | 205 | 210 | 134 | 180 | 156 |
| Шумораи омузгорон | 18 | 18 | 17 | 20 | 20 |
| | | | | | |
| | 2007/08 | 2008/09 | 2009/10 | | |
| Адади омузишгохи | | | | | |
| касби техники | 1 | 1 | 1 | | |
| Шумораи хонандагон | | | | | |
| (нафар) | 307 | 300 | 321 | | |
| Аз онхо духтарон | 152 | 100 | 62 | | |
| Шумораи омузгорон | 20 | 18 | 36 | | |

**Муассисахои илмӣ**

| | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 |
|---|---|---|---|---|---|
| Адади муасисахои | | | | | |
| илми | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Шумораи олимон | | | | | |
| (нафар) | 32 | 28 | 27 | 46 | 46 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Аз он чумла: | | | | | |
| докторхо | 5 | 5 | 5 | 8 | 8 |
| номзадхои илм | 27 | 23 | 22 | 38 | 38 |
| | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 |
| Адади муасисахои | | | | | |
| илми | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Шумораи олимон | | | | | |
| (нафар) | 48 | 45 | 48 | 48 | 59 |
| Аз он чумла: | | | | | |
| докторхо | 9 | 9 | 10 | 10 | 14 |
| номзадхои илм | 39 | 36 | 38 | 38 | 45 |
| | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 |
| Адади муасисахои | | | | | |
| илми | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 |
| Шумораи олимон | | | | | |
| (нафар) | 59 | 48 | 61 | 61 | 58 |
| Аз он чумла: | | | | | |
| докторхо | 14 | 13 | 22 | 17 | 14 |
| номзадхои илм | 45 | 35 | 39 | 44 | 44 |
| | 2007 | 2008 | 2009 | | |
| Адади муасисахои | | | | | |
| илми | 3 | 3 | 3 | | |
| Шумораи олимон | | | | | |
| (нафар) | 67 | 84 | 85 | | |
| Аз он чумла: | | | | | |
| докторхо | 15 | 15 | 17 | | |
| номзадхои илм | 52 | 69 | 68 | | |

**Музейҳо**

| | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 |
|---|---|---|---|---|---|
| Адади музейхо | 2 | 2 | 2 | 2 | 4 |
| Шумораи тамошо- | | | | | |
| бинон(хаз.нафар) | 17,1 | 18 | 8,8 | 4,8 | 8 |
| | | | | | |
| | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 |
| Адади музейхо | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| Шумораи тамошо- | | | | | |
| бинон(хаз.нафар) | 5,3 | 5,1 | 4,4 | 3,3 | 6,3 |
| | | | | | |
| | | | | | |
| Адади музейхо | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 |
| Шумораи тамошо- | 8 | 8 | 9 | 9 | 9 |
| бинон(хаз.нафар) | | | | | |
| | 6 | 5,9 | 5,4 | 4,7 | 5,1 |
| | | | | | |
| | 2007 | 2008 | 2009 | | |
| Адади музейхо | 9 | 9 | 9 | | |
| Шумораи тамошо- | | | | | |
| бинон(хаз.нафар) | 4,1 | 3,7 | 4,0 | | |

**Театрҳо**

| | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 |
|---|---|---|---|---|---|
| Адади театрхо | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 |
| Шумораи тамошо- | | | | | |
| бинон(хаз.нафар) | 50 | 45,9 | 12,5 | 7,8 | 2,9 |
| | | | | | |
| | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 |
| Адади театрхо | 4 | 4 | 4 | 4 | 5 |
| Шумораи тамошо- | | | | | |
| бинон(хаз.нафар) | 9,8 | 15,4 | 5,8 | 1,7 | 5,1 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 |
| Адади театрхо | 5 | 5 | 5 | 5 | 5 |
| Шумораи тамошо- | | | | | |
| бинон(хаз.нафар) | 4,5 | 6,5 | 3 | 2,3 | 1,8 |
| | | | | | |
| | 2007 | 2008 | 2009 | | |
| Адади театрхо | 5 | 5 | 5 | | |
| Шумораи тамошо- | | | | | |
| бинон(хаз.нафар) | 1,7 | 2,6 | 2,7 | | |

**Беморхонаҳо**

| Солҳо | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванҷ | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1992 | 28 | 3 | 2 | 3 | 1 |
| 1993 | 27 | 3 | 2 | 3 | 1 |
| 1994 | 29 | 3 | 2 | 3 | 1 |
| 1995 | 30 | 3 | 2 | 3 | 4 |
| 1996 | 31 | 3 | 2 | 3 | 4 |
| 1997 | 32 | 3 | 2 | 3 | 5 |
| 1998 | 32 | 3 | 2 | 4 | 5 |
| 1999 | 32 | 3 | 2 | 4 | 5 |
| 2000 | 32 | 3 | 2 | 4 | 5 |
| 2002 | 32 | 3 | 2 | 4 | 5 |
| 2003 | 34 | 3 | 3 | 4 | 6 |
| 2004 | 34 | 3 | 3 | 4 | 6 |
| 2005 | 35 | 3 | 2 | 4 | 6 |
| 2006 | 35 | 3 | 2 | 4 | 6 |
| 2007 | 35 | 3 | 2 | 4 | 6 |
| 2008 | 35 | 3 | 2 | 4 | 6 |
| 2009 | 34 | 3 | 2 | 4 | 6 |

| Солҳо | Рошткалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992 | 2 | 4 | 4 | 9 |
| 1993 | 2 | 4 | 4 | 8 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1994 | 3 | 3 | 4 | 8 |
| 1995 | 3 | 3 | 3 | 9 |
| 1996 | 3 | 3 | 4 | 9 |
| 1997 | 3 | 3 | 4 | 9 |
| 1998 | 3 | 3 | 4 | 8 |
| 1999 | 3 | 3 | 4 | 8 |
| 2000 | 3 | 3 | 4 | 8 |
| 2002 | 3 | 3 | 4 | 8 |
| 2003 | 3 | 3 | 4 | 8 |
| 2004 | 3 | 3 | 4 | 8 |
| 2005 | 3 | 3 | 6 | 8 |
| 2006 | 3 | 3 | 6 | 8 |
| 2007 | 3 | 3 | 6 | 8 |
| 2008 | 2 | 3 | 6 | 8 |
| 2009 | 2 | 3 | 6 | 8 |

**Шумораи духтурон**

| Солҳо | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванҷ | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1992 | 486 | 35 | 56 | 45 | 21 |
| 1993 | 554 | 46 | 56 | 56 | 23 |
| 1994 | 512 | 41 | 59 | 54 | 24 |
| 1995 | 425 | 34 | 39 | 47 | 24 |
| 1996 | 409 | 32 | 37 | 47 | 21 |
| 1997 | 413 | 31 | 33 | 46 | 23 |
| 1998 | 401 | 32 | 33 | 46 | 19 |
| 1999 | 376 | 32 | 37 | 47 | 17 |
| 2000 | 376 | 32 | 37 | 47 | 17 |
| 2002 | 396 | 29 | 41 | 43 | 22 |
| 2003 | 397 | 31 | 41 | 43 | 21 |
| 2004 | 364 | 30 | 37 | 41 | 19 |
| 2005 | 364 | 30 | 37 | 41 | 19 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2006 | 381 | 29 | 38 | 34 | 20 |
| 2007 | 387 | 29 | 38 | 36 | 20 |
| 2008 | 446 | 26 | 44 | 46 | 21 |
| 2009 | 430 | 30 | 40 | 41 | 21 |

| Солҳо | Роштқалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992 | 24 | 34 | 22 | 249 |
| 1993 | 26 | 35 | 33 | 279 |
| 1994 | 23 | 24 | 14 | 273 |
| 1995 | 13 | 20 | 14 | 234 |
| 1996 | 11 | 20 | 10 | 231 |
| 1997 | 12 | 21 | 11 | 236 |
| 1998 | 11 | 12 | 13 | 235 |
| 1999 | 10 | 22 | 11 | 200 |
| 2000 | 10 | 22 | 11 | 200 |
| 2002 | 12 | 23 | 13 | 213 |
| 2003 | 11 | 24 | 10 | 216 |
| 2004 | 9 | 22 | 10 | 196 |
| 2005 | 9 | 22 | 10 | 196 |
| 2006 | 12 | 24 | 12 | 212 |
| 2007 | 13 | 24 | 12 | 215 |
| 2008 | 16 | 27 | 17 | 249 |
| 2009 | 9 | 24 | 14 | 251 |

**Шумораи корманонии миёнаи тиббӣ**

| Солҳо | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванҷ | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1992 | 1656 | 118 | 144 | 160 | 112 |
| 1993 | 1684 | 132 | 140 | 205 | 121 |
| 1994 | 1534 | 103 | 138 | 208 | 121 |
| 1995 | 1573 | 105 | 138 | 197 | 141 |
| 1996 | 1545 | 115 | 124 | 174 | 141 |
| 1997 | 1573 | 107 | 118 | 174 | 185 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1998 | 1627 | 75 | 180 | 174 | 183 |
| 1999 | 1584 | 99 | 180 | 102 | 152 |
| 2000 | 1817 | 125 | 182 | 210 | 202 |
| 2002 | 1682 | 111 | 177 | 211 | 190 |
| 2003 | 1682 | 130 | 177 | 240 | 215 |
| 2004 | 1662 | 103 | 162 | 205 | 194 |
| 2005 | 1605 | 106 | 167 | 211 | 189 |
| 2006 | 1618 | 99 | 184 | 204 | 188 |
| 2007 | 1615 | 105 | 175 | 213 | 164 |
| 2008 | 1640 | 105 | 176 | 213 | 170 |
| 2009 | 1671 | 130 | 150 | 219 | 181 |

| Солҳо | Рошткалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992 | 132 | 153 | 92 | 745 |
| 1993 | 132 | 136 | 81 | 737 |
| 1994 | 120 | 109 | 86 | 649 |
| 1995 | 119 | 136 | 91 | 646 |
| 1996 | 110 | 122 | 94 | 665 |
| 1997 | 94 | 123 | 81 | 691 |
| 1998 | 102 | 129 | 114 | 670 |
| 1999 | 121 | 129 | 100 | 701 |
| 2000 | 84 | 135 | 111 | 768 |
| 2002 | 96 | 143 | 111 | 643 |
| 2003 | 116 | 157 | 122 | 525 |
| 2004 | 86 | 135 | 113 | 664 |
| 2005 | 84 | 143 | 126 | 579 |
| 2006 | 102 | 139 | 116 | 586 |
| 2007 | 104 | 132 | 124 | 598 |
| 2008 | 106 | 133 | 124 | 613 |
| 2009 | 106 | 144 | 120 | 621 |

**Шумораи катҳо дар табобатхонаҳо**

| Солҳо | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванҷ | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1992 | 2850 | 225 | 230 | 255 | 140 |
| 1993 | 2850 | 225 | 230 | 255 | 140 |
| 1994 | 2680 | 225 | 230 | 255 | 140 |
| 1995 | 2175 | 165 | 175 | 200 | 150 |
| 1996 | 2080 | 149 | 175 | 203 | 185 |
| 1997 | 2027 | 150 | 158 | 180 | 185 |
| 1998 | 2020 | 149 | 158 | 180 | 185 |
| 1999 | 2020 | 149 | 158 | 180 | 185 |
| 2000 | 2020 | 149 | 158 | 180 | 185 |
| 2002 | 2021 | 150 | 158 | 180 | 185 |
| 2003 | 2013 | 150 | 150 | 180 | 185 |
| 2004 | 2013 | 150 | 150 | 180 | 185 |
| 2005 | 2013 | 150 | 150 | 180 | 185 |
| 2006 | 2013 | 150 | 150 | 180 | 185 |
| 2007 | 2013 | 150 | 150 | 180 | 185 |
| 2008 | 2013 | 150 | 150 | 180 | 185 |
| 2009 | 1993 | 150 | 150 | 180 | 185 |

| Солҳо | Роштқалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992 | 190 | 220 | 210 | 1380 |
| 1993 | 190 | 220 | 210 | 1380 |
| 1994 | 190 | 190 | 190 | 1260 |
| 1995 | 135 | 150 | 160 | 1040 |
| 1996 | 127 | 150 | 124 | 967 |
| 1997 | 122 | 135 | 135 | 962 |
| 1998 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 1999 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2000 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2002 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2003 | 122 | 135 | 144 | 947 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2004 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2005 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2006 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2007 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2008 | 122 | 135 | 144 | 947 |
| 2009 | 102 | 135 | 144 | 947 |

**Муомилоти мол дар ҳамаи самтҳо**

*(то соли 2000 ҳаз рубл, аз соли 2000 сомони)*

| Солҳо | Ҳамагӣ | Дарвоз | Ванҷ | Рӯшон | Шуғнон |
|---|---|---|---|---|---|
| 1993 | 3638,3 | 280,3 | 328,2 | 340,4 | 627,7 |
| 1994 | 76,4 | 6,5 | 6,9 | 11,1 | 12,4 |
| 1995 | 112,4 | 5,5 | 6,7 | 17,1 | 24,1 |
| 1996 | 325,1 | 31,8 | 28 | 28,5 | 33,8 |
| 1997 | 329,5 | 16,8 | 14,9 | 41,7 | 72,9 |
| 1998 | 2406,9 | 29,4 | 32 | 52,1 | 90,3 |
| 1999 | 5578,5 | 84,6 | 110,8 | 163,1 | 174,8 |
| 2000 | 6020,4 | 174,9 | 206,7 | 214,3 | 229,9 |
| 2002 | 7829,4 | 368 | 366,6 | 241,4 | 312,4 |
| 2003 | 8857,9 | 490,3 | 468,1 | 430,7 | 369 |
| 2004 | 9556,2 | 606,1 | 550,6 | 463,5 | 470,3 |
| 2005 | 11781,6 | 698,6 | 703,8 | 533,6 | 604,4 |
| 2006 | 13581,7 | 873,9 | 846,9 | 667,5 | 765,6 |
| 2007 | 19181,6 | 1369,1 | 1340,3 | 1063 | 1151,7 |
| 2008 | 26690,9 | 1810,5 | 2129,2 | 1431,8 | 1849,5 |
| 2009 | 30711,6 | 2082,9 | 2058,4 | 1690,2 | 1957,5 |

| Солҳо | Рошткалъа | Ишкошим | Мурғоб | ш.Хоруғ |
|---|---|---|---|---|
| 1992 | 54 | 62,8 | 40,8 | 144,7 |
| 1993 | 326,9 | 415,6 | 243 | 1076,2 |
| 1994 | 9 | 8,9 | 6,8 | 14,8 |
| 1995 | 14,5 | 12,1 | 4,9 | 27,5 |
| 1996 | 25,5 | 27,6 | 19,5 | 130,4 |
| 1997 | 19,3 | 30,9 | 12,9 | 120,1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1998 | 42 | 73,8 | 34 | 2053,3 |
| 1999 | 84,7 | 132,1 | 234,5 | 4593,9 |
| 2000 | 115,9 | 178,8 | 198,7 | 4701,2 |
| 2002 | 180,1 | 256,8 | 347,6 | 5756,5 |
| 2003 | 281,3 | 289,9 | 395 | 6133,6 |
| 2004 | 402,5 | 381,5 | 385,4 | 6296,3 |
| 2005 | 495,2 | 485,2 | 492 | 7768,8 |
| 2006 | 606,4 | 696,7 | 594,2 | 8530,5 |
| 2007 | 877,2 | 1346,1 | 1009,6 | 11024,6 |
| 2008<br>2009 | 1417,5<br>1718,6 | 1609,7<br>2504,5 | 1127,3<br>1607,2 | 15315,4<br>17092,3 |

**Нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоии ВМКБ дар соли 2010**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2010** | **2009** | **Фоиз** |
|---|---|---|---|
| **Масоҳати умумӣи ВМКБ (ҳаз.км.кв)** | **63,7** | **63,7** | **100,0** |
| Аҳолӣ (ҳамагӣ нафар) | 221400 | 220400 | 100,5 |
| Аҳолии ғоиб (нафар) | 28400 | 27200 | 104,4 |
| Ахолии мавҷуда (нафар) | 193000 | 193200 | 99,9 |
| Таваллуд (нафар) | 3191 | 2979 | 107,1 |
| Фавт (нафар) | 1044 | 1061 | 98,4 |
| Афзоиши табии аҳолӣ (нафар) | 2147 | 1918 | 111,9 |
| Теъдоди нафароне, ки берун аз марзи кишвар кор мекунанд (нафар) | 23705 | 24006 | 98,7 |
| Аз он: Дар Россия | 22856 | 23175 | 98,6 |
| Қазоқистон | 266 | 289 | 92,0 |
| Дар давлатҳои ИДМ (СНГ) | 535 | 491 | 109,0 |
| Давлатҳои хориҷи дур | 48 | 51 | 94,1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Аҳолии ғоиб дар дохили кишвар (нафар) | 4510 | 3476 | 129,7 |
| Хоҷагиҳо (адад) | 32493 | 32538 | 99,9 |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (нафар) | 82,9 | 82,3 | 100,7 |
| Аҳолии машғули кор | 79,4 | 77,3 | 102,7 |
| Музди миёнаи кор (сомонӣ) | 274,1 | 235,9 | 116,2 |
| Шумораи бекорон (нафар) | 3353 | 3665 | 91,5 |
| Қарздории музди меҳнат (ҳаз.сомонӣ) | 119,6 | 157,4 | 76,0 |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ | 9201 | 7881 | 116,7 |
| Касбомӯзӣ (нафар) | 6230 | 3377 | 184,5 |
| Шумораи нафақахӯрон | 25364 | 25295 | 100,3 |
| Андозаи миёнаи нафақа (ҳаз.сомонӣ) | 169,77 | 113,95 | 149,0 |
| Талаботи нафақа (ҳаз.сомонӣ) | 40862,8 | 32606,7 | 125,3 |

## МУНДАРИЧА

Қадамҳои устувор дар роҳи рушди бемайлон..................... 3
Сарсухан ..........................................................................14

### Боби 1. Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон то замони истиқлолият

Ручӯи таърихӣ....................................................................19
Боз чанде аз хусуси дарки мантиқии умумияти Помиру Бадахшон.......................................................................52
Аз таърихи Бадахшони шӯравӣ..........................................55
Дигаргунсозиҳои солҳои 20 – миёнаи солҳои 40 ...............55
Рушди кишоварзӣ дар солҳои баъдиҷангӣ.........................63
Аз косибӣ ба истеҳсолоти саноатӣ.....................................65
Инкишофи фарҳанг.............................................................70
Мулоҳизоте чанд аз боби бозсозӣ ва таъсири он ба ВМКБ ......................................................................75

### Боби 2. Истиқлолият ва мушкилоти ҳифзи он

Авзои сиёсӣ дар охири асри ХХ ......................................101
Ба ҷанги шаҳрвандӣ гузаштани даргириҳои сиёсӣ ...........108
Вазъи ВМКБ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ.......................116
Мушкилоти ҳалли масоили иқтисодии ВМКБ дар солҳои 90-ум............................................................127
Ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ва созмонҳои байналмилалӣ....135
Нахустгомҳои устувори созандагии замони истиқлолият дар ВМКБ...................................................143
Дигаргунсозиҳо дар соҳаи аграрӣ ва пайомадҳои он........154
Оғози умедбахши рушди саноат.......................................164

**Боби 3. Рушди суръатафзои Бадахшон дар даҳсолаи дуюми даврони истиқлолият**

Дастовардҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ .................................. 169
Саноат......................................................................... 169
Фаъолияти Ширкати «Помир Энерҷӣ»............................ 176
Роҳ – асоси ҳалли мушкилҳост:
дастовардҳои 20-сола дар ин ҷода .................................. 188
Кишоварзӣ..................................................................... 194
Соҳибкорӣ дар Бадахшон .............................................. 208
Боз чанде аз бунёдкориҳо ............................................. 224

**Боби 4. Дастовардҳои илмиву фарҳангӣ**

Институти биологии Помир ............................................ 241
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонӣ – ҳамсоли истиқлолият ...... 249
Фаъолияти Донишгоҳи Давлатии ш.Хоруг...................... 257
Истиқлолият ва рушди маорифи ВМКБ ........................ 266
Аз таърихи Донишкадаи такмили ихтисос ..................... 277
Матбуоти Бадахшон дар давраи истиқлолият ................ 284
Рӯзномаҳои хусусӣ ва мустақили Бадахшон .................. 295
Бахши бадахшонии Иттифоқи нависандагони
Тоҷикистон................................................................... 302
Театр ва равнақи санъати мардумӣ................................. 305
Вазъи китобу китобдорӣ................................................ 318
Муассисаҳои тиббии ВМКБ ........................................... 327
Варзиш ......................................................................... 335
Мактаби варзиши комплексии наврасону
ҷавонони вилоят ........................................................... 339
Мактаби махсуси гӯштин дар вилоят ............................. 341
Роҳбарони вилоят дар даврони истиқлолият .................. 346

Охирсухан ..................................................................... 357
Замима.......................................................................... 361

**Раҳим Масов**
**Ҳайдаршо Пирумшоев**

# ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ
# ДАР «БОМИ ҶАҲОН»

Муҳаррири техникӣ *Сулаймоншо Ғуломшоев*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*

Ба матбаа 26.08.2011 супорида шуд.
Чопаш 27.08.2011 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 25,75. Адади нашр 500 нусха.

Дар матбааи ҶДММ «Истиқлол» ба табъ расидааст.
734036, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.





**Масов Раҳим** – директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик, доктори илмҳои таърих, профессор. Муаллифи бештар аз 300 корҳои чопӣ, аз ҷумла қариб 30 рисолаҳои илмии ба масоилии гуногуни таъриху таърихнигории ватанӣ бахшида шуда. Таҳқиқоти академик Раҳим Масов «Таърихи табартақсим», «Тоҷикон: бо мӯҳри «комилан сиррӣ», «Тоҷикон: фишороварӣ ва ассимилятсия», «Масоили умдаи таърихнигорӣ ва таърихи халқи тоҷик» ва ғайра намунаи баланди ҳақиқатнигории таърихӣ буда, ба эътирофи сатҳи байналмилал соҳиб гаштаанд. Чун олими барҷаста, ташкилотчии илм академик Р.Масов дар равнақи таърихнигории муосир мақоми хоса дорад.

**Пирумшоев Ҳайдаршо** – мудири шӯъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи Садриддин Айнӣ, аъзои Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Русия, доктори илмҳои таърих, профессор. Муаллифи бештар аз 300 корҳои чопӣ, аз ҷумла даҳҳо рисолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ бахшида ба масоилу самтҳои гуногуни таъриху таърихнигории халқи тоҷик ва баъзе аз манотиқи Осиёи марказӣ. Аз мактаби ин олими соҳибравия чандин докторону номзадҳои илм гузаштаанд.